ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН

ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

ISSN 2617-5320

ПАЁМИ ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ

Силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ

ВЕСТНИК ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ

Серия педагогических и психологических наук

BULLETIN OF THE INSTITUTE OF DEVELOPMENT OF EDUCATION

Series of pedagogical and psychological sciences

2024, №3 (47)

ПАЁМИ ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ
(Маҷаллаи илмиву методӣ)

Муассис: *Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст. Дар як сол 4 шумора нашр мегардад.

Сармуҳаррир:
Наҷмиддиниён Асадулло Мирзо *номзади илмҳои физика-математика, дотсент директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ*

Муовини сармуҳаррир:
Лутфуллоева Парвина Маҳмадуллоевна *номзади илмҳои педагогӣ, муовини директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

Саломиён М. Қ.	*доктори илми филология, профессор*
Каримова И. Х.	*доктори илмҳои педагогӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор*
Лутфуллозода М.	*доктори илмҳои педагогӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор*
Нуъмонов М.	*доктори илмҳои педагогӣ, узви обастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор*
Маҷидова Б.	*доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Неъматов С.	*доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Иматзода Л.	*доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Ҷураев Х.	*доктори илмҳои физика-математика, профессор*
Амонов Н.	*номзади илмҳои психологӣ, дотсент*
Миракзода Ф.	*номзади илмҳои таърих, дотсент*
ҲАЙАТИ МУШОВАРА:	
Саизода Р. Ҳ.	*вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*
Хушвахтзода Қ. Х.	*президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*
Ҷӯразода Ҷ. Ҳ.	*муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*
Сафаров Ш. А.	*президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон*
Насриддинзода Э. С.	*ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.03.2019 ворид шудааст.

Маҷалла ба манбаи маълумоти Индекси иқтибосҳои илмии Россия ворид карда шудааст.

Маҷалла мақолаҳоро аз рӯйи илмҳои педагогӣ (13.00.00) ва психологӣ (19.00.00) ба чоп қабул менамояд.

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.

Матни комили маҷалла дар сомонаи www.prmatt.tj www.payom-prmatt.tj ҷой дода шудааст.

Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – 2024. - № 3 (47). ISSN 2617-5320.

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шудааст. Шаҳодатномаи №0219/МҶ-97, аз 27 сентябри соли 2021.

Суроғаи идора: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи А. Адҳамов, 11/2, тел: 2274525, 2270238; E-mail: shohin_7875@mail.ru

Индекси обуна: 77772

© ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, 2024

ISSN 2617-5320

ВЕСТНИК ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ
(Научно-методический журнал)
Учредитель: *Институт развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана Министерства образования и науки Республики Таджикистан*
Журнал основан в 2012 г. Выходит 4 раза в год.

Главный редактор:
Наджмиддинӣён Асадулло Мирзо *кандидат физико-математических наук, доцент директор Института развития образования имени А. Джами АОТ*

Зам. главного редактора:
Лутфуллоева Парвина Махмадуллоевна *кандидат педагогических наук, зам. директора Института развития образования имени А. Джами АОТ*

ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:

Саломиён М. К.	*доктор филологических наук, профессор*
Каримова И. Х.	*доктор педагогических наук, академик Академии образования Таджикистана, профессор*
Лутфуллозода М.	*доктор педагогических наук, академик Академии образования Таджикистана, профессор*
Нуъмонов М.	*доктор педагогических наук, член-корр. Академии образования Таджикистана, профессор*
Маджидова Б.	*доктор педагогических наук, профессор*
Неъматов С.	*доктор педагогических наук, профессор*
Иматзода Л.	*доктор педагогических наук, профессор,*
Джураев Х.	*доктор физико-математических наук, профессор*
Амонов Н.	*кандидат психологических наук, доцент*
Миракзода Ф.	*кандидат исторических наук, доцент*

РЕДАКЦИОННЫЙ СОВЕТ:

Саидзода Р. Х.	*министр образования и науки Республики Таджикистан*
Хушвахтзода К. Х.	*президент Национальной Академии наук Таджикистана*
Джуразода Дж. Х.	*первый зам. министра образования и науки Республики Таджикистан*
Сафаров Ш. А.	*президент Академии образования Таджикистана*
Насриддинзода Э. С.	*ректор Таджикского национального университета*

Журнал входит в Перечень рецензируемых научных журналов ВАК при Президенте Республики Таджикистан от 28.03.2019.

Журнал включён в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: 13.00.00 – педагогические науки и 19.00.00 - психологические науки.

Журнал издается на таджикском, русском и английском языках.

Полнотекстовая версия журнала размещена на сайте www.prmatt.tj, www.payom-prmatt.tj

Вестник Института развития образования. – 2024. – №3 (47).

ISSN 2617-5320.

Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан, Свидетельство № 219/ЖР-97, от 27 сентября 2021 года.

Адрес редакции: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица А.Адхамова, 11/2; Тел.: 2274525, 2270238, E-mail: shohin_7875@mail.ru

Индекс подписки:77772

©ИРО имени Абдурахмана Джами, 2024

BULLETIN OF THE INSTITUTE OF DEVELOPMENT OF EDUCATION
(Scientific and methodical journal)
Founder:*Institute for educational development named after Abdurrahman Jami of the Academy of Education of Tajikistan Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan*
The journal is established in 2012. Issued 4 times a year.

Chief editor:
Najmiddiniyon Asadullo Mirzo *Candidate of Phisico–Mathematic Sciences, associate professor, Director of the Institute of Development of Education named after A. Jomi AET*

Deputy editor:
Lutfulloeva Parvina Mahmadulloevna *Candidate of Pedagogical Sciences, Deputy Director of the Institute of Development of Education named after A. Jomi AET*

MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD:

Salomiyon M.K.	*Doctor of Philological sciences, Professor*
Karimova I.Kh.	*Doctor of Pedagogical Sciences, academician of the Academy of education of Tajikistan, Professor*
Lutfullozoda M.	*Doctor of Pedagogical Sciences, academician of the Academy of education of Tajikistan, Professor*
Numonov M.	*Doctor of Pedagogical Sciences, corresponding member of the Academy of education of Tajikistan, Professor*
Majidova B.	*Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
Nematov S.	*Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
Imatzoda L.	*Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
Juraev Kh.	*Doctor of Phisico–Mathematic Sciences, Professor*
Amonov N.	*Candidate of Psychological Sciences, Docent*
Mirakzoda F.	*Candidate of History, associate Professor*

EDITORIAL COUNCIL:

Saidzoda R. H.	*Minister of Education and Science of the Republic of Tajikistan*
Khushvakhtzoda K. Kh.	*President of the National Academy of Sciences of Tajikistan*
Jurazoda J.H.	*first deputy Minister of Education and Science of the Republic of Tajikistan*
Safarov Sh. A.	*President of the Academy of Education of Tajikistan*
Nasriddinzoda E. S.	*Rector of the Tajik National University*

The journal is included in the List of reviewed scientific journals of the higher attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan from 28.03.2019.

The journal is included in the database Of the Russian science citation index.

The journal accepts scientific articles on the following branches of science: 13.00.00 – Pedagogical sciences and 19.00.00 – Psychological sciences

The journal is published in Tajik, Russian and English.

The full-text version of the journal is available on the website www.prmatt.tj; www.payom-prmatt.tj

Bulletin of the Institute of Development of Education. – 2024. – №3 (47).

ISSN 2617-5320.

The journal is registered in the Ministry of culture of the Republic of Tajikistan, certificate No.219/JR-97, dated September 27, 2021.

Editorial address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 11/2 A.Adhamov street; Tel: 227-45-25, 227-02-38, E-mail: shohin_7875@mail.ru.

Subscription index: 77772

© IDE named after Abdurahmon Jomi, 2024

ПЕДАГОГИКА ВА ПСИХОЛОГИЯ
ПЕДАГОГИКА И ПСИХОЛОГИЯ
PEDAGOGY AND PSYCHOLOGY

ТАРБИЯИ ЭКОЛОГӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ТОМАКТАБӢ

Мирхонова Н. М.
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Ҷамъияти мо имрӯз давраи муҳимми тағйирёбии иҷтимоию иктисодӣ, сиёсӣ ва маданиро аз сар мегузаронад. Тағйироти воқеӣ аз зинаи аввали таҳсилот - тарбия ва таълими томактабӣ талаб менамояд, ки мазмуну муҳтавои он ба эҳёи маънавиёт, ташаккули фарҳанги миллӣ, баланд бардоштани нақши созандагии маориф дар ҷомеа равона гардад. Вазифаи аҳли ҷомеа, оила ва муассисаи таълимии томактабӣ аз тарбияи шахсияти ҳаматарафа инкишофёфта, ки дорои афкори миллӣ ва рафтори ҳамидаи инсонӣ буда, дар асоси беҳтарин анъанаҳои халқ тарбия ёбад, иборат мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки худогоҳиву худшиносии миллии ҳар як фард, моро водор месозад, ки ба қадри модар - ватан, муқаддасоти миллӣ, Истиқлолият, рамзҳои давлатӣ, арзишҳои волои фарҳангию ахлоқӣ, забони модарӣ, таъриху маданияти куҳани халқи тоҷик, хизматҳои бузурги нотакрори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бирасем ва дар зери сиёсати ватандӯстонаи онҳо қадамҳои устувор гузошта, ба наслҳои оянда мероси бой боқӣ гузорем, то ин, ки аз гузаштагони худ ва таъриху фарҳанги арзишмандонаамон ифтихор намоем.

Ҳамин тавр, вазифаи таҳсилоти томактабӣ ҳамчун таҳкурсии низоми муттасил аз татбиқи ин мақсади муҳимтарини ҷомеа иборат буда, баҳри рушди соҳа бояд шаклҳои нави таълиму тарбияро таъмин созад.

Мураббиён имконият доранд, ки кӯдаконро аз чиҳати ҷисмонӣ, меҳнатӣ, маънавӣ ва зебоипарастӣ дуруст тарбия намуда, рушду инкишофи онҳоро мувофиқи синну сол ва хусусиятҳои ҷудогонаи равонию физиологӣ пешбинӣ кунанд.

Тарбияи экологӣ пеш аз ҳама тарбияи инсондӯстӣ, некхоҳӣ, эҳсоси кӯдакон ва таваҷҷуҳи онҳо ба олами атроф мебошад ва ин бояд аз кӯдакӣ анҷом дода шавад.

Инсон як қисми олами атроф буда, ба қонунҳои умумии рушд итоат мекунад. Одамоне, ки дар ҷомеаи муосир зиндагӣ мекунанд, мушкилоти зиёде доранд. Аммо шояд яке аз мушкилтарин ва тезу тундтарин мушкилот ин ҳифзи муҳити зист бошад. Ояндаи инсоният аз сатҳи фарҳанги экологии ҳар як шахс, иштироки моҳиронаи ӯ дар ҳалли онҳо вобаста аст. Дар ин шароит маърифати экологӣ дар ҳама сатҳҳои он аҳамияти аввалиндараҷа пайдо мекунад.

Вазифаи асосии тарбияи экологӣ аз он иборат аст, ки ба кӯдак дар дидани ҷаҳон, бо ӯ ҳис кардани зебоӣ, дар дили ӯ эътимод ба қобилияти худ ва афрӯхтани шуълаи эҷодкорӣ ва шодии зиндагӣ кӯмак расондан мебошад.

Зебогии табиат, ватандустӣ, муҳаббат ба Ватан, дилбастагӣ ба макони зистро ба вуҷуд меорад. Бузургтарин нависандагон, шоирон, рассомон, олимон, бастакорон дар зери таъсири табиати модарии худ асарҳои ҷовидонаи худро офаридаанд.

Табиат ба онҳо илҳоми эҷодӣ бахшида, дар дастрасӣ ба илму санъат ба қуллаҳои баланд мерасонад. Илова бар ин, барои ҳалли масъалаҳои бедор намудани ҳисси ахлоқию ватандӯстӣ ва тарбияи шаҳрвандӣ мусоидат мекунад.

Фаъолияти созанда, мутобиқ намудани инсон бо табиат, чамъият ва худ ба кӯдак устувории равонӣ, қувваи рафъи монеаҳо, боварӣ ба некиву адолат, зебоӣ, ҳақиқат, муҳаббат мебахшад.

Тарбияи экологӣ аз рӯзҳои аввали ҳаёти кӯдак оғоз меёбад ва раванди мақсадноку бонизоми таъсиррасонӣ ба шахсияти кӯдак буда, бо мақсади дар кӯдак тарбия намудани қобилият ва табъи парастиши тозагию озодагӣ ва зебоӣ мебошад.

Мавриди шиносоӣ бо муҳити зист инкишофи шавқу завқи кӯдакон нисбат ба ҳаёт ва фаъолияти одамон, ҳодисоти табиат аз давраи хурдсолӣ оғоз меёбад. Дар ҳар як давраи синнусолӣ дар кӯдакон бояд қобилияти ба ашё ва ҳодисоти табиат диққат додан, муқоиса кардан ва ба гурӯҳҳо ҷудо намудани ашё, ҷудо кардани фарқи хусусиятҳои муайяни онҳо ташаккул ёбад.

Вазифаи асосии шиносоӣ бо табиат – ин тарбияи инсони комил, мукаммал намудани донишҳо, омӯзонидани дилсӯз будан, дӯст дошган ва нигоҳубини табиати диёри худ,

муҳофизат кардани боигариҳо ва афзун намудани онҳо мебошад. Интиқодан муносибат намудан ба таъсири манфии одамон (поймол кардани гулгаштҳо, шикастани шохи дарахтон, буридани дарахтон, нобуд кардани парандагону вайрон кардани лонаи онҳо), кӯшишу ғайрати муҳофизати растаниҳо ва ҳайвонҳои диёри худро тарбия намудан.

Моҳияти таъсири инсон ба табиатро фаҳмидан, сифатҳои фарккунандаи табиати зинда ва ғайризиндаро дида тавонистан: ҳаракат, инкишоф, паҳншавӣ, мутобиқшавӣ (неш задани лубиё, сабзидан, поя пайдо шудан, шох ва баргҳо, гул кардан ҳосилдиҳӣ ва монанди инҳо). Тамоюли умумигуманистии шахсияти кӯдак тавассути муносибати дуруст ба табиат, яъне омодагии нигоҳубин ва кӯмак расонидан ба растанӣ ва ҳайвонҳо ташаккул дода мешавад.

Тарбияи экологӣ ба инкишофи қобилияти дарккунии кӯдакон, фаҳмидан ва эҳсоси зебогиҳои олами атроф равона гардидааст. Тарбияи экологӣ олами ботинии кӯдаконро бою рангин гардонида, меҳрубонию ҳамдардиро ба ҳама чизи хубу зебо бедор менамояд. Тарбияи экологӣ бо тарбияи зебоипарастӣ, тарбияи ахлоқӣ, маърифатӣ ва ҷисмонӣ зич алоқаманд мебошад.

Мақсад ва вазифаҳои шиносоӣ бо табиат аз инҳо иборатанд**.** Ташаккулдихии тасаввурот дар бораи табиати зинда, растаниҳо, дар бораи сабзидан ва парвариши онҳо маълумот додан мебошад. Омӯзонидан ва фарқ кардани растаниҳо аз рӯйи барг, гул, мева ва манфиати онҳо барои инсон. Мустаҳкам ва васеъ гардонидани тасаввурот оид ба парандаҳои (хонагӣ, муқимӣ, мавсимӣ), тарзи ҳаётгузаронӣ ва зиёдшавии насли онҳо. Васеъ намудани доираи дониши кӯдакон оид ба ҳайвонҳои (хонагӣ, ваҳшӣ, ваҳшии дарранда) аломатҳои хосси зоҳирӣ ва хислатҳои хосси онҳо. Такмил додани фаҳмиши кӯдакон оид ба ҳашаротҳо ва фаҳмондани алоқаи байниҳамдигарии мавҷудоти зинда (растанӣ, парандаҳо, ҳайвонҳо ва одамон) дар табиат.

Ташаккулдиҳии тасаввурот дар бораи табиати ғайризинда: мушаххас намудан ва такмил додани маълумотҳои кӯдакон оид ба об, ях, барф, борон ва гузаштани онҳо аз як шакл ба шакли дигар; васеъ кардани дониши кӯдакон оид ба ҳодисаҳои табиат (шамол, гармию хунукии ҳаво, обхезӣ, сел, заминларза); омӯзонидани мустақилона мушоҳида намудани ҳодисаҳои табиат ва дигаргуниҳои он дар фаслҳои гуногуни сол, такмил додани фаъолияти фикрронӣ ва хулосабарории кӯдакон.

Омӯзонидани мушоҳидаи дигаргуниҳои табиат дар фаслҳои тирамоҳ, зимистон, баҳор, тобистон ва муайян карда тавонистани тағйиротҳои олами набототу ҳайвонот, фаъолияти меҳнати одамон.

Тарбия намудани меҳру муҳаббат ба табиати муҳити зист ва маҳорати дида тавонистану ҳаловат бурдан аз зебоиҳои табиати кишвар. Додани маълумот дар бораи «Китоби сурх» - и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мувофиқи имконият нишон додани он.

Мустаҳкам намудани дониши кӯдакон дар бораи растаниҳои маҳаллӣ, фарқ карда тавонистани онҳо аз рӯйи барг, гул, ранг. Шинохтани 5-6 дарахт, 3-4 бутта, 4-5 навъи дарахтони мевадиҳанда.

Мушоҳида ва муқоиса намудани тағйирёбии давомнокии шабу рӯз, ивазшавин ҳавои гарм ба ҳавои салқину хунук, дигаргуншавии растаниҳо (зард шудану рехтани баргҳо): ба кишварҳои гарм парида рафтани парандаҳои мавсимӣ (фароштурук, турна, лаклак, эзорсурхак).

Омӯзонидани фарқ кардани дарахтони мевадиҳанда, сояафкан (чанор, бед, сафедор) ҳамешасабз (арча, санавбар), гулу гиёҳҳои хонагию худрӯй. Буттаҳо, шинохтани онҳо аз рӯйи барг, гул, мева, бузургӣ, манфиатбахш будан ба инсон.

Мушоҳидаи давраи хосилғундорӣ, муайян намудани намудҳои ҳосили ғундошташуда ва кадом намуди ҳосил гундошта нашудааст. Мушоҳидаи гулҳо, муайян намудани хусусияти гулҳо, кадоме аз онҳо хазон шудаанд, аз кадоме онҳо то ҳол гул мекунанд. Мушоҳидаи мустақилонаи ҳодисаҳои табиат пеш аз борон осмонро фаро гирифтани абрҳо, боридани борони тез-тез, майда-майда, селборон оқибати он обхезӣ. Вазидани шамол (сахт, суст шудани он) ва оқибати он (шикастани шохи дарахтон, боридани борон, тағйирёбии ҳаво): оҳиста-оҳиста кам шудани ҳашаротҳо ва ба манзили одамон наздик шудани парандаҳои даштӣ.

Бо диққат мушоҳида намудани ҳаракати ҳашаротҳо (гамбусак, шабпарак, занбӯр, гаҳворачунбон). Кандани пӯстлохи дарахти сафедор ва нишон додани ҷойгиршавии ҳашаротҳо дар зери он барои зимистонгузаронӣ.

Мушоҳида намудани ҳайвонхои хонагӣ ва шарҳ додани чӣ тавр инсон ба онҳо барои зимистонгузаронӣ шароит муҳайё менамояд. Шарҳ додани мафҳуми ҳайвони хонагӣ, ваҳшӣ, ваҳшии дарранда ва муносибати инсон ба онҳо. Намоиши расмҳо, филмҳои ҳуҷҷатӣ ва тасвирӣ оид ба ҳайвонҳои ваҳшӣ.

Ҷалб намудани дикқати кӯдакон ба дигаргуниҳои табиати зинда дар фасли зимистон, бо сард шудани хаво, омадани сармо, барфпӯш гаштани заминхо, ях кардани об, пайдо шудани шушаҳо дар лаби бом.

Мушоҳидаи барфи борида истода. Ба кӯдакон фахмонидани мафҳуми тундбод ва вазидани шамоли тези яктарафа.

Омӯзонидани фарқ карда тавонистани тарзи ҳаётгузаронии ҳайвоноти хонагӣ ва ваҳшӣ дар фасли зимистон. Тайёр кардани хоначаҳо барои парандагон (аз чӯб, фанер, қуттӣ) ва овехтани он дар рӯйи ҳавлӣ. Омадани парандаҳо ба хоначаи сохташуда ва мушоҳидаи донхурии онҳо (кадом парандаҳо парида омада, дон хӯрданд).

Маълумот дар бораи ҳайвонҳои ваҳшии ҷумҳурии мо ва тарзи зимистонгузаронии онҳо (хирс, гург, шағол. қутос, рӯбоҳ ва ғ). Баъдан ташкил кардани суҳбат дар мавзуи "Зимистонгузаронии ҳайвонҳои ваҳшӣ".

Мустаҳкам ва васеъ гардондани тасаввурот оид ба меваҳо, сабзавот. истифодабарии гулу гиёҳҳои шифобахш дар фасли зимистон (дар шакли хушконидашуда).

Дар шакли фаҳмо ва дастрас шарҳ додани алоқамандии ҳодисаҳои табиат (дар гармӣ барф об мешавад, аз хунукӣ об ях мебандад). Гузаронидани кори амалии "Аз об ба ях ва аз ях ба об мубаддал гаштани об".

Сайру гашт дар гирди бинои таълимӣ ва муайян намудани яхпораҳои дар боми бино овезоншуда. Муайян намудан дар кадом қисмати бино чунин яххо зиёдтаранд. Дар кадом самту тарафи бино яххо зуд об шудаанд ва барои чӣ. Сабаби пур шудани оби ҷӯйборҳо ва ба кучо ҷорӣ гаштани онҳоро шарҳ додан.

Кӯдакон бояд донанд, ки дар охири зимистон деҳқонон ба киштукор омодагӣ мебинанд, аввалин гулҳои баҳорӣ мешукуфанд, дарахти бодом гул мекунад ва аз омадани баҳор хабар медиҳад.

Тарбия намудани маҳорати дарки зебоиҳои фасли зимистон ва ҳаловат бурдан аз он.

Мушоҳидаи фарқи хусусиятҳои барф ва об. Мушоҳидаи осмон, тағйироти дар осмон рухдиҳанда дар фасли зимистон ва баҳор. Осмон дар зимистон чӣ гуна буд ва дар фасли баҳор чӣ гуна шуд? Мушоҳида намудан ва дониста гирифтани дигаргунии табиат: рӯзҳо дароз мешаванд ва ҳаво гарм мешавад, дарахтон муғча, гул, барг мебароранд. Дар лаби ҷӯйбор, боғу саҳро, ҳавлӣ гулу гиёҳҳо мерӯянд.

Мушоҳидаи лонасозии паррандаҳо, аз кадом маводҳои табиӣ парандагон лона месозанд. Мушоҳидаи тағйирот дар рафтори ҳайвонҳо дар фасли баҳор. Тарбия намудани ҳисси ғамхорӣ нисбат ба парандаҳо (вайрон накардани лона, нашикастани тухм, ба даст нагирифтани чӯҷаи паррандаҳо) ва ҳайвонҳои хонагӣ.

Мушоҳидаи меҳнати калонсолон оид ба тоза кардани роҳравҳои кӯча, ҷалб намудани кӯдакон дар тоза кардани саҳни майдонча аз хазонҳои зери барфбуда.

Додани маълумот оид ба фасли тобистон. Мушоҳидаи табиати афсункор, дарк карда тавонистани зебогии табиат бо ивазшавии фаслҳои сол, чидани гулҳои мавсимии худруй, тартиб додани дастагул. Мушоҳидаи саҳрои беканор - кӯҳҳо, адирҳо, заминҳои корам ва ғайра. Ташаккули маҳорати аниқ кардани заминҳои пахта, обчакорӣ ва ғалла.

Мустаҳкам намудани маҳорату малакаи ҳосилшуда.

Дар охири сол кӯдакон бояд донанд ва тавонанд:

- вобаста ба тағйирёбии фасли сол давомнокии шабу рӯз, боду ҳаво;

- паррандаҳое, ки дар атрофи мо ҳастанд ба паррандаҳои хонагӣ, даштӣ ва мавсимӣ тақсим мешаванд;

- дарахтон, буттаҳо, гулу гиёҳҳои атроф ба гармӣ, равшанӣ, хок, об эҳтиёҷ доранд ва ҳар яки онҳо хусусиятҳои алоҳидаи сабзидан, ҳосил додан, манфиат расондан доранд:

ғамхорӣ намудан барои муҳофизати гулҳо, алафу гиёҳҳои шнфобахш, насли парандаҳо ва ҳайвонҳои хонагӣ;

- ҳашарот, ҳайвонҳо (хонагӣ, ваҳшӣ, ваҳшии даранда) вобаста ба фаслҳои сол тарзи зиндагии худро тағйир медиҳанд ва аз ҳамдигар бо нишонаю амалҳои худ фарқ мекунанд;

- фарқ карда тавонистани дигаргуниҳои табиати зинда вобаста ба «фаслҳои сол:

- мустақилона ва бо ёрии калонсолон мушоҳида намудани ҳодисаҳои табиат ва муайян намудани алоқамандӣ ва ба ҳам вобастагии онҳо: аз борони бисёр обхезӣ мешавад, шамоли сахт вайронӣ меорад, абрҳо осмон, ситораҳо ва моҳу офтобро мепӯшонанд.

Тавсифи муосири мафҳуми экология хеле зиёд ва васеъ аст.

Ин асосан ба оқибатҳои он вобаста аст, ки аз таъсири зарарноки фаъолияти инсон оид ба муҳити зист ба миён меоянд. Бинобар ин, имрӯз мо бо боварӣ гуфта метавонем, ки экологияи тарбияи фарзандон ин ғамхорӣ дар бораи сайёра аст. Чунин ташаккули барвақтии экологӣ бо он шарҳ дода мешавад, ки дар кӯдакони синни 7 солагӣ замина ба вуҷуд меоварад,

бо табиати атроф барқарор намудани муносибати бошуурона; ҷамъшавии эҳсосоти равшан; дарки бевоситаи иттилоот ба онҳо имкон медиҳад, ки онро мустаҳкам ва осон ба хотир оранд.

Омӯзгори муассисаи таълимии томактабӣ - симои асосии протсеси педагогӣ, аз ҷумла экологӣ мебошад. Ҳамчун барандаи фарҳанги экологӣ, методикаи тарбияи экологиро азхуд намуда, фаъолияти кӯдаконро ташкил менамояд, то ки онҳо пурмазмун бошанд, аз ҷиҳати эҳсосоти бой, ба ташаккулёбии кӯдакон мусоидат намояд.

Омӯзгор метавонад тавассути машғулиятҳои махсус, бозиҳои дидактикӣ, бозиҳои нақшофарӣ, сайругаштҳои мақсаднок, мушоҳида дар табиат, тамошои филмҳо дар бораи табиат, мутоилаи адабиётҳои кӯдакона, кор дар табиат, корҳои таҷрибавӣ, ҷустуҷӯӣ, суҳбат дар мавзуъҳои экологӣ, ҷамъварии тухмиҳо, сангҳо, тарҳрезии гербарияҳо, кор бо тақвимҳои табиат, рӯзномаҳои мушоҳида ва ғайра ба роҳ монда, маърифати экологии кӯдаконро баланд бардорад.

Ҳамаи ин усули педагогӣ барои рушду равандҳои маърифати экологӣ, дар ҳақиқат ғамхорона муносибат намудан нисбат ба табиат, ба ҳамаи он чизе, ки онҳоро иҳота кардааст мусоидат менамояд.

Тадқиқоти муосири психологӣ нишон дод, ки сатҳи дарки олами атроф дар кӯдакони синни то 7 сола то 70 % ташаккул меёбад, аммо пас аз расидан ба ин нуқта 30% боқимонда то охири рӯзҳои ҳаёт ҷамъ мешаванд. Аз ин рӯ, кор бо кӯдакони синни томактабӣ дар ташаккули маданияти экологии шахсӣ хеле муҳим аст.

Айни замон, ки мо дар остонаи фалокати экологӣ қарор дорем, маърифати экологӣ яке аз масъалаҳои мубрами замони мусор ба ҳисоб меравад.

Хуллас нигоҳубини табиат, дарки аҳамияти ҳифзи он, ташаккули шуури экологиро аз хурдсолӣ тарбияи кардан лозим. Барои ин, муҳим аст, ки худи калонсолон табиатро дӯст доранд, кӯшиш намоянд, то табиат ва ин меҳру муҳаббатро бо намунаи шахсии худ дар дили кӯдакон ҷой диҳанд. Муҳофизати табиат, ин ҳифзи Ватан мебошад.

АДАБИЁТ:

1. Барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ. «Рангинкамон» Душанбе 2012.
2. Педагогикаи томактабӣ. Б.Маҷидова, М.Иззатова. Душанбе 2016.
3. Л.Прохорова. Тарбияи экологии кӯдакони синни томактабӣ. Дастури таълимӣ. 2003.
4. Веретенникова С.А. Шиносоии кӯдакон бо табиат.М.1980.
5. Виноградова Н.Ф., Козлова С.А. Ватани азизам М.1985.

ТАРБИЯИ ЭКОЛОГӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ТОМАКТАБӢ

Муаллиф дар мақола кайд мекунад, ки тарбияи экологӣ аз рӯзҳои аввали ҳаёти кӯдак оғоз меёбад ва раванди мақсадноку бонизоми таъсиррасонӣ ба шахсияти кӯдак буда, бо мақсади дар кӯдак тарбия намудани қобилият ва табъи парастиши тозагию озодагӣ ва зебоӣ мебошад.

Аз ин рӯ, дар назди омӯзгорон вазифа гузошта шудааст, ки дар кӯдакони синни томактабӣ асосҳои фарҳанги экологиро ташаккул диҳанд. Омӯзгор дар ҳалли ин масъалаҳо аз шаклу усулҳои гуногун истифода бурда метавонад: чизи асосӣ он аст, ки кӯдаконро ба олами аҷоиби табиат ҷалб намояд, гуногунии онро ошкор намояд, ба бисёр саволҳо ҷавоб диҳад ва табиатро муҳофизат карданро омӯзад.

Калидвожаҳо: *экология, тарбияи экологӣ, табиати зинда ва ғайризинда, олами бототу ҳайвонот.*

ЭКОЛОГИЧЕСКОЕ ВОСПИТАНИЕ В ДОШКОЛЬНЫХ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ

В статье автор отмечает о том, что детские образовательные учреждения являются первым звеном системы непрерывного экологического образования. Поэтому перед педагогами встаёт задача формирования у детей дошкольного возраста основ экологической культуры. Воспитатель может использовать различные формы и методы для решения этих задач: главное увлечь детей в удивительный мир природы, раскрыть его многообразие, ответить на многие вопросы и беречь природу.

Ключевые слова: *экология, экологическое воспитание, живая и неживая природа, флора, фауна.*

ECOLOGICAL EDUCATION IN PRESCHOOL EDUCATIONAL INSTITUTIONS

In the article, the author notes that children's educational institutions are the first link in the system of continuous environmental education. Therefore, teachers are faced with the task of forming the foundations of environmental culture in preschool children. The teacher can use various forms and methods to solve these problems: the main thing is to captivate children into the wonderful world of nature, reveal its diversity, answer many questions and protect nature.

Key words: *ecology, environmental education, living and inanimate nature, flora, fauna.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Мирхонова Нодира Музафаровна Мутахассиси пешбари шуъбаи муассисахои томактабӣ, ибтидой, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобхои дарсӣ.* Тел: 985860565

Сведение об авторе: *Мирхонова Нодира Музафаровна Ведущий специалист отдела дошкольных, начальных учреждений, пересмотра и совершенствования стандартов, образовательных программ и учебников.* Тел :985860565

Information about the author: *Mirkhonova Nadira Muzafarovna Leading specialist of the department, preschool, primary institutions, revision and improvement of standards, educational programs and textbooks.* Tel:985860565

ТДУ:502.7(575.3)

АСОСҲОИ РАВОНӢ - ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ КАСБИИ ДОНИШҶӮЁН

Зулфонов Б., Хушқадамова Ш. Д.
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Таълими босалоҳият истифодаи технология ва шакли ташкили самараноки ҷараёни таълим ва методҳои ба он мувофиқро талаб менамояд. Барои муайян кардани технологияи равонӣ - педагогӣ, шакл ва методҳои ташкили ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, бояд ба тамоили муносибати босалоҳият такя намояд.

Муносибати босалоҳият дар таҳсилоти олии касбӣ сифатан дигар хел муносибатро дар байни устодону шогирдон тақозо менамояд. Мақсади ин технология аз он иборат аст, ки донишҷӯ омӯзад, аз худ кунад ва дар амал татбиқ намояд.

Он диққате, ки дар солҳои охир махсусан ба истифодабарии технологияи нав дар раванди таҳсилот дода мешавад, хусусиятҳои оммавиро дар таҳсилоти олии касбӣ пайдо намудааст. Ин таваҷҷуҳ,бо мақсади омода намудани мутахассисони ҷавобгӯйи талаботи бозори меҳнат гардидан, муассисаҳои таълимии кишварро водор месозад, ки дар татбиқи он таваҷуҳи хосса зоҳир намоянд. Ин мушкилотро бе истифодаи технологияи нав тибқи маълумоти коркардшуда ва дар таҷрибаи оммавӣ санҷидашуда ҳал намудан номумкин мебошад. Раванди истифодаи технологияи нав дар ҷараёни таълим ба даст овардани натиҷаи дилхоҳро кафолат дода метавонад.

Нишонаҳои асосии технологияи навин дар ҷараёни таҳсилот дар замони муосир инҳоянд:

- мақсади пурраи таҳсилот;
- номгӯйи пайдарҳамии тарзи ба даст овардани натиҷаи супоришҳо;
- истифода бурдани алоқаи баргарданда бо мақсади ислоҳ намудани ҷараёни таҳсилот;
- кафолати ба даст овардани натиҷа;
- самаранокии ҷараёни таҳсилот аз маҳорати омӯзгор вобастагии кофӣ дорад. (1,34)

Нишонаҳои фарқкунандаи технологияи муосири таълим ифодакунандаи хусусиятҳои фаъолияти омӯзгор мебошад, ки дар нақши ташкилотчии шаклҳои гуногуни фаъолияти донишҷӯён баромад мекунад. Дар ин технология омӯзгор дар нақши -менеджер ва режиссёри таълим баромад намуда, аммо намоишдиҳандаи ахбори таълим мебошад.

Шогирдон дар баробари фаъолияти омӯзгор дар раванди таълим ба субъекти фаъолият табдил меёбанд. Шахсияти омӯзгор ва инкишофи касбии ӯ, ба яке аз мақсадҳои асосии таҳсилотӣ табдил меёбад. Дар шароити муосир воситаҳои ахбор ва технология ҳамчун воситаи ташкили фаъолият истифода бурда мешаванд, на ҳамчун мақсади раванди таълим.

Дар робита ба афзоиши талабот ба технологияи инноватсионии таълим миқдор ва шаклҳои гуногунии онҳо дар солҳои охир афзоиш ёфтааст. Махсусан, дар шароити кунунӣ ин ҷараён ба инкишофи технологияи ахборӣ - коммуникатсионӣ ва технологияи фаъол ва шавқовари таълим (яъне чизҳои офаридаи омӯзгор дар якҷоягӣ бо донишҷӯён) табдил ёфта, вазифаҳои мушаххасро ичро менамояд. Дар робита ба инкишофи онҳо имконияти интихоб намудани технологияи як қадар мувофиқ ба ҷараёни таълим ва ҳал кардани супоришҳо васеъ мегардад.(4,3-12)

Дида баромадани аспекти технологии ташаккули умумӣ ва махсуси салоҳиятнокӣ, инчунин истифода намуданро дар мафҳуми ***методҳои таълим,*** ки дар навбати худ ба методҳои дарсгузарӣ ва таълимдиҳӣ тақсим мешаванд зарур мешуморем.

Методҳои дарсгузарӣ – ин аз рӯйи талаботи дидактикӣ, системаи усул ва мувофиқ ба он қоидаҳо, фаъолияти педагогие мебошанд, ки истифодаи онҳо аз ҷониби омӯзгор имкон

медиҳад, то фаъолияти донишҷӯён дар раванди таълим самаранок истифода бурда шавад. Яъне дар ҷараёни таълим донишҷӯ фаъолтар аз омӯзгор эҳсос карда шавад.

Методҳои омӯзиш – ин аз ҳисоби талаботи дидактикӣ, усул ва қоидаҳои мувофиқ ва ҷавобгӯе мебошад, ки мақсади онҳо баланд бардоштани худидоракунии донишҷӯён дар тамоми шакли фаъолият ва муошират дар ҷараёни ҳалли шаклҳои муайяни вазифаҳои таълимӣ фаҳмида мешавад. Ҳамин тавр, методи омӯзиш ҳамчун тарзи ташкили фаъолияти таълимӣ - маърифатии донишҷӯён дониста мешавад. Ин метод ҳамчун тарзи фаъолияти робитаманди омӯзгор ва донишҷӯён баҳри ба даст овардани салоҳиятнокӣ дар барномаи таҳсилотӣ дониста мешавад.

Дар ҷараёни татбиқи низоми фаъолияти таълимӣ донишҷӯён, чизи асосӣ ба таври воқеӣ интихоб намудани технология ва методҳои таълим мебошад. Чӣ қадаре бештар миқдори соҳаҳои таълим ба эътибор гирифта шаванд, ҳамон қадар натиҷаи таълим баланд мегардад. Интихоби ин ё он намуди технологияи кор бо донишҷӯён, бояд дар хотир дошт, ки дар натиҷаи самаранок истифода бурдан аз он, агар мақсади таълим ба инобат гирифта шавад, ин технология ба татбиқи он равона мегардад. Мазмун, ки бо ёрии он технология дар шароити мавҷудаба донишҷӯён бояд дода шавад ва дар он мавриди истифода қарор гирад, бояд ба эътибор гирифта шавад. (3,4-9)

Мақсади мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор гирифтани ин андешаҳо оид ба технология салоҳиятнокӣ, баҳри ба салоҳияти баланди касбӣ ноил гардидани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад.Танҳо тавассути ҳамин технология онҳо метавонанд, муносибат дар ҳалли вазифаҳои касбӣ, муносибати педагогӣ дар коллектив, инкишофи шахсӣ дар бозори меҳнат гарданд. Мақсади ҳар кадоме аз технологияҳои номбурда, дар худ вазифаҳои зиёди ташаккули намудҳои гуногуни фаъолиятро фаро мегирад.

Дар нақшаи мазмуннок ҳар як салоҳият дар худ се омили асосиро муттаҳид менамояд: донишгирӣ, майлкунӣ, амалиётӣ, ки барои фаъолиятро амалӣ гардонидан роҳ мекушояд. Шахси ба ин се чизи ташаккулдиҳандаи салоҳият ноил буда, дар бозори меҳнат рақобатпазир буда, дар масъалаи пайдо намудани ҷои кор ва шуғли меҳнатӣ варзидан бо мушкилот рӯ ба рӯ нахоҳад шуд.

Се дараҷае, ки дар он салоҳиятнокӣ ташаккул меёбад:

- ***дар дараҷаи якуми*** ташаккул ёфтани салоҳияти инсон, афзоиши иқтидори ҳал намудани вазифаҳои бамиёномада пайдо мегардад. Маҳдудияти майлгирӣ ба шароити раҳоӣ ёфтан, аз мушкилот бо методҳои дар ихтиёраш буда, барои ислоҳи хаттогӣ истифода барад;

- ***дараҷаи дуюми*** ташаккули салоҳият ҳал намудани гурӯҳи муайяни супоришҳоро дар фаъолият бо дарки шароит ва сарҳади истифодаи тарзҳои умумии ҳалли он талаб менамояд. Дар ин ҳолат ба ҳама маълум аст, ки инсон қудрати ҳалли тамоми супоришҳоро надорад, танҳо он гурӯҳи супоришҳоеро ҳал карда метавонад, ки дараҷаи ҳалли онҳоро аз худ намудааст. Чӣ қадаре дараҷаи умумият баланд бошад, ҳамон қадар шумораи вазифаю супоришҳои ҳалнамудаи инсон меафзояд.

- ***Дараҷаи сеюми*** дараҷаи олии умумияти ҳодисаю зуҳурот мебошад, ки ба дараҷаи сеюми ташаккули салоҳият рост меояд. Чунин салоҳият ҳалли тамоми масъалаҳои чунин намудро бо методҳои гуногун таъмин менамояд. (7.20-21)

Тамоми мақсадҳои номбурда ва унсурҳои мазмунии онҳо ва дараҷаи ташаккули салоҳиятҳо барои низоми таҳсилоти Тоҷикистон хусусиятҳои инноватсионӣ доранд. Татбиқи онҳо бевосита навсозии низоми анъанавӣ ва истифода бурдан аз технологияи нави таълим ва методҳои омӯзонидани донишҷӯён мебошад.

Таҳлили табъу нашри муосир нишон медиҳад, ки салоҳияти хатмкунандагон, дар навбати аввал дар касбияти онҳо, дар мазмуни таҳсилот мавкеъ гирифта, ба такмил додани барномаи таълим асос меёбад. Таҳлилу озмоишҳо нишон медиҳад, ки ташаккули салоҳиятнокии хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ (хусусан салоҳиятнокии касбии онҳо) моро қаноатманд гардонида наметавонад. Яке аз сабабҳои баъди хатми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба ҷойҳои кори таъингардида ҳозир нашудани хатмкунандагон дар паст будани салоҳияти касбии онҳо дарак медиҳад. Онҳо бояд ҳарчӣ бештар ба мазмуни барномаи таълим ва навсозиҳо дар методикаи таълим ошно бошанд. Дар баробари ин, муттамарказ намудани тамоми имкониятҳои таълимӣ тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва олии касбӣ дар ҳалли вазифаи ташаккул додани салоҳияти касбӣ ва умумимадании мутахассисони оянда мусоидат намояд.(8.С.14-15)

Муносибати мазкур талаб менамояд, ки аввал салоҳиятҳои умумитаълимӣ муқаррар карда шаванд. Салоҳиятҳои умумифаннӣ ҷанбаҳои гуногуни таълим, тарбия ва рушди шахсии донишҷӯро фаро мегиранд. Салоҳиятҳои мазкур дар баробари салоҳиятҳои фаннӣ, ҳамчун натиҷаи ниҳоии таълим ҳисобида шуда, новобаста аз фан ташаккул дода мешаванд.

Яъне, ташаккули салоҳиятҳои мазкур ҳамчун натиҷаи таълимии фанҳои гуногуни таълимӣ шинохта шуда, дар раванди таълими ҳар як фан такмил дода мешаванд.

Шумо дар бораи истилоҳи салоҳият, маъноҳои он дар фасли ҷудогона маълумот гирифтед, аз ҷониби дигар дар муошират, дар суҳбати расмию касбӣ мо ифодаи "шахсияти салоҳиятнок"-ро истифода мебарем ва дар ин маврид медонем, ки имкониятҳои як шахсро дар ягон самти мушаххаси фаъолият мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додан зарур аст. Мо медонем, ки вазифаи фанни таълимӣ дар баробари инкишоф ва рушди системаи донишу малака ва маҳорати фанни таълимӣ ривоҷ додани малакаву маҳорати умумифаннӣ, низ мебошад. Дар баъзе сарчашмаҳо силсилаи чунин салоҳиятҳо бо ҷузъиёти дигарашон низ нишон дода мешаванд. Мисол, дар бораи ташаккули салоҳияти фаннӣ, ки муҳаққиқон ба ташаккули салоҳияти коммуникативӣ, салоҳиятҳои фарҳангӣ ва ғайраҳо ҷудо мекунан, мо дарк менамоем, ки салоҳиятҳо дорои чунин намудҳо мебошанд:

1.Салоҳиятҳои маърифатӣ - таҳлилӣ

- истифода бурда тавонистан аз дониш, малака, маҳорат ва таҷрибаю ақидаҳои худ ва дигарон дар шароити нави таълим;
- таҳлили ақида ва муносибати байни ақидавӣ, таҷриба ё маводи табиӣ ва сунъӣ;
- дарк намудани он, ки кулл аз ҷузъҳо таркиб ёфтааст;
- фарқ карда тавонистани он, ки кулл ба ҷузъҳо тақсим мешавад;
- таҳлил карда тавонистани таъсири ҷузъҳо баҳамдигар ва сохтани чизи том;
- аз ягон нуқтаи назар таҳлил намудани қоидаҳо, ақидаҳо, вазъиятҳо ва таҷрибаҳо дар асоси ақидаҳои назариявӣ ва фаҳмишҳои гуногун.

2. Салоҳиятҳои маърифатӣ - эҷодӣ

- ташаккул додани майлу хониш ва завқи маърифатии донишҷӯён ба дарки ҳодисаҳои олам, ғанӣ гардонидани таҷрибаи онҳо дар асоси омӯхтани маводҳои нав ба дарки ҳодисаву воқеаҳои ғайриодиву пурмуаммо;
- пайдо намудани ақидаҳо, фарзияҳо ва пешниҳодоти нав;
- ёд гирифтани роҳҳои таҳқиқи низомҳо ва ҳалли масъалаҳои мураккаб, аз ҷумла тарҳрезӣ, амсиласозӣ, таҳқиқ, таҳлилу таркиб;
-сохтан ё бозсозии ашёро ёд гирифта, ақидаҳоро тавассути тағйирот ворид намудан, ҳамгиро кардан ё ҷудо кардан ба ҷузъҳо.

Салоҳиятҳои маърифатӣ - таҳқиқӣ инҳоянд:

- тавоноии таҳлил ва баҳодиҳӣ намудан ба ашёҳо, ҳодисаҳо, таҷрибаҳо, ақидаҳо, назарияҳо, вазъиятҳо ва падидаҳои дигар;
- дарёфти фарқи байни омилҳо, ақидаҳо, нуқтаҳои назар ва афзалиятҳо;
- истифода бурда тавонистан аз ченакҳои гуногун барои арзёбии ақидаҳо, ҳодисаҳо, далелҳо, сабабҳо ва амалҳо;
- бо мақсади ҳалли масъалаҳо истифода бурдан аз арзёбӣ ва таҳқиқи стратегияҳои зеҳнии гуногун;
- таҳлили асосноки омилҳое, ки ба ақида ва қобилиятҳои фикрии шахс ва дигарон таъсир мерасонад.

Салоҳиятҳои худшиносӣ ва мустақилияти шахс инҳоянд:

- донишҷӯ эътироф намояд, ки фарҳанг, забон, қоидаву таҷрибаҳо ба худшиносӣ, арзишҳо ба рафтор таъсир мерасонанд;
- ташаккул додани малакаҳо, фаҳмишҳо ва эътимод дар интихоби амалҳое, ки ба тақвияти саломатӣ, рушди рафтори шоиста ва худшиносӣ мусоидат менамояд;
- таҳлил ва равшан намудани таъсири оила, ҷамъият ва вазъи иҷтимоӣ дар ташаккули шахсият;
- бедор намудани боварӣ ба қобилияти худ, худидоракунӣ ва муташаккилона амал кардан;
- ташаккул додани инкишофи шахсии хонандагон ва қобилияти худро ҳифз карда тавонистани онҳо.

Дарки эҳтиром, эҳтироми хеш ва ҳифз намудани ҳурматту эҳтироми дигарон:

- равшанфикр ва озодбаён будан;
- омӯхтани маданият ва фарҳанги одамони гуногун ва зоҳир намудани эҳтиром ба онҳо;
- эътироф ва эҳтиром кардани арзиш ва қиматҳои гуногун, ки на ҳамеша ба ақидаи шумо рост меоянд. (6.19-20)

Дарк ва эҳтиром кардани истиқлолият ва устувории сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маданӣ ва фарҳангӣ:

- таҳқиқ ва омӯзиши таъсири падидаҳои ҷаҳонӣ ба фаҳмиши шахс оид ба мустақилият дар ҳаёти иҷтимоӣ ва шахсӣ;

- таҳқиқ ва омӯхтани вобастагии рушди устувор аз ҳамкории самаранок ва ҳаматарафаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва ғ.;

- ақида, интихоб ва рафтори шахс ба ашёҳои зинда ва ғайризинда чӣ тавр таъсир расонда метавонад;

- таҳқиқ ва таҳлили амалҳои шахс ва ё гурӯҳи одамон ба рушди устувор чӣ таъсире расонида метавонад;

- эътимоднок нишон додани он, ки рафторҳои одамон чӣ тавр метавонанд ба некуаҳволии ҷамъият, муҳити зист ва иқтисодиёт (маҳаллӣ, миллӣ ва ҷаҳонӣ) таъсири мусбӣ мерасонанд.

Ташаккули саводнокӣ. Ташаккули дониш вобаста ба самтҳои гуногуни саводнокӣ:

- дарки аҳамияти донишҳои гуногун дар ҳаёти ҳаррӯза;

- саводнокӣ аз калимаҳо, тасвирҳо, рақамҳо, овозҳо, ҳаракатҳо ва дигар нишондиҳандаҳое иборат аст, ки ҳар яки он шарҳ ва мазмуни гуногун дорад;

- таҳқиқи муносибати байни саводнокӣ бо дониш, фарҳанг ва арзишҳо;

- аз бар намудани ақидаҳо ва ахборҳое, ки аз манбаъ ва сарчашмаҳои гуногун дарёфт шудаанд (масалан, махзани маълумот ва дигар маъхазҳои табиӣ ва сунъӣ);

- истифода аз технологияҳои гуногун ба мақсади таҳқиқи ақидаҳо ва пурра гардонидани фаҳмиш дар соҳаҳои гуногуни таълим.

Таҳқиқ ва таҳлили падидаҳои олам тавассути донишҳои муайян:

- ҷустуҷӯи таҷрибаҳо тавассути истифодаи стратегия, воситаҳо, захираҳо ва технологияҳои гуногун;

- интихоб ва арзёбии сарчашмаҳо ва воситаҳои ахборӣ, ки барои иҷрои вазифаи мушаххас равона шудаанд;

- истифода аз дониши мавҷуда дар шароити муайян баҳри таҳлилу таркиби вазъияти мавҷуда;

- таҳлили сифатӣ ва миқдории маълумоти хаттӣ, шифоҳӣ ва визуалӣ, ки аз сарчашмаҳои гуногуни иттилоотӣ ҷамъ оварда шудаанд;

- истифодаи ақидаҳо ва технологияи муосир бо мақсади эҷоди чизи нав.

Баёни натиҷаи фаҳмиш ва шарҳи донишҳои муайян:

- дарки ақидаҳо ва таҷрибаҳо ба мақсади баён кардан, сохтан, ҳисоб кардан ва муошират кардан тавассути мавод, стратегия ва технологияҳои гуногун;

- истифодаи воситаҳои забонӣ, ақидаҳо ва равандҳое, ки барои ташаккули малакаҳои мушаххаси фанҳои алоҳида замина мегузоранд;

- пешниҳоди ақидаҳо, таҷрибаҳо ва ахбори фарогир, осонфаҳм ва барои дигарон муфид;

- интихоб ва истифодаи технологияи мувофиқ барои муошират самаранок ва боодобона.

Ташаккули масъулияттшиносии иҷтимоӣ. Истифодаи қоидаҳои ахлоқӣ:

- таҳлили таъсири чашмдошти амалҳои шахс ва дигарон ба муҳит дар вазъиятҳои мушаххас;

- ба эътибор гирифтани таъсири амалҳо дар шароити дигар;

- риояи доимии арзишҳои асосии ахлоқӣ;

- нишон додани қатъият дар масъалаҳои ахлоқӣ, ба монанди “эҳтироми ҳар як шахс”;

- таҳқиқи он, ки арзишҳо ва ақидаҳо аз ҷониби одамон ва халқиятҳои алоҳида баён гардида, дар бой гардонидани ахлоқи башарӣ васеъ истифода мешаванд.

Ҷалб гардидан дар муҳокима ва муколамаҳо:

нигоҳ доштани мувозинат дар суханронӣ, гӯш кардан ва ҷавоб додан;

имконият додан барои саҳмгузории ҳар як шахс;

ба таври эътимоднок ва созанда пешниҳод карда тавонистани ақидаҳои гуногун;

истифода аз усулу воситаҳои ҳамдигарфаҳмӣ бо мақсади ҳосил намудани фаҳмиши ягона оид ба масъалаҳои матраҳшаванда;

- зоҳир намудани эҳтиром ба хеш ва дигарон ҳангоми муҳокима ва баҳс.(9.25-26)

Салоҳиятнокӣ дар иҷрои вазифаҳои ҷамъиятӣ ифодакунандаи эҳтироми бепоён ба ҳуқуқҳои инсон, ҳуқуқҳои аҳдномавӣ, муҳаё сохтани муҳити созгор баҳри ҳалли низоъҳо дар синф, муассисаи таълимӣ, оила ва ҷомеа мебошад.

Донишҷӯи босалоҳият ба атрофиён ёрӣ расонида, дорои мустақилият, фарҳангу маданияти баланд буда, қобилияти дигаронро ба эътибор мегиранд. Барои ба мақсади

гузошташуда расидани дигарон ёрию мадади беғаразона мерасонад, муносибатҳои ғаразнок ва ноодилонаро нисбат ба худ ва дигарон раво намебинад.

АДАБИЁТ:

1. Веселовская Н.С. Компетентностный подход в образовании – основа подготовки высококвалифицированного специалиста. Омск. 2004. С-34
2. Зимняя И.А. Ключевые компетенции – новая парадигма результата современного образования [Электронный ресурс] //Интернет-журнал "Эйдос". - 2006. Режим доступа: http://www.eidos.ru/journal/2006/0505.htm.
3. Кузьмина Н.В. К вопросу о системном подходе исследования педагогической деятельности. Ученые записки. Ивановского гос.пед. ин-та.1971. Т.86. С.4-9
4. Лебедев О.Е. Компетентностный подход в образовании [Электронный ресурс].// Школьные технологии. -2004. -№5. -С.3-12.- Режим доступа: http://www.orenipk.ru/seminar/ lebedev.htm.
5. Селевко Г.К. Компетентности и их классификация // Народное образование, 2008. - № 4. С.7-8.
6. Серякова С.Б. Компетентностный подход как направление модернизации российского образования / С.Б. Серякова // Пед. образование и наука: науч.-метод. журн. - 2004. - №1. С.19-20.
7. Кравец В.Н., Нижегородский государственный технический университет(НГТУ г.Н. Новгород). Организация и контроль самостоятельной работы студентов. -1990.С.20-21.
8. Леонтьев А.А. Психологические предпосылки раннего овладения
9. иностранным языком //Иностранный язык в школе. - 1985.С.14-15.
10. Магаева М.В., Плеханова А.Ф., Донишгоҳи давлатии техникии Нижегород (ДДТН дар шаҳри Новгород) Ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён дар мактабҳои олии Нидерландия. С.25-26.

АСОСҲОИ РАВОНӢ - ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ КАСБИИ ДОНИШҶӮЁН

Дар мақолаи мазкур асосҳои равонӣ-педагогии ташаккули салоҳияти касбиии донишҷӯён бо истифодаи технологияи нав ва шакли ташкили самараноки ҷараёни таълим инъикос ёфтааст. Ҳамчунин, муаллиф роҷеъ ба истифодаи методҳои гузаронидани дарс, усулҳои омӯзиш ва се дараҷае, ки дар он салоҳиятнокии донишҷӯён ташаккул меёбад, маълумоти муфассал ироа кардааст.

Калидвожаҳо: *равонӣ –педагогӣ, самаранокӣ, салоҳиятнокӣ, робитамандӣ, низоми анъанавӣ, рақобатпазирӣ.*

ПСИХОСОЦИАЛЬНЫЕ АСПЕКТЫ ФОРМИРОВАНИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ СТУДЕНТОВ

В статье отражены психолого-педагогические основы формирования профессиональной компетентности студентов в использовании новых технологий и формы эффективной организации учебного процесса. Также, автор в статье подробно рассматривает пути использования методов ведения инструкций, методологии и трех уровней, в которых развивается компетенция студента.

Ключевые слова: *психология, педагогика, эффективность, компетентность, надежность, традиционная система, конкурентоспособность*

PSYCHOSOCIAL ASPECTS OF THE FORMATION OF PROFESSIONAL COMPETENCE OF STUDENTS

According to this article, the psychological and pedagogical foundations of the formation of the professional competence of students are reflected in the use of new technologies and the form of effective organization of the learning process. Use of methods of conducting instructions, methodology and three levels in which the competence of the student develops.

Key words: *psychology, pedagogy, efficiency, competence, reliability, traditional system, competitiveness*

Маълумот дар бораи муаллифон: *Зулфонов Б. - ходими пешбари илмии шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ба номи А.Ҷомӣ АТТ ш Душанбе кучаи Айнӣ 126*

Тел: 93.601.75.25

Хушқадамова Шоира Давлатқадамовна - ходими калони илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ш Душанбе кучаи Айнӣ 126 Тел:900009341

Сведения об авторах*: Зулфонов Б. - научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмана Джами, адрес :г. Душанбе ул. Айни, 126, Тел: 93.601.75.25*

Хушкадамова Шоира Давлаткадамовна – старший научный сотрудник Института развития образования имени Абдуррахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Айни, 126. Тел: 900.00.93.41

Information about the author: *Zulfonov B. - researcher at the Institute for Educational Development named after Abdurakhman Jami, address: Dushanbe st. Aini, 126, Tel:93.601.75.25*

Khushkadamova Shoira Davlatkadamovna - Senior Researcher of Abdurrahmani Jami Institute of Education Development, Academy of Education, Dushanbe, 126 Aini St. Tel : 900.00.93.41

ВЫЗОВЫ РАЗВИТИЯ ИСТОРИЧЕСКОЙ НАУКИ В КОНТЕКСТЕ МОДЕРНИЗАЦИИ ТАДЖИКСКОГО ОБЩЕСТВА

Назиров Н. Д.
Института развития образования имени Абдуррахмана Джами Академии образования Таджикистана

В Таджикистане период с 2020 по 2040 годы объявлен временем интенсивного развития естественных наук. Однако, несмотря на эту декларацию, в реальности проявляется тенденция к доминированию гуманитарных наук, которые, укрепляя свои позиции, начинают оказывать влияние на другие научные направления. Это связано с активным и, в некоторых случаях, принудительным внедрением инновационных подходов во все сферы научной деятельности, включая те, которые традиционно относились к естественным наукам. Такое положение вещей приводит к серьезному несоответствию между научной повесткой и социальными потребностями современного общества. В условиях глобальных изменений, сопровождающихся ростом агрессии и насилия, возникает острая необходимость пересмотра научных приоритетов. В частности, важно разработать и внедрить новые механизмы гуманизации и консолидации общества, которые смогут стать эффективным ответом на негативные тенденции. Эти механизмы должны учитывать не только локальные, но и глобальные вызовы, угрожающие социальной стабильности и гармонии. В этой связи становится очевидной потребность в междисциплинарных исследованиях, способных объединить усилия гуманитарных и естественных наук для создания комплексных решений, направленных на укрепление социальной ткани общества. Развитие таких подходов будет способствовать не только научному прогрессу, но и устойчивому развитию общества, обеспечивая баланс между инновациями и гуманистическими ценностями.

Анализ состояния исторической науки в Таджикистане выявляет, что её развитие находится под влиянием множества как внутренних, так и внешних факторов. Среди внешних факторов особенно выделяется переходный характер общества, находящегося в стадии социально - экономической трансформации. Этот переход вызывает усиление недоверия к устоявшимся историческим подходам и концепциям, что ведёт к пересмотру многих ранее принятых теорий и выводов.

Одним из негативных проявлений этого процесса является то, что новая научная продукция зачастую сводится к перепечатке уже существующих трудов, без внесения существенных инноваций в методы и подходы. Это значительно замедляет развитие оригинальных исследований и осложняет адаптацию исторической науки к актуальным вызовам современности.

Однако, несмотря на эти трудности, в области исторической науки продолжается процесс углубления предметной специализации, что свидетельствует о сохраняющемся потенциале для дальнейшего развития знаний в конкретных направлениях. С.И. Посохов метко охарактеризовал текущее состояние науки как "историографический диагноз", что подчёркивает необходимость тщательного анализа и разработки новых стратегий для преодоления существующих проблем и повышения эффективности научных исследований.

В данных условиях становится крайне важным пересмотреть подходы к образованию и исследовательской деятельности в области истории, уделяя особое внимание развитию критического мышления и созданию новых методологических основ, которые смогут адекватно ответить на современные вызовы и потребности общества [1].

Среди внутренних факторов, оказывающих влияние на развитие исторической науки в Таджикистане, особенно значимым является процесс укрепления государственных институтов, формирующих специфические требования и ожидания к научным исследованиям, в том числе в области истории. Это создает необходимость оперативного реагирования на современные вызовы и поиска решений актуальных вопросов, которые имеют значение для общества и государства.

Однако в процессе адаптации исторической науки к этим требованиям нередко игнорируются глобальные задачи, стоящие перед обществом и государством. Это может привести к узконаправленному или одностороннему подходу, что ограничивает возможности для комплексного анализа и критического осмысления исторических данных. Кроме того, текущее состояние науки, включая её ресурсные и кадровые возможности, часто остаётся недооценённым. Это затрудняет её всестороннее развитие и препятствует внедрению инновационных методов и подходов.

В результате возникает риск недооценки научного потенциала и его ограниченного использования для решения как локальных, так и глобальных проблем. Такой подход может способствовать искажению исторической картины и ослаблению академической базы

исследований. Это, в свою очередь, негативно скажется на качестве и объективности исторической науки, замедляя её развитие и ограничивая её вклад в понимание и решение актуальных проблем современного общества. Устранение этих проблем требует системного подхода, включающего более глубокое исследование и оценку ресурсных потребностей, улучшение кадрового обеспечения и создание условий для междисциплинарного взаимодействия, что поможет повысить качество и актуальность исторических исследований.

Чтение на уроке является эффективным, если при знакомстве с текстом студенты понимают читаемый текст, и при организации урока преподавателю необходимо учитывать эту особенность.

Один из способов вовлечь обучающихся в реальную языковую ситуацию, которая дает им возможность изучать русский язык в аудитории и за ее пределами–это мотивировать их смотреть новости на изучаемом неродном языке, фильмы, онлайн-уроки и читать новости разных газет на изучаемом языке и веб-сайтов. Это сопутствует развитию коммуникативной компетенции обучающихся, так как знакомит их с различными типами текстов и определенным набором слов, словосочетаний, а также поддержит их связь с изучаемым языком вне аудитории. Такой тип свободного выбора учебного процесса вполне эффективен в освоении языка.

Следовательно, формирование коммуникативной компетенции осуществляется в Республике Таджикистан во всех учебных заведениях, начиная с дошкольных учреждений, кончая вузов.

Различные определения термина «коммуникативная компетенция» зарубежными и отечественными учёными подчеркивают его значение в изучении и преподавании неродного языка, в данном случае русского. Коммуникативная компетенция рассматривается как знание правил языка, использования языка и умение эффективно применять такие знания в соответствии с реальными ситуациями, в жизненных и профессиональных ситуациях. Формирование коммуникативной компетентности осуществляется в рамках диалоговых отношений между преподавателем и студентами. Организация диалога в образовательном процессе, в частности на уроках русского языка, является очень актуальной проблемой для современного образовательного учреждения, поскольку новые технологии и подходы побуждают преподавателей и студентов вести диалог, развивать речевую коммуникацию и общаться. Все вышесказанное свидетельствует об актуальности темы данной работы "диалог как способ формирования коммуникативной компетентности студентов".

ЛИТЕРАТУРА:

1. Агеенко Н.В., Рыбкина А.А. Формирование базовых профессиональных компетенций студентов в процессе обучения иностранному языку // Вестник Самарского государственного технического университета. Серия: Психолого-педагогическиенауки.-2017.–№1(33).–С.14–21. Азимов Э.Г.и др. Словарь. методических терминов (теория и практика преподавания языков) / Э.Г. Азимов, А.Н. Щукин – СПб.: Златоуст, 1999. – 472 с.
2. Горлова Е.А., Ершова О.В. Формирование лингвокультурологической компетенции за счет наглядности при обучении русскому языку как иностранному//Вестник Самарского государственного технического университета. Серия: Психолого-педагогические науки. – 2018. – № 4 (40). – С. 66–77.
3. Гусейнова Т.В. Формирование коммуникативной компетенции учащихся на уроках русского языка. Монография.–Душанбе: РТСУ, 2019. – 270 с.
4. Жукова Л. Коммуникативная сторона общения. 2021. 217 с.
5. Зимняя И.А.Общая культура и социально-профессиональная компетентность человека/И.А.Зимняя // Интернет-журнал "Эйдос". 2006. 4 мая. [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://www.eidos.ru/journal/2006/0504.htm (Дата обращения: 22.03.2016).
6. Зимняя И.А. Ключевые компетенции – новая парадигма результата образования /И.А. Зимняя //Высшее образование сегодня. - 2003. - № 5.– С. 43-62.

7. Пассов Е.И. коммуникативной теории и технология иноязычного образования: методическое пособие для преподавателей русского языка как иностранного/ Е.И. Пассов, Н.Е. Кузовлева. – М.: Русский язык. Курсы, 2010. -242с.
8. Постановление Правительства РТ «О государственной программе совершенствования преподавания и изучения русского и английского языков в Республике Таджикистан на период до 2030 года» от 30.08.2019 г., № 438.
9. Hymes, D. On Communicative Competence / D. Hymes; in J. B. Pride and J. Holmes (eds.). – New York: Harmondsworth: Penguin, 1972. – P. 269-293.
10. Krashen S.D. & Terrell T.D.: The natural approach: language acquisition in the classroom Available at:https://www.researchgate.net/publication/272776608 SD Krashen TD Terrell The natural approach language acquisition in the classroom (accessed: 11.03.2021).
11. Savignon S.J. Communicative Competence: Theory and Classroom Practice. 2nd ed. N.Y.: McGraw-Hill, 1997. – 272 p.

ФОРМИРОВАНИЕ КОММУНИКАТИВНОЙ КОМПЕТЕНЦИИ КАК ВАЖНЫЙ АСПЕКТ В ОБУЧЕНИИ СТУДЕНТОВ РУССКОМУ ЯЗЫКУ

В статье уделяется внимание важному аспекту обучения русскому языку в неязыковом вузе - формированию коммуникативной компетенции студентов с учётом профессиональных навыков. Автор подчёркивает, что будущий специалист должен представлять собой конкурентно способную личность, для которой русский язык необходим, прежде всего, для успешной самореализации в профессиональной деятельности. Предлагаются для обсуждения лингводидактические и педагогические условия, рекомендаций для формирования коммуникативной компетенции студентов при изучении русского языка.

Одной из самых основных компетенций является коммуникативная компетентность, которая обеспечивает результативную социализацию, адаптацию и самореализацию в рамках современной жизни. Коммуникативная компетентность - это готовность ставить и достигать целей устного и письменного общения: получение необходимой информации, выражение своей точки зрения в диалогической и монологической речи на основе признания и уважения разнообразия позиций, а также гражданскую защиту, ряда ценностей - религиозные, этнические, профессиональные, личные и т.д.

Ключевые слова: *коммуникативная компетентность, компетентностный подход, формирование, новые подходы, методология, неродной язык, метод, студент.*

ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ КОММУНИКАТИВӢ ҲАМЧУН ЯК ҶАНБАИ МУҲИМИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ РУСӢ БА ДОНИШҶӮЁН

Дар мақола ба як ҷанбаи муҳими таълими забони русӣ дар донишгоҳи ғайризабонӣ – ташаккули салоҳияти коммуникатсионии донишҷӯён бо назардошти малакаҳои касбӣ диққат дода шудааст. Муаллиф таъкид мекунанд, ки мутахассиси оянда бояд шахси рақобатпазир бошад, ки забони русӣ барои вай пеш аз ҳама барои худшиносии бомуваффақият дар фаъолияти касбӣ зарур аст. Шартҳо ва тавсияҳои лингводидактикӣ ва педагогӣ барои ташаккули салоҳияти коммуникатсионии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши забони русӣ ба муҳокима пешниҳод карда мешаванд.

Яке аз салоҳиятҳои асосӣ ин салоҳияти коммуникатсионӣ мебошад, ки дар доираи ҳаёти иҷтимоии муосир, мутобиқшавӣ ва худшиносии муассирро таъмин менамояд. Салоҳияти коммуникатсионӣ ин омодагӣ барои гузоштан ва ноил шудан ба ҳадафҳои муошират шифоҳӣ ва хаттӣ мебошад: ба даст овардани маълумоти зарурӣ, баён кардани нуқтаи назари худ дар нутқи диалогӣ ва монологӣ дар асоси эътироф ва эҳтироми гуногунии мавқеъҳо, инчунин ҳифзи шаҳрвандӣ, шумораи арзишҳо - динӣ, этникӣ, касбӣ, шахсӣ ва ғайра.

Калидвожаҳо: *салоҳияти коммуникативӣ, муносибати босалоҳият, ташаккул, равишҳои нав, методология, забони ғайримодарӣ, метод, донишҷӯ.*

FORMATION OF COMMUNICATIVE COMPETENCE AS AN IMPORTANT ASPECT IN TEACHING STUDENTS THE RUSSIAN LANGUAGE

The article focuses on an important aspect of a foreign language teaching in a non-linguistic university as the formation of students' communicative competence, including professional skills. The authors emphasise that the future specialist should be a competitive person, for whom a foreign language is necessary, first of all, for successful self-realization in professional activity. Linguodidactic, pedagogical conditions and recommendations for the formation of students' communicative competence are offered for discussion.

One of the most basic competencies is communicative competence, which ensures effective socialization, adaptation and self-realization within the framework of modern life. Communicative competence is the willingness to set and achieve the goals of oral and written communication:obtaining the necessary information, expressing one’s point of view in dialogic and monologue speech based on recognition and respect for the diversity of positions, as well as civil protection, a number of values - religious, ethnic, professional, personal etc.

Key words: *communicative competence, competence-based approach, formation, new approaches, methodology, non-native language, method, student.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Ҷонмаҳмадова Гулрафтор Шералиевна - номзади илмҳои педагогӣ, ходими пешбари Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдурахмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Адҳамов 11/2, почтаи электронӣ: dgulraftor@bk.ru. Телефон: 88888 62 76.*

Сведения об авторе: *Джонмахмадова Гулрафтор Шералиевна – кандидат педагогических наук, ведущий научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана. Адрес: 734024, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Адхамова 11/2, dgulraftor@bk.ru. Телефон: 88-888-62-76.*

Information about the author: *Dzhonmakhmadova Gulraftor Sheralievna-candidate of pedagogical sciences, Leading researcher at the Institute for the Development of education named after Abdurakhman Jami of the Academy of education of Tajikistan.Address:734024, Republic of Tajikistan, city Dushanbe, Adhamov street 11/2, E-mail:dgulraftor@bk.ru. tel.: 88 888 62 76.*

ТДУ:796(575.3)
Д-13

ТАҲЛИЛИ ҶАНБАҲОИ ПЕДАГОГИИ МОҲИЯТИ МУҲИТИ ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМ ДАР ҶОМЕА

Давлатзода С. А.
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Имрӯз нигаронии тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ташаккули тарзи ҳаёти солим ва салоҳиятҳои ҳифзи саломатии ҷавонон ҳамчун бавуҷудоварандагони дастовардҳо ва таҷассуми фаъоли ғояҳои инноватсионӣ равшан ба чашм мерасад. Масъалаҳои таҳия ва татбиқи технологияҳои ҳифзи саломатӣ дар раванди тарбияи ҷисм ҳоло дар адабиёти махсуси илмӣ ва методӣ васеъ инъикос ёфтааст. Доираи тамаркузи арзишҳо ва ангезаҳои ҷалби ҷомеа ба машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш хеле васеъ ва гуногун аст. Ин метавонад тамоилот ба арзишҳои асосии инсон - саломатӣ, пешгирӣ ва табобати бемориҳо, тарзи ҳаёти солим, истироҳати ҷисмонӣ ва фароғат гирифтани эҳсосои мусбат, инкишоф додани сифатҳои ҷисмонӣ ва қадду басти зебо, имкони муваффақиятҳои шахсӣ ва қонеъгардонии шуҳратпарастии худ, обутобдиҳии хислат ва хоҳиши озмоиш, худтасдиққунӣ ва худтакмилдиҳӣ бошанд.

Мафҳуми “муҳити таҳсилот” дар адабиёти психологӣ – педагогӣ дар охири асри XX паҳн гардид. Муҳити таҳсилотӣ ин доираи васеи омилҳоест, ки тарбия, таълим ва рушди шахсиятро муайян мекунанд, дар бар мегирад.

Таҳқиқи фаъолонаи муҳити таҳсилотӣ ва майлу рағбат ба фароҳам овардани он таваҷҷуҳи олимони зиёдро ба худ ҷалб кардаанд.

Олимон С. Дерябо, В. Панов, Г. Полякова, А. Хуторской, В. Ясвин ва дигарон масъалаҳои алоҳидаи мавзуи мазкурро дар корҳои худ низ мавриди баррасӣ қарор додаанд. Бо истифода аз мафҳуми “муҳити таҳсилот”, бештари олимони муосир таъкид менамоянд, ки таълим, тарбия ва рушд на танҳо зери таъсири кӯшишҳои самтноки педагогҳо сурат мегиранд, балки аз хусусиятҳои инфиродӣ–психологии ҷавонон вобаста мебошанд.

Ҳамин тавр, А. Хуторской муҳити таҳсилотро ҳамчун низоми таъсирот ва шароити ташаккули шахсият аз рӯйи намунаи муқарраршуда, инчунин имкониятҳо барои рушди он, ки дар муҳити иҷтимоӣ ва фазоӣ–мавзуӣ мавҷуданд, таъриф мекунад.

Ташаккули тарзи ҳаёти солим ва салоҳияти ҳифзи саломатии ҷомеа дар раванди ҳама гуна машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ дар корҳои олимон-педагогҳои тоҷик низ равшан ба чашм мерасанд.

Масалан, дар асари академик Лутфуллозода М. “Педагогикаи миллии халқи тоҷик” вобаста ба тарбия ва тарғиби ҳифзи саломатии ҷомеа қисмати алоҳида бахшида шудааст, ки дар он мавзуъҳои лафздармонӣ ва тарбияи ҳифзи саломатӣ, моддаҳои зараровар ва оқибати истеъмоли он, ҳамом ва аҳамияти он дар тозагию саломатӣ ва ғайра мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, ки байни насли наврас ва ҷавонон ғояи тарзи ҳаёти солимро тарғиб мекунад.

Барои баланд бардоштани ҳувияти миллӣ ва тарбия намудани ҷавонон дар рӯҳияҳои ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ, профессор Шодӣ Сафаров тарғибу ташвиқи тарзи ҳаёти солимро дар эҳё намудани бозиҳои миллии халқи тоҷик пешниҳод намудааст. Ӯ аз ҷумла, қайд мекунад, ки “Бе ҷомеаи солим давлати солиму тавоно ба вуҷуд овардан номумкин аст ва бе донистани таърихи ниёгон ва гузаштагону бузургони хеш, ояндаи худро ба вуҷуд овардан ва пойдор нигоҳ доштан ғайри имкон аст".

Устод иброз медорад, ки ташаккули тарзи ҳаёти солим риояи шартҳои махсусро: бо назардошти ҷинс, синну сол ва вазъи саломатӣ; ташкили махсуси фазои истиқоматӣ, таъмин намудани дастаи тифоқ, дӯстона ва ғайраро дар бар мегирад.

"Истифодаи пурраи омилҳои табиӣ дар якҷоягӣ бо бозиҳои берунии мардумӣ, ки барои тарбияи ҷисмонии хонандагони хурдсол заминаи эҳсосоӣ фароҳам меоранд, раванди таълими солимгардониро хеле ғанӣ гардонида, онро дастрас менамояд, ки дар ниҳояти ба рушди ҷисмонӣ, равонӣ ва омодагии ҷисмонии ҷавонон мусоидат мекунад".

Ба оид ин мавзуъ олимони дигари тоҷик дар асарҳои худ бозиҳои миллии тоҷикиро дар ташаккули тарзи ҳаёти солим тавсиф намудаанд.

Я. Ю Абрамов дар мақолаи худ бо номи "Бозии халқии чавгонбозӣ" дар бораи доварии баъзе намудҳои варзиш тавсифи мухтасар додааст.

Дар китоби Т. М. Суяркулов "Гузашта ва имрӯзи варзиши тоҷик" бошад, муаллиф бозиҳои берунии кӯдаконро зикр намуда, бештар бозиҳои инфиродиро тавсифу тарғиб намудааст.

Дар асари Н. Турсунов "Бозиҳои миллии берунии тоҷикӣ" бошад, ҳолатҳои бозии миллии тоҷикӣ, ки аҷдоди халқи тоҷик онҳоро истифода бурдаанд, баррасӣ шуда, дар айни замон пас аз интихоби боддиқат дар мактабҳои ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор гирифта истодаанд.

Н. И. Торопов дар китоби худ бо номи "Варзиш ва бозиҳои миллӣ" равишҳои гуногуни бозиҳо, вазифаҳои бозӣ ва комбинатсияҳоро таърифу тавсиф намудааст.

Дар рисолаи номзадии Л. А. Губанова "Асосҳои педагогии ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои комплексии варзишӣ ва фароғатӣ дар гурӯҳи рӯзаш дароз" масъалаҳои ташкили бозиҳои берунӣ бо хонандагони синфҳои 1 – 3, ки дар гурӯҳҳои рӯзона иштирок мекунанд, мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Тарбия намудани руҳи солим дар ҷомеа ва ҷавонон ва омода намудани онҳо ба ҳаёти шахсӣ яке аз масъалаҳои мубрам ҳисобида мешавад. Педагог Раҳимзода дар рисолаи доктории хеш таҳти унвони "Влияние социальных институтов воспитания на подготовку старшеклассников к семейной жизни" ҷанбаҳои гуногуни омода намудани ҷавононро ба ҳаёти шахсӣ аз нигоҳи сотсиологҳо, психологҳо, иқтисодчиён, табибон, ҳуқуқшиносон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, чунин мешуморад, ки тавофути ақидаҳо дар тафсири самти умумии он ягонагии нуқтаи назари муҳақиқонро дар бораи роли пешбарандаи принсипи ахлоқӣ дар тайёр кардани падарону модарони оянда вайрон намекунад.

Ҳамин тариқ, мавзуи ташаккули тарзи ҳаёти солимро олимони тоҷик яке аз масъалаҳои мубрам дар ҳама давру замонҳо ҳисобида, ҷанбаҳои гуногуни пешрафти онро дар асарҳои хеш тарғибу ташвиқ намудаанд.

Солимии ахлоқӣ бо он принсипҳои маънавие муайян мешавад, ки асоси ҳаёти иҷтимоии инсон маҳсуб меёбанд. Нишонаҳои фарқкунандаи солимии ахлоқи инсон, пеш аз ҳама, муносибати бошуурона ба меҳнат, азхудкунии ганҷинаҳои фарҳанг, қабул накардани хулқу атвор ва одатҳое, ки ба тарзи ҳаёти муътадил мухолифанд, маҳсуб меёбанд.

Таҳлили адабиёти илмӣ оид ба масъалаи тарзи ҳаёти солим нишон дод, ки дар ҷараёни рушди таърихии ҷомеа зери таъсири тағйири принсипҳои ҷаҳонбинӣ, рушди истеҳсолоти моддӣ ва фарҳанг моҳияти мафҳуми "саломатӣ" бо маъниҳои нав мукаммал гардида, муносибат ба саломатӣ, мазмуни ғамхорӣ дар бораи саломатӣ, дарки таъсир ба тарзи ҳаёти солим ҳамчун зуҳуроти гуногунҷанбаи ҳастӣ дар шароити муайян мавриди тағйир қарор гирифта, ҳамаи ин боиси ба вуҷуд омадани мафҳуми "тарзи ҳаёти солим" гардид.

Дар бобати таърифи мафҳуми "тарзи ҳаёт" ақидаҳои гуногун мавҷуданд. Як қатор муаллифон чунин мешуморанд, ки тарзи ҳаёт – ин категорияи биоиҷтимоӣ мебошад, ки навъи фаъолияти ҳаётиро дар соҳаҳои маънавӣ ва моддии зиндагии инсон муайян мекунад.

Б.Н. Чумаков тарзи ҳаёти солимро ҳамчун "фаъолияти фаъоли одамон" тавсиф медиҳад, ки дар навбати аввал, ба ҳифз ва беҳтар кардани саломатӣ нигаронида шудааст. Дар ин зимн бояд ба назар гирифта шавад, ки тарзи ҳаёти инсон ва оила худ ба худ вобаста аз ҳолат шакл нагирифта, балки дар давоми зиндагӣ ба таври мақсаднок ва пайваста ташаккул меёбад. Ташаккули тарзи ҳаёти солим фишанги асосии пешгирии аввалия дар таҳкими саломатии ҷомеа аз тариқи сабк ва тарзи зиндагӣ, солимгардонии он бо истифодаи донишҳои беҳдоштӣ дар муборизаи бо одатҳои бад, рафъи ҷанбаҳои номусоиди марбут бо вазъиятҳои ҳаётӣ маҳсуб меёбад.

Барои ҳифз ва барқарорсозии саломатӣ интизории ғайрифаъол, вақте ки табиати бадан барвақт ё дер кори худро иҷро мекунад, кифоя намебошад. Ба худи инсон зарур аст, ки кори

муайянро дар самти мазкур ба анҷом расонад. Мутаассифона, аз ҷониби бештари одамон арзиши саломатӣ танҳо вақте дарк мешавад, ки агар ба саломатӣ таҳдиди ҷиддӣ ба вуҷуд ояд, ё он ба дараҷаи назаррас аз даст рафтааст, ки дар натиҷа сабаби табобат кардани беморӣ ва барқарор кардани саломатӣ ба вуҷуд меояд.

Ба назари мо, тарзи ҳаёти солим сохтори ҷамъбастшудаи маъмулии шаклҳои фаъолияти ҳаётии донишҷӯёнро инъикос намуда, ба он якпорчагӣ ва мақсаднокии равандҳои худташкилкунӣ ва худинтизомӣ, худтанзимкунӣ ва худрушддиҳӣ хос мебошад, ки ба таҳкими имкониятҳои мутобиқшавии бадан, худтатбиққунии пуразиши қуввоҳо, истеъдодҳо ва қобилиятҳои моҳиятии худ дар рушди умумифарҳангӣ ва касбӣ, фаъолияти ҳаётӣ дар маҷмӯъ нигаронида шудаанд. Тарзи ҳаёти солим барои шахсият микромуҳити иҷтимоӣ-фарҳангиеро фароҳам меорад, ки дар шароити он заминаҳо барои худбоздеҳи баланди эҷодӣ, қобилияти корӣ, серғайрати меҳнатӣ ва ҷамъиятӣ, кӯшиш, осудангии психологӣ ба вуҷуд омада, нерӯи шахсият бештар кушода шуда, раванди худтакмилдиҳии он муҳим мегардад. Дар шароити тарзи ҳаёти солим масъулият барои саломатӣ дар донишҷӯ ҳамчун қисми рушди умумифарҳангӣ ташаккул меёбад, ки дар якпорчагии хусусиятҳои услубии рафтор, қобилияти бунёди худ ҳамчун шахсият мувофиқи тасаввуроти шахсӣ оид ба ҳаёти аз ҷиҳати маънавӣ, ахлоқӣ ва ҷисмонӣ пуразиш зуҳур меёбад.

Ҳамин тариқ, зери тарбияи тарзи ҳаёти солим бояд шаклҳо ва усули маъмулии фаъолияти рӯзмараи ҳаётии инсон фаҳмида шаванд, ки имкониятҳои захиравии баданро таҳким бахшида, онро такмил дода, ҳамзамон иҷрои бомуваффақияти вазифаҳои иҷтимоӣ ва касбии худро новобаста аз вазъиятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ–психологӣ таъмин менамоянд.

Дар ҷомеаи ибтидоӣ раванди паси сар намудани шаклҳои ибтидоии ҳаёт ва ташаккули ҷомеа сурат гирифта, бар ивази ғаризаи ғамхорӣ дар бораи насл механизми ҳимояи иҷтимоии кӯдакон ба вуҷуд меояд. Дар натиҷа унсурҳои тарбияи ҷисмонӣ ба вуҷуд омада, рушд ёфта, аксарияти ҳаракатҳо ва амалҳои дорои хусусияти меҳнатӣ ва мудофиавӣ, ки дар бозиҳо ва рақсҳо ба вуҷуд меомаданд, мустақилияти нисбиро касб карда, ба як навъ машқҳои ҷисмонӣ табдил меёфтанд. Дар ин давра аввалин бор зарурати ҳифзи саломатӣ тавассути ҷорикунии тарзи дурусти зиндагӣ ба вуҷуд меояд. Аллакай дар Ҳиндустони Қадим дар асри VI пеш аз милод дар “Ведаҳо” принсипҳои асосии тарзи ҳаёти солим ифода ёфта, маслиҳатҳои оқилона оид ба нигоҳдории он оварда шудаанд.

Дар давлати Сомониён, дар Эрон мутарҷимон аз рӯйи дастхатҳои фалсафӣ ва тиббии илмӣ кор мекарданд; ба дастовардҳои илми юнонӣ ва ҳиндӣ такя карда, табибон таҳия ва коркарди масъалаҳои истифодаи машқҳои нафаскашӣ ва ҷисмонӣ, реҷаи рӯз, таъсироти психикию ҷисмонии доруворихоро идома медоданд.

Ба туфайли тибби Шарқ асарҳои олимони пешин дар соҳаи нигаҳдории саломатӣ на танҳо дар шакли аслӣ ва тарҷумаҳо маҳфуз нигоҳ дошта шуданд, балки мукаммал, низомбандӣ, ҷамъбаст ва барои омӯзиш бо забонҳои гуногун дастрас карда шуданд; ҳудуди кумаки табобатӣ ҳангоми бемориҳои зиёд густариш ёфта, имкониятҳои ҳифзи саломатӣ зимни ташкили тарзи ҳаёти ба ин мусоидаткунанда дар амалия татбиқ карда шуданд.

Тадричан амалҳою рафторҳо нисбат ба саломатӣ аз мушоҳидаи ғайрифаъол аз болои таъсири рафтор ва муҳити табиӣ – иқлимии зист ба инсон то татбиқи чораҳои аз ҷониби давлат назоратшавандаи пешгирии бемориҳои сироятии аҳолӣ мавриди тағйирот қарор гирифтанд.

Дар маҷмуъ, муқаррарсозии вобастагии вазъи саломатии инсон аз фаъолияти он боиси тасаввурот дар бораи робитаи устувор миёни саломатӣ ва тарзи ҳаёти инсони алоҳида, гурӯҳи иҷтимоӣ ё аҳолӣ гардида, ба асос барои рушди минбаъдаи муқаррароти назариявии ҳифзи саломатӣ табдил ёфт.

Арасту нисбат ба тарбияи ҷисму рӯҳ ақидаҳои ҷолиби диққат дошта, чунин мешуморид, ки ҷисм ва рӯҳи инсон ба ҳамдигар алоқамандии сахт доранд. Ӯ се шакли рӯҳро (наботӣ, иродаи матин ва хирадмандӣ) ба се раванди тарбия, аз ҷумла, ба тарбияи ҷисмонӣ, ахлоқӣ ва маънавӣ мутобиқ менамоянд.

Ба ақидаи Демокрит, машқи бадан барои ба камол расидани инсон назар ба инкишофи табиӣ афзалияти зиёде дорад.

Суқрот ҳам нишон медиҳад, ки саломатии хуб аз бисёр фалокатҳо одамро эмин медорад.

Геппократ табиби Юнони қадим оид ба иҷрои машқҳои ҷисмонӣ чунин ақида дорад, ки машқҳои ҷисмонӣ бештар барои пешгирӣ намудан ва муолиҷа кардани бемориҳои гуногун муфид мебошанд.

Албатта дар баробари хидматҳои бузург дар соҳаҳои тиб, педагогика, мантиқ, риёзиёт ва ғайра аз мутафаккирони тоҷику форс Закариёи Розӣ ва Абӯалӣ ибни Сино нақши хеле барҷаста доранд [44].

Тибқи ифодаи Алиасғари Ҳалабӣ "Пизишкӣ набуд, Буқрот онро ба вуҷуд овард, мурда набуд – Ҷолинус онро зинда кард, пароканда буд – Розӣ онро фароҳам овард, ноқис буд – Ибни Сино онро комил кард".[80]

Абӯалӣ ибни Синоро метавон асосгузори илми варзиш ва тибби варзишӣ номид, зеро дар баробари давою дармон бахшидан ба воситаи дору Ибни Сино ба варзиш машғул шуданро талқин намудааст.

Ин абармарду мутафаккири барҷаста иброз доштааст, ки:

"..аз миёни синни кӯдакӣ то синни рушд аз варзиши сахт бипарҳезанд ва ба эътидол варзиш кунанд".

Аз ин бармеояд, ки дар ин масъала Шайхурраис Ибни Сино аҳамияти ҷиддӣ дода, ба кадом намуди варзиш машғул шудани кӯдаконро низ гуфта додааст.

Дар баёни тадбири муштарак миёни болиғон пешниҳод менамояд:

" бештари тадбири нигоҳдории тандурустӣ варзиш кардан, сипас тадбири ғизо ва аз паси он тадбири хоб аст".

Бале, варзиш, ғизои дуруст ва хоб асоси саломатӣ мебошанд, аммо онҳо дар ҳаёти ҳамарӯзаи донишҷӯйӣ ва раванди таҳсилотӣ ба таври кофӣ дастрас намегарданд. Сабабҳои асосии он носозгории раванди маърифатӣ, зиёд будани сарбориҳои таълимӣ ва мутобиқ набудани донишҷӯён ба шароити таълим мансуб меёбанд.

Тарзи ҳаёти солимро метавон ҳамчун пойгоҳи пешгирии бемориҳо баррасӣ кард.Он ба рафъи омилҳои мухталифи хавф, аз қабили: ғайрифаъолӣ, сатҳи пасти фарҳанг, сатҳи пасти фаъолияти ҷисмонӣ, ғизои носолим ва номутаносиб, сатҳи пасти фаъолият ва фарҳангии иҷтимоӣ, истеъмоли машруботи спиртӣ, тамокукашӣ, истеъмоли маводи мухаддир, муносибатҳои муташанниҷ дар оила ва ғайра нигаронида шудааст.

Тарзи ҳаёти солим тарзи ҳаёти оқилона аст, ки хусусияти муҳимми он фаъолияти фаъолона барои нигоҳ доштан ва беҳтар намудани саломатӣ мебошад. Тарзи ҳаёт, ки ба саломатии ҷамъиятӣ ва фардӣ мусоидат мекунад, асоси пешгирии бемориҳо буда, ташаккули он вазифаи муҳимтарини сиёсати иҷтимоии давлат дар амри ҳифз ва мустаҳкам намудани саломатии мардум мебошад.

Аз нигоҳи Абӯалӣ Сино усули эътидоли ҳаракат аз рӯйи каммият, ҳангоми риёзати бадан, на тӯлонии хастакунанда ва на тамоман кӯтоҳ бошад. Аз рӯйи сифат он набояд, шадид бошад, зеро гарчанде кӯтоҳ идома ёбад ҳам, тулонӣ менамояд, инчунин набояд суст бошад, чунки гарчанде тул кашад ҳам, кӯтоҳ менамояд.

Тарзи ҳаёти солим дар раванди зиндагӣ яке аз фаъолияти фаъоли ҳаракатнокӣ буда, тадриҷан раванди пиршавиро боз медорад.

Маълум аст, ки баъди 25 солагӣ истеъмоли максималии оксиген дар ҳар як даҳсола то 8% кам мешавад, ки асосан бо маҳдудшавии фаъолнокии ҷисмонӣ асоснок шудааст. Дар одамони аз ҷиҳати ҷисмонӣ фаъол бошад, ин нишондиҳанда 4% - ро ташкил медиҳад, яъне дар онҳо равандҳои пиршавӣ боз дошта мешаванд.

Бинобар ин, тарғибу ташвиқи тарзи ҳаёти солим ва машғул шудан ба варзиш дар ҳама марҳилаҳои ҳаётӣ; кудакӣ, ҷавонӣ ва калонсолӣ муҳим ва зарур аст.

Фаъолияти мушакҳо шарти асосии инкишофи функсияҳои таҳрикавӣ ва вегетативии организми инсон дар тамоми марҳилаҳои фаъолияти ҳаётӣ мансуб меёбад.

Дар зери таъсири машқҳои мунтазами ҷисмонӣ дар мубодилаи моддаҳо тағйироти назаррас ба амал омада, вазифаи секретсияи дохилӣ меафзояд. Дар инсон иштиҳо, вазифаи ҳаракатӣ, секреторӣ ва кимиёвии меъдаю рӯда беҳтар гардида, рӯҳияи психологӣ баланд мешавад.

Аҳамияти фаъолияти мушакҳо дар биология ва физиологияи мушакҳо ба андозае бузург аст, ки онро ҳамчун аломати асосии ҳаёт баҳо медиҳанд.

Мунтазам ба варзиш машғул шудан ва истифода бурдани воситаҳои варзишӣ бо мақсади солимгардонии тиббӣ барои то 15-25% кам намудани бемориҳои музмин, инчунин 2-4 маротиба кам шудани муроҷиат ба кумаки аввалияи тиббӣ назар ба дигар қисмати аҳолӣ, ки ба варзиш майлу рағбат надоранд, имконият медиҳанд.

Чунончӣ Абӯалӣ Сино мефармояд: “Агар шахс мунтазам ба варзиш машғул шавад, вай ба дору ва табиб эҳтиёҷ надорад”.

Ҳар ки мувофиқ шавад, то варзишро ба эътидол ва андар вақти худ ба кор барад, аз ҳар гуна муолиҷае бениёз хоҳад шуд, ки ба тақозои бемориҳои моддӣ ва бемориҳои мизоҷии аз паси онҳо оянда лозим гардад. Ин (тавфиқ) ҳангоме хоҳад буд, ки дигар тадбирҳояш созгор ва дуруст бошанд.

Бале, меъёр ва реҷаи муайяни ба варзиш машғул шудан кафолати солимии инсон аст. Варзиш шахсро пеш аз ҳама чолоку зирак, таҳамтану қавиирода ва дурандешу сабур мегардонад.

Қайд бояд кард, ки дар ҳолати оромӣ ба шуш 5-9 литр ҳаво дар 1- дақиқа дохил мешавад. Варзишгаре, ки мунтазам машқу тамрин мекунад, дар муддати 10-11 дақиқа аз шушаш 150 - литр ҳаво хориҷ мекунад, яъне 15 - маротиба аз меъёр зиёд. Ин маънои онро дорад, ки теъдоди зиёди шахсони мунтаззам ба варзиш машғулшаванда ба бемории илтиҳоби шуш гирифтор намешаванд. [9]

Аз ин рӯ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш яке аз манбаъҳои асосии ҳаёти солим ба шумор меравад.

Саломатии инсон – ин падидаи хеле мураккаби ҳастии умумиинсонӣ ва фардӣ мебошад. Имрӯз шубҳае нест, ки он маҷмуӣ мебошад, зеро аз амали мутақобилаи омилҳои сершумори мураккаби хусусияти ҷисмонӣ ва психикӣ, иҷтимоӣ ва инфиродӣ буда, бештар аз сифатҳои фалсафии инсон низ вобаста мебошад.

Солимии ҷисмонӣ ҳолу аҳволи хуб, бардамӣ, қувва ва солимии психикӣ бошад, оромӣ, рӯҳияи болида, меҳрубонӣ, шодмонӣ ато мекунад. Солимии иҷтимоӣ муваффақиятро дар таълим, иҷтимоишавӣ ва рушд таъмин менамояд.

Тарзи ҳаёти солим – ин маҷмуи тамоилҳо, муносибатҳо, одатҳо, реҷа, оҳанг ва суръати арзишии саломатӣ буда, он ҳифзкунандаи ҳаёт мебошад, ки ба таҳким ва ҳифзи саломатӣ, ташаккул, такрори истеҳсоли оптималии солимӣ дар раванди таълим ва тарбия, муошират, бозӣ, истироҳат ва интиқоли он ба наслҳои оянда мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, ташаккули тарзи ҳаёти солим – ин раванди мураккаби низомӣ буда, ҷузъҳои сершумори тарзи ҳаёти ҷомеаи муосирро фаро мегирад. Он соҳаҳо ва самтҳои асосии фаъолияти ҳаётии донишҷӯро дар бар мегирад.

Яке аз меъёрҳои солимии ҷисмонии ҷомеа тамоюли ҷавонон ба фаъолияти ҳифзи саломатӣ маҳсуб меёбад. Пайдоиши касбҳои нав, ки ба мутахассисони бо сатҳи баланди рушди хусусиятҳои функсионалӣ ва сифатҳои ҳаракатӣ ба назар гирифта шудааст, дар назди омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ вазифаи асосӣ, фароҳам овардани шароити психологӣ–педагогиро барои татбиқи бомуваффақияти муносибати муҳимтарин дар раванди таҳсилотӣ ба усулҳои ҳифзи саломатии фаъолияти ҳаётӣ мегузорад.

Мафҳуми “ҳифзи саломатӣ” дар педагогика ва тиб аз солҳои 90–уми асри XX бо мақсади инъикоси хусусиятҳои муносибатҳо ба ҳифз ва таҳкими саломатии ҷомеа, хусусан, насли ҷавон аз тариқи хусусиятҳои ташкили фаъолияти таълимӣ ва тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилот мавриди истифода қарор гирифт.

Т.И. Прокопенко менависад, ки ҳифзи саломатӣ – ин рафтори беҳдоштие мебошад, ки дар риояи меъёрҳои санитарӣ–беҳдоштӣ асос ёфта, ба ҳифз ва таҳкими саломатӣ ва ноилшавӣ ба дараҷаи баланди қобилияти корӣ нигаронида шудаанд.

Бояд қайд кард, ки алоқа байни вобастагии мутақобилаи ҳифзи саломатӣ ва фаъолнокии ҷисмонӣ шубҳа ё тафовуте вуҷуд надоранд ва мантиқи ин равандҳо бошад бо ҳамдигар мувофиқат мекунад. Ғамхорӣ дар бораи таҳкими саломатӣ, пеш аз ҳама, ғамхорӣ дар бораи ҳамоҳангӣ ва мукаммалии қувваҳои ҷисмонӣ ва маънавӣ мебошад.

Аммо, фаъолнокии ҷисмонӣ ҳамчун қисми ҷудонашавандаи таркибии ҳифзи саломатӣ ба тарбияи ҷисмонӣ танҳо ба таври мутавозӣ бо асосноккунии назариявӣ интиқол меёбад. Вазифаи педагогӣ аз он иборат аст, ки ба ақидаи Н.И. Пирогов, “ба тамоюлҳои табиии инсон самти муносиб” дода шавад. Чунин муносибат ташаккули муносибати босаводонаро ба бадани худ, таҳким ва ҳифзи саломатӣ таъмин намуда, ба тарбияи сифатҳои зарурии маънавию иродавӣ мусоидат менамояд.

Дар асоси гуфтаҳои боло, оид ба имконнопазирии дуруст фаҳмидани ҳифзи саломатӣ, агар аз ибтидо танҳо бар тасаввурот дар бораи фаъолнокии ҷисмонӣ асос ёфта шавад, хулоса баровардан лозим аст, ки ҳифзи саломатӣ – ин раванди мураккаб буда, аз маҷмуи чорабиниҳои гуногуни ба таври махсус ташкилшудаи тарбияи ҷисмонӣ – беҳдоштӣ,

таҳсилотӣ ва тарбиявӣ иборат мебошад, ки ба фаъолноксозии имкониятҳои мутобиқшавии бадан ва нигоҳдории вазифаҳои он нигаронида шудаанд.

К.Д. Ушинский дар амалияи педагогии худ ба машқҳои ҷисмоние, ки бо мақсади таҳкими саломатӣ истифода мешаванд, диққати калон медод. Ӯ бори аввал муносибати навро ба таълими касбӣ истифода бурд, ки таҳсилот ва тарбияро дар асоси истифодаи донишҳо дар бораи хусусиятҳои физиологӣ, анатомӣ ва психикии бадан муттаҳид сохт. К.Д. Ушинский чунин меҳисобид, ки ҳалли масъалаҳои таълим, тарҳрезии раванди таълимӣ ва ташкили чорабиниҳои тарбиявиро ба хусусиятҳои хосси рушди психикаи таълимгирандагон дар даврaҳои гуногуни синнусолӣ нисбат додан зарур аст.

Нақши махсус дар ҳалли масъалаҳои ҳифзи саломатӣ ба П.Ф. Лесгафт тааллуқ дорад. Бо номи ӯ ҷорикунии мафҳуми "таҳсилоти ҷисмонӣ" ба амалияи педагогӣ алоқаманд аст. П.Ф. Лесгафт таъкид мекард, ки вазифаи тарбияи ҷисмонӣ аз ташаккули инсони ба таври ҳамоҳанг рушдёфта асосан бо роҳи таълими истифодаи бошууронаи донишҳо ва малакаҳои гирифташуда дар амалияи ҳаётӣ иборат мебошад. Таҳсилоти ҷисмонии П.Ф. Лесгафт ба асоси фаъолияти ҳифзи саломатӣ, бо тамоюл додани ҷавонон ба истифодаи муносибати эҷодкорона ба масъалаҳои ташкили мустақилонаи фаъолнокии ҷисмонӣ табдил ёфт. Аз ин бармеояд, ки ташаккули инсони ҳамаҷониба рушдёфта танҳо ба шарти дарки ҳаёти шахсии худ аз мавқеъҳои арзиши ҳаёт имконпазир аст.

Ба ақидаи мо, П.Ф. Лесгафт асосҳои назариявии ҳифзи саломатиро дар машғулиятҳои ҷисмонӣ муайян карда, муносибати ҳавасмандӣ – арзиширо ба таҳсилоти ҷисмонӣ асоснок намудааст.

Тасаввуроти П.Ф. Лесгафтро дар бораи нақши бузурги ҳавасмандагардонии тарзи ҳаёти солим далелҳои аз ҷониби И.М. Сеченов исботшуда оид ба зарурати омезиши фаъолияти меҳнатӣ ва истироҳати фаъол тақвият бахшиданд. Кашфиёти И.М. Сеченов барои кушода додани қонуниятҳои фаъолият ва рушди бадан, инчунин барои ташаккули асосии табиатшиносии тарбияи ҷисмонӣ аз аҳамияти калон бархӯрдор буданд. Ӯ исбот кард, ки машқҳои ҷисмонӣ на танҳо ба дастгоҳи такягоҳӣ–ҳаракатӣ, инчунин ба низоми психикаи инсон таъсир расонида, муносибати онро ба шахсияти худ, муҳити атрофи иҷтимоӣ ва табиӣ аз мавқеъҳои нигоҳдории устувории мутобиқшавии бадан ташаккул медиҳад.

Маълумоти аз ҷониби мо овардашуда аз зарурати ҷустуҷӯйи минбаъдаи технологияҳои ҳифзи саломатӣ, ки ба баланд бардоштани сатҳи саломатӣ, қобилияти ҷисмонии кории донишҷӯён ва ташаккули ҳавасмандӣ дар донишҷӯён ба фаъолияти ҳаётии ҳифзи саломатӣ бо истифода аз барномаҳои илман асоснокшудаи тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ нигаронида шудаанд, иборат мебошад.

Марҳилаи муҳимми ҳалли масъалаҳои ташаккули ҳавасмандии ҳифзи саломатии донишҷӯён асосноккунии назариявӣ ва педагогии моҳияти он ҳамчун предмети таҳқиқот маҳсуб меёбад.

Аз ин рӯ, фаъолияти тарбияи ҷисмонӣ–солимгардонӣ бояд ба асоси ҳифзи саломатӣ инчунин барои он табдил ёбад, ки стратегияи муосири солимгардонии аҳолӣ на дар қабули ғайрифаъолонаи чорабиниҳои аз ҷониби мақомоти тандурустӣ гузаронидашаванда, балки дар муносибати фаъолона ба ғамхорӣ дар бораи саломатии шахсии худ, дар кӯшиш ба худтакмилдиҳии ҷисмонӣ ва гузаронидани тарзи ҳаёти солим асос меёбад.

Ташаккули ҳавасмандиҳои донишҷӯён ба ҳифзи саломатӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарини раванди таҳсилотӣ ва тарбиявӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ маҳсуб меёбад. Ҳифзи саломатӣ неруи водоркунандаи худро танҳо дар робита бо талабот ва хоҳишҳои донишҷӯён ба даст меорад. Ҳавасмандӣ ба ҳифзи саломатӣ дар раванди фаолияти маърифатӣ ташаккул ёфта, бо ҳадафмандӣ ба тарзи ҳаёти солим ва некӯаҳволии иҷтимоӣ тавсиф меёбад.

Таҳлили адабиёти илмӣ имкон дод, ки дар мазмуни ҳифзи саломатӣ ҷузъҳои зерин фарқгузорӣ карда шаванд: 1) солимгардонӣ; 2) психологии ҷисмонӣ; 3) маърифатӣ; 4) иҷтимоӣ–ахлоқӣ; 5) касбӣ.

Ҳар яке аз ҷузъҳои ҳифзи саломатӣ дар асоси худ дорои ангезаҳои мушаххасро мебошад:

ангезаҳои аз нобарорӣ канорачӯйӣ кардан: инсон ягон амалро иҷро намекунад, медонад, ки амалҳои муайян боиси таҳдид ба ҳаёт ва саломатии он мегарданд;

ангезаҳои тобеъкунӣ: инсон ба қонунҳои ҷомеа тобеъ мешавад, барои он ки ӯ мехоҳад узви пуразиши ҷомеа бошад;

ангезаҳои гирифтани лаззат: инсони солим хурсандиро аз зиндагӣ ҳис карда, барои таҷриба кардани ҳисси он кӯшиш мекунад, ки саломатии худро нигоҳ дорад;

ангезаҳои худрушддиҳии ҷисмонӣ: ба даст овардани имконияти идоракунии бадани худ ва эҳсоси қаноатмандӣ аз фаъолияти ҷисмонӣ;

ангезаҳои муошират: кӯшиш ба шинохтан ва арзёбии одамони дигар ва тавассути ин – ба худогоҳӣ ва хештаншиносӣ;

ангезаҳои худтатбиқкунӣ: кӯшиш ба ҳамоҳангии шахсии худ, ноилшавӣ ба мақсадҳои гузошташуда, ризоияти ботинӣ ва тавозуни маънавӣ;

ангезаҳои болоравии иҷтимоӣ: дарки ин аз он ифода меёбанд, ки саломатии хуб – ин шарти зарурии ноил шудан ба зинаҳои баланди иҷтимоӣ мебошад.

Ҷузъи солимгардонии ҳавасмандӣ дар ангезаҳои худрушддиҳии ҷисмонӣ асос ёфта, ба баландбардории умумии омодагии инсон ва ҳолати функсионалии бадан нигаронида шудааст. Барои ин пешниҳод мешавад, ки машқҳои ҷисмонӣ дар омезиш бо маҷмуи воситаҳои солимгардонӣ истифода шавад, ки ин ба бозсозии низомҳои физиологӣ ва беҳтаршавии мутобиқшавии ҷомеа ва ҷавонон ба фаъолияти таълимӣ мусоидат менамояд.

Барои некӯаҳволии хуб, баланд бардоштани таъсирбахшии амалҳои ҳаракатӣ, муътадилсозии хароҷоти энергия сарбориҳои аэробии бо суръатнокии муътадил зимни басомади тапиши дил то 12 зарба дар як дақиқа бо давомнокии то 1,5 соат дар як рӯз тавсия карда мешавад.

Ҷузъи психофизикии ҳавасмандии ҳифзи саломатӣ дар ангезаҳои худтатбиқкунӣ ва майл ба лаззат асос меёбад. Шубҳае нест, ки машқҳои ҷисмонӣ ба беҳтаршавии солимии ҷисмонӣ ва психикӣ мусоидат менамоянд, ки ин боиси баланд гардидани фаъолият ва рушди ҳавасмандӣ ба ҳифзи саломатӣ мегардад. Дар ин ҷузъ гурӯҳи омилҳое муттаҳид мешаванд, ки ба ақидаи мо онҳоро ба зебоишиносии намуди зоҳирӣ нисбат додан мумкин аст. Зимнан, ангезаи кам кардани вазни ҷисм ва ислоҳи қадду қомат барои машғул шудан бо тарбияи ҷисмонӣ хеле зарур маҳсуб меёбанд.

Ҷузъи муҳимми таркибии омодакунии ҷомеа зоҳир кардани эҳсосоти мусбат дар давраи таълим мебошад. Худи донишҷӯ бояд дарк кунад, ки сарбориҳои ҷисмонӣ барои ӯ барои таҳкими саломатӣ ва ба даст овардани лаззатҳо аз машғулиятҳои таълимӣ зарур мебошанд. Исбот карда шудааст, ки маҳз аз омодагии ҷисмонӣ сатҳи устувории психологӣ ба таъсироти гуногуни стрессӣ вобаста мебошад.

В.И. Сиваков ба назарияи педагогӣ мафҳуми “тобоварӣ”–ро ворид кард, ки маънои муқобилият ба стрессро дорад ва баъзе олимони дигар бошанд, фаъолияти солимгардониро ҳамчун фаъолияти муассиртар ба ҳавасмандии психофизикии ҳифзи саломатӣ таъриф мекунанд.

Ҷузъи маърифатии ҳифзи саломатӣ аз навъи махсуси фаъолияти одамон иборат аст, ки дар он ангезаҳои муайянкунанда ҳамчун ангезаҳои ба даст овардани донишҳо, муошират, касби одатҳои муфид ва сайқал додани низоми муҳофизат аз омилҳои номусоиди муҳити атроф шуморида мешаванд.

Ҷузъҳои муҳимтари таркибии устувории психологии шахсият эътиборнокии мақоми иҷтимоӣ, доираи васеи муошират, эҳсоси муҳимияти худ ва озодӣ ба шумор мераванд.

Ҷузъи иҷтимоӣ–ахлоқии ҳавасмандӣ ба ҳифзи саломатӣ дар мақоми афзалиятноки вазифаҳои иҷтимоии шахсият дар миёни ангезаҳои дигар асос меёбад. Ин ҷузъ умумият фаъолияти ҳифзи саломатӣ, саъю талош ба омӯзиши сатҳи саломатӣ ва рушди ҷисмонии худ, назорати нишондиҳандаҳои муҳими бадан ва аз ҳама асосӣ, омодагии ҷавононро ба рушд ва баланд бардоштани пайвастаи неруи ҳаётии худ инъикос менамояд.

АДАБИЁТ:

1. Абӯалӣ ибни Сино. Қонуни тиб. Китоби 1. Андар умури ҳамагонии пизишкӣ. - Душанбе: Сарредаксияи илмии Энқиклопедияи Советии Тоҷик,1991.

2. Абӯалӣ ибни Сино. Рафъи кулли маразҳо аз бадани инсон.С.28 Душанбе ”Ирфон” 1991с.

3. Я. Ю. Абрамов. Бозии халқии чавгонбозӣ. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2016с. С 10 – 12.

4. Адылова, Н.М., Азимов, Р.И. Особенности формирование здорового образа жизни среди населения / Н.М. Адылова // Молодой ученый. – 2015. – №11. С. 618-622.

5. Айзман Р.И. Основы медицинских знаний и здорового образа жизни: учебное пособие / Р.И. Айзман. – 2-е изд., стер. – Новосибирск: Сиб. унив. изд-во, 2012. – 214 с.

6. Алексеева Е.Н. Педагогические условия валеологиче–ской подготовки студентов в процессе физического воспитания: дисс. к. пед. н. / Е.Н. Алексеева. – Ставрополь: СевКавГ–ТУ, 2006. – 160 с.

7. Алешина Л.И. Формирование мотивации здорового образа жизни будущего учителя в процессе профессиональной подготовки: дис. канд. пед. наук / Л.И. Алешина. – Волгоград, 1998. – 208 с.

8. Аникеева Н.Г. Формирование здоровьесберегающей компетенции студентов. 2015. №9.2 (69). С.651 – 660.
9. Арестов Ю.М. Физическая культура и здоровье. – М., 1995.
10. Артемьева Л. О. Здоровьесберегающие технологии комплексного сопровождения детей, оставшихся без попечения родителей // Здоровьесберегающие технологии в образовательном процессе: проблемы и перспективы / Под ред. Л. О. Артемьевой. – Пенза: АНОО Приволжский Дом знаний, 2009. С. 4–6.
11. Ахутина Т.В. Здоровьесберегающие технологии обучения: индивидуально– ориентированный подход // Школа здоровья. 2000г. Т. 7.№ 2. С.21 – 28.
12. Бернштейн Н.А. Очерки по физиологии движений и физиологии активности. – Москва: Медицина, 1968.
13. Болгов В.Н., Семенов С.А. Педагогические условия, необходимые для повышения качества образовательного процесса по физической культуре в вузах // Ученые записки университета // Современные наукоемкие технологии., 2016. № 12–1. С. 161–165; URL: https://www.top–tech?id=36494 (дата обращения: 17.05.2017).
14. Бондин В. И.. Здоровьесберегающие технологии в системе высшего педагогического образования // Теория и практика физической культуры. № 10, 2004.
15. Борозенцева Л. А. Здоровьесберегающие технологии в условиях современной российской образовательной системы // Высшее образование: опыт, проблемы, перспективы / Под ред. А. П. Гаевой, С. Н. Жирякова, В. М. Полякова. – Белгород: ГОУ ВПО Белгородский государственный технологический университет им. Шухова В. Г., 2008. С. 31.
16. Борщёва И. В. Психологические проблемы здоровьесбережения студентов СГА // Здоровьесберегающие образовательные технологии: материалы междисциплинарной научно–практической конференции / Отв. ред. Е. В. Усова. – М.:СГА, 2007. С. 57.
17. Бундин М.В., Кирюшкина Н.Ю. Формирование общекультурных компетенций у студентов вуза: Учебное пособие. Нижний Новгород, 2012. – 64 с
18. Бурханова И.Ю. Формирование физической культуры личности студентов с особыми образовательными потребностями в процессе адаптивного физического воспитания // Стратегические линии развития инклюзивного высшего образования на современном этапе сборник статей по материалам Международной научно–практической конференции. Нижегородский государственный педагогический университет имени Козьмы Минина. – 2018. С. 161–166.
19. Валетов М.Р. Формирование здоровьеориентированной направленности личности студентов в процессе физического воспитания: автореф. дис. канд. пед. наук.– Челябинск, 2006.– 24 с.
20. Васильков В.Г. Физическое воспитание, как средство целостного развития личности студента вуза: Дис канд. пед. наук. СПб. 2003. – 174 с.
21. Визитей Н. Теория физической культуры: к корректировке базовых представлений. – М.: Советский спорт, 2009. – 189 с. С. 15.

ТАҲЛИЛИ ҶАНБАҲОИ ПЕДАГОГИИ МОҲИЯТИ МУҲИТИ ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМ ДАР ҶОМЕА

Муаллиф ҷузъи касбии ҳавасмандгардонӣ ба ҳифзи саломатиро аз ангезаҳои ноилшавӣ ба муваффақият дар фаъолияти ояндаи касбӣ маънидод менамоянд. Мақсади ин ҷузъ расонидани кӯмак ба ҷавонон дар омӯзиши қобилиятҳои шахсии ӯ, муайянкунии вариантҳои банақшагирии сарборӣ, ҷудокунии воситаҳо ва методҳои муассиртари фаъолияти солимгардонӣ мебошанд. Технологияҳои солимгардонӣ заминаҳоро барои инкишофи касбӣ аз тариқи чунин омилҳо, аз қабили таҳкими саломатӣ, ташаккули устувории мутобиқшавии бадан, рушди сифатҳои ҷисмонӣ ва маънавӣ–иродавӣ фароҳам меоранд. Дар ин зимн маҷмуи махсуси методикаҳои солимгардонӣ бо назардошти хусусиятҳо, ихтисоси интихобшуда, маълумоти мушаххас оид ба бадани ҷавонон зарур мебошад.

Ба хулосаи муаллиф ҳавасмандӣ ба ҳифзи саломатӣ низоми дорои сохтори муайяне мебошад, ки бо мақсад ва вазифаҳо муайян гардида, аз маҷмуи ҷузъҳое иборат мебошад, ки имкон медиҳанд таъсири солимгардонӣ ба даст оварда шавад.

Ҳамаи ҷузъҳо аз ҷиҳати диалектикӣ бо ҳамдигар алоқаманд буда, низоми ягонаи сохторишударо ташаккул медиҳанд. Чунин муносибат имкон медиҳад пайдарпайии ташаккули ҳавасмандии дахлдор ба ҳифзи саломатӣ арзёбӣ карда шавад.

Зимни самаранокии азхудкунии арзишҳои фаъолияти тарбияи ҷисмонӣ–солимгардонӣ дархостҳои ҷомеа ва ҳар як инсонро дар ин соҳа арзёбӣ кардан мумкин аст. Зимнан, арзишҳои бозхостшуда ба ангезаҳои ба ҳифзи саломатӣ табдил ёфта, қувваи водоркунандаро касб мекунанд.

Бинобар ин, муносибат ба арзишҳои фаъолияти тарбияи ҷисмонӣ–солимгардонӣ зимни ба вуҷуд омадани робитаҳои мутақобила миёни ҷузъҳои ҳифзи саломатӣ зуҳур ёфта, ангезаҳои ҳифзи саломатӣ имкониятҳои фаъолияти солимгардониро дар ҷомеа такмил медиҳанд.

Калидвожаҳо: *фаъолият, самаранокӣ, касбӣ, солимӣ, ҷавонон, тарзи ҳаёти солим, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ҷомеа, ҳифзи солимӣ.*

АНАЛИЗ ПЕДАГОГИЧЕСКИХ АСПЕКТОВ СУЩНОСТИ ЗДОРОВОЙ СРЕДЫ ЖИЗНИ В ОБЩЕСТВЕ

Автор включил компонент мотивации здравоохранения как мотив достижения успеха в будущей профессиональной деятельности. Целью этого компонента является оказание помощи молодёжи в обучении его личных способностей, определения вариантов, планирования нагрузки, выделение более эффективных средств и методов оздоровительной деятельности. Оздоровительные технологии являются основой для профессионального развития за счет таких факторов, как укрепление здоровья, формирование выносливости адаптация тела, развитие волевых физических и духовных качеств при этом создается специальный комплекс оздоровительных методик с учетом особенностей.

Ключевые слова: *деятельность, эффективность, профессионализм, здоровье, молодёжь, стиль жизни, здоровый образ жизни, физическая культура и спорт, общество, здравоохранения.*

ANALYSIS OF PEDAGOGICAL ASPECTS OF THE ESSENCE OF A HEALTHY LIFESTYLE ENVIRONMENT IN SOCIETY

The author included a component of health motivation as a motive for achieving success in future professional activities. The purpose of this component is to assist young people in learning their personal abilities, identifying options, planning the load, identifying more effective means and methods of health activities. Health technologies are the basis for professional development due to such factors as health promotion, developing endurance, body adaptation, developing volitional physical and spiritual qualities, while creating a special set of health methods taking into account the features.

Keywords: activity, efficiency, professionalism, health, youth, healthy lifestyle, physical education and sports, society.

Маълумот дар бораи муаллиф: *Давлатзода Сарвиноз Абдумалик – мудири шуъбаи фанҳои технологияи меҳнат, тарбияи ҷисмонӣ, омодагии ибтидоии ҳарбӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсӣ, назди Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии академияи таҳсилоти Тоҷикистон E-mail; sarvinoz.davlyatboyeva@mail.ru Тел: (+992) 970658383*

Сведения об авторе: *Давлатзода Сарвиноз Абдумалик - заведующий отдела дисциплин технологии труда, физическое воспитание, начальная военная подготовка и пересмотр и совершенствование стандартов, учебных программ и учебников при Институте развития образования им. Абдурахмона Джами Академии образования Таджикистана, E-mail; sarvinoz.davlyatboyeva@mail.ru Телефон: (+992) 970658383*

Information about the author: *Davlatzoda Sarvinoz Abdumalik – administrator of the Department of technical disciplines labor, physical training, primary training, revision and improvement of the standard, educational and methodological programs, at the Abdurakhmon Jami Institute of Education of the Academy of Education of Tajikistan. E-mail; sarvinoz.davlyatboyeva@mail.ru Phone: (+992) 970658383*

НАҚШИ МАКТАБ ДАР ТАРБИЯИ МЕҲНАТИИ ХОНАНДАГОН

Исломиддинова С.
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Меҳнат манбаи мавҷудияти инсон ва ҷамъият, манбаи неъматҳои моддию маънавӣ мебошад. Меҳнат ва одамон аз ҳамдигар ҷудонашавандаанд. Меҳнат ба рушди ҷисмонӣ, руҳӣ ва маънавии инсон мусоидат менамояд. Роҳи тараққиёти инсон аз аввалин асбобҳои сангин, асбобҳои аз чӯбу устухон сохташуда оғоз ёфта, то киштиҳои фалакпаймоҳро фаро мегирад, ки ин ҳам офаридаҳои инсон буда, дар натиҷаи ташаккулу тарбияи меҳнатии ӯ рӯйи кор омадаанд.

Ташаккули инсон ҳамчун шахсият, худмуайянкунии ӯ дар шинохти олами атроф аз лаҳзаи таваллуд сар шуда, дар давоми зиндагӣ дар вобастагии зич бо ӯ ва меҳнати ҷамъиятии ӯ сурат мегирад. Даврони мактабӣ давраи инкишофи беандозаи истеъдод, қобилият, маҳорат ва малакаҳои инсон мебошад, ки ӯ баъдан онро дар ҳаёт татбиқ карда, ба он ислоҳу дигаргуниҳо ворид месозад. Аз ин рӯ, масъалаҳои тарбияи меҳнатӣ дар мактаб аҳамияти махсус дорад.

Стандартҳои таълимӣ дар назди мактаби ҳозиразамон вазифаҳои муҳимми муайян намудани қобилиятҳои индивидуалии хонанда, рушди онҳо, ба ҳаёти реалӣ омода кардани кӯдак ва ҳамчун шахсияти фаъол тарбия намудани ӯро ба миён мегузоранд.

Дар мактаби имрӯза хонандагон танҳо дар асоси оқилона ба ҳам пайвастани кори таълиму тарбия бо фаъолияти амалии татбиқшавандашон бомуваффақият ташаккул меёбанд. Дуруст ба роҳ мондани тарбияи меҳнатӣ дар мактаб, иштироки бевоситаи хонандагон дар меҳнати фоиданоки ҷамъиятиву истеҳсолӣ омили самарабахшест барои хонанда дар расидан ба камолоти шахрвандӣ, рушд намудани ӯ аз ҷиҳати ахлоқӣ ва зеҳнӣ, инкишофи ҷисмонӣ. Педагоги варзида П.П. Блонский дар асари худ «Ташкили меҳнат ҳамчун фанни таълимӣ дар мактаб» ба меҳнати фоиданоки мактаббачагон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, қайд

кардааст, ки таълими мактаббачагон бояд ба меҳнати ҷамъиятии онҳо асос ёбад. Дар ин ҳолат мактаб амалу тарбияро бо ақл ба ҳам мепайвандад, ирода ва заковатро дар ҳамбастагӣ бо маводи таълимӣ ва дар ҷараёни таълимӣ тарбия мекунад[1, с.5-7]. Маҳз дар мактаб муайян карда мешавад, ки барои тақдири минбаъдаи хатмкунандагон дар кадом соҳаи фаъолият ба онҳо маҳорату малакаи меҳнатӣ лозим аст. Аз ин ҷост, ки унсури тарбияи меҳнатӣ дар таълими мактаб як тамоюли хеле муҳими педагогӣ дониста мешуд ва мешавад.

«Таълими меҳнат, ба маънои васеаш, барои омода сохтани мутахассис ё ичрокунандаи соҳибихтисоси ҳаматарафае, ки аз ин ё он ҷиҳат бо истеҳсолоти моддӣ ё соҳаи хизматрасонӣ дар ҳамаи соҳаҳо алоқа дорад, равона карда мешавад. Фаҳмиши маҳдуди ин гуна таълим ба сатҳи ҳозираи тараққиёти истеҳсолот, илм ва техника мухолиф аст. [10, с.23.]. Инро низ қайд кардан лозим аст, ки дар айни ҳол дар мактаб базаи таълимию моддии меҳнатӣ таъмин карда намешавад. Диққати асосӣ дар ҷараёни таълим дар марҳалаи ҳозира ба инкишоф додани қобилияти индивидуалии талабагон, вусъат додани таълими тафриқавӣ мувофиқи эҳтиёҷот ва майлу рағбати хонандагон танҳо тавассути таълими меҳнат дар ҳамгироӣ бо ҳамаи фанҳои таълимшаванда ва таъмин намудани талаботи прогресси илму техника бо мувофиқати дараҷаи маълумоти миёна равона карда шудааст. Аз ин рӯ, дар айни ҳол масъалаҳои таълими умумии меҳнатии хонандагон, ки ояндаи кишвар ба дониш, маҳорат, мақсад, хоҳиш ва саъю кӯшиши онҳо вобаста аст, аз ҳарвақта дида бештар муҳимият касб мекунад.

Масъалаи тарбияи меҳнатии хонандагон ва роҳнамоии ин тарбия дар касбомӯзии онҳо ҳамеша масъалаи умда ва доимамалкунандаи соҳаи педагогика ба шумор меравад. Аз ҷумла, педагогони варзидаи умумибашарӣ А.В. Луначарский, А. Макаренко, В. Сухомлинский таваҷҷуҳро ба он ҷалб кардаанд, ки маънавият бояд тавассути тарбияи меҳнатӣ ва роҳнамоии касбии ҷавонон, яъне худи идеяи меҳнат то ба дараҷаи «талаботи маънавиёт», ки бо илҳом, эҷодкорӣ, покии ахлоқ, дарк намудани арзиши ҷамъиятии он алоқаманд аст, бардошта шавад [10, с.]. Педагоги машҳур В. Сухомлинский навишта буд, ки вақте меҳнат ба ҳаёти маънавии хонандагони мо дохил мешавад, тарбиятгари бузург мегардад, ба дӯстию рафоқат шодӣ мебахшад, ҷустуҷӯ ва кунҷковиро инкишоф медиҳад, боиси шодии ҳаяҷонбахши бартараф намудани душвориҳо мегардад, дар ҷаҳон зебоии навро торафт бештар ошкор мекунад, дар вуҷуди мо аввалин ҳиссиёти шаҳрвандиро нисбат ба неъматҳои моддии эҷодкорӣ бедор мекунад, ки бе онҳо ҳаёти инсон имконнопазир аст [8, с.42].

Аҳамияти меҳнат дар тарбияи ахлоқии хонандагон ниҳоят калон аст. Бисьёр омӯзгорон фаъолияти меҳнатиро бо ташаккули шуури шаҳрвандӣ, ҳисси ватандустӣ, дарк намудани вазифаи ҷамъиятии худ алоқаманд мекунанд. Яке аз сифатҳои муҳиме, ки бояд дар хонанда рушду ташаккул ёбад, меҳнатдӯстӣ аст. Меҳнатдустӣ сифатҳои ахлоқиест, ки муносибати мусбатро нисбат ба кор дар ҷомеа ифода карда, он ҳанӯз аз овони мактабхонӣ ва минбаъд зимни кор дар ҷомеа дар фаъолияти меҳнатӣ, меҳнатдӯстӣ ва меҳнатпазирии корманд зоҳир мегардад. Фаъолияти меҳнатӣ ва амалии истеҳсолӣ ба инкишофи ҷисмонии хонандагон таъсири мусбат мерасонад. Меҳнат қобилиятҳои зеҳнии хонандагон, ақлу заковати эҷодии онҳоро инкишоф медиҳад. Дар истеҳсолоти ҳозиразамон кор кардан омодагии васеи таълимиву техникӣ, зуд азхуд кардани техникаи нав, қобилияти оқилона истифода бурдан ва такмил додани малакаву таҷрибаҳои кориро талаб мекунад.

Омӯзиши меҳнат, ташаккули сифати меҳнатдӯстӣ на танҳо омода ва тарбия намудани хонандаро барои ояндаи нек ё бад доштан ифода мекунад, балки он тарбияи ояндаи сатҳи зиндагии ӯ, некӯаҳволии ӯ мебошад. Меҳнат фаъолияти бошуурона, мақсаднок, эҷодии хонандаи мактаб мебошад, ки ба қонеъ гардондани талаботи моддию маънавии ӯ, инкишоф додани қувваҳои асосии ҷисмонӣ ва маънавӣ, инчунин сифатҳои ахлоқии вай нигаронида шудааст.

Тарбияи меҳнатии хонандагон аз ташаккули идеяҳои ибтидоӣ дар бораи уҳдадориҳои меҳнатӣ дар оила ва мактаб оғоз меёбад. Меҳнат воситаи зарурӣ ва муҳимми инкишофи пурраи шахс буд ва мемонад. Фаъолияти меҳнатӣ бояд талаботи табиии ҷисмонӣ ва зеҳнии хонандагони муассисаҳои таълимӣ гардад.

Таълими меҳнат бо таълими политехникии талабагон зич алоқаманд буда, дониши асосҳои техникаи ҳозиразамон доштаро, технология ва ташкили истеҳсолотро таъмин мекунад.

Таълими босамари технологияи меҳнат дар муассисаҳои таҳсилотӣ муносибати эҷодиро нисбат ба меҳнат инкишоф медиҳад; ба дуруст интихоб кардани касб мусоидат мекунад. Ҳар як хонандаи мактаб бояд тарбияи меҳнатӣ гирад, ки он барои тақдири ояндаи ӯ дар ҳар як соҳаи фаъолият лозим меояд.

Мактаб ва оила муҳити тарбиявии хайрхоҳтаринест, ки дар он шахсияти хонанда, муносибати ӯ ба тамоми паҳлӯҳои ҳаёт, аз ҷумла меҳнат ташаккул меёбад.

Ба инкишофи меҳнатдӯстии хонанда муносибати падару модар ба меҳнат таъсири калон мерасонад. Аҳамияти меҳнат дар ҳаёти инсон аз чӣ гуна суханони оқилона гуфтани волидон вобаста аст, то ки ин суханон дар шуури фарзандон таъсири мусбат гузорад. Дар хонаводае, ки падар ва модар тартибот ва роҳат ба вуҷуд меоваранд, якдигарро самимона дастгирӣ мекунанд, фарзандон ба онҳо бо майли том ёрӣ мерасонанд, кӯшиш мекунанд, ки хонаро ифлос накунад, чизҳоро ба ҷои худ гузоранд. Дар онҳо қобилияти иҷрои корҳои гуногуни хоҷагӣ, софдилона ва бодиққат меҳнат кардан нисбатан зуд инкишоф меёбанд. Муносибати ғамхории падар ва модар ба ашёи рӯзгор дар фарзанд хислатҳои арзишманди соҳибмулкро ташаккул медиҳад ва дар мактаб ин хислатҳо дар равади дарсҳо мушоҳида мешаванд.

Бояд иқрор шавем, ки таҳсил ҳам кор аст. Ва ҳар кор осон нест. Волидон аксар вақт мушоҳида мекунанд, ки наврас он сифатҳои мусбии кориро, ки дар зинаи ибтидоӣ гирифта буд, тадриҷан аз даст медиҳад. Натиҷаҳои таълимӣ аксар вақт паст мешавад, зеро вай дар кори худ мутамарказ нест. Ба вай бояд зуд аз кору андешаҳои бегона дур шуданро ёд дод. Аммо дар ҳеҷ ваҷҳ набояд аз масъулияти хонагӣ ва иҷрои супоришҳои мактабӣ озод карда шавад. Ба фарзанд бештар мустақилият дода, барои ташаббускорӣ ва рафъи душвориҳо шароит муҳайё кардан лозим аст.

Тарбияи меҳнатӣ фаъолияти якҷояи омӯзгор ва хонанда мебошад, ки ба ташаккули малакаю кобилиятҳои умумии меҳнатӣ, омодагии психологӣ ба меҳнат, ташаккули муносибати босалоҳият ба меҳнат ва маҳсулоти он, интихоби бошууронаи касб нигаронида шудааст.

Мақсадҳои асосии тарбияи меҳнатӣ дар мактаб чунинанд:

1. Дохил намудани хурдсолону наврасони ба муҳити махсус ташкилшудаи таълимӣ ва рушд.

2. Ташкили таълими саривақтии тахассусии хонандагон бо назардошти хусусиятҳои психофизикӣ ва синну солашон вобаста ва ба пешгирӣ ва рафъи нуқсонҳои инкишоф, ба таври кофӣ дохил намудани онҳо ба муҳити иҷтимоии атроф ва омода намудани хонандагон ба таълими мактаб ва меҳнат, мутобиқшавии иҷтимоӣ дар ҷомеа.

3. Ташаккули шахсияти ба ҷомеа мутобиқшаванда.

Тарбияи меҳнатӣ дар мактаб дар асоси принсипҳои зерин ба роҳ монда мешаванд:

1. Тарбияи тафриқавии ангезаҳои меҳнат;

2. Банақшагирии фаъолияти корӣ дар асоси намунаҳои нисбатан устувор;

3. Шарҳ дар бораи фаъолиятҳо;

4.Тақсимоти вазифаҳои мураккаб бо назардошти нишондиҳандаҳои инфиродӣ.

5. Мунтазам инкишоф додани малакаҳои худидоракунӣ.

Раванди тарбияи меҳнатӣ дар мактаб пеш аз ҳама ба он нигаронида шудааст, ки дар хонандагон салоҳиятҳои меҳнатӣ ташаккул ёбад.

Таълими меҳнат дар ҷараёни инкишофи ҳаматарафаи хонанда хеле муҳим мебошад. Аз ин лиҳоз, таълими меҳнат, ки дар ҷиҳатҳои гуногуни азхуд намудани малакахои худхизматрасонӣ, меҳнати фоиданоки дастӣ ва ҷамъиятӣ, фаъолияти истеҳсолӣ ифода ёфтааст, на танҳо дарсҳои таълими меҳнат, ки дар онҳо хонандагон малакаҳои мушаххасро меомузанд, балки дарсҳое мебошад, ки дар онҳо хонандагон салоҳиятҳои конкретиро дар ҳалли масъалаҳои калони маърифативу иҷтимоӣ ва ахлоқӣ аз худ мекунанд.

Мазмуни таълими меҳнатро барномае муайян мекунад, ки дар он номгӯйи малакаҳое, ки хонандагон бояд соҳиб бошанд, нишон дода шудааст. Шакли асосии кори тарбиявии меҳнатӣ машғулиятҳои ҷуфтӣ мебошад. Омӯзгори таълими меҳнат хонандагонро бо қоидаҳои рафтор дар устохона шинос карда, вазифаҳои онҳоро мефаҳмонад. Дар вақти дарси меҳнат ба омӯзиши техникаи бехатарӣ ва риояи талаботи санитарию гигиенӣ диққати калон дода мешавад.

Татбиқи таълими меҳнат ва бевосита тарбияи меҳнатӣ дар он дар тибқи шакли роҳнамоӣ ба иҷрои супориш, озмоиш, кори амалӣ ва таҳлили натичаҳои ба даст овардашуда ба роҳ монда мешавад. Хусусияти тарбияи меҳнатӣ бо ҳамкории доимии хонанда ва омӯзгор муайян карда мешавад.

Барои самарабахш будани машғулиятҳои таълими меҳнат ва тарбияи меҳнатдӯстии хонандагон шартҳои зеринро иҷро кардан лозим аст.

Аввалан, ҳама гуна дарс бояд аз роҳнамоӣ ба вазифаҳо ва иҷрои озмоишии амалҳо оғоз шавад;

Дуюм, фаъолияти меҳнатӣ бояд бевосита бо роҳбарии омӯзгори худи фаъолият амалӣ карда шавад;

Сеюм, машғулиятҳо бо таҳлили кори иҷрошуда, сифат, суръати иҷрои он, душвориҳои ба амаломада ба охир расанд.

Вазифаи асосии мактаб дар тарбияи меҳнатии хонандагон ташаккул додани муносибати дуруст ба меҳнат мебошад. Онро танҳо дар сурати ба назар гирифтани хусусиятҳои ин фаъолият нисбат ба бозиҳо, машғулиятҳо ва ба эътибор гирифтани хусусиятҳои синну соли хонандагон бомуваффақият ҳал кардан мумкин аст.

Ҳангоми тарбияи меҳнатдӯстӣ дар хонандагон ба онҳо мақсад гузоштан, роҳҳои расидан ба ҳадафҳо ва ба даст овардани натиҷаҳои ба ҳадаф мувофикро омӯзонидан лозим аст.

Мақсадро барои хонанда бояд аввал омӯзгор гузорад. Хоҳиши хонанда барои мустақилона анҷом додани ягон кор омили муҳимми ташаккули шахсияти ӯ маҳсуб меёбад.

Ҳамин тариқ, ҳар як меҳнат, махсусан, меҳнати хонандагон бояд қаноатмандӣ ва лаззат оварад. Он дар ҳолате муяссар мегардад, ки шавад ва аз ҷониби хонанда ба манфиати одамони дигар эҳсос гардад. Тарбияи оқилонаи меҳнатӣ дар фаолияти оқилона дар раванди дарс ташкил карда шуда он қувваи ҷисмонӣ ва саломатии хонандаро мустаҳкам намуда, ба инкишофи равонии ӯ таъсири калон расонида, барои ташаккули қобилиятҳои зеҳнӣ, мушоҳидакорӣ, мутамарказӣ, фаъолгардонии хотира, диққат ва дарки фаъол мусоидат мекунад.

АДАБИЁТ:

1. Блонский П.П. Избранные педагогические произведения. - М.: Акад. пед. наук, 1961. - 695 с. санаи мурочиат 28.01.2024.
2. Захаров Н.Н. Профессиональная ориентация школьников. – М., 1988.
3. Иващенко Ф.И. Труд и развитие личности школьника. – М., 1987.
4. Макаренко А.С. Избранные педагогические сочинения. -М.: Просвещение, 1978 - 397 с.
5. Макаренко А.С. Книга для родителей. - Киев: Рад. шк., 1987. - 382 с.
6. Пистрак М.М. Очерки политехнической школы переходного периода. - М.: Работник просвещения, 1929. - 179 с.
7. Рахмонова Д.З., Кузиева Н.М. Теоретические основы активизации учебно-познавательной деятельности учащихся начальных классов. // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия гуманитарно-общественных наук. 2018. № 3(56). С.224-228. Синицын И.С. Когда воспитывает труд. М., 1987.
8. Содержание трудового воспитания школьников / Под ред. Я.А. Журкиной, И.И. Зарецкого. – М., 1989.
9. Чернышенко И.Д. Трудовое воспитание школьников. - М.: Просвещение, 1981. - 191 с. М., 2022.

НАҚШИ МАКТАБ ДАР ТАРБИЯИ МЕҲНАТИИ ХОНАНДАГОН

Муаллиф дар мақолаи мазкур нақши муассисаи таълимиро дар тарбияи меҳнатии хонандагон мавриди баррасӣ қарор додааст. Иброз гардидааст, ки масъалаи тарбияи меҳнатии хонандагон ва роҳнамоии ин тарбия дар касбомӯзии онҳо ҳамеша масъалаи умда ва доимамалкунандаи соҳаи педагогика ба шумор меравад. Оқилона ва босамар ба роҳ мондани тарбияи меҳнатӣ ва таълими технологияи меҳнат омили асосии ташаккули салоҳияти касбӣ ва эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилотӣ ба шумор меравад.

Калидвожаҳо: *тарбияи меҳнатӣ, ташаккули салоҳиятҳои касбӣ ва эҷодкорӣ, меҳнати хонандагон, таълими меҳнат, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.*

РОЛЬ ШКОЛЫ В ТРУДОВОМ ВОСПИТАНИИ УЧАЩИХСЯ

В данной статье автор рассматривает роль образовательного учреждения в профессиональной подготовке учащихся. Высказывается, что вопрос профориентировочного образования учащихся средних школ и руководства этим образованием в их профессиональной подготовке всегда считается важной и актуальной проблемой в области педагогики. Разумная и эффективная реализация трудового воспитания и обучения технологии труда является основным фактором формирования профессионально-творческой компетентности обучающихся образовательных учреждений.

Ключевые слова: *трудовое воспитание, формирование профессиональных и творческих способностей, студенческая работа, трудовое воспитание, общеобразовательные учреждения.*

THE ROLE OF SCHOOL IN THE LABOR EDUCATION OF STUDENTS

In this article, the author examines the role of an educational institution in the professional training of students. It is stated that the issue of career guidance education for secondary school students and the guidance of this education in their professional training is always considered an important and pressing problem in the field of pedagogy. Reasonable and effective implementation of labor education and training in labor technology is the main factor in the formation of professional and creative competence of students in educational institutions.

Key words: *labor education, formation of professional and creative abilities, student work, labor education, educational institutions.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Исломиддинова Ситора - ходими калони илмии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Нишонӣ, ш. Душанбе, кучаи А. Адҳамов, 11/2, тел: (+992) 906682828 E-mail: sitora-kd@mail.ru*

Сведение об авторе: *Исломиддинова Ситора - старший научный сотрудник Института развития образования имени Абдуррахмана Джами Академии образования Таджикистана. Индекс 734024. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. А. Адхамова, 11/2. тел: (+992) 906682828 E-mail: sitora-kd@mail.ru*

Information about the author: *Islomiddinova Sitora - is a senior observer at the Institute of educational development named after Abdurrahmani Jami of the Academy of education of Tajikistan. Index 734024. Republic of Tajikistan, Dushanbe, 11/2 A. Adhamova st, tel (+992) 906682828 Email: sitora-kd@mail.ru.*

ТДУ:37.022(575.3)
ББК:74.26(2Т)
М-12

ТАЪСИРИ БОЗИҲОИ ВАРЗИШӢ БА ТАШАККУЛИ ЭҲСОСИ ВАТАНДӮСТИИ НАСЛИ ҶАВОН

Абдуллозода М.
унвончӯйи Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов

Варзиш дар ташаккули шахсияти ҷавонон нақши муҳим дорад. Чорабиниҳо ва фаъолиятҳои варзишӣ ба рушди ҷисмонӣ, солимгардонӣ ва баланд бардоштани сатҳи неруи шахс мусоидат мекунанд. Аммо, ба ғайр аз манфиатҳои ҷисмонӣ, варзиш инчунин қодир аст ватандӯстиро дар байни ҷавонон тарбия кунад, ки ба рӯҳияи даста ва ифтихори миллӣ, ки дар ҷараёни мусобиқаҳои варзишӣ ва машқҳо ба вуҷуд меоянд, таъсири мусбат мерасонад. Тарбияи ватандӯстонаи ҷавонони донишҷӯ бештар аз таъсири беруна вобаста аст. Яке аз чунин омилҳо метавонад варзиши тоҷик бошад, зеро сол аз сол шумораи варзишгарон ба таври доимӣ меафзояд, дар заминаи чунин афзоиш бояд ба раванди варзиш майли ватандӯстона ворид карда шавад [11, С. 36-38].

Таъсири варзиш ба ташаккули ватандӯстии ҷавонон бағоят бузург аст. Новобаста аз он ки наврас дар дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ иштирок мекунад ё ба як чорабинии варзишӣ мухлис аст ё не, варзиш ҷонибҳои ватандӯстиро ба монанди эҳсоси шарикӣ ва хурсандӣ аз пирӯзӣ, муҳаббат ба Ватан ва ифтихор аз кишвар ташаккул медиҳад. Таърифи мафҳуми "ватандӯстӣ" дар адабиёт маънои онро дорад, ки он вожаи юнонии “Patris” – “Ватан” буда, принсипи ахлоқие аст, ки муносибати одамонро ба кишвари худ тавсиф мекунад, дар тарзи муайяни амалҳои инсон ва маҷмуи мураккаби эҳсосот, ки муҳаббат ба Ватан номида мешавад, зоҳир мешавад [4], [10].

Дар луғати фалсафӣ чунин таъриф дода шудааст: "ватандӯстӣ - принсипи ахлоқӣ, ҳисси иҷтимоӣ, ки мазмуни он муҳаббат ба Ватан, садоқат ба он, ифтихор аз замони ҳозира, хоҳиши ҳимояи манфиатҳои Ватан аст". Дар айни замон, маҳз тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш асоси ташаккули ватандӯстӣ дар муҳити ҷавонон мегардад, зеро маҳз дар он ҷо неруи бузурги тарбияи ин сифат имконпазир аст [10].

Бо мушоҳидаи пирӯзии варзишгарон дар мусобиқаҳои байналмилалӣ, дар айни замон ҷавонон эҳсоси ҳамбастагӣ карда, онҳо ба машғулиятҳои гуногуни варзишӣ мераванд. Мураббӣ дар ҳаёти варзишгари ҷавон низ муҳим аст, зеро ӯ ташкилкунандаи асосии корҳои тарбиявӣ бо варзишгарон мебошад. Ғайр аз мураббӣ, яке аз иштирокчиени асосӣ дар ташаккули мавқеи фаъоли ҳаетӣ кормандони роҳбарикунандаи муассисаҳои варзишӣ (роҳбари маҳфил, мураббии калон, директор), инчунин роҳбарони ҷамъиятҳои варзишӣ мебошанд. Дар айни замон, дар муассисаҳои таълимӣ ба тарбияи ватандӯстӣ аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад ва бозиҳои варзишийи милли ба ташаккули маънавӣ ва ахлоқӣ ва омодагӣ ба ҳаёти мустақилонаи насли наврас мусоидат менамоянд.

Омӯзгорон ба варзишгарони оянда таъсири калон мерасонанд, зеро онҳо худ ватандӯст бошанд дар донишҷӯ эҳсоси муҳаббат ба Ватанро бедор карда метавонанд. Маҳз бедор кардан, на таҳмил кардан, зеро асоси ватандӯстиро худмуайянкунии маънавӣ ташкил мекунад.

Амали муҳимми раванди тарбияи ватандӯстӣ дар варзишгарони ҷавон дараҷаи огоҳии ташкилкунандагони корҳои тарбиявӣ дар пойгоҳҳои варзишӣ, лагерҳои варзишӣ, ҷамъомадҳо ва ғайра мебошад. Бо ин мақсад бозиҳои ҳарбӣ-ватандӯстӣ гузаронида мешаванд. Дар оянда, дар мусобиқаҳо аз номи кишвар, шаҳр ё ноҳия, одамоне, ки ба ӯ бовар

мекунанд, варзишгар дар назди ҳамватанон масъулиятро ҳис мекунад, зеро ӯ вазифадор аст, ки ғолиб ояд [8, С. 107109].

Варзишгар намунаи шахсе мегардад, ки ба ӯ тақлид кардан мумкин аст, насли оянда низ ӯро мушоҳида мекунад, ки шояд аз пайи ӯ равад. Ин ба зиммаи варзишгар масъулияти бузурги беҳтарин буданро вогузор мекунад. Дастовардҳо ва пирӯзиҳои ӯ садоқати ӯро ба Ватан нишон медиҳанд, зеро ӯ тамоми қувваашро сарф кард ва тамоми кори аз дасташ меомадаро анҷом медиҳад, то Ватани худро ғолиб гардонад [1, С. 128-132].

Ҳамин тариқ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш шарти муҳимтарини ташаккули ватандӯстӣ ва воситаи муҳимтарини рушди ҳамаҷонибаи шахс мебошад.

Пеш аз он ки дар бораи таъсири варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ ба ташаккули ҳиссиёт ва рӯҳияи Ватандӯстона дар насли наврас сухан ронем, ба адабиёти илмӣ рӯ оварда, мафҳуми Ватандӯстиро муайян мекунем. Ватандӯстӣ эҳсоси муҳаббат ба ватан, ғоя, шуури масъулияти шаҳрвандӣ барои тақдири ватан, ки дар хоҳиши хидмат ба хотири халқи худ, ҳимояи манфиатҳои он ифода меёбад (энсиклопедияи таърихии Шӯравӣ).

Дар ҳама давру замонҳои рушди ҷомеаи инсонӣ, аз ҷумла ҷомеаи Тоҷикистон, масъалаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон дар сатҳи давлат муҳим буд, зеро он яке аз ҷузъҳои муҳимтарини ғояи умумимиллӣ буда, барои муттаҳидсозӣ ва ташаккули сифатҳои ахлоқии мардум асоси аввалиндараҷа мебошад.

Дар айни замон, тарбияи ватандӯстӣ яке аз вазифаҳои раванди педагогӣ мебошад, дар ҳоле ки маҳз ба ин ҷанба вақт ва таваҷҷуҳи зиёд ҷудо карда мешавад.

Аён аст, ки фаъолияти ҷисмонӣ ҳатман бояд дар ҳаёти ҳар як шахс ҷойгоҳи муайян дошта бошад. Фаъолияти мунтазами ҷисмонӣ ба нигоҳдорӣ ва таҳкими саломатӣ мусоидат мекунад, хавфи пайдоиши бемориҳои гуногунро коҳиш медиҳад ва сифати умумии зиндагиро беҳтар мекунад. Ду падидаро - тарбияи ҷисмонӣ дар ҳама зуҳуроти он ва ватандӯстиро ба ҳам мепайвандад: [5].

Бо назардошти он, ки чунин вазифаи тарбияи ҷисмонӣ ба монанди нигоҳ доштани солимии бадани худ, албатта, ягона нест, чунин робитаи сабабу оқибатиро роҳандозӣ кардан мумкин аст. Яке аз вазифаҳои муҳимми тарбияи ҷисмонӣ тарбияи сифатҳои умумифарҳангии инсон, инчунин рушди бисёр сифатҳои дигари иҷтимоии ӯ, аз ҷумла меҳрубонӣ, фаҳмиш, инсондӯстӣ ва фарҳанги муошират аз рӯйи принсипҳои байнимиллӣ мебошад, дар маҷмуъ муҳаббатро ба Ватан ташаккул ва рушд медиҳад.

Барои ташаккули ҳарду падида дар зинаҳои гуногуни ҳаёт сохторҳои алоҳида пешбинӣ шудаанд. Дар доираи барномаи мактабӣ бо мақсади ҳавасмандгардонии омодагии умумии ҷисмонии хонандагон ҳанӯз соли 1931 маҷмааи ГТО ҷорӣ карда шуд, ки ба туфайли он ҷавонон ба варзиш ҳамроҳ шуданд, дар ҳоле ки ин маҷмаа дар рушди шахсият саҳми бузурги ватандӯстона дорад [2, С. 243246]. Дар рушди миллати солими ватандӯст дар синну соли хурд ва миёна ҳаракатҳои ҷамъиятии ҳарбӣ-ватанпарварии кӯдакон ва наврасон нақши бузург мебозанд.

Чунин ҳаракатҳо метавонанд анъанаҳои хуби кӯҳнаи ташкилотҳои кӯдакон ва ҷавонони замони Иттиҳоди Шӯравиро эҳё кунанд. Механизми расидан ба ҳадаф дар ин ҳаракатҳо бояд чунин бошад: тарбияи ҷавонон дар фаъолияти баланди шаҳрвандӣ ва иҷтимоӣ, ватандӯстӣ, пойбандии ғояҳои интернатсионализм, муқовимат ба идеологияи экстремизм; омӯзиши таърихи кишвар ва мероси ҳарбӣ-таърихии Ватан, рушди кишваршиносӣ, густариши дониш дар бораи таърих ва одамони барҷастаи ватани худ; рушди масъулият дар муҳити ҷавонон, принсипҳои коллективизм, низоми муқаррароти ахлоқии шахс дар асоси низоми арзишҳои хоси ҷомеа; ташаккули ҳавасмандии мусбат дар ҷавонон барои адои хизмати ҳарбӣ ва омода кардани ҷавонон ба хидмат дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон; таҳкими обутобёбӣ ва устувории ҷисмонӣ; ҷалби фаъолонаи ҷавонон ба азхудкунии донишҳои ҳарбӣ-техникӣ ва эҷодиёти техникӣ.

Шояд аъзои ҳаракат дар вақти холии худ ба фаъолияти валантёрӣ машғул шаванд, дар чорабиниҳои фарҳангӣ ва варзишӣ иштирок кунанд, маълумоти иловагӣ гиранд, малакаҳои ёрии аввалияро омӯзанд. Дар ҳамаи субъектҳои ҷумҳурӣ бояд штабҳои минтақавӣ кушода шаванд [6, С. 118-124].

Чунин ташкилотҳо дар ҳақиқат заминаи тарбияи эҳсосоти ватандӯстона дар муҳити ҷавонон мебошанд, хусусан, агар рушди фаъолияти ҷисмонӣ ва иродаи худро ба назар гирем. Албатта, нақши артиш ва сохторҳои гуногуни қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин ҷода набояд фаромӯш кард. Зеро артиш на танҳо ҳамчун лифти иҷтимоӣ, балки ҳамчун робитаи байни варзиш ва рӯҳияи ватандӯстона дар қувваҳои мусаллаҳ амал мекунад.

Хизмат дар артиш на танҳо ба ҳолати ҷисмонӣ, балки ба ҳолати рӯҳӣ низ таъсир мерасонад.

Аз ин рӯ, ҳангоми омода кардани ҷавонони синни даъват ба тарбияи ҳарбӣ-Ватандӯстӣ диққати калон додан лозим аст. Чунки натиҷаи вазъият дар амалиёти ҷангӣ бевосита аз рӯҳияи умумии хизматчиени ҳарбӣ - муҳофизони Ватан вобаста аст [6, С. 118-124].

Инчунин бояд қайд кард, ки зуҳуроти синтези варзиш ва ватандӯстиро ҳангоми гузаронидани бозиҳои гуногуни варзишии сатҳҳои гуногун мушоҳида кардан мумкин аст. Ин махсусан дар сатҳи байналмилалӣ зуҳур мекунад, ки дар он варзишгарон эътибори кишвари худро ҳимоя мекунанд, дар шаклҳо ва расму оинҳои гуногуни ташкилӣ (садо додани Суруди миллӣ, баланд бардоштани Парчами миллӣ, ҳисоби ғайрирасмии холҳо аз рӯйи кишварҳо, ки бо вуҷуди ин дар маводҳои расмӣ истифода мешавад ва ғайра) ифода меёбад.

Фаъолияти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш воситаи самараноки тарбия ва ташаккули фарҳанги муошират байнимиллӣ мебошад. Афзоиши ватандӯстӣ бевосита аз ғалабаҳои кишвар дар арсаи байналмилалӣ вобаста аст [7, С. 56-57].

Дар бораи Тоҷикистон аз гузаштаи наздик мисолҳо овардан душвор нест. Расул Боқиев аввалин варзишгари тоҷик аст, ки дар бозиҳои олимпии Пекин дар соли 2008 барои кишварамон медали олимпӣ ба даст овард ва инчунин варзишгарест, ки бидуни муболиға метавонад яке аз беҳтарин дзюдочиёни ҷаҳон дар вазни сабук номида шавад. Дар бозиҳои олимпии соли 2012 Тоҷикистон Мавзуна Чориева як медали биринҷӣ ба даст оварда, дар вазни то 60 кг ҷои сеюмро гирифт. Ин медал барои Тоҷикистон дар таърихи бозиҳои олимпӣ сеюм ва дар бокс ва мусобиқаҳои занон аввалин буд. Бори аввал дар таърихи истиқлолияти кишвар варзишгари тоҷик Дилшод Назаров соли 2016 медали тиллои олимпӣ ба даст овард. Бояд гуфт, ки ин ва бисёр дастовардҳои дигари байналмилалии варзишгарони тоҷик ҳамеша боиси баланд шудани ҳиссиёти ватандӯстона, бахусус дар байни ҷавонон мегарданд.

Олимон ва муҳаққиқон бо омӯзиши нақши варзиш пайгирона машғуланд. Ба баъзе тадқиқоте, ки дар ин ҷода анҷом дода шудаанд, таваҷҷуҳ медиҳем. Олимону муҳаққиқони рус А.В. Пономарев, Н.В. Попова, Е. В. Осипчукова Ва О. В. Ладыгина муносибати донишҷӯёни равияи муҳандисиро ба тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун омили рақобатпазирии баланд баррасӣ карданд [9, С. 20-22]. Н. В. Попова, И.С. Крутко ва Э. М. Арсланбекова технологияҳои идоракунии муносибатҳо ба тарзи ҳаёти солимро ҳамчун пешгирии девиатсияи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии тарбияи ҷисмонӣ омӯхтанд [8, С. 107109]. Н. В. Попова Ва К. К. Данике роҳҳои такмили технологияҳои солиминигаҳдориро дар кор бо ҷавонони донишҷӯ баррасӣ кардаанд [6, сах.118124].

Дар баробари ин, таъсири варзиш ба тарбияи ватандӯстӣ дар байни ҷавонони донишҷӯ таҳлили минбаъдаро талаб мекунад, ки ин ҳадафи таҳқиқоти мазкур бо усули пурсиш мебошад. Дар пурсиш 54 нафар донишҷӯйи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ иштирок намуданд, ки 65%-и онҳо духтарон, 35%-и онҳо ҷавонони аз 17 то 24-сола буданд.

Ба донишҷӯён саволҳо дар бораи муносибати онҳо ба варзиш дода шуданд: Шумо ба варзиш чӣ гуна муносибат мекунед? Шумо машқ мекунед? Шумо чанд маротиба машқ мекунед? Шумо ба кадом намуди варзиш машғулед? Ое шумо дар вақти беруназдарсӣ машқ мекунед?

Натиҷаҳои пурсиш нишон доданд, ки беш аз нисфи пурсидашудагон қайд карданд, ки варзиш ба онҳо бештар шавқовар аст (51%), зиёда аз сеяки онҳо қайд карданд, ки варзиш хеле шавқовар аст (49%). Қариб се чоряки пурсидашудагон (72%) ба варзиш машғуланд. Дар ҳар ҳолат камтар аз нисфи пурсидашудагон (44%) ва 3-4 маротиба дар як ҳафта зиёда аз сеяки пурсидашудагон (35%) ба варзиш машғуланд. Камтар аз сеяки пурсидашудагон бо варзиши сабук (29%) машғуланд, зиёда аз чоряки онҳо бо намудҳои варзиши вазнин (25%) ва ҳар панҷум донишҷӯ бо волейбол (21%) машғуланд. Камтар аз нисфи пурсидашудагон қайд карданд, ки онҳо дар вақти холии худ ба варзиш машғуланд (46%), зиёда аз сеяки пурсидашудагон (37 %) қайд карданд, ки дар вақти берун аз таҳсил ба варзиш машғул нестанд.

Мо муносибати донишҷӯёнро ба варзиши тоҷик омӯхтем ва саволҳо додем: оё шумо барои варзишгарони Тоҷикистон “мухлисӣ” мекунед? Чӣ гуна шумо барои варзишгарони тоҷик "мухлисӣ" мекунед? Барои дастаи мунтахаби Тоҷикистон аз рӯйи кадом намуди варзиш шумо "мухлис" ҳастед? Вақте ки варзишгарони тоҷик пирӯз мешаванд, шумо чӣ эҳсосе доред?

Натиҷаҳои пурсиш нишон доданд, ки беш аз сеяки донишҷӯен барои варзишгарони Тоҷикистон (37%) "мухлисӣ" доранд, камтар аз сеяки онҳо ҷавоб доданд: "бале, ман ҳамеша “мухлисам" (25%). 37% пахши мусобиқаҳоро тамошо мекунанд ва беш аз сеяки онҳо ҷавоб доданд, ки онҳо “мухлис” нестанд (39 %), ҳар панҷумин пурсидашудагон дар бораи варзиши

Тоҷикистон дар шабакаҳои иҷтимоӣ (22%) мутолиа мекунанд. Сеяки пурсидашудагон (29%) ҷавоб доданд, ки онҳо бозиҳои дастаи мунтахаби футболро тамошо мекунанд. Дигарон мухлиси варзишгарони тоҷик нестанд. Вақте ки варзишгарони тоҷик пирӯз шуданд, беш аз сеяки онҳо (33%) қайд карданд, ки аз кишвар ифтихор доранд, камтар аз сеяки онҳо (29%) эҳсоси шодӣ доранд ва камтар аз панҷяки пурсидашудагон (20%) нишон доданд, ки аз варзишгарони мушаххас ифтихор доранд.

Бо мақсади омӯзиши робитаи варзиш ва ватандӯстӣ саволҳо дода шуданд: Ба назари шумо ватандӯстӣ чист? Нақши ватандӯстӣ дар ҷомеа чист? Калимаи ватандӯст чӣ маъно дорад? Ба фикри шумо, нақши варзиш дар тарбияи ватандӯстонаи донишҷӯён чӣ гуна аст? Ба фикри шумо, оё дар насли ҷавон ҳатман бояд ҳисси ватандӯстӣ тарбия карда шавад? Ба фикри шумо, варзишгарони маъруф барои тарбияи ватандӯстонаи ҷавонон чӣ кор карда метавонанд?

Беш аз нисфи донишҷӯён (55 %)дар посух додан ба саволи “Ое варзишгарони тоҷик ватандӯсти кишвари мо ҳастанд” мушкилӣ кашиданд, камтар аз нисфи онҳо (38 %) варзишгарони моро ватандӯсти Тоҷикистон меҳисобанд. Аксари пурсидашудагон бар ин назаранд, ки ватандӯстӣ эҳсоси муҳаббат ва садоқат ба Ватан аст (49%) , қариб сеяки онҳо чунин мешуморанд, ки ин эҳсоси муҳаббат ва садоқат ба халқи худ (33%) мебошад. Сеяки пурсидашудагон (32%) қайд карданд, ки маҳз ватандӯстӣ ҳисси эҳтироми худ ва атрофиенро инкишоф медиҳад ва инчунин ба шарофати ватандӯстӣ кишвар сарватманд мешавад, на шахсони алоҳида (30%). Беш аз 1/5 (23%) пурсидашудагон ҷавоб доданд, ки ба шарофати ватандӯстӣ мардум озод мешаванд ва метавонанд фикри худро баен кунанд, на фикри таҳмилшударо. Беш аз нисфи пурсидашудагон (57 %) ҷавоб доданд, ки ватандӯст - касе, ки ватани худро дӯст медорад, ба халқи худ содиқ аст, омода аст барои он қурбонӣ ва корнамоӣ кунад.

Таҳлили муқоисавии натиҷаҳои таҳқиқот аз рӯи нишондиҳандаи "Курси омӯзишӣ" шавқмандии бештарро (65%) ба тарбияи ватандӯстӣ дар донишҷӯени курсҳои болоӣ назар ба донишҷӯёни курси 2 ва 3-и бакалавриат нишон дод.

Хулоса, нақши варзишро дар тарбияи ватандӯстӣ дар байни ҷавонони донишҷӯ, аз ҷумла бачагони имконоти маҳдуди саломатидошта, аз ҳад зиёд арзебӣ кардан душвор аст, зеро натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки аксари донишҷӯён (87%) зарур мешуморанд, ки дар насли ҷавон ҳисси ватандӯстиро тарбия намуда, варзишгарони тоҷикро ба тарғиби варзиш дар мамлакати мо ва тарбияи ватандӯстӣ ҷалб намоянд. Бешубҳа, нақши варзишгарони ҷавони боистеъдодро дар баргузории чорабиниҳои ватандӯстонаи варзишӣ дар донишгоҳҳо аз ҳад зиёд арзёбӣ кардан душвор аст.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар кор бо ҷавонони донишҷӯ ҳангоми ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои ҷавонон, ки ба тарбияи ватандӯстӣ ва тарзи ҳаёти солим равона шудаанд, истифода шаванд.

Ҳамин тариқ, мо метавонем хулоса барорем, ки барои насли наврас варзиш яке аз муҳимтарин унсурҳои тарбияи рӯҳияи ватандӯстӣ мебошад. Барои он ки болоравии ватандӯстӣ ҳамеша дар сатҳи арзанда бошад, бояд сиесати ягона дар соҳаи тарбияи ватандӯстонаи ҷавонон ба роҳ монда шавад.

АДАБИЁТ:

1. Зотин В.В., Дьяченко А.И. Внедрение Всероссийского физкультурно-спортивного комплекса "Готов к труду и обороне" (ГТО) в высшем учебном заведении //сб.тр.9-й Всеросс. научно-практ. конф. "Проблемы качества физкультурно-оздоровительной и здоровьесберегающей деятельности образовательных организаций". - Екатеринбург, 2019. - С.128-132.
2. Зотин В.В., Мельничук А.А., Тарабрина Е.Д. ВФСК "Готов к труду и обороне" плюсы и минусы // Сб.тр. междунар.науч. практ.конф. "Актуальные проблемы физического воспитания студентов". - Чебоксары,2019. - С. 243-246.
3. Зотин В.В.,Сидорова О.О., Сидорова Н.И. Олимпиада-2014 социальный фактор роста патриотизма // Сб.тр.международной науч.практ.конф."Молодежь Сибири - науке России". - Красноярск, 2015. - С.302-304.
4. Новаковский, С.В. Патриотическое воспитание спортсменов / С.В. Новаковский, В.А. Бобровский, А.В. Бобровский, С.В. Кондратович – Екатеринбург: Изд-во Урал.ун-та, 2019. — 124 с.
5. Отношение к физической культуре студентов инженерного профиля как фактор высокой конкурентоспособности / А.В. Пономарев, Н.В. Попова, Е.В. Осипчукова, О.В. Ладыгина // Теория и практика физической культуры. 2022. № 2. С. 52–53.
6. Попова Н.В., Данике К.К. Здоровьесберегающие технологии в работе со студенческой молодежью: анализ и пути совершенствования // Физическая культура. Спорт. Туризм. Двигательная

рекреация. 2021. Т. 6, №3. С. 118–124.
7. Попова Н.В., Джофциду А. Физическая культура в аспекте реализации инициатив молодежи с ограниченными возможностями здоровья // Теория и практика физической культуры. 2022. № 2. С. 56–57.
8. Попова Н.В., Крутько И.С., Арсланбекова Э.М. Технологии управления отношением к здоровому образу жизни как профилактика девиаций студентов Института физической культуры // Теория и практика физической культуры. 2022. № 11. С. 107–109.
9. Реализация спортивной одаренности молодежи в аспекте социологического анализа / А.В. Пономарев, Н.В. Попова, Л.К. Тропина, А. Н. Попов // Теория и практика физической культуры. 2020. № 5. - С. 20–22.
10. Словарь философских терминов и понятий // https://www.vavilovsar.ru/ files/pages/21283/ 14703211300.pdf
11. Эдакаев, А.Р. Формирование патриотизма молодежи через спорт и физическое воспитание. / А.Р. Эдакаев. // Young science – 2016. – Т. 3, №2. – С. – 36-38.

ТАЪСИРИ БОЗИҲОИ ВАРЗИШӢ БА ТАШАККУЛИ ЭҲСИ ВАТАНДӮСТИИ НАСЛИ ҶАВОН

Дар мақола масоили таъсири бозиҳои варзишӣ ба ташаккули ҳисси ватандӯстии насли ҷавони кишвар баррасӣ шудааст. Дар ин росто, муаллиф назару андешаҳои олимону муҳаққиони соҳаро таҳлилу арзёбӣ карда, таъкид мекунад, ки таъсири бозиҳои варзишӣ ба рушди эҳсоси ватандӯстии насли наврасу ҷавонон дар қиёс бо чорабиниҳои дигар хеле муассир аст. Инчунин қайд кардааст, ки зуҳуроти синтези варзиш ва ватандӯстиро ҳангоми гузаронидани бозиҳои гуногуни варзишии сатҳҳои гуногун мушоҳида кардан мумкин аст. Ин махсусан дар сатҳи байналмилалӣ зуҳур мекунад, ки дар он варзишгарон эътибори кишвари худро ҳимоя мекунанд ва он дар шакл ва расму оинҳои гуногуни ташкилӣ (садо додани Суруди миллӣ, баланд бардоштани Парчами миллӣ, ҳисоби ғайрирасмии холҳо аз рӯи кишварҳо ва ғайра) ифода меёбад.

Дар баробари ин, муаллиф изҳор кардааст, ки фаъолияти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш воситаи самараноки тарбия ва ташаккули фарҳанги муошират байнимиллӣ мебошад. Ташаккули эҳсоси ватандӯстӣ бевосита аз ғалабаҳои кишвар дар арсаи байналмилалӣ вобаста аст, ки онро таҷрибаи Тоҷикистон дар гузаштаи наздик собит месозад.

Калидвожаҳо: *бозиҳои варзишӣ, ҳисси ватандӯстӣ, насли ҷавон, ташаккул, рушд, бозиҳои гуногун, сатҳи байналмилалӣ, варзишгар, фаъолияти тарбияи ҷисмонӣ, солимингаҳдорӣ, фарҳанги муошират, варзиш, воситаи самаранок.*

ВЛИЯНИЕ СПОРТИВНЫХ ИГР НА ФОРМИРОВАНИЕ ПАТРИОТИЧЕСКИХ ЧУВСТВ МОЛОДОГО ПОКОЛЕНИЯ

В статье рассматриваются вопросы влияния спортивных игр на формирование чувства патриотизма у молодого поколения страны. В связи с этим, автор анализирует и оценивает взгляды и мнения ученых и исследователей в этой области и подчеркивает, что очень эффективно влияние спортивных игр на развитие чувства патриотизма у подрастающего поколения и молодежи по сравнению с другими видами деятельности. Он также констатирует, что проявления синтеза спорта и патриотизма можно наблюдать при проведении различных спортивных игр разного уровня. Это особенно проявляется на международном уровне, где спортсмены защищают престиж своей страны, и это выражается в различных организационных формах и традиций (исполнение государственного гимна, поднятие национального флага, неофициальный подсчет очков по странам и т. д.).

В то же время автор утверждает, что деятельность в области физической культуры и спорта является эффективным средством воспитания и формирования культуры межнационального общения. Формирование чувства патриотизма напрямую зависит от побед страны на международной арене, что подтверждается опытом Таджикистана в недавнем прошлом.

Ключевые слова: *спортивные игры, чувство патриотизма, молодое поколение, формирование, развитие, разнообразные игры, международный уровень, спортсмен, физическая воспитательная деятельность, велнес, культура общения, спорт, эффективное средство.*

THE INFLUENCE OF SPORTS GAMES ON THE FORMATION OF PATRIOTIC FEELINGS OF THE YOUNGER GENERATION

The article examines the impact of sports games on the formation of a sense of patriotism among the younger generation of the country. In this regard, the author analyzes and evaluates the views and opinions of scientists and researchers in this field and emphasizes that the influence of sports games on the development of a sense of patriotism among the younger generation and youth is very effective compared to other types of activities. He also states that manifestations of the synthesis of sports and patriotism can be observed during various sports games of different levels. This is especially evident at the international level, where athletes defend the prestige of their country, and this is expressed in various organizational forms and rituals (playing the national anthem, raising the national flag, unofficial scoring by country, etc.).

At the same time, the author argues that activities in the field of physical culture and sports are an effective means of educating and forming a culture of interethnic communication. The formation of a sense of

patriotism directly depends on the country's victories in the international arena, which is confirmed by the experience of Tajikistan in the recent past.

Key words: *sports games, a sense of patriotism, the younger generation, formation, development, various games, international level, athlete, physical education, wellness, communication culture, sports, effective means.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Абдуллозода Муҳаммадшо– ректори ДТҶТ унвонҷӯйи Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов, тел. 901399999, E-mail: muhamadho_68m@mail.ru.*

Сведения об авторе: *Абдуллозода Мухаммадшо – ректор ДТЧТ соискатель Таджикского института физической культуры имени С. Рахимова, тел. 901399999, E-mail: muhamadho_68m@mail.ru.*

Information about the author *Abdullozoda: Mukhammadsho – rektors of DTCHT candidate of the Tajik Institute of Physical Culture named after S. Rahimov, tel. 901399999, E-mail: muhamadho_68m@mail.ru.*

ТДУ:37.012(575.3)
ББК:7403(21)
И-87

МУШКИЛОТИ ТАЪМИНИ РУШДИ САРМОЯИ ИНСОНИИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ МАКТАБҲОИ КАМНУФУС ДАР ШАРОИТИ КУНУНӢ

Исматов С. Б.
Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввалини ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ барои рушди бомароми соҳаҳои муҳимми ҳаёти ҷомеа ҳифзи иҷтимоии мардум, илму маориф, тандурустӣ ва фарҳангро, ки яке аз самтҳои асоситарин ва афзалиятноки сиёсати худ муайян намудааст, давра ба давра ба дастовардаҳо ва комёбиҳои назаррас ноил гардида ва барои фатҳи ин ҳадафҳо пайваста корҳо ва тадбирҳои заруриро ҳадафмандона амалӣ карда истодааст.

Ҷумҳурии Тоҷикситон ҳамчун узви комилҳуқуки ҷомеаи башарӣ тибқи моддаи 41 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «бар ҳар як шаҳрванд ҳақуқи таҳсилро таъмин менамояд. Давлат таълими умумии асосии ҳатмии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ кафолат медиҳад» [2, с.28].

Бо ин мақсад Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори аввалин давлатҳо ба барномаи «Ҳадафҳои рушди ҳазорсола ва таҳсилот барои ҳама» - и Созмони Милали Муттаҳид имзо намуд ва барои шаҳрвандони Тоҷикистон новобаста ба миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ дар се зинаи таҳсилот таълимро таъмин менамояд. Барои рушди соҳаи маориф Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то ин давра як қатор санадҳоро ба монанди: «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» ва боз барои идомаи корҳо ва тадбирҳои рушди соҳаи маориф стратегияи нав «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030»-ро қабул намуд. Новобаста ба бархурди геосиёсӣ, таҳаввулоти дар иқтисоди ҷаҳон идомадошта ва таъсири манфии омилҳои берунӣ ва дохилӣ таваҷҷуҳ ба ин самти муҳимми иҷтимоӣ кам нагардида, баръакс ҳар чи бештар вусъат ёфта истодааст.

Дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷанбаҳои мухталифи соҳаи маорифро ҳаматарафа таҳлил менамояд ва дар ин асос дастуру таъкидҳои мушаххас ироа мешавад. Аз ҷумла, дар Паёми худ аз 22 декабри соли 2016 Пешвои миллат оид ба рушди сармояи инсонӣ дар Тоҷикистон чунин таъкид кардаанд: «Дар шароити зудтағйирёбандаи вазъи сиёсиву иқтисодии ҷаҳони имрӯза рақобатпазирии иқтисодиёти ватанӣ ба таъсири омилҳои беруна бояд тақвият дода шавад. Таъкид месозам, ки то 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне то соли 2021 ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафҳои олиамон тақвияти сармояи инсонӣ, баланд бардоштани самаранокии бахши воқеӣ, таҳкими сохтори идоракунии давлат, таъмини устувори нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва рушди иқтисодиву иҷтимоӣ бо ташкили ҷойҳои нави корӣ дараҷаи баланди истеҳсолӣ ва фароҳам овардани замина барои таҳкими иқтидори содиротии кишвар ҳамчун самтҳои муҳимтарини сиёсати иқтисодиву иҷтимоии давлат муайян гардидаанд» [7, с.22]. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017 низ ҳамин нукта рушди сармояи инсониро Пешвои миллат боз қайд кардаанд: «Сармояи инсонӣ ҳамчун муҳаррики пуриқтидор ба пешрафти инноватсия ва технологияҳои нав мусоидат мекунад ва бинобар ин, илми муосири ватанӣ бояд ҷавононро бештар ба илмомӯзӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва таҳқиқи масъала иқтисоди рақамӣ сафарбар намояд» [8, с.32].

Аз ин рӯ, дар назди соҳаи маориф вазифаҳои нав пеш меояд, то ки низоми маориф барои рушди сармояи инсонӣ мусоидаткунанда ва дар омода намудани мутахассисони баландпоя ва ба талаботи бозори иқтисодии ҷаҳонӣ ҷавобгӯй бошад.

Дар замони муосир аҳамияти таҳсилот, илму дониш, касбу ҳунар, истеъдод, эҷокорӣ ҳамчун омили асосии рушди шахсият ва инчунин иқтисодиёту ҷомеа ба маротиб афзоиш меёбад. Дар ин сурат яке аз омили муҳимми рушди ташаккули сармояи инсонӣ ба мактаб ва таҳсилот вобаста мебошад. Таълиму тарбияи пайваста ва муташаккили инсон танҳо дар доираи низоми педагогӣ, яъне маориф таъмин карда мешавад.

Асосан, таҳқиқ ва таҳлили назариявии раванди ташаккулёбии консепсияи «сармояи инсонӣ» ба илмҳои иқтисодӣ вобаста аст. Аммо дар замони ҷаҳонишавӣ ва раванди татбиқи хадафи чоруми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «саноатикунонии босуръати кишвар» ин масъала ба таҳқиқ ва таҳлили назариявии илмҳои педагогӣ иртиботи қавӣ пайдо менамояд.

Дар ин мақола мо мушкилоти таъмини рушди сармояи инсонии хонандагони муассисаҳои таълимии мактабҳои камнуфус (минбаъд МК) ва шароиту имконоти ташаккули сармояи инсониро дар МК мавриди омӯзиш ва таҳқиқоти худ қарор медиҳем.

Мактабҳои камнуфус ба мақсади амалӣ намудани ҳуқуқи шаҳрвандон барои гирифтани таҳсилоти ройгон ва дастрас доштан ба ҳамаи зинаҳои таҳсилот таъсис дода мешавад [6, с.3].

Ба ақидаи муҳаққиқон ташкили раванди таълими хонандагони синну соли гуногун дар МК-и деҳот шакли аз ҳама афзалиятнок арзёбӣ гардидааст[1, с.12].

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм амаликунандаи сиёсати ягонаи давлатӣ ва танзими меъёрии ҳуқуқро дар соҳаи маориф аст, дар доираи ваколатҳои худ барои ба таҳсил фаро гирифтан тамоми қишрҳои аҳолии ҷумҳурии шароит ва имконоти таҳсилро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот таъмин менамояд. Бо мақсади ба танзим даровардани фаъолият ва ташкили раванди таълиму тарбия, барои ба таҳсил фаро гирифтани кӯдакони синни мактабӣ дар деҳоту минтақаҳои кӯҳистон ва кӯдакони сокинони ақаллиятҳои миллӣ дар муассисаҳои таълимии МК Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қарори мушовара аз 31.07.соли 2013, №12/7« Низомномаи мактабҳои камнуфус»-ро ба тасвиб расонид. Ба тасвиб расидани ин санади меъёрӣ дар таърихи низоми маорифи Тоҷикистон аввалин санаде барои муассисаҳои таълимии МК буд ва он барои пешрафти фаъолияти таълимии муассисаҳои мазкур мусоидат намуд.

Дар баробари ин, тадбири дигаре барои амалигардонии Стратегияи рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, такмили низоми таҳсил дар МК лоиҳаи "Рушди фаъолияти мактаби камнуфус ва дурнамои он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020" тасдиқ шуда ва татбиқ гардид. Мазмуну мундариҷаи Лоиҳа ба талаботи замони муосир мувофиқ буда, барои такмил додани раванди таҳсил дар МК пешбинӣ гардида буд ва ҳадафҳои лоиҳа аз ин иборат буд:

- таъмини таҳсилоти босифат, ташаккули одами нав, рушди фаҳмишҳои муосири технологӣ;
- татбиқи асосҳои назариявӣ ва амалии мазмун ва технологияи муосири таҳсилот дар мактабҳои камнуфус;
- рушди таҳсили муттасил, беҳгардонии пояҳои моддию техникӣ ва ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ намудани таҳсилот дар мактабҳои камнуфус.
- муайян кардани роҳу усули самарабахши таълим ҷиҳати тавсеа ва ташаккули тарбияи рӯҳӣ, ҷисмонӣ, иҷтимоӣ, зеҳнӣ ва баланд бардоштани дониш, малакаву маҳорати хонандагон дар мактабҳои камнуфус мебошад. [14, с.3].

Роҳбари лоиҳаи мазкурро доктори илмҳои педагогӣ, профессор Иматзода Л.М. ба уҳда дошта, гурӯҳи кории лоиҳа аз ҳайати мутахассисони варзидаи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таъсис дода шуд. Ба гурӯҳи кории лоиҳа мутахассисон: Гулмадов Ф.- доктори илмҳои педагогӣ, Имомназаров Д., Мирбобоева Б., Ҷонмаҳмадова Г., Бобоёров Х. Салоҳиддинова Г. шомил гардида, барои такмил ва роҳандозии раванди таълиму тарбия дар МК беш аз 29-маводи таълимӣ ва дастурҳои методӣ таҳия намуданд. Ин маводи таълимӣ ва дастурҳои методӣ дар асоси талаботҳои нави раванди таълим унсурҳои муносибати босалоҳият ба таълим, истифодаи методҳои инноватсионӣ таҳия гардида, дар фаъолияти роҳбарии МК ва баланд бардоштани сифати таълим ва сатҳи дониши хонандагон мусоидат менамояд. Масалан: Д. Имомназаров "Баҳогузорӣ ба дониш, малака ва маҳорати хонандагон дар МК", "Нақши истифодаи усулҳои инноватсионии таълим дар бедор кардани шавқу завқи донишомӯзии хонандагон дар МК"; Мирбобоева Б. " Тарзи ташкил намудани машғулиятҳо дар гурӯҳҳои синну солашон гуногун", " Шароит ва равиши таълими якҷоя", " Тарз ва усули гузаронидани кори мустақилона дар

синфҳои синну солашон гуногун” ва дигар муҳаққиқон низ маводи таълимиро барои МК эҷод кардаанд.

Дар ин масъала муҳаққик Д. Имомназаров дар навиштаи худ “Таълим дар мактаб (синф)-ҳои камнуфус” тамоми вазъи раванди таълим ва хусусиятҳои фаъолияти МК-ро хеле дақиккорона таҳлилу арзёбӣ намудааст. Мо баъзе мулоҳизаҳои муаллифро, зарур донистем, ки дар мақолаи хеш мавриди омӯзиш қарор дода, барои тақвият ёфтани онҳо андешаҳои хешро низ иброз намоем.

Дар ин асар муҳаққиқ Д. Имомназаров қайд намудааст, ки “ МСК нисбат ба мактабҳои муқаррарӣ бартариҳои зерин дорад:

Омӯзгор махсусияти рушду қобилиятҳои инфиродию шароити зиндагии ҳар як талабаро хуб медонад;

Бо чор-панҷ нафар хонанда имконияти таълими инфиродиро дар синф ташкил ва дар сатҳи баланд онро татбиқ сохта метавонанд;

Омӯзгори мактабҳои мазкур имконияти бештари ҳамкорӣ бо оиларо доранд;

Бо теъдоди ками хонандагони синф имконияти бештари таъмини таълими босифат, иҷрои супоришҳои зиёд, вусъат бахшидан ба суръати дарсҳо ва ғайраро доро мебошад” [1, с.15]

Аз ин рӯ, агар дар раванди таълим чунин вазъияти хуб бошад, пас чаро сатҳи дониш хонандагон ва тафаккури танқидии хонандагони МСК дар сатҳи паст қарор мегирад?

Каме поёнтар муҳаққиқ дар асараш ин бартариҳоро чунин эзоҳ додааст: “Аммо бартариҳои зикршуда на ҳамеша амалӣ гардонида мешавад, зеро муҳити камодамӣ (деҳаҳои хурд) шахсро то андозае дамдузд мегардонад, яъне сатҳи маълумотнокии мардуми чунин маҳалҳо беҳбудихоҳ аст, чунки дар деҳаҳои дурдасту камаҳолӣ муассисаҳои фарҳангӣ қариб вуҷуд надоранд. Кам будани теъдоди атфол имкон намедиҳад, ки муҳит муошират ба рушди забондонӣ, бою ғанӣ гардонидани захираи луғавии хонандагон ба таври дилхоҳ таъсиргузор бошад”[1,с.15].

Агар муассисаҳои фарҳангӣ дар сатҳи маълумотнокшавии хонандагон таъсир мерасонад, пас, он дар даврони шуравӣ, ки бо мақсади маълумотнокшавии мардум то маконҳои дурдаст мақомоти давлатӣ чӣ қадар корҳои амаливу тарғиботи ташкил мекарданд, манфиати худро нишон медод. Аммо ҳамаи ин корҳо натиҷаи дилхоҳ ба даст намедод. Дар ин маврид қобили тазаккур аст, ки дар таърихи начандон дур солҳои 50-80- уми асри гузашта мақомоти давлатӣ, сиёсӣ ва ҷамъиятӣ хатмкунандагони деҳаҳои дурдасти кӯҳистонро барои таҳсил ба мактабҳои олии ҷумҳуриявӣ ва умумииттифоқӣ дохил мекарданд (мисли хозира квотаи президентӣ), ки ҳатто дар аксар мактабҳои олӣ таҳсил бо забони русӣ буд ва ин хатмкунадагон бо забони русӣ таҳсил карда, бо муваффақият мактаби олиро хатм намуда мутахассисони баландихтисос мегардиданд. Дигар нуқтаеро низ ёдовар шудан лозим аст, ки муҳити камодам сатҳи муоширатро паст менамояд, дар сурате ки бо мурури замон имконоти хуби муошират (телевизион, интернет) муҳайё гардидааст, шояд камодамӣ на он қадар таъсири манфӣ расонад. Агар даҳшати теъдоди зиёди хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумиро пеши назар биёрем, пас он муҳити камодамӣ дар қиёс ба серодамӣ беҳтар аст. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии хонандагонаш зиёд муҳити муоширати судманди маърифатиро пайдо кардан айни замон душвор аст.

Барои беҳтар гардонидани фаъолияти МК ва баланд бардоштани сифати таҳсил ва сатҳи дониши хонандагон муҳаққиқ чунин ибрози ақида менамояд: “Яке аз роҳҳои беҳтар гардонидани фаъолият ва баланд бардоштани сифати таҳсилот ва сатҳи дониши хонандагон дар онҳо ташкил ва роҳандозии таҳсилоти фосилавӣ маҳсуб меёбад. Дар сурати ҷорӣ намудани он имконияти бештарро дар гирифтани иттилооти зарурӣ дарёфт менамояд ва тавассути дарсҳои ҳозиразамон дар пешрафти таълим муваффақ мегарданд” [1,с.13]. Аммо аз мушоҳидаҳои дар рафти сафарҳои хизматӣ ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ айён гардид, ки ин дар самт иқдоми амаликардаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон теъдоди зиёди наворҳои дарсҳои фанҳои гуногуни таълимӣ ва васоити техникии муосирро ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ таъмин кардаанд, вале дар раванди дарс омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ ин таҷҳизот ва васоити таълимии муосирро дар технологияи таълими инноватсионӣ истифода намебаранд.

Пас муаммое ба вуҷуд меояд, ки тамоми субъектҳои раванди таълиму тарбия як хоҳишу мақсад доранд, як масъулияту уҳдадорӣ доранд, аммо аз ин шароиту имконоти таълимӣ (Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маблағҳои калон ташкил ва таъмин кардааст) самаранок истифода намебаранд, то ин ки сифати таълим ва сатҳи дониши хонандагон баланд гардад.

Бояд тазаккур дод, ки айни ҳол як зуҳуроти дигар дар байни сокинони деҳот ва кӯҳистон рух додааст. Ин ба муҳоҷирати дохилӣ тамоил пайдо кардани онҳо мебошад. Аксар падару модарон барои таҳсили хуб гирифтани фарзандонашон ба пойтахт ё шаҳрҳои калони ҷумҳурӣ,

ки шароиту имкониятҳои муосири таълимӣ ва зиндагӣ бештар аст, мекӯчанд. Ҳатто баъзе аз падару модарон ояндаи фарзандонашонро ба эътибор гирифта, фарзандонашонро ба муассисаҳои таълимашон ба забони русӣ ё англисӣ мемонанд, то ки фарзандашон имкон пайдо намояд, ки дар мактабҳои олии касбии хориҷа таҳсил намояд. Ҳамин нуқтаро низ Д. Имомназаров каме бо тобиши дигар дар мушкилоти раванди таълиму тадриси МК баён намудааст: "Рӯ овардани теъдоди зиёди хонандагони МК баъди хатми синфи чор ба мактаб-интернатҳо ё хонаҳои хешу табор бо мақсади идомаи таҳсил аз сабаби дур будани мактаб аз макони зист мегардад" [1,с 15].

Дар ҷойи дигар муҳаққиқ ба хулосае меояд, ки: "Новобаста ба он ташкилу нигаҳдошти чунин мактабҳо душвориҳои иқтисодиро ба бор оваранд ҳам, аммо дар низоми маориф онҳо заруранд, зеро омили муҳимми иҷтимоӣ маҳсуб меёбанд".

Ҳамин омилҳо ва мушкилоти раванди таълиму тарбияи МК-ро ба назар гирифта, як андешаро барои таъмини заминаҳо ва омилҳои рушди сармояи инсонии хонандагони МК ва самараноку осон барои падару модарон, хонандагон ва барои ҳукумат камхарҷу каммасраф гардидани раванди таълим дар МК-ро пешниҳод карданием.

Аз насли калонсоли замони шуравӣ шунидаем, ки кӯдакони ятим ва кӯдакони оилаҳои камбизоатро мақомоти давлатӣ дар ятимхонаҳо ҷо карда интернатҳо ба таълиму тарбия ва таҳсилоти онҳо аҳамияти хос медоданд. Таълиму тарбия дар ин муассисаҳои таълимии давлатӣ ба тавре таъмин ва ташкил карда шуда буд, ки тарбиятгирандагон дар сатҳи баланд (мувофиқ ба меъёрҳои ҳамон замон) дониш мегирифтанд ва ба мактабҳои олии касбии шуравӣ дохил мешуданд. Дар ин даргоҳҳо шахсони бузурги илму адаб, ихтироъкорон ва ходимони сиёсиву давлатӣ ба комол расиданд, ки ҳатто номи баъзеашон дар таърих мондагор гардидааст. Дигар ин ки чи тавре болотар як самти зуҳуроти мусбати замонаро, ки ба таъмини таълими фарзандон равона мегардад, (яъне муҳоҷирати дохилиро) қайд намуда будем, акнун ҷиҳати манфии ҳамин зуҳурот (муҳоҷирати берунӣ) ҷиҳати манфиаш дар замони ҳозира айён мегардад. Аксар шаҳрвандони ҷумҳурии мо барои таъмини шароити зиндагонӣ, оила ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа мераванд. Касоне, ки фарзанд доранд, барои онҳо бо худ бурдани фарзандонашон мушкил пеш меоварад. Барои ҳамин баъзеашон фарзандонашонро ба тарбияи бобову бибиашон вогузор мекунанад ё бо ҳар роҳу восита ба тарбияи давлат дар ятимхонаву мактаб-интернатҳо мегузоранд. Чунин кӯдакон чандин сол дар ҳамин муассисаҳои давлатӣ таълиму тарбия мегиранд ва ҳатто баъзеашон таҳсилоти миёнаро дар ҳамин муассисаҳои давлатӣ хатм мекунанд ва падару модарон бошад, бо як боварии зиёд ба ин муассисаҳо, бо дили пур ва осуда аз пайи кори худашон мешаванд. Бо якчанд волидоне, ки чунин чораандешӣ кардаанд, дар ҳамин мавзуъ ҳамсуҳбат гардидем. Аз суханони онҳо бармеомад, ки онҳо аз таълиму тарбия гирифтаи фарзандонашон дар чунин муассисаҳо хеле розианд. Мисол меоварданд, ки

"агар фарзандони мо дар тарбия хешу табор ва бибиву бобояшон мемонданд, кӣ медонист, ки онҳо чӣ хел тарбия мегирифтанд. Дар ин муассисаҳо, ки доим зери назорати муаллимон ва мураббияҳо қарор доштанд, ҳам аз ҷиҳати саломатӣ, ҳам аз ҷиҳати саводу дониш ва одобу рафтор хуб ба воя расидаанд ва бартариҳои зиёди ин муассисаҳоро қайд мекарданд.

Дар воқеъ, аз рӯйи таҳлили натиҷаҳои олимпиадаҳои фаннии мактаббачагони шаҳри Душанбе, ки тарбиятгирандагони якчанд мактаб-интернатҳои ҳудуди шаҳри Душанбе ширкат мекарданд, бо боварӣ метавон гуфт, ки сатҳи дониши тарбиятгирандагони ин мактаб-интернатҳо аз сатҳи дониши ҳанандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, мактабҳои типи нав ва гимназияҳои хусусӣ ва ғайра бартарӣ дошт (Маълумот аз ҳисоботи раёсати маорифи шаҳри Душанбе то соли 2020). Пас агар мақомоти маҳаллии ҳакимияти давлатии ноҳияҳое, ки дар ҳудуди маъмуриятшон МК таъсис додаанд, ин хонандагони МК-ро дар мактаб-интернатҳо ба таҳсил фаро гиранд, аз якчанд ҷиҳат беҳтар аст. Аввалан, ин ки хонандагони ин маҳалҳо бештар зери таъсири омилҳои таассубӣ ва иртиҷоӣ қарор доранд, ки хатари зиёд дорад. Агар хонандагони МК дар мактаб-интернатҳо таҳсил намоянд, аз ин хатару таҳдидҳо озод гардида, мафкураи илмӣ ва ҷаҳонбинии дунявӣ ҳосил менамоянд. Сониян, хароҷоти молиявӣ, ки таъминоти молиявии МК ба уҳдаи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия мебошад, сарфа мегардад. Агар аз рӯйи низоми молиявӣ имкон дода шавад, ки ба суратҳисоби мактаб- интернатҳо тибқи маблағгузории сарикасӣ мақомоти маҳаллӣ маблағи таҳсилро пардохт намоянд, шароити таълиму тарбия дар мактаб-интернатҳо хеле боло меравад. Ин иқдом агар татбиқ шавад, мушкилоти МК ҳал гардида зарурияти таъсис ва таъмину нигоҳдории МК аз байн меравад.

Дар рафти омӯзиш ва таҳқиқи раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии МК муайян гардид, ки ҳарчанд муассисаҳои таълимии МК давра ба давра бо биноҳои нав, васоити

муосири таълимӣ, омӯзгорон таъмин гарданд ҳам, аммо ҳадафи асосӣ бунёди заминаҳои рушди ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар сатҳи зарурӣ таъмин намегардад.

АДАБИЁТ:

1. Имомназаров Д. Таълим дар мактаб (синф)-ҳои камнуфус, Душанбе, “Нигор”, -2018, 156 с.
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. (6-ноябри соли 1994 тавассути референдуми умумихалкӣ қабул гардид).
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “ Дар бораи маориф” Соли 2013.
4. Мирбобоева Б . Ташкили раванди таълим дар мактабҳои камнуфус дар шароити татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим. Дастури методӣ , Душанбе : Сифат, 2021 ,62- саҳ.
5. Мирбобоева Б. Таълим дар мактаби камнуфус. Дастури методӣ, Душанбе: “нигор” 2018- 67 саҳ.
6. Низомномаи намунавии мактабҳои камнуфус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо қарори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.07.2013, №12,7 тасдиқ шудааст).
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 22- декабри соли 2016.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 22- декабри соли 2017.
9. Рушди маориф ва илм дар даврони Истиқлолияти давлатӣ. Душанбе: Маориф, 2016.192 саҳ.
10. Смолин О.Н. Образование –для всех . Москва, из. “Проспект”, 2006-416 с.
11. Стратегияи миллии рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.
12. Стратегияи миллии рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020.
13. Человеческий капитал современного Таджикистана. Душанбе , “Дониш”, 2021 - 147 с.
14. Ҳисоботи Лоиҳаи Рушди фаъолияти мактаби камнуфус ва дурнамои он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 – 2020.

МУШКИЛОТИ ТАЪМИНИ РУШДИ САРМОЯИ ИНСОНИИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ МАКТАБҲОИ КАМНУФУС ДАР ШАРОИТИ КУНУНӢ

Консепсияи сармояи инсонӣ дар замони муосир барои рушди иқтисодиёт дар тамоми давлатҳои рӯбаинкишоф, аз он ҷумла, дар Тоҷикистон низ татбиқ гардида истодааст. Дар даврони Истиқлолияти давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар самти таҳсилот татбиқи сармояи инсонӣ тамоми чораҳо ва захираҳоро истифода бурда истодааст.

Дар мақола таҳлили якчанд дастовардҳои даврони истиқлолият дар самти маориф ва Стратегияҳои рушди соҳаи маориф ва барномаҳои давлатӣ барои баланд бардоштини сифати таълим ва ғайра хеле амиқ ичро гардидааст. Аммо то ҳол дар соҳаи маориф мушкилоти зиёд боқӣ мондааст.

Дар мақола муаллиф мушкилоти таъмини рушди сармояи инсонии хонандагони муассисаҳои таълимии мактабҳои камнуфус дар шароити кунунӣ муайян намуда, барои таъмини рушди неруи инсонии хонандагони МК пешниҳодҳои судманд менамояд.

Калидвожаҳо: *рушди неруи инсонӣ, мактабҳои камнуфус, сифати таҳсилот, сатҳи дониш, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, дастурҳои методӣ.*

ПРОБЛЕМЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ РАЗВИТИЯ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА УЧАЩИХСЯ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ МАЛОКОМПЛЕКТНЫХ ШКОЛ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Концепция человеческого капитала в настоящее время реализуется для развития экономики во всех развивающих странах, в том числе и в Таджикистане. В период государственной независимости Правительство Республики Таджикистан для внедрения человеческого капитала в сфере образования использует все меры и ресурсы.

В статье всесторонне анализируются некоторые достижения в сфере образования в период независимости и Стратегия развития сферы образования, государственные программы предназначенные для повышения качества образования и так далее.

В статье автор выявил проблемы обеспечения развития человеческого капитала в малокомплектных школах в настоящее время и предлагает эффективные предложения для обеспечения развития человеческого капитала.

Ключевые слова: *развитие человеческого капитала, малокомплектная школа, Национальная стратегия развития образования Республики Таджикистан в период до 2030 года, методические пособия.*

PROBLEMS OF PROVIDING THE DEVELOPMENT OF HUMAN CAPITAL OF STUDENTS OF EDUCATIONAL INSTITUTIONS OF LOW-POPULATION SCHOOLS IN THE CURRENT CONDITIONS

The concept of human capital to realize in all progressive countries for development economic including in Tajikistan in the modern time. In sovereignty period the government the Republic of Tajikistan took every measure and resources for realization the human capital in the trend of education

In the article, is comprehensive an analysis of the achievement of independence period and the strategy of development in sphere education and states programs and so on.

In the article, the author revealed the problems for provision pupils of development human capital in the educational establishment small schools at the present time and advanced effective suggestion for provision development human capital.

Key words: *development human capital, small schools, quality education, level knowledge, National strategy of education development of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030, methodological aids*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Исматов Сулаймон Бобомуродович мутахассиси Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов-12,2. E- mail: ismatovsulajmon2017@gmail.com, тел.:+ (992) 919-00-78-66*

Сведения об авторе: *Исматов Сулаймон Бобомуродович - специалист Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. А. Адхамова -12/2, E-mail: ismatovsulajmon 2017@gmail.com, тел.:+ (992) 919-00-78-66*

Information about theauthor: *Ismatov Sulaimonov Bobomurodovich - specialist of the Educational Development Institute named after Abdurahmon Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, A. Adhamov st.-126. E-mail: ismatovsulajmon 2017@gmail.com, тел.:+ (992) 919-00-78-66*

ТДУ (УДК) -159.9
ТКБ (ББК) -88
З-20

АРТТЕРАПИЯ ҲАМЧУН ВОСИТАИ РУШДИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ЭҶОДӢ

Абдурашитов Н. Ф.
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Дар ҷомеаи имрӯза омӯзиши моҳияти қобилияти эҷодӣ дар натиҷаи таъсиррасонӣ ба фаъолияти эҷодӣ баҳри баланд бардоштани самаранокии он ба миён омад. Ҳатто файласуфони Юнони қадим дар системаи таълимии худ кӯшиш мекарданд, ки усулеро истифода баранд, то тафаккури эҷодиро дар хонандагон инкишоф диҳанд.

Тафаккур ва эҷодкории инсон бузургтарин неъмати табиат аст. Табиат ҳар як одамро чизе ато намудааст, аммо аз ин ҳам маълум аст, ки табиат неъматҳои худро баробар тақсим накарда, ба касе бештару ба касе кам мукофот медиҳад.

Дар асарҳои психологҳои рус эҷодкорӣ ҳамчун хусусияти тафаккури эҷодкорӣ пайдо шуда, он аз дигар равандҳои психикӣ фарқ мекунад ва дар айни замон робитаи зидди он бо такрористеъдод баррасӣ шудааст.

Муҳаққиқон имкони роҳнамоии психологӣ - педагогиро ба фаъолияти маърифатии хонандаи хурдсол бо мақсади рушди эҷодкорӣ таъкид мекунанд. Бо ин мақсад дар адабиёти психологию педагогӣ дар фаъолияти муассисаи таълимӣ воситаи пуразриш - арттерапия пешниҳод шудааст. Ин усул ба қонеъ гардонидани талаботи шахсият ба худшиносӣ ва рушди худ мусоидат мекунад.

Рочеъ ба масъалаи ташаккул ва инкишофи неруи эҷодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ олимони гуногун омӯзиш гузаронида, педагогону психологон ба монанди А.А. Реан, А.Ф. Ануфриев, В.С. Соломина, В.С. Сетлин, Г.А. Новичкова, Г.Ф. Гавриличева, Д.Б. Богоявленская, В.Н. Дружинин, Я.А. Пономарева, А.Н. Леонтьева, С.Л. Рубинштейн, Ҷ. Гилдфорд, П.Э. Торренс, Е.Е. Сапогова, И.Ю. Кулагина, Л.С. Виготский, К.В. Бардин, Л.И. Божович, Л.М. Фридман, Л.Ф. Обухова, М.В. Ермолаева, М.Н. Волокитина, Н.А. Менчинская, Ю.К. Бабанский омӯхтаанд. Ҳамзамон ҳоло хусусиятҳои сустхонии хонандагон ва бедор кардани он дар ҷараёни таълим тавассути машғулиятҳои психологӣ ҳам ба пурра омӯхта нашудааст ва ҳам ҷиҳати коркарди коррексияи психологиро мутобиқ ба замони муосири таҳсилот металабад. Дар ҷараёни омӯзиш тасмим гирифтем, то сабабҳо, шароити сабабҳои психологии сустхонии мактаббачагони синфҳои ибтидоӣ ва роҳҳои коррекияи онро дар шароити муассисаҳои миёнаи умумии таълимии давлатӣ муайян намоем.

Арттерапия як равиши байнисоҳавӣ мебошад, ки соҳаҳои гуногуни дониш - психология, тиб, педагогика, фарҳангшиносӣ ва ғайраро муттаҳид мекунад. Он ба амалияи бадеӣ асос ёфтааст, зеро дар рафти дарсҳои арттерапия мизоҷон ба фаъолияти визуалӣ ҷалб карда мешаванд.

Калимаи “арттерапия” бори аввал дар солҳои 1940 истифода шудааст. Дар кишварҳои англисизабон аз ҷониби муаллифон ба монанди М.Наумбург ва А.Хилл, барои муайян кардани он шаклҳои амалияи клиникӣ, ки дар онҳо «ҳамроҳӣ»-и психикӣ мизоҷони дорои нуқсонҳои эмотсионалӣ, психикӣ ва ҷисмонӣ дар ҷараёни дарсҳои санъати тасвирии онҳо анҷом дода мешуд.

Баъзан, дар нашрияҳои русизабон арттерапияро беасос бо “психотерапия бо санъати экспрессивӣ” ё “психотерапия бо санъат” омехта карда, онро бо истифода аз шаклҳои гуногуни худшиносии эҷодӣ бо мақсади ба даст овардани таъсири табобатӣ, ислоҳӣ ва рушдкунанда алоқаманд мекунанд[1].

Аммо аксари муаллифони рус, ки мафҳуми арттерапияро истифода мебаранд, таърифи дар адабиёти байналмилалӣ қабулшударо риоя намуда, онро яке аз шаклҳои амалияи психотерапевтикӣ ва психологӣ дар асоси истифодаи воситаҳои визуалӣ, пластикии худфаҳмии шахс дар контексти муносибатҳои психотерапевтӣ медонанд [6].

Дар чаҳорчӯбаи ин муносибатҳо арттерапия барои мизоҷ муҳити амне, ки метавонад офис ё студия бошад, фароҳам оварда, дар паҳлуи ӯ дар ҷараёни визуалии ӯ бо маводи гуногуни визуалии кор – рангу гил ва ғайра таъмин менамояд. Мизоҷон метавонанд маводи ба онҳо пешниҳодшударо мувофиқи хоҳишашон истифода баранд ва дар ҳузури арттерапевт барои ифодаи фикру ҳиссиёти худ дар кори визуалӣ саъй кунанд. Арттерапевт мизоҷро барои муошират бо мавод ва маҳсулоти визуалӣ ташвиқ мекунад, ки бинобар ин раванди арттерапевтӣ яке аз шаклҳои муколама аст"[3].

Арттерапия бо эҷоди тасвирҳои визуалӣ алоқаманд аст ва ин раванд ҳамкории мутақобилаи муаллифи асар, худи асар ва психологро дар бар мегирад. Арттерапия, ба монанди дигар намуди психотерапия, ба огоҳии маводи рӯҳии бешуурона, инчунин рушди қобилиятҳои эҷодӣ нигаронида шудааст. Арттерапевтҳо хусусиятҳои раванди эҷодиёти визуалиро амиқ дарк мекунанд, дар муоширати ғайривербалӣ, рамзӣ малакаҳои касбӣ доранд ва кӯшиш мекунанд, ки муҳити корӣ фароҳам оранд, ки дар он ӯ барои ифодаи эҳсосоти қавӣ ба таври кофӣ ҳимоят ҳис кунад. Меъёрҳои эстетикӣ, мувофиқи ақидаи М.Е.Бурно дар заминаи арттерапия воқеан муҳим нест. Асоси таъсири мутақобилаи арттерапевтӣ ифода ва ҷамъшавии маводи рӯҳии беҳуширо тавассути фаъолияти визуалӣ ташкил медиҳад"[3].

Арттерапия як самтест, ки бо истифодаи маводи гуногуни санъат аз ҷониби мизоҷ тасвирҳо, образҳо, қобилият, манфиатҳо, аксуламалҳо ба маводи фаъолият, ки ӯ меофарад, рушди психикӣ, хусусиятҳои шахсӣ, мушкилот ва низоъҳои ботинӣ мавриди ихтироъ ва баррасӣ қарор мегирад.

Мутобиқ ба гуфтаи роҳбари барномаи таълимии арттерапия, профессори Донишгоҳи Лондон ва президенти фахрии Ассотсиатсияи арттерапевтҳои британиё Д. Уоллер, арттерапия бар он ақида асос ёфтааст, ки эҷод ва дарки тасвирҳои визуалӣ ҷанбаи муҳимми фаъолияти маърифатии инсон аст, ки эҷодиёти визуалӣ дар ҳузури мутахассис ба мизоҷ имкон медиҳад, ки ҳам барвақт ва ҳам воқеаро дар контексти "ҳоло ва ҳозир", эҳсосот ва ниёзҳои бошуурона ва бешуурона, аз ҷумла онҳое, ки ифодаи онҳо бо ёрии калимаҳо хеле душвор аст, амалӣ ва баён кунад, тасвири визуалӣ воситаи муоширати байни терапевт ва мизоҷ мебошад[11].

Дар асоси ҷамъбасти таърифҳои арттерапия, ки дар сарчашмаҳои мухталифи ватанӣ ва хориҷӣ мавҷуданд, пеш аз ҳама, онҳо сатҳи баланди касбии фаъолияти арттерапияро инъикос мекунанд, олимон пешниҳод мекунанд, ки арттерапия ҳамчун маҷмӯи усули психологии таъсиррасонӣ дар контекст баррасӣ карда шавад. Фаъолияти визуалӣ ва муносибатҳои психотерапевтии мизоҷ ва бо мақсади табобат, психокоррексия, психопрофилактикӣ, офиятбахшӣ ва таълими шахсони дорои нуқсонҳои гуногуни ҷисмонӣ, ихтилоли эмотсионалӣ ва психикӣ, инчунин намояндагони гурӯҳҳои хавфнок истифода мешаванд [6].

Сарфи назар аз алоқаи зич бо амалияи тиббӣ, арттерапия дар бисёр ҳолатҳо самти иҷтимоӣ, инкишоф ва психопрофилактикӣ дорад, ки ба шарофати он метавонад воситаи пуразриш дар фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, лоиҳаҳои тавонбахшӣ ва кори иҷтимоӣ гардад.

Шакл ва усули кори арттерапевтӣ бо кӯдакон, ки ҳоло дар кишварҳои гуногун истифода мешаванд, хеле гуногунанд. Асосҳои эҷоди усули аввалини кори арттерапевтӣ бо кӯдаконро дар ғарб аз ҷониби муаллифон ба монанди Э. Кейн, В. Ловенфелд гузошта шудаанд. Муаллифони мазкур фаъолияти визуалии кӯдакро бо рушди соҳаҳои маърифатӣ ва эҳсосии ӯ пайвастагии ногусастанӣ арзёбӣ намуда, дар он имкониятҳои ғании инкишофи қобилиятҳои эҷодии ӯро мебинанд.

Асарҳои классикӣ барои кӯдакон дар соҳаи арттерапия нашриёти Э. Крамер «Арттерапия дар ҷомеаи кӯдакон», «Арттерапия бо кӯдакон» ва «Кӯдакӣ ва арттерапия» гардиданд. Дар ин китобҳо нуқтаи назари Э. Крамер дар бораи табиати эҷодиёти бадеии бачагон ва имкониятҳои психотерапевтии он инъикос ёфтааст. Э. Крамер дар асоси фаҳмиши психоаналитикии раванди инкишофи рӯҳӣ ва фаъолияти эҷодӣ иқтидори табобатии онро асосан бо он мепайвандад, ки дар раванди тасвири кӯдак равандҳои психикӣ ташкил карда мешаванд ва гузариши тадриҷан аз шаклҳои нисбатан ибтидоии фаъолияти психикӣ ба мураккабтар ва самараноктар.

Усули бозгашти шифоҳӣ ва ғайривербалӣ, ки аз ҷониби арттерапевт ҳангоми кор бо кӯдак истифода мешавад, метавонад мушоҳидаи фаъол, ислоҳи изҳороти ӯ, саволҳои

интихобӣ, баёни эҳсоси дар расм инъикосшуда, амалҳо ва ифодаи чеҳраро дар бар гирад, паёми арттерапевт дар бораи эҳсосот ва ассотсиатсияҳои ӯ бо расмкашӣ, маҳдуд кардани таъсирҳо ва усулҳои дигар [9].

Таҷрибаи гузаронидани вариантҳои гуногуни арттерапия бо кӯдакон, аз ҷумла кор дар гурӯҳи студиявӣ мавҷуд аст, ки дар рафтори иштирокчиён стихиявии назаррасро дар назар дорад. Кӯдакон имкониятҳои ғании студияро ба осонӣ истифода бурда, фазои худро эҷодкорона ташкил мекунанд, кори эҷодиро бо бозӣ ва ҳамкорӣ бо ҳамдигар иваз мекунанд [8].

Бисёре аз муаллифон кори худро бо гурӯҳҳои гуногуни кӯдакон, чи дар мактаб ва чи дар шароити клиникӣ тавсиф мекунанд. Онҳо як қатор мисолҳои арттерапияи гурӯҳиро бо кӯдакони синну соли гуногун мегузаронанд. Ин мисолҳо нишон медиҳанд, ки ҳаҷми гурӯҳи арттерапия аз рӯи синну соли кӯдакон ва дараҷаи ихтилоли эҳсосот ва рафтори онҳо муайян карда мешавад. Аммо, ин олимон дар ҳама ҳолатҳо ба формати озоди кор бартарӣ дода, ба кӯдакон озодии назаррас медиҳанд.

Намунаи равиши сохтории бештар ба сеансҳои арттерапевтӣ бо кӯдаконро метавон дар нашрияҳои М. Либман пайдо кард [13]. Муаллиф амалияи гурӯҳҳои мавзуро, ки бо сохтори се қисмати бештари дарсҳо бо гузариш аз як намуди фаъолият ба намуди дигар ва мавзуи асосии характеристикаи ҳар як дарс фарқ мекунанд, тасвир мекунад.

Баррасии моделҳои арттерапияи гурӯҳӣ, ки дар кор бо кӯдакон истифода мешаванд, дар мақолаи Ф. Прокофев оварда шудааст. Вай таъкид мекунад, ки кор дар гурӯҳҳои бачагона метавонад хеле динамикӣ бошад ва агар аз ҷониби тренер назорат накунад, ин метавонад боиси амалҳои ногаҳонии харобиовари кӯдакон гардад. Мутахассисоне, ки бо кӯдакон кор мекунанд, бояд ба зуҳуроти рафтори импулсивии онҳо, ки метавонанд дар лаҳзаҳои муайяни кор пайдо шаванд, фавран вокуниш нишон диҳанд. Бомуваффақият гузаронидани арттерапевтҳои гурӯҳӣ бо кӯдакон, бар хилофи кор бо калонсолон, дар ҳузури зуҳуроти импулсивӣ дар кӯдакон, сохтори бештари фаъолияти онҳоро талаб мекунад. Дар баробари ин, барои терапевт муҳим аст, ки "алоқаро бо кӯдаки ҳақиқӣ қатъ накунад", инчунин "кӯшиш кунад, ки дар гурӯҳ фазои бехатар эҷод кунад, эҷодиёти онро пахш накунад ва ба гиперназорат наояд". Сохтори кори гурӯҳӣ метавонад барои рафъи изтироби ҳам кӯдакон ва ҳам терапевт, инчунин афзоиши муттаҳидии гурӯҳ кумак кунад. Илова бар ин, таблиғи баъзе мавзуъҳо ва истифодаи машқҳои мушаххас кӯдаконро бехатар ҳис мекунанд [13].

Президенти Ассотсиатсияи арт-терапии Амрико С. Макнифф тамоили ворид кардани арттерапияро ба таълим таҳлил намуда, қайд мекунад, ки дар баробари дар ИМА инкишоф ёфтани арттерапия, кӯшишҳои омезиши педагогика бо терапия бо муқовимати афзоянда, пеш аз ҳама аз санъати тасдиқшуда дучор меоянд,терапевтҳо, чунин мешуморанд, ки ин боиси норавшан шудани сарҳади касб мегардад [10].

Шумораи зиёди нашрияҳои амрикоӣ ҷанбаҳои ташхис ва рушди татбиқи усули арттерапевтӣ дар таълимро инъикос мекунанд. Дар айни замон, усули аслии графикие, ки аз ҷониби арттерапевт таҳия шудаанд, аксар вақт истифода мешаванд. Дар ин хусус осори Р. Силвер, ки аз солҳои 70-ум имкониятҳои ташхис ва инкишофи усули арттерапевтиро дар муассисаҳои таълимиро таҳқиқ кардааст, нишондиҳандатарин аст. Вай се санҷиши графикиро барои истифода дар машварати арттерапевт дар мактабҳо офаридааст: Санҷиши расми нуқра, санҷиши ҳикояро кашидан ва усули расмкашии ҳавасмандкунанда [10].

Таҷрибаи истифодаи арттерапия дар мактабҳо дар асарҳои М.Ю. Алексеева, Л. Аметова, А.В. Гришина, Т. Доброволская, Л.Н. Комиссарова, Э.Р. Кузмина, Л. Лебедева, Ю. Левченко, Е. Медведева гирд оварда шудаанд.

М.Ю. Алексеева барои муаллимони забони хориҷӣ асбоби таълимӣ тайёр кардааст, ки дар он техникаи оригиналии таълим бо элементҳои арттерапия тасвир ёфтааст. Муаллиф истифодаи унсурҳои арттерапияро дар таълими забони хориҷӣ ба кӯдакон бо зарурати ташаккули тафаккури мустақилонаи эҷодии онҳо ва тарбияи шахсияти эҷодкор асоснок кардааст. Вай қайд мекунад, ки истифодаи шаклҳо ва усули инноватсионии кор, ки фаъолияти маърифатиро дар педагогикаи муосир ҳавасманд мекунанд, ба монанди усули иҷрои "вазифаҳои эҷодӣ" аксар вақт бо як қатор мушкилоти назаррасе алоқаманд аст, ки самаранокии онҳоро коҳиш медиҳанд [2].

М.Ю. Алексеева тасмим гирифт, ки унсурҳои арттерапияро истифода барад ва онро "воситаи аз ҳама самараноки қонеъ гардонидани талаботи шахс ба худшиносӣ, худдарккунӣ, рушди худшиносӣ"[2] ҳисоб кард. Ин, ба андешаи вай, зарурати дар амалияи педагоги ба сифати воситаи таълими инкишофёбанда истифода бурдани онро ба миён меорад.

Сарфи назар аз он, ки он дар муассисаҳои таълимӣ татбиқ карда мешавад ва аз ҷониби муаллиф барои истифода аз ҷониби омӯзгорони санъати тасвирӣ тавсия шудааст, он пур аз унсурҳои хосси арттерапия мебошад.

Асарҳои Л. Лебедева ба баъзе масъалаҳои истифодаи арттерапия дар таълим бахшида шудаанд. Муаллиф мафҳуми «терапия» - ро ба дастгоҳи истилоҳотии педагогика ворид намуда, онро на танҳо ҳамчун «табобат», балки ҳамчун «ғамхорӣ, нигоҳубин» низ тарҷума кардааст. Дар ин замина, вай истифодаи арттерапияро аз ҷониби омӯзгорон ва психологҳои педагогӣ (таҳсилот) ки дар соҳаи машварати психикӣ, психотерапия ва арттерапия ягон тайёрии махсус надоранд, ҷоиз мешуморад [9].

Дар асоси сарчашмаҳои адабии пешниҳодшуда метавон ба хулосаҳои зерин омад:

1. Арттерапия як системаи таъсирро ифода мекунад, ки ба амалияи фаъолияти визуалӣ дар заминаи муносибатҳои психотерапевтӣ (муносибати мизоҷ бо мутахассиси солимии психикӣ) асос ёфтааст.

2. Мақсади истифодаи арттерапия дар таълим нигоҳдорӣ ё барқарор кардани саломатии хонандагон ва мутобиқсозии онҳо ба шароити муассисаи таълимӣ тавассути татбиқи иқтидори психокоррексионӣ, ташхисӣ ва психопрофилактикии он мебошад.

3. Истифодаи усули арттерапевтӣ аз ҷониби омӯзгорон дар сурати мавҷуд набудани омодагии кофии махсус дар соҳаи машварати психологӣ ва арттерапия, бинобар надоштани донишу малакаҳои дахлдори онҳо, беасос дониста шавад, ки барои ҳалли масъалаҳои нигоҳдорӣ ва барқарорсозии онҳо солимии рӯҳии хонандагон заруранд.

Ҳамин тариқ, арттерапия дар айни замон яке аз воситаҳои асосии рушди қобилиятҳои эҷодӣ мебошад. Арттерапия ба шумо имкон медиҳад, ки инкишоф диҳед.

Арттерапияро ҳамчун воситаи ташаккули қобилиятҳои эҷодӣ баррасӣ намуда, биёед ба баррасии хусусиятҳои инкишофи қобилиятҳои эҷодӣ дар синни хурди мактабӣ мегузарем.

Ҳамин тариқ, омӯзиши масъалаи эҷодкорӣ дар айни замон характери мураккаб пайдо карда, як соҳаи муҳими тадқиқот мебошад.

Ҷомеаи муосир ба одамони босавод, ахлоқӣ, эҷодкор ниёз дорад, ки мустақилона қарорҳои масъулиятнок қабул карда тавонанд.

Майли эҷодкорӣ ба кӯдак хос аст. Ба гуфтаи Л. Виготский, эҷодкорӣ меъёри инкишофи кӯдак аст. Синни кӯдакӣ ба муъҷизаҳои дониш, қобилияти ҳайратовар, сарват ва зебоии ҷаҳони атроф кушода ва қабулкунанда аст. Зуҳуроти фантазия дар кӯдак назар ба калонсолон равшантар ва ғайричашмдошт аст, зеро кӯдак ба маҳсули тахайюли худ бештар бовар мекунад ва онҳоро камтар назорат мекунад [11].

Дар марҳилаҳои аввали ҳаёт сатҳи баланди эҷодкорӣ метавонад бо сатҳи пасти интеллектуалӣ пайваст карда шавад. Ва бидуни кори пуршиддат оид ба коркарди охирин, қобилияти эҷод дар оянда зуд коҳиш меёбад.

Тахайюли эҷодӣ шарти хатмии ҳама гуна фаъолияти инсон аст. Ин раванди психикӣ махсусан барои кӯдакон дар омӯзиш муҳим аст. Ҳар як фанни мактабӣ (математика, адабиёт, инкишофи нутқ, мусиқӣ, рассомӣ ва ғ.) кори самараноки ин вазифаи психикӣро талаб мекунад. Аз ин рӯ, дар дарси рассомӣ дар синфҳои ибтидоӣ мақсаднок инкишоф додани тасаввуроти эҷодӣ муҳим аст [12].

Ташаккули тасаввуроти эҷодӣ бо инҳо мусоидат мекунад: истифода дар марҳилаи ибтидоии омӯзиши донишҳои махсус барои тарҳрезӣ, ки аз ҷониби донишҷӯён дар сатҳи фаннӣ амалӣ карда мешавад.

Истифодаи вазифаҳое, ки фаъолияти хаёлотро дар сатҳи визуалӣ-образӣ тақлид мекунанд.

Дар дарси таълими предметӣ-амалӣ ва дар кори беруназсинфӣ барои ҷамъбаст намудани таҷрибаи сенсории талабагон истифода бурдани доираи васеи материалҳои табиӣ ва синтетикӣ.

Диққати таълим ба инкишоф додани қобилияти сохти сюжети хонандагон, дохил намудани элементҳои додашуда ба мазмуни содда ва баъд муфассал.

Ба тасвири объектҳои офаридашуда дар динамика диққат додан.

Фаъолияти корро бо шакл нишон дода, дар асоси шаклҳои маводҳои асосӣ офаридани образҳои объектҳои гуногунро пешниҳод мекунанд.

Ба талабагон озодии интихоб кардани масолеҳ барои сохтани ашё.

Дохил намудани бозиҳои нақши режиссёрӣ ва сюжетӣ ҳамчун элементи структуравӣ дар дарсҳои таълими предметӣ-амалӣ.

Ба вуҷуд овардани ҳолатҳои муаммоӣ дар рафти машғулиятҳо, ки норавшании ҳалли онҳо фаъолияти хаёли эҷодиро ба вуҷуд оварда, ба ташаккули механизмҳои комбинатории ин ҷараёни психикӣ мусоидат мекунад [13].

Ҳамин тариқ, дар шароити модели таълими ба шахсият нигаронидашуда, ҳар як кӯдак барои рушди қобилиятҳои эҷодии худ ҳуқуқ ва имконияти воқеӣ пайдо мекунад. Дар ҳар кӯдак як порае хаёл ҳаст, ки бо эҳсос кардан, фикр кардан, амал кардан, ҳадди ақалл заррае аз «ман»-и худро ба ҳаёт меорад.

Психологҳои хориҷӣ эҷодкориро тавассути хусусиятҳои раванд муайян мекунанд, асосан маҳсулоти гуногунро таҳқиқ мекунанд.

Дар психологияи рус тамоюлҳо инкишоф меёбанд, ки асосан ба омӯзиши равандҳои тафаккури эҷодӣ, ҳамчун ҳалли масъалаҳои эҷодӣ (вазифаҳои психикӣ) оварда мерасонанд.

Як хатти шабеҳи омӯзиши эҷодкорӣ ин фаҳмиш аст, ки эҷодкорӣ ҳатман сатҳи хуби рушди зеҳнро пешбинӣ мекунад. Ҳам психологонӣ ватанӣ ва ҳам хориҷӣ фаъолияти мутаносибан ташкилшудаи таълимӣ ва беруназсинфии донишҷӯро омил ва шарти муҳими тавлид ва ҳалли масъалаҳои эҷодӣ муайян мекунанд.

Яке аз самтҳои муосири рушди қобилияти эҷодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ арттерапия мебошад. Он ба худшиносии эҷодии шахсияти кӯдак мусоидат мекунад.

Сохтори эҷодкорӣ, ки бо нишондодҳои инфиродии он (тағйирпазирӣ, аслият, коркард, муқовимат ба басташавӣ) ифода ёфтааст, дар зуҳури худ якхела аст. Синну соли хурди мактабӣ барои зуҳури эҷодкорӣ имкониятҳои мусоид дорад: фаъолияти хуби ҳавасмандӣ, чандирии тафаккур дар ҳалли мушкилот, кушодагӣ ба таҷрибаи нав, ҳассосият ба мушкилот. Ҳамаи ин ба талаботи эҷодии бачагон хос аст. Аллакай дар мактаббачаи хурдсол мо метавонем фарқияти байни ду ҷанбаи эҷодкорӣ, аз як тараф, ҳамчун эҷодкорӣ дар эҷоди ғояҳои нав (мутафаккирони аслӣ, идеяро аз ҷиҳати назариявӣ инкишоф медиҳанд) ва аз тарафи дигар, ҳамчун эҷодкорӣ дар таҳияи ғояҳо (мутафаккирон-таҳиягарон, таҳияи амалии идея). Фаъолияти баланди ҳавасмандгардонӣ ва чандирии тафаккур ба кӯдакон имкон намедоданд, ки дар рушди муфассали ғояҳо бимонанд. Зуҳуроти пасти нишондиҳандаҳои қобилияти эҷодӣ аз ҷониби баъзе субъектҳо далели набудани эҷодиёт нест.

Хонандагони хурдсол дар пешниҳоди ғояҳои эҷодӣ дар бораи маводи ғайривербалӣ назар ба ғояҳои шифоҳӣ беҳтаранд. Ин аз он сабаб аст, ки кӯдак дар расмкашӣ қобилияти худро беҳтар ифода карда метавонад. Ба ҳамин монанд, вазифаҳои ғайри шифоҳӣ нисбат ба вазифаҳои шифоҳӣ чаҳорчӯба ва маҳдудиятҳои камтар доранд.

Истифодаи асбобҳои арттерапевтӣ ба рушди бомуваффақияти қобилиятҳои эҷодии мактаббачагон мусоидат мекунад. Дар раванди омӯзиши фанни маводи мактаб чандирии тафаккур беҳтар инкишоф меёбад.

АДАБИЁТ:

1. Аметова Л.А. Формирование арттерапевтической культуры младших школьников “Сам себе арттерапевт”. М.: Московский государственный открытый педагогический университет, 2003. – 115с.
2. Божович Л. И. Личность и ее формирование в детском возрасте. – М., 1998. – 327 с.
3. Бурно М. Е. Терапия творческим самовыражением. М.: Медицина, 1989. – 703 с.
4. Выготский Л. Н. Воображение и творчество в дошкольном возрасте. – СПб., 1997. – 285с.
5. Выготский Л. Н. Вопросы детской психологии. – М., 1997. – 326 с.
6. Гришина А. В. Развитие творческой индивидуальности подростков средствами арт-терапии в учреждениях дополнительного образования. Автореферат на соискание ученой степени кандидата педагогических наук. Волгоград: Волгоградский государственный педагогический университет, 2004. – 149 с.
7. Копытин А. И. Основы арт-терапии. СПб.: Лань, 1999. – 429 с.
8. Кузнецова Л. В. Гармоничное развитие личности младшего школьника: Книга для учителя. – М., Просвещение, 1988. – 224с.
9. Лебедева Л. Д. Практика арт-терапии: подходы, диагностика, система занятий. СПб.: Речь, 2003. – 313 с.
10. Макнифф Ш. Целостное восприятие арт-терапии // Исцеляющее искусство: журнал арт-терапии. – 2005. –Том 8. – №1. – С.10-23.
11. Роджерс К. Творчество как усиление себя // Вопросы психологии. – 1990. – № 1. – С. 127-158.
12. Симановский А. Э. Развитие творческого мышления детей. – Ярославль, 1997. – 299с.
13. Торшина К. А. Современные исследования проблемы креативности в зарубежной психологии //Вопросы психологии. –1998. –№4. –С. 21-48.

АРТТЕРАПИЯ ҲАМЧУН ВОСИТАИ РУШДИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ЭҶОДӢ

Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳимтарин, яъне арттерапия ҳамчун воситаи рушди қобилиятҳои эҷодӣ бахшида шудааст. Муаллиф бештар назари хешро атрофи масъалаи эҷодкорӣ дар психологияи ватанӣ ва хориҷӣ, табиати психологии қобилиятҳои эҷодӣ, арттерапия ҳамчун воситаи рушди қобилиятҳои эҷодӣ, хусусиятҳои рушди қобилияти эҷодӣ дар хонандагон, истифодаи методҳои терапевтӣ дар инкишофи қобилиятҳои эҷодии хонандагон мавриди тадқиқ қарор додааст.

Бояд гуфт, ки ташаккули шахсияти фаъоли эҷодкор, ки қобилияти ҳалли самаранок ва ғайримуқаррарии мушкилоти ҳаётро дорад, дар синни барвақти мактабӣ гузошта мешавад ва шарти рушди минбаъдаи шахсияти одам ин фаъолияти бомуваффақияти эҷодии ӯ мебошад. Муаллиф методи арттерапияро мавриди таҳқиқ қарор дода, ба рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагони синни хурди мактабӣ таваҷҷуҳи хешро нигаронида шудааст. Инчунин тавсияҳо ва барномаи рушд пешниҳод намудааст, ки дар фаъолияти педагогӣ ва психологӣ онҳоро истифода намудан мумкин аст.

Калидвожаҳо: *эҷодкорӣ, қобилиятҳои эҷодӣ, ҳолати эмотсионалӣ, тафаккур, ташхис, рушд, хонанда, синни хурд, таълим, арттерапия, терапия.*

АРТ-ТЕРАПИЯ КАК ИНСТРУМЕНТ РАЗВИТИЯ ТВОРЧЕСКИХ НАВЫКОВ

Данная статья посвящена одному из важнейших вопросов – арт-терапии как средству развития творческих способностей. Автор исследовал проблему творчества в отечественной и зарубежной психологии, психологическую природу творческих способностей, арт-терапию как средство развития творческих способностей, особенности развития творческих способностей у студентов, применение терапевтических методов в развитии творческих способностей учащихся.

Следует сказать, что формирование активной творческой личности, обладающей способностью эффективно и нестандартно решать жизненные задачи, закладывается уже в раннем школьном возрасте, а условием дальнейшего развития личности человека является его успешная творческая деятельность. Автор исследует метод арт-терапии и уделяет особое внимание развитию творческих способностей учащихся младших классов. Он также предложил рекомендации и программу развития, которые можно использовать в педагогической и психологической деятельности.

Ключевые слова: *творчество, творческие способности, эмоциональное состояние, мышление, диагностика, развитие, студент, молодой возраст, образование, арт-терапия, терапия.*

ART THERAPY AS A TOOL FOR THE DEVELOPMENT OF CREATIVE SKILLS

This article is devoted to one of the most important issues, that is, art therapy as a means of developing creative abilities. The author has researched the issue of creativity in domestic and foreign psychology, the psychological nature of creative abilities, art therapy as a means of developing creative abilities, the characteristics of the development of creative abilities in students, the use of therapeutic methods in the development of creative abilities of students.

It should be said that the formation of an active creative personality, which has the ability to effectively and unconventionally solve life's problems, is established at an early school age, and the condition for the further development of a person's personality is his successful creative activity. The author researches the art therapy method and focuses on the development of creative abilities of elementary school students. He also offered recommendations and a development program that can be used in pedagogical and psychological activities.

Key words: *creativity, creative abilities, emotional state, thinking, diagnosis, development, student, young age, education, art therapy, therapy.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Абдурашитов Наимҷон Фозилович – номзади илмҳои психологӣ, мудири шуъбаи инноватсия ва психологияи таҳсилоти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон; 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов; Тел: (+992) 918-50-21-45; E-m: a_naimjon_f@mail.ru*

Сведение об авторе: *Абдурашитов Наимжон Фозилович – кандидат психологических наук, заведующий отделом инновации и психологии образования Академии образования Таджикистана; 734024, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица А. Адхамов; Телефон: (+992) 918-50-21-45; Электронная почта: a_naimjon_f@mail.ru*

Information about the author:*Abdurashitov Naimzhon Fozilovich – candidate of psychological sciences, head of the department of innovation and psychology of education of the Academy of Education of Tajikistan; 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, A. Adkhamov street; Phone: (+992) 918-50-21-45; Email: a_naimjon_f@mail.ru*

ТДУ:370+37.01
ББК-74.200
М-71

НАҚШАҲОИ ПЕДАГОГИИ РӮДАКӢ ДАР ТАРБИЯИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚИИ ХОНАНДАГОНУ ДОНИШҶӮЁН

Маҳкамова Г.
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Рӯдакӣ ҳамчун рамзи ифтихор ва ғурури миллӣ мундариҷаи шеърро ба мавзуъҳои иҷтимоӣ, фалсафӣ, панду ҳикмат дар масоили зиндагӣ, ахлоқ, ишқу муҳаббат, дӯст доштани инсон, баланд нигоҳ доштани мавқеи инсон бахшидааст. Башардӯстӣ ва меҳанпарастӣ дар адабиёти мо аз беҳтарин анъанаҳои бунёднамудаи Устод Рӯдакӣ мебошад, ки дар давоми беш аз ҳазор сол рушду камол ёфтааст.

Рӯдакӣ аввалин устоде аст ки дар оғози олами назми тоҷику форс ғояҳои халқӣ ва мазмунҳои инсондӯстиро устувор намуда, адабиётро ба инсоншиносӣ табдил дод. Бо шарофати Рӯдакӣ имрӯз миллати тоҷикро дар тамоми дунё ҳамчун миллати дорои фарҳанги воло ва таърихи қадимӣ мешиносанд.

Афкори ҳакимонаи Рӯдакӣ бо мазмуни бузурги башардӯстонаи худ акнун ба ҷузъи таркибии ҳаёти маънавии халқи мо табдил ёфтааст, зеро ӯ дар мавқеъи инсони меҳнатдӯст қарор дошта, ҳатто дар қасидаҳои мадҳияш бо самимият ва эътиқод масоили адолатпарварӣ, мазлумнавозӣ, инсондӯстӣ ва муҳаббат доштан ба ватанро талқин менамуд.

Васфи Бухоро ва тасвирҳои лаззатбахши обу замини ин кишвар як тарзи ифодаи ғояи баланди ватандӯстии устод Рӯдакӣ мебошад, ки онро ба ҳакр навъе барои ҳаводорон пешкаш зарур мебошад.Ӯ чун фарзанди фарзонаи халқи хеш ҳеҷ гоҳ зиндагии бади халқ, бенавоӣ ва ғаму кулфати бечорагонро намеписандид. Баръакс, дар яке аз рубоиҳояш эътироф менамояд, ки ҳама ситамҳо ва нохушиҳои зиндагӣ насиби гурӯҳе мешавад, ки худи ман ҳам аз он гурӯҳам:

Дар манзили ғам фиканда мафраш моем,
В-аз оби ду чашм дил пуроташ моем.
Олам чу ситам кунад, ситамкаш моем,
Дасти хуши рӯзгори нох(в)аш моем!

Устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ чун шоири дилогоҳ, мояи зиндагӣ ва ширинии умри одамро дар партави кутоҳ будани умр ва ҳатмӣ будани марг ба қалам додааст. Аз ин рӯ, дар андешаҳои педагогии ӯ, модом ки шахс наметавонад ҷисман зиндагии ҷовидонӣ ёбад, ӯро зарур аст, ки бо амали писандида ва корҳои шоистаи анҷомдодааш, номи нек ба даст орад, ки ҳамин номи нек барои инсон умри абадӣ мебошад.

Андешаҳои педагогии Рӯдакӣ, дар осорхонаи маориф барои тарғиби илму дониш, рафоқату дӯстӣ, меҳнату бунёдкорӣ ва ҳалолхӯрию ҳалолпешагӣ, сидқу вафо ҷойи асосиро ишғол намоянд. Шоир дар тарбияи инсони комил ва ахлоқи ҳамида то ба имрӯз ҳисса мегузорад ва ояндагон низ аз он истифода хоҳанд бурд. Андешаҳои пешқадами педагогии ӯ, то оламу одам вуҷуд доранд, ӯро барҷо нигоҳ медоранд.

Дар андешаҳои педагогии Рӯдакӣ, бештар ба дониш ва донистани асрори олам таваҷҷуҳ дода шудааст, ки мояи тарбияи маънавӣ - ахлоқӣ ва пешгирии косташавии ахлоқи насли наврас мебошад. Ӯ бар он ақида буд, ки барои дарки ҳақиқии ҳастӣ, инсон бояд дорои ақлу дониш бошад ва барои ба ин зина расидан пайваста талош варзад. Ба ҳар як ҳодисаи олами атроф, инсон на бо чашми сар, балки бо чашми хирад нигарад, кӯшиш намояд, ки моҳияти онро фаҳмад.

Дар андешаҳои педагогии хеш, Рӯдакӣ инсонро даъват менамояд, ки ба зоҳирпарастӣ маҳдуд нагардад, аз мушоҳидаи воқеаҳо ба хулосаҳои сода фирефта нагардад, балки то кашфи ҳақиқат талош варзад. Ӯ дар ин раванд ақлу донишро ба тарзи шоирона «чашми дил» меномад, ки гувоҳи он ин гуфтаҳоанд:

Ба чашми дилат дид бояд ҷаҳон,
Ки чашми сари ту набинад ниҳон!
Бад-он ошорат бибин ошкор,
Ниҳонитро бар ниҳонӣ гумор!

Дар ҳақиқат ин андешаи Рӯдакӣ дуруст аст, зеро баъзе одамон иштирокчии бевоситаи ҳодисаанду пас аз анҷоми он сабабро аз баҳона ва баҳонаро аз натиҷа дуруст ҷудо карда наметавонанд. Мутобиқи андешаи шоир барои фарқ кардани сабаб, баҳона, натиҷа, моҳияту зуҳурот инсон бояд ба ҳодисаҳои олам бо чашми дил нигарад.

Дар андешаҳои педагогии Рӯдакӣ диққати бештар ба чаҳор чиз дода мешавад: ба тани дуруст, рафтори кирдори нек, номи нек ва хирад, ки сарчашмаи рӯзгор ва зиндагии дур аз ғам мебошад, ки мисоли он ин гуфтаҳоанд:

Чаҳор чиз мар озодаро зи ғам бихарад:
Тани дурусту хуйи неку номи неку хирад!
Ҳар он, ки Эзидаш ин ҳар чаҳор рӯзӣ кард,
Сазад, ки шод зияд ҷовидону ғам нахурад!

Баҳри номи накуро соҳиб шудан ба кас ғайр аз ҳунару дониш, боз касбу кор, ростӣ, адаб, покӣ, сидқ ва амсоли инҳо лозим аст. Дар пайравӣ ба Рӯдакӣ Абдураҳмони Ҷомӣ дар осори безаволи хеш «Баҳористон» тани сиҳат, хотири ҷамъ, ризқи фарох, дӯсти меҳрубон ва фароғатро омили зиндагии хуш ишора намудааст: «Панҷ чиз аст, ки Офаридгор ба ҳар кас доданд ва касеро аз он маҳрум насохтаанд, зимоми зиндагонии хуш дар дасти ӯ ниҳоданд: аввал- сиҳатии бадан, дуюм- эминӣ, сеюм -вусъати ризқ, чаҳорум- рафиқи шафиқ, панҷум- фароғат. Ҳар киро аз ин маҳрум карданд, дари зиндагонии хуш бар рӯи ӯ бастанд».

Рӯдакӣ таҷрибаи зиндагиро нахуст омӯзгор дар ҳалли мушкилот мешуморид, даъват менамуд, ки ҳар фард бояд аз он баҳра бардорад, аз нигоҳи устод омӯзгори аввалини мо таҷрибаи рӯзгор мебошад:

Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд!

Таҷрибаи рӯзгорро инсон фақат бо роҳи муроқибаи зинда ва омӯзиши илму дониш аз бар намуда метавонад. Бинобар ин, барои он ки инсон хирадманд шавад, даставвал бояд, ки илм омӯзад ва дониш аз бар намояд:

Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,
То тавонӣ, рав тую ин ганҷ нех!

Рӯдакӣ ҳамчун шоири инсондӯст ва муаллими ахлоқ, дар андешаҳои педагогии хеш тарафдори он буд, ки фарзандон бо одоби писандида, ахлоқи ҳамида, ҳунар ва дараҷаи баланди дониш номбардори падару модар, аҷдод, миллат ва халқу ватани худ бошанд. Дар андешаҳои педагогии Рӯдакӣ таъкид карда мешавад, ки фарзандон набояд ба аслу насаби худ мағрур шаванд, зеро аз донишу хирад ва обруйи падарон ба фарзандон нафъе намерасад. Баръакс, эътибори баланди падарон фарзандонро ҳидоят менамояд, ки бо донишу одоб ва рафтору кирдори шоистаи худ сазовори номи падарон бошанд.

Рӯдакӣ бо сӯзу гудоз, оҳу воҳ, аз он менолад, ки дар хонадони донишманд, ҳунарманд фарзандоне ба дунё меоянд, ки ягон меросе аз донишу ҳунари волидон нагирифтаанд, ки мисоли он ин гуфтаҳоанд:

Эй дарего, ки хирадмандро
Бошад фарзанду хирадманд не!
В-ар чӣ адаб дораду дониш падар,
Ҳосили мерос ба фарзанд не!

Дар андешаҳои педагогии хеш Устод Рӯдакӣ ба шахсони ҳамадон, ки мисли дарё ҳамаро аз илми худ шодоб мегардонанд, бо эҳтироми фавқулода менигарад, ки ин гуфтаҳои зер мисоли онанд:

Танат яку ҷон якеву чандин дониш,
Ай аҷабо, мардумӣ ту ё дарёйӣ?!

Рӯдакӣ аз чунин ашхос дар ҳайрат монда, мегӯяд, ки ба монанди ҳама як тан, як ҷон дорӣ, лекин илму донишат ба монанди дарёи пуртуғён мебошад. Аҷабо, ту росташро гӯй, ки аз қабили мардумӣ, ё дарёӣ. Дар андешаҳои педагогии хеш, сарчашмаи муваффақиятҳои шахсии ҳар як инсонро Рӯдакӣ дар кӯшиши мақсадноки ҳамешагӣ, сабру тоқат ва солориву бурдбории онҳо медид. Рӯдакӣ дар замони хеш, ба моҳияти дониш сарфаҳм рафта, онро ҷавшани тани одамӣ мешуморид:

То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,
Кас набуд аз рози дониш бениёз.
Мардумони бихрад андар ҳар замон,
Роҳи дониширо ба ҳар гуна забон,
Гирд карданду гиромӣ доштанд,
То ба санг– андар ҳаме бингоштанд.
Дониш андар дил чароғи равшан аст
Ваз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст!

Достони «Калилаву Димна»-и Рӯдакӣ саропо андешаҳои педагогӣ буда, онро дар таълим ва тарбияи инсон педагогика шумурдан ҷоиз мебошад, ки мисоли равшани он ин гуфтаҳоанд:

Ҳар ки н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,
Ҳеҷ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор!

Ин гуфтаҳои боло ошкору равшан аз мазмуни ахлоқии достони «Калилаву Димна» - и Рӯдакӣ гувоҳӣ медиҳад. Панду насиҳат, андарзу ҳикмат дар тамоми ашъори Рӯдакӣ, чӣ қасидаву ғазал, чӣ маснавию рубоӣ, хеле фаровон ба назар мерасад.

Дар андешаҳои педагогии Рӯдакӣ инсони ҳақиқӣ ҷойи хоссаро ишғол менамояд, ки қодир аст, на танҳо бо душманонаш муросою мадоро кунад, балки бо рафтори ибратбахш, муомилаи сулҳхоҳона ва суханони нарму ибратбахш душманро ба худ дӯст гардонад. Дар ҳақиқат, бо душман дӯстӣ ҷустан мардонагии шоёни таҳсин мебошад. Дар андешаҳои педагогии Рӯдакӣ доштани як душман барои одам аз ҳазор дӯст доштан бештар ишора гардидааст, ки маънои баландро ноил мебошад.

Дар андешаҳои педагогии хеш Рӯдакӣ дӯстро ёру мададгори инсон ва аз бародарӣ боло гузоштааст, ки мутлақо дуруст мебошад:

Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон,
Бартар аз дидори руйи дӯстон!
Ҳеҷ талхӣ нест бар дил талхтар,
Аз фироқи дӯстони пурҳунар!

Ҳикмати фавқ ва андешаи баланд метавонад дар тамоми мавридҳои маҳрамонаю дӯстона ва расмию ногаҳонӣ аз забони ҳар фарде садо диҳад, ки фармудааст:

Он киро донам, ки ӯям душман аст,
В-аз равони пок бадхоҳи ман аст.
Ҳам ба ҳар гаҳ дӯсти ҷӯям-ш ман,
Ҳам сухан б-оҳистагӣ гӯям-ш ман.

Панду андарзҳои Рӯдакӣ дурдонаҳои ганҷинаи ҳикмати халқи моро ташкил дода, аз имтиҳони таърих гузашта, чун ҳикмати рӯзгори мардум боқӣ монда, барои покии ахлоқ ва равшан гардондани дилҳои хонандагону донишҷӯён хизмат мекунанд, ки мисоли равшани он ин гуфтаҳоанд:

Некбахт он касе, ки доду бихӯрд,
Шурбахт он ки ӯ на хурду на дод!

Дар андешаҳои педагогии хеш Рӯдакӣ инсонҳоро ба он даъват менамояд, ки хасисию тангдастиро пешаи кори худ накунанд, ба онҳое, ки имконият надоранд, дасти ёрию мадади худро дароз намоянд. Ин яке аз талаботи гуманистии педагогикаи муосир дар тарбияи инсон мебошад, ки дар ашъори тамоми шоирон бар аъло ҳис карда мешавад.

Дар андешаҳои педагогии Рӯдакӣ диққати асосӣ ба ташвишу азоб надодани инсон равона карда шудааст, ки мисоли равшани он ин гуфтаҳоанд:

Ангушт макун ранҷа ба даркуфтани кас,
То кас накунад ранҷа ба даркуфтанат мушт!

Агар бо нияти ранҷа додан, нороҳат кардани инсоне як ангуштатонро равона кардан бошед, донеду огаҳ бошед, ки барои ранҷиши шумо мушти сахт равона мегардад. Рӯдакӣ тавсия медиҳад, ки агар тавонед, зинҳор ин амали носавобро накунед. Ин суханон маллҳаме мебошанд, ки ба дардҳо дармон бахшида, андешаро бедор менамоянд ва насли наврасро ба андешаи солим даъват менамоянд.

Ба қавли устод С. Айнӣ, «зотан, фазилати шеъри Рӯдакӣ дар он аст, ки аз муболиғаҳои ғайритабиӣ, аз ташбеҳҳои ботакаллуф, аз киноявуистиораҳои каснофаҳм ва агар кӯтоҳ карда гуем, аз ҳама сохтагиҳову сохтакориҳо дуранд». Вай дар шеъри худ, ташбеҳҳои назаррасро ба кор мебарад, ки ба шеър мазмуну тобиш дилчасп мебахшад:

Бихандад лола бар саҳро ба сони чеҳраи Лайло,
Багиряд абр бар гардун ба сони дидаи Маҷнун.
Зи оби ҷӯй хар соат ҳаме бӯйи гулоб ояд,
Дар ӯ шустаст, пиндори, нигори ман рухи гулгун!

Вай рангорангии олами атроф ва эҳсосоти инсониро ба воситаи рангҳо ва дарёфти шабоҳати онҳо бо ҷилваҳои табиати зинда ба тасвир оварда, дар ин гуногунии падидаҳо ягонагии ҷаҳони зебо ва қонуниятҳои инкишофи он равшан дида мешаванд. Дар ашъори Рӯдакӣ ҷашни Наврӯз, Мехргон, Сада ниҳоят зебо ва бо хусусиятҳои миллӣ акс ёфтааст.

Достони устод Рӯдакӣ «Калилаву Димна» саро по саршори андешаҳои педагогӣ мебошад, ки фармудааст:

Чун теғ ба даст орӣ, мардум натавон кушт,
Наздики Худованд бадӣ нест фаромӯшт!
Ин теғ на аз баҳри ситамгорон карданд,
Ангур на аз баҳри набиз аст ба чархушт!
Исо ба раҳе дид яке кушта фитода,
Ҳайрон шуду бигрифт ба дандон сари ангушт.
Гуфто, ки киро куштӣ, то кушта шуди боз,
То боз ки ӯро бикушад, он ки туро кушт?!

Дар андешаҳои педагогии хеш Рӯдакӣ ба насли наврас сабақ медиҳад, ки агар теғеро ба даст ored, онро барои куштани одамон равона накунед, ки дар назди Худованд бадӣ, бадрафторӣ, бадкирдорӣ ҳеҷ гоҳ фаромӯш намешавад ва ин теғро дер ё зуд дар муқобилатон мебардоранд. Дониста бошед, ки теғро аз баҳри ситам кардани одамон наофаридаанд, вазифаи он ҳифз кардани хонаю оила ва фарзандонатон мебошад ва дар вақту ҷойи зарурӣ истифода бурда мешавад.

Дар дигар ҷойи ин шеър зарбулмасалҳо аз забони ҳазрати Исо оварда мешаванд, ки қудрати баланди тарбияи маънавӣ- ахлоқӣ доранд. Ба гумонам, дигар барои нишон додани мақоми зарбулмасал ва мақолҳои халқӣ дар гуфтори шакарбори Устод Рӯдакӣ хамин намунаҳо басанда мебошанд, ки фармудааст. Исо дар роҳе мерафт, назараш афтод, ки дар як гӯша шахсе мурда хобидааст. Дар ҳайрат монда, сари ангуштро зери дандон гузошта:

Гуфто, ки киро куштӣ, то кушта шуди боз,
То боз ки ӯро бикушад, он ки туро кушт?!

Аз ин гуфтаҳо ба худ хулоса бароред, ки Исо аз он одами мурда чиро пурсид? Пурсид, ки киро куштӣ, ки кушта шуди боз ва онро, ки туро кушт ки мекушта бошад?. Агар хонандагону донишҷӯён ба мақсаду муҳтавои Рӯдакӣ огаҳӣ пайдо намоянд, боварӣ дорам, ки ҳеҷ гоҳ даст ба амалҳои ноҷавонмардонаю носавоб намезананд.

АДАБИЁТ:

1. Таърихи педагогика. Х. Афзалов, Б. Раҳимов. Душанбе- 2012
2. М. Занд «Соҳибқирони шоирӣ — устод Рӯдакӣ». Сталинобод- 1957
3. М. Набиев «Панд омӯз, то некрӯз гардӣ». Кӯлоб — 1995.
4. Д.Маҳкамов «Андешаҳои миллӣ ва тарбияи маънавӣ ахлоқии донишҷӯён». Душанбе 2022.
5. Д. Маҳкамов Педагогикаи «Муносибати босалоҳият» дар таълим. Душанбе 2021.
6. «Баҳористон» Душанбе- 2015, с.111-125.

НАҚШАҲОИ ПЕДАГОГИИ РӮДАКӢ ДАР ТАРБИЯИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚИИ ХОНАНДАГОНУ ДОНИШҶӮЁН

Пеш аз ҳама, дар хонандагону донишҷӯён тарбияро тавре ба роҳ мондан зарур аст, ки Рӯдакӣ ҳамчун рамзи ифтихор ва ғурури миллӣ қарор гирад. Рӯдакӣ мундариҷаи шеърро бо мавзуъҳои иҷтимоӣ, фалсафӣ, панду ҳикмат дар масоили зиндагӣ, ахлоқ, ишқу муҳаббат, дӯст доштани инсон, баланд нигоҳ доштани мавқеи инсон бахшидааст. Башардӯстӣ ва меҳанпарастӣ дар адабиёти мо аз беҳтарин анъанаҳои бунёднамудаи Устод Рӯдакӣ мебошад, ки дар давоми беш аз ҳазор сол рушду камол ёфтааст.

Калидвожаҳо: *тарбия, хушбахтӣ, худшиносӣ, маънавӣ - ахлоқӣ, андешаҳои педагогӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фалсафӣ.*

ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ИДЕИ РУДАКИ О ДУХОВНО-НРАВСТВЕННОМ ВОСПИТАНИИ СТУДЕНТОВ

Прежде всего, необходимо ставить воспитание учащихся и студентов так, чтобы для них Рудаки стал символом гордости и национального самодостоинства. Рудаки наполнил содержание стихотворения социальными, философскими темами, советами и мудростью в вопросах жизни, этики, любви и привязанности, любви к людям, поддержания высокого положения людей. Гуманизм и патриотизм в нашей литературе – одна из лучших традиций, созданных Устодом Рудаки, которая развивалась и созревала более тысячи лет.

Ключевые слова: *воспитание, радость, самосознание, идейно- нравственной, педагогические мысли, социальной, экономической, философической.*

PEDAGOGICAL IDEAS OF RUDAKI ON THE SPIRITUAL AND MORAL EDUCATION OF STUDENTS

First of all, it is necessary to put the education of pupils and students in such a way that Rudaki becomes a symbol of pride and national self-worth. Rudaki filled the content of the poem with social, philosophical themes, advice and wisdom in matters of life, ethics, love and affection, love for people, maintaining the high position of people. Humanism and patriotism in our literature is one of the best traditions created by Ustod Rudaki, which has been developing and maturing for over a thousand years.

Key words: *education, joy, self-consciousness, ideological and moral, pedagogical thoughts, social, economic, philosophical.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Маҳкамова Г. - корманди осорхонаи Вазорати маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон тел: 900178558*

Сведение об авторе: *Махкамова Г. - сотрудник музея Министерства образование Академии образования Таджикистана тел:900178558*

Information about the author: *Mahkamova G. - employee of the museum of the Ministry education of the Academy of Education of Tajikistan tel: 900178558*

АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ НИЗОМИ САЛОҲИЯТҲОИ КАЛИДӢ ДАР ТАШАККУЛИ ТАҶРИБАИ ДОНИШАНДӮЗИИ ХОНАНДАГОН

Мадатзода М. Ч.

Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Ҳаёт дар ҷомеаи муосир чунин аст, ки аллакай барои хонанда як қатор талаботи мушаххасро пешниҳод мекунад: амал кардан дар вазъиятҳои проблемавӣ ва ношинос, мустақилона эҷод кардан мувофиқи неруи зеҳнӣ, самтёбӣ кардан дар ҷараёнҳои иттилоот, иртиботнок будан, аз ҷиҳати эҳсосотӣ устувор будан ва ғайра аз нуқтаи назари мавқеи муносибати босалоҳият. Аз мавқеи муносибати босалоҳият дар муассисаи таҳсилоти умумӣ, илова ба вазифаҳои ба таври умумӣ қабулшуда, инчунин татбиқи вазифаҳои зерин имконпазир аст: маҳорати дар хонандагон рушд додани қобилиятҳои самарабахши дар вазъиятҳои проблемавию ношинос зимни фаъолияти таълимӣ ва ҳаёти воқеӣ; ташаккул ва рушди зеҳни хонандагон, талабот ба фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ дар донишандӯзӣ; омодасозии назариявӣ-амалӣ барои истифодаи донишҳо; ташаккули ҳавасмандии таълимӣ-маърифатӣ, аксуламал ба ин ё он ҳолату вазъияти рухдода, хоҳиши зарурати рафъи мушкилоти маърифатӣ, эҷодӣ, мушкилоти ҳангоми ба ҳаяҷон омадан; фаҳмидан ва аз худ кардани намунаҳо ва усули фаъолияти маърифатӣ, рушди неруи эҷодӣ, ташаккули қобилияти эҷоди маҳсули нав; ташаккули муносибати мусбат ба таҳсил, маҳоратҳои баён кардани эҳсоси худ ба тарзи созанда ва ғайра.

Бод зикр намуд, ки муносибати босалоҳият ба талаботи шахсият ва ҷомеа ба натиҷаҳои муайяни таҳсилот асос ёфтааст. Дар робита ба ин, онро инчунин муносибати натиҷавӣ - ҳадафнок низ меноманд, ки дар он ҳадаф ва натиҷаи таҳсилот ташаккули салоҳиятнокиҳои калидии хонанда мебошад. Таълим дар асоси муносибати босалоҳият ба яке аз тамоилҳои ҷаҳонии таҳсилоти муосир табдил ёфта истодааст, аз ин рӯ муносибати босалоҳият ба гузаришро ба мазмуни шахсият – меҳвари фаъолиятӣ пешбинӣ менамояд, ки ба ташаккули усули васеи аз худ кардани олам (яъне, салоҳиятнокиҳои калидӣ) асос ёфтааст. Ёдовар мешавем, ки салоҳиятнокӣ ба маънои умумӣ ҳамчун сифати баландтарини мутахассиси баландихтисос ҳисобида мешавад, аммо барои ҳарф задан дар бораи ташаккули салоҳиятнокиҳои чунин сатҳ дар хонандагон, албатта, кори бисёрро ба анҷом расонидан зарур аст.

Ошкор кардани таркиб ва сохтори таҷрибаи субъективии хонанда, салоҳиятнокиҳои калидии ӯ бояд мувофиқи талаботи ӯ, талаботи ҷомеа ва асосҳои назариявии сохтани мазмуни таҳсилот сурат гирад. Вазифаи гузошташуда дар асоси консепсияи сохтани мазмуни таҳсилот бо назардошти фарҳанги минтақа ва умуман миллат амалӣ карда мешавад. Ёдовар мешавем, ки мувофиқи ин назария, мазмуни таҳсилот – ин таҷрибаи аз ҷиҳати педагогӣ мутобиқ гардонидашудаи иҷтимоии инсоният буда, аз чор унсури сохторӣ иборат аст: таҷрибаи фаъолияти маърифатӣ (донишҳо), таҷрибаи амалисозии усули маълуми фаъолият (маҳоратҳои амал кардан аз рӯйи намуна), таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ (маҳоратҳои қабули қарорҳои муассир дар вазъиятҳои проблемавӣ), таҷрибаи амалисозии маҷмуи муносибатҳои эҳсосӣ-арзишӣ (самтгирии шахсиятӣ) [6]. Ин самти муҳимми таҷрибаи инсониро бо чаҳор феъл ҷамъбаст кардан мумкин аст: «донистан», «тавонистан», «эҷод кардан», «саъй кардан». Азхудкунии унсурҳои номбаршудаи таҷрибаи иҷтимоӣ, ба ақидаи В.В. Краевский ва А.В. Хуторской [7, с. 3–10], имкон медиҳад, ки дар хонандагон қобилиятҳои амалӣ кардани намудҳои мураккаби фарҳанг мувофиқии фаъолият амалӣ карда шаванд, ки маҳз онҳо номи салоҳиятнокиҳои калидии таҳсилотиро ба даст овардаанд.

Дар расми 2 таркиби таҷрибаи субъективии хонанда, ки аз чор навъҳои салоҳиятнокиҳои калидӣ иборат аст, оварда шудааст.



Ман метавонам.. соҳаи маҳоратҳо
Ман медонам. соҳаи донишҳо
Ман эҷод мекунам. соҳаи эҷодкорӣ
Ман саъй мекунам – соҳаи эҳсосотӣ-арзишӣ
Расми 2. Таркиби таҷрибаи субъективии хонанда

Ҳамин тариқ, низоми салоҳиятнокиҳои калидии хонандагонро дар чунин соҳаҳои таҷрибаи иҷтимоӣ, аз қабили донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳо, эҷодкорӣ, ҳиссиёти арзишнок нисбат ба азхудкунии дониш бо роҳи азхудкунии ҷузъҳои дахлдори мазмуни таҳсилот ташаккул додан мумкин аст. Дар ин ҷо зери донишҳо ҳам донишҳои фаннӣ, ҳам муташаккилии дараҷаи аз худ кардани маҳоратҳои омӯзиши фанҳои таълимӣ фаҳмида мешаванд.

Салоҳиятнокиҳои калидӣ дорои хусусияти ҳамгироӣ буда, татбиқи васеи таҳсилотро таъмин намуда, ба хонанда имкон медиҳанд, ки на танҳо донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳоро, ки дар шароити ба таври сунъӣ фароҳамовардашудаи раванди таълимӣ ба даст оварда шудаанд, такрор кунад, балки онҳоро дар вазъияти ношинос, дар шароити воқеӣ эҷодкорона истифода барад. Аз нуқтаи назари талабот ба сатҳи омодасозии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ салоҳиятнокии таҳсилотӣ аз хусусиятҳои ҷудонашавандаи сифати омодасозии хонанда мебошад, ки бо қобилияти истифодаи мақсадноки бошууронаи татбиқи маҷмуи донишҳо, маҳоратҳо ва усули фаъолият нисбат ба доираи муайяни байнифаннии масъалаҳо алоқаманд мебошанд.

Дар расми 3 нақшаи ташаккули таҷрибаи субъективии хонанда бо роҳи азхудкунии таҷрибаи аз ҷиҳати педагогӣ мутобиқ гардонидашудаи иҷтимоӣ дар мазмуни таҳсилот оварда шудааст, ки натиҷаи он низоми салоҳиятҳои калидӣ мебошад.

Ҷузъҳои мазмуни таҳсилот (таҷрибаи иҷтимоӣ)

Таҷрибаи фаъолияти маърифатӣ	Таҷрибаи амалисозии усули маълуми фаъолият	Таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ	Таҷрибаи муносибати эҳсосӣ-арзишӣ ба олм

Татбиқ дар сатҳи маводи таълимӣ

Блокҳои иттилоотӣ, матнҳо, ҷузъҳои ғайриматнии дастурҳои таълимӣ.	Супоришҳо барои амалисозии фаъолияти сермаҳсул ва босамар.	Маводи хусусияти масъалавидошта, вазифаҳо ва супоришҳои эҷодӣ.	Маводи аз ҷиҳати эҳсосӣ ғанигардонидашуда, вазифаҳои ахлоқӣ ва зебоишиносӣ, образнок будани нутқи омӯзгор

Татбиқ дар сатҳи фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ

Азхудкунии донишҳо. Дарк, фаҳмиш, ҳифзкунӣ, истифода, ҷамъбасткунӣ, низомбандб	Ичрои супоришҳо ва машқҳо бо дараҷаи гуногуни мураккабӣ ва мустақилият.	Ичрои супоришҳо ва машқҳои хусусияти эҷодидошта дар вазъиятҳои тағйирёбанда	Азхудкунии меъёрҳо ва арзишҳои ахлоқӣ ва зебоишиносӣ

Ташаккули низоми салоҳиятҳои калидӣ

Соҳаи донишҳои фаннӣ ва умумифаннӣ	Соҳаи маҳоратҳои фаннӣ ва умумифаннӣ	Соҳаи эҷодкорӣ	Соҳаи эҳсос ва арзишҳо

Фаннӣ.	1. Фаннӣ.	Умумифаннӣ:	
2. Умумифаннӣ: арзёбикунанда; байнифаннӣ, ҳамгирошуда; мантиқӣ ва методологӣ; фалсафӣ; таърихӣ- илмӣ; иҷтимоӣ-фарҳангӣ.	2. Умумифаннӣ: зеҳнӣ – маърифатӣ; нутқӣ; иттилоотӣ; иртиботӣ; ташкилӣ.	Интиқоли мустақилонаи донишҳо ва маҳоратҳои азхуд кардашуда; ошкор кардани масъалаи нав; дидани вазифаи нави объект; эҷоди маҳсулоти нави фаъолият ва ғайра.	ҷанбаи арзишӣ – маъноӣ; ҷанбаҳои умумифарҳангӣ ва ахлоқӣ; ҷанбаи иҷтимоӣ; – ҷанбаи худтакмилдиҳии шахсиятӣ.

Натиаҷаи азхудкунии мазмуни таҳсилот (тарҷибаи субъективӣ)

Ман медонам.	Ман метавонам.	Ман эҷод мекунам.	Ман саъй мекунам.

Расми 3. Ташаккули таҷрибаи субъективии хонанда.

Дар ҷадвали 5 мувофиқати таҷрибаи шахсият ба вазифаҳои муассисаи таҳсилоти умумӣ аз мавқеъҳои назари салоҳиятнок, инчунин талаботи ҷомеа ба хонандаи муосир нишон дода шудааст.

Ҷадвали 5. Таносуби таҷрибаи субъективии хонандагон ва вазифаҳои муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаи таҳсилоти умумӣ

Таҷрибаи субъективии хонанда	Вазифаҳои муносибати босалоҳият дар муаассисаи таҳсилоти умумӣ
1. Салоҳиятнокиҳои калидӣ дар соҳаи донишҳои фаннӣ ва умумифаннӣ.	– омодасозии назариявӣ-амалӣ барои истифодаи донишҳо; – рушди зеҳнӣ
Салоҳиятнокиҳои калидӣ дар соҳаи маҳоратҳои фаннӣ ва умумифаннӣ.	– фаҳмидан ва азхудкунии намунаҳо ва усули фаъолияти маърифатӣ; – азхудкунии усули интиқоли амалҳо ба маводи нав;
Салоҳиятнокиҳои калидӣ дар соҳаи эҷодкорӣ.	– рушди қобилияти амали самаранок дар вазъиятҳои проблемавӣ ва ношинос; – ташаккули қобилияти эҷоди маҳсулоти нав;
4. Салоҳиятнокии калидӣ дар соҳаи эҳсосот ва арзишҳо.	– ташаккули майлу рағбати таълимӣ – маърифатӣ, ҳавасмандӣ; – муносибат ба худшиносӣ, азхудкунии намунаҳои зуҳури

	эҳсосоти худ, ташаккули муносибати мусбат ба таҳсил, маҳорати баён кардани эҳсосоти худ бо усулҳои созанда; – ташаккули талабот ба донишҳо; – инкишофи хоҳиши ба бартараф кардани мушкилот; – ташаккули талабот ба фаъолияти таълимӣ- маърифатӣ; – рушди эҷодкорӣ; – ташаккули устувории эҳсосотӣ; – муносибат ба қаноатмандӣ аз бартараф намудани мушкилоти маърифатӣ, эҷодӣ, эҳсосотӣ.

Ҳамин тариқ, ташаккули салоҳиятҳои калидӣ дар соҳаҳои зикргардидаи таҷрибаи иҷтимоӣ ба татбиқи вазифаҳои муносибати босалоҳият дар муассисаи таҳсилоти умумӣ мусоидат мекунад. Дар зер тавсифи муфассали салоҳиятнокиҳои калидии хонанда дар мазмуни таҳсилот оварда шудааст:

1. Салоҳиятнокиҳои калидӣ дар соҳаи донишҳои фаннӣ ва малакаҳои умумифаннӣ

Салоҳиятнокии калидӣ дар соҳаи донишҳои фаннӣ ва малакаҳои умумифаннӣ дар хонанда бо роҳи азхуд кардани таҷрибаи фаъолияти маърифатӣ ташаккул меёбад.

Салоҳиятнокӣ якҷо ба донишҳои фаннӣ дар хонанда ҷиҳати омодагӣ ба истифодаи донишҳои бадастомада дар амал ва дар шароити нав, ношинос зоҳир мегардад. Ҳамзамон, салоҳиятнокӣ дар муносибат ба дониш ҳамчун арзиш, ҳамчун ба воситаи маърифат ва табдилдиҳии олами атроф ифода меёбад.Хонанда дарк мекунад, ки маъно ва ҳадафи таълими ӯ на танҳо доштани як навъ дониш (омӯхтани қоида, аз ёд кардани матн), балки қобилияти дар оянда самаранок ва муфид истифода бурдани он дар амал мебошад.

Шумораи зиёди далелҳои таҷрибавӣ-амалӣ, ки дар мактаб омӯхта мешаванд, дар хонанда тасаввуроти тақсимшуда ва парокандаи воқеиятро ба вуҷуд меорад. Дар натиҷа, маҷмӯи донишҳо, ҳаҷм, сатҳи онҳо тағйир ёфта, фаромӯш мешавад, дар ҳоле ки тарзи шинохти олам ҳамеша ҳамаҷониба боқӣ мемонад.Суръати тағйирёбии иттилооте, ки барои мутобиқшавӣ ва самтёбӣ дар ҷаҳон зарур аст,хеле баланд аст, аз ин рӯ, масъалаи ташаккули маҷмуи қулайи донишҳо ва усули фаъолият (салоҳиятнокиҳо) дар хонанда дар марҳилаҳои аввали омӯзиш, ки барои таъмини гуногунсоҳа будани таҳсилоти ӯ пешбинӣ шуданд, мубрам маҳсуб меёбад.

2. Салоҳиятнокиҳои калидӣ дар соҳаи маҳоратҳо ва малакаҳои фаннӣ ва умумифаннӣ

Дар фаъолияти мушаххаси хонанда донишҳо бе азхудкунии таҷрибаи истифодаи онҳо (яъне бидуни маҳоратҳо ва малакаҳо) кифоягӣ намекунанд.Аз ин рӯ, донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳо ҳамчун натиҷаи азхудкунии унсури дахлдори сохтории мазмуни таҳсилот дар муассисаи таҳсилоти умумӣ дар вобастагии мутақобила ва ба таври маҷмуӣ ташаккул меёбанд.Ба даст овардани таҷрибаи амалисозии усулҳои маълуми фаъолият такрори бисёркаратаи усули фаъолияти дар донишҳо собитшударо талаб мекунад, ки дар раванди он ин донишҳо ба маҳорат ва малакаҳо табдил меёбанд. Дар мазмуни таҳсилот усули фаъолият асосан дар шакли супоришҳо барои таҷдиди супоришҳо барои мубрам ва бозтавлид кардани амалҳои муайян сабт карда мешаванд.

Салоҳиятнокии хонандагон дар соҳаи маҳорат ва малакаҳои умумифаннӣ тавассути азхудкунии усули маълуми фаъолият ташаккул ёфта, омодагиро ба риояи меъёрҳои муқарраршуда, қоидаҳои фаъолият, низоми маҳоратҳо ва малакаҳои умумӣ: зоҳирӣ (амалӣ) ва ботинӣ (зеҳнӣ) дар бар мегирад.Ба туфайли ташаккули маҳорат ва малакаҳои умумифаннӣ азхудкунии самараноки мазмуни таҳсилот аз ҷониби хонандагон таъмин карда шуда, барои худруштдиҳии онҳо дар замони ҳозира ва таҳсилоти муттасил дар оянда шароит фароҳам оварда мешаванд.

Салоҳиятнокиҳо дар соҳаи дониш ва маҳорату малакаҳо бо ҳамдигар алоқаи ногусастанӣ доранд. Муаллифони гуногун азхудкунии дониш, маҳорат ва малакаҳоро бо ташаккули салоҳиятнокиҳои гуногун алоқаманд мекунанд. А.В. Хуторской аз маҷмӯи расмии салоҳиятнокиҳои калидии таҳсилотӣ, ки аз ҷониби ӯ таҳия шудааст, инҳоро ҷудо мекунад: таълимӣ-аърифатӣ (фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ: дониш ва маҳоратҳои ташкили мақсадгузорӣ, банақшагирӣ, таҳлил, хударзёбии фаъолияти маърифатӣ) ва иттилоотӣ (маҳорати мустақилона ҷустуҷӯ кардан, таҳлил кардан, интихоб кардан, табдил додан, нигоҳ доштан ва интиқол додани иттилоот) [8].И.А.Зимняя салоҳиятнокии ҳамгироӣ, фаъолияти маърифатӣ, салоҳиятнокии технологияҳои иттилоотӣ ва ғайраҳоро ҷудо мекунад [1].

Таҳлили таснифоти гуногуни маҳоратҳо ва малакаҳои умумифаннӣ имкон медиҳад хулоса бароварда шавад, ки дар кори мушаххаси таълимии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ панҷ намуди фаъолияти умумитаълимиро ҷудо кардан мумкин аст: зеҳнӣ-маърифатӣ, нутқӣ, иттилоотӣ, иртиботӣ ва ташкилӣ.

3. Салоҳиятнокиҳои калидӣ дар соҳаи эҷодкорӣ (салоҳиятнокии эҷодӣ)

Хонанда дар шароити имрӯза дар воқеъияти таълимӣ на танҳо вазифаҳои такроршаванда, балки масъалаҳои бавуҷудояндаи навро, ки бе онҳо рушди шахсияти ӯ ғайриимкон аст, ҳал мекунад.Дар раванди ҳалли чунин масъалаҳо аз ҷониби ҷомеа таҷрибаи интиқоли усулҳои фаъолият, табдил додани онҳо мутобиқи вазъияти нав, мувофиқи талаботи муосир бояд омодагии хонандаро ба ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли масъалаҳои нав, ба табдилдиҳии эҷодии воқеият таъмин намояд [5, с. 59]. Ин таҷриба дар расмиёти махсуси зеҳнӣ таҷассум ёфтааст, ки қобили муаррифӣ дар шакли низоми пешакии (то анҷом додани амали эҷодӣ, то ҳалли масъалаҳо) танзимшавандаи амалҳо намебошанд [6, с. 147].Дар мазмуни таҳсилот таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ асосан дар шакли гузоштани вазифаҳои эҷодӣ барои матни асосӣ сабт карда мешавад.

4. Салоҳиятнокии калидӣ дар соҳаи идоракунии дохилии фаъолият ва арзишҳо.

Фарогирии васеи соҳаҳои гуногуни тарбиявӣ, ки аксари муаллифон ба салоҳиятнокиҳои калидӣ (иртиботӣ, умумифарҳангӣ, ҳуқуқӣ, меҳнатӣ, шаҳрвандӣ, иҷтимоӣ, ҳифзи саломатӣ, маишӣ, фарҳангӣ-фароғатӣ ва ғайра) (А.В. Хуторской [7–8], И.А. Зимняя [1]) рабт медиҳанд, нисбат ба хонандаи муассисаи таҳсилоти умумӣ нисбатан заиф фаркгузорӣ карда шудаанд. Аз сабаби ҳаҷми ками таҷрибаи ҳиссиётҳои дохилӣ-шахсиятӣ ташаккул додани ҳар як салоҳиятнокӣ дар алоҳидагӣ оқилона ба назар намерасад.Дар робита ба нерӯи зеҳни хонандагон онҳо метавонанд бо мафҳуми умумии салоҳиятнокӣ дар соҳаи ҳиссиётҳои дохилӣ-шахсиятӣ муаррифӣ карда шаванд, ки ба он ба дараҷаҳои гуногун соҳаҳои номбаршудаи тарбиявӣ дохил мешаванд.

Таҷрибаи муносибати ҳиссиёти дохилӣ-шахсиятӣ хонанда ба олам дар шакли тамоюлҳои шахсиятӣ зоҳир шуда, ин низоми тарбиянокии эҳсосӣ, иродавӣ, маънавӣ ва зебоишиносӣ мебошад.Тахмин кардан мумкин аст, ки ин унсури мазмуни таҳсилот ба донишҳо ва маҳоратҳо вобастагӣ надорад, аммо хонандаи хушзеҳн донишро дар бораи фаъолияте пешбинӣ мекунад, ки нисбат ба он муносибати мушаххас барқарор карда шуда, азхудкунии малакаҳо ва маҳоратҳои рафториро пешбинӣ менамояд.

Салоҳиятнокӣ дар соҳаи ҳиссиёти дохилӣ-шахсиятӣ дар рафтори хонанда, дар фаъолияти дорои хусусияти амалӣ ва зеҳнидошта зоҳир шуда, омезиши донишҳо, боварҳо ва фаъолияти амалиро дар назар дорад. Ба мазмуни ҷузъи эҳсосотӣ-арзишӣ ду ҷанбаи баробараризиш дохил карда шудаанд: арзишҳое, ки ҳамеша барои хонанда зарур буда, худ аз худ дар ӯ дар раванди фаъолияти ҳаётӣ ташаккул меёбанд (қаноатмандии амалии талаботҳои ӯ ва татбиқи бомуваффақияти нақшаҳои ӯ, эътироф ва маҳфуз будан аз ҷониби муҳити наздиктарин, муносибати таҳаммулпазир ва одилонаи одамон нисбат ба ӯ, донистани воқеияти атроф, худзоҳиркунӣ) ва арзишҳое, ки ташаккули мақсаднокро талаб мекунанд (саломатӣ, шаъну шарафи худ ва каси дигар, ҳақиқат ва адолат, табиат ва фарҳанги сарзамини худ, гуногунии фарҳанг ва эҳтиром ба дигар халқҳо, боодобӣ ва ғайра).

АДАБИЁТ:

1. Зимняя, И.А. Ключевые компетентности как результативно-целевая основа компетентностного подхода в образовании [Текст] / И.А. Зимняя. – М.: Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов, 2004.
2. Занков, Л.В. Избранные педагогические труды [Текст] / Л.В. Занков. – М.: Педагогика, 1990. – 220 с.
3. Звенигородская, Г.П. Содержание образования в контексте идей модернизации [Текст]/Г.П. Звенигородская // Управление в образовании. – 2003. – №1. – С. 11–17.
4. Краевский, В.В. Инновации и традиции – два полюса мира образования [Текст] /В.В. Краевский // Международный психолого-педагогический журнал «Magister».– 2000.– № 1.
5. Меретукова, А.Р. Инновационные идеи в дидактических трудах И.Я. Лернера [Текст]: дис. канд. пед. наук: 13.00.01 / А.Р. Меретукова. – Майкоп. – 203 с.
6. Трифонова, В. Творческое развитие индивидуальных способностей учащихся: как его обеспечить [Текст] /В. Трифанова // Школьные технологии. – 2000. – №6. – С. 84.
7. Хуторской, А.В. Развитие одаренности школьников. Методика продуктивного обучения [Текст] / А.В. Хуторской.– М.: Владос. 2000. – 320 с.
8. Хуторской, А.В. Ключевые компетенции и образовательные стандарты. Доклад на отделении философии образования и теории педагогики РАО 23 апреля 2002 г. Центр «Эйдос» [Электронный ресурс] / А.В. Хуторской. – Режим доступа: www.eidos.ru/news/compet/htm.
9. Хуторской, А.В. Развитие одаренности школьников. Методика продуктивного обучения [Текст] / А.В. Хуторской. – М.: Владос, 2000. – 320 с.
10. Хуторской, А.В. Ученик как «шкаф» для знаний? К вопросу об обязательном содержании образования в России [Текст] / А.В. Хуторской // Интернет-журнал «Эйдос». – 2001.–27 ноября; [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.eidos.ni/joumal/2001/l 127.htm.

11. Цветкова, М.С. Интегративный курс «ИЗО и информационные технологии» [Текст] / М.С. Цветкова // Информатика и образование. – 2001. – № 9. – С. 90 – 96; №10. – С. 85 – 93.

АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ НИЗОМИ САЛОҲИЯТҲОИ КАЛИДӢ ДАР ТАШАККУЛИ ТАҶРИБАИ ДОНИШАНДӮЗИИ ХОНАНДАГОН

Дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ ва таҷрибаи ҳосилшуда дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ муаллифи мақола масъалаи мубрам – низоми салоҳиятҳои калидиро дар ташаккули таҷрибаи донишандӯзии хонандагон аз ҷиҳати назариявию амалӣ таҳлилу баррасӣ намудааст.

муносибати босалоҳият. Сухан дар бораи зарурияти татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим меравад, ки яке аз рукнҳояш низоми салоҳиятҳои калидӣ дар ташаккули таҷрибаи донишандӯзии хонандагон ба ҳисоб меравад. Дар мақола нуқтаи назари олимони соҳаи педагогика, психология зимни ба роҳ мондани низоми салоҳиятҳои калидӣ дар ташаккули таҷрибаи донишандӯзии хонандагон аз ҷиҳати методологӣ таҳлилу арзёбӣ гардидааст. Таъкид карда мешавад, ки ба ташаккули салоҳиятҳои калидӣ дар татбиқи имуносибати босалоҳият ба таълим хонандагонро ба мустақилият ва эҷодкорӣ тайёр намуда; мувофиқи методологияи худ салоҳиятҳои калидӣ ба азхудкунии асосҳои илм аз ҷониби таълимгирандагон ва инкишофи тафаккури созандаи онҳо мусоидат мекунанд. Салоҳиятҳои калидӣ барои аз ҷониби хонандагон мустақилона ичро намудани супоришҳои таълимӣ ва мушкилоти ҳангоми таҳсил ба амаломада хизмат мекунанд.

Калидвожаҳо: *хонанда, омӯзгор нерӯи зеҳнӣ, салоҳиятҳои калидӣ, донишандӯзӣ, муносибати босалоҳият, мазмуни таҳсилот, дониш, маҳорат ва малака*

ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ СИСТЕМЫ КЛЮЧЕВЫХ КОМПЕТЕНЦИЙ В ОРГАНИЗАЦИЯ ОБУЧАЮЩЕЙСЯ ОПЫТА СТУДЕНТОВ

На основе изучения научных источников и опыта, полученного в общеобразовательных учреждениях, автором статьи с точки зрения теоретическом и практическом плане проанализирован актуальный вопрос – система ключевых компетенций в формировании опыта усвоения знаний учащихся. Речь идет о необходимости реализации компетентного подхода к обучению, одним из которого является система ключевых компетенций в формировании опыта усвоения знаний учащихся. В статье точки зрения ученых в области педагогики, психология была методологически проанализирована и оценена при создании системы ключевых компетенций в формировании опыта обучения учащихся. Подчеркивается, что формирование ключевых компетенций в реализации компетентного подхода к обучению готовит учащихся к самостоятельности и творчеству. В соответствии со своей методологией ключевые компетенции способствуют усвоению учащимися основ науки и развитию их конструктивного мышления.

Ключевые слова: *студент, преподаватель, интеллектуальная сила, ключевые компетенции, обучение, компетентностная установка, содержание образования, знания, умения и навыки.*

PEDAGOGICAL FOUNDATIONS OF THE SYSTEM OF KEY COMPETENCES IN ORGANIZING STUDENTS' LEARNING EXPERIENCE

Based on the study of scientific sources and experience gained in general education institutions, the author of the article analyzed and considered an urgent issue – the system of key competencies in the formation of students' knowledge experience in theoretical and practical terms. a competent approach. We are talking about the need to implement a competent approach to learning, one of the pillars of which is a system of key competencies in shaping the learning experience of students. In the article, from the point of view of scientists in the field of pedagogy, psychology was methodologically analyzed and evaluated when creating a system of key competencies in shaping the learning experience of students. It is emphasized that the formation of key competencies in the implementation of a competent approach to learning prepares students for independence and creativity; in accordance with their methodology, key competencies contribute to the assimilation of the basics of science by students and the development of their constructive thinking. Uncategorized

Key words: *student, teacher, intellectual power, key competencies, learning, competency-based approach, educational content, knowledge, skills and abilities.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Мадатзода Манзура – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, директори литсейи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.* ***Сурога:*** *734055, Ҷумҳурии Тоҷикистан, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5. Тел: 987922200*

Сведения об авторе: *Мадатзода Манзура-кандидат педагогических наук, доцент, директор лицея Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Адрес: 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбад 48/5. Тел: 987922200*

Information about the author: *Madatzoda Manzura-Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor, Director of the Lyceum of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 48/5 Borbad Avenue. Tel: 987922200*

ТДУ:372.8.802.0
ББК:74.261.7
А-93

БОЗИҲОИ ДИДАКТИКӢ ОМИЛИ МУҲИММИ РУШДИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОН

Асророва Н. Ч.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Бозиҳои дидактикӣ, калиди асосии донишомӯзии хонандагон маҳсуб мешаванд. То синни муайян кӯдакон маводи дар шакли бозӣ пешниҳодшударо хуб аз худ мекунанд. Ба туфайли бозӣ хонандагон дониши нав мегиранд ва қобилиятҳои зеҳнии худро инкишоф медиҳанд. Бозиҳои дидактикӣ гуногунанд. Ҳадафи асосии бозиҳои дидактикӣ таълим додани чизе ба ҳисоб меравад. Бозиҳои дидактикӣ аз рӯйи як тарҳ сохта мешаванд: вазифа, амал ва натиҷа.

Ш. А. Амонашвили навиштааст: «Бозӣ ин усули донистани воқеият мебошад, ки ба кӯдак имкон медиҳад, то дар муддати кӯтоҳ асосҳои ибтидоӣ, аммо хеле васеи фарҳанги инсонро аз худ кунад» [1, с. 65].

В.А. Сухомлинский мафҳумм бозиро чунин муайян кардааст: «Бе бозӣ рушди пурраи ақлӣ вуҷуд надорад ва вуҷуд дошта ҳам наметавонад. Бозӣ равзанаи бузурги равшан аст, ки тавассути он ҷараёни ҳаётбахши тасаввурот, мафҳумҳо ба ҷаҳони маънавии кӯдак ворид мешаванд. Бозӣ шарорааст, ки оташи пурсиш ва кунҷковиро фурӯзон мекунад» [11, с.114].

Дар асарҳои А.С. Макаренко бозӣ ҳамчун воситаи пуркуввати тарбияи ирода, коллективизм, ташаккули малакаҳои амалӣ баррасӣ карда мешавад. Вай боварӣ дошт, ки нақшофарии кӯдакон барои рушди кӯдак мисли калонсолон муҳим аст [7].

Л.С. Выготский бозиро ҳамчун муҳити мусоид барои пайдоиши қувваҳои маърифатии кӯдак, ҳамчун асос барои табдил додани амалҳои бозӣ ба амалҳои ақлӣ мефаҳмид. Вай ин бозиро «василаи нӯҳуми рушд» номидааст, ки воситаи роҳбарикунандаи тарбия ва таълим мебошад [3, с. 65].

Шумораи зиёди намудҳои бозӣ мавҷуданд: табиӣ ва сунъӣ, кӯдакона, тақлидӣ, варзишӣ, абстрактӣ ва ғайра. Мо пеш аз ҳама бозиҳои дидактикиро тавсиф мекунем.

Вақте сухан дар бораи бозиҳое меравад, ки дар омӯзиши забонҳо истифода мешаванд, одатан, дар бораи бозиҳои забонӣ ва корӣ сухан меравад. Дар таълими хонандагони синфҳои болоӣ диққати асосӣ ба бозиҳои нақшофарӣ ва корӣ равона карда шудааст. Лозим ба таъкиди махсус аст, ки баъзе омӯзгорон ба қонунияти истифодаи бозиҳо, алахусус, бозиҳои забонӣ дар синфҳои болоӣ беэътиноӣ зоҳир мекунанд аммо таҷриба нишон медиҳад, ки дар ҳолатҳои гуногуни ҳаёт мактаббачагон хеле бо омодагӣ бозӣ мекунанд. Бисёриҳо бо хурсандӣ ба ҳалли ҳама гуна кроссвордҳо, ребусҳо, чистонҳо машғул мешаванд. Ин барномаҳо намунаи бозиҳо дар дарсҳои забони англисӣ мебошанд.

Арзиши дидактикии истифодаи фаъолияти бозии мактаббачагон аз он вобаста аст, ки дар бозӣ принсипҳои зерини технологияи таълим якҷоя карда мешаванд:

1. Фаъолият (принсипи асосии фаъолияти бозӣ, ки зуҳуроти фаъоли имкониятҳои ҷисмонӣ ва зеҳнии хонандагонро дар назар дорад).
2. Динамикӣ (арзиши омили вақт дар фаъолияти бозӣ).
3. Шавқовар (ҷолибияти фаъолияти бозӣ, ки ба шахс таъсири эмотсионалӣ мерасонад ва метавонад яке аз ангезаҳои асосии иштирок дар бозӣ ё тамошои ҷараёни он бошад).
4. Ичрои нақшҳо (бозсозии фаъолияти инсон, ки падидаи тақлидро инъикос мекунад: татбиқи ин принсип имкон медиҳад, ки фаъолияти касбии оянда ва инчунин ҳолатҳои гуногуни барои омӯзиши муошират зарурироо моделсозӣ кунад).
5. Коллективӣ (хусусияти муштараки фаъолияти иштирокчиён, ки ба гуруҳҳо ё дастаҳо муттаҳид шудаанд).
6. Моделиронӣ (принсип ба моделиронии тақлидии системаҳо асос ёфтааст ва падидаи тақлиди воқеияти атрофро инъикос мекунад).
7. Алоқа (гирифтани маълумот дар бораи ҷараён ва натиҷаҳои бозӣ).
8. Мушкилот (дар давоми бозӣ иштирокчиён бояд ҳалли ягон мушкилотро пайдо кунанд).
9. Натиҷагирӣ (огоҳии хонандагон аз натиҷаҳои мусбати амалҳои бозӣ ё фаъолияти мушаххаси фаннӣ).
10. Мустақилият (дар ҷараёни бозӣ, хонандагон бояд вазифаҳои дар назди онҳо гузошташударо мустақилона ҳал кунанд).

11. Рақобатпазирӣ (натиҷагирии фаъолияти бозӣ намудҳои асосии ангезаҳоро барои иштирок дар бозӣ ифода мекунад; мусобиқа ба фаъолияти фаъоли мустақил ташвиқ мекунад ва тамоми иқтидори қувваҳои ҷисмонӣ ва зеҳнии инсонро сафарбар мекунад).

Мо сабабҳои дигареро номбар мекунем, ки азхудкунии маводи таълимӣ, рушди малакаҳои муоширатро бозмедоранд. Ин нобоварӣ ба қудрат ва қобилиятҳои худ мебошад. Бисёре аз хонандагон метарсанд, ки калимаи нав, ибора, қоидаи грамматикиро ба ёд оварда наметавонанд. Ғайр аз он, хонандагон аксар вақт дар вақти бозӣ супоришҳоро иҷро намуда, боиси хандахариш мегарданд. Ҳамаи ин боиси тарси сухан гуфтан мегардад.

Барои аксари хонандагон, ҳамкорӣ дар ҷараёни бозӣ метавонад шарти асосии ташаккул ва рушди муътадили онҳо гардад. Аммо, ин дар сурате натиҷаи мусбат медиҳад, ки агар кӯдакон воқеан ҳамкории зич дошта бошанд. Муносибати хонандагон бо ниёзҳо ва имкониятҳои гуногун ба ҳама манфиат меорад ва онҳо метавонанд муносибати таҳаммулпазиртарро дар худ инкишоф диҳанд ва аз худ бо маҳорат, қобилият, хислат, забон, манфиатҳо ва ғайра фарқ карда, забони умумӣ пайдо кунанд. Барои он ки хонандагон тавассути бозӣ забони англисиро зудтар омӯзанд, имкони нест, ки ҳама чизеро, ки барои онҳо нав ва ношинос аст, тарҷума карда шавад.

Бозии дидактикӣ бо мавҷудияти мақсади аниқ муайяншудаи таълим ва натиҷаҳои педагогии дахлдор фарқ мекунад. Бозии дидактикӣ аз ҷузъҳои асосии зерин иборат аст: ҳадафи бозӣ, иҷрои амалиёти бозӣ, мундариҷаи маърифатӣ ё вазифаҳои дидактикӣ, таҷҳизот, натиҷаи бозӣ ва ғайра. Ғояи бозӣ дар номи бозӣ аст. Вай ба вазифаи дидактикие, ки бояд дар дарс ҳал карда шавад, дохил карда шуда, ба бозӣ хусусияти тарбиявӣ дода, нисбат ба иштирокчиёни он аз ҷиҳати дониш талабҳои муайян мегузорад. Дар бозиҳои дидактикӣ қоидаҳо таҳия карда мешавад, онҳо тартиби амал ва рафтори хонандагонро ҳангоми бозиҳо муайян мекунанд. Онҳо бо назардошти мақсади дарс ва имкониятҳои хонандагон таҳия карда мешаванд. Амалҳое, ки бо қоидаҳои бозӣ танзим мешаванд, ба фаъолияти маърифатии хонандагон мусоидат мекунанд.

Асоси бозиҳои дидактикиро мундариҷаи навоварона ташкил медиҳад. Он аз азхуд кардани дониш ва малакаҳое иборат аст, ки дар ҳалли масъалаи таълим истифода мешаванд. Таҷҳизоти бозӣ зеринҳо мебошанд: асбобҳои аёнӣ, воситаҳои техникии таълим, варақаҳои дидактикӣ ва ғайра. Бозиҳои дидактикӣ натиҷаи муайяне дорад, ки он дар шакли ҳалли вазифаи додашуда ва баҳодиҳии амали хонандагон пайдо мешавад. Ҳама унсурҳои сохтории бозиҳои дидактикӣ бо ҳам алоқаманд ва вобастаанд.

Муваффақияти истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар марҳилаҳои гуногуни дарс гуногун аст. Ҳангоми аз худ намудани донишҳои нав имкониятҳои бозиҳои дидактикӣ нисбат ба шаклҳои анъанавии таълим пасттаранд. Аз ин рӯ, онҳо бештар барои санҷидани натиҷаҳои омӯзиш ва инкишоф додани малака ва қобилият истифода мешаванд. Аз ин лиҳоз, байни бозиҳои таълимӣ, назоратӣ ва умумигардонии дидактикӣ фарқият гузошта мешавад.

Хусусияти фарқунандаи дарс бо бозии дидактикӣ ин дохил намудани бозӣ дар тарҳрезии он ҳамчун яке аз унсурҳои сохтории дарс мебошад. Барои ташкили бозиҳои дидактикӣ талаботи муайян вуҷуд дорад: бозӣ як шакли фаъолияти хонандагон мебошад, ки дар он онҳо аз олами гирду атроф огоҳ мешаванд ва барои фаъолият ва эҷодиёти шахсӣ фазо мекушоянд; бозӣ бояд ба шавқ асос ёбад, иштирокчиён бояд аз бозӣ лаззат баранд; унсури рақобат байни иштирокчиёни бозӣ зарур аст.

Талабот барои интихоби бозиҳо чунинанд: бозиҳо бояд ба ҳадафҳои муайяни таълимӣ, талаботи барномавии дониш, қобилият, маҳорат ва талаботи стандартӣ мувофиқ бошанд; бозиҳо бояд ба маводи омӯхташаванда мувофиқ бошанд ва бо назардошти омодагии хонандагон ва хусусиятҳои психологии онҳо сохта шаванд; бозиҳо бояд ба маводи мушаххаси дидактикӣ ва усулҳои татбиқи он асос ёбанд.

Намудҳои зерини бозиҳои дидактикӣ ҷудо карда мешаванд:

1. Бозӣ – машқ. Онҳо қобилиятҳои маърифатии хонандагонро такмил медиҳанд, ба муттаҳидсозии маводи таълимӣ мусоидат мекунанд ва қобилияти татбиқи онро дар шароити нав инкишоф медиҳанд. Намунаҳои бозиҳои машққунӣ кроссвордҳо, муаммоҳо, викторинаҳо мебошанд.

2. Бозиҳои сайёҳӣ. Ин бозиҳо ба фаҳмиш ва муттаҳидсозии маводи таълимӣ мусоидат мекунанд ва фаъолияти хонандагон дар ин бозиҳо дар шакли ҳикоя, мубоҳиса, супоришҳои эҷодӣ, ифодаи фарзияҳо арзёбӣ мегардад.

3. Бозӣ – мусобиқа. Чунин бозиҳо ҳамаи намудҳои бозиҳои таълимиро дар бар мегиранд. Дар ин намуди бозӣ хонандагон дар дастаҳо рақобат мекунанд.

4. Дарс – бозии корӣ. Бозиҳои корӣ ба бозиҳои истеҳсолӣ, бозиҳои ташкилӣ ва фаъолиятӣ, бозиҳои проблемавӣ, бозиҳои таълимӣ ва бозиҳои мураккаб ҷудо мешаванд.

Мо дар зер якчанд намудҳои бозиҳои дидатикиро дида мебароем.

Дарс – бозии нақшичрокунӣ. Ин намуди бозӣ бо мақмуи маҳдудтари ҷузъҳои сохторӣ тавсиф мешавад. Дарс – бозиҳои нақшичрокуниро метавон ба 3 гурӯҳ тақсим кард, зеро мураккабии онҳо меафзояд: тақлид, ки ба пайравӣ кардани амали муайяни касбӣ нигаронида шудааст; вазъиятӣ, ки ба ҳалли ягон масъалаи мушаххаси маҳдуд алоқаманд мебошад.

Шаклҳои бозии нақшбозӣ: тасаввуроти сафар; мубоҳисаҳо дар асоси тақсимоти нақшҳо, конференсияҳои матбуот ва ғайра.

Марҳилаҳои таҳия ва гузаронидани бозиҳои нақшбозӣ ин тайёрӣ, рафти бозӣ, хотимавӣ, таҳлили натиҷаҳо мебошанд.

Марҳилаи омодагӣ. Омода кардани бозии корӣ аз таҳияи сенария – тасвири шартии вазъият ва объект оғоз мешавад. Мазмуни сенария инҳоро дар бар мегирад: ҳадафи таълимии дарс, тавсифи масъалаи омӯхташаванда, асосноккунии вазифа, нақшаи бозии корӣ, тавсифи умумии тартиби бозӣ, мундариҷаи вазъият ва хусусиятҳои дарс. аломатҳо. Минбаъд муқаддима ба бозӣ, самти иштирокчиён ва коршиносон меояд. Тарзи кор муайян карда мешавад, ҳадафи асосии дарс мураттаб карда мешавад, таҳияи масъала ва интихоби вазъият асоснок карда мешавад. Бастаҳои мавод дастурҳо, қоидаҳо ва дастурҳо нашр карда мешаванд. Маълумоти иловагӣ ҷамъоварӣ карда мешавад, агар лозим бошад, хонандагон барои маслиҳат ба роҳбар мурочиат мекунанд. Алоқаҳои пешакӣ байни иштирокчиёни бозӣ иҷозат дода мешавад. Қоидаҳои ногуфта рад кардани нақши аз рӯйи қуръа таъиншуда, тарк кардани бозӣ, камфаъолият будан дар бозӣ, вайрон кардани қоидаҳо ва рафтори ахлоқиро манъ мекунанд.

Марҳилаи асосӣ – худи раванди бозӣ аст. Дар ин ҷо кори гурӯҳӣ аз рӯйи супориш, мубоҳисаи байнигуруҳӣ (муаррифиҳои гуруҳӣ, ҳимояи натиҷаҳо) гузаронида мешавад. Вақте ки бозӣ оғоз меёбад, ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки ҷараёни онро халалдор кунад ё тағйир диҳад. Танҳо роҳбар метавонад амали иштирокчиёнро ислоҳ кунад, агар онҳо аз ҳадафи асосии бозӣ дур шаванд.

Дар марҳилаи ниҳоӣ роҳҳои ҳалли мушкилот таҳия карда, гузоришҳои гуруҳи коршиносон шунида мешаванд ва роҳҳои ҳалли муваффақтарин интихоб карда мешаванд.

Марҳилаи таҳлил, умумӣ ва муҳокимаи натиҷаҳои бозӣ. Дар ин марҳила мубодилаи афкор ба вуҷуд меояд, хонандагон қарору хулосаҳои худро ҳимоя мекунанд. Дар хотима муаллим натиҷаҳои бадастомадаро баён мекунад, хатоҳоро қайд мекунад ва натиҷаи ниҳоии дарсро арзёбӣ карда, диққатро ба муқаррар намудани алоқаи бозӣ бо мазмуни фанни таълим ҷалб менамояд.

Илова бар ҳамаи гуфтаҳои боло, бозиҳои дидактикиро метавон дар дарс барои бартараф кардани яктарафагии маърифатӣ ва васеъ кардани қобилияти маърифатӣ ва иртъиботии хонандагон истифода бурд. Дар ин ҳолат бозиҳо бояд бозиҳои гуруҳӣ бошанд. Дар зер якчанд бозиҳоро дида мебароем, ки барои кори гурӯҳӣ дар байни хонандагон бештар мувофиқанд.

1. «Гуногунии афкор».

«Парокандагии афкор» ифодаи муташаккил ва алтернативии афкор аз ҷониби иштирокчиёни фаъолияти гуруҳӣ оид ба масъала ё мавзуи мушаххас мебошад.

Хусусияти методии чунин кори гуруҳӣ мақмуи зиёди кортҳо бо ибораҳои нонавишта аз рӯйи маводи дарс мебошад. Ин намуди бозиҳо хондагонро бо овози баланд ба ҷавоб додан водор месозанд. Он чизе, ки оғоз шудааст, бояд ба анҷом расад, бинобар ин, касе, ки кортро гирифтааст, аллакай оғози кӯтоҳи суханронии худро дар мавзуи пешниҳодшуда дорад. Ибораи ибтидоӣ самти фикрро медиҳад, ба хонанда дар лаҳзаи аввали суҳбат кӯмак мекунад.

Мушкилоти кори омодагӣ ба омӯзгор дар он аст, ки ҷумлаҳои ибтидоиро ба таври мушкил, шинохта ва мухтасар баён кунад. Шумораи кортҳо ба шумораи иштирокчиён баробар аст. Дар корт аввалин калимаҳое навишта шудаанд, ки бо онҳо сухан оғоз меёбад. Барои бомуваффақият кор кардан, фазои манфиатдор ва дастгирии мутақобила лозим аст. Дар ин ҷо андешаҳои асоснок қабул карда мешаванд. Ин намуди кор ҳангоми азхудкунии мавзуи нав барои ҷорӣ кардани таҷрибаи ҳаёт ва мавзуи худи хонандагон қулай мебошад. Ҷавобҳо аз рӯйи принсипи гипотеза ва далели он сохта мешаванд. Интихоби мавзуъҳое, ки ҳамзистии равишҳои гуногунро пешбинӣ мекунанд, мувофиқи мақсад аст. Дар натиҷа, омӯзгор метавонад ҷавобҳои гирифташударо ҷамъбаст кунад ва ба мафҳумҳои таълимӣ оварда расонад.

2. «Саволро фикр кунед».

Ин шакли кор ба масъалаи гузоштани саволҳо нигаронида шудааст. Муаллимон бояд ба хонандагон фаҳмонанд, ки дар ҷаҳони имрӯза иттилоот бо суръати баланд тағйир меёбад, танҳо дар сурате, ки шумо мушкилотро таҳия карда тавонед ва саволҳои заруриро пурсед. Ин

намуди кор метавонад унсури дарс бошад, масалан, ҳангоми азхудкунӣ ва мустаҳкам кардани мавод.

Омӯзгор метавонад дарсро бо чунин савол оғоз кунад: Оё шумо касеро медонед, ки саволҳои ҷолиб диҳад? Оё шумо метавонед дар мавзуи мо саволи ҷолибро мисол ored? Акнун саволи дилгиркунанда диҳед. Шумо кӣ шудан мехоҳед: шахсе, ки саволҳои хуб дода метавонад ё шахсе, ки ҷавобҳои хуб дода метавонад?

Ман ба шумо бозӣ пешниҳод мекунам, ки дар он шумо метавонед саволҳои ҷолибро дар мавзуи мо пешкаш кунед. Мо ин саволҳоро дар поён менависем, онҳоро якҷоя мекунем ва омехта мекунем. Пас шумо бо навбат саволро фаҳмида, кӯшиш мекунед, ки ба он ҷавоб диҳед. Пас аз посух, фикри худро дар бораи он, ки савол ҷолиб буд ва маҳз чӣ буд, бигӯед.

Пас аз дарс онро бо саволҳо таҳлил кардан меарзад:

– кадом саволҳо ба ба шумо (хонандагон дар назар аст);

– кадом ҷавоб муваффақтар ба назар мерасид;

– кадом саволҳо душвор буданд;

оё шогирдон аз пайдо кардани саволҳо лаззат бурданд?

Ин намуди кор бо хонандагони синфҳои 6 – 8 самараноктар аст. Дар баробари ин, ҳамаи гуфтаҳои боло ба хулосае меоранд, ки сарфи назар аз мавҷудияти корҳои нашршуда дар бораи фаъолияти бозӣ дар зинаи таҳсилоти асосӣ таълим саволҳои зиёде боқӣ мондаанд, ки таҳияи иловагии назариявӣ, таҳқиқоти таҷрибавиро талаб мекунанд.

Таҳлили адабиёти мавҷудаи методӣ нишон дод, ки дар зинаи таҳсилоти асосии таълим бозӣ асосан ҳамчун воситаи таълим додани ҷанбаҳои алоҳидаи забон (рушди нутқи шифоҳии хонандагон, азхудкунии мавзуъҳо ва масъалаҳои алоҳидаи грамматикӣ, ташаккули талаффузи дуруст ва ғайра) истифода мешавад ва имкониятҳои тарбиявӣ ва ҳавасмандгардонии он хеле кам истифода мешаванд, яъне байни маълумоти назариявӣ ва таҷассуми амалии онҳо тафовути муайян ба назар мерасад.

АДАБИЁТ:

1. Абрамян Л.А., Хризман Т.П. Взаимосвязь эмоции и воображения в игре дошкольника //Игра и развитие личности дошкольника. – М.: 1990. – **С**. 68 – 81.
2. Амонашвили, Ш.А. Размышление о гуманной педагогике [Текст]/ Ш.А. Амонашвили. – М.: Просвещение, 1996. – 188 с.
3. Выготский, Л.С. Игра и её роль в психическом развитии ребёнка/ Вопросы психологии №6. – 1966.
4. Денисова, Л.Г. Использование игровых элементов на начальном этапе обучения английскому языку //Иностранные языки в школе. – 1989. – №4. – **С**. 82 – 87.
5. Касаткина, Н.А. Занимательные материалы к урокам обучения грамоте и английского языка в начальной школе (стихи, кроссворды, загадки, шарады) [Текст]/ Н.А. Касаткина. Волгоград: Учитель, 2009. – 127 с.
6. Леонтьев, А.А. Основные положения советской методики обучения английскому языку как иностранному //Методика /Под ред. А.А. Леонтьева. – М.: Английский язык, 1988. – 180 с.
7. Макаренко, А.С. Пед. соч. в 8 - ми т. Т. 4. [Текст]/ А.С. Макаренко.– М.: Педагогика, 1984.– С.41–375.
8. Максимун, Н.Н. Игры по обучению грамоте и чтению (Мастерская учителя) [Текст]/ Н.Н. Максимун.– М.: ВАКО, 2007. – 128 с.
9. Мелик-Пашаев, А.А., Новлянская З. Н. Трансформация детской игры в художественное творчество //Искусство в школе. – 1994. – № 2. – С. 11.
10. Мухарова, М.Л. Использование дидактической игры при обучении иноязычной речи в начальной школе //Английский язык и литература в таджикской школе. – 1985. – № 1. – С. 17 – 20.
11. Сухомлинский, В.А. Проблемы воспитания всесторонне развитой личности // История педагогики в России [Текст]/ В.А. Сухомлинский.– М., 1999. – 377 с.

БОЗИҲОИ ДИДАКТИКӢ ОМИЛИ МУҲИММИ РУШДИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОН

Дар мақола омили муҳимми рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагон тавассути бозиҳои дидактикӣ матраҳ гардидааст. Сараввал муаллиф камбудиҳои омӯзгоронро дар бораи ташкил ва гузаронидани бозиҳои дидактикӣ, махсусан, бозиҳои забонӣ дар синфҳои болоӣ ошкор намудааст. Муаллиф исбот менамояд, ки бозиҳои дидактикӣ, калиди асосии донишомӯзии хонандагон маҳсуб дониста мешаванд. Аз шумораи зиёди бозиҳои тақлидӣ муаллиф бозиҳои дидактикиро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар мақола сухан дар бораи бозиҳои забонӣ ва корӣ меравад. Муаллиф таъкид менамояд, ки арзиши дидактикии истифодаи фаъолияти бозии мактаббачагон аз он вобаста аст, ки дар бозӣ принсипҳои зерини технологияи таълим якҷоя карда мешаванд: фаъолият; шавқоварӣ; ичрои нақшҳо; коллективизм; гирифтани маълумот дар бораи ҷараён ва натиҷаҳои бозӣ; мушкилот; натиҷагирӣ; мустақилият; рақобатпазирӣ ва ғайра. Бозиҳои дидактикӣ бояд ба талаботи барномавии

дониш, қобилият, маҳорат ва талаботи стандарти таҳсилот, ба маводи омӯхташаванда ҷавобгӯ бошанд, таъкид менамояд муаллиф.

Калидвожаҳо: *забони англисӣ, бозиҳои дидактикӣ, бозиҳои забонӣ, қобилиятҳои зеҳнии хонандагон, намудҳои бозӣ.*

ДИДАКТИЧЕСКИЕ ИГРЫЙ ВАЖНЫЙ ФАКТОР РАЗВИТИЯ УМСТВЕННЫЕ СПОСОБНОСТИ УЧАЩИХСЯ

В статье рассматривается важный фактор развития интеллектуальных способностей учащихся посредством дидактических игр. Сначала автор выявил недостатки в организации и проведении учителями дидактических игр, особенно языковых игр в высших классах. Автор доказывает, что дидактические игры считаются главным ключом к обучению учащихся. Из большого количества имитационных игр автор исследовал дидактические игры. В статье речь идет о языковых и рабочих играх. Автор подчеркивает, что дидактическая ценность использования игровой деятельности обусловлена тем, что в игре сочетаются следующие принципы технологии обучения: активность; развлечение; исполнение ролей; коллективизм; получение информации о ходе и результатах игры; сложность; результативность; самостоятельность; конкурентоспособность и др. Дидактические игры должны соответствовать программным требованиям к знаниям, способностям, навыкам и требованиям стандарта образования к изучаемому материалу, подчеркивает автор.

Ключевые слова: *английский язык, дидактические игры, языковые игры, интеллектуальные способности учащихся, виды игр.*

DIDACTIC GAMES ARE AN IMPORTANT FACTOR IN THE DEVELOPMENT OF STUDENTS' MENTAL ABILITIES

The article considers an important factor in the development of students' intellectual abilities through didactic games. At first, the author identified shortcomings in the organization and conduct of didactic games by teachers, especially language games in higher grades. The author proves that didactic games are considered the main key to student learning. From a large number of simulation games, the author investigated didactic games. The article is about language and work games. The author emphasizes that the didactic value of using gaming activities is due to the fact that the game combines the following principles of learning technology: activity; entertainment; role playing; collectivism; obtaining information about the course and results of the game; complexity; effectiveness; independence; competitiveness, etc. Didactic games must meet the program requirements for knowledge, abilities,

Key words: *English, didactic games, language games, intellectual abilities of students, types of games.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Асророва Нилуфар Чориевна - Омӯзгори кафедраи забони англисии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров.* ***Сурога:*** *Телефон: 927005939 E-mail. Sharihov9107@mail.ru*

Сведения об авторе: *Асрова Нилуфар Чориевна-преподаватель кафедры английского языка Худжандского государственного университета имени академика Б. Гафуров. Адрес: Телефон: 927005939 E-mail. Sharihov9107@mail.ru*

Information about the author: *Asrova Nilufar Chorievna is a lecturer at the Department of English at the Khujand State University named after Academician B. Gafurov. Address: Tel.: 927005939 E-mail. Sharihov9107@mail.ru*

ТДУ:159.9(575.3)
ББК:88.2(2тадж)
А-20

ТАРБИЯИ НАВРАСОНИ ДУШВОРТАРБИЯ ДАР ШАРОИТИ КУНУНӢ

Эмомова М. Н.
унвончуйи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Дар ҳама давру замон тарбияи фарзанд яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб рафта, он ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи олимону мутафаккирон қарор дошт, зеро таваллуди фарзанд ин занҷири наслҳоро аз як аср ба асри дигар пайванд дода, тавассути ин рӯйдоди табиӣ ҳаёти инсонӣ идома меёбад. Фарзанд, ки пайвандгари занҷири наслҳо бошад, пас дар ин масъала масъулияти бузурге бар дӯши аҳли ҷомеа, волидон ва мактаб гузошта мешавад. Ҳар хонавода, ки дар он фарзандон ба камол мерасанд, бояд масъалаи тарбияро хеле ҳам ҷиддӣ гиромӣ доранд.

Дар замони муосир тарбияи наврасони душвортарбия ба яке аз масъалаҳои доғи рӯз табдил ёфтааст. Боиси таассуф аст, ки на ҳар як наврас дарк мекунад, ки чи гуна кирдорҳои ғайриқонуниаш боиси оқибатҳои вазнин гардида, ислоҳашон душвор мегардад. Далелҳо шаҳодат медиҳанд, ки баъзе ноболиғон ҳанӯз аз ҳурдсолӣ ба кирдорҳои ношоям даст мезананд, онҳо интизомро вайрон карда, ба дарс дер меоянд, дар муносибат бо омӯзгорон

дағалӣ намуда, дар дарсҳо бетартибӣ мекунанд ва бо ҳамин рафтори ҳуд дар синф ҳолати ғайрикориро ба вуҷуд меоранд. Чунин ноболиғон дар вақти танаффус бо ҳамсинфони ҳуд ҷанҷол мекунанд, баъд аз дарс ба корҳои беҳуда машғул мешаванд ва бо калонсолон беэҳтиромӣ карда, кирдорҳои ношоям содир менамоянд. Ин гуфтаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки чунин хонандагонро ба қатори душвортарбияяҳо дохил кардан мумкин аст.

Педагоги номдор В.А. Сухомлинский навишта буд: «Бачаҳои душвор ҳастанд, аз онҳо дар ҳеҷ куҷо пинҳон шуда наметавонем. Муаллимон нағз медонанд, ки ин чист. Он метод ва усули муқаррарии тарбия, ки дар кор ба қисми зиёди бачаҳо истифода мешавад, аксар вақт бо кӯдакони душвортарбия натиҷа нахоҳад дод. Ҳар яки онҳо чизи ба ҳуд хосу фардӣ доранд, ба дигар кӯдакон монанд нестанд: хоҳишҳои ҳуд, хусусиятҳои ҳуд, дуршавӣ аз меъёрҳо, роҳҳои тарбияи ҳудро доранд» [6, с. 9].

Агар сари вақт бо чунин хонандагон корҳои тарбиявию пешгирикунанда бурда нашавад, оқибат тарбияи чунин хонандагон душвор гардида, онҳо ба қонунвайронкунӣ даст мезананд. Чунин наврасон ба гурӯҳи бачаҳои оворагарду майдаавбошу нашъаманд ҳамроҳ мешаванд. Ба онҳо дигар насиҳату нармгуфторӣ таъсир намерасонад. Набудани ҳисси ҷавобгарии шахсӣ, надонистан ва нафаҳмидани қонун, инчунин бечазо мондан ва дигар ҳолатҳо низ сабаби ҳуқуқвайронкунии наврасон душвортарбия мегардад. Ҳамин тариқ, роҳ ба сӯйи ҷиноят аз ҳудсарӣ, беинтизомӣ, рафторҳои хурди ношоям, беэҳтиётӣ ба дигарон аз дағалӣ сар мешавад. Сабаби аксари ҳуқуқвайронкуниии наврасон паст будани дараҷаи шуурнокии онҳо, беинтизомӣ, беаҳамиятӣ, нашъамандӣ, майпарастӣ ва беандешагӣ нисбат ба оқибатҳои рафтори ҳуд мебошад.

Доир ба тарбияи наврасон, бахусус наврасон назарҳои олимон мухталиф буда, аксари олимонҳо бар он назаранд, ки наврас душвортарбия таваллуд намешавад. Наврас тавассуси тарбияи нодуруст душвортарбия мегардад. Тарбияи кӯдакони душвортарбия масъалаи нав нест ва дар замони муосир даст задани ноболигон ба ҳуқуқвайронкунӣ яке аз масъалаҳои доғи рӯз ба ҳисоб меравад. Масъалаи мазкур асрҳост, ки ҳамчун як масъалаи мубрам боқӣ мемонад. Аз замонҳои қадим олимон ва он нафароне, ки ба тарбияи кӯдакон, аз ҷумла кӯдакони душвортарбия машғул буданд, иброз менамуданд, ки тарбияи ин қабил бачаҳо кори саҳл нест ва аз тарбиятгарон муносибати ҷиддиро тақозо мекунад. Боиси таассуф аст, ки на ҳар як наврас дарк мекунад, ки чи гуна кирдорҳои ғайриқонуниаш боиси оқибатҳои вазнин гардида, ислоҳашон душвор мегардад.

Ҳарчанд дар ин маврид бисёр ҳарф занем ҳам, бояд сабабҳои ба душвортарбия мубаддал гаштани баъзе наврасонро ошкор ва барои пешгирӣ намудани душвортарбия гардидани наврасон чораҳои муассир андешем. Дар адабиёти илмӣ ва пажуҳиши олимони соҳа ва педагогҳои шинохта сабаби инро ба 10 -12 омил рабт додаанд, ки асоси умдаи онро асосан панҷ омил донистаанд: хусусиятҳои биологӣ ва иҷтимоӣ; феълу атвори ирсӣ; шароит ё муҳити носолими оила, мактаб ва ҷомеа; тазодҳои иҷтимоӣ; иллатҳои ҷисмонӣ, психологӣ.

Таҳлили адабиёти педагогию психологӣ собит месозад, ки омилҳои биологӣ ва иҷтимоӣ то ҷое ба ташаккули шахсияти наврас таъсиргузор мебошанд, вале ҳамзамон аз баҳс низ орӣ нест, зеро наврасе, ки ба дунё ноқисулақл чашм мекушояд, вай ба тарбияи махсус ниёз дорад. Аммо ҳангоме ки наврас дар муҳити носолими ҷомеа ба ҳуд хусусиятҳои душвортарбияро мегирад, ин масъала дигар шавад. Дар ин бора ақидаи духтур-психологи маъруфи рус хеле ҷолиб аст, ки мегӯяд: «Дар солҳои кориам ба ҳайси духтур-психолог борҳо мушоҳида кардам, ки ашхоси кӯчак ахлоқи аҷибу ғарибе доранд: салом намедиҳанд, шустушӯй намекунанд, дандонҳояшонро тамиз намекунанд, аслан китоб намехонанд, мисли калонсолон ба зиндагии оянда ҳатто омода намешаванд». Акнун лозим меояд, ки ба омили чорум-тазодҳои иҷтимоӣ-психологӣ таваҷҷуҳ намоем, зеро наврас дар муҳити иҷтитмоӣ ба тазодҳои зиндагӣ дучор мегардад. Тазодҳои зиндагӣ ба ӯ ҳам таъсири манфӣ ва ҳам мусбат мерасонанд. Дар ин ҷо аввалан, наврас гарданшахӣ мекунад. Таълим, ки аз наврасон кӯшишҳои зиёди психологиро талаб мекунад, дар бисёр ҳолатҳо онҳо дар омӯзиш қафо мемонад, барномаҳои таълимиро аз ҳуд намекунад, аксуламал ва дағалӣ ба супоришҳои омӯзгорон нишон медиҳад. Ҳамзамон наврасон зуҳуроти номатлуб нишон дода, ҳатто дашном медиҳад, сигор мекашад, дар дарсҳо ширкат намекунад, агар иштирок кунад ҳам ба дарс халал расонида, бо омӯзгорону ҳамсинфон дар муноқиша қарор мегирад ва ин зуҳуроти номатлубро давом додан мегиранд.

Дигар омиле, ки ба фикри мо хеле муҳим аст, ин беназоратии наврасон маҳсуб дониста мешавад. Дар ин марҳила наврас на танҳо хуб намехонад, ба муҳити солими педагогӣ таъсири мутақобила нишон медиҳад, балки дар мавриди таҳсилу илм гирифтан намехоҳад тасаввурот дошта бошад. Чунин наврасон ба муҳити носолими иҷтимоӣ афтода, ҳатто метавонанд ҷиноят содир кунанд. Ба ин гуна наврасон чунин тамоили иҷтимоӣ хос аст: аз падару модар

дурӣ ҷустан, оворагардӣ, майхорагӣ, тамокукашӣ, дуздӣ, бадахлоқӣ, дигар одатҳои номатлуб ва ғайра.

Дар ин маврид вазифаи аввалиндараҷаи колективҳои педагогӣ ин дар муассисаи таълимӣ муайян намудани теъдоди наврасони душвортарбия маҳсуб дониста мешавад. Сипас барқарор намудани робита бо волидон ва шахсони онҳоро ивазкунанда аз тадбирҳои муассир ба ҳисоб меравад. Коллективҳои педагогӣ таҳқиқот баранд, ки дӯстону шахсони наздики наврасони душвортарбия киҳоянд, онҳо вақти холигии худро бо кӣ дар куҷоҳо мегузаронанд, шаб соати чанд ба хона меоянд. Ё худ чаро баъзе шабҳо ба хона намеоянд, яъне бо ин васила нуқсу иллатро дар тарбияи наврасони душвортарбия кашф карда мешавад ва барои ислоҳи наврасон тадбирҳои муассир андешида мешаванд.

Педагогҳои тоҷик С. Қодиров ва М. Давлатов, ки солҳои тӯлонӣ оид ба масоили тарбияи наврасони душвортарбия кори таҳқиқотӣ бурдааст, менависад: «Агар тарбиятгаррон бетаҷриба бошанд, он гоҳ муқобилият нишондиҳии наврасон боз ҳам пурзуртар мегардад, дар онҳо сангдилию бераҳмӣ, рӯҳафтодагӣ, нобоварӣ ба қувваи худ ва дигарон зоҳир мешаванд. Дар натиҷа, омӯзгорон онҳоро наврасони «душвор» ва ё характерҳои «душвор» меноманд. Наврасон рафторҳои бадқасдона намуда, дарсгурезӣ мекунанд, ба волидайну муаллимон дағалона муносибат менамоянд, бадахлоқи карда, аз хона мегурезанд ва ба дуздӣ ва оворагардӣ даст мезананд. Пас, наврас якбора душвортарбия намешавад, ҳазлу шухиҳои бачагона – нишонаҳои аввалини дигаршавии характер аст. Яъне, бисёр вақт калонсолон ба дигаргуншавии характери наврас эътибор намедиҳанд ва гумон ҳам намекунанд, ки ин вайроншавиҳои аввалини рафтор дар ниҳоят метавонанд ӯро ба ҳуқуқвайронкунӣ тела диҳад» (1, с. 72)

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар бисёр мавриди коллективҳои педагогӣ ин масъаларо нодида мегиранд, бо волидон робита барқарор намекунандва бе асосу маслиҳат пешниҳод менамоянд, ки ҷойи фарзанди шумо мактаби махсуси ҷумҳуриявист, аммо дар назди худ ҳисобот намедиҳем, ки чаро ҳамин наврас душвортарбия гардидааст. Омӯзгорон бояд ҷиҳати качрафтории наврасони душвортарбия ба падару модарон тавсияҳои илмии судманд пешниҳод намоянд ва якҷо пайваста рафтору кирдори наврасон назорат карда шавад.

Дар солҳои аввали собиқ Ҳукумати Шӯравӣ теъдоди наврасони оворагарду бесарпаноҳ ва аз таълиму тарбия дурмонда дар шаҳрҳои калон ба маротиб афзуда буд. Мо саҳми шахсии педагоги барҷаста А.С. Макаренкоро ба тарбия фаро гирифтани наврасони душвортарбия медонем. А.С. Макаренко дар тарбияи наврасони душвортарбия методикаи тарбияи бовар карданро моҳирона истифода мебурд. Дигар воситаи муассири тарбия аз ҷониби ин педагоги соҳибтаҷриба ба меҳнат ҷалб кардани наврасон буд. Ӯ бачаҳоро водор месохт, ки меҳнатро дӯст доранд. Дар натиҷаи муносибати меҳрубонона намудан наврасони душвортарбия тарбияи хуб гирифта, аз миёни онҳо шахсиятҳои маъруфу машҳур ба камол расиданд.

Лозим ба таъкид аст, ки тарбияи хонандагон аз коллективи дӯсту тифоқ низ вобастагии зиёд дорад. Дар замони худ педагоги номдор А,С. Макаренко дар амалияи кори худ ба мавқеи тарбия дар коллектив ва барои коллектив баҳои воқеӣ дода буд. Ба ақидаи А,С. Макаренко ҳар фарде, ки дар муҳити коллективӣ тарбия меёбад, вай ахлоқи накӯ ва намунавӣ гирифта метавонад. Ӯ таъкид менамуд, ки мафҳуми «душвортарбия» ба чунин наврасон рабте надорад, аммо ҳанӯз ҳам хусусиятҳои фардии наврасон дар ин самт пурра таҳлил наёфта, сабабҳои майли онҳо ба зиндагии «озодона» мавриди омӯзиши аниқ қарор нагирифтааст, зеро бо рушди ҷомеа ва гузашти солҳо психологияи одамон ҳам дигаргун мешавад. [3, с. 45].

Дар ҷойи дигар педагоги барҷаста А.С. Макаренко таъкид намуда буд, ки оила роҳнамои тарбияи насли наврас мебошад. Ба ҳеҷ кас махфӣ нест, ки аввалин таҳкурсии тамоми хулқу атвор, рафтору кирдор, фикр ва шуури бача дар оила гузошта мешавад ва он ҷо ташаккул меёбад. Агар падару модар танбалӣ карда, нисбат ба тарбияи бачаи худ бепарво шаванд, он гоҳ барои аз нав тарбия кардани бачагон бисёр заҳмат кашида, хулқу атвор, хусусияту хислат, характер ва дигар сифатҳои онҳоро ислоҳ кардан лозим меояд. Кори аз нав тарбиякунӣ нафақат душвор, балки аз ҳад зиёд дилгиркунанда ҳам мебошад. Аз ин рӯ, волидоне, ки аз уҳдаи тарбияи фарзанд намебароянд, бояд фарзандҳояшонро ба ягон муассисаи тарбиявӣ супоранд. Чи хеле ки дар урфият мегуянд: «Беодобӣ ин касалии сиҳатшаванда, бефаҳмӣ низ сиҳатнашаванда аст», ё «қобилият нисф модарзодӣ буда, нисфи дигари он тарбия аст» [4, с. 244].

Аксари педагогҳо ба ин назаранд, ки дур мондани наврас аз таълиму тарбия, хушунатҳои оилавӣ, костагиҳои рӯзгор, маҳрум мондан аз волидон ва як қатор омилҳо дар ин масъала таъсиргузор мебошанд. Вобастагии иқтисодӣ, ки дар тафаккури наврас бо ҳар роҳе, ки набошад бояд маблағ ёфт, ӯро метавонад ба роҳи хато равона кунад ва ба психологияи вай

халал ворид созад. Маблағ ба даст овардан, наврасро ба ҳар роҳ мебарад, дар баъзе ҳолатҳо ӯ даст ба қаллобӣ ва дуздӣ зада, ҷиноят содир мекунад. Наврас тадриҷан душвортарбия ва ниҳоят ба ҳуқуқвайронкунӣ даст мезанад.

Имрӯз да ҷумҳурӣ ягона Мактаби махсуси ҷумҳуриявӣ фаъолият менамояд, ки наврасони ҳуқуқвайронкунандаро ба таълиму тарбия фаро мегирад. Замони имрӯза тақозо менамояд, ки раванди таълиму тарбия бояд дар Мактаби махсуси ҷумҳуриявӣ бознигарӣ шавад, зеро имрӯз психологияи наврасон тағйир ёфтааст. Масалан наврас мебинад, ки рафиқи ҳамсинну сола ё ҳамсоли дигараш пойафзол ё либосҳои қиматбаҳо дорад, ё худ ҳамсинфаш соҳиби телефони мобилии қимат гаштааст. Наврасон мебинанд, ки фарзандони одамони имконияти молиявидошта дар муассисаҳои таҳсилоти сатҳашон баланд таълим мегиранд ва барои онҳо ҳамаи шароит муҳайё аст, вале барои ӯ чунин имкониятҳо ҳанӯз дастрас нест. Ҳамаи ин хоҳу нохоҳ ба психологияи наврас, ки зуд тағйирёбанда мебошад, таъсири манфӣ мерасонад. Қатъи назар ҳукумати кишвар барои таҳсили фарогир барои ҳамаи қишрҳои ҷомеа шароит муҳайё кардааст. Вазифаи омӯзгорон аз он иборат аст, ки ин тазодҳои иҷтимоиро бо мисолҳои мушаххас ба наврасон шарҳу тавзеҳ диҳанд ва фаҳмонанд, ки дар мамлакати мо барои рушди зеҳнии ҳар фард имкониятҳои хеле хуб фароҳам оварда шудааст. Бо вуҷуди ин бояд қайд кард, ки дар ҷомеа ҳанӯз пурра аз байн бурдани ин тазодҳо имкон надорад. Иллатҳои объективӣ ва субъективӣ сабаб мешаванд, ки наврасон аз таҳсил дур монда, аз синни хурдсолӣ ба мардикорӣ рӯ меоранд. Баъзеҳо дониставу надониста чунин наврасонро ба категорияи «душвортарбияҳо» дохил мекунанд, ки ин билкул хатост. Бале, чунин наврасон ба дарсҳо пурра ширкат намекунанд, аз барномаи таълимӣ қафо монда, бештари вақти худро дар кӯча мегузаронанд.

Бояд қайд кард, ки дар ҷаҳон ҳанӯз барномаи махсуси ягонаи тарбияи наврасони душвортарбия вуҷуд надорад. Методикаи таълиму тарбияи аксар кишварҳо дар ин масъала ба ҳам монандӣ доранд. Дар замони соҳибистиқлолӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми кӯшишҳои заруриро ба тарбияи солими наврасону ҷавонон, ки онҳо ояндасозони Ватани маҳбубамон мебошанд, равона мекунад. Дар ин раванд ҳам қонунҳои зиёде қабул гардиданд.

Дар партави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак», пеш аз ҳама таҳким бахшидани ҳамкориҳои педагогию психологӣ ва тадбирҳои таъҷилӣ нисбат ба пешгирии қонуншиканӣ ва ҷиноятқории наврасону ҷавонон воситаи беҳдошти ҳамбастагии мактабу оила бо аҳли ҷомеа ба назар мерасад.

Дар даҳ соли охир барои таҳсилу камолот, фароғат ва инкишофи зеҳнии наврасон дар тамоми шаҳру навоҳии кишвар ба хотири камолоти наврасону ҷавонон шароити хеле хуб муҳайё гардиданд. Ҳоло наврасони болаёқат дар Мактабҳои президентӣ ва байналмилалӣ ва макотиби типи нав ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Таваҷҷуҳ ва диққати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он нигаронида шудааст, ки ягон нафар наврас, ҳатто аз шумули душвортарбияҳо ҳам аз таҳсил ва тарбия дур намонанд.

Дар ҳоли ҳозир муассисаҳои таълимӣ, новобаста аз сохт ва шакли таълим вазифадоранд, ки фаъолияти психологҳоро дар таълиму тарбия хеле пурзӯр намоянд, зеро ин масъала бо равандҳои ҷаҳонишавӣ сол то сол буғранҷ гардидааст. Наврасон бояд аз нигоҳи психологӣ солим бошанд, якравӣ, гарданшахӣ, нописандӣ, ҳавобаландӣ барин хислатҳои номатлуб дар онҳо набояд ҷой дошта бошад. Дар ҳама синну сол хонандагон ба меҳру муҳаббати омӯзгорон ва волидон эҳтиёҷ доранд. Хушунат, низоъ, харҳашаҳои оилавӣ ба психологияи на танҳо наврасон, балки ба падару модари онҳо низ таъсири манфӣ мерасонад.

Чуноне, ки ба назар мерасад, наврасон фирор аз оилаҳои номуваффақ мекунанд. Ин хеле хавфнок аст дар шароите, ки иттилоот дар ҳаёти мо нуфузи зиёде дорад. Наврасони душвортарбия, ки мо онҳоро бештари вақт боз гарданшах ҳам ном мебарем, метавонанд дар сайтҳои интернетӣ фирефтаи нерӯҳои ғаразнок гарданд, зеро дар доми нерӯҳои террористӣ ҳамеша кӯдакону наврасону ҷавонони аз таҳсил дурмонда гирифтор мешаванд. Дар чунин категорияи наврасон раванди мағзшӯӣ бидуни мушкилӣ мегузарад.

Масъалаи муҳимми дигаре, ки дар ҳалли ин раванд метавонад нақши муҳим дошта бошад, аввалан ин пурзӯр сохтани тарбияи ватандӯстӣ аст. Ҳар хонанда, бигзор душвортарбия ҳам бошад, бояд Ватанро ба ҳайси модар бидонад ва бишносад. Дувумтақвияти муносибати сеҷониба-мактаб, оила ва ҷомеа. Ҷалб намудани наврасони душвортарбия ба мактабҳои махсус ин масъулиятро аз худ дур кардан нест, наврас бояд дар муҳити хонавода, дар назди падару модар, бибию бобо ва бародару хоҳар тарбия ёбад. Онҳо аз синни хурдсолӣ муҳити оиларо, ки он як ҷузъи муҳими ҷомеа аст дарк кунанд. Муҳимтар аз ҳама онҳо зери таъсири урфу одат ва анъанаҳои неки оилавӣ, ки асрҳо озмуда шудаанд, тарбия ёбанд.

АДАБИЁТ:

1. Қодиров, С., Давлатов М. Психологияи иҷтимоӣ. Сино. – Душанбе – 2004. – 155 с.
2. Леви, В. Нестандартный ребёнок, или как воспитывать родителей М.: Педагогика, 1988. – 239 с.
3. Макаренко, А.С. Маърузаҳо оид ба тарбияи бачагон. Душанбе. – 1980.
4. Макаренко, А.С. Пед. соч. в 8-ми т. Т. 4. – М.: Педагогика, 1984.– С.41–375.
5. Раҳимов Б. Ба ин кор ҳама ҷавобгаранд. Душанбе. – 1966.
6. Сухомлинский В.А.Разговор с молодым директором школы. Киев: 1980. – 534 с.
7. Степанов В.Г. Психология трудных школьников. Учебное пособие для учителей и родителей. – М.: Издательский центр Академия. – 1996. – 320 с.
8. Собкин В.С. Проявление девиации в подростковой субкультуре // Вопросы психологии. – 2004. – №3.

ТАРБИЯИ НАВРАСОНИ ДУШВОРТАРБИЯ ДАР ШАРОИТИ КУНУНӢ

Муаллифи мақола иброз менамояд, ки масъалаи тарбияи наврасони душвортарбия масъалаи нав нест ва масъалаи мазкур асрҳост, ки ҳамчун як масъалаи мубрам боқӣ мемонад. Аз замонҳои қадим олимон ва он нафаране, ки ба тарбияи кӯдакони душвортарбия машғул буданд, дар ин масъала иброз менамуданд, ки тарбияи ин қабил бачаҳо кори саҳл нест ва аз тарбиятгарон муносибати ҷиддиро тақозо мекунад. Фарзанд, ки пайвандгари занҷири наслҳост, масъулияти бузурге бар дӯши аҳли ҷомеа, волидон ва мактаб дар тарбияи ӯ гузошта мешавад. Ҳар хонавода, ки дар он фарзандон ба камол мерасанд, бояд масъалаи тарбияро хеле ҳам ҷиддӣ гирифта доранд. Аз ҳама бештар падару модарон ва омӯзгорон дар масъалаи тарбияи кӯдакон бештар диққати худро ба тарбияи наврасон равона кунанд, зеро давраи наврасиро давраи душвор низ меноманд. Муаллифи мақола масъалаи тарбияи наврасон душвортарбияро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор додааст. Муаллифи мақола омилҳои душвортарбия гардидани наврасонро аз нуқтаи назари илмӣ бо мисолҳои мушаххас асоснок намудааст. Ба ҷумлаи омилҳои асосии душвортарбия гардидани наврасон муаллиф бекорӣ, беназоратӣ, пош хурдани оилаҳо, ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани падару модарон ва ғайраро мансуб донистааст.

Калидвожаҳо: *наврасони душвортарбия, муҳит, қонунишканӣ, ҷиноятқории наврасон, волидон, омӯзгорон, беназоратии наврасон.*

ВОСПИТАНИЕ ТРУДНЫХ ПОДРОСТКОВ В НЫНЕШНИХ УСЛОВИЯХ

Автор статьи отмечает, что проблема воспитания трудных подростков не новая и эта проблема остается актуальной на протяжении веков. С давных времен ученые и те, кто занимался воспитанием трудных детей, считали, что воспитание таких детей-дело нелегкое и требует от воспитателей серьезного отношения. Ребенок, который является связующим звеном в цепи поколений, несет огромную ответственность перед обществом, родителями и школой. Каждая семья, в которой дети взрослеют, должна относиться к вопросу воспитания очень серьезно. Как правило, родители и педагоги в вопросе воспитания детей должны уделяют больше внимания воспитанию подростков, так как подростковый возраст называют трудным периодом. Автор статьи, с учетом вышеперечисленных соображений анализирует проблему трудных подростков. Автор статьи обосновал факторы усложнения подросткового возраста с научной точки зрения конкретными примерами. К числу основных факторов усложнения подросткового возраста автор относит безработицу, безнадзорность, распад семей, уход родителей в трудовую миграцию и т. д.

Ключевые слова: *правонарушение, преступность подростков, трудновоспитуемые подростков, окружающая среда, родители, учителя, безнадзорность подростков.*

EDUCATION OF DIFFICULT TEENAGERS IN THE CURRENT CONDITIONS

The author of the article notes that the problem of educating difficult teenagers is not new and this problem has remained relevant for centuries. Since ancient times, scientists and those who have been involved in the upbringing of difficult children have believed that the upbringing of such children is not an easy task and requires serious attitude from educators. A child, who is a link in the chain of generations, has a huge responsibility to society, parents and school. Every family in which children grow up should take the issue of parenting very seriously. As a rule, parents and teachers should pay more attention to the upbringing of adolescents in the matter of parenting, since adolescence is called a difficult period. The author of the article, taking into account the above considerations, analyzes the problem of difficult teenagers. The author of the article justified the factors of complication of adolescence from a scientific point of view with specific examples.

Key words: *offense, juvenile delinquency, difficult teenagers, environment, parents, teachers, adolescent neglect.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Эмомова Малоҳат Назруллоевна – унвонҷуи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Тел.: 918404530*

Сведения об авторе: *Эмомова Малохат Назруллоевна-научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмана Джами академии образования Таджикистана. Тел.: 918404530*

Information about the author: *Emomova Malokhat Nazrulloevna-Researcher at the Abdurakhman Jami Institute for Educational Development of the Academy of Education of Tajikistan. Tel.: 918404530*

ТДУ:371.013
ББК:74.261.7
Б-77

МАВҚЕИ УРФУ ОДАТ ВА АНЪАНАҲОИ ХАЛҚӢ ДАР ТАРБИЯИ ФАРҲАНГИ РАФТОРИ МАКТАББАЧАГОНИ ХУРДСОЛ

Шеров. Р. А.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Масъалаи фарҳанги рафторӣ имрӯз аз ҳарвақта дида, мубрам гардида, вобаста ба вақту замон шакл ва методҳои он низ то андозае тағйир ёфта, такмил меёбад. Тибқи мушоҳида ва суҳбату вохӯриҳо бо омӯзгорону волидон ба хулоса омадан мумкин аст, ки солҳои охир пояи фарҳанги рафторӣ насли наврас то андозае коста гардидааст.

Омилҳои суст шудани пояи фарҳанги рафторӣ насли наврас гуногун мебошад. Ба таври мисол яке аз сабабҳои паст рафтани фарҳанги рафтори насли наврас беназорат мондани фарзандон аз ҷониби волидон мебошад. Кӯдак, ки беназорат монд, дар сараш ҳар гуна фикрҳо пайдо мешаванд. Дигар омили коста гардидани фарҳанги рафтори ахлоқии насли наврас ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани падар ва дар бисёр ҳолатҳо ҳам падар ва ҳам модар ба ҳисоб меравад. Падару модарон нигоҳубини фарзандонро ба зиммаи бобою бибӣ ва дигар хешу табори наздик гузошта, ҳатто баъди чанд сол ба хона бармегарданд. Баъзан ҳолатҳоеро низ мушоҳида намудан мумкин аст, ки падару модар умуман дигар ба хона барнамегарданд. Дар ин сурат худ аз худ маълум аст, ки бобою бибӣ ва хешу табор ба таври бояду шояд кӯдаконро нигоҳубин намекунанд. Шахсони нигоҳубини кӯдаконро ба зиммагирифта, бояд аз таҳсилоти онҳо, иштирокашон ба дарсҳо воқиф бошанд, дар маҷлисҳои синфии падару модарон ширкат варзанд ва ғайраву ҳоказо.

Дигар омили коста гардидани ахлоқи насли наврас то андозае фаромӯш сохтани анъанаҳои неку пешқадами мардумӣ ба ҳисоб меравад. Мутаассифона, бисёре аз урфу одатҳои пешқадами аҷдодамон, ки асрҳо дар таълиму тарбияи насли ҷавон саҳми босазо гузоштаанд, ба таври бояду шояд дар оила ва муассисаҳои таълимӣ истифода бурда мешаванд.

Имрӯз истиқлолияти давлатӣ имконияти васеъ фароҳам овардааст, ки ба таври амиқ ва ҳаматарафа арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ ва таърихии халқи тоҷик омӯхта ва дар тарбияи насли наврас истифода бурда шаванд. Дар ин самт халқи тоҷик солҳои охир тавонист, ки дар назди ҷомеаи ҷаҳон таърихи қадима ва пурғановати фарҳанги худро муаррифӣ намояд. Бинобар ин омӯзиши афкори педагогии халқи тоҷик, аз ҷумла, урфу одат ва анъанаҳои пешқадами мардумӣ ва истифодаи онҳо дар тарбияи фарҳанги рафтори ахлоқии насли наврас ин фазои холиро пур карда метавонад.

Имрӯз олимони тоҷик дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ тадқиқоти арзишмандро анҷом дода истодаанд, ки ин имконият медиҳад, насли наврас ба тарзи зиндагии ибратомӯзи гузаштагони хеш хубтар ошноӣ пайдо кунад. Дар баробари ин, ба он ноил шудан даркор, ки ҳаёти ибратомӯзи гузаштагони хеш насли наврасро барои анҷоми корҳои неку шоиста ҳидоят намояд. Чи тавре ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоташон бо кормандони соҳаи маорифи кишвар 22.12.2005 таъкид намуда буданд, «Рушду тараққиёти мамлакат бевосита ба саъю талоши насли созандаву эҷодкор алоқаманд аст. Бинобар ин, агар ба тарбияи ворисони соҳибмаърифату донишманд ва содиқи миллату Ватани хеш имрӯз бо масъулият муносибат накунем, ифтихору ғурури миллии мо гирифтори зоҳирпарастӣ шуда, дар доираи ному дастовардҳои бузургони гузаштагонамон маҳдуд мемонад» (12, с. 8)

Имрӯз, ки ба Тоҷикистони азизи мо истиқлолияти давлатӣ муяссар шудааст, барои омӯзишу истифода бурдан аз дурдонаҳои пуразиши осори илмии олимони забардасти солҳои пеш шароити васеъ муҳайё гаштааст. Ба ибораи олими намоёни тоҷик, академик М. Лутфуллоев «Имрӯз таърих ба мардуми мо, ба Тоҷикистони азизи мо он шансеро муяссар гардонидааст, ки ҳазор сол пеш муҳайё карда буд» (8, с.17).

Лозим ба таъкид аст, ки суннат ва анъанаҳои неки мардумӣ аз дастовардҳои маънавии халқи тоҷик маҳсуб дониста шуда, барои рушду камоли насли ҷавон хизмати босазо карда метавонанд. Аз ин ҷост, ки ҳар халқу миллат маҳз тавассути суннат ва анъаноти пешқадамаш дар тамаддуни башар боз шинохта мешавад.

Пайдоиши урфу одат ва анъанаҳои халқӣ ҳанӯз ба замони Зардушт рост меоянд, ки дар китоби муқаддаси «Авесто» зикр ёфтаанд. Зардуштиён насли наврасро аз хурдсолӣ дар рӯҳияи илмдӯстӣ, поквичдонӣ, хоксорӣ, меҳнатдӯстӣ, таҳамулпазирӣ, ягонагии қавлу амал, саховатпешагӣ, хайрхоҳӣ, эҳтироми калонсолон ва ғайра тарбия менамуданд. Зардуштиён сухани хуб ва муносибати хайрхоҳонаро беҳтарин сифати ахлоқӣ мепиндоштанд.

Тибқи таълимоти Зардушт барои инсони нек ва комил дар «Авасто» як қатор сифатҳо пешниҳод шудаанд:

1. Зардуштӣ бояд ҳамеша дар бораи ваъдаи худ фикр карда, барои иҷрои он кӯшиш намояд.

2. Зардуштӣ сарфи назар аз мавҷудияти камбудию душвориҳо, бояд хонад ва дониш омӯзад.

3. Зардуштӣ бояд дорои 3 хусусияти ахлоқӣ: пиндори нек гуфтори нек, рафтори нек, пиндории нек бошад. Дини Зардушт ҳамчун оини ақлу хирад, оини некию ростӣ ва росткорӣ дар ҷаҳон эътироф шудааст» (7, с. 26 – 27).

«Агар мо бодиққат ба мазмуни сурудҳо, готҳо, гимнҳо, яштҳо ва ниёишҳои «Авасто» назар афканем, бовар ҳосил менамоем, ки табиат ва ҷамъият аз нуқтаи назари некӣ-бадӣ, ростию ҳақиқат, дурӯғу беадолатӣ, зебоию зиштӣ, яъне вобаста ба мафҳумҳои ахлоқӣ инъикос ёфтаанд (7, с.39).

Муаррих Юсуфшоҳи Яқубшоҳ зикр менамояд, ки дар давраи Сосониён ба масъалаи тарбияи инсони комил, аз худ намудани илму дониш, дар асоси анъанаи нек тарбия намудан, аҳамияти хосса дода мешуд. Ӯ зикр менамояд, ки мақсад ва мазмуни тарбия дар замони Сосониён чунин буд:

1. Тарбияи оилавӣ барои идома додани наслҳо.

2. Тарбияи шавқу ҳавас ба касбу кори мухталиф.

3. Тарбияи ҷисмонӣ ва гигиенӣ, зеро мазҳаби зардуштӣ ин чизро талаб менамуд.

4. Хатту савод ва ҳисоб агарчи барои ҳама зарурат надошт, вале барои рӯҳониён ва дабирон зарур буд ва навъе аз он мавриди эҳтиёҷи савдогарон ва бозаргонон буд.

5. Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ва тайёрии ҳарбӣ барои ҳифзи ватани худ.

6. Мубориза бар муқобили бекорӣ ва танбалӣ, чунки шахси бекор даст ба гуноҳ мезанад. (14, с.58).

Қобили зикр аст, ки чунин анъанаҳои нек имрӯз низ қимати ахлоқии худро гум накардаанд. Олимон ва зиёиёни тоҷик барои эҳтиёткорона муносибат кардан ба дурдонаҳои мероси маънавии халқ кӯшиши зиёд намуда, барои омӯхтану тарғиб намудани анъанаҳои пешқадами халқ корҳои шоёнро ба анҷом расонида истодаанд. Дар бораи анъанаҳои пешқадами халқи тоҷик профессори тоҷик М. Орифӣ аввалин маротиба таҳқиқоти бунёдиро ба анҷом расонида, паҳлуи мухталифи масъалаи мазкурро бозкушоӣ намудааст. Баъдтар ин анъанаро профессорон Қ. Қодиров, И. Арабов, Б. Маҷидова, Х. Раҳимзода, А. Нуров идома доданд.

Имрӯза аҳамияти тарбиявии урфу одат ва расму оинҳои халқӣ то рафт зиёд мегардад. Аз ин рӯ, омӯхтану ба шароити ҳозира мутобиқ намудани анъанаҳои пешқадами халқи тоҷик вазифаи таърихнопазири мактаб, оила ва ҷомеа ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, бояд таъкид намуд, ки қимати тарбиявии анъанаҳои халқӣ дар сурати бо анъанаҳои имрӯза дар алоқамандӣ истифода бурдан меафзояд.

Ба ақидаи мо имрӯз вақти он расидааст, ки дар бораи паҳлуҳои норушани анъанаҳои халқӣ рисолаҳои нави илмӣ, дастуру васоитҳои тарбиявӣ таълиф карда шуда, дар тарбияи насли наврас мавриди истифода қарор дода шаванд. Аз сӯйи дигар, мактаб, оила ва ҷомеаро низ лозим аст, ки барои аз нав эҳё намудани анъанаҳои неки мардуми, ки дар тарбияи фарҳанги рафтори ахлоқии насли наврас кӯмаки зиёд расонида метавонанд, кӯшиши зиёд ба харҷ диҳанд. Бисёр муҳим аст, ки ҳам дар вақти дарс ва ҳам ҳангоми ташкили чорабиниҳои тарбиявии беруназсинфӣ аз анъанаҳои халқӣ васеъ истифода бурда шавад. Ҳамзамон оид ба анъанаҳои неки мардумӣ ташкили намоишномаҳо, мунтазам доир намудани суҳбату вохӯриҳо бо оилаҳое, ки дар тарбияи фарзандонашон муваффақиятҳои нек ба даст овардаанд, ба мақсад мувофиқ мебошад.

Мутаассифона, имрӯз чунин анъанаҳои нек ба монанди ҳурмати калонсолон, меҳнатдӯстӣ, фурутанӣ, инсондӯстӣ, ҳурмати устод, ростӣ ва ростгуйӣ, хоксорӣ, некӣ ва накӯкорӣ, бо ҳам иттифоқ будан, ҳунар ва ҳунармандӣ, дӯстию одамият ва ғайра, ки дар тарбияи насли ҷавон кумаки зиёд расонида метавонанд, дар оила ва мактаб хело кам истифода бурда мешаванд. Гузашта аз ин, ҳар як оила бояд дорои анъанаҳои неки ба худ хос бошад, ки таъсири он чандинкарата аз насиҳатгӯйҳо зиёд мебошад. Вале мутаасифона дар бисёрии оилаҳо мо инро мушоҳида карда наметавонем.

Лозим ба таъкид аст, ки таъсири анъанаҳои халқӣ ба фарҳанги рафтори ахлоқии насли наврас дар сурате мушоҳида карда мешавад, ки агар ин кор пеш аз ҳама аз синни хурдӣ дар оила ба роҳ монда шавад. Махсусан, бисёр муҳим аст, ки баъди мактабхон шудани кӯдакон, яъне аз синфҳои ибтидоӣ сар карда муаллимон ва падару модаронро лозим аст, ки баҳри ташаккули фарҳанги рафтори ахлоқии мактаббачагони хурдсол аз анъанаҳои пешқадами

халқӣ истифода баранд. Махсусан, аз синфҳои ибтидоӣ сар карда, бо мақсадҳои тарбиявӣ истифода бурдани анъанаҳои халқӣ бисёр муҳим аст, чунки мактаббачагони хурдсол зуд ба таъсироти тарбиявӣ дода мешаванд. Муҳаққиқ Ф. Гулмадов таъкид менамоянд, ки «мактаббачагони хурдсол зуд сарфаҳм мераванд, ки кадом меъёрҳои ахлоқиро аз худ кардан даркор, то дар мактаб ва хона аз рӯйи қоидаи муқарраршуда рафтор ва муносибат намоянд. Дар ин синну сол кӯдакон қонуну қоида ва меъёрҳои ахлоқиро осону зудтар аз худ менамоянд. Онҳо ба супориши омӯзгор нигоҳ накарда, тибқи гуфтаҳои онҳо амал менамоянд. Онҳо худашон саъю кӯшиш менамоянд, ки ба рафторҳои ҳамдигар таъсир расонанд» [4, 57].

Ҳамин тариқ, истифодаи анъанаҳои халқӣ дар тарбияи фарҳанги рафтори ахлоқии мактаббачагони хурдсол имконият медиҳад, ки дар кӯдакон арзишҳои муҳимми ахлоқӣ тарбия карда шавад. Бояд таъкид сохт, ки оид ба истифодаи анъанаҳои халқӣ китобу дастурҳои мукаммал таълиф гардида бошанд ҳам, аммо дастраси омӯзгорону падару модарон намегарданд.

Аз қадимулайём дар мардуми тоҷик анъанаҳои меҳнатдӯстӣ, ҳурмати устод, ҳунаромӯзӣ, илму донишомӯзӣ, ватандӯстӣ, аҳду вафо, хоксорӣ, ростӣ ва росткорӣ, ҷавонмардӣ, лутфу эҳсон ҷойи намоёнро ишғол мекарданд. Калонсолон кӯшиш мекарданд, ки дар насли ҷавон чунин хислатҳои неки инсониро аз синни хурдӣ тарбия намоянд. Як бартарии зисту зиндагонӣ ва ҳаёти мардуми тоҷик аз он иборат буд, ки пеш аз ҳама насли ҷавонро аз синни хурдӣ ба меҳнатдӯстӣ одат мекунонданд ва дар ин бора худи калонсолон барои фарзандон намунаи ибрат буданд. Масалан, дар даврaҳои пеш агар ҳамсояҳо медиданд, ки кӯдаки 6-7 сола досро гирифта алаф медаравад, онҳо зуд досро аз дасти бача мегирифтанду шӯхиомез ба гардани падари бача монда каме мекашиданд. То агар падари кӯдак ташкил намудани як зиёфатро ба уҳда намегирифт, досро аз гардани ӯ намегирифтанд. Ҳамин тавр, падар як зиёфати хоксоронаеро ташкил мекарду ҳамсояҳоро даъват менамуд ва баъди хӯрдани таом кӯдакро ба назди худ хонда, фотеҳаи нек медоданд, ки акнун ту марди хона шудай ва минбаъд дар корҳои хоҷагӣ ва рӯзгор ба падарат ёрӣ мерасонӣ.

Анъанаҳои дигари қадимаи халқи тоҷик ин эҳтироми падару модар мебошад. Ҳурмати падару модарро ба ҷо овардан, онҳоро эҳтиром намудан ва ба хизматашон тайёр будан аз сифатҳои волои инсонист. Кӯдак ҳар рӯз пас аз бархостан аз хоб ва адои шустушӯй бо тавозуъ ва бо забони нарм ба падару модараш бояд салом диҳад. Аз иҷрои ҳар як супориши онҳо бояд саркашӣ накунад, бо дидаи дурушту бад ба онҳо нанигарад. Пирони рӯзгордида ҳамеша панд медонанд, ки дар айёми пирӣ хидмати падару модарро ба ҷо овардан, ба қомати хамида ва ба дастони аз камоли пирӣ бемадори онҳо асо шудан шарафи ҷавонист. Ҳар касе, ки падару модарро эҳтиром мекунаду ба қадри онҳо мерасад, азизи одамон хоҳад буд.

Анъанаи дигари қадимаи халқи тоҷик ин эҳтироми устод мебошад ва ҳамзамон, устод низ дар симои шогирд самараи меҳнат ва ранҷу машаққати тӯлонии хешро мебинад. Вақте ки кас номи устодро ба забон мегирад, дар пеши назар симои шахси маҳбуб ва азизу муҳтарам таҷассум мегардад.

Вақте ки ҳар рӯз шогирд ба мактаб меравад, баробари ба устод вохӯрдан бояд ба ӯ бо эҳтиром салом диҳад ва ҳурмати ӯро ба ҷо орад. Дар кӯчаву бозор ва дар мактабу ҷойи кор аз пеши устод гузаштан аз рӯйи одоб нест. Хешро бояд ба канор гирад ва ба ӯ роҳ дода, гуселаш кунад. Дар иҷрои супоришҳои устод шогирдро ҷидду ҷаҳд мебояд. Гуфтор ва панду таълими устодро бо хушнудӣ қабул намудан ба шогирд хурсандӣ меорад ва ҳамзамон устод низ хушҳолу мамнун мегардад. Шогирд бояд сайъ намояд, ки ба боварии устод сазовор гардад.

Анъанаи дигари халқи тоҷик ин ростӣ ва ростгӯйӣ мебошад. Ростӣ ва ростгӯйиро дар ҳаёт ҳаргиз завол набувад ва инсон ба муроди дил ба ин роҳ ба манзил мерасад. Бузургон гуфтаанд, ки инсонҳо аз роҳи рост барои худ суди зиёде бурдаанд. Ростӣ қотили акраби пурзаҳри дӯруғгуйӣ ва каззобист, ки дар арсаи зиндагонӣ ростӣ аз болои каҷии пурзаҳр ғалаба менамояд ва боби адлу адолат ба рӯйи кас бикшояд. Аз ин рӯ, дар ҳаёт бадтар аз каҷӣ ва беҳтару накутар аз ростӣ чизе нест. Дар ин бора ҳақ ба ҷониби Абулқосими Фирдавсист, ки чунин фармудааст:

Ба гетӣ беҳ аз ростӣ пеша нест,
Зи каҷӣ бадтар ҳеҷ андеша нест.

Дар масалҳои халқӣ ростиро завол нест, гуфтаанд. Аз ин сабаб ҷавони некноми бохирад, бидуни он ки каҷрафторӣ ва дуруғгӯйӣ накунад, бо дӯруғгӯёни сиёҳрӯй ва бо каҷравони дилкаҷ ҳамнишинӣ накунад, аз онҳо ҳамеша ҳазар намояд.

Ҳангоми мактабхон шудани кӯдак бошад, тарбияи малакаҳои ростӣ ва росткорӣ ба як низоми муайян медарояд. Дар ин боб падару модарон бояд ҳамеша ҳамфикру ҳамақидаи муаллимон бошанд ва кӯшиш кунанд, ки бача бояд ростгӯю ростқавл тарбия ёбад. Агар, кӯдак ба дуруғгӯйӣ одат кунад, дар байни ҳамсинфону ёру ошноҳо ва падару модар ва аҳли

ҷамъият қадру эътиборашро гум мекунад. Аз тарафи дигар, ба воситаи дуруғӯӣ сабаби ба хиҷолат мондани чанд касони дигар низ мегардад, ки, ки ин ҳол чӣ барои худи фарзанд, чӣ барои падару модар ва муаллимон ору нанги бузург мебошад. Бинобар ин, муаллимони синфҳои ибтидоӣ дар вақти дарс ва корҳои беруназсинфӣ ба ин масъала бояд эътибори махсус диҳанд. Муаллим ҳангоми дарс метавонад, ки вобаста ба мавзуъ аз ҳикояту афсонаҳо ва ҳаёти худи хонандагон мисолҳои мушаххас орад.

Боз як анъанаи дигари халқи тоҷик ин ҳунар ва ҳунармандӣ мебошад. Бузургон ҳунарро аз накутарин пешаи одамӣ ва аз беҳтарин фазилатҳои мавҷудоти бошуур ва соҳибхирад одамӣ пиндоштаанд.

Ҳунар ва ҳунармандӣ таҷассуми маданиятнокии одамист, ки бо он истеъдод, қобилият ва маҳорати соҳибҳунар муайян мешавад ва ин ҳол шарафи он шахс мегардад. Агар ҳунар ва ҳунармандӣ намебуд, ҷаҳон чун водии урён боқӣ мемонд. Ҳунарманд ҳар ҷо ки равад, қадр бинад ва бар садр нишинад. Беҳунар луқма чинаду хорӣ бинад. Дар ин бора шоир хеле хуб гуфтааст:

Айб аст, ки дар ҳунар накӯшӣ,
Сад айб ба як ҳунар напӯшӣ.
Соҳибҳунаре, ки ботамиз аст,
Дар дидаи мардум азиз аст,
Дар мавсими қудрати ҷавонӣ
Нақде ба каф ор, то тавонӣ!

(Б. Ҳилолӣ)

Дар зарбулмасалу мақолҳои халқӣ чунин омадааст, «Ба ҷавон чил ҳунар кам аст». Бале, ҳунар ганҷи бебаҳост, ки бо пулу мол харида намешавад. Сайъ бар он бояд намуд, ки шогирдон бештар ҳунар омӯзанд ва чашми донишу хирад ба ин гавҳари пурбаҳо дӯзанд, зеро ҳунар номро боло мебардорад.

Анъанаи дигари халқи тоҷик ин дӯстӣ, рафоқат ва одамият мебошад. Пӯшида нест, ки дӯстӣ, рафоқат ва меҳрубонию одамият дар ҳаёт аз фазилатҳои беҳтарини инсонӣ ба шумор меравад. Ширинии ҳаёт, лаззати зиндагӣ ва гӯвороии маънавии ҷомеаи башар дар дӯстӣ ва рафоқат аст, зеро одамӣ чун аз халқ ҷудо шуд, ӯро қадр намекунанд ва дӯстию рафоқат ба ӯ зоҳир намекунанд.

Ҳамин тавр, анъанаҳои халқи тоҷик, ки решаҳои хело амиқ доранд, аҳамияти бузурги иҷтимоӣ-психологӣ ва педагогӣ дошта, асрҳои аср ҳазорҳо насли наврасро тарбия намудаанд ва имрӯз низ ин анъанаҳои халқӣ ҳамчун як воситаи тавонои таълиму тарбияи ҷавонон хизмати босазое менамоянд. Аз ин рӯ, лозим аст, ки дар мактаб ва оила омӯзгорон ва падару модарон роҳҳо ва усулҳои истифодабарии анъанаҳои халқиро ҷустуҷӯ намоянд ва ҳангоми дарс ва корҳои беруназсинфӣ аз онҳо фаровон истифода баранд.

АДАБИЁТ:

1. Азбука нравственного воспитания. Пособие для учителя. Под ред. И.А. Каирова и О.С. Богдановой. – з-е изд., перераб. и доп. – М.: Просвещение, 1979. – 318с.
2. Арабов, И.А. Воспитание семянина в традициях восточной культуры [Текст] / И. Арабов.– М.: «Илекса», 2008. – 351 с.
3. Волков, Г.Н. Этнопедагогика: Учебник для средних и высших педагогических учебных заведений [Текст] / Г.Н.Волков. – М.: Педагогика, 1999. – 376 с.
4. Гулмадов, Ф. Ҳамгироии ташаккули донишҳои ахлоқӣ ва рафтори мактаббачагони хурдсол. Душанбе: Ирфон –2014. – 297 с.
5. Консепсияи мактаби миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе, 1995. – 26с.
6. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе, 2006. –18 с.
7. Қодиров, Қ. Таърихи тарбия аз аҳди бостон то замони Сомониён. Душанбе, 2012. – 240с.
8. Лутфуллоев, М. Тоҷикистони соҳибистиқлол ва масъалаҳои тарбия. Душанбе. – 49 с.
9. Маджидова, Б. Народные традиции и обычаи как средство формирования нравственных качеств детей в семье. [Текст] / Б. Маджидова. – Душанбе: Ирфон, 2004. –298 с.
10. Орифи, М. (Арипов). Из истории педагогической мысли таджикского народа [Текст] / М.Орифи.– Душанбе: Ирфон, 1962. –165 с.
11. Раҳимов Б., Нуров, А. Педагогикаи этникии халқи тоҷик. Душанбе, 2008. – 296с.
12. Раҳмонов, Э.Ш. Маориф омили муҳимтарини таҳкими давлат ва наҷоти миллат. Душанбе, 2006. – 108 с.
13. Раҳимзода, Х., Бобокалонов Е. Оилаи солим – пойдории давлат [Текст] / Х., Раҳимзода, Е. Бобокалонов. – Душанбе, 2022. – 355 с.
14. Якубшоҳ, Ю. Авасто. «Маърифат», 1966, №5 – 6.

МАВҚЕИ УРФУ ОДАТ ВА АНЪАНАҲОИ ХАЛҚӢ ДАР ТАРБИЯИ ФАРҲАНГИ РАФТОРИ МАКТАББАЧАГОНИ ХУРДСОЛ

Дар мақола афзалияти урфу одат ва анъанаҳои халқӣ дар тарбияи фарҳанги рафтори ахлоқии мактаббачагони хурдсол аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст. Муаллиф иброз менамояд, ки масъалаи фарҳанги рафтори ахлоқии насли наврас имрӯз аз ҳарвақта дида, мубрам гардида, вобаста ба вақту замон шакл ва методҳои он низ то андозае тағйир ёфта, такмил меёбанд. Муаллиф омилҳои паст рафтани ахлоқи хонандагонро ошкор намудааст, ки зеринҳо мебошанд: ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани падару модарон ва ба тарбияи бобою бибӣ ва дигар хешу таборон вогузор намудани фарзандон; беназоратии фарзандон аз ҷониби падару модарон; то андозае фаромӯш сохтани анъанаҳои неку пешқадами мардумӣ. Муаллифи мақола омили охиронро якеаз сабабҳои асосии косташавии фарҳанги рафтори ахлоқии мактаббачагони хурдсол меҳисобад. Вобаста ба ин муаллиф ҷиҳати истифода бурдан аз урфу одат ва анъанаҳои пешқадами халқӣ дар тарбияи фарҳанги рафтори ахлоқии мактаббачагони хурдсол ба падару модарон ва омӯзгорон пешниҳодҳои судманд манзур намудааст.

Калидвожаҳо: *волидон, мактаб, омӯзгорон, анъанаҳои миллӣ, урфу одат, фарҳанги рафтори ахлоқӣ, мактаббачагони хурдсол, фарзандон.*

МЕСТО ОБЫЧАЕВ И ТРАДИЦИЙ В КУЛЬТУРНОМ ВОСПИТАНИИ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ

В статье научно обосновано предпочтение народных обычаев и традиций в воспитании культуры нравственного поведения детей младшего школьного возраста. Автор отмечает, что проблема культуры нравственного поведения подрастающего поколения сегодня актуальна со всех точек зрения, и в зависимости от времени ее формы и методы также несколько меняются и совершенствуются. Автор выявил следующие факторы снижения нравственности учащихся: уход родителей в трудовую миграцию и оставление детей на попечение бабушек и дедушек и других родственников; безнадзорность детей со стороны родителей; в некоторой степени забвение передовых народных традиций. Автор статьи считает последний фактор одной из главных причин упадка культуры нравственного поведения младших школьников. В связи с этим автор сделал полезные предложения родителям и учителям по использованию передовых народных обычаев и традиций в воспитании культуры нравственного поведения младших школьников.

Ключевые слова: *родители, школа, учителя, национальные традиции, обычаи, культура нравственного поведения, юные школьники, дети.*

THE POSITION OF CUSTOMS AND TRADITIONS IN THE CULTURAL EDUCATION OF MORAL BEHAVIOR OF PRIMARY SCHOOL CHILDREN

The article provides scientific substantiation for the preference for folk customs and traditions in educating the culture of moral behavior of primary school children. The author notes that the problem of the culture of moral behavior of the younger generation is relevant today from all points of view, and depending on the time, its forms and methods also change and improve somewhat. The author identified the following factors in the decline of students' morality: parents leaving for labor migration and leaving children in the care of grandparents and other relatives; neglect of children by parents; to some extent, oblivion of advanced folk traditions. The author of the article considers the last factor to be one of the main reasons for the decline in the culture of moral behavior of primary school students. In this regard, the author made useful suggestions to parents and teachers on the use of advanced folk customs and traditions in educating the culture of moral behavior of primary school students.

Key words: *parents, school, teachers, national traditions, customs, culture of moral behavior, young schoolchildren, children.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Шеров Рустам Алихонович - омӯзгори кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Тел.: 987844285*

кафедры педагогики Кулябского государственного университета имени Абуабдулла Рудаки. Телеграмма.: 987844285

Сведения об авторе: *Шеров Рустам Алиханович – преподаватель кафедры педагогики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллахи Рудаки. Телефон: 987844285*

Information about the author: *Sherov Rustam Alikhanov is a lecturer at the Department of Pedagogy of Abuabdulla Rudaki Kulyab State University. Telegram.: 987844285*

УДК: 377
ББК: 74.200
Э-47

ДИДАКТИЧЕСКИЕ ИГРЫ КАК СРЕДСТВО ФОРМИРОВАНИЯ ПОЗНАВАТЕЛЬНЫХ ПРОЦЕССОВ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ

Элмуродова С. Х.
ГОУ «ХГУ имени академика Б. Гафурова»

Модернизация системы образования в современных школах, повышение качества начального образования, совершенствование методов обучения и воспитания младших школьников, а также подготовка высококвалифицированных специалистов и будущих учителей начальных классов всегда считалось одним из важных приоритетных и важнейших задач государственной политике в сфере образования Республики Таджикистан.

На сегодняшний день, когда происходит стремительные перемены во всех отраслях современного общества, направленные на всестороннее развитие личности младшего школьника. Государственная политика в сфере образования считается одним из приоритетных направлений социальной политики Республики Таджикистан. Для реализации государственной политики в сфере образования государство создает систему образования Республики Таджикистан, направляет ее деятельность на обеспечение прав граждан на образование.[1] Для формирования и развития самостоятельных навыков, для повышения уровня знания, необходимо учителя готовить младшего школьника быстро ориентироваться разобраться в быстром потоке научной и политической информации. Поэтому от эффективной и качественной работы педагогов зависит первый уровень образования человека, а также то, как будет развиваться личность ребенка в дальнейшем.

Поэтому для современных образовательных учреждений актуальным является вопрос сделать сферу образования эффективной и качественной.

Различные виды деятельности играют очень важную роль в развитии личности ребенка. Основной деятельностью детей младшего школьного возраста является игра. Причину, по которой дети пытаются играть, можно объяснить тем, что ребенок — существо социальное, и в первые годы жизни он приобретает навыки игровой деятельности посредством общения.

Проблеме детских игр посвящено множество исследований. Один из них был посвящен исследованию ролевых игр. (Л.С. Выготский, С. Рубинштейн, А. Леонтьев, Ф. Фридкина, Д. Эльконин, Т. Коникова, Д. Менджепинцкая, П. и другие.) С другой стороны, они обсудили природу, цель и роль дидактических и трехмерных игр в педагогическом контексте. (Е. Падина, А. Сопокина, Е. Удальцова, В. Беспалова, З. Богуславекая, Б. Хачанупидзе и другие).Третье — роль игры в художественно-эстетическом воспитании детей (Н. Ветулина, Н. Сакулина, Н. Аптёмова и др.).

Исследования последних лет позволяют рассматривать основные вопросы теории игр как одну из важных проблем развития личности ребенка. Воспитать здорового ребенка творческой личностью возможно, но препятствием для этого является недостаток знаний и медленное понимание этого вопроса с научной точки зрения на этапе развития.

Начиная с раннего детского возраста дети играют. Многие исследователи в области педагогики и психологии считают игру - отражением окружающей жизни детей.

Многолетнее наблюдение ученых показывает, что за игрой с точки зрения целостной науки, определения детской игры является социальная жизнь, окружающая их.

Игра является средством воспитания, поскольку рассматривается как деятельность, отражающая жизнь окружающих детей, в этом случае педагог имеет возможность направить внимание детей на события, содержание которых ценно с точки зрения образования.

Великий педагог Макаренко А.С. главное значение игры видел в том, что игра способствует развитию активности ребенка и готовит его к познанию окружающего мира. Он призвал их внимательно наблюдать за играми детей и сообщить им, что не следует развивать игру ради детских усилий, так как такое усилие может разрушить всю духовную жизнь ребенка, т. е. его интересы и чувства, а это потеряно с образовательной точки зрения.

Педагогические основы игры для обучения детей рассматривались во многих педагогических системах прошлого и настоящего. Большинство педагогов рассматривают игру как серьезное и важное занятие воспитания детей.

Рассмотрим теории педагогики прошлого о роли игры в воспитании детей.

В истории педагогической науки существовало 2 способа использования игр в воспитании детей:

1) использование игры для общего развития ребенка;

2) использование игры как дидактической цели.

Ян Амос Коменский (1592-1670) был ярким представителем первого демократического движения в Чехии. Он рассматривал игру как необходимую форму деятельности детей, соответствующую их характеру и склонностям: игра — серьезная умственная деятельность, в которой развиваются все формы способностей ребенка: в игре расширяется период представления об окружающей жизни и становится богаче: развивается речь, ребенок в игре сближается со сверстниками.

Дидактический подход к использованию игр был разработан в 18 веке педагогами-меценатами (И. Б. Базедов, Х. Г. Зальсман). Благотворители использовали всевозможные игры, чтобы сделать образование интересным.

Наиболее широко отражено дидактическое направление педагогики Ф. Фребеля. Мнение Фребеля об игре выявило религиозную основу его педагогической теории. Фребель говорил, что процесс игры заключается в том, чтобы показать и раскрыть то, что изначально было дано человеку Богом. Фребель придает игре большое образовательное содержание и говорит, что игра воспитывает ребенка физически, обогащает его речь, мышление и воображение. Поэтому Фребель рассматривает игру как образование. Им были разработаны различные игры, в том числе «игра в подарок» (игра с дарами). Педагогика Фребеля, первая педагогическая идея в истории, «ответила на вопрос, что следует делать, чтобы дети активно усваивали знания. Сопоставляя способности детей с игровой деятельностью, Фребель создал игровую деятельность, в которой серьезное и важное содержание имеет форму Развитие речи, представления о форме, размере, цвете происходило в деятельности игры Фребеля, но на основе религии, то есть единства Бога, единства идей. У Фребеля есть идея совмещения обучения и игры. Его «подарочная» игра основана на следующем принципе: «подарок» для детей — это особая игра, в которую с ними играют взрослые.

Представители ученых-педагогов советского периода сочетали в себе прогрессивные идеи зарубежной педагогики. В произведениях К. Ушинского, П. Каптерова, П. Лесгафта и других появляются важные представления о роли игры в общем развитии личности ребенка.К. Д. Ушинский указывал на зависимость содержания детских игр от среды социума. Он подтверждает, что игры не оставляют равнодушными детей: они могут определять характер и поведение человека в обществе. Например, ребенок, который всегда отдавал приказы или подчинялся в игре, не может легко отказаться от такого поведения в жизни. К.Д. Ушинский придавал большое значение совместным играм, в которых формируются первые отношения общества. Он высоко ценил самостоятельность детей в игре, но особое значение придавал деятельности воспитателя по организации и проведению игры.

Значительный вклад в развитии теории дидактических игр внес Г.С.Лесгафт. Он рассматривал игру как средство воспитания, посредством которого ребенок готовится к жизни. В своей педагогической системе П. Ф. Лесгафт придавал особое значение физическому воспитанию детей. Он разработал систему динамичных игр, в которых развиваются физические и духовные силы ребенка. Кроме того, Г.Ф. особое внимание Лесгафт уделяет «подражательным играм», содержание которых зависит от социального окружения ребенка. В таких играх ребенок отражает все, что видит и понимает, и одновременно познает обычаи окружающей среды. Он посоветовал родителям и учителям использовать усилия детей в игре, поощрять самостоятельность и творчество детей, широко использовать народные игры в воспитании детей.

Заслуживает внимания и теория Е. Тихеевой, выдающегося педагога и активного члена общества в области школьного образования. Е. Тихеева рассматривает игру как одну из форм организации педагогического процесса в начальных классах, кроме того, она является одним из основных средств обучения.

Формы игры, ее содержание зависят от среды, окружающей ребенка, от условий, в которых протекает игра, от роли педагога, обеспечивающего эти игровые условия.

В школах под руководством педагога Тихеевой используются два вида игр:

1. Развивающиеся игры, связанные с окружающей средой.

2. Игры, организуемые учителем, игры по правилам.

В коллективных играх у детей развивается чувство нужности к обществе, они развивают навык, как говорит Тихеева, учатся жертвовать собой ради общего блага.

Если игру считать основной деятельностью детей дошкольного возраста, то, приходя в школу, ребенок вместо игры начинает познавать азы науки. По этой причине этот процесс должен быть комплексным, особенно с точки зрения педагога. Исследования показали, что все психические процессы формируются и развиваются в игре. Выдающийся детский психолог Л. С. Выготский так охарактеризовал игру в жизни детей школьного возраста: «Игра не умирает в школьном возрасте, она превращается в настоящие отношения. Она продолжается

во время учебы и работы». Игра – наиболее спонтанная деятельность детей. В ней отражены примеры решения жизненных проблем, возникающих в трудовых и конфликтных ситуациях. Поэтому опора на игру является важным шагом в привлечении студентов к образованию. Игра – инструмент, который удерживает школьников от усталости и других бесполезных мыслей. Вся деятельность учащихся так или иначе связана друг с другом. И это связано со временем творческих игр. В игре анализируется трудовая, творческая и учебная деятельность учащихся. Каждое вновь приобретенное знание или навык побуждает учащихся к действию. Образование новое и незнакомое для младших школьников. С тех пор при знакомстве с жизнью игровой школы происходит связь «безбрежного мира познаний» с психикой ребенка. Обучение с помощью игр позволяет устранить предвзятость детей, препятствующую свободному усвоению знаний. Игра является одним из средств формирования психолого-мыслительных процессов, внимания и памяти. В процессе игры необходимо понимать социальные ценности и среду, в которой живет ребенок. Игра предназначена не только для решения одной задачи, но и для решения нескольких задач.

Основная функция игры определяется ее дидактическими целями. Среди игр, широко используемых в деятельности учащихся, выделяют следующие виды: сюжетно-ролевые, трудовые, игры втроем, сложные игры и головоломки. В жизни детей появляются подвижные игры, формируются и постепенно крепнут отношения между детьми, благодаря чему они могут встречаться в группах взрослых. Игры тоже развиваются: от предметов и игр переходят от игр к дидактическим. Дидактические игры являются средством умственного воспитания детей. Формирование психических процессов он считает активным и доводит до сознания учащихся процессы развития. С помощью дидактических игр дети решают задачи, тренируют свою силу и т. д.

Для обучения грамоте учащихся младших классов на занятиях по грамоте используются многие средства и приемы, такие как сопоставление слов с предметами окружающей среды, сопоставление голоса учащегося со звуками природы, использование пословиц, наглядного вспомогательные средства и другие.

Учитель начальных классов использует много интересных материалов для ускорения учебной деятельности школьников.

Развивающие игры периода грамотности можно разделить на следующие группы:

- с целью распознавания и разделения голосов;
- с целью набора слогов, слов и предложений;
- решение кроссвордов;
- чтение книг;

Каждый из этих видов делится на подгруппы.

а) Игры, организуемые с целью распознавания и разделения звуков-букв:

1. Кто умный и милый?
2. Кто быстро и многократно произносит слова, стоящие первыми, в середине и в конце слова рекомендуемым голосом
3. Игра «Вопрос-ответ».
4. Цепочка слов.
5. Игра «Ахсан и Хасан».
6. Запись звуков с одинаковым произношением и разным написанием.

Б) Игры, направленные на написание слогов, слов и предложений:

1. «Тишина»
2. «Два колодца».
3. «Исправь!»
4. Лотерея (правописание и словообразование) (Домино)

а) путем сложения только слогов, б) путем сложения слов и слогов

5. Помогите, письмо потерялось.
6. Какие слова я пропустил?
9. Изменение слова:

- путем изменения первого голоса;
- путем изменения финального голоса;
- с добавлением еще одного голоса в конце слова;

10. Обратное прочтение слова.
11. Игра «Приход». Нахождение других слов внутри слова
12. Игра «Рифмовка». Подборка похожих слов.
13. Кто произносит слова быстро и быстро?
14. Аукцион слогов.

15. Создание слов по заданному шаблону.
16. Какое лишнее слово?
17. Придание противоположного значения данному слову.
18. Придание данному слову синонима.
19. Составление предложения из пропущенных слов.

Для повышения уровня знаний, увлеченности учащихся математикой педагогам необходимо использовать дидактические игры, занимательные задачи, поскольку дети школьного возраста более склонны к игре.

Дидактические игры побуждают учащихся быть умными, сообразительными и остроумными.

Занимательные математические игры помогают детям улучшить свои знания и не дает им не скучать на уроке. Учитель может использовать разные варианты каждой игры, чтобы сделать ее интересной, и менять игру в зависимости от темы. Наблюдения ученых, опытных методистов показывают, что дидактические игры очень важны для развития младших школьников.

Теперь разберем виды дидактических игр.

1. Игра «Кто сильнее?».

Цель игры – научить учащихся считать числа с точностью до 10.

На двух сторонах доски написаны числа от 1 до 9, к доске приглашаются два ученика с двух сторон и просят соединить две цифры, чтобы получилось число 10. Они связывают цифры с этой нитью.

Победителем игры станет тот ученик, который быстро и без ошибок справится с головоломкой.



Младший школьник на примере дидактической игры смог решить пример, где вызвало у него интерес к уроку математики.

С использование дидактических игр урок для младшего школьника становится интересным. Дидактическая игра имеет три функции, а именно: развивающую, воспитывающую, образовательную. Эти функции способствуют умственному развитию ребенка. В тот момент, когда учитель включает разные игровые ситуации в урок, весь учебный процесс становится интересным, творческим, занимательным. Правильно проведенная дидактическая игра на уроке учителем способствует созданию бодрого рабочего настроения у младших школьников, а созданная учителем проблемная ситуация -это основа дидактической игры, которую дети стараются решить, активизируя при всём этом свою мыслительную деятельность [4].

Также необходимо подчеркнуть то, что внедрение всевозможных дидактических игр в обучении и воспитании способствует снятию напряжения, развивает активность школьников, познавательную деятельность, корректирует внимание, позитивно влияет на формирование универсальных учебных действий.

Подводя итоги, следует отметить, что дидактическая игра - это средство обучения, поэтому она может применяться на каждом без исключения занятии в начальной школе, а особенно ее применение полезно при закреплении учебного материала. Дидактическая игра формирует в младшем школьнике возможность действовать самостоятельно без помощи взрослого, таким образом, получая собственный опыт в учебной деятельности. Игра помогает учебному процессу в повторении изученного, при этом сохраняя эмоционально положительный настрой ребенка.

Таким образом, можно сделать вывод, что систематическое использование дидактических игр на разных этапах изучения предмета является эффективным средством активизации учебной деятельности детей, положительно влияющим на повышение качества знаний, умений и навыков учащихся, развитие умственной деятельности. Поэтому,

дидактические игры заслуживают право дополнить традиционные формы обучения и воспитания школьников.

ЛИТЕРАТУРА:

1. Закон Республики Таджикистан «Об образовании»
2. "Воспитание детей в игре" сост.А.К.Бондаренко, А.И.Матусик 1979г.
3. Выготский А.С. Игра и её роль в психическом развитии ребенка,
4. Жикалкина "Игровые и занимательные задания по математике во 2 классе" М.Просв. 1989г
5. Каникулы: игра, воспитание год.ред. О.С.Газмана 1988г. М.Просв.
6. О.С.Газман, Н.Е.Харитонова "В школу с игрой" М.Просв, 1991г.
7. Раҳимов Х. Нуров А. Педагогика Д.2000
8. Раҳимов Б., Нуров А. Педагогикаи этникӣ ва халқии мардуми тоҷик. Душанбе, 2008
9. Т.К.Жикалина "Игровые и занимательные задания по математике в 1 классе". М.Просв 1986г
10. Усова А.П., Игры в воспитании детей/ Под.ред.А.В.Запорожца-М.1976.

ДИДАКТИЧЕСКИЕ ИГРЫ КАК СРЕДСТВО ФОРМИРОВАНИЯ ПОЗНАВАТЕЛЬНЫХ ПРОЦЕССОВ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ

В данной статье рассматривается проблема повышения качества образования посредством эффективного использования дидактических игр. Для формирования и развития самостоятельных навыков, для повышения уровня знания, необходимо учителя готовить младшего школьника быстро ориентироваться разобраться в быстром потоке научной и политической информации. Поэтому от эффективной и качественной работы педагогов зависит первый уровень образования человека, а также то, как будет развиваться личность ребенка в дальнейшем. Постоянное самосовершенствования учителя начальных классов занимает особое место в педагогической деятельности каждого педагога. Одним из требований дидактики является повышения качества образования в начальных классах посредством использования дидакических игр. В статье автором рассмотрены теоретические и психологические основы игр, проведен психолого-педагогический анализ и дана характеристика дидактическим играм.

Ключевые слова: *дидактическая игра, модернизация системы образования, качества начального образования, знания, навыки, умения, образовательные учреждения, средство обучения, методы обучения, познавательные процессы, развивающиеся игры, познавательную деятельность, занимательные игры, игровая деятельность*,

БОЗИҲОИ ДИДАКТИКӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ТАШАККУЛИ РАВАНДҲОИ МАЪРИФАТИИ МАКТАБИЁНИ ХУРДСОЛ ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМ

Бозӣ - як навъ мактаб аст, ки бача дар он қоида ва меъёрҳои хулқу атвори одамон муносибати онҳоро ба меҳнат, ба моликияти ҷамъиятӣ муносибатҳои байниякдигарии одамонро фаъолона ва эҷодкорона азхуд мекунад. Табиати худи бачагони хурдсол талаб мекунад, ки бояд дар ҷараёни таълиму тарбия муаллима аз бозӣ истифода барад. Бозӣ дараҷаест ки бо воситаи он бача ба олами ҳақиқӣ дохил мешавад. Бача дар бозӣ чи гуна рафтор кунад, дар оянда низ ҳамон хел мемонад.

Калидвожаҳо: *бозиҳои дидактикӣ, навсозии системаи маориф, сифати таҳсилоти ибтидоӣ, дониш, малака, маҳорат, муассисаҳои таълимӣ, воситаҳои таълим, усулҳои таълим, равандҳои маърифатӣ, бозиҳои инкишофдиҳанда, фаъолияти маърифатӣ, бозиҳои шавқовар, фаъолияти бозӣ.*

DIDACTIC GAMES AS A MEANS OF SHAPING THE COGNITIVE PROCESSES OF YOUNGER SCHOOLCHILDREN IN THE LEARNING PROCESS

В исправительном учреждении ей, конечно же, объяснили суть всех этих предложений. Девушка в силу неопытности не может сделать правильный выбор. Настораживает и то, что женщины, отбывающие наказание по аналогичной статье, внушают, якобы они «сидят за правое дело». Несколько раз с её стороны отмечалось не подчинение правилам и нормам пребывания.

Работа с этой девушкой была направлена, прежде всего, на выявление и отработку чувств, возникших в период конфликта родителей и их развода. Далее были проведены сессии мотивационной беседы, тренингов для несовершеннолетних осужденных, направленных на формирование навыков выбора приоритетов и целеполагания. Изначально, девушка неохотно шла на контакт. После первого приёма узнав о специфики работы психолога, стала ходить на сессии уже более осознанно. Усиливает положительный эффект воспитательных

мероприятий и сам факт примирения родителей, посещение ими ИУ, т.е. свидания. Чувство важности и нужности себя в жизни родителей постепенно вытесняет прошлые негативные переживания. В мышлении девушки прослеживаются нотки сожаления в содеянном. На данный момент продолжается интенсивная работа с несовершеннолетними.

Кейс №2

Несовершеннолетняя девушка, ранее дважды судимая по ст. 244 ч. 2, выделяется агрессивностью, конфликтностью. (ст. 244 ч. 2, ст.67 ч.6) По описанию персонала ведёт себя дерзко и грубо, не подчиняется старшим, быстро лезет в драку. На встрече изначально вела себя неспокойно, консультирование восприняла как принудительное мероприятие. После ознакомления с работой психолога, узнав о моментах конфиденциальности и свободы от осуждений, она успокоилась, начала слаженно отвечать на вопросы.

В ходе консультирования выявлена основная причина – нарушение семейных взаимоотношений, сопровождающиеся неумением выражать свои эмоции, подлинные переживания Девушка – приёмная дочь, она также знает о существовании биологической матери, общается с сестрой биологической матери, сама мать контакта избегает. Возможно у неё некая договорённость с приёмной матерью, но сама девушка не может понять такой поступок биологической матери, ведь она (это только по её же словам) давно простила и приняла факт своего удочерения. Для этой девушки приёмная мать – самый важный человек – единственный родственник и её квартира, место, куда можно всегда вернуться. Мать перестала общаться с ней по факту судимости. Это сильно отразилось на поведении девушки.

В работе с ней применены техники валеопсихологии – дыхательные техники и упражнения релаксации. Элементы когнитивной терапии. Были проведены работы по формированию коммуникативных навыков. Результаты – снижение вспыльчивости, при разговоре ведёт себя более уравновешенно. С матерью (приёмной) отношения наладились, она стала навещать дочь. Настроение после встречи с ней заметно улучшилось. Наблюдаются положительные тенденции. Взаимоотношения с остальными пребывающими менее конфликтные, с надзирателями приобрели, пускай и формально, уважительный характер.

Более серьёзная работа идёт с её социальным поведением, поскольку предстоит освобождение. До заключения девушка вела уличный образ жизни, с малых лет они с приёмной матерью побирались на обочинах, чем и до сих пор занимается мать. Когда, с какого возраста девушка начала заниматься проституцией не помнит. Есть опыт аборта, где-то в 14 - 15 лет.

Рефлексия серии мотивационных бесед выдаёт следующие моменты – девушка решила посещать обучающие курсы кройки и шиться, вскоре получит сертификат; намерена восстановить и завершить среднее образование и в дальнейшем освоить определённую профессию. Главное – она намерена функционально сепарироваться от приёмной матери – навещать её, поддерживать финансово, но совместно проживать и вернуться в бывший круг не желает. На предстоящий этап жизни необходима поддержка программ ресоциализации.

Кейс №3

Рассказывает молодая девушка, она осуждена за хранение и наркотических веществ и недонесение о преступной деятельности членов семьи. «Мамы не стало, когда мне было 15. Отец женился на девочке младше меня на год, ей было 14, и, она была, по всем соображениям, ребёнком. Готовить не умела. Все заботы дома – стирка, уборка, готовка и воспитание младших братьев сели на мои плечи. По взрослению младшие братья стали более самостоятельными, начали заниматься «делом». Я знала, что у нас дома, где и что хранится. Приходили клиенты. Я никак не знала, как поступить. Я сама молодая, необразованная, незамужняя и беззащитная девушка. С другой стороны – это же мои родные братья, я с трудом их воспитала. Как я могла их предать??!!!»

Много горечи, много внутренних противоречивых чувств, тревожных переживаний о дальнейшей судьбе - собственной и судьбе братьев в словах этой девушки. Отдалённость от школы, обучения, правовая неграмотность, менталитет, а главное – нехватка материнской любви, опеки, наставлений привели её к преступности.

Она и в исправительном учреждении хорошо ладит с остальными пребывающими. Подчиняется всем требованиям. Проблем у сотрудников с ней нет.

А проблема есть! Это потерянный в жизни человек! Это значить человек нуждается в помощи. Надо помочь человеку осознать ценность собственной личности. Показать альтернативы жизненного уклада. Помочь в видении возможного позитивного, счастливого будущего. Помочь в приобретении навыков целеполагания и планирования собственной жизни.

Только решив эти задачи, мы сможем вывести девушку на другой уровень жизнедеятельности. Работа с этой девушкой до сих пор продолжается.

Кейс №4

Виктимность, зависимость от чужого мнения привели несовершеннолетнюю девочку, ученицу пока даже не старших классов к преступным действиям.

В семье их двое детей – она и младший брат. Отец ушёл к другой женщине. Демонстративно благоустраивает вторую семью. Показывает безразличие к чувствам и нуждам детей о первой семьи. История из серии, когда все друг друга знают, всё происходит у всех на виду.

Вскоре насмешки и унижения со стороны одноклассников становятся более открытыми и частыми. «Ненужная сиротка», «бедолажка» и многое другое при живых родителях.

Матери тяжело. Она вынуждена податься на трудовую миграцию, надо поднимать детей. На попечении бабушки брат и сестра живут и учатся в родном городе. Ходят в школу, терпят лишения и унижения.

Идея отомстить обидчице, взяв и спрятав её телефон, «поиграть на её нервах» предложила подружка. Но, воровство есть воровство. Находясь в исправительном учреждении, девочка давно осознала ошибочность своих действий и поступков. Тяжело переживает расставание с родными. Здесь ей помогают старшие и опытные женщины. Они обучают её житейским навыкам. Оберегают её от воздействия осужденных с более серьёзными преступлениями. Также, тут она учиться английскому языку, посещает курсы кройки и шитья.

Общение по телефону с родными, в особенности с матерью, подкрепляет её. Она надеется на условно – досрочное освобождение. Её поведение покладистое, она с готовностью берётся за поручения старших. Посещает консультации социального работника и психолога.

Для предотвращения делинквентного поведения у подростков нужно уделять внимание многим аспектам их жизни. Это могут быть прогулы в школу и агрессивность, отнимание денег у младших или сквернословие. Важно помнить, что в подростковом возрасте изменяются характерные черты, что способствует делинквентному поведению.[8]

Семья и учебные заведения играют большую роль в работе с делинквентностью. Они создают безопасное и поддерживающее окружение. Там формируются важные ценности. Группировка нарушений создала понимание проблем поведения детей.

Психологическое консультирование играет ключевую роль. Оно помогает исправить привязанность и научиться самоуправлению.[8] Делинквентное поведение может связываться с низким самооценкой и экстремальными действиями.

Важно объединить усилия, чтобы помочь подросткам избежать делинквентного поведения. Опросы среди специалистов показывают, что безнаказанность и социальное окружение играют ключевую роль в совершении правонарушений.

Для исправления нарушений привязанности применяют разные методы. Они помогают восстановить связь между родителями и детьми. Это включает семейную терапию. Она улучшает отношения и делает родителей более внимательными к детям.

Также в работе используется индивидуальная психотерапия. Она помогает обсудить проблемы и научиться контролировать свои эмоции. Это помогает создать здоровые отношения.

Сочетание семейной и индивидуальной терапий делает лечение эффективным. Оно позволяет достигнуть успеха в коррекции привязанности у подростков.

Исследование показало, что важно привязываться к детям в семье. Особенно это актуально для девушек-подростков. Они стараются лучше адаптироваться в обществе, если у них в семье все в порядке. Когда девочки переживают эмоциональные травмы в семье, это может сказаться на их поведении. Они иногда не могут контролировать свои чувства или находятся в сложных отношениях. Таким образом, шансы попасть в неприятную ситуацию растут.

Чтобы помочь предотвратить проблемы, важно рано замечать и выправлять нарушения связи. Нам нужен подход, включающий работу с семьей и помощь психологов. Только если будем действовать сразу и всех вовлечем, мы сможем помочь подросткам избежать неприятностей.

Заключив, хочется сказать, что исследование подтвердило важный момент: связь с детьми у дома много значит для их поведения. Об этом особенно важно знать, когда речь идет о подростках. Мы должны быть готовы помогать им, используя все доступные методы.

ЛИТЕРАТУРА:

1. Боулби Д. Привязанность. Москва: Гардарики, 2003. 477 с.
2. Васягина Н.Н. Делинквентное поведение подростков: феноменология, причины, возможности профилактики [Электронный ресурс] // Вестник практической психологии образования. 2018. Том 15.

№ 1. С. 12–17. URL: https://psyjournals.ru/journals/bppe/archive/2018_n1/Vasyagina (дата обращения: 10.06.2024)

3. Дмитриев, М.Г. Психолого-педагогическое сопровождение подростков с делинквентным поведением / М.Г. Дмитриев, В.Г. Белов, Ю.А. Парфенов. — СПб: ЗАО «ПОНИ», 2008. — 207 с

4. Снегирева Т.В., Воликова С.В. Нарушения привязанности у подростков с несуицидальным самоповреждающим поведением [Электронный ресурс] // Современная зарубежная психология. 2020. Том 9. № 4. С. 66–76. DOI: 10.17759/jmfp.2020090406

5. Bowlby J.A secure base: Clinical applications of attachment theory. London: Routledge, 2005. 204 p

6. Ryan R.M., Lynch J.H. Emotional autonomy versus detachment: revisiting the vicissitudes of adolescence and young adulthood // Child development. 1989. Vol. 60. № 2. P. 340—356.DOI:10.1111/j.1467-8624.1989.tb02720.x

7. Rosenstein D.S., Horowitz H.A.Adolescent attachment and psychopathology // Journal of Consulting and Clinical Psychology. 1996. Vol. 64. № 2. P. 244—253.DOI:10.1037/0022-006X.64.2.244

8. Glazebrook K., Townsend E., Sayal K.The Role of Attachment Style in Predicting Repetition of Adolescent Self-Harm: A Longitudinal Study // Suicide and Life-Threatening Behavior. 2015. Vol. 45. № 6. P. 664—678.DOI:10.1111/sltb.12159

ВЛИЯНИЕ НАРУШЕНИЕ ЧУВСТВА ПРИВЯЗАННОСТИ НА ДЕЛИНКВЕНТНОЕ ПОВЕДЕНИЕ ДЕВУШЕК ПОДРОСТКОВ

В данной статье анализируется делинквентное поведение девочек-подростков как следствие нарушения чувства привязанности. Авторы постарались предоставить информацию о чувстве привязанности, его разрыве, разрыве детско-родительских отношений и его последствиях. Привязанность - это эмоциональная связь между ребенком и взрослыми. Основу обычно составляют родители. Эта связь необходима для становления личности, чувства безопасности и социального развития. Делинквентное поведение подростков является одной из актуальных проблем современности. Несмотря на все предпринимаемые государственными органами меры профилактического характера, количество несовершеннолетних, имеющих отклоняющиеся формы поведения, по-прежнему остается высоким, что свидетельствует о необходимости пересмотра концептуальных подходов профилактики противоправных проявлений среди несовершеннолетних.

Ключевые слова: *чувства привязанности, нарушение чувства привязанности, подросток, поведение, делинквентное поведение, девушки подростки.*

ТАЪСИРИ ВАЙРОНШАВИИ ҲИССИ ДИЛБАСТАГӢ БА РАФТОРИ ДИЛЕНКВЕНТИИ ДУХТАРОНИ НАВРАС

Дар мақолаи мазкур рафтори делинквентии наврас духтарон дар натиҷаи вайроншавии ҳисси дилбастагӣ ба вуҷуд омадааст таҳлил гардидаанд. Муаллифон кӯшиш намудаанд, оид ба ҳисси дилбастагӣ, вайроншавии он, вайроншавии муносибатҳои волидону кӯдак ва таъсири он маълумот диҳанд.

Дилбастагӣ робитаи эмотсионалии кӯдак ва калонсол маҳз модар мебошад. Ин робита барои рушди шахсият, ҳисси бехатарӣ ва рушди иҷтимоӣ муҳим аст. Рафтори делинквентии наврасон яке аз мушкилиҳои доғи рӯз аст, ин ҳолати дар байни наврасдухтарон ду чандон ин мушкилиро зиёд мегардонад. Сарфи назар аз тамоми чорабиниҳои пешгирикунанда, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ андешида мешаванд, шумораи ноболиғон бо шаклҳои девиантии рафтори ноболиғон то ҳол зиёд боқӣ мондааст, ки ин аз зарурати аз нав дида баромадани равишҳои консептуалӣ оид ба пешгирии рафтори ғайриқонунӣ байни ноболиғон шаҳодат медиҳад.

Калидвожаҳо: *ҳисси дилбастагӣ, вайроншавии ҳисси дилбастагӣ, наврас, рафтор, рафтори делинквентӣ, наврас – духтар.*

THE INFLUENCE OF ATTACHMENT DISORDER ON DELINQUENT BEHAVIOR IN ADOLESCENT GIRLS

This article analyzes the delinquent behavior of teenage girls as a consequence of a violation of the sense of attachment. The authors tried to provide information about the feeling of attachment, its rupture, the rupture of parent-child relationships and its consequences. Attachment is an emotional connection between a child and adults. The basis is usually the parents. This connection is essential for identity development, a sense of security and social development. Delinquent behavior of adolescents is one of the pressing problems of our time. Despite all the preventive measures taken by government agencies, the number of minors with deviant forms of behavior still remains high, which indicates the need to revise conceptual approaches to the prevention of illegal behavior among minors.

Key words: *feelings of attachment, violation of feelings of attachment, teenager, behavior, delinquent behavior, teenage girls.*

Маълумот дар бораи муаллифон: *Рустамова Зарина Тоирҷоновна – муаллими калони кафедраи психологияи умумӣ ва педагогии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тел: +992985 23 23 02.*

Маматова Азиза Бахроновна муаллими калони кафедраи психологияи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тел: +992501 86 01 57

Сведения об авторах: *Рустамова Зарина Тоиржоновна – старший преподаватель кафедры общей и педагогической психологии Таджикского государственного университета имени Садриддина Айни. Тел: +992985 23 23 02.*

Маматова Азиза Бахроновна - старший преподаватель общеуниверситетской кафедры психологии Таджикского государственного университета имени Садриддина Айни. Тел: +992501 86 01 57

Information about authors: *Rustamova Zarina Toirzhonovna – senior lecturer at the Department of General and Educational Psychology of the Tajik State University named after Sadriddin Aini. Tel: +992 985 23 23 02.*

Mamatova Aziza Bakronovna senior lecturer at the university department of psychology of the Tajik State University named after Sadriddin Aini. Tel: +992501 86 01 57

ТДУ:-152.6+368(577.5)

МАВҚЕИ ФАЪОЛИЯТИ ПЕДАГОГӢ ДАР ДОИРАИ ҲАРАКАТИ ОЛИМПӢ

Файзулозода Ҳ. Ф.

Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов

Аз алоқаи ҳаракати олимпӣ бо варзиш ва махсусан, варзиши дастовардҳои олӣ бармеояд, ки фаъолияти педагогӣ дар доираи ин ҳаракат бояд ба ташаккул ва инкишоф додани муносибати фаъол ба варзиш ва фарҳанги варзишӣ дар инсон, ки дастовардҳои олиро дар варзиш таъмин менамояд, нигаронида шавад. Ин муносибат ва ин фарҳанг ҷанбаҳои зеринро дар бар мегирад:

- шавқу рағбат ба варзиш, талабот ба машғулятҳои мунтазам ба варзиш, иштироки мунтазам дар мусобиқаҳои варзишӣ, хоҳиши нишон додани натиҷаҳои баландтари варзишӣ;

–донишҳо дар соҳаи тайёрии варзишӣ ва ташкили мусобиқаҳои варзишӣ;

-маҳорати истифодаи ин донишҳо барои ташкили самараноки омодагии варзишӣ ва ҳунарнамоии бомуваффақият дар мусобиқаҳо;

-тарзи ҳаёти солим, ки машғулиятҳои фаъоли варзишӣ ва иштироки мунтазам дар мусобиқаҳои варзиширо пешбинӣ менамояд.

Дар кори амалии мураббиёни дастаҳои олимпӣ, ходимони роҳбарикунандаи кумитаҳои миллии олимпӣ ва ғайра ба соҳаи мазкури фаъолияти педагогӣ диққати асосӣ дода шуда, аксар вақт тамоми фаъолияти онҳо ба ҳамин самт равона мегардад.

Бо назардошти нақш ва аҳамияти ҷанбаи мазкури фаъолияти педагогӣ, ки ба ҳаракати олимпӣ алоқаманд аст, бо он маҳдуд кардани тамоми мазмун ва тамоми соҳаҳои ин фаъолият иштибоҳ аст. Иштибоҳ аз он ҷиҳат аст, ки ҳаракати муосири олимпӣ (ҳадди ақал мувофиқи нақшаи асосгузори он Пер де Кубертен) ба самти *башардӯстӣ* равона гардида, рисолаташ аз мусоидат ба татбиқи идеалҳо ва арзишҳои башардӯстӣ иборат мебошад [13, с.48-62]. Аз ин рӯ, фаъолияти педагогӣ дар доираи ҳаракати олимпӣ бояд ҳамчун ҳадафи худ ташаккули муносибати башардӯстона ба варзиш, фарҳанги варзишӣ бо тамоюли равшан ифодаёфтаи башардӯстиро дар бар гирад, яъне ҳамчун таҳсилот, тарбия ва таълими «варзишӣ-башардӯстӣ" амал кунад. Чунин фаъолияти педагогӣ ташаккул ва инкишоф додани «донишҳо дар бораи он идеалҳо ва арзишҳои башардӯстона, ки метавонанд дар варзиш ва тавассути варзиш татбиқ карда шаванд, шавқу рағбат ба онҳо, хоҳиши (ва ҳатто талаботи) амалӣ намудани онҳо, он маҳорат ва малакаҳое, ки воқеан ба ин имкон медиҳанд, инчунин он аксуламалҳои эҳсосотиеро, ки ба ин мусоидат мекунанд, пешбинӣ менамояд» [11,с. 152].

Ба андешаи мо фаъолияти педагогӣ дар доираи ҳаракати олимпӣ дар кӯдакону наврасон ташаккул додани на ҳама гуна донишҳо, шавқу рағбат, маҳорат ва малакаҳои марбут ба варзиш ва тарбияи ҷисмониро дар бар мегирад, балки танҳо он восиаҳоеро ташаккул медиҳад, ки онҳоро ба дастовардҳои олӣ дар варзиш, дуруст ба роҳ мондани тарбияи ҷисмонӣ ва дар айни замон дуруст баҳо додан ва пурра истифодаи бурдани неруи башардӯстонаи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ, инчунин канорачӯйӣ кардан аз истифодаи ғайрибашардӯстонаи онҳо роҳнамоӣ мекунад. Ҳамаи донишҳо, шавқу ҳавас, маҳорату малакаҳои боқимонда метавонанд на танҳо предмети фаъолияти педагогиро дар доираи ҳаракати олимпӣ ташкил надиҳанд (масалан, онҳое, ки ба истифодаи варзиш бо мақсадҳои тичоратӣ алоқаманданд), балки ҳатто бевосита ба он мукобил бошанд (масалан, донишҳо, шавқу ҳавасҳо, маҳорату малакаҳои марбут ба хашмгинӣ дар варзиш, истифодаи допинг ва ғ.). Чунин муносибат ба дарки моҳият ва хусусияти фаъолияти педагогӣ дар доираи ҳаракати олимпӣ, дар ҳолате, ки он ҳамчун тарбияи башардӯстона дар асоси варзиш дониста мешавад, гарчанде ки на ҳамеша ба таври кофӣ ва дақиқ ифода ёфтааст, дар адабиёт васеъ паҳн шудааст. Ин ас т, ки олими олмонӣ Эрҳард Ҳён тарбияи олимпиро чунин тавсиф кардааст: «Олимпизми муосир ин

дарачаи назарраси тарбия дар рӯҳи башардӯстист, ки сарчашмаи худро аз варзиш мегирад.» [12,с. 48].

Фаркҳо асосан дар рафти мушаххас кардани муносибати мазкур ба таври умумӣ аниқ карда, тафсил дода мешаванд. Ин фарқиятҳо дар доираи мақсад ва вазифаҳои фаъолияти педагогии баррасӣ мегарданд. Ақидаи Э.Ҳён ҳадаф ва вазифаҳои фаъолияти педагогиро ба тариқи зайл мушаххас мекунад: «Олимпизми муосир ба дарачаи назаррас тарбия дар рӯҳияи башардӯстист, ки сарчашмаи худро аз варзиш гирифта, бо бозии одилона мувофиқи шиори «Citius, altius, fortius» («Тезтар, баландтар, қавитар»), инчунин эътирофи олимпичӣ ҳамчун ибрат барои рафтори ҳаррӯзаи ҳар як варзишгар тавсиф меёбад» [12,с.49].

Асосгузори ҳаракати олимпӣ Пер де Кубертен дар таҳлили ҳадаф ва вазифаҳои таҳсилоти олимпӣ асосан ба ақидаи Эрхард Хён такя намуда, ӯ низ ҳаракати олимпиро ба ғояҳои башардӯстӣ алоқаманд намудааст. Ӯ дар баромади худ дар дар маросими тантанавии 17 апрели соли 1927 ба муносибати эҳёи Бозиҳои олимпӣ дар сарзамини Олимпия барпо гарди да буд, махсусан қайд мекунад, ки «дар чаҳони муосир, ки пур аз имкониятҳои тавоно ва ҳамзамон хатарҳои харобиовари фалокатбор мебошад, ҳаракати олимпӣ метавонад ба мактаби тарбияи начибият ва покии ахлоқӣ, инчунин тобоварӣ ва қувваи чисмонӣ ва тавоноӣ табдил ёбад. Аммо ин танҳо он вақт рӯй медиҳад, ки агар фаҳмиши шумо дар бораи шарафи варзишӣ ва беғаарзӣ мисли мушакҳои шумо қавӣ ва устувор бошад» [13, с.100].

Бояд гуфт, ки дар аксари асарҳое, ки ба тарбияи олимпӣ бахшида шудаанд, он тақрибан ҳамин тавр, албатта, бо ислоҳҳои муайяни услубӣ ва дигар тағйироти ночиз, тавсиф мешавад. Баъзан ба ҳадафҳои тарбияи олимпӣ, ки Кубертен қайд кардааст, иловаҳо ворид карда шудаанд. Масалан, Ардай Лаесло (Венгрия) (1989) бо такя ба консепсияи педагогии Кубертен ва «Мадҳия ба варзиш»-и худ дар маърузааш дар сессияи 28-уми КБО унсурҳои зерини низоми таҳсилоти олимпиро муайян ва тавсиф кардааст:

-варзиш ҳамчун фаъолнокии ҳаракатӣ чиҳати нигоҳ доштани саломатӣ;

-варзиш ҳамчун ифодаи зебоӣ;

-тарбияи рафтор дар рӯҳияи принсипҳои бозии одилона (fair play) дар варзиш ва ба варзиш асосёфта;

-тарбияи мардонагӣ;

-баланд бардоштани инсондӯстӣ тавассути варзиш;

-истифодаи варзиши олимпӣ барои таҳкими сулҳ;

-ташаккул ва инкишоф додани фарҳанги ҳаракатӣ дар асоси варзиш.

Хусусан, аксар вақт ба тавсифи таҳсилоти олимпӣ чунин ишора дохил карда мешавад, ки ин тарбия дар рӯҳияи сулҳ, дӯстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва ғайра мебошад. Худи П. де Кубертен низ дар бораи ин вазифа, чунон ки дар боло қайд карда шуд, борҳо сухан ронда, навишта буд ва онро яке аз муҳимтарин вазифаҳои фаъолияти педагогӣ дар доираи ҳаракати олимпӣ ҳисоб мекард. Масалан, К. Зухора таҳсилоти олимпиро ҳамчун тарбия «дар рӯҳияи ҳамзистии осоишта, таъзими шарафи инсонӣ ва риояи қоидаҳо дар рӯзгори рӯзмарра низ» шарҳ медиҳад [3, с.37].

Дар ҳуҷҷати чамъбастии ҳамоиши байналмилалӣ «Аҳамияти П. де Кубертен», ки аз чониби Маркази таҳқиқоти олимпӣ дар Лозанна (1986) ташкил карда шуда буд, қайд карда мешавад, ки «тарбияи варзишӣ тибқи Кубертен бояд ҳамчун тарбияи олимпӣ фаҳмида шавад. Баъзе арзишҳои варзиш, аз қабили хурсандӣ аз ичрои ҳаракатҳо ва ба даст овардани натичаҳои баланд, бозии одилона, рафоқат ва ҳамдигарфаҳмии байни халқҳо ва бисёр чизҳои дигар ҳамчун қисми тарбияии олимпӣ маҳсуб меёбанд [10,с.10].

Вазифаҳои тарбиявии ҳаракати олимпӣ инчунин дар Хартияи олимпии амалкунанда тавсиф карда шуданд. Оиннома: «Ҳадафи Ҳаракати олимпӣ мусоидат ба бунёди чаҳони осоишта ва беҳтар тавассути тарбияи чавонону наврасон бо машғулиятҳои варзиш бидуни ҳеч гуна табъиз ва дар рӯҳияи олимпӣ, ки дар худ ҳамдигарфаҳмӣ, дӯстӣ, ҳамбастагӣ ва бозии одилонаро дар бар мегирад, ба ҳисоб меравад» [6,с.6].

Дар аксари асарҳое, ки ба масъалаи тарбияи олимпӣ бахшида шудаанд, маҳз ҳамин гуна (ё ба ин монанд, бо ислоҳҳои хурд) тавсифи мақсаду вазифаҳои он дода шудааст. Дар ин тавсиф ду вазифаи муҳими фаъолияти педагогӣ дар доираи ҳаракати олимпӣ:

1)тарбия дар рӯҳияи дӯстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамбастагӣ;

2)ташаккули рафтори ба принсипҳои «бозии одилона» мувофиқ нишон дода шудаанд. Ин вазифаҳо дар воқеъ муҳим мебошанд, зеро онҳо бо худи моҳияти варзиш ҳамчун амсилаи инсондӯстонаи вазъиятҳои мусобиқавӣ дар ҳаёти воқеӣ алоқаманд мебошанд. Бо вучуди он, ба андешаи мо, тавсифи мазкур баъзе тавзеҳот, дақиқсозӣ ва иловаҳоро талаб мекунад. Пеш

аз ҳама, дар он, зоҳиран, шарҳу тавзеҳи танги мақсадҳои тарбиявии ҳаракати олимпӣ, ки ба мақсадҳои дар боло зикршудаи ин ҳаракат (ақаллан дар фаҳмише, ки Кубертен ба он риоя мекард) пурра мувофиқ намебошад, дода мешавад. Дар он, баъзе ҷанбаҳои муҳимми тарбияи олимпӣ, ки дар таҳрири пештараи Хартия (соли 1980) баррасӣ ёфтаанд, тавсифи ин фаъолияти педагогӣ чунин дода шудааст: «мусоидат ба инкишофи сифатҳои ҷисмонӣ ва маънавӣ, ки ҳамчун асоси варзиш ба шумор мераванд; тарбияи ҷавонон тавассути варзиш дар рӯҳияи ҳамдигарфаҳмӣ ва дӯстӣ, ки ба бунёди ҷаҳони беҳтару осоиштатар мусоидат мекунанд» - сарфи назар карда шудаанд [5,с.6]. Вале ба таври илова нишон додани зарурати «инкишофи сифатҳои ҷисмонӣ ва маънавӣ»-и варзишгар дар раванди тарбияи олимпӣ низ кифоя намебошад. Оё дар рафти ин фаъолияти педагогӣ ташаккул ва инкишоф додани сифатҳои зеҳнӣ (ва дигари равонӣ)-и шахсият, инчунин қобилиятҳои зебоишиносӣ на камтар муҳим мебошанд. Мо дар боло таъкид кардем, ки Кубертен дар доираи ҳаракати олимпӣ ба тарбияи зебоишиносии ҷавонон аҳамияти бағоят калон медод [13]. Аз ин рӯ, ақидаи онҳое, ки вазифаи тарбияи олимпиро на танҳо ҳамчун тарбияи ахлоқӣ, балки ҳамчун тарбияи ахлоқӣ ва зебоишиносӣ мешуморанд, шояд дуруст бошад. Масалан, Ж. Атанасов ҳадафҳои педагогии ҳаракати олимпиро бо «тарбияи муносибати ахлоқию зебоишиносӣ ба варзиш» мепайвандад [1,с.125]. Петрова, ҳадафҳои тарбиявии ҳаракати олимпиро тавсиф карда, чунин мешуморад, ки «се ҷузъи асосии ғояи олимпӣ - тарбияи ҷисмонӣ, ахлоқӣ ва зебоишиносиро» ба назар гирифтан зарур аст" [8, с 23]. Мо низ ақидаи ин муҳаққиқонро тарафдорӣ менамоем. Зеро, дар шароити муосир, аз нигоҳи башардӯстӣ дар ҷавонон ташаккул додани чунин сифатҳо ё қобилиятҳое, ки фарҳанги муошират бо мураббиён, доварон, дигар варзишгарон, тамошобинон ва ғайра, инчунин фарҳанги экологиро тавсиф мекунанд, дорои аҳамияти назаррас мебошад, яъне ҳамаи ин ва шояд баъзе дигар сифатҳо ва қобилиятҳои варзишгар аз лиҳози башардӯстӣ назар ба сифатҳои ҷисмонӣ, ахлоқӣ ва зебоишиносии ӯ аҳамияти бештар дошта бошанд. Ва дар худи Хартия, тавре ки аллакай қайд карда шуд, ба сифати ҳадафи олимпизм «рушди ҳамаҷонибаи варзиш ба хизмати инкишофи ҳамоҳанги инсон» низ нишон дода мешавад, ки бо сифатҳои ҷисмонӣ ва маънавӣ,фарҳанги зебоишиносӣ маҳдуд намешавад.

Бояд зикр намуд, ки минбаъд дар тавсифи мақсад ва вазифаҳои фаъолияти педагогӣ дар доираи ҳаракати олимпӣ дар бораи он, ки чӣ тавр, бо кумаки кадом воситаҳо, усул ва ғайра бояд таъсиррасонии бошуурона, мақсаднок ба шахсият дар раванди «ба воситаи варзиш тарбия намудани ҷавонон.дар рӯҳияи олимпӣ" амалӣ карда мешавад, чизе гуфта нашудааст. Мо мешуморем, ки чунин тавзеҳот зарур аст, ақалан ба хотири он, ки аксар вақт на танҳо дар амалияи воқеӣ, балки дар назарияи чунин тарбия низ ҳама чиз фақат бо таъсири иттилоотӣ ба шахсият, ба ташаккули донишҳои муайян вобаста карда мешавад. Барои мисол, Ҷон Пауэлл (Канада) дар мақолаи худ «Ташаккули варзишгарони олимпӣ» чунин нуқнати назарро ҳимоя мекунад, ки «меҳвари олимпизм ин низоми принсипҳои ахлоқиест, ки ифодаи худро дар амалҳои бошуурона содиршуда, дар кӯшишҳои ҳадди аксар ва одилона меёбанд». Бартараф намудани он падидаҳои манфии рафтори варзишгарон, ки дар варзиши муосир мушоҳида мешавад, ба ақидаи ӯ, танҳо бо роҳи ягона имконпазир егардад: «Ҳалли масъалаи рафтори ғайриахлоқии варзишгар дар тарбия ниҳон аст танҳо тарбия дар рӯҳияи олимпизм, дар рӯҳияи идеалҳо ва принсипҳои ҳаракати олимпӣ ба варзишгар, сарфи назар аз ҷавон буданаш, имкон медиҳад интихоби дуруст кунад. Тарбияи зидди рафтори ғайриахлоқӣ дар варзиш ин на фақат кори онҳое, ки мебошад, ки бевосита ба варзиш алоқаманданд, он инчунин кори ҷомеа дар маҷмуъ, хона, оила, масҷид, мактаб, ҳамсолон мебошад» [7,с.20]. Вале дар мавриди воситаю усулҳои ин кори тарбиявӣ муҳаққиқ, воқеан, онҳоро бо баён ва шарҳ додани ғояҳои олимпизм, принсипҳои ахлоқӣ маҳдуд месозад: «лозим аст таълими олимпизм ба барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар марҳилаи ба таври имконпазир барвақттар ҷорӣ карда шуда, он дар машғулиятҳои ахлоқи варзишӣ дар доираи тарбияи ҷисмонии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ таълим дода шавад" [7, ҳамон ҷо].

Сарфи назар аз аҳамияти чунин фаъолияти педагогӣ дар ҳаракати олимпӣ он набояд танҳо бо ҳамин маҳдуд карда шавад. Аз нуқтаи назари мо, ҳадди ақал 3 ҷузъи ба ҳам зич алоқаманд, вале ҳанӯз ҳам алоҳидаи таркиби фаъолияти мавриди баррасиро ҷудо кардан мумкин аст, ки он ташаккул ва такмили: 1) донишҳо, 2) ҳавасмандӣ (шавқу рағбат, талабот, самтҳо, муносибатҳои арзишӣ, муносибат ва ғайра) ва 3) қобилиятҳо, маҳорату малакаҳоеро, ки дар фаъолият ё рафтори муайян зоҳир карда мешаванд, пешбинӣ менамоянд. Гузашта аз ин, чизи аз ҳама муҳим на ташаккул ва баланд бардоштани сатҳи дониши олимпӣ мебошад,

ҳарчанд ин вазифа бешубҳа муҳим аст, инчунин на ҳатто самти эълоншуда ба идеалҳо ва арзишҳои олимпизм, балки ташаккули рафтори воқеӣ, тарзи ҳаёт, ки ба ин идеалҳо ва арзишҳо мувофиқат мекунад, аҳамияти калон дорад. Бесабаб нест, ки дар Хартияи олимпӣ ҳамчун вазифаи муҳими олимпизм, ки «варзишро бо фарҳанг ва маориф» алоқаманд мекунад, вазифаи ба вуҷуд овардани «тарзи ҳаёт"дар асоси хурсандӣ аз саъю кӯшиш, арзиши тарбиявии ибрати хуб ва эҳтиром ба принсипҳои умумиинсонии ба ахлоқ асос ёфта» нишон дода шудааст [6, с.6].

Тафсири хеле маҳдуди таҳсилоти олимпӣ, аз нуқтаи назари мо, аз он низ иборат аст, ки зимни тавсифи вазифаҳои ташаккули варзиш сифатҳое ки, бо фарҳанги зебоишиносӣ, бадеӣ, экологӣ, зеҳнӣ ва ғайраи шахсият алоқаманданд, сарфи назар карда мешаванд. Дар баробари тафсири маҳдуди фаъолияти педагогӣ дар доираи ҳаракати олимпӣ, аксар вақт боз ҷанбаи дигари он – шарҳу тавзеҳи хеле васеъи мақсаду вазифаҳои он дучор мешавад. Ба вазифаҳои ин фаъолият қариб ҳамаи вазифаҳое нисбат дода мешаванд, ки бо ин ё он тарз бо соҳаи варзиш, бо тамрини варзишӣ ва мусобиқаҳои варзишӣ, бо ташаккули фарҳанги ҷисмонӣ, тарбияи ҷисмонӣ, нигоҳ доштан ва мустаҳкам намудани саломатии одамон ва ғайра ё ҳатто вазифаи тарбияи башардӯстона дар маҷмуъ алоқаманданд.

Муҳаққиқон А.В. Бочко, В. Титов ва В.Я. Кудлин дар мақолаи худ "Нақш ва ҷои таҳсилоти олимпӣ дар ташаккули тарзи ҳаёти солими ҷавонони донишҷӯ" таҳсилоти олимпиро ҳамчун «методологияи ташаккули тарзи ҳаёти солим» нишон додаанд, ки ин қобил ба дастгирист. Ба ақидаи онҳо ин фаъолияти педагогӣ «аз якчанд самтҳои инкишоф ва ташаккули шахсияти донишҷӯ: ҷисмонӣ, зеҳнӣ, иқтисодӣ ва экологӣ иборат мебошад ва ҳамаи ин унсурҳо бояд бо пайванди ягонаи низомнок бо паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти ҳаррӯзаи инсон муттаҳид шаванд» [2, с. 94-95].

Ба ақидаи Ю.П. Симаков, «консепсияи таҳсилоти олимпӣ муқаррароти: самтгирии шуури ҷамъиятӣ ба ташаккули тарзи ҳаёти солими кӯдакон ва наврасон; такмили тарбияи варзишӣ-солимгардонӣ, ва бадеию зеҳнӣ дар оила ва мактаб бо назардошти хусусиятҳои иҷтимоию демографӣ ва ҳолати ҷисмонии бачагон; мустаҳкам намудани базаи моддию техникии инфрасохтори варзишию фарҳангии бачагон, аз ҷумла кӯдакони маъюб, бачагоне, ки дар минтақаҳои гуногуни иқлимию географӣ зиндагӣ мекунанд», ва ғайраро дар бар мегирад [9, с. 8-11].

Дар асоси муносибати умумии дар боло ифодаёфта барои дарки фаъолияти педагогӣ дар доираи ҳаракати олимпӣ мақсаду вазифаҳои онро мушаххастар тавсиф карда, пеш аз ҳама, он донишҳоеро, ки он бояд ташаккул диҳад, дақиқ месозем. Мавқеи мо дар ин масъала аз он иборат аст, ки фаъолияти педагогии мавриди баҳс ташаккул ва такмили донишҳои зеринро дарбар мегирад:

1) дар бораи Бозиҳои олимпӣ ва ҳаракати олимпӣ, таърихи онҳо, ҳадафҳо, вазифаҳо, идеалҳо ва арзишҳои асосии олимпизм (аз ҷумла принсипҳои бозии одилона (Fair Play), идеали варзишгари ба таври ҳамоҳанг инкишофёфтаи олимпӣ ва ғ.);

2) дар бораи варзиш, навъҳои он, дар бораи воситаю усулҳои тайёрии варзишӣ, ки комёбиҳои баланди варзишро таъмин мекунанд, дар бораи ташкили мусобиқаҳои варзишӣ ва ғайра;

3) донишҳо дар бораи таърихи варзиш, вазифаҳои иҷтимоии он ва робитаҳои он бо падидаҳои дигари иҷтимоӣ (соҳаи истеҳсолот, иқтисодиёт, сиёсат, фарҳанг, муҳити зист ва ғайра) дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи ҷомеа, аз ҷумла дар шароити муосир;

4) дар бораи нерӯи башардӯстӣ, иҷтимоию фарҳангии варзиш (дар бораи аҳамияти он дар низоми воситаҳое, ки тарзи ҳаёти солим ва фарҳанги ҷисмонии шахсиятро таъмин мекунанд, дар бораи имкониятҳое, ки дар он барои таъсиррасонии мусбат ба фарҳанги ахлоқӣ, зебоишиносӣ, коммуникативӣ, экологии одам, ба қобилиятҳои зеҳнӣ, эҷодӣ ва ғайра, инчунин аҳамияти варзиш ҳамчун воситаи ҳамгиросозии ҷамъиятӣ, барои мустаҳкам намудани дустӣ ва ҳамфикрии халқҳо) ва дар бораи роҳҳои амалӣ гардондани ин нерӯ;

4) дар бораи мафҳум ва ғояҳои асосии башардӯстӣ, идеалҳо ва арзишҳои он оид ба муносибатҳои байни одамон ва шахсияти инсон.

Бояд қайд кард, муносибате хеле васеъ паҳн шудааст, ки дар он тамоми маҷмӯи вазифаҳои ишорашуда танҳо ба вазифаи инкишоф додани донишҳо дар бораи Бозиҳои олимпӣ ва ҳаракати олимпӣ, дар бораи идеалҳо ва арзишҳои олимпизм маҳдуд карда мешаванд. Дар мавриди вазифаҳои фаъолияти педагогӣ дар доираи ҳаракати олимпӣ аз нуқтаи назари ҳавасмандии муайян бошад, мо чунин андеша дорем, ки ин фаъолият дар

кӯдакон ва ҷавонон ташаккул ва инкишофи додани ҷанбаҳои зеринро, ки хусусияти тарбиявӣ доранд, дар бар мегирад:

-шавқ ба варзиш, талабот ба машғулиятҳои мунтазами варзиш, хоҳиши нишон додани натиҷаҳои баландтари варзишӣ;

-чунин муносибат ба варзиш, ки дар он варзиш дар навбати аввал ва асосан ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими ташаккули фарҳанги ҷисмонии инсон, ҳамчун унсури тарзи ҳаёти солим, инчунин ҳамчун соҳаи зуҳури зебоишиносӣ, ахлоқу фарҳангӣ, муошырати сирф инсонӣ, муносибати инсондӯстонаи одамон ба якдигар ва табиат, санҷидани имкониятҳои ҷисмонӣ ва психикии одам ва ғайра;

-талабот ба ба варзиши фаъол ҳамчун ҷузъи тарзи ҳаёти солим, инкишофи ҳамоҳанги худ, такмили қобилиятҳои ҷисмонӣ ва маънавӣ (зеҳнӣ, ахлоқӣ, зебоишиносӣ ва ғайра) на барои ба даст овардани пул, шӯҳрат ва ғайра;

- шавқу ҳавас ба Бозиҳои олимпӣ ва ҳаракати олимпӣ, хоҳиши иштирок кардан дар мусобиқаҳои олимпӣ;

-хоҳиши нишон додани рафтори поквиҷдонона, шарифона, ҷавонмардона (мувофиқи принсипҳои «бозии одилона»), дасткашӣ аз он зуҳуроти зӯроварӣ, таҷовузкорӣ ва ғайра, ки хилофи қоидаҳо ва принсипҳои варзишии бозии одилона (Fair Play) мебошанд;

-тамоюл на танҳо ба варзишгар, рекордсмени яктарафа (танҳо аз ҷанбаи тайёрии ҷисмонӣ ё маҳорати варзишӣ) инкишофёфта, балки ба чунин варзишгари ҳамоҳанги олимпӣ-homo olympic, ки ба сифати идеал (ҳамчун ибрат барои тақлид) интихоб шуда, симои ӯ комилан ба шиори Кубертен: «Рӯҳияи баланд дар ҷисми инкишофёфта!» мувофиқат мекунад;

-хоҳиши иштирокчии ҳаракати олимпӣ будан, фаҳмондан ва тарғиби ғояҳои олимпизм, мусоидат ба рушди он;

-системаи ҳиссиёт ва эҳсосоти ба инсонпарварӣ нигаронидашуда (ҳисси масъулияти шахсӣ барои амалӣ намудани арзишҳои башардӯстона дар варзиш ва тавассути варзиш, ба истиснои зуҳуроти ғайриинсонӣ дар он, барои инкишофи бомуваффақияти ҳаракати олимпӣ; ҳисси зебоишиносӣ нисбати варзиш, ҳисси хашму ғазаби марбут ба ҳар гуна вайронкунии ахлоқ) ва ғайра.

Таҳлили асарҳое, ки ба масъалаи муҳокимашаванда бахшида шудаанд, инчунин амалияи воқеии кори таълиму тарбияи олимпии бачагону ҷавонон нишон медиҳад, ки бисёре ин вазифаҳо аксар вақт аз мадди назар дур мемонанд.

Ниҳоят, аз нуктаи назари ташаккули маҳорату малакаҳо, қобилиятҳое, ки дар рафтори дахлдор зоҳир мегардад, ду вазифаи асосии фаъолияти педагогиро дар доираи ҳаракати олимпӣ ҷудо кардан мумкин аст.

Аввалӣ аз он иборат аст, ки дар кӯдакон ва ҷавонон маҷмуи маҳорату малакаҳо, қобилиятҳои зеринро ташаккул ва инкишоф додан лозим аст:

-маҳорати истифодаи варзиш дар якҷоягӣ бо дигар воситаҳо ҳамчун ҷузъи тарзи ҳаёти солим, барои ташаккули фарҳанги ҷисмонӣ;

-маҳорати ба даст овардани дастовардҳои баланд дар мусобиқоти варзишӣ ва ҳамзамон бунёди сохтори фаъолияти варзишии худ ба тавре, ки онҳо ба саломатӣ зарар нарасонанд ва ё ба инкишофи якҷониба, зишти шахсият оварда нарасонанд;

-одати ҳамеша поквиҷдонона ва одилона гузаронидани мубориза, зоҳир кардани мардонагӣ ва ирода дар варзиш, дар мусобиқаҳои варзишӣ, инчунин боварӣ доштан ба он, ки танҳо чунин рафтор дар варзиш дуруст аст;

-қобилияти зебоишиносии дидан, эҳсос кардан ва дуруст дарк кардани зебоӣ ва дигар арзишҳои зебоишиносии варзиш, амал кардан дар варзиш «мувофиқи қонунҳои эстетикӣ»;

–маҳорату малакаҳои муошырати инсонпарварона бо дигар варзишгарон, мураббиён, доварон, рӯзноманигорон, тамошобинон ва ғайра;

-чунин рафтор дар мусобиқаҳои варзишӣ, ки ба мустаҳкам шудани сулҳу осоиш ва дӯстии байни халқҳо, ҳамкории фарҳангӣ мусоидат мекунад;

-маҳорату малакаҳои чунин муносибат ба табиат ҳангоми варзиш, ки ба талаботи фарҳанги баланди экологӣ ҷавобгӯ бошад;

-маҳорати фаҳмондан ва тарғиби ғояҳои Олимпизм.

Вазифаи дуюм (муҳимтарин ва душвор) аз он иборат аст, ки дар кӯдакон ва ҷавонон чунин рафтор, тарзи (услуби) ҳаёти воқеие ташаккул дода шавад, ки ба идеалҳо ва арзишҳои Олимпизм мувофиқат карда, дар он донишҳо, маҳорату малакаҳо ва қобилиятҳои дар боло зикргардида воқеан истифода мешаванд.

Ҳалли ду вазифаи дар боло зикргардида яке аз пайвандҳои сусттарини фаъолияти педагогӣ бо насли наврас мебошад, ки айни замон дар доираи ҳаракати олимпӣ сурат мегирад. Дар фаъолияти педагогӣ дар доираи ҳаракати олимпӣ мавқеи *фарҳанги олимпӣ* хеле умда мебошад. Дар ин масъала мо бо истилоҳи Л.И.Любишев, ки ӯ фарҳанги олимпиро ҳамчун "фалсафаи мушаххаси ҳаёт, ки арзишҳои маънавии варзишро дар бар мегирад" шарҳ додааст мувофиқем [4, с.155]. Зери фарҳанги олимпӣ мо тамоми маҷмуи донишҳои дар боло зикршуда, шавқу рағбат, талабот, тамоюлҳои арзишӣ, қобилиятҳо, маҳорату малакаҳоеро мефаҳмем, ки дар асоси онҳо рафтор, тарзи ҳаёти инсон, гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ ва ҳатто ҷамъият дар маҷмуъ ташаккул меёбад. Дар асоси мафҳуми мазкур метавон гуфт, ки вазифаи фаъолияти педагогӣ дар доираи ҳаракати олимпӣ ташаккул ва инкишоф додани фарҳанги олимпии инсон мебошад.

Дар хотимаи таҳлили масъалаи баррасишаванда бояд зикр кард, ки ҷузъҳои алоҳидаи фаъолияти педагогӣ дар доираи ҳаракати олимпии дар боло зикргардида (донишҳо, шавқу ҳавас, талабот, маҳорат ва ғайра) табиист, ки метавонанд ва бояд боз ҳам мушаххастар, муфассалтар, равшантар карда шаванд. Ин, масалан, ба донишҳо, шавқу рағбат, тамоюлҳои арзишӣ, маҳорату малакаҳо, қобилиятҳои марбут ба ташаккули фарҳанги зебоишиносӣ ва экологӣ, фарҳанги муошират, рафтор дар рӯҳияи бозии одилона ва ғайра дахл дорад.

Вазифаи дар рӯҳияи сулҳдӯстӣ, дӯстӣ ва ҳамфикрӣ тарбия намудани ҷавонон низ мушаххасоти муайянро талаб мекунанд, ки вазифаи мазкур, чунон ки қайд карда шуд, яке аз муҳимтарин вазифаҳои тарбияи олимпӣ буда, аз худи моҳияти ҳаракати олимпӣ, мақсадҳои асосӣ, идеалҳо ва арзишҳои он бармеояд. Барои дар амалия ҷорӣ намудани ин вазифаи тарбияи педагогӣ он бояд боз ҳам мушаххастар карда шавад. Аз ҷумла, равшан кардан лозим аст, ки дар рӯҳияи сулҳ ва мустаҳкам намудани дӯстии байни халқҳо тарбия кардан бо варзиш чӣ маъно дорад, чӣ тавр варзиш, мусобиқаҳои варзишӣ ва алоқаҳо барои ин мақсадҳо истифода шаванд ва ғайра.

Ба ҳамин тариқ, фаъолияти педагогӣ дар доираи ҳаракати олимпӣ дар назария ва амалияи муосир баррасии ҷиддӣ ва нигоҳи навро тақозо дорад, зеро он дар доираи ин ҳаракат,одатан, аз ҷанбаҳо, блокҳо, ҷузъҳои алоҳида канда шуда, амалу чорабиниҳои пароканда, ба ҳамдигар ғайри алоқамандеро, ки мақсадашон шинос намудани кӯдакон ва ҷавонон бо идеалҳо ва арзишҳои олимпизм мебошад, баргузор карда мешаванд.

АДАБИЁТ:

1. Атанасов Ж., 1977. Олимпийское движение и воспитание нравственно-эстетического отношения к спорту // Проблемы олимпийского движения: Сб. статей на рус. яз.(под ред. А.Солакова). - БОК, София Пресс, 1977, с. 125-138.
2. Бочко А.В., Титов В.С., Кудлин В.Я., 1997. Роль и место олимпийского образования в формировании здорового образа жизни студенческой молодежи // Физическая культура и олимпийское движение Урала: Матер. IV Всеуральской научно-практической конференции. Ч. I. - Уфа: Республиканский научно-методический и информационный центр физической культуры и спорта, с. 94-95.
3. Зухора К., 1979. Олимпийская идея в современном воспитании // Спорт и культура: Тез. докл. междунар. семинара социологов спорта. - Варшава, с. 37.
4. Любышева Л.И., 1997. Олимпийская культура как основа содержания олимпийского образования // Современные проблемы и концепции развития физической культуры и спорта, ч. 2. - Челябинск, 1997, с. 155-157. С. 155.
5. Олимпийская Хартия 1980. - М.: ФиС. С. 6.
6. Олимпийская Хартия. МОК. - М., 1991. С. 6
7. Пауэлл Джон Т., 1984. Формирование спортсменов-олимпийцев // Межд. спортивное движение. Экспресс-информация. Вып. 1. - М.: ЦООНТИ-ФиС, с. 13-20. С. 20. (санаи мурочиат 28.05.2024).
8. Петрова Наталия, 1983. Олимпизъм, олимпийское движение. Олимпийские игри // Сборник материалы. От първата сесия на националната олимпийска школа. 5-9 июни 1983 г., Несебър, с. 12-25. С. 23.
9. Симаков Ю.П., 1993 б. Дети и олимпийское воспитание // Дети и олимпийское движение: Матер. симп. детской Сибириады-93, 5-7 июля 1993 г. - Новосибирск, с. 8-11.
10. Симпозиум «Актуальность П. де Кубертена» // Межд. спорт. движение. Экспресс-информация, вып. 11. - М.: ЦООНТИ-ФиС, 1986, с. 9-11. С. 10. Санаи мурочиат 28.05.2024).
11. Столяров В.И., 1988 в. Спортивно-гуманистическое и олимпийское воспитание детей и молодежи в условиях социализма // Философско-социологические исследования физической культуры и спорта (ежегодник). Выпуск первый. Спорт. Культура. Воспитание. М., с. 151-169. С. 152.
12. Хён Эрхард, 1984. Кубертен о месте искусства в современном олимпизме // Бенджамин Лоу. Красота спорта. - М.: Радуга, с. 48-62. С. 49.

13. Coubertin Pierre, 1966. The Olympic Idea: Discourses and Essays. rev. ed. eds. L.Diem and O. Andersen. translated from the French by J.G.Dixon. Lausanne: Carl-Diem-Institut, Editions Internationales, Olympia. C. 100.

МАВҚЕИ ФАЪОЛИЯТИ ПЕДАГОГӢ ДАР ДОИРАИ ҲАРАКАТИ ОЛИМПӢ

Дар мақола муаллиф роҷеъ ба мавқеи фаъолияти педагогӣ дар доираи ҳаракати олимпӣ сухан ронда, моҳият ва ҷанбаҳои вазифаҳои тарбиявии онро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Қайд карда мешавад, ки камбудии асосии назария ва амалияи муосири фаъолияти педагогӣ дар доираи ҳаракати олимпӣ дар он аст, ки он, чун қоида, аз ҷанбаҳо, блокҳо, ҷузъҳои алоҳида канда шуда, амалу чорабиниҳои парокандаи ба ҳамдигар ғайри алоқаманд , ки мақсадашон шинос намудани кӯдакон ва ҷавонон бо идеалҳо ва арзишҳои олимпизм мебошад, баргузор карда мешаванд. Муалиф қайд менамояд, ки кунун зарурати гузаштан ба дарк ва татбиқии амалии ин фаъолият ҳамчун як низоми муайян ба миён омадааст.

Калидвожаҳо: *ҳаракати олимпӣ, фаъолияти педагогӣ, тарбия, варзиш, ғояҳои башардӯстӣ, вазифаҳои тарбия, фарҳанги варзишӣ, зебоишиносӣ, маҳорату малакаи варзишӣ, олимпизм.*

ПОЛОЖЕНИЕ ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В ОЛИМПИЙСКОМ ДВИЖЕНИИ

В статье автор рассказал о положении педагогической деятельности в рамках олимпийского движения и исследовал сущность и аспекты ее воспитательных задач. Отмечается, что основным недостатком современной теории и практики педагогической деятельности в рамках олимпийского движения является то, что она, как правило, отделена от аспектов, блоков, отдельных компонентов, а также разбросана, не связанных друг с другом действий и деятельности, целью которого является ознакомление подростков и молодежи с идеалами и ценностями олимпизма. Автор отмечает, что сейчас необходимо перейти к пониманию и практической реализации этой деятельности как определенной системы.

Ключевые слова: *олимпийское движение, педагогическая деятельность, образование, спорт, гуманитарные идеи, задачи воспитания, спортивная культура, эстетика, спортивное мастерство, олимпизм.*

POSITION OF PEDAGOGICAL ACTIVITY IN THE OLYMPIC MOVEMENT

In the article, the author spoke about the position of pedagogical activity within the framework of the Olympic movement and explored the essence and aspects of its educational tasks. It is noted that the main drawback of the modern theory and practice of pedagogical activity within the Olympic movement is that it is, as a rule, separated from aspects, blocks, individual components, and also scattered, unrelated actions and activities. , the purpose of which is to familiarize children and youth with the ideals and values of Olympism. The author notes that it is now necessary to move on to understanding and practical implementation of this activity as a specific system.

Key words: *Olympic movement, pedagogical activity, education, sports, humanitarian ideas, educational objectives, sports culture, aesthetics, sportsmanship, Olympism.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Файзуллозода Ҳусейн Файзулло, декани факултети тарбияи ҷисмонии Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов; faizullozoda.husein@mail.ru рақами телефон 988414190.*

Сведение об авторе: *Файзуллозода Хусейн Файзулло, декан факультета физической культуры ИФКТ им. С.Рахимова; faizullozoda.husein@mail.ru; телефон 988414190.*

Information about the author: *Faizullozoda Husein Faizullo, dean of the faculty physical culture of Physical culture of Tajikistan; faizullozoda.husein@mail.ru: tel. 988414190*

РЕФОРМИРОВАНИЯ МИЛИЦИИ – ЖИЗНЕННАЯ НЕОБХОДИМОСТЬ СОВРЕМЕННОЙ ТАДЖИКСКОЙ ГОСУДАРСТВЕННОСТИ

Давлатшоева А.
Академия МВД Республики Таджикистан, город Душанбе

С того дня, как в стране начался процесс реформы милиции, прошло уже 21 года, на протяжении которых в Республике Таджикистан произошли серьёзные экономические, социальные и политические изменения, которые означают переход на создание нового государственного подхода и формирования позитивно-общественного сознания социума. Происходит трансформация и совершенствование правовой политики и системы, и соответственно, правоприменительная практика. Также немаловажным моментом является, тот факт, что в республике полным ходом началась и идет разработка реформы, связанной с судебно-правовой деятельностью, направленной на утверждение привилегированности и одинаковости закона для всех, демократизацию и либерализацию сферы юриспруденции,

расширение возможностей судебной практики в целях защиты прав и свобод каждого гражданина.

Принятая стратегия реформы милиции на 2013-2020 годы, которая базируется на основополагающие принципы Основного Закона - Конституции Республики Таджикистан, обозначает главные цели, задачи и необходимые меры, направленные на преобразование концептуальных функций органов внутренних дел, в том числе милиции, показало плодотворные и функциональныедействия Правительства Республики Таджикистан на обозримое будущее.

Именно это и послужило принятию Правительством Таджикистана постановления, ровно три года тому назад, об утверждении новой Программы и Плана реформы милиции на 2021-2025 годы.

Реализация вышеуказанных стратегических решений связано с решением приоритетных задач в области социально-экономической политики страны. Она отвечает духу важнейших первоочередных задач Стратегии развития Таджикистана, имеющие государственную и общественно значимую ценность, олицетворяет качественный подход и символизирует современное мышление по обеспечению защиты прав человека и гражданина. Вышеуказанные решения правительства также призваны учитывать практику адекватного решения вопросов и реализацию передового опыта в данном направлении, извлекать уроки из прошлой истории и деятельности органов милиции, работать в направлении перспектив её развития.

Стратегия о реформы милиции уже начала успешно функционирует в рамках принятой Программы функциональной деятельности отечественной милиции на 2021-2025 годы. Ведется полномасштабная работа в целях реализации намеченного плана с активным участием Правительства Республики Таджикистан, органов внутренних дел, институтов гражданского общества, граждан страны. С чувством огромного удовлетворения отметим, что в происходящих позитивных изменениях, реализации поставленных целей и задач перед органами внутренних дел активное участие принимают международные организации, страны-доноры. Более того, продуктивно действуют нормативно-правовые акты по реформе отечественной милиции.

Правительством РТ решение начать всеобъемлющую программу реформы милиции направлено на поддержку благополучия народа Таджикистана. Настоящая программа реформы основана на претворение в жизнь полноценного обеспечения правовой политики и жизнеутверждение порядка в Таджикистане в контексте реализации таких важных принципов, как обязательная подотчетность, профессиональное соответствие статусу и функции органа внутренних дел, ориентированность, прежде всего, на приоритеты и защиты общества. Названные особенности и задачи предопределяют основные направления, задачи и хода развития процесса реформы, формируют системные связи, этапы планирования и реализации стратегии реформы. Последнее направлено на преобразование общественного сознания, создание иного социального портрета и авторитета сотрудника органов внутренних дел (милиции), ответственного и добропорядочного профессионала, свободного от отрицательных привычек, и нацеленного на оказание действенной помощи и содействия гражданам.

В рамках реформы задача милиции по-прежнему состоит служению государству и народу. Личный состав милиции Таджикистана призван отражать чаяния и надежды общества. Реализация подобной нравственно-моральной и профессиональной задачи требует, прежде всего, ведения работы в направлении отбора и приёма на службу качественного личного состава в соответствии с их профессиональными качествами и высокой квалификации. В этом плане практикуется проведение конкурсного набора будущих офицеров из числа выпускников юридических факультетов и вузов, приёма на службу перспективных кадров, прежде всего, по профессиональным задаткам.

Следует отметить, что в качестве основных задач правоохранительных органов представляется важным уменьшение и ликвидация роста преступности в обществе, создание благоприятного климата и атмосферы благополучия социальной среды, её безопасности. Такой подход «соответствует основному запросу общества Таджикистана, что подтверждается данными социологических опросов населения. В связи с этим предупреждение преступлений и правонарушений и поддержание безопасной социальной среды должны стать в результате реформы одним из основных приоритетов в работе милиции» [2, с. 75-76].

Приоритет в комплексе задач по предупреждению правонарушений и преступлений отдается организационной структуре милиции, системе оценки её деятельности и профессиональной подготовки, методам работы. В настоящее время успешно функционируют внутренние ресурсы и четко установленный порядок, согласно которым органы внутренних

дел и исполнительные органы государственной службы на местах, социальные подразделения предпринимают имеющие возможности и усилия по поддержанию правопорядка и безопасности в обществе.

Постановка и решение профилактических задач проходит в условиях тесного взаимодействия с населением как важного источника информации о состоянии правопорядка и субъектом, способным реализовать определенные шаги по поддержанию порядка и безопасности. В этом контексте создаются каналы совместных контактов, которые на доверительной основепредоставляют возможность обмениваться важными информациями государственной и общественной значимости. Совершенствуются механизмы разработки и отработки планов безопасного функционирования и передачи важной информации гражданами, получить предварительную информацию о возможных опасных намерениях и актах в рамках государственной и общественной безопасности, участвовать в мероприятиях по поддержанию общественного порядка.

Особый акцент делается на формирование культуры поведения и речевого этикета субъектов правоохранительных органов. Достижение общественного правопорядка на высоком нравственном и моральном уровне представляет собой отображения ценностных постулатов, профессионального отношения и корпоративного образа органов внутренних дел, в том числе милиции. Это относится, прежде всего, к исполнительной и трудовой дисциплине, моральных качеств и ответственности офицерского персонала и рядовых сотрудников милиции, которые обязаны соблюдать и защитить общечеловеческие ценности при исполнении служебных обязанностей.

К слову, этические нормы становятся неотъемлемой частью профессиональной деятельности личного состава органов внутренних дел. Утвержденный этический кодекс сотрудника органов внутренних дел является ярким проявлением и примером иллюстрации высоких нравственных качеств сотрудников, отвечающий требованиям международного стандарта.

Следует отметить, что Правительство Республики Таджикистан оказывает огромную государственную поддержку для поддержания позитивных изменений и перемен, направленных на возведение прочного здания национальной системы внутренней безопасности, подготовку кадров с высокой профессиональной и личностной ориентации для органов внутренних дел страны. Например, в реализации Стратегии и Программы реформы (развития) милиции на 2014-2020 годы Правительством Республики Таджикистан было профинансировано 1 млрд 150 млн сомони и партнерами по развитию (иностранными донорами) 329 млн сомони. На реализацию новой Программы же запланировано потратить свыше 182 млн сомони, где порядка 18 млн будет выделено из бюджета страны, а 164 млн — за счет доноров.

«Стратегически важной и приоритетной задачей, по-прежнему, остается защита населения и территории страны от внешнего посягательства и внутренних беспорядков, наносящих ущерб государственному и общественному строю. Для устранения негативных случаев и всевозможных конфликтов органы внутренних дел и специальные службы имеют превентивные планы локализации «пожарной» ситуации с наличием необходимого количества сил и средств по решению безопасности и общественного порядка» [4, с. 95].

Основоположник мира и национального единства, Лидер нации, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон в своих выступлениях неоднократно констатирует роль и миссию органов внутренних дел в обеспечении безопасности граждан страны. Отдавая высокую оценку деятельности правоохранительных органов, Глава государства отмечает: «Сотрудники правоохранительных органов должны играть ключевую роль в защите общественного и правового порядка в стране, приложить всю свою силу в обеспечении безопасности Отчизны. Именно вам предоставлена честь быть надежным оплотом государства, гарантом безопасности общества и нации».

Государственные учреждения Республики Таджикистан проводят политику особо государственной и общественной важности для реализации стратегически важных задач, направленных на создание безопасного климата и атмосферы жизнедеятельности населения страны, укрепление безопасности граждан республики. В решении этих приоритетных задач существенное значение отводится развитию системы военного и юридического образования с качественным профессиональным персоналом в сфере военной педагогики. В образовательных учреждениях подобной миссии ведется подготовка офицеров для органов внутренних дел, национальной армии, отвечающие требованиям мирового стандарта и современным угрозам безопасности страны.

В настоящее время система высшего отечественного военного образования находится на этапе своего становления и развития. Основная задача, которая стоит перед сферой военного

образования заключается в том, чтобы вывести его на качественно новый уровень с существенным повышением и совершенствованием профессионального подхода офицеров, нравственной и духовной культуры военных кадров, чувством высокого патриотизма и любви к Родине.

Принципиальные позитивные изменения в системе военного образования реальны в условиях полноценного и профессионального уровня подготовки офицерского состава в сфере военно-педагогической деятельности. Сегодня учебные классы и аудитории военных вузов должны заполнять лица спатриотическими и профессиональными качествами, кто заинтересован в овладении военной специальностью и искусством военного дела, кто готов стать опорой и щитом страны, кто готов отдать свою жизнь во имя защиты и процветания Родины. Считаем, что эти цели и задачи вполне реализуемы в условиях повышения на качественно новый уровень профессионально-педагогической культуры сотрудников правоохранительных органов.

Для решения этих важных задач значимое место отводится педагогическому персоналу военного вуза, от способности которого во многом зависит качественная подготовка будущих офицеров в плане их ориентации в сложных, нештатных и непредвиденных ситуациях. Педагог военного вуза, прежде всего, человек с широким мировоззрением, гуманистическим подходом, способным реализовать профессиональные качества в сфере обучения военных специалистов. Военный педагог призван осуществлять профессиональную подготовку офицерского состава современной таджикистанской армии, внести неоценимый вклад в обеспечении безопасности и суверенитета родного государства.

Для успешного обучения и воспитания будущих военных специалистов преподаватели военных вузов должны обладать высоким уровнем профессионального образования и нравственно-духовной культуры. В положительные качества педагога входят также наличие широкого кругозора в контексте его политического диапазона знаний, юридической компетенции, психологической устойчивости, педагогической закалки, умение работать с массой в социальной среде. Всё это ставит на первое место проблему профессиональной подготовки офицерского корпуса для органов внутренних дел, педагогической и поведенческой культуры преподавателя военного вуза.

Существующие задачи по совершенствованию отечественной системы внутренних дел, определение её приоритетной линии и стратегических задач на ближайшую перспективу, налаживание деятельности структурных подразделений предполагает четкое функционирование единого механизма органов правопорядка и правовой защиты граждан.

Основные стратегические задачи отечественной милиции связаны в настоящее время с культурой общения с гражданами, повышением уровня владения родным языком, литературой, историей и специальностью. Многое зависит от качества профессионализма личного состава, знания ими основ юриспруденции, нормативно-правовых актов и других законодательных документов. Весьма важно прививать будущим офицерам умение работать и взаимодействовать с гражданами, оперативно решать трудности, возникающие в зависимости от конкретной ситуации, предотвратить негативные поступки и преступления разного характера, добиваться доверия общества к органам внутренних дел, в том числе милиции.

Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон, выступая перед личным составом милиции Таджикистана на совещании сотрудников правоохранительных органов и силовых структур Республики Таджикистан, отметил: «Процесс обеспечения национальной безопасности в XXI столетии налагает на органы правоохраны и силовые структуры неизмеримо высокую ответственность, ставит перед ними сложнейшие задачи. Это требует обеспечения набора на службу в соответствии с профессиональными качествами и потребностями специалистов в конкретном региональном подразделении с учётом возможностей разрешения социальных потребностей. Следует внедрять проведение конкурсных наборов сотрудников из числа выпускников других учебных заведений, практиковать набор на службу молодых людей по личным и профессиональным качествам» [5, с. 65].

Опыт научно-педагогической работы в качестве преподавателя Академии МВД Республики Таджикистан позволили автору этих строк выявить современные тенденции в контексте формирования системы профессионального образования сотрудников МВД в Таджикистане, разработать формы и способы подготовки кадров, выявить специфику профессиональной их деятельности, выявить главные направления работы с будущими кадрами в органах внутренних дел страны. Все это, в конечном счете, отвечает потребностям общества и возможностям организации и обеспечения квалифицированной профессиональной подготовки будущих кадров.

На наш взгляд, одним из главных моментов современной ситуации с деятельностью отечественной милиции состоит в том, что следует продолжить работать в направлении

поиска эффективных и современных технологий управленческой стратегии в сфере органов внутренних дел, найти оптимальные пути совершенствования механизмов деятельности системы подготовки кадров для данной сферы. Постановка настоящей проблемы диктуется в свете актуальных задач, зафиксированных в новой Программе реформирования милиции РТ на период 2021-2025 годов. Безусловно, приоритетным и ключевым моментом является ориентация сотрудников органа внутренних дел на обеспечение благополучия человека как высшей ценности и главного источника развития общества.

ЛИТЕРАТУРА:

1. Назаров Н.Д. Нормативно-правовая основа деятельности органов внутренних дел Таджикистана по соблюдению законности и правопорядка // Вестник педуниверситета.- Душанбе: 2004. №,8. - С.75-91.
2. Назаров Н.Д. Организационно-правовые основы создания и развития таджикской милиции. - Душанбе: «ЭР-граф», 2009.-267 с.
3. Правовые основы регулирования взаимодействия МВД Республики Таджикистан с правоохранительными органами зарубежных стран. - Душанбе: МВД, 2009. - 304 с.
4. Рахмонов Э. Главное-верховенство закона. - Душанбе: «Ирфон», 1999. - 95 с.
5. Рахмонов Э. Наша цель - единство, согласие, созидание. - Душанбе: «Ирфон», 2010. - 160 с.
6. Саймуддинов Ш. Академия МВД Республики Таджикистан. Таджикская милиции: история и современность. - Душанбе: 2002. – 286 с.
7. Указ Президента Республики Таджикистан от 19 марта 2013 года «Стратегия реформы милиции на 2013-2020 годы».

РЕФОРМИРОВАНИЯ МИЛИЦИИ – ЖИЗНЕННАЯ НЕОБХОДИМОСТЬ СОВРЕМЕННОЙ ТАДЖИКСКОЙ ГОСУДАРСТВЕННОСТИ

Автором статьи сделана попытка раскрыть цели, приоритеты и меры по реформе милиции в Таджикистане, после того как было принято решение продлить сроки реформы милиции. Разработанная в этом контексте стратегия направлена на определение целей, приоритетов и мер по реформированию и развитию милиции, реализация которых способствует решению важных задач социально-экономического развития Таджикистана, отвечает основным приоритетам Национальной стратегии развития Республики Таджикистан.

Автор приходит к выводу, что обоснованный принципиально новый подход к функционированию органов внутренних дел, в том числе милиции, с учетом мирового опыта, уроков и выводов прошлых этапов деятельности милиции, сложившихся реалий и перспектив её развития, не потерял свое предназначение и сегодня. Приоритетными направлениями сферы, по мнению автора, по-прежнему, являются качественное обновление системы подготовки и воспитания кадров, совершенствование нормативно-правовой базы кадровой работы. Профессиональная подготовка сотрудников милиции основывается на фундаментальных ценностях демократии, верховенства закона, защиты прав человека и гражданина. Существенное внимание уделяется повышению эффективности системы служебной, боевой, физической и морально-психологической подготовки личного состава путем укрепления её материально-технической базы.

Ключевые слова: *милиция, реформа, стратегия, приоритет, закон, подготовка, личный состав, офицер, профессионализм, ценности, этика, поведение.*

ИСЛОҲОТИ МИЛИТСИЯ ЯК ЗАРУРАТИ ҲАЁТАН МУҲИМИ ДАВЛАТДОРИИ МУОСИРИ ТОҶИКОН АСТ

Муаллифи мақола кӯшиш кардааст, ки ҳадафҳо, афзалиятҳо ва тадбирҳои ислоҳоти милитсия дар Тоҷикистонро, пас аз қабули қарор дар бораи тамдиди мӯҳлати ислоҳоти милитсия ошкор созад. Стратегияи дар ин замина таҳияшуда ба муайян намудани ҳадафҳо, афзалиятҳо ва тадбирҳои ислоҳот ва рушди милитсия нигаронида шудааст, ки татбиқи онҳо ба ҳалли вазифаҳои муҳими рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон мусоидат намуда, ба афзалиятҳои асосии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муаллиф ба хулосае меояд, ки муносибати асоснок ва принципан нав ба фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, аз ҷумла милитсия бо назардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ, сабақ ва хулосаҳои марҳилаҳои гузаштаи фаъолияти милитсия, воқеияти имрӯза ва дурнамои рушди он. , имруз максади худро гум накардааст. Самтҳои афзалиятноки соҳа, ба гуфтаи муаллиф, ҳанӯз ҳам аз ҷиҳати сифатан навсозии системаи таълиму тарбияи кадрҳо, такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии кори кадрҳо мебошанд. Тайёрии касбии кормандони милитсия ба арзишҳои бунёдии демократия, волоияти қонун ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд асос ёфтааст. Ба баланд бардоштани самаранокии системаи хизмат, тайёрии чангӣ, чисмонӣ ва маънавӣ ва психологии кадрхо бо рохи мустахкам намудани базаи моддию техникии он диккати калон дода мешавад.

Калидвожаҳо: *полис, ислоҳот, стратегия, афзалият, қонун, омӯзиш, кадр, афсар, касбият, арзишҳо, ахлоқ, рафтор.*

POLICE REFORM IS A VITAL NECESSITY OF MODERN TAJIK STATEHOOD

The author of the article made an attempt to reveal the goals, priorities and measures for police reform in Tajikistan, after it was decided to extend the time frame for police reform. The strategy developed in this context is aimed at identifying goals, priorities and measures for reforming and developing the police, the implementation of which contributes to solving important tasks of the socio-economic development of Tajikistan and meets the main priorities of the National Development Strategy of the Republic of Tajikistan.

The author comes to the conclusion that a well-founded, fundamentally new approach to the functioning of internal affairs bodies, including the police, taking into account world experience, lessons and conclusions from past stages of police activity, current realities and prospects for its development, has not lost its purpose today. The priority areas of the sphere, according to the author, are still a qualitative update of the system of training and education of personnel, improvement of the regulatory framework for personnel work. The professional training of police officers is based on the fundamental values of democracy, the rule of law, and the protection of human and civil rights. Significant attention is paid to increasing the efficiency of the system of service, combat, physical, moral and psychological training of personnel by strengthening its material and technical base.

Key words: *militia, reform, strategy, priority, training, law, personnel, officer, professionalism, values, ethics, behavior.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Давлатшоева Азиза мудири кафедраи забонхои факултети раками 2-и Академияи ВКД, полковники Милитсия, номзади илмҳои педагогии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. e-mail: azizadavlat@mail.ru*

Сведения об автор: *Давлатшоева Азиза начальник кафедры язиов факультета №2 Академи МВД Республики Таджикистана,полковник милитции, кандидат педагогических наука,Академия МВД Республики Таджикистана город Душанбе e-mail: azizadavlat@mail.ru*

Information about the author: *Davlatshoeva Aziza Head of the Department of Languages, Faculty No. 2 Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Colonel of Milmtsia, Candidate of Pedagogical Sciences, Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Dushanbe e-mail: azizadavlat@mail.ru*

ТДУ 372.851

ТАҶРИБАИ ПЕДАГОГӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ МУҲИММИ ФАЪОЛИЯТИ КАСБИИ ДОНИШҶӮЁН

Холиқов У. Б.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Асри XXI, асри босуръат рушдёбии технология ва коммуникатсия мебошад, ки барои сохтори муносибатҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа шароити нав муҳайё месозад. Вай нисбат ба фаъолияти тамоми низоми мавҷудаи маориф, аз муассисаи томактабӣ то таҳсилоти олии касбӣ талаботи нав ба нав мегузорад. Бинобар ин, бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи маънавии ҷомеа дар замони муосир омода намудани мутахассисони соҳибкасбе зарур аст, ки ҷиҳати ҳалли масъалаҳои гуногун зуд қарорҳои дуруст қабул карда, мақсади худро ба таври фасеҳ баён намуда, эҷодкорона фикр карда тавонанд, моҳияти масъалаву мушкилотро дарк намоянд ва қобилияту салоҳияти хуби ташкилотчигӣ дошта бошанд. Вобаста ба ин, дар тайёрии касбии муаллими оянда ба таълими масоили назариявӣ маҳдуд нашуда, таваҷҷуҳи бештар бояд ба таҷрибаомӯзӣ равона карда шавад, зеро амалӣ сохтани чунин шакли кор дар худ фаъолияти таълимӣ, илмӣ-тадқиқотӣ ва истеҳсолиро бояд муттаҳид созад.

В.М. Монахов принсипҳои ташаккули касбии муаллими ояндаро ба таври зайл муайян кардааст:

-пуррагӣ;
-мутобиқат;
-ягонагии мақсаднок;
-самти умумии касбӣ;
-мазмуни фаннӣ,
-афзалияти натиҷаҳои умумии таълим,
-бароҳатӣ,
-ягонагии назария ва амалия [7, с 18-21].

Мо татбиқи принсипҳои мазкурро дар ташаккули касбии муаллими ояндаи математика муҳим мешуморем. Тайёрии муаллимони математика тавассути аз худ намудани назария ва амалияи таълим ва ташаккули салоҳиятҳои касбии дахлдор амалӣ карда мешавад. Баррасии масъалаи мафҳуми «салоҳият» дар корҳои илмӣ – тадқиқотии бисёр муҳаққиқони соҳаи педагогика, психология ва методикаи таълим бахшида шудааст. Чунончи, Г.К. Селевко салоҳиятро ҳамчун сифатҳои ҷудонашавандаи шахсият, ки дар қобилиятҳои ӯ зимни аз худ

намудани донишҳо ва ҳосил намудани малакаҳо, ки бо таҷрибаомӯзӣ асос ёфта, дар раванди таълим ба даст оварда шудааст, ошкор намудааст [15].

Е.И. Огарев бошад, пешниҳод мекунад, ки салоҳият як категорияи баҳодиҳӣ буда, шахсро ҳамчун субъекти фаъолияти махсус тавсиф мекунад, ки дар он рушди қобилиятҳои ӯ имкон медиҳад, ки вазъиятҳои проблемавиро ҳал карда, ҳадафҳои пешбинишударо бомуваффақият ҳал карда, ҳангоми дарки фаъолонаи таҷрибаи дигарон, натиҷаҳои бадастомада ва қобилияти ворид кардани ислоҳот ба раванди ноил шудан ба ҳадафҳо масъул бошад [13].

Аксарияти муаллифон мафҳуми «салоҳият»-ро ҳамчун омодагии шахс ба фаъолияти муваффақ тавсиф намуда, ҷузъҳои зерини онро таъкид мекунанд:

-омодагӣ ба қабули қарорҳои зарурӣ;

-қобилияти бартараф кардани нобоварӣ нисбат ба худ;

-қобилияти муайян кардани роҳҳои беҳтари ноил шудан ба мақсадҳои гузошташуда;

- қобилияти инъикос кардан.

Л. Митина дар доираи салоҳияти касбӣ омезиши мутаносибии донишҳои фаннии тахассусӣ, методикаи таълим ва дидактика, инчунин маданияти муошарати педагогиро низ пешниҳод мекунад [6].

Дар раванди тайёр кардани муаллимони босалоҳияти математика таҷрибаи педагогӣ нақши муҳим дорад, ки онро асоси таҷрибавии фаъолияти ояндаи омӯзгорӣ арзёбӣ кардан мумкин аст. Дар ин ҷо тайёрӣ ба фаъолияти омӯзгорӣ, дар амал татбиқ намудани дониш ва маҳорати касбии ҳосилнамуда, гузоштани қадамҳои нахустин дар доираи ихтисоси интихобнамуда ва касби оянда, ки нақши муҳимми ҷамъиятӣ низ дорад, дар назар дошта мешавад.

Барномаи таҳсилотӣ аз руи самт (ихтисос)-и 1-020501 – Математикаи ташаккули салоҳиятҳои зеринро дар муаллимони оянда ҳангоми таҷрибаи омӯзгорӣ муайян мекунад: умумифарҳангӣ, умумикасбӣ ва касбӣ [1, 10-12].

Салоҳияти умумифарҳангӣ (СУФ)

-асосҳои фанҳои гуманитарӣ ва ҷамъиятӣ, методҳо ва тарзу роҳҳои таҳлили фалсафии масъалаҳоро, шаклҳо ва методҳои таҳсилоти илмиро медонад (СУФ 3);

-нуқтаи назари худро мустақилона ифода карда метавонад, тафаккури мантиқӣ дорад, мусоҳиботи расмӣ, муҳокимаҳои маънавию ахлоқиро бурда метавонад, принсипҳои ахлоқию зебоифаҳмиро риоя менамояд (СУФ 4);

-донишҳои гуногуни шаклҳои тафаккур ва малакаҳои истифодаи онҳоро дар вазъиятҳои мухталиф дар мувофиқа бо талаботи педагогӣ ва сиёсӣ намоиш дода метавонад СУФ 5;

Салоҳияти умумикасбӣ (СУК)

-фаъолияти таълимию омӯзгориро дар сатҳи муассисаҳои миёнаи умумӣ ба нақша гирифта метавонад (СУК 1);

-қонуниятҳо ва хусусиятҳои рушди хонандагонро медонад, тафовут ва талаботи махсуси онҳоро (масалан, услуби омӯзиш, истеъдод ва ғ.) гурӯҳбандӣ карда метавонад (СУК 2);

-принсипҳои таълим ва тарбияи омӯзгориро дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳиб аст (СУК 3);

-ба хонандагон қобилияти маслиҳат доданро дорад ва бо падару модарон доир ба фаъолияти таълимӣ ҳамкорӣ менамояд (УК) 4;

-малакаҳои заминавии мушоҳида, тасвир ва таҳлили машғулиятҳоро дорост (СУК 5);

-бо кодекси ахлоқи омӯзгор шинос буда, нақши омӯзгорро ҳамчун мураббии арзишманд эътироф намуда, барои рушди арзишҳои мактабӣ талош меварзад (СУК 6);

-усули муошарати педагогиро медонад ва онро дар вазъиятҳои иртиботӣ аз нуқтаи назари мақоми омӯзгор ба кор бурда метавонад (СУК 7);

-методикаи таълими математикаро аз худ карда, дар дарачаҳои мухталифи таълим онро татбиқ карда метавонад (СУК 8);

-дорои малакаҳо ва методҳои тадқиқотӣ, аз ҷумла роҳҳои тадқиқотӣ ва банақшагирӣ, ахлоқи маърифатӣ, малакаҳои хаттӣ ва таҳлилӣ, иртибот ва робита, мебошад (СУК 9).

Салоҳияти касбӣ (СК)

-малакаи таълим додани силсилаи фанҳои математикаро соҳиб аст (СК 2);

-дониш ва қобилияти худро дар тадриси хонандагон зимни равандҳои математикӣ ва барои ҳалли мисолу масъалаҳо нишон дода метавонад (СК 3);

-ба хонандагон муҳокима рондан ва аз нуқтаи назари математика мубоҳиса оростан,

сохтани қолабҳои математикиро меомӯзонад (СК 4);

-назарияҳои математикиро асоснок карда метавонад, таҷрибаву фарзияҳоро тавсиф медиҳад (СК 5);

-хусусиятҳои амалӣ намудани қонунҳо, қолабҳо ва ҳалли масъалаҳои мушаххаси математикиро медонад (СК 6).

Таҷрибаомӯзии педагогӣ шарти муҳимтарини ташаккули омодагии касбӣ мебошад ва дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№ 8, 10,11,12,44 шаҳри Душанбе, ки бо онҳо донишгоҳ шартнома дорад, баргузор карда мешавад. Дар таҷрибаомӯзии педагогӣ омодагӣ ба фаъолияти педагогӣ, татбиқи дониш ва малакаҳои касбии бадастомада, ворид шудан ба касби оянда, азхудкунии нақши иҷтимоии худ сурат мегирад.

Якчанд вазифаҳоеро, ки таҷрибаомӯзии педагогӣ иҷро мекунад, қайд мекунем:

-мутобиқшавӣ: донишҷӯ дар муҳити воқеии омӯзишу тарбия фаро гирифта шуда, дар он тамоми имконият ва душвориҳои таълимро аз сар мегузаронад;

-таълимӣ: донишҷӯ дониши назариявии дар донишгоҳ гирифтаашро, воқеан, амалӣ намуда, моҳияти касби интихобкардаашро тадриҷан дарк мекунад;

-тарбиявӣ: донишҷӯ ҳангоми гузаронидани корҳои тарбиявӣ ва беруназсинфӣ рафтор ва услуби фаъолияти ояндаи худро ташаккул медиҳад;

-инъикоскунанда: донишҷӯ дар дохили раванди таълим бо хонандагон ва коллективи педагогӣ муошират карда, дурустии интихоб, имконпазирӣ ё имконнопазирии идомаи фаъолияти педагогиро дарк мекунад.

Ин вазифаҳо, ба назари мо, ба ташаккули омодагии донишҷӯён ба муошират бо хонандагон, муаллимон ва роҳбарони таҷрибаомӯзӣ таъсир мерасонанд.

Дар ихтисосҳои факултети математика ва информатикаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ таҷрибомӯзии фаъоли педагогӣ дар ихтисосҳои алоҳида дар курси сеюм ва чорум ва дар ихтисосҳои ҳамгиро дар курси чорум ва панҷум амалӣ карда мешавад.

Пеш аз ин, дар се соли аввал донишҷӯён аз таҷрибаомӯзии ғайрифаъол мегузаранд, ки дар давоми он онҳо дарси математикаро дар мактабҳои миёна мушоҳида мекунанд, инчунин бо хонандагони мактабҳо машғулиятҳои беруназсинфӣ мегузаронанд.

Таҷрибаомӯзӣ дар курсҳои поёнӣ муттасил буда, дар давоми семестр давом мекунад. Муттасилии таҷрибаомӯзӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки коллективи педагогӣ ва хонандагонро хуб омӯзанд, бо онҳо муошират намоянд, бо масъулият бошанд. Ин ба онҳо имконият медиҳад, ки пешрафту натиҷаҳои ҷараёни таълимро таҳлил намоянд.

Ҳадафҳои таҷрибаомӯзӣ бо пешравии донишҷӯён тавассути курсҳо тағйир меёбанд. Дар ибтидо вазифаи асосӣ аз он иборат аст, ки хонандаро фаҳмида, тарзи бо ӯ муошират карданро ёд гиранд. Донишҷӯён ба роҳбарони синфҳо барои ташкил ва гузарондани машғулиятҳои синфӣ ва беруназсинфӣ ёрӣ мерасонанд. Муаллимони фаннӣ ба интизоми синф назорат мекунанд. Мушоҳидаи ҳаёти мактаб дар раванди таълим ба ислоҳи андешаи кори омӯзгор, муносибат бо хонандагон ва касби интихобшуда мусоидат мекунад.

Дар марҳилаи навбатӣ дар назди донишҷӯён вазифа гузошта мешавад, ки сохтори дарсро дарк намуда, ташкили онро ҳис кунанд. Онҳо дар бораи рафти ҳар як дарси иштирок карда муфассал қайд карда, ҳамроҳи муаллим ҳар як марҳиларо таҳлил мекунанд. Дар баъзе мавридҳо муаллимони фанҳо ба донишҷӯён имконият медиҳанд, ки дафтарҳои талабагонро тафтиш кунанд. Донишҷӯён дар бораи ҳамкории педагогӣ тасаввур пайдо мекунанд.

Пас аз анҷоми ҳар як марҳилаи таҷрибаомӯзӣ, донишҷӯён ҳуҷҷатҳои ҳисоботиро пешниҳод мекунанд. Масалан, дар соли дуюм ба ғайр аз дафтарчаи қайди дарсҳо ва чорабиниҳои иштирокдошта дар бораи касби омузгорӣ бо унвони тахминии «Ман муаллими математика» ё «Касби ояндаи ман» реферат менависанд.

Дар курси сеюм ва чорум, чунон ки қайд карда будем, даври фаъоли таҷрибомӯзии педагогӣ оғоз меёбад. Дар ин ҷо вазифаҳои курсҳои қаблӣ амиқтар амалӣ карда мешаванд, инчунин барои дарсҳои пешбинишуда асноди зарурӣро таҳия карда, дар асоси онҳо машғулиятҳои таълимӣ гузаронида мешаванд. Донишҷӯён дар ҷараёни дарсҳои мустақилона гузаронидаашон методҳо ва технологияҳои ташкил ва баргузор намудани раванди таълимро меомӯзанд ва онҳоро дар амал истифода мебаранд.

Дар ҳар як марҳилаи таҷрибаомӯзӣ ба инкишофи қобилияти мушоҳидакорӣ ва таҳлилгароии донишҷӯён диққати махсус дода мешавад. Онҳо на танҳо дарсҳо ва чорабиниҳои гузаронидашударо тавсиф мекунанд, рӯзнома ва рӯзномаи таҷибаомӯзиро ба роҳ мемонанд, балки дар раванди таҷрибаомӯзӣ мушкилиҳои пешомада ва роҳҳои ҳалли онҳо, муносибат бо хонандагон, роҳбарони таҷрибаомӯзӣ ва маъмурияти муассисае, ки дар он таҷрибомӯзиро мегузаранд, ба нақша мегиранд ва бартараф месозанд. Онҳо вобаста ба

масъалаҳои зерин дар рӯзнома қайдҳои худро мегузоранд [14, с 4-5]:

-ҳангоми омода кардан ва гузаронидани дарсҳо чӣ мушкилот пеш омад?

-барои фаъол гардонидани донишҷӯён, ба назари шумо кадом методу усулҳоро метавон истифода кард?

-ба фикри шумо, дар раванди таълим муносибати тафриқавиро чӣ тавр ҷорӣ кардан мумкин аст?

-ба фикри шумо, ғояҳои хамкориро дар синф ва берун аз синф чӣ тавр амалӣ кардан мумкин аст?

-кадом технологияҳои таълимии фаъолро ба назари шумо дар дарс истифода бурдан мумкин аст?

-шумо ба мактаб ба кор меравед? Чаро?

-ба фикри шумо, барои кор кардан аз руи ихтисосатон чӣ зарур аст?

-дар дарсҳои методика ва педагогика чиро омӯхтед, ки дар таҷрибаомӯзии педагогӣ ба шумо муфид буд?

-ташкилкунандагони таҷрибаомӯзии педагогӣ ҳангоми дар курсҳои боло гузарондани он бояд ба чӣ диққат диҳанд?

-дар вақти тайёрӣ ба таҷрибаомӯзии педагогӣ донишҷӯён ба чӣ бояд диққат диҳанд?

-дар раванди таълим ба кадом мушкилот дучор шудед? Шумо аз чӣ хурсандед? Шумо чиро тағйир додан мехоҳед?

-хулоса ва пешниҳодҳои умумӣ оид ба омодагии назариявӣ ва амалии донишҷӯён ба кори мустақилонаро қайд намоед.

Дар ҷамъбасти таҷрибаомӯзии фаъоли таълим конференсияҳои ҷамъбастии донишҷӯён гузаронида мешаванд, ки дар онҳо методистон ва гурӯҳҳои хурди ҳар як мактаб баромад мекунанд, намоиши беҳтарин асарҳои талабагон ташкил карда, конспектҳои дарс, корҳои беруназсинфӣ, асбобҳои аёнӣ намоиш дода мешаванд. Ҳар як гурӯҳи хурд гузориши худро дар шакли рӯнамо (презентатсия)-и эҷодӣ ҳимоя мекунад: видеороликҳо аз ҳаёти мактаб, талабагон, таҷрибаомӯзон намоиш дода, унсурҳои беҳтарини дарсҳоро нишон медиҳад. Донишҷӯён дар бораи он фикр мекунанд, ки чӣ ба даст оварда шудааст ва чӣ ба даст оварда нашудааст. Роҳбарони таҷрибаомӯзӣ, ки дар мактабҳои вобасташуда таҷрибаомӯзонро роҳбарӣ мекунанд, дар бораи фаъолияти донишҷӯён дар таҷрибаомӯзии педагогӣ гузориш медиҳанд. Баҳоҳои ҷамъбастӣ бо назардошти ҳамаи намудҳои фаъолияти донишҷӯён дар давоми таҷрибаомӯзӣ, инчунин баҳоҳои кори таълимӣ ва тарбиявӣ ва психологӣ муайян карда мешаванд.

Ҷавобҳои донишҷӯёнро дар робита ба саволҳои гузошташуда таҳлил карда, бояд қайд кард, ки баробари гузаштан аз марҳилаҳои таҷрибаомӯзӣ, қобилияти онҳо дар баҳодиҳии холисона ба имконияту дастовардҳои худ ва гузаронидани таҳлилҳо тадричан меафзояд. Ҳамин тавр, дар марҳилаҳои аввал бархе аз донишҷӯён набудани таҷҳизоти мултимедиявиро дар синфхонаҳо мушкилӣ дар омодагӣ ва гузаронидани дарсҳо номиданд ва ё як қисми душвориҳоро онҳо муайян карда натавонистанд. Дар марҳилаи ниҳоӣ онҳо, аллакай метавонанд душвориҳои дидактикӣ ва методиро, ки дар наздашон ба миён меоянд, равшан муайян кунанд, масалан, интихоби суръати оптималии дарс, тақсимоти дурусти вақт барои марҳилаҳои дарс ва ғайра. Таҳлили муфассали саволномаҳои донишҷӯён барои муайян кардани проблемаҳои асосие, ки ҳангоми тайёрии касбии муаллимони ояндаи математика ба вуқуъ меоянд, ёрӣ мерасонад.

Аз таҳлилҳои боло бармеояд, ки тибқи нашаҳои таълимии амалкунандаи ихтисосҳои донишгоҳ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ қаблан таҷрибаомӯзӣ дар шакли ғайрифаъол ва дар марҳалаҳои баъдӣ дар шакли фаъол роҳандозӣ мегардад. Таҷрибаомӯзӣ дар марҳалаҳои фаъол ҷиҳати ба вуҷуд омадани қобилияту салоҳиятҳои касбии омӯзгорони ояндаи фанни математика мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, бояд гуфт, ки таҷрибаомӯзии педагогӣ барои омӯзгори ояндаро дар доираи касби интихобнамудааш ҳавасманд намудан заминаи мусоид ба вуҷуд оварда, дар такмил ва рушди маҳорат ва малакаву салоҳиятҳои касбии ӯ нақши муҳим мебозад.

АДАБИЁТ:

1. Барномаи таҳсилотӣ аз руи самт (ихтисос)-и «1-020501-Математика». ДДОТ ба номи С. Айнӣ. – Д., 2022. - 54 с.

2. Блох, А.Я., Гусев В.А., Дорофеев Г.В. и др. Методика преподавания математика в средней школе: Частная методика: Учебное пособие для студентов пед. ин-тов по физ.-мат. спец.: Сост. В.И. Мишин. –М: Просвещение, 1987. - 416 с.

3. Весна, Е.Б. Профессионально-педагогическая практика. Учебно-методическое пособие. – М.: Московский психолого-социальный институт; Воронеж: Издательство НПО «МОДЭК». 1999. - 80 с.
4. Игонина, Т.Б. Формирование профессиональной компетентности студентов в условиях педагогической практики [Текст]: дис. канд. пед. наук. - Кемерово. 2001. - 262 с.
5. Крюкова, Т.А. Формирование профессиональной компетентности будущего учителя в процессе педагогической практики [Текст]: дис. канд. пед. наук. – Волгоград: 2004. - 186 с.
6. Митина, Л. М. Учитель как личность и профессионал (психологические проблемы). - М.: Флинта, 1994. - 215 с.
7. Монахов, В.М. Технология проектирования траектории профессионального становления будущего учителя // Педагогическая технология академика В.М. Монахова. Волгоград; М.: Перемена, 1988. - 83 с.
8. Нугмонов, М., Алиев С., Умаров У., Сайфуллоев Х., Холиқов У., Самиев Б. Барномаи таҷрибаомӯзии педагогӣ. - Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2017. - 25 с.
9. Нугмонов, М. (М. Нуъмонов). Пайдарҳамии таълими математика дар мактаби таҳсилоти умумӣ. - Душанбе: АИП, 2005. - 168 с.
10. Назарова, И.В., Шайдуллина Г.Ф. Педагогическая практика как одна из составляющих профессиональной компетентности будущего учителя-логопеда // Современные проблемы науки и образования. - 2014. - №3 - С.174.
11. Нугмонов М., Шарипов Қ. Роҳу усулҳои психологию-педагогии санчиши салоҳиятнокии донишҷӯён // Маводи конференсияи илмӣ-амалии Ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Нақши таълими фанҳои умумитехникӣ дар рушди саноаткунонии Ҷумҳурӣ" Бахшида ба 25-солагии Ваҳдати Миллӣ, 30-солагии иҷлосияи 16-уми тақдирсози шурои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 75-солагии устоди кафедраи методикаи таълими технологияи ва соҳибкорӣ, Сайфудинов М. Д.: 2022. 374-383 саҳ.
12. Оганесян, Е.В. Культурогическая модель педагогической практики студентов (опыт построения). –М.: 2004. -176 с.
13. Огарёв, Е.И. Компетентность образования: социальный аспект. - СПб.: РАОИО, 1995.
14. Рӯзномаи таҷрибомӯзии педагогӣ. ДДОТ ба номи С. Айнӣ. –Д.: 2017. – 64 с.
15. Селевко, Г.К. Компетентности и их классификация // Народное образование. - 2004. - № 4. -138-144.

ТАҶРИБАИ ПЕДАГОГӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ МУҲИМИ ФАЪОЛИЯТИ КАСБИИ ДОНИШҶӮЁН

Дар мақола системаи ташкили таҷрибаомӯзии педагогӣ барои донишҷӯёни ихтисоси математикаи факулети математика ва информатикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ки омили пайвасткунандаи таҳсил дар донишгоҳ ва кор аз руи ихтисос дар оянда мебошад, оварда шудааст. Таъкид карда мешавад, ки донишҷӯёни ихтисоси мазкур тибқи барномаҳои таҳсилотӣ ва нақшаҳои таълимӣ дар МТМУ-ҳои ш. Душанбе бо ду шакли таҷрибаомӯзӣ: пассив ва фаъол рӯ ба рӯ омада, тавассути ин шакли фаъолият донишу маҳорат ва малакаҳои ҳосилнамудаашонро татбиқ намуда, тадричан ба гирифтани қобилияту салоҳиятҳои касбӣ ноил мегарданд. Омили муҳимме, ки дар назди раванди таълим ва фаъолияти педагогӣ дар шакли таҷрибаомӯзӣ ба шумор меравад, ин ҳамбастагии се навъи салоҳиятҳо – умумифарҳангӣ, умумикасбӣ ва касбӣ ба шумор меравад. Муҳим будани онҳоро омӯзгори оянда дар ҷараёни фаъолияти худ бо хонандагони синни гуногуни мактабӣ, бо падару модарони онҳо, бо омӯзгорони мактаб ва бо методистоне, ки кори таҷрибаомӯзиро ташкил ва роҳандозӣ менамоянд, бевосита дарк менамояд.

Калидвожаҳо: *фаъолияти касбӣ, дониш, маҳорат, малака, қобилият, таҷрибаомӯзии педагогӣ, мушоҳида, технологияи таълим, методҳои фаъол ва муосири таълим, рушди касбии омӯзгори оянда, салоҳият, салоҳияти умумифарҳангӣ, салоҳияти умумикасбӣ, салоҳияти касбӣ, омӯзгори ояндаи математика.*

ПЕДАГОГИЧЕСКАЯ ПРАКТИКА КАК ОСНОВНОЙ ФАКТОР ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ СТУДЕНТОВ

В статье представлена система организации педагогической практики для студентов математической специальности факультета математики и информатики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, которая является связующим звеном между учебой в университете и работой по специальности в будущем. Подчеркивается, что студенты данной специальности согласно учебным программам и учебным планам в общеобразовательных учреждениях г. Душанбе сталкиваются с двумя формами практики: пассивной и активной, посредством этой формы деятельности внедряет полученные знания, навыки и постепенно добивается приобретения профессиональных способностей и компетенций. Важным фактором, стоящим перед учебным процессом и педагогической деятельностью является объединение трех видов компетенций – общекультурный, общепрофессиональный и профессиональный. Их актуальность непосредственно осознается будущим педагогом в процессе своей деятельности со учениками разного школьного возраста, с их родителями, с учителями школы и методистами, организующими и проводящими практику.

Ключевые слова: *профессиональная деятельность, знания, умения, навыки, способности,*

педагогическая практика, наблюдение, технология обучения, активные и современные методы обучения, профессиональное развитие будущего учителя, компетенция, общекультурная компетенция, общепрофессиональная компетенция, профессиональная компетенция, будущий учитель математики.

PEDAGOGICAL PRACTICE AS THE MAIN FACTOR OF PROFESSIONAL TRAINING OF STUDENTS

The article is expressed a system of organizing pedagogical practice for students of the math specialty of the Mathematics and Computer Science Faculty atthe Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, which is a link between studying at the university and future job by speciality. It is highlighted, that students of this specialty according to the curricula and teaching plan in comprehensive schools of the Dushanbe city is faced with two forms of practice: passive and active, through this form of activity it implements the acquired knowledge and skills and gradually achieves the acquisition of professional abilities and competencies. An important factor facing the educational process and pedagogical activity is the unification of three types of competencies – general cultural, general professional and professional. Their relevance is directly realized by the future teacher in the course of his activities with students of different school ages, with their parents, with school teachers and methodologists who organize and conduct practice.

Key words: *professional activity, knowledge, skills, abilities, pedagogical practice, observation, teaching technology, active and modern teaching methods, professional development of a future teacher, competence, general cultural competence, general professional competence, professional competence, future mathematics teacher.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Холиқов Умедҷон Бобоназарович - муаллими калони кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Суроға: 734003, ҶТ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Тел.: (+992) 917354714. Почтаи электронӣ: umedjon76@mail.ru*

Сведения об авторе:*Холиков Умеджон Бобоназарович - старший преподаватель кафедры методики преподавания математики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Адрес: 734003, РТ, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121. Тел.: (+992) 917 35 47 14. Электронный почта: umedjon76@mail.ru*

Information about the authors: *Kholikov Umedjon Bobonazarovich - Senior teacher of the chair of math teaching methodology, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Address 734003 Repablic of Tajikistan Rudaki even 121,(+992) 917 35 47 14 E-mail: umedjon76@mail.ru*

ТДУ:725(575.3)
М-24

ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТНОКӢ ВА САВОДНОКИИ ИҚТИСОДӢ ДАР ДОНИШҶӮЁНИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ

Миралиев .И. У.
унвончуи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ, гузариши иқтисод ба муносибатҳои нави бозаргонӣ ба сатҳи зиндагӣ, ба тарзи ҳаёти солим ва ҳифзи саломатӣ, ба сифати зиндагии ҳар як шаҳрванд талаботу дархостҳои навро пешниҳод карда, боиси зарурати муносибат нав ба масъалаи худтатбиқкунии иҷтимоӣ ва касбии шахсият гардидаанд.

Низоми маориф дар марҳилаи муосир ба таври динамикӣ, навоварона ва бошиддат рушд ёфта истодааст. Бозори меҳнат вазифаи нави ташаккул додани шахсияти фаъолеро ба миён мегузорад, ки барои татбиқи мақсадноки имкониятҳою маҳоратҳои худ саъйу кӯшиш мекунад. Бинобар ин дар назди низоми маорифи Тоҷикистон вазифаи рушд додани донишҳо ва саводнокии иқтисодии мутахассисони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш гузошта мешавад. Донишҳои иқтисодӣ яке аз абзорҳои аввали воситаи мутобиқгардии шахсият ба тағйироти иҷтимоию иқтисодӣ ба шумор рафта, ҳамчун усули рушди шахсият, паҳн кардани донишҳои иқтисодӣ, воситаи ташаккул додани сармояи инсонӣ мебошад.

Таҳлили таҳқиқоти педагогӣ ошкор карданд, ки майлу рағбати ибтидоӣ ва минбаъд ҳавасмандӣ ба омӯзиши фанҳои иқтисодӣ, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии тарбияи ҷисмонӣ ба шумори фанҳои ғайиравиявӣ дохиланд, аз ҳисоби интихоби мақсади муҳим - иҷтимоишавии бомуваффақият дар шароити муосири иҷтимоию иқтисодӣ ҳам пас аз хатм кардани таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олӣ, ҳам пас аз анҷом додани кареаи варзишӣ ҳангоми интихоби фаъолияти минбаъдаи иқтисодию тиҷоратӣ ташаккул меёбанд.

Ҳамин тавр, имрӯз барои баланд бардоштани сифатии омодасозии касбии хатмкунандагони муассисаи таҳсилоти олии тарбияи ҷисмонӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа баланд бардоштани салоҳиятҳои касбӣ мебошад, ки яке аз намудҳои он салоҳиятнокии иқтисодӣ ба шумор меравад. Ба таҳияи ин салоҳият тамоми ҷонибҳои

манфиатдор: корфармоёне, ки хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олиро ба кор қабул мекунанд, инчунин мақомоти вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявии идоракунии маориф, ки стандартҳои давлатии таҳсилотиро таҳия ва тасдиқ мекунанд; донишҷӯёнеро, ки ин соҳаро ҳамчун самти фаъолияти ояндаи касбии худ интихоб кардаанд, ҷалб кардан зарур мебошад.

Раванди таҳсилотиро дар муассисаи таҳсилоти олии тарбияи ҷисмонӣ мавриди баррасӣ қарор дода, салоҳиятҳори ба умумилмӣ, умумифаннӣ ва махсус тасниф кардан мумкин аст. Дар ин росто, салоҳиятҳои иқтисодии донишҷӯён низ метавонанд ҳам умумилмӣ, ҳам умумифаннӣ, ҳам махсус бошанд. Ин бевосита аз фанҳое, ки дар муассисаи таҳсилот таълим дода мешаванд, инчунин аз он, ки дар кадом соҳа - шахсӣ ё касбӣ - онҳо мавриди истифода қарор хоҳанд гирифт, вобаста мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки дар муассисаи таҳсилоти олии тарбияи ҷисмонӣ рушди салоҳияти иқтисодӣ тавассути таълими фавран якчанд фанҳои иқтисодӣ, ба монанди "Назарияи иқтисод", "Асосҳои иқтисод", "Асосҳои маблағгузорӣ, қарздиҳӣ ва андозбандӣ", "Иқтисоди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш", "Маркетинги тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш", "Менеҷменти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш" ба амал меояд.

Қайд менамоем, ки чунин фанҳо, ба монанди "Назарияи иқтисод", "Асосҳои иқтисод" ва "Асосҳои маблағгузорӣ, қарздиҳӣ ва андозбандӣ" ба рушди салоҳияти умумиилмии иқтисодӣ дар донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии тарбияи ҷисмонӣ нигаронида шудаанд. Онҳо донишҳои муайянро дар соҳаи иқтисоди умумӣ ташаккул медиҳанд: дар шароити муосири иқтисоди бозорӣ барои самтёбӣ имконият фароҳам оварда, маҳоратҳои ҳисоб кардани буҷети худ рушд дода шуда, вариантҳои имконпазири ба даст овардани маблағои иловагӣ, масалан, ба даст овардани қарз ё гузоштани маблағҳо ба банкҳо бо фоиз арзёбӣ карда шуда, дар ташаккули ақидаи шахсии худ нисбат ба ин ё он вазъияти иқтисолӣ ё сиёсати иқтисодии давлат иштирок мекунанд.

Фанҳое, ба монанди "Иқтисоди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш", "Маркетинги тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш" ва "Менеҷменти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш" дар ташаккули салоҳияти умумифанни иқтисодӣ иштирок мекунанд. Омӯзиши фанҳои мазкр ба донишҷӯи муассисаи тасҳилоти олии тарбияи ҷисмонӣ барои омодашавӣ ба фаъолияти ояндаи касбӣ кумак мекунад, зеро онҳо ба рушди донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳо дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш нигаронида шудаанд. Имрӯз соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш бо иқтисодиёт зич алоқаманд буда, чунин алоқамандӣ, дар навбати аввал, дар он зоҳир меёбад, ки соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба иқтисодиёти кишвар таъсири калон мерасонад, яъне дарозии миёнаи умр зиёд шуда, қоблияти кории аҳолӣ баланд шуда, сатҳи беморӣ коҳиш ёфта, муттаҳидӣ ва ҳамдилии аҳолии кишвар тавассути рушди ҳам чорабиниҳои тамошобоби варзишӣ, ҳам варзиши оммавӣ таъмин карда мешавад.

Дар навбати худ, иқтисодиёт низ ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш таъсир мерасонад. Ин дар маблағгузории соҳаи мазкур, бунёди иншоотҳои варзишӣ, баргузор кардани чорабиниҳои тарбияи ҷисмонию варзишӣ, омодасозии дастаҳои миллии варзишӣ, пардохти музди кори кормандони соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, таҳияи меъёрҳо ва стандартҳо, рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, рушди корхонаҳои саноати тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ва ғайра зоҳир мешавад. Ҳамин тариқ, донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳое, ки дар раванди азхудкунии фанҳои дар боло зикргардидаи иқтисодӣ ба даст оварда мешаванд, ба хатмкардани муассисаи таҳсилоти олии тарбияи ҷисмонӣ имкон медиҳанд дар масъалаҳои танги ихтисосии фаъолияти касбии худ босалоҳият бошад.

Ҳамин тавр, масалан, фанни "Иқтисоди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш" ба ташаккули додани салоҳияти махсуси иқтисодие нигаронида шудааст, ки бо истифодаи донишҳои гирифташуда дар соҳаи иутисоди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш маҳдуд мешавад. Ин салоҳият дар қобилият ва омодагии донишҷӯ ба истифодаи донишҳои гирифташуда дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, дар қобилияти тартиб додани буҷети ташкилоти мушаххас ё чорабинии варзишӣ, дар таҳияи чорабиниҳо доир ба таъмини даромаднокии мусобиқаҳои варзишӣ, дар қобилияти тартиб додани шартномаҳои варзишӣ ва муайян кардани андозаҳои эҳтимолии гонорари машқварзон ва варзишгарон, дар таҳияи чорабиниҳо оид ба ҷалб намудани сарпарастон ва ҳунарпарварон (месенеатҳо), дар проседураи муайян кардани нарх ба ин ё он хизматрасониҳои тарбияи ҷисмонию варзишӣ, дар маҳорати гузаронидани сегментатсияи бозори тарбияи ҷисмонию варзиш вобаста аз омилҳои демографӣ ва иҷтимоӣ ифода меёбад.

Хуллас, ташакули салоҳияти иқтисодӣ барои хатмкардаи муассисаи таҳсилоти олии тарбияи ҷисмонӣ яке аз омилҳои асосии тайёрӣ ба фаъолияти минбаъдаи касбӣ ба шумор меравад.

Бояд қайд кард, ки ташаккул ва рушди салоҳиятнокии иқтисодӣ дар донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии тарбияи ҷисмонӣ раванди марҳила ба марҳила буда, ҳалли ақал ду соли таҳсилро дар муасиссаи таҳсилоти мазкур дар бар мегирад. Он ташкили раванди таҳсилотӣ, рушди қобилиятҳои иқтисодӣ ва ташаккули маҳоратҳои молиявию иқтисодиро дар бар мегирад. Натиҷаи пешбинишаванда ташаккулёфтагии салоҳиятнокии иқтисодии сатҳи миёна мебошад.

Дар ибтидо саводнокии иқтисодиро аз ташаккул ва рушд додани салоҳиятнокии умумиилмии иқтисодӣ шуруъ кардан лозим аст, зеро он муайянкунанда буда, ташаккул ёфтани донишҷӯ ҳамчун шахрванди босавод, таҳсилотгирифта, масъулиятнок, коршоями мамлакат мусоидат мекунад. Ба ибораи дигар, салоҳияти умумилмии иқтисодӣ ба ташаккули шахсияти зудҳаракат, динамикӣ, дар зиндагӣ устуворшаванда, ки барои худтатбиққунӣ ва худрушддиҳӣ қобил аст, мусоидат мекунад. Дар марҳилаи дуюм салоҳиятнокии махсуси иқтисодиро ташаккул додан зарур аст, зеро он намуди асосии фаъолияти хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти олии тарбияи ҷисмонӣ ба ҳисоб меравад. Салоҳиятнокии махсуси иқтисодӣ дар давоми якуним соли таълим ташаккул ёфта, боздеҳи ҳадди аксари днишҷӯро ба раванди таҳсилотӣ пешбинӣ менамояд.

Дар марҳилаи ниҳоӣ назорати натиҷаҳои бадастомада гузаронида мешавад, ки аз санҷиш ва ташхиси на он қадар донишҳои назариявӣ, чӣ қадар аз малакаҳое иборат мебошад, ки аз ҷониби донишҷӯён дар раванди таҳсилотӣ дар сикли фанҳои иқтисодӣ касб карда шудаанд. Нишондиҳандаи асосии марҳилаи мазкур маҳоратҳои касбие мебошанд, ки донишҷӯён дар курси охири муассисаи таҳсилоти олии тарбияи ҷисмонӣ нишон медиҳанд.

Имрӯз таҳсилот бояд ба ноилшавӣ ба ду мақсади ба ҳам алоқаманд: муваффақиятнокии насли наврас дар шароити муосир ва худрушддиҳии инсон ҳамчун субеъкти фаъолият тамаркуз дода шавад. Барои ин таъмин намудани якпорчагии дурнамои касбӣ ва ҳаётии ҷавонон, ташаккул додани омодагии хатмкунандагон ба фаъолияти ояндаи касбӣ ва татбиқи мақсадҳои инфиродии ҳаётӣ зарур мебошад.

Ташаккули салоҳиятнокии иқтисодии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии тарбияи ҷисмонӣ ба рушди амсилаҳои нави рафтор дар соҳаи меҳнат, муносибати нав ба тайёрии касбӣ ва баланд бардоштани муҳимияти он, татбиқи неруи меҳнатӣ дар шаклҳои гуногуни шуғл имкон дода, ба равандҳои мутобиқшавии ҷавонон ба шароити нави иҷтимоию иқтисодии зиндагӣ мусоидат хоҳад кард.

Айни замон вусати фаъолияти мутахассиси соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар шароити нави иҷтимои иқтисодӣ, мавриди бозхост қарор гирифтани менҷерҳо аз ҷониби амалия дар ин соҳа, зоҳир шудани ҳавасмандӣ ва таваҷҷуҳи баланд дар хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ зарурати омодасозии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии тарбияи ҷисмониро ба фаъолияти касбӣ ҳамчун менеҷер муайян мекунанд [10, с. 26].

Дар ин росто бояд қайд кард, ки дар марҳилаи муосири муосркунонии таҳсилоти олӣ талабот ба сифати омодасозии менеҷерҳои дар муассисаҳои таҳсилоти олии тарбияи ҷисмонӣ таълимгиранда афзоиш ёфта истодаанд. Яке аз самтҳои баланд бардоштани сифати омодасозии касбии менеҷерҳои варзишӣ дар онҳо ташаккул додани муносибат ба муваффақият корӣ мебошад, ки ин гузаришро ба парадигмаи нави таҳсилот тақозо менамояд. Моҳияти парадигмаи нав аз таъмин намудани пешрафти босифат дар маърифат, рушди тафаккури ғайристандарӣ, эҷодкоронаи мутахассисон - менеҷерҳои ояндаи соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш иборат мебошад.

Механизми ҷорӣ кардани парадигмаи нав ба муҳити таҳсилотии таҳсилоти олии равиявӣ дар мутахассисони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ташаккул додани фарҳанги касбӣ мебошад, ки намудҳои: корӣ, ташкилӣ, соҳибкорӣ, менеҷериро дар бар мегирад. Маҳз ҳамин намудҳои фарҳангҳо имкон медиҳанд аз қолабҳои идоракунӣ раҳоӣ ёфта, тафаккури эҷодкорона ва қобилияти ҳал кардани доираи васеи вазифаҳо оид ба таъмини самараи синергетикӣ аз ҳисоби татбиқи неруи эҷодкоронаи шахсият рушд дода шаванд. Худи раванди таҳсилотии муассисаи таҳсилоти тарбияи ҷисмонӣ дар ин зимн хусусияти таҳлилӣ дошта, фаъолияти фикрӣ дар асоси дақиқан ифодаёфтаи муносибат ба муваффақияти корӣ дар фаъолияти касбӣ ташаккул меёбад [6, С.98-31].

Хотима ёфтани карераи варзишӣ барои хатмкардаи муассисаи таҳсилоти олии тарбияи ҷисмонӣ маънои оғози зиндагии мустақилонаро дар шароити муосири иҷтимоию иқтисодӣ дорад. Баъзеҳо афзал медонанд фаъолияти варзишии мураббигии худро дар намуди интихобкардаи варзиш идома диҳанд, дигариҳо бошанд, ширкати шахсии худро таъсис дода, ба аҳолӣ хизматрасоиҳои варзишӣ ва тарбияи ҷисмонию солимгардонӣ пешниҳод кунанд.

Барои бомуваффақият пеш бурдани бизнес на танҳо хоҳиш, исроркорӣ, қувваи ирода, ки дар аксарияти варзишгарон инҳо фаровон вуҷуд доранд, балки донистани қонунҳои иқтисодӣ, қонунгузории муосири соҳаи иқтисод, қоидаҳои бурдани баҳисобгирӣ ва тартиб додани ҳисоботдиҳии иқтисодӣ низ зарур мебошанд. Дар шароити иқтисоди бозорӣ ва дар маҷмуъ вазъияти бесуботи иқтисодӣ ба назар гирифтани он омилҳо муҳим мебошад, ки ба рушди бомуваффақият ва нашъунамои ширкатии шахсӣ, пеш аз ҳама, дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш таъсир мерасонанд. Ба чунин омилҳо талабот ва пешниҳод, сатҳи зиндагии мизоҷони эҳтимолӣ, низоми андозбандӣ мансуб мебошанд [3, С. 177-181; 4, с. 136-140; 7, с. 159-164; 8, с. 197-201].

Дар корҳои таҳқиқотии олимон-педагогҳо, ки ба таълими фанҳои иқтисодӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ғайриравиявӣ бахшида шудаанд, то вақти охир таваҷҷуҳи асосӣ ба ташаккули салоҳиятҳои махсус дар соҳаи иқтисодиёт, бе доштани маҳорати истифодаи салоҳиятҳои касбшуда дар соҳаи муносибатҳои иқтисодӣ зоҳир карда мешуд. Дар натиҷа, хатмкардаи муасиссаи таҳсилоти олии тарбияи ҷисмонӣ баъди хотима ёфтани кареаи варзишӣ, ки тасмим гирифтааст фаъолияти мураббигиро идома диҳад, ширкати шахсии худро таъсис дода, дар ҳаёти воқеӣ комилан оҷиз мемонад, зеро ӯ на ба шаклҳои мавҷудаи ташкилию ҳуқуқии корхонаҳо, на ба қонунгузории амалкунандаи андоз ва муҳосиботӣ сарфаҳм намеравад. Ӯ на фаъолияти молиявию хоҷагидориро дуруст ташкил карда метавонад, на ҳатто маҳорати тартиб додани нақшаи кории ширкат, ҳисоб ва пардохти андоз, тартиб додани ҳисоботдиҳии муҳосиботӣ (молиявӣ) ва омориро дорад.

Сабаби асосии муносибати саҳлангоронаи донишҷӯёни муасиссаҳои таҳсилоти олии тарбияи ҷисмонӣ ба омӯзиши фанҳои ғайриравиявӣ тезис дар бораи он аст, ки "фанҳои ғайриравиявӣ барои мо ҳеҷ гоҳ талаб карда намешаванд", ва фаромӯш месозанд, ки онҳо дар оғози роҳи зиндагии худ қарор доранд, ва чӣ чиз онҳоро дар оянда мунтазир аст, онҳо намедонанд. Аз ин рӯ, ба онҳо зарур аст пайваста рушд ёфта, доираи назари худро васеъ кунад, яъне тамоми ҳаёт таҳсил кунанд.

Дар назди ҳайати профессорону омӯзгорони кафедраҳои ғайриравиявии муассисаҳои таҳсилоти олии тарбияи ҷисмонӣ вазифаи ба донишҷӯён фаҳмонида додани аҳамияти омӯзиши фанҳои таълимӣ дар ин кафедраҳо, аз ҷумла фанҳои иқтисодӣ истодааст. Ҳалли ин вазифа танҳо бо кумаки методҳои педагогӣ имконпазир аст, яъне интихоб ва асоснок кардани шароити педагогие зарур аст, ки имкон медиҳанд ин вазифа ҳал карда шавад.

Раванди гузариш ба иқтисоди бозорӣ талаботҳоеро, ки ба омодасозии мутахассисони муосири сатҳҳои гуногун, аз ҷумла дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш пешниҳод карда мешаванд, ба таври назаррас тағйир дод. Айни замон рақобат дар бозори меҳнат бо равияи васеи омодасозӣ таъмин карда мешавад, ки на танҳои равияи махсуси марбут бо ташкили бевоситаи истеҳсолот, балки равияи иқтисодиро низ дар бар мегирад. Робитаҳои онҳо аён буда, муваффақияти фаъолияти истеҳсолотиро муайян мекунад.

Таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ нишон медиҳад, самти ояндадори рушди истеҳсолот соҳибкории хурд ва миёна ба шумор меравад. Тавре маълум аст, барои он универсалӣ будани мутахассисон - ташкилотчиёни истеҳсолот, ки ҳамзамон ҳамчун соҳибмулкон, коргарон, конструкторо, менеҷерҳо, технологҳо, муҳосибҳо, иқтисодчиён буда метавонанд, хос мебоошад. Аз ин рӯ, онҳо бояд дорои сатҳи баланди рушди зеҳнӣ ва кордонӣ, маҳоратҳои мушаххаси амалӣ ва тайёрии хуби махсус ва иқтисодиро бошанд. Ин, пеш аз ҳама, ба хаткунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ, кормандони ояндаи соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҳаётии ҷомеа, аз ҷумла дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дахл дорад.

Барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии тарбияи ҷисмонӣ вазифаи ташаккули салоҳиятнокии иқтисодӣ пеш аз ҳама бинобар масъулияти баланди иҷтимоии мутахассисони соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш муҳим ба шумор меравад. Фаъолияти бомуваффақияти самараноки касбии мутахассиси соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш зимни якҷоя кардани арзишҳои шахсиятӣ дар муносибатҳои иқтисодӣ бо арзишҳои иҷтимоӣ, ки дар натиҷаҳои фаъолияти таҳсилотӣ инъикос меёбанд, имконпазир мебошад.

Дар шароити муосир ташаккули салоҳиятнокии иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва иқтисодии мутахассисони равияҳои гуногун яке аз вазифаҳои муҳимтарин эътироф карда мешавад. Дар ин асно, К.С. Дорохина чунин мешуморад, ки барои ҳар як равияи омодасозӣ шароити махсус (интихоби технологияҳои таълим, мониторинги пайвасат ва ғайра)-ро фароҳам овардан зарур аст, ки самаранокии ташаккули салоҳиятнокии иқтисодиро таъмин хоҳанд кард [1, с. 45-47].

Ҳамин тавр, салоҳиятнокии иқтисодиро О.М. Шилова ҳамчун хусусияти сифатие мефаҳмад, ки аз тафаккури махсуси иқтисодӣ иборат буда, низоми салоҳятҳоро ташкил медиҳад [9, с. 147-151].

Слаоҳиятнокии иқтисодӣ, ба ақидаи И.Г. Яковлева, ба сохтори категорияҳои асосии таҳсилоти иқтисодӣ дохил шуда, аз сатҳи салоҳиятнокии касбӣ шаҳодат медиҳад [11, с. 57-62].

А.Ю. Мисаилов таъкид менамояд, ки салоҳиятнокии иқтисодӣ бояд ҳамчун натиҷаи таҳсилоти иқтисодии хатмкунандагон таъриф карда шавад. Онро дар намуди хусусияти ҳамигирои шахсиятӣ - фаъолиятие тасаввур кардан мумкин аст, ки низоми донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳои муайяни иқтисодӣ, инчунин сифатҳои муҳими шахсият, ангезаҳо, майлу рағбатҳоро дар мегирад, ки ин дар навбати худ рушди қобилият ва омодагиро барои истифодаи қарорҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ муассир ва мақсаднок дар фаъолияти касбӣ таъмин мекунад [2].

Ба ақидаи Ю.В. Пузиенко, салоҳиятнокии иқтисодӣ дорои хусусияти якпорча буда, дар асоси ташаккули он таҷрибаи иқтисодии инсон қарор дорад, ки дар раванди фаъолияти иқтисодӣ андӯхта мешавад [5].

Дар маҷмӯъ, аксарияти мафҳумҳо ҳамчун қобилияти истифодаи донишҳои илмӣ, ташаккул додани масъалаҳо ва мустақилона ёфтани усулҳои самарабахши ҳалли онҳо дар фаъолияти касбии худ" инъикос ёфтааст. Дар мақолаи муҳаққиқи руминӣ А. Наумеску ин таъриф ҳамчун "тахассусе, ки барои эътирофи касбияти шахс аз ҷониби ҷомеаи касбӣ ба таври кифоя баланд аст", мушаххас карда шудааст [13].

Муҳаққиқони олмонӣ К. Зигфрид ва Э. Вуттке қайд мекунанд, ки салоҳиятнокии иқтисодӣ - ин намуди асосии салоҳиятнокие мебошад, ки барои ноил шудан ба мақсадҳои ҳаётӣ ва рушди ҷомеа мувофиқан зарур мебошад [14, с. 65-86]. Аммо, мушкилоти ошкоршуда бо он фарқ мекунанд, ки як қисми хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ дорои салоҳиятнокии кофии иқтисодӣ набуда, ба ақидаи муаллифон, бо рушди аз ҷиҳати институтсионалӣ нобаробари иқтисодии кишварҳои пешрафта, динамикаи пешбининашавандаи рақамикунонӣ ва аксуламали ниҳодҳои иҷтимоӣ ба инноватсияҳо ва навовариҳои иқтисодӣ алоқаманд аст. Дар амал ин дар аксуламали ғайри саривақтии баръакси объектҳои таҳсилот ба инноватсияҳои таҳсилотӣ ифода меёбад, ки аксар вақт маҳорати зуд эҷод кардан, ҷорӣ кардан ва истифода бурдани амсилаҳои самарабахши ташаккули салоҳиятнокии иқтисодии донишҷӯёнро дар назар доранд.

Самти асосии омодасозии мутахассисони ояндаи соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба фаъолияти касбӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ ташаккул додани салоҳиятнокиҳои мета ва заминавӣ, салоҳиятнокии иқтисодӣ ва фарҳанги иқтисодӣ (заминавӣ ва касбӣ), омодагӣ ва қобилияти лоиҳакашӣ ва амалӣ гардонидани кареаи ояндаи касбии худ, маҳоратҳо ва малакаҳои амалӣ гарднидани фаъолияти касбӣ дар шароити минтақаи мушаххас, омодагӣ ва

Мазмуни фаъолияти ояндаи касбӣ дар раванди таҳсилоти касбии мутахассисони соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш бояд ташаккули дарки падидаҳои дар давлат бамалояндаро аз ҷониби мутахассисони оянда дар соҳаи фарҳанги ҷисмонӣ, низоми тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, соҳаи "тарбияи ҷисмонӣ", соҳаи митақавии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ташаккули шахсиятии фарҳанги ҷисмонӣ, инчунин омӯзиши технологияҳои мониторинг ва татбиқи мақсаддҳо ва вазифаҳои тарбияи ҷисмонии шахсият, низоми тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, соҳаи "тарбияи ҷисмонӣ", соҳаи минтақавии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, усули рушди иқтисоди соҳа, рушди шахсиятии тарбиягирандагонро таъмин намояд [10, с. 23].

Ба ақидаи мутахассиси соҳа М.М. Эбзеев, ташаккулёбии салоҳиятнокии мутахассисони ояндаи соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш бояд марҳилаҳои зеринро тай кунад:

Марҳилаи аввал омодасозии иқтисодии донишҷӯёни муассисаи тасҳилоти олии тарбияи ҷисмонӣ, ба онҳо интиқол додани донишҳои назариявӣ дар бораи иқтисоди шахсӣ, оилавӣ, омодасозии онҳо ба фаъолияти истеҳсолотию иқтисодӣ дар шароити намудҳои гуногуни моликият, гуногуннавъии шаклҳои ташкили меҳнат, шиноскунии ҷавононро бо асосҳои ҳимояи иҷтимоию иқтисоди дар шароити муносибатҳои ташаккулёбандаи бозаргонӣ дар бар мегирад.

Марҳилаи дуюм - омодасозии ақиқ кардашуда дар самтҳои соҳаи махсуси молиявию иқтисодии фаъолият мебошад.

Марҳилаи сеюм омодасозии касбиро доир ба тахассусҳои иқтисодӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар бар мегирад [10, 24].

Меъёрҳои омодагии кормандони ояндаи соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба фаъолияти касбӣ дар шароити муносибатҳои бозаргонӣ инҳо мебошанд: ташаккулёфтагии

фарҳанги заминавӣ ва касбии иқтисодӣ, самтёбии арзишию маъноӣ, муносибат ба фаъолияти касбӣ (усутворнокии ҳавасмандӣ ва таваҷҷуҳи касбӣ ва таркиби ҷузъӣ (зеҳнӣ, эҳсосотӣ, иродавӣ) - и он, ташаккулёфтагии маҳораҳои низомии ҳамгиро (гностикӣ, лоиҳавӣ, конструктивӣ, иртиботӣ, ташкилотчигӣ), донистани хусусиятҳои минтақа дар рушди соҳаи бозор, омодагӣ ба иштирок кардан дар рушди соҳаи бозор, эътирофи масъулияти шахсии худ барои кареаи касбӣ, омодагӣ ба таъмин намудани рақобат бо усули хушахлоқона [10, с. 20].

Ба назари мо, салоҳиятнокии иқтисодӣ аз мавҷуд будани донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳои дахлдор, зуҳуроти "Ман - консепсия" - и шахсият, танзимҳо, майлу рағбатҳо ва ангезаҳои касбӣ дар соҳаи иқтисод ва менеҷмент дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, тасаввурот дар бораи имкониятҳои худ дар фаъолияти иқтисодӣ, рефлексияи (инъикоси) натиҷаҳои фаъолияти иқтисодии худ ва фаъолияти муассиса иборат мебошад. Салоҳиятнокии иқтисодӣ дар худ дараҷаи ташаккулёфтагии намудҳои дигари салоҳиятнокиҳоро инъикос менамояд, гарчанде аз ташаккулёфтагии онҳо кам вобаста буда, асоси омодагии мутахассисони ояндаи соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро барои фаъолияти касбӣ ва зиндагӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ ташкил медиҳад [10, с. 20].

Таҳлили адабиёти илмӣ имкон медиҳад салоҳиятнокӣ ва саводнокии иқтисодӣ ҳамчун маҷмуи донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳои иқтисодӣ муайян карда шавад, ки аз худ кардани онҳо ба донишҷӯи муассисаи таҳсилоти олӣ имкон медиҳад қарорҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснокро дар вазъиятҳои гуногуни аз ҷиҳати иҷтимоӣ муайяншуда қабул намояд.

Раванди рушди саводнокии иқтисодии донишҷӯёни муассиаҳои таҳсилоти олии тарбияи ҷисмонӣ аз ҷониби мо ҳамчун ивазшавии аз ҷиҳати педагогӣ асоснок, паиҳам ва муттасили амалҳои таълими стратегияҳо ва тактикаҳои фаъолияти касбӣ баррасӣ мешавад, ки дар ҷараёни он донишҷӯён маҷмуи донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳои бо ҳам алоқаманди иқтисодиро азхуд мекунанд. Барои рушд додани онҳо аз ҷониби мо пешниҳод карда мешавад:

зарур аст стандартҳои амалкунандаи таҳсилоти иқтисодӣ ва барномаи курси заминавии назарияи иқтисодӣ барои мутахассисони равияи ғайрииқтисодӣ бозбинӣ карда шуда, бо сохтори илмҳо ва таносуби онҳо ба мувофиқа дароварда шуда, талабот ба муассисаҳои таҳсилоти олии иқтисодӣ ва ғайрииқтисодӣ ба таври дақиқ рутбабандӣ карда шаванд. Масъалаҳои кунунӣ бояд доир ба ҳар як мавзуи махсуси курс баррасӣ карда шавад;

муҳим аст сохтори курсҳои дахлдори иқтисодӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии ихтисоси ғайрииқтисодӣ муайян карда шаванд, яъне онҳо бояд бо равияи факултет, ихтисоси муайян мушаххас карда шуда, миқдори соатҳое, ки барои омӯзиши курси назариявӣ ҷудо карда мешаванд, муайян карда шавад;

барои муассисаҳои таҳсилоти олии ихтисоси фанҳои ҷамъиятшиносӣ, аз ҷумла тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, назарияи иқтисодро якҷоя бо назарияи давлат ва ҳуқуқ таълим додан ба мақсад мувофиқ мебошад, зеро чунин муносибат ба ташаккул ёфтани тасаввуроти мукаммал дар бораи механизми худрушдёбии ҷомеа ва зербинои иқтисодии он мусоидат мекунад;

барои қарор гирифтан дар сатҳи талаботҳои замон сохтори мантиқии бароҳмонии курси таълимӣ метавонад ба тариқи зайл бошад: масоили умумииқтисодӣ, микробозор, мезобозор, макробозор;

диққати махсус бояд ба омодасозӣ ва бозомӯзии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ оид ба фанҳои иқтисодӣ, азхуд кардани технологияҳои муосир ва иттилоотӣ, техникаи компютерӣ ва ғайра аз ҷониби онҳо зоҳир карда шавад.

Ҳамин тариқ, таҷрибаи ҳаёти воқеӣ ва вазъияти муосири иҷтимоию иқтисодӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки баланд шудани саводнокӣ ва салоҳиятнокии иқтисодии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии тарбияи ҷисмонӣ ба ноил шудан ба натиҷаҳои бештар аз ҷониби онҳо дар фаъолияти ояндаи касбӣ, аз ҷумла ҳангоми иҷрои корҳои марбут ба соҳибкорӣ, ташкилотчигӣ, роҳбарӣ дар соҳаи тарбияи чисмонӣ ва варзиш мусоидат хоҳад кард.

АДАБИЁТ:

1. Дорохина К.С. Экономическая компетентность будущих бакалавров сервиса [Текст] /К.С. Дорохина // Сборники конференций НИЦ Социосфера. - 2016. - № 6. - С. 45-47.
2. Мисаилов А.Ю. Компьютерное сопровождение формирования экономической компетентности у студентов учреждений среднего профессионального образования: автореф. дис. канд. пед. Наук / А.Ю. Мисаилов. - М., 2013. - 22 с.
3. Паульс, А. А. О выборе сферы деятельности после завершения спортивной карьеры / А.А. Паульс // Ученые записки университета имени П.Ф. Лесгафта. - 2016. - № 3 (133). - С. 177-181.

4. Паульс, А.А. Финансовый анализ как инструмент реализации метода проектов в блоке экономических дисциплин при обучении студентов вузов физической культуры / А.А. Паульс // Ученые записки университета имени П.Ф. Лесгафта. - 2016. - № 11 (141). - С. 136-140.
5. Пузиенко Ю. В. Педагогические условия формирования экономической компетентности студентов в образовании // Аналитика культурологии. - 2007. - № 2 (8). - С. 53-57.
6. Соломченко М.А. Управление физической культурой и спортом в современных социально-экономических условиях: учеб. пособие / М.А. Соломченко, Р.А. Прохоров. - Орел: Изд-во ГОУ ВПО «ОГУ», 2009. - С. 98-131
7. Соломченко, М.А. Педагогические условия, необходимые для прогнозирования будущей профессиональной деятельности студентов факультетов физической культуры / М.А. Соломченко, В.В. Бойко, О.А. Горбачева // Ученые записки университета имени П.Ф. Лесгафта. -2016. - № 2 (132). - С. 159-164.
8. Чистяков, В.А. Анализ методов ранжирования в психолого-педагогических исследованиях / В.А. Чистяков // Ученые записки университета имени П.Ф. Лесгафта. - 2016. - № 2 (132). - С. 197-201.
9. Шилова О. М. К определению понятий экономическая компетентность и экономические компетенции // Экономика и управление в XXI веке: наука и практика. - 2015. - № 2. - С. 147-151.
10. Эбзеев М.М. Отрасль «физическая культура» в условиях рыночной экономики и подготовка будущих работников к решению её задач в процессе вузовского обучения. Автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора педагогических наук по специальности: 13.00.04 - теория и методика физического воспитания, спортивной тренировки, оздоровительной и адаптивной физической культуры; 13.00.08 - теория и методика профессионального образования. – Майкоп. 2009. – 48 с. С. 20.
11. Яковлева И. Г. Экономическая компетентность в структуре основных категорий экономического образования // Сибирский педагогический журнал. - 2012. - № 2. - С. 57-62.
12. Mendez L., Delgado T. Scientific Competence for Elementary School Teachers // 2nd International Conference on Education and New Learning Technologies. - Barcelona? 2010. - P. 1821-1829.
13. Naumescu A. N. Science Teacher Competencies in a Knowledge Based Society//Acta Didactica Napocensia. - 2008. -Vol. 1. - URL: https://files. eric.ed.gov/fulltext/EJ1052305.pdf.
14. Siegfried C., Wuttke E. How can Prospective Teachers Improve their // Economic Competence Results of an Intervention Study. - 2016. - Vol. 1. - S. 65-86.

ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТНОКӢ ВА САВОДНОКИИ ИҚТИСОДӢ ДАР ДОНИШҶӮЁНИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ

Муаллиф дар мақолаи худ раванди ташаккули салоҳиятнокӣ ва саводнокии иқтисодиро дар донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии тарбияи ҷисмонӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Қайд карда мешавад, ки бозори меҳнат дар шароити иқтисоди бозорӣ вазифаи нави ташаккул додани шахсияти фаъолеро ба миён мегузорад, ки барои татбиқи мақсадноки имкониятҳою маҳоратҳои худ саъйу кӯшиш мекунад. Дар ин росто, донишҳои иқтисодӣ яке аз абзорҳои аввали воситаи мутобиқгардии шахсият ба тағйироти иҷтимоию иқтисодӣ ба шумор рафта, ҳамчун усули рушди шахсият, паҳн кардани донишҳои иқтисодӣ, воситаи ташаккул додани сармояи инсонӣ мебошад. Таъкид шудааст, ки ташакули саводнокӣ ва салоҳияти иқтисодӣ барои хатмкардаи муассисаи таҳсилоти олии тарбияи ҷисмонӣ яке аз омилҳои асосии тайёрӣ ба фаъолияти минбаъдаи касбӣ ба шумор меравад. Хулоса карда мешавад, ки таҷрибаи ҳаёти воқеӣ ва вазъияти муосири иҷтимоию иқтисодӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки баланд шудани саводнокӣ ва салоҳиятнокии иқтисодии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии тарбияи ҷисмонӣ ба ноил шудан ба натиҷаҳои бештар аз ҷониби онҳо дар фаъолияти ояндаи касбӣ, аз ҷумла ҳангоми иҷрои корҳои марбут ба соҳибкорӣ, ташкилотчигӣ, роҳбарӣ дар соҳаи тарбияи чисмонӣ ва варзиш мусоидат хоҳад кард.

Калидвожаҳо: *саводнокии иқтисодӣ, салоҳиятнокии иқтисодӣ, донишҷӯён, муассисаи таҳсилоти олӣ, тарбияи ҷисмонӣ, варзиш, раванди таҳсилот, иқтисоди бозорӣ.*

РАЗВИТИЕ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ И ГРАМОТНОСТИ У СТУДЕНТОВ ФИЗКУЛЬТУРНОГО ВУЗА

В своей статье автор рассматривает процесс формирования экономической компетентности и экономической грамотности у студентов высших учебных заведений физической культуры. Отмечается, что рынок труда в условиях рыночной экономики ставит новую задачу формирования активной личности, стремящейся к целенаправленной реализации своих способностей и навыков. В связи с этим, экономические знания являются одним из первых инструментов приспособления личности к социально-экономическим изменениям, как метод развития личности, распространения экономических знаний, средство формирования человеческого капитала. Подчеркнуто, что формирование грамотности и экономической компетентности у выпускников высших учебных заведений физической культуры является одним из основных факторов подготовки к дальнейшей профессиональной деятельности. Делается вывод о том, что опыт реальной жизни и современная социально-экономическая ситуация показывают, что повышение грамотности и экономической компетентности студентов высших учебных заведений позволяет добиться больших результатов в будущей профессиональной деятельности, в том числе при выполнении работ, связанных с

предпринимательской, организаторской, руководящей деятельностью в области физического воспитания и спорта.

Ключевые слова: *экономическая компетентность, экономическая грамотность, студенты, вуз, физическая культура, спорт, образовательный процесс, рыночная экономика.*

FORMATION OF ECONOMIC COMPETENCE AND LITERACY AMONG STUDENTS OF HIGHER EDUCATIONAL INSTITUTION OF PHYSICAL CULTURE

In his article, the author considers the process of forming economic competence and economic literacy among students of higher educational institutions of physical culture. It is noted that the labor market in the conditions of a market economy puts a new task of forming an active person, striving for the purposeful implementation of its abilities and skills. In this regard, economic knowledge is one of the first tools of personality adaptation to socio-economic changes, as the method of personality development, the dissemination of economic knowledge, the means of forming human capital. It is emphasized that the formation of economic competence and literacy in graduates of higher educational institutions of physical culture is one of the main factors of preparing for further professional activities. It is concluded that the experience of real life and the modern socio-economic situation show that increasing the economic competence and literacy of students of higher educational institutions makes great results in future professional activities, including when performing work related to business, organizational, management activity in physical education and sports.

Key words: *economic competence, economic literacy, students, higher educational institution, physical culture, sport, educational process, market economy.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Миралиев Искандар Убайдуллоевич:-ҷонишини декани факултети "Тарбияи ҷисмонӣ"-и Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов. Сурога: 734053, ҶТ, ш. Душанбе, кӯч. Лучоб, 53. Тел.: 900180571.*

Сведения об авторе: *Миралиев Искандар Убайдуллоевич:- заместитель декана факультета "Физическое воспитание" Таджикского института физической культуры им. С. Рахимова. Адрес: 734053, РТ, г. Душанбе, ул. Лучоб, 53. Тел.: 900180571.*

Information about the author: *Iskandar Ubaidulloevich Miraliev: deputy dekan of the faculty "Physical education" of the Tajik Institute of Physical Culture after S. Rahimov. Address: c. Dushanbe, Str. Luchob. Tel.: +(992) 900180571.*

УДК 37.0.32.8(575.3)
ББК: 74.00

ДИДАКТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ВНЕДРЕНИЯ ИНТЕРНЕТ-ТЕХНОЛОГИЙ В ФОРМИРОВАНИЕ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СТУДЕНТОВ В ПРОЦЕССЕ ИЗУЧЕНИЯ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА.

Аҳмадзода Б. С.
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

В Республике Таджикистан на государственном уровне большое внимание уделяется общественной информации в сфере образования. Национальные, межведомственные проекты и отраслевые программы, направленные на решение вопросов информатизации образования, в том числе развитие инфраструктуры единого образовательного информационного пространства, развитие электронных образовательных ресурсов, повышение квалификации педагогических работников в области использования информационно - коммуникационных технологий, их использование в образовательном процессе и опыт управления в сфере образования и образовательных учреждениях реализованы.

В последние годы в рамках программ и проектов, направленных на формирование и развитие образования и информационного пространства, проведен ряд мероприятий по восстановлению использования информационных технологий в сфере образования. Прежде всего, это зависит от системы общего среднего образования. Закуплены компьютеры и техническое оборудование для обеспечения образовательных учреждений города и района.

Во многих регионах страны широко созданы образовательные учреждения с доступом к сетям Интернет. Была проделана большая работа по совершенствованию и созданию электронных издательских ресурсов. В рамках данной деятельности формируется система образования, обработка электронных образовательных ресурсов, доступ ко всем ресурсам, включая все предметы. [10, с. 231-237]

Дидактические возможности мультимедийных средств основаны на двух важных функциях Интернета. Информация и связь с предоставлением текстовой информации; визуальная информация; предоставление голосовой информации; единое представление информации; поиск информации; прием и распространение информации; хранение информации; предоставляет информацию о классификации и структуре.

Обучение с использованием Интернет-технологий требует от дидактической системы ориентации на метод личностно-образовательного подхода. Дан метод развития критического мышления, который можно осуществлять путем организации основы проблем, поиска дополнительной информации, сравнения противоположных точек зрения, требуется поиск оригинальных решений проблем и т. д.

Основной целью обучения английскому языку является формирование коммуникативной компетентности, а остальные его цели (образовательные, развивающие) реализуются в ходе достижения этой основной цели. Коммуникативная компетентность в современное время включает понимание формирования способности совместного культурного и культурного сотрудничества. Устное общение состоит из говорения и слушания, что в образовании называется слушанием. В понятии «слышать» и «слушать» не считаются синонимами. Аудирование – это лишь средство понимания произносимых слов, а слушание – это процесс понимания речи путем прослушивания информации вслух. Преподаватели английского языка отмечают, что большое количество студентов испытывают трудности с произнесением речи на слух. Развитие навыков слушания – полезный инструмент для решения этой проблемы. [14, с.162-166]

Найти качественные материалы для развития навыков аудирования – задача непростая. Для этой цели полезно покупать книги и аудиокассеты британских издательств, но книги такого типа очень дороги и их можно найти только в крупных городах. Решить эту проблему могут помочь интернет-сервисы, которые являются одним из источников аудиоматериалов с речью докладчиков (в том числе профессиональных участников) в виде голосовых файлов и аудиотекстов, например файлов. В этом случае преподаватель или методист имеет возможность записывать аудиозаписи на аудиокассеты и распечатывать тексты, а также может использовать эти подготовленные материалы для проведения любого вида обучения.

Активное использование аудиоматериалов может существенно способствовать обучению студентов реальным ситуациям общения и устранить потенциальные проблемы. Для учащихся очень важно научиться понимать звуки речи, что является одной из основных целей обучения. В ходе обучения развиваются не только языковые навыки. Используя записанные аудиокассеты, мы также можем практиковать лексические, грамматические и фонетические навыки. Эти аудиоматериалы для обсуждения содержат информацию, которая очень полезна для развития навыков разговорной речи. Поэтому использование материалов для аудирования также считается средством обучения. [4, 101 с.]

В современном мире борьба между различными центрами, носящая преимущественно информационный характер, все больше реализуется именно через Интернет. Говорят, что Интернет — это свободная платформа, но он действительно свободен, но люди используют эту свободу по-разному, что приводит к внутренним и внешним конфликтам.

Сегодняшний мир остро нуждается в возрождении морали, науки, культуры и духовности. В неспокойных условиях глобализации информационные и коммуникационные технологии, такие как Интернет, достигли беспрецедентного прогресса. Конечно, обращение к современным технологиям является одним из требований глобализации, и опыт показывает, что добиться эффективного и рационального использования электронных СМИ невозможно без талантливых кадров и квалифицированных специалистов. Поэтому рациональное использование современных технологий не только приводит к восполнению информационного пространства, но и полезно для обеспечения большей информационной безопасности страны.

Оценка эффективности использования современных образовательных технологий, в том числе информационных, в образовательном процессе является одной из новых профессиональных задач профессорско-преподавательского состава вуза. Решение этой проблемы способствует необходимости, обоснованию и выбору эффективных дидактических стандартов, позволяющих реализовать педагогический метод в соответствии с образовательным процессом. Однако до сих пор не выработан единственный путь решения этой проблемы в сфере высшего образования. Анализ современной научно-педагогической литературы подтверждает это. В качестве определений, таких как «критерии дидактической эффективности» и «дидактическая эффективность». [6, 27с.]

Компьютеризация всех уровней образования – потребность времени и общегосударственная социально-экономическая задача Таджикистана. Одним из основных направлений компьютеризации учреждений общего образования и высшего образования является широкое внедрение информационно-коммуникационных технологий в образование.

Опыт использования ИКТ как средства обучения в образовательных учреждениях республики показывает, что компьютер преимущественно используется при изучении

предмета «Информатика». При изучении других предметов ИКТ используются редко, и они имеют большое значение для подготовки будущих учителей, совершенствования совокупности личностных качеств и их саморазвития. [8, 164с.]

Одним из важных ресурсов повышения эффективности высшего профессионального образования является оптимизация самостоятельной деятельности студентов. В условиях информатизации в сфере образования и ограниченности количества учебных часов, выделяемых на изучение иностранного языка в высших учебных заведениях, не только для подготовки языковых специалистов, но и в тех случаях, когда основная поддержка в процессе обучения Английский – это как классная деятельность, так и самостоятельная деятельность студента.

Самостоятельная работа студентов с использованием возможностей сетей Интернет может быть реализована следующими способами:

- классная работа учащихся;
- внеклассная работа студентов;

Самостоятельная слуховая работа студента предназначена для выполнения заданий в компьютерном классе, что полезно для доступа к сайтам Интернет, и происходит в рамках обучения английскому языку под руководством преподавателя.

Вторым выбором в процессе использования Интернета считается самостоятельная работа студента вне занятий, которая широко используется для выполнения основных задач Интернета.

Самостоятельная работа теперь организована таким образом, что позволяет студентам выполнять учебные задания в любом удобном месте, имеющем доступ к Интернету.

Выбор интеграции готовых интернет-технологий создает следующие проблемы для реализации:

- учет индивидуальных особенностей обучающихся и предоставление им большей свободы в информационном пространстве для реализации использования возможностей Интернета;
- содействие решению сложных технических вопросов с учетом уровня владения компьютером и Интернет-навыками обучающихся;
- внедрение использования Интернет-технологий обучения с основными аспектами учебного процесса в процесс обучения английскому языку с минимумом;
- научить студентов быть ответственными, ведь они должны иметь возможность самостоятельно выбирать время, какую информацию использовать для выполнения заданий и с какой точки зрения они могут себя представить.

Таким образом, изучение английского языка обеспечивает все необходимые условия для внедрения интернет-технологий в учебный процесс как средства самостоятельной деятельности.

Для преподавателя английского языка использование коммуникативных возможностей электронной почты является наиболее распространенной формой общения в Интернете, это передача информации, обмен целевыми сообщениями и файлами. Весьма перспективной точкой асинхронного общения посредством Интернет-технологий является этот форум, как телеконференция с доступом к информационным материалам, которые сохранят их надолго.

В процессе изучения английского языка форум рассматривается как средство формирования и осуществления специальной самостоятельной деятельности учащихся под руководством преподавателя, в которой используются учебные и неучебные особенности для достижения целей коммуникативного обучения английскому языку, а также для обсуждения различных вопросов.

В настоящее время при изучении иностранных языков широко используется ряд новых информационно-коммуникационных технологий, социальных серверов, что позволяет существенно повысить эффективность учебного процесса.

В условиях развития информационного общества одним из средств эффективности и совершенствования процесса обучения английскому языку являются обучающие видеоролики, регулярное размещение информации на сайтах Интернета. Обучающие видео тематические и периодически публикуются. С помощью специальных программ, таких как программа I Tunes, каждый студент может бесплатно копировать и записывать видео из Интернета по специальным категориям.

Файлы с записями лингвистов, которые среди них есть видеоролики и не записываются для лингвистических целей, а служат для прослушивания, составления учебных материалов, особенно для изучающих английский язык. Видео, записанные и подготовленные учителем для своего обучения — это видеоролики, к которым студенты не могут получить доступ где-

либо еще. Чаще используются видеоролики, записанные самими учениками, а иногда и с помощью преподавателя. Студенты могут послушать такие примеры и познакомиться с разными культурами и жизнью студентов из других стран.

Преподаватель может выбрать любой рассказ на нужную тему и провести видеотренинг для эффективности изучения английского языка, содержание большого количества информации визуального ряда. Педагогический опыт доказал, что методическое обоснование использования видеокассет показывает состояние устного общения и жестов, речи, знакомя учащихся с историей, культурой и современной жизнью, традициями, обычаями страны.



Форма организации обучения

При использовании видео в процессе изучения английского языка следует соблюдать следующие правила:

- используемые видеоматериалы должны быть совместимы с уровнем знаний обучающихся;
- прозрачность следует использовать в умеренных количествах и только в нужный момент;
- просмотр видео должен быть организован таким образом, чтобы все учащиеся могли хорошо видеть излагаемый материал;
- интерес следует обсуждать и понимать в группах;
- видеодемонстрационные материалы должны соответствовать учебным материалам.

Изучение сущности понятия «технология», «педагогическая технология», «компьютерная технология», анализ современных тенденций использования ИКТ и научно-педагогической литературы с вопросами их использования в образовании, а также практики подготовка будущих специалистов в высшей школе позволяет сделать следующие выводы:

На практике установлены три существенных аспекта использования ИКТ в образовании:

- во-первых, ИКТ рассматриваются как реализация образовательного сотрудничества преподавателя и ученика, а также информационного обзора образования, т.е. «обучение посредством ИКТ».
- во-вторых, ИКТ рассматриваются как предмет изучения, то есть научный предмет для обычных пользователей или специалистов. Применение и использование ИКТ в системе высшего профессионального образования на данный момент одним из приоритетов следует считать повышение уровня подготовки будущих специалистов;
- третье - использование ИКТ в качестве образовательного инструмента и решение дидактических задач в любой форме, например, образовательных сетевых систем, теоретических и учебных занятий, консультаций и семинаров, гиперпространственных программ и т. д;

Не все вузы готовы к широкому использованию современных средств ИКТ в образовательном процессе с целью последующего процесса. Также не все высшие профессиональные учреждения достигли таких целей использования ИКТ в процессе подготовки будущих специалистов. Несмотря на высокий уровень использования современных инструментов ИКТ в сфере образования, во многих вузах этот процесс невозможен, не обеспечивается интеграция контента, входящего в высшие профессиональные и профессиональные университеты в сфере использования ИКТ, то есть их применение в подготовке будущих специалистов зачастую безразлично;

- моделирование типа образовательного процесса существенно повышает эффективность обучения и позволяет выявить новые возможности использования ИКТ в образовательном процессе, а также способствует разработке методик решения текущих задач. При этом образовательный процесс может развиваться с использованием ИКТ в целом.

- современное состояние информационного общества и системы высшего образования требует постоянного расширения сферы использования ИКТ в процессе подготовки будущих специалистов.

Использование ИКТ меняет и совершенствует традиционную структуру педагогического процесса. Принимая во внимание дидактические проблемы образования и результаты многочисленных исследований педагогов, психологов и инструкторов, следует отметить, что применение ИКТ является основным условием эффективности данной программы. Целями развития использования ИКТ являются интеллектуальный и психологический потенциал студентов и технология обучения иностранных языков.

ЛИТЕРАТУРА:

1. Информационные технологии в образовании: Учеб. пособие для студ. высш. пед. учеб, заведений. – М.: Издательский центр «Академия», 2003г. – 192 с.
2. Информационные технологии в образовании: Учебное пособие для студентов высших учебных заведений / И.Г.Захарова. — 2-е изд., стер. — М.: Издательский центр «Академия», 2005г. — 192 с.
3. Каримова Л.А. Проектная деятельность в обучении иностранному языку как фактор развития творческих способностей студентов\ Л.А. Каримова\ Педагогические проблемы высшей школы: Материалы Всероссийской научно-практической конференции, 2-ноября 2007г. – Димитровград: филиал УлГУ, 2007- с.31-35
4. Кодиров К.Б. Дидактические аспекты применения информационных технологий обучения в вузе /К.Б.Кодиров, А.Мирзоев. - Душанбе, 2006. -138 с.
5. Комилов Ф.С. Контент стандарта и учебной программы предмета Информационных технологий (на тадж. языке). //Научно-теоретический журнал «Паём» №15. - Душанбе: ИПС, 2006г. - С. 48-53.
6. Комилов Ф.С. Новая школа: пространство возможностей. //Материалы центральноазиатской научно-практической конференции. Вып.2. - Бишкек, 2006г. - с. 231-237.
7. Шоев Н.Н. Вариативные воспитательно-образовательные технологии и инновационные модели обучения в высшей школе. -Душанбе: Ирфон, 2005. - 310с.
8. Шоев Н.Н.Педагогические доминанты воспитательно-образовательных технологий в системе высшего образования.Душанбе: Ирфон, 2004. - 304 с.
9. Шолохович В.Ф. Информационные технологии обучения. //Информатика и образование, 1998. - № 2. - С. 5-13.
10. Шайбакова Л.Ф. Теоретические основы повышения качества высшего образования в республике Таджикистан / Л.Ф.Шайбакова, А.Джураева// Известия Уральского государственного экономического университета. - 2009. - Т. 25. - № 3. - С.200.
11. Шарипов Ф. Интегрированное обучение: проблемы, поиски, размышления. В 2-х частях. Душанбе: изд. Маориф, 1999, 2000.
12. Афремов Л.Л. Единая образовательная информационная среда – основа модернизации системы образования//Проблемы современного образования. Информационные технологии в средней школе: Сборник материалов Конф. 3-й Всероссийской конференции (г. Владивосток 5-6 ноября 2002 г.) - Владивосток, 2002г. - С.5-9.
13. Атаян А. М. Дидактические основы формирования информационной культуры личности в условиях информатизации общества: автореф.дис. .канд.пед.наук: 13.00.01 / А. М. Атаян.- Владикавказ,.2001г.- 18с.
14. Бабанский Ю.К.Избранные педагогические труды - Москва: Педагогика, 1989г.- 560с.– ISBN 5-7155-0174-1

ДИДАКТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ВНЕДРЕНИЯ ИНТЕРНЕТ-ТЕХНОЛОГИЙ В ФОРМИРОВАНИЕ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СТУДЕНТОВ В ПРОЦЕССЕ ИЗУЧЕНИЯ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА

В данной статье авторы представляют метод использования ИКТ и изучения языка, который направлен на академическое изучение языка и предполагает глубокое понимание грамматического строя, устойчивые навыки письменной речи. Использование ИКТ направлено на подготовку специалистов и успешное развитие способностей к устному общению, обеспечивает дополнительный интерес к изучению языка у человека, что обеспечивает заинтересованность обучающихся в обучении, то есть эффективность и результативность, поскольку важнейшие факторы, способствующие формированию речи при изучении языков и получении информации с помощью ИКТ. В условиях обучения проектно-ориентированными личностными методами преподаватель приобретает иную роль и функцию в процессе изучения языка. Традиционные программы образовательных учреждений перегружены образовательной информацией, что напрямую приводит к четкому разделению теории и практики, поскольку в этом случае нельзя говорить о формировании практических навыков. Однако изучение иностранных языков посредством ИКТ очень продуктивно, поскольку в процессе обучения учащиеся приобретают знания в процессе использования информации при решении практических задач.

Ключевые слова: *проект, навыки, умение, функция, профессия, энтузиазм, интерес, классика, успех.*

ХУСУСИЯТҲОИ ДИДАКТИКИИ ҶОРӢ НАМУДАНИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИНТЕРНЕТӢ ДАР ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ ДОНИШҶӮЁН ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ.

Дар маколаи мазкур муаллиф тарзи истифодаи ТИК ва омӯзиши забонро,таъкид мекунад ки ба омӯзиши академикии забон равона гардидааст ва он дорои фаҳмиши амиқи сохтори грамматикӣ, малакаи устувори нутқи хатти Истифодаи ТИК барои омода намудани мутахассисон ва рушди муваффақонаи қобилиятҳо нисбат ба муколамаи шифоҳӣ равона гардида, дар шахс шавқу рағбати иловагиро нисбати омӯзиши забон фароҳам меорад, ки манфиати донишӯёнро ба машғулиятҳо, яъне самаранокӣ ва натиҷанокӣ таъмин менамояд ва инчунин омилҳои муҳимтарине, ки ба ташаккулёбии нутқ ҳангоми омӯзиши забонҳо ва гирифтани маълумот бо истифода аз ТИК кӯмак мерасонад. Дар шароити омӯзиш методҳои лоиҳавии ба шахс нигаронидашуда, омӯзгор нақш ва функсияи дигарро дар раванди омӯзиши забонҳо ба даст меоварад. Барномаҳои анъанавии муасиссаҳои таълимӣ бо маълумоти таълимӣ пурбор гардида, бевосита ба парокандагии аён дар байни назария ва амалия оварда мерасонад, чунки дар ин ҳолат сухан дар бораи ташаккулдарории малакаи истифодабарӣ рафта наметавонад. Бо вуҷуди ин, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба воситаи ТИК хеле маҳсулнок буда, чунки дар раванди омӯзиш донишҳоро таълимгирандагон дар раванди истифодабарии маълумотҳо ҳангоми ҳалли масъалаҳои амалӣ ба даст меоранд.

Калидвожаҳо: *лоиҳа, малака, маҳорат, функсия, машғулият, шавқ, рағбат, классикӣ, муваффақ.*

DIDACTIC FEATURES OF THE INTRODUCTION OF INTERNET TECHNOLOGIES IN THE FORMATION OF STUDENTS' ACTIVITIES IN THE PROCESS OF LEARNING ENGLISH

In this article, the author presents the method of using ICT and language learning, which is aimed at the academic study of the language, and it has a deep understanding of the grammatical structure, stable skills of written speech. The use of ICT is aimed at the preparation of specialists and the successful development of abilities for oral dialogue, it provides an additional interest in language learning in a person, which ensures the interest of students in training, that is, efficiency and effectiveness, as well as the most important factors that contribute to the formation of speech during learning. languages and receiving information using ICT. In the conditions of learning, project-oriented personal methods, the teacher acquires a different role and function in the language learning process. Traditional programs of educational institutions are overloaded with educational information, which directly leads to a clear separation between theory and practice, because in this case it is not possible to talk about the formation of practical skills. However, learning foreign languages through ICT is very productive, because in the learning process, learners acquire knowledge in the process of using information in solving practical problems.

Key words: *project, skills, acquires, function, occupation, enthusiasm, interest, classics, success.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Аҳмадзода Бунафша Саймузафар, н.и.и., дотсент, муовини ректори тарбияи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик* М.С.Осимӣ E-mail *abunafsha@mail.ru Тел. 985-05-34-54*

Сведения об авторе: *Ахмадзода Бунафша Саймузафар–проректор по воспитательной части Таджикского технического Университета имени академика М.С. Осими. E-mail: abunafsha@mail.ru, тел: +(992) 98 505 34 54*

Information about the authors: *Ahmadzoda Bunafsha Saimuzafar– vice-rector for Educational parts of the Tajik Technical University named after Academician M.S. Osimi. E-mail: abunafsha@mail.ru, tel: +(992) 98 505 34 54.*

ТДУ:725(575.3)
Э-72

ВАЗИФАҲО, МЕТОДҲО ВА ТАСНИФИ ГИМНАСТИКА ҲАМЧУН ФАННИ ПЕДАГОГӢ

Эралов Ф. Қ.
унвончӯйи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Гимнастика маҷмуи таърихан ташаккулёфтаи воситаҳо ва методҳои махсуси тарбияи ҳамоҳанги ҷисмонии одамон буда, фанни варзишӣ – педагогӣ ва илмӣ мебошад.

Якчанд тафсирҳои мафҳуми "гимнастика" мавҷуд аст. Баъзеҳо чунин мешуморанд, ки он аз вожаи юнонии "гимнос" – урён пайдо шудааст (юнониҳои қадим бо машқҳои ҷисмонӣ бо бадани урён машғул мешудаанд). Тибқи назари дуюм, гимнастика (аз юнони gymnastike, аз gymnazo – машқ мекунам, тамрин мекунам) яке аз қадимтарин намудҳои варзиш буда, мусобиқаҳоро дар снарядҳои гимнастикӣ, дар машқҳои озод ва ҷаҳишҳои такягоҳӣ дар бар мегирад. Дар барномаи муосири бисёрҳарбаи гимнастикӣ машқҳои зерин дохиланд: барои

занон – машқҳо дар брусҳои бо баландии гуногун, ғӯлачӯб, машқҳои озод ва ҷаҳишҳои такягоҳӣ; барои мардон – машқҳо дар болои асби чӯбӣ, ҳалқаҳо, брусҳои параллелӣ, турник, машқҳои озод ва ҷаҳишҳои такягоҳӣ.

Гимнастикаи варзишӣ ба барномаи Бозиҳои олимпӣ дохил буда, пайваста оид ба он чемпионатҳои ҷаҳон ва Аврупо, мусобиқаҳо барои Ҷоми ҷаҳон ва дигар мусобиқаҳои бонуфузи байналмилалӣ гузаронида мешаванд. Таърихи ин намуди варзиш на танҳо варзишгарон, балки ба миллионҳо тамошобинон дахл дорад – ҳамаи онҳое, ки дар он намоиши бошукуҳи зебоӣ, динамика, қувва ва чолокиро мебинанд [6, с. 56].

Вазифаҳои гимнастика

1.Таҳкими саломатии машғулшавандагон, мусоидат ба рушди ҷисмонии онҳо, тайёрии ҷисмонӣ, ташаккули қадду қомати дуруст ва шиносоӣ бо тарзи ҳаёти солим.

2.Фаро гирифтани машғулшавандагон бо донишҳои махсус дар соҳаи гимнастика, ташаккули малакаҳои беҳдоштӣ, одаткунонӣ ба машғулиятҳои мустақилонаи машқҳои ҷисмонӣ. Таълими намудҳои нави ҳаракатҳо, ба машғулшавандагон ёд додани тачрибаи ҳаракатӣ, ва тавассути он инчунин тачрибаи зебошиносӣ, зҳсосӣ, иродавӣ, ахлоқӣ, меҳнатӣ ва ғайра.

3.Ташаккули маҳоратҳо ва малакаҳои ташкилотчигӣ, дастурдеҳӣ ва касбӣ – амалӣ.

4.Рушди сифатҳои ҷисмонӣ (қувва, чандирӣ, суръатнокӣ ва ғайра), қобилиятҳои ҳаракатӣ, мусиқӣ – ритмикӣ, психикӣ (диққат, хотира ва ғайра), ки барои азхудкунии бомуваффақияти машқҳои гимнастикии дорои мураккабии гуногун, маҳоратҳо ва малакаҳои ҳаётан муҳим, касбӣ, ҳарбӣ – амалӣ зарур мебошанд.

5.Тарбияи сифатҳои зебоишиносӣ, зеҳнӣ, ахлоқӣ ва, пеш аз ҳама, муносибати поквичдонона, бошуурона ба машғулиятҳои таълимӣ ва варзишӣ, ба кори ҷамъиятӣ, ба меҳнат, ҳисси рафоқат, дастаҷамъӣ, ватандӯстӣ, омодагӣ ба ҳимояи Ватан

6.Омодасозии варзишгарони баландихтисос дар намудҳои варзиши гинастикаи варзишӣ, гимнатикаи бадеӣ, ҷаҳишҳо дар батута, акробатикаи варзишӣ, аэробика ва ғайра.

Воситаи асосии гимнастика машқҳои гимнастикӣ мебошанд. Воситаҳои ҳамроҳикунандае, ки самаранокии истифодаи машқҳои ҷисмониро баланд мебардоранд, ҳамроҳии мусиқӣ, омилҳои беҳдоштӣ, неруҳои табиӣ табиат ва сухани педагог махсуб меёбанд. Ҳамаи воситаҳои гимнастикаро ба асбоби хубе дар дастони педагоги босавод ва соҳибтачриба шабоҳат додан мумкин аст.

Методҳое, ки дар раванди машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ истифода мешаванд – ин низомҳои бо назардошти қонуниятҳои педагогӣ таҳияшудаи амалҳои педагог мебошанд, ки истифодаи мақсадноки онҳо имкон медиҳанд бо усули муайян фаъолияти назариявӣ ва амалии хонандагон ташкил карда шавад, ки азхудкунии амалҳои ҳаракатӣ, рушди самтдодашдуаи қобилиятҳои ҳаракатӣ ва ташаккули фарҳанги ҷисмонии шахсият таъмин менамояд [12, с. 7].

Гимнастика ҳамчун фанни педагогӣ ба педагог талаботҳои махсусро пешниҳод мекунад. Ӯ бояд имкониятҳои солимгардонӣ, таҳсилотӣ ва тарбиявӣ, таърихи онро хуб донад; аз истилоҳотшиносии гимнастикӣ истифода бурда тавонад, пешгирии осебҳои эҳтимолӣ дар машғулиятҳо, сарбориҳои ҷисмонӣ ва психологиро таъмин намояд; методҳои таълим, гузаронидани шаклҳои гуногуни машғулиятҳои гимнастика, махсусан дарсро хуб донад; машқҳои гимнастикиро барои омӯзиш (баҳодиҳӣ) ва рушди қобилиятҳои психомоторӣ, ки барои азхудкунии бомуваффақияти гимнастика ҳамчун намуди варзиш, фанҳои дигари варзишӣ, амалҳои меҳнатӣ, ҳарбӣ – амалии ҳаракатӣ ва ғайра заруранд, истифода бурда тавонад [12, с. 13].

Маъруфияти самтҳо ва намудҳои гуногуни гимнастика дар давоми якчанд солҳо ба хусусиятҳои фарқкунандаи он: ҷолибияти зебошиносӣ, самаранокӣ, дастрасӣ, обурангнокии эҳсосӣ асос ёфтааст. Имкониятҳои истифодаи он васеъ ва давомнокии зиёд машқҳо буда, зери роҳбарии моҳиронаи педагог рушди шахсияти одамон махсуб меёбанд. Дар вақтҳои охир нақши намудҳои солимгардонии гимнастика дар таҳими саломатии аҳолии Тоҷикистон, ва махсусан, насли наврас, пешгирии бемориҳои гуногун, ташкили фароғат, дароз кардани умр, фаъолияти эҷодӣ ва дарозумрии касбӣ афзоиш ёфта истодааст.

Миқдори калони самтҳо ва гуногунии намудҳои гимнастика мураттабсозии онҳо ва, бинобар ин, навсозӣ ва пурра кардани намудҳои мавҷудаи таснифро талаб мекунад, ки ин дар навбати худ, имкон медиҳад, то мавқеи ҳар яке аз намудҳои пайдошудаи гимнастика муайян карда шавад.

Таҳияи таснифи оптималии дорои сабти мавқеи муайяни объект дар низом, ки ба хосиятҳои он ишора мекунад, зарур мебошад. Азбаски илм дар бораи фарҳанги ҷисмонӣ ба таври муттасил бо маълумоти нав ғанӣ мешавад, таснифот наметавонанд бидуни тағйир боқӣ монанд, бо мурури вақт онҳо дақиқ карда мешаванд.

Вобаста ба самтнокӣ ва хусусияти машқҳои иҷрошаванда намудҳои зерини гимнастикаро ҷудо мекунанд: солимгардонӣ, таҳсилотию амалӣ ва варзишӣ.

Гимнастикаи солимгардонӣ иҷрои машқҳоро дар реҷаи ҳаррӯза дар шакли машқҳои пагоҳирӯзӣ (бехдоштӣ), гимнастикаи муқаддимавӣ, дақиқаҳои тарбияи ҷисмонӣ ва таваққуфҳои тарбияи ҷисмонӣ, ки дар давоми машғулиятҳо ё дар байни онҳо иҷро мешаванд, пешбинӣ менамояд. Ба ин ҷо гимнастикаи табобатӣ ва ритмкиӣ низ дохил мешавад. Мақсади асосии онҳо мустаҳкам намудани саломатии инсон, нигоҳ доштани сатҳи баланди фаъолияти ҷисмонӣ ва ақлонии он, баланд бардоштани фаъолияти ҷамъиятӣ, зуд ворид шудан ба фаъолияти таълимӣ ё меҳнатӣ мебошад [4, с. 16].

Мақсади асосии машғулиятҳои солимгардонӣ инҳоянд:

– таъмини вазъи ҷории функсионалии организми машғулшавандагон;

– барқарорсозии қобилияти корӣ, баланд бардоштани тонуси эҳсосотӣ, коршоямии ҷисмонӣ;

– расонидани таъсири профилактикӣ ва ислоҳсозӣ;

– дароз кардани дарозумрии касбӣ.

Тамоми гуногуннавъии ҳам намудҳои анъанавай, ҳам инноватсионии солимгардонии гимнастикаро аз рӯйи нишонаҳо (аз рӯйи дараҷаи реҷаи сарборӣ ҷисмонӣ: солимгардонӣ, нигоҳдоранда, дастгирикунанда, тамринкунанда); аз рӯйи ҳалли вазифаҳо; аз рӯйи таъсиррасонии функсионалӣ ба организм; аз рӯйи фаъолнокии ҳаракатӣ ва ғайра) низ тасниф кардан мумкин аст.

Гимнастикаи бехдоштиро ғайр аз вазифаҳои номбаршуда барои истироҳат бо мақсади барқарор намудани қобилияти кори бадан пас аз шиддатҳои зиёди ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва эҳсосӣ ва пешгирии гиподинамия истифода мебаранд. Онро дар ҳар вақти рӯз гузаронидан мумкин аст. Ба комплексҳои гимнастикаи бехдоштӣ рох рафтан ва дави суст, машқҳои умумии инкишофдиҳанда ва машқҳои дорои самтнокии амалӣ дохил мешаванд. Давомнокии иҷрои машқҳо 15–20 дақиқаро ташкил медиҳад [7, с. 241].

Гимнастикаи муқаддимавӣ барои ба зудӣ ҷалб кардани машғулшавандагон ба фаъолияти дарпешистода: таълимӣ ё касбӣ таъйин шудааст. Мазмуни гимнастикаи муқаддимавӣ машқҳоеро дар бар мегирад, ки аз ҷиҳати сохтори ҳаракатҳо, дастгирии энергетикӣ ва ҳиссиётӣ ба амалҳои касбии ҳаракатӣ, агар сухан дар бораи истеҳсолот равад, мувофиқат мекунанд, ё онҳо бояд ба рафъи шиддати ҷисмонӣ ва зеҳнӣ, ки дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ ба вуҷуд меоянд, нигаронида шуда бошанд. Давомнокии машқ 5–10 дақиқаро ташкил медиҳад.

Танаффусҳои тарбияи ҷисмонӣ ва таваққуфҳои тарбияи ҷисмонӣ дар давоми машғулиятҳо ҳангоми пайдо шудани аломатҳои хастагӣ ва коҳиш ёфтани диққат, хотира, равандҳои фикрӣ, мавқеъҳои ботинии аз ҷониби онҳо боисгардида гузаронида мешаванд. Маҷмуа метавонад аз 2–3 машқ – дар ҳангоми гузаронидани дақиқаҳои тарбияи ҷисмонӣ (дар давоми 1–2 дақиқа иҷро карда мешавад) ва 5–8 машқ – хангоми гузаронидани таваққуфҳои тарбияи ҷисмонӣ (дар давоми 3–5 дақиқа иҷро карда мешавад) иборат бошад [8, с. 195].

Гимнастикаи табобатӣ асоси тарбияи ҷисмонии муолиҷавиро ташкил дода, ба барқарор намудани вазифаҳои муваққатан гумшудаи бадан пас аз осебҳо, ҷароҳатҳо, бемориҳо, амалиётҳои ҷарроҳӣ ва ғайра нигаронида шудааст. Ба маҷмуаҳои гимнастикаи табобатӣ роҳгардии воябандишуда, давидан, машқҳои умумиинкишофдиҳанда бо ашё ва бе ашё, машқҳо дар девори гимнастикӣ ва ғайра дохил мешаванд Ҳамаи машқҳо бо назардошти хусусияти беморӣ ва хусусиятҳои инфиродии бемор интихоб карда мешаванд.

Намудҳои гимнастикаи таҳсилотӣ – рушддиҳанда, ки дар баъзе маъхазҳои адабӣ онро баъзан гимнастикаи асосӣ меноманд, бо намудҳои зерин: таълимӣ – тарбиявӣ, атлетикӣ ва амалӣ муаррифӣ шудаанд.

Намудҳои гимнастикаи таҳсилотӣ – рушддиҳанда барои халли вазифаҳои солимгардонӣ, таҳсилотию тарбиявӣ дар ихтиёри худ имкониятҳои калон дорад. Аз ин рӯ, он яке аз бахшҳои асосии фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» буда, асоси стандартҳои давлатии таҳсилотиро оид ба тарбияи ҷисмонии кӯдакони синни томактабӣ ва мактабӣ, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ ташкил медиҳад. Машғулиятҳои гимнастика дар ин муассисахо дар шакли дарс гузаронда мешаванд.

Гимнастикаи асосӣ дорои имкониятҳои калон барои ҳалли вазифаҳои таҳсилотӣ, солигардонӣ ва тарбиявӣ мебошад. Онҳоро аз ҳисоби бисёрсохторӣ будани машқҳо ва бисёрфункционалӣ будани ҳар яки онҳо татбиқ кардан мумкин аст. Ин дар назди педагог имкониятҳои беканори муносибати эҷодкоронаро дар назди педагог ба ғанигардонии машғулшавандагон бо низоми донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳои махсус боз мекунад. Ба ҳайси донишҳо дар соҳаи гимнастика маълумот дар бораи он ҳамчун дар бораи фанни варзишӣ – педагогӣ: дар бораи мазмун, аҳамияти иҷтимоӣ, таърих, техникаи иҷрои машқҳо ва қонунҳое, ки дар асоси он қарор гирифтаанд; дар бораи имконияти истифодаи машқҳо ба мақсади таҳсилотӣ, солимгардонӣ ва тарбиявӣ; дар бораи таъсиррасонӣ ба узвҳо ва низомҳои алоҳидаи организм бо мақсади баланд бардоштани имкониятҳои функсионалии он, рушди қобилиятҳои ҳаркатӣ ва психикӣ ба намуди интихобшудаи фаъолияти таълимӣ, варзишӣ ё касбӣ, ғанигардонии хонандагон бо тақрибаи гуногунҷанба, таълими машқҳои амалӣ ва ғайра шуда метавонанд.

Машқҳои гимнастикаи асосӣ (педагогӣ) якҷоя бо сухани педагог ва ҳамроҳии мусиқавӣ восита ва методи муассири маҷмуии дар хонандагон тарбия намудани хислатҳои шахсиятӣ: муносибати поквиҷдонона, амиқан бошуурона ва фаъол ба машғулиятҳои гимнастика, ба таълим, фаъолияти меҳнатӣ ва ҷамъиятӣ мебошанд [12, с. 13].

Гимнастикаи атлетикӣ барои рушди қувваи мушакҳо, тобоварии қуввагӣ, сифатҳои иродавӣ ва имкониятҳои функсионалии ба он алоқаманди организм истифода мешавад. Он дар байни тамоми гурӯҳҳои синнусолии аҳолӣ истифода мешавад ва бояд хусусиятҳои машғулшавандагон: ҷинс, синну сол, сатҳи омодагии ҷисмонӣ ва функсионалӣ, таҷрибаи ҳаракати онҳоро ба инобат гирад [2, с. 217].

Гимнастикаи атлетикӣ – ин намуди машқҳои ҷисмонӣ бо вазнҳои гуногун (вазни ҷисми худ, гантелҳо, штанга, рафъи муқовиматҳои амортизаторҳо, тренажёрҳои гуногун ва ғайра) буда, ба рушди қувва ва ташаккули қадду қомати зебо нигаронида шудаанд. Он намуди заминавӣ (анъанавӣ) – и самтҳои қуввагии гимнастика мебошад, ки дар асосаш намудҳои сершумори муосири солимгардонӣ ва варзишии гимнастика ба вуҷуд омадаанд. Машқҳои гимнастикаи атлетикӣ, ба монанди гимнастикаи ритмикӣ, ба барномаҳои таълимӣ оид ба тарбияи ҷисмонии муассисаҳои гуногуни таҳсилот дохил мешаванд. Ин намуди гимнастика дар миёни одамони синну соли гуногун ва омодагӣ аз маъруфият бархӯрдор буда, ба иҷрои машқҳои асосан, хусусияти қуввагидошта асос ёфта, ба рушди сифатҳои қуввагӣ ва қобилиятҳои ҳаракатии соҳаи васеъ нигаронида шудааст. Гимнастикаи атлетикӣ восита ва методи олиҷаноби ташаккул ва ислоҳи қадду қомат; рушд додани қувваи мушакҳо, тобоварӣ ва иродаи қуввагӣ, имкониятҳои функсионадии организм; шиноскунии машғулшавандагон, махсусан наврасон ва навҷавонон ба машғулиятҳои мунтазами машқҳои ҷисмонӣ; ташаккули тарзи ҳаёти солим; дуркунӣ аз тамокукашӣ, истеъмоли маводи мухаддир ва одатҳои дигари барои саломатӣ ва ташаккули шахсият зарарнок; омодасозии навҷавонон ба меҳнат ва хизмати ҳарбӣ, ва духтаронро бошад, ба вазифаи репродуктивӣ ва модарӣ маҳсуб меёбад [12, с. 15].

Гимнастикаи амалӣ машқҳоеро дар бар мегирад, ки онҳоро барои баланд бардоштани омодагии касбии машғулшавандагон истифода бурдан мумкин аст. Он дар шароити фаъолияти истеҳсолӣ, муассисаҳои илмӣ – таҳқиқотӣ ва давлатӣ, дар машғулиятҳои гимнастика бо донишҷӯён (дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ), инчунин дар артиш ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ амалӣ карда мешавад. Ҳамин тариқ, гимнастикаи амалӣ ба инкишофи қобилиятҳои ҷисмонӣ ва равонӣ, ки барои бомуваффақият аз худ намудани малакаҳои фаъолияти меҳнатӣ ва расидан ба куллаҳои маҳорати касбӣ дар он заруранд, нигаронида шудааст [11, с. 53].

Намудҳои варзишии гимнастика. Намудҳои асосии варзишии гимнастика инҳоянд: гимнастикаи варзишӣ, гимнастикаи бадеӣ, акробатика, аэробика.

Гимнастикаи варзишӣ намуди варзишест, ки аз машқҳои зерин иборат аст: барои мардон – машқҳои озод, машқҳо дар болои аспи чӯбӣ, дар ҳалқаҳо, дар брусҳо, дар туринк, ҷаҳишҳои такягоҳӣ; барои занон – машқҳои озод, машқҳо дар брусҳои бо баландии гуногун, дар ғӯлачӯби гимнастикӣ, ҷаҳишҳои такягоҳӣ [1, с. 100].

Гимнастикаи бадеӣ намуди варзишест, ки дар он танҳо занон ҳунарнамоӣ мекунанд. Мазмуни он машқҳои хусусияти рақсии дар дараҷаи алоҳида ва дар ҳайати даста (машқҳои гурӯҳӣ) иҷрошавандаро бо ашёи зерин дар бар мегирад: бо ресмон, бо тӯб, бо ҳалқа, бо лента, бо калтакҳо. Гимнастҳо дар раванди иҷро кардани машқҳо бо ашё инчунин машқҳои

кадамзанӣ, давидан, харакати пружинагӣ ва мавҷшакл, гардишҳо ва қулочкашиҳо, мувозинат, тобхӯриҳо, чаҳишҳо, унсурҳои рақсиро низ иҷро мекунанд.

Гимнастикаи бадеӣ ба он намудҳои варзишӣ мансуб аст, ки дар он нақши муҳимро тасвирнокии амал мебозад. Мақсади гимнастикаи муосири бадеӣ аз ифода кардани фикрҳо ва ҳиссиёт бо кумаки ҳаракатҳо, ки дар сатҳи баланди техникӣ иҷро карда мешаванд, иборат мебошад. Маҳз мазмуни зебошиносии гимнатика онро тамошобоб гардонида, тамошобинонро дар минбарҳо ба худ ҷалб мекунад. Барои ноил шудан ба натиҷаҳои баланд гимнастҳо бояд дорои қобилиятҳои ғайримуқаррарӣ: сифатҳои истисноии зоҳирӣ, сифатҳои ҷисмонии нодир, мақсаднокии фавқулодда, меҳнатдӯстӣ пуртоқатӣ ва исроркорӣ бошанд.

Гимнастикаи бадеӣ мутобиқи қонуниятҳои умумие, ки ба варзиш дар маҷмуъ хос мебошанд, рушд ёфта истодааст. Маҳорати варзишии гимнастҳо аз ҷузъҳои зерин: душвории барномаҳо, таркиб, ҳунарпешагӣ, инчунин сифати иҷроиш ташаккул меёбад. Душворӣ – ин арзиши умумии техникии комбинатсияҳое мебошад, ки бо мураккабии унсурҳо, пайвастшавӣ ва миқдори онҳо муайян мешавад. Таркиб – ин тартиби ҷойбаҷогузории унсурҳо дар комбинатсия дар вақт ва фазо мебошад. Ҳунарпешагӣ бошад, иҷрои ҳаракатҳо бо “зерматн” (ба онҳо ворид кардани тобишҳои маънодори қиёфабозӣ, имову ишораҳо, унсурҳои пантомимаро дар бар мегирад. Иҷроиш маънои татбиқи тамоми унсурҳоро дар шакли асили гимнастикӣ дорад [9, с. 5].

Гимнастикаи бадеӣ як намуди гимнастикаи солимгардонӣ буда, ба таҳкими саломатӣ, баланд бардоштани таваҷҷуҳ ба машғулиятҳо ва рафъи шиддати эҳсосотӣ нигаронида шудааст. Мазмуни маҷмуаҳои гимнастикаи бадеӣ машқҳои умумиинкишофдиҳанда, унсурҳои гимнастикаи бадеӣ ва хореография, шаклҳои услубӣ (рақс)–и роҳгардӣ, давидан, ҷаҳидан ва дигар машқҳои аз ҷиҳати техника осон иҷрошавандаро дар бар мегирад [3, с. 8].

Акробатика намуди варзишест, ки дар он ҳам мардон ва ҳам занон рақобат мекунанд. Он аз чор гурӯҳи машқхо: ҷаҳишҳои акробатӣ, машқҳои ҷуфт (ҷуфтҳои мардона ва омехта) ва машқҳои гурӯҳӣ, инчунин ҷаҳишҳо дар батут иборат мебошад.

Аэробика намуди варзишест, ки дар он иштирокчиён маҷмуи машқҳои муттасил ва пуршиддатеро иҷро мекунанд, ки аз ҳаракатҳои аз ҷиҳати ҳамоҳангсозӣ мураккаби дорои хусусияти ғайридаврӣ, унсурҳои аз ҷиҳати хусусият ва самтнокӣ гуногуни гурӯҳҳои гуногуни сохтории ҳаракатҳо зимни амали ҳамзамони муштараки шарикон иборат мебошад. Мардон ва занон бо тартиби зерин: ҳунарнамоиҳои инфиродии мардону занон, ҷуфтҳои омехта, сегонаҳо ва шашгонаҳо дар ҳама гуна таркиб иштирок мекунанд [10, с. 126].

Бодибилдинг – низоми машқҳои ҷисмоние мебошанд, ки ба зиёд кардани ҳаҷмҳои гурӯҳҳои алоҳидаи мушакҳо ва рушди гипертрофикии он, ташаккули анбӯҳи браҷастаи мушакҳо бо мақсади татбиқи натиҷаҳои тамринҳо дар шароити мусобиқавӣ ё озмунӣ нигаронида шудаанд.

Пауэрлифтинг – намуди машқҳои ҷисмонӣ, ки ба рафъи вазни ҳадди аксари штанга дар сеҳарбаи қуввагӣ нигаронида шудааст; бардоштани штнага дар ҳолати хобида, нимнишаст бо шатанга дар китфҳо, бардоштани штанга дар ҳолати хамидагӣ, яъне вазифаи асосӣ аз рушди ҳадди аксари қувваи он гурӯҳҳои мушакҳое иборат аст, ки иҷрои ҳаракатҳои мусобиқавиро таъмин менамоянд.

Фанҳои дигари нав низ мавҷуданд, ки бо намудҳои аллакай маъруфи гимнастикии варзиш хеле шабоҳат доранд. Ба онҳо: гимнастикаи зебошиносӣ, гимнастикаи бадеӣ барои мардон, рок–н–ролли акробатикӣ, ушуи варзишӣ, йогаи варзишӣ, рақсҳои варзишӣ, черлидинг ва ғайраро нисбат додан мумкин аст. Ҳар яке аз ин самтҳо мухлисон – иштирокчиёни мусобиқаҳо ва тамошобинонро дорад, ки аз дастовардаҳои варзишгарон ҳаловати зебоишиносӣ мебаранд[5, с. 349].

Ниҳоят бояд қайд карда, ки бо мурури замон ба вуҷуд омадани навъҳои нави варзишии гимнастика имконпазир аст. Ин ҳам бо инкишофи худи намуди варзиш, ҳам бо бавуҷудоии вуҷуд омадани машқҳои нави дорои самтнокии гимнастикӣ барои баланд бардоштани ҳавасмандӣ ба машғулиятҳои он, ҳам ҳамаҷанбагии инкишофи ҷисмонии одамон муайян мешавад. Инкишофи намудҳои мавҷудаи варзишии гимнастика бо роҳи мураккабшавии минбаъдаи унсурҳо ва комбинатсияхо, тамошобоб будан ва сифати иҷрои онҳо пеш хоҳад рафт.

АДАБИЁТ:

1. Багнетова, Е. А. Актуальность совершенствования педагогических моделей, формирующих культуру здоровья / Е. А. Багнетова // Вестник Сургутского государственного педагогического университета. – 2021. – № 1 (70). – С. 100–109. – DOI 10.26105/SSPU.2021.1.70.011.

2. Басырова, А. Р. Выносливость как основа развития физических качеств / А. Р. Басырова, А. П. Ермолаев // Современное образование: опыт прошлого, взгляд в будущее: сборник статей II Всероссийской методико–практической конференции, Петрозаводск, 22 марта 2021 года. – Петрозаводск: Международный центр научного партнерства «Новая Наука» (ИП Ивановская Ирина Игоревна), 2021. – С. 217–221.
3. Бугаец, Я. Е. Влияние занятий акробатикой на постуральную устойчивость подростков / Я. Е. Бугаец, А. С. Гронская // Актуальные вопросы физического и адаптивного физического воспитания в системе образования: Материалы I Всероссийской с международным участием научно–практической конференции, Волгоград, 18–19 апреля 2019 года. – Волгоград: Волгоградская государственная академия физической культуры, 2019. – С. 8–11.
4. Воронин, Д. И. Механизмы формирования спортивно–образовательной экосистемы вуза / Д. И. Воронин // Международный
5. Гелястанов, И. Х. Образ жизни студентов: динамика изменений в процессе обучения в университете / И. Х. Гелястанов // Матрица научного познания. – 2020. – № 11–2. – С. 349–354.
6. Губернаторов, А. А. Методика физкультурно–оздоровительных занятий со студентами на основе приоритетного использования атлетической гимнастики и тренажеров / А. А. Губернаторов // Известия Тульского государственного университета. Физическая культура. Спорт. – 2013. – № 2. – С. 56–65.
7. Жидков, Д. А. Развитие координационных способностей квалифицированных прыгунов на батуте / Д. А. Жидков // Современные векторы прикладных исследований в сфере физической культуры и спорта: I Международная российскобелорусская научно–практическая конференция для молодых ученых, аспирантов, магистрантов и студентов, Воронеж, 27–28 февраля 2020 года. – Воронеж: Издательство «РИТМ», 2020. – С. 241–244.
8. Здоровьесберегающие занятия по художественной гимнастике со студентками нефизкультурных вузов / Ю. Р. Нигматулина, А. А. Скороходов, И. Я. Богатырева, С. В. Овчинникова // Физическая культура и спорт в профессиональном образовании: Межвузовский сборник научно–методических работ / Под научной редакцией В.А. Щеголева. – Санкт–Петербург: Федеральное государственное автономное образовательное учреждение высшего образования «Санкт–Петербургский политехнический университет Петра Великого», 2020. – С. 195–198.
9. Карпенко Л.А. Художественная гимнастика. – М., 2003. – 306 с.
10. Конев, Л. М. Влияние физических нагрузок на здоровье обучающихся / Л. М. Конев // Экологическая безопасность, здоровье и образование: Сборник статей XIV Всероссийской научно–практической конференции молодых ученых, аспирантов и студентов, Челябинск, 01 января – 31 2021 года. – Челябинск: ЗАО «Библиотека А. Миллера», 2021. – С. 126–129.
11. Красовская, В. И. Некоторые аспекты тренировки ловкости в спорте / В. И. Красовская, О. В. Прохорова // Актуальные исследования. – 2021. – № 7 (34). – С. 53–56.
12. Теория и методика гимнастики: учеб. для студ. учреждений высш. проф. Образования/[М.Л. Журавин, О.В. Загрядская, Н.В. Казакевич и др.]; под ред. М.Л. Журавина, Е.Г. Сайкиной. – М.: Издательский центр «Академия», 2012. – 496 с. ISBN 978–5–7695–8002–4.

ВАЗИФАҲО, МЕТОДҲО ВА ТАСНИФИ ГИМНАСТИКА ҲАМЧУН ФАННИ ПЕДАГОГӢ

Дар мақола вазифаҳо, методҳо ва таснифи гимнастика ҳачмун фанни педагогӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар он тафсири мафҳуми “гимнастика”, вазифаҳо, воситаҳо ва методҳои гимнастика оварда шуда, қайд карда мешавад, ки таҳияи таснифи оптималии дорои сабти мавқеи муайяни объект дар низом, ки ба хосиятҳои он ишора мекунад, зарур мебошад. Вобаста ба самтнокӣ ва хусусияти машқҳои ичрошаванда, муаллиф намудҳои зерини гимнастика: солимгардонӣ, таҳсилотию амалӣ ва варзиширо бо ҷузъҳои он мавриди таҳлил қарор додааст. Қайд карда мешавад, ки бо мурури замон ба вуҷуд омадани навъҳои нави варзишии гимнастика имконпазир аст, ки бо инкишофи худи намуди варзиш, ҳам бо бавуҷудоии вуҷуд омадани машқҳои нави дорои самтнокии гимнастикӣ барои баланд бардоштани ҳавасмандӣ ба машғулиятҳои он, ҳам ҳамаҷанбагии инкишофи ҷисмонии одамон муайян мешавад. Таъкид шудааст, ки инкишофи намудҳои мавҷудаи варзишии гимнастика бо роҳи мураккабшавии минбаъдаи унсурҳо ва комбинатсияхо, тамошобобӣ ва сифати ичроиши онҳо пеш хоҳад рафт.

Калидвожаҳо: *гимнастика, фанни педагогӣ, машқҳои ҷисмонӣ, гимнастикаи солимгардонӣ, гимнастикаи таҳсилотӣ – рушддиҳанда, гимнастикаи атлетикӣ, гимнастикаи варзишӣ*

ЗАДАЧИ, МЕТОДЫ И КЛАССИФИКАЦИЯ ГИМНАСТИКИ КАК ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ ДИСЦИПЛИНЫ

В статье исследуются задачи, методы и классификация гимнастики как педагогической дисциплины. В ней дано толкование понятию «гимнастика», приведены задачи, средства и метода гимнастики, и отмечается, что разработка оптимальной классификации с фиксированием определенного места объекта в системе, указывающего на его свойства, является необходимой. В зависимости от направленности и особенности выполняемых упражнений, автор анализирует следующие виды гимнастики: оздоровительной, образовательно – прикладной и спортивной с их компонентами. Отмечается, что со временем возможно появление новых спортивных видов

гимнастики, определяемых как возникновением упражнений гимнастической направленности для повышения мотивации к ее занятиям и многосторонности физического развития людей. Подчеркивается, что развитие существующих спортивных видов гимнастики будет продвигаться путем дальнейшего осложнения элементов и комбинаций, зрелищности и качества их исполнения.

Ключевые слова: *гимнастика, педагогическая дисциплина, физические упражнения, оздоровительная гиманстика, образовательно – развивающая гимнастика, атлетическая гиманстика, спортивная гимнастика.*

TASKS, METHODS AND CLASSIFICATION OF GYMNASTICS AS A PEDAGOGICAL DISCIPLINE

The article examines the tasks, methods and classification of gymnastics as a pedagogical discipline. It gives an interpretation of the concept of «gymnastics», gives the tasks, means and method of gymnastics, and notes that the development of an optimal classification with fixing a certain place of an object in the system, indicating its properties, is necessary. Depending on the direction and characteristics of the exercises performed, the author analyzes the following types of gymnastics: health-improving, educational - applied and sports with their components. It is noted that over time, the emergence of new sports types of gymnastics is possible, defined as the emergence of exercises of a gymnastic orientation to increase motivation for her studies and the versatility of physical development of people. It is emphasized that the development of existing sports types of gymnastics will be promoted by further complicating elements and combinations, entertainment and the quality of their performance.

Key words: *gymnastics, pedagogical discipline, physical exercises, health improving gymnastics, educational and developing gymnastics, athletic gymnastics, artistic gymnastics.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Эралов Фаридун Қурбонович омӯзгори кафедраи назария ва методикаи гимнастикаи Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов, унвонҷӯйи Паҷӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон,тел: +992 907176117 E-mail: Faridun@mail.ru*

Сведения об авторае: *Эралов Фаридун Курбонович -преподаватель кафедры теории и методики гимнастики Института физического культура Таджикистана имени С.Рахимова, соискатель Института развития образования имени Абдурахмани Джамии Академии образования Таджикистана тел: +992 907176117 E-mail: Faridun@mail.ru*

Information about authors*: Eralov Fariddun Qurbonovich -teacher of the Department of Theory and Merhodoloqy of Gymnastios of the Institute of Physical Education of Tajikistan named after S. Rakhimov, candidate title of the Institute of Educational Development named after Abdurahmani Jamia of the Academy of Education of Tajikistan, tel: +992 907176117 E-mail:* Faridun@mail.ru

ТДУ:796(575.3)
Ф-21

АСОСҲОИ МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ШИНОВАРИИ ВАРЗИШӢ ДАР МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ

Файзуллоев А. Ш.
унвонҷӯйи Паҷӯҳишгоҳи рушди маориф ба нми Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Яке аз ҷанбаҳои асосии тарбияи ҷисмонӣ мисли ҳар гуна тарбия,ва ҳар гуна раванди дигари педагогӣ, таълим мебошад, ки фаъолияти омӯзиши омӯзгор ва фаъолияти таҳсилию маърифатии таълимгирандагонро дар бар мегирад. Дар баробари муқаррароти умумидидактикӣ, тадрис ва таълим дар шиноварӣ бо хусусиятҳои хосси худ тавсиф меёбанд, ки бо он муайян карда мешаванд, ва мавзуи таълим амалҳои мушаххаси ҳаракатии шиновар мебошанд. Онҳо асоси ҳаракатҳоро дар об ташкил медиҳанд.

Қонуниятҳои ҳаракатҳо дар об равшантар дар техника ва усули варзиши шиноварӣ инъикос ёфтаанд. Маҳз дар доираи варзиш усули шиноварӣ ва техникаи шиноварӣ бештар такмил ёфта, рушд намудааст. Дар техникаи шиноварии варзишӣ ба камолоти олӣ танҳо шахсе ноил шуда метавонад, ки мунтазам бо машқҳои варзишӣ машғул бошад.

Унсурҳои таркибӣ, пайдарҳамии машқҳо ва мақсади тамрини варзишӣ вазифаҳое мебошанд, кимавзӯи методикаи таълим ва тамрини варзиширо ташкил медиҳанд.

Усули маъмултарини таълими шиноварӣ методи якпорча – ҷудо мебошад [16]. Барои навомӯзон истифодаи машқҳои махсуси тайёрӣ аз худ кардани шиноварӣ, ҳангоми таълим машқҳо ба ҳаракатҳои алоҳида тақсим карда, гардида, як унсур аввал дар хушкӣ, баъд дар об иҷро карда мешавад.

Нақшаи методии таълими ҳар гуна усули шиноварӣ ё унсури техника ба тариқи зайл аст:

– намоиши усул ё унсур дар маҷмуъ;

– тахлили мухтасари техникаи иҷро;

– дастурҳои методӣ, бо тартиб гузоштани вазифаҳои ҳаракатӣ;

– иҷрои амалӣ дар хушкӣ ва дар об [9].

Вазифаи бунёдие, ки ҳар як донишҷӯ бояд пеш аз ҳама ҳал кунад, ин таъмини мавқеи оптималии бадан дар об мебошад. Ин мавқеи ибтидоӣ – ҳолат барои шиноварӣ мебошад. Талаботи мазкур ба хусусияти низоми шароите, ки дар он ҳаракатҳои шиновар иҷро карда мешаванд (такягоҳи серҳаракат, хусусиятҳои нафаскашӣ, зичии баландтарини об ва ғайра), иҷро вобаста аст. Чунин вазифа асосан, аз ҳисоби ҳаракати пойҳо (бо навбат, ҳамзамон ва ғ.) бомуваффақият ҳал карда мешавад.

Вазифаи дигари на камтар муҳим вазифаи таълим додани нафаскашии дуруст мебошад, ки бо ҳаракатҳо ҳамоҳанг карда шудааст. Намунаи нафаскашйии усулан фарқкунанда дар муҳити обӣ ҳангоми таълим диққати калонро талаб мекунад. Беҳуда нагуфтаанд: «Касе, ки дар об нафас гирифтанро ёд гирад, ӯ шинокуниро низ ёд мегирад».

Бо назардошти ин, нақшаи пайвастагии пайдарпайи унсурҳои техника дар шакли пурра ва ягона ба тариқи зайл сохта шавад:

– омӯзиши ҳаракатҳо бо пойҳо;

– омӯзиши ҳаракатҳо бо дастҳо;

– омӯзиши нафаскашӣ;

– омӯзиши ҳаракатҳо бо пойҳо дар ҳамоҳангӣ бо нафаскашӣ;

– омӯзиши ҳаракатҳо бо дастҳо дар ҳамоҳангӣ бо нафаскашӣ;

– шиноварӣ бо ёрии ҳаракати дасту пойҳо бе нафаскашӣ;

– шиноварӣ дар ҳамоҳангии пурра.

Бо назардошти хусусиятҳои хосси шиноварӣ (ҳаракатхо дар холати уфуқии бетакягоҳӣ барои одам ғайримуқаррарӣ иҷро карда мешаванд) ҳар як машқро дар раванди омӯзиш дар шароити тадричан мураккабшаванда иҷро кардан лозим аст. Таҷрибаи бузурги таълими шиноварӣ дар гузариши оқилона аз иҷрои машқҳо дар ҳолати муқаррарии амудӣ дар хушкӣ ба иҷро дар ҳолати ғайриоддии уфукӣ дар об бо тадричан кам шудани майдони такя ва афзоиши динамикаи иҷро инъикос меёбад [16]. Ҳар як машқ аз рӯи нақшаи методии зерин мавриди омӯзиш қарор дода мешавад:

– шиносоӣ бо ҳаракат дар мафҳуми умумӣ (дар хушкӣ анҷом дода мешавад);

– омӯзиши машқ дар об, бо такя, дар ҷой (дар бари ҳавз, бо истифода аз қаър, соҳил ва ғ.);

– омӯзиши машқ дар об, бо такя, дар ҳаракат (дар роҳгардӣ, бо дастгирии шарик, бо тахтаи шиноварӣ ва ғ.);

– омӯзиши машқ дар об, бе такя, дар ҳаракат (лағзиш, шиноварӣ).

Доираи падидаҳое, ки мавзуи методикаи таълими шиноварии варзиширо хамчун фанни варзишӣ – педагогӣ ташкил медиҳад, тарбия, интихоб, тамрин, фаъолияти мусобиқавӣ, тарбияи шиноварони соҳибихтисос дар соҳаҳои варзиши оммавии кӯдакону наврасон ва варзиши дастовардҳои баландтаринро дар бар мегирад. Объекти асосии таваҷҷуҳи он варзишгарӣ аз синни 7 – 9 то 25–28 сола ва мураббӣ – педагоги шиноварӣ мебошад. Шиноварӣ ҳамчун як фанни варзишӣ–педагогӣ ба низоми илмҳое дохил карда шудааст, ки ба талаботи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш нигаронида шудаанд. Ҳадафҳои асосии фанни мазкур инҳоянд:

1) таҳқиқ конуниятҳои раванди бисёрсолаи омодасозии варзишии шиноварон, ҷамъбаст намудани таҷрибаи пешқадами тренерӣ ва дар ин асос таҳия ва такмил додани технологияи тайёр кардани шиноварони сохибихтисоси гурӯҳҳои синну соли гуногун;

2) таҳия ва такмил додани назария ва методикаи фаъолияти касбию педагогии тренер оид ба шиноварӣ, таълим намудани он бо донишҳо ва усули махсуси таълим, тамрин, тарбия.

Назария ва методикаи шиноварии варзишӣ ҳамчун фанни таълимӣ зери таъсири таҳсилоти касбӣ ба мураббиёни шиноварӣ ташаккул ёфтааст. Он ба нақшаҳои таълимии факултетҳои тарбияи ҷисмонии муассисаҳои таҳсилоти олӣ, мактаби олии мураббиҳо, ба низоми такмили ихтисоси мураббиҳо дохил карда шудааст.

Ҳамчун фанни таълимӣ назария ва методикаи шиноварии варзишӣ вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

1) таълимӣ – донишҷӯёнро бо донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳои касбӣ фаро мегирад.

2) рушддиҳанда – қобилиятҳои эҷодкорӣ ва тафаккури педагогии донишҷӯёнро бармеангезад;

3) тарбиявӣ – мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ, эътиқоди педагогӣ, шавқу ҳаваси амиқро нисбат ба касби педагоги варзишӣ ташаккул медиҳад [16].

Таълими шиноварии варзишӣ дар донишкадаҳои тарбияи ҷисмонӣ (ҳамчун фанни назариявӣ ва амалӣ) бо роҳи оқилона ба ҳам пайвастани шаклҳои гуногуни фаъолияти таълимии донишҷӯён – лексияҳо, семинарҳо, машғулиятҳои методӣ, озмоишгоҳӣ, амалӣ, амалияи таълимӣ ва истеҳсолӣ, корҳои мустақилонаи беруназаудиторӣ, таҷрибаомӯзӣ, таҳқиқот ва омодасозии корҳои курсӣ ва дипломӣ амалӣ карда мешавад.

Дар машғулиятҳои лексионӣ асосҳои донишҳои илмӣ дар соҳаи шиноварии варзишӣ гузошта шуда, барои минбаъд азхуд намудани тамоми маводи таълимӣ аз тарафи донишҷӯён замина ташаккул дода мешавад. Дар семинарҳо муҳокимаи дастаҷамъонаи масъалаҳои назариявӣ дар асоси омӯзиши ҷабҳавии адабиёти асосӣ ва иловагӣ, муҳокимаи рефератҳо, маърузаҳо дар бораи натиҷаҳои кори илмии донишҷӯён гузаронида мешавад.

Машғулиятҳои амалӣ (аз ҷумла, амалияи методӣ, озмоишгоҳӣ, таълимӣ) иҷро ва гузаронидани машқҳо бо мақсади аз худ намудани маҳорати педагогии мураббӣ, гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ – тамринӣ, таҳлили фаъолияти мусобиқавӣ ва тамринии шиноварони дорои дараҷаи баланд ва ғайраро пешбинӣ менамояд. Вазифаҳои асосии ин шакли машғулиятҳо амиқтар кардани донишҳои касбӣ, ташаккул додани малакаҳои кори мустақилона ва фаъолияти бештари касбӣ мебошанд.

Машғулиятҳои таълимӣ бо кори мустақилонаи беруназаудитории донишҷӯён зери роҳбарӣ ва назорати омӯзгор якҷоя карда мешаванд. Он, пеш аз ҳама, ба ҳалли вазифаҳои таъхирнопазири касбӣ аз ҷониби донишҷӯён бо ноил шудан ба натиҷаи нави амалан муҳим ва дар амал татбиқ намудани он нигаронида шудааст.

Амалияи доимии истеҳсолӣ дар макатбҳои таълими шиноварӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии тарбияи ҷисмонӣ барои донишҷӯён имкониятҳои калонтаринро аз ҳамаи шаклҳои таълим барои ташаккул ва такмил доданди тамоми намудҳои касбӣ – педагогии фаъолияти ояндаи омӯзгори ояндаи мураббӣ – тарбияи ҷисмонӣ – маърифатӣ, конструктивӣ, ташкилӣ, иртиботӣ, фаннӣ – амалӣ фароҳм меорад.

Корҳои курсӣ ва дипломӣ аз рӯйи ихтисос аз ҷониби донишҷӯён дар мавзуъҳои актуалии вобаста ба ҷанбаҳои гуногуни шиноварии варзишӣ ё вобаста ба кори он шуъбаҳои варзишӣ, ки дар онҳо машқ мекунанд, иҷро карда мешаванд. Кори дипломӣ дар дараҷаи баландтарин барои шароити донишгоҳ бояд хусусияти эҷодӣ, тадқиқотӣ, таҷрибавӣ дошта бошад.

Корҳои курсӣ ва дипломӣ аз рӯйи тахассус аз ҷониби донишҷӯён дар мавзуъҳои мубрами марбут ба ҷанбаҳои гуногуни шиноварии варзишӣ ё марбут ба кори он воҳидҳои варзишие, ки дар онҳо донишҷӯён таҷрибаомӯзиро мегузаранд, иҷро карда мешаванд. Кори дипломӣ ба дараҷаи барои шароити муассисаи таҳсилоти олӣ ба ҳадди аксар имконпазир бояд хусусияти эҷодӣ, таҳқиқотӣ, озмоишӣ дошта бошад.

Машғулиятҳои шиноварӣ машқҳо, усул ва амалҳоеро дар бар мегиранд, ки бо кумаки онҳо таълими нафароне, ки шино карда наметавонанд, ташаккули маҳоратҳо ва малакаҳои ҳаракатӣ, рушди ҳамаҷонибаи сифатҳои ҷисмонӣ ва махсус таъмин карда мешаванд. Дар зимни ин, сифатҳои ахлоқӣ – иродавӣ ва психологӣ инкишоф меёбанд. Масалан, дар шахсоне, ки шиновариро намедонанд, муқайядӣ, эҳсоси нобоварӣ, тарс аз эҳтимоли ғарқшавӣ пайдо мешаванд. Баъд аз касб кардани маҳорати дар об мондан ва сипас шиноварӣ падидаҳои манфӣ аз байн мераванд; эътимод ба қуввахои худ, ҳисси ифтихор ва қаноатмандӣ пайдо мешаванд.

Машғулиятҳои таълимӣ оид ба шиноварӣ ба таври мутамарказ ба нақша гирифта мешаванд, ки ин барои донишҷӯён ҷиҳати мустаҳкам аз худ кардани усул ва амалҳои шиноварии омӯхташаванда, ташаккул додани малакаҳои зарурӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

Маводи таълимӣ аз рӯйи машғулиятҳои алоҳида бо назардошти принсипи таълим аз содда ба мураккаб, аз осон ба мушкил тақсим карда мешавад. Мазмуни машғулиятҳои таълимӣ: шиноварӣ бо усули крол (услуби озод), коркарди оғозҳо ва гардишҳо, расонидани кумак дар об, ҷаҳишҳо ба об, ғӯтазаниро дар бар мегирад.

Интихоби дурусти машқҳо ва пай дар пай зиёд кардани сарборӣ фаъолияти талимгирандагон, шавқу ҳаваси онҳоро ба шиноварӣ баланд мекунанд. Ин махсусан ба онҳое дахл дорад, ки худро танҳо дар об нигоҳ дошта тавониста, бе кумак 10—15 метр шино карда наметавонад.

Машғулиятҳои шиноварӣ дар ҳавз дар ҳайати гурӯҳҳои таълимӣ таҳти роҳбарии омӯзгор гузаронида мешаванд. Агар гурӯҳи таълимӣ калон бошад, ба кумаки омӯзгор

доничшчӯе ҷалб карда мешавад, ки техникаи шиновариро хуб медонад. Нафаронеро, ки шино карда наметавонанд, ба гурӯҳи алоҳида муттаҳид мекунанд.

Бояд қайд кард, ки ба масъалаи такмили методикаи таълими шиноварӣ дар тамоми ҷанбаҳои он ҳамеша таваҷҷуҳи карда мешавад. Дар китобҳои дарсӣ оид ба шиноварӣ барои донишҷӯёни донишкадаҳои тарбияи ҷисмонӣ (Н. Ж. Булгакова [3], Н. А. Бутович [4]) диққати асосӣ ба методикаи таълими шиноварӣ дода шудааст.

Дар фаъолияти амалӣ нафароне, ки шино карда наметавонанд, онҳоеро фаҳмидан лозим аст, ки дар об худро нигоҳ дошта наметавонанд (О .И. Логунова [11]).

Ба ақидаи А.А. Семкин [18; 19], малакаи шиноварӣ – ин ташаккули навъи нави амали муштараки марказҳои асаб ва гурӯҳи мушакҳо дар шароити мавқеи бетакягоҳии ҷисм мебошад. Истифодаи машқҳо барои сустшавӣ дар оғози таълим азхудкунии малакаи шиновариро тезонида, ба ислоҳи хатоҳо ва ҳангоми такмил додани техникаи ҳаракатҳо таъсири мусбат мерасонад. Маҳорати ба танзим даровардани шиддати асабу мушакҳо ва суст кардани мушакҳо дар ҳарактаҳои шиноварӣ бо мавҷуд будани “ҳисси об” робитаи бевосита дорад, ки зери он муаллиф қобилияти машғулшавандагонро ба эҳсоси тағйирёбии муқовимати об мефаҳмад [15; 25].

Таълими техникаи шиноварии варзишӣ бо методикаҳо ва барномаҳои мавҷуда бо сабабҳои зиёд самараи кофи намедиҳад. Яке аз онҳо ин аст, ки на ҳамеша ба андозаи пурра ҳолати ҷисмонии донишҷӯ, омодагии ӯ ба азхудкунии бомуваффақияти малакаи шиноварӣ ба эътибор гирифта мешавад [7, с. 9–24].

Айни замон ягон ақидаи ягона дар бораи он, ки бо омӯзиши техникаи кадом усули варзишӣ раванди таълими шиновариро ҳам ба кӯдакон, ҳам ба калонсолон оғоз кардан лозим аст, вуҷуд надорад. Ҳамин тавр, И. М. Булах ва Г. И. Петрович [1] тасдиқ мекунанд, ки таълимро аз омӯзиши техникаи крол ба пушт, аммо дигарон [22] бошанд, – аз омӯзиши техникаи брасс ба кундаи сина оғоз кардан лозим аст. Аксари муаллифон исбот месозанд, ки таълими шиноварӣ бояд аз омӯзиши крол ба кундаи сина оғоз карда шавад (В.В. Медяников [14, с. 43–44], З.П. Фирсов [21]). Барои омӯзиши техникаи шиноварӣ се варианти таълим: пайдарҳам – крол ба кундаи сина, крол ба пушт, брасс ба кундаи сина, делфин (О. И. Логунова [12]), ба таври мувозӣ пайдарҳам – крол ба кундаи сина ва ба пушт, делфин, брасс (Н. Ж. Булгакова [2], С. М. Вайцеховский [5, с. 47–50]) ва ҳамзамон – крол ба кундаи сина ва ба пушт, делфин ва брасс (К. А, Инясевский [8], И. Ю. Кистяковский [10, с. 47–55]).

Қариб ҳамаи мутахассисон барои омӯзиши техникаи усули варзишии шиноварӣ методи якпорчаи – таълимро пешниҳод мекунанд. Аммо, ақидаҳои гуногун дар бобати он вуҷуд доранд, ки аз кадом унсури техника таълим бояд оғоз карда шавад, кадоме аз онҳо асосӣ мебошанд (Е. С. Черник [23]). Ҳамин тавр, баъзе муаллифон чунин мешуморанд, ки таълимро аз омӯзиши техникаи ҳаракатҳо бо пойҳо (В. С. Васильев [6], О. И. Логунова [11]), дигариҳо – аз омӯзиши унсурҳои заминавӣ, асосии техникаи шиноварӣ (И. Ю. Кистяковский [10, с. 47–55], В. В. Медяников [14, с. 43–44], Г. Ф. Полевой [17, с. 412–415]) шурӯъ кардан лозим аст.

Асосҳои таълими ибтидоии шиноварӣ барои нафароне, ки худро дар об нигоҳ дошта метавонанд, аз ҷониби В.И. Маслов барои истифодаи онҳо дар гурӯҳҳои тарбияи ҷисмонӣ асоснок карда шудаанд [13]. Таъкид карда мешавад, ки малакаҳои шиноварӣ дар синни 16 – 18 – солагӣ низ метавонанд бомуваффақият ташаккул ёбанд. Онҳо дар чуқурии камтар назар ба чуқурии калонтар тезтар ташаккул меёбанд. Дар навҷавонон дар оби чуқур ин назар ба духтарон, зимнан беҳтар ба пушт, барваққтар ба амал меояд, назар ба ҳамаи усул ҳамзамон, ки вақти зиёдро барои азхуд кардани онҳо талаб мекунанд (А. А. Тани [20, с. 35–42]).

К.А. Инясевский [8] зарурати таълими техникаи ҳамаи усули шиновариро исбот мекунад. Ба ақидаи ӯ, таълими маҷмӯӣ боиси сатҳи баланди рушди ҳамоҳангсозии ҳаракатӣ мегардад, ки зимни кори минбаъда такмили бомуваффақияти усули интихобшудаи шиновариро таъмин менамояд.

Дар вақти таълим ва такмили техникаи усули варзишии шиноварӣ гузариши тадриҷиро ба марҳилаҳои мукаммалтари он таъмин намудан зарур аст. Аз лаҳзае, ки дар тамрини шиновар сарбориҳои калон ба таври васеъ истифода бурда мешаванд, техника ва усулби ӯ дар вобастагии мустақим аз ҳолати тамоми организм қарор доранд. Шиновари хеле хасташуда як муддат сабукии ҳаракатҳоро аз даст дода, мувофиқати муқаррарии онҳоро гум мекунад. Ба қадри барқароршавии қуввахои варзишгар, техника на танҳо ба мавқеи ибтидоӣ бармегардад, балки инчунин мавриди як қатор тағйироти мураккаби сифатие қарор мегирад, ки бо баланд шудани имкониятҳои суръатии мутлақи шиноварӣ ҳамроҳӣ мекунанд.

Барои таълими техника ё такмил додани он тамоми машғулият ё қисми он чудо карда мешавад. Ҳамин тавр, машғулият бо навомӯзон пурра ба таълим бахшида мешавад, аммо барои сайқал додани усулби шиноварии шиноварони баландихтисос баъзан якчанд огоҳиҳои мураббӣ – омӯзгор дар вақти иҷрои машқҳои суръатӣ кофӣ мебошанд [24].

Дар амалияи таълими шиноварии варзишӣ миқдори калони унсурҳои техникаи шиноварӣ истифода мешавад, ки дар таркиботи гуногун иҷро карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, шиноварӣ ҳамчун фанни таълимӣ соҳаи донишҳое мебошад, ки қонунҳои амали муштараки ҷисми шинокунанда ва обро (муҳите, ки дар он амалҳои ҳаракати ӯ ташкил карда мешаванд) меомӯзад. Омӯзиши чунин амали муштарак ба зарурати ташаккул додани малакаҳои ҳаракатӣ вобаста аст, ки имкони ҳаракат карданро дар муҳити обӣ бо усули самараноктарин бидуни дастгоҳҳои махсус ва воситаҳои дастгирӣ медиҳанд

АДАБИЁТ:

1. Булах И. М., Петрович. Г. И. Научите меня плавать. – Минск, 1983.
2. Булгакова Н. Ж. (ред.) Плавание: учебник для ИФК. М., 1979.
3. Булгакова Н. Ж. (ред.). Плавание: учебник для ИФК. М., 1984.
4. Бутович Н. А. (ред.) Плавание: учебник для студ. спорт. факультетов ИФК. М., 1965.
5. Вайцеховский С. М. Оперативное управление процессом спортивной тренировки (на примере плавания) // Теория и практика физической культуры. 1979. № 1. С. 47–50.
6. Васильев В. С. Процесс становления навыка плавания у детей 5–7 лет и обоснование методики обучения: автореф. дис. ... канд. пед. наук. М., 1963.
7. Губа В. П., Вольф М., Никитушкин В. Г. Современные проблемы ранней спортивной ориентации. М., 1998.
8. Инясевский К. А. Плавание: метод. пособие для преподав. и студ. вузов. М., 1978.
9. Каунсилмен Д. Е. Спортивное плавание / пер. с англ. Л. П Макаренко. М.: Физкультура и спорт, 1982. – 208 с.
10. Кистяковский И. Ю. Рекомендации по методике обучения детей плаванию // Плавание: сб. ст. М., 1976. Вып. 1. С. 46–52; Вып. 2. С. 47–55.
11. Логунова О. И. О выборе способа плавания для начального обучения: автореф. дис. канд. пед. наук. М., 1952.
12. Логунова О. И. Основы спортивного плавания. М., 1971.
13. Маслов В. И. Начальное обучение плаванию. 2–е изд., испр. и доп. М., 1969.
14. Медяников В. В. Улучшить обучение плаванию в пионерских лагерях // Плавание: ежегодник. М., 1986. С. 43–44.
15. Навроцкий Б.А., Шувалов Ю.Н. Применение психорегулирующей тренировки при обучении студентов плаванию. Методические рекомендации. – Тула, 1986. – 32 с.
16. Плавание: учебник для вузов / под общ. ред. Н. Ж. Булгаковой. М.: Физкультура и спорт, 2001. – 241 с.
17. Полевой Г. Ф. Метод одновременного обучения спортивным способам плавания // Теория и практика физической культуры. 1958. Т.XX1. Вып. б. С. 412–415.
18. Семкин А. А. Закономерности и взаимосвязь двигательных реакций организма человека в процессе адаптации к физическим нагрузкам: автореф. дис. ... д–ра биолог, наук. Мн., 1994.
19. Семкин А. А. Физиологическая характеристика различных по структуре движений видов спорта (механизмы адаптации). Мн., 1992.
20. Тани А. А. О возможностях индивидуализации начального обучения плаванию в возрасте 1б–18 лет: ав–тореф. дис.... канд. пед. наук. Тарту, 1975.
21. Фирсов З.П. Оздоровительное плавание для всех // Плавание. – М.: ФиС, 1984. – С. 35–42.
22. Фирсов З.П. Плавание для всех. – М.: Физкультура и спорт, 1983. – 64 с., ил.
23. Черник Е. С. Дети дружат с водой. М., 1986.
24. Чертов Н.В. Теория и методика плавания: учебник. Ростов–наДону: ЮФУ, 2011. – 452 с.
25. Шувалов Ю. Н. Влияние свойств темперамента на эффективность обучения плаванию студентов вуза: автореф. дис.... канд. психол. наук. Л., 1988.

ВАЗИФАҲО, МЕТОДҲО ВА ТАСНИФИ ГИМНАСТИКА ҲАМЧУН ФАННИ ПЕДАГОГӢ

Дар мақола асосҳои методикаи таълими шиноварии варзишӣ дар муассисаи таҳсилоти олии тарбияи ҷисмонӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Таъкид карда мешавад, ки шиноварӣ ҳамчун фанни таълимӣ соҳаи донишҳое мебошад, ки қонунҳои амали муштараки ҷисми шинокунанда ва обро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Қайд шудааст, ки ҳамчун фанни таълимӣ назария ва методикаи шиноварии варзишӣ вазифаҳои: таълимӣ, рушддиҳанда ва тарбиявиро иҷро карда, доираи падидаҳое, ки мавзуи методикаи таълими шиноварии варзиширо хамчун фанни варзишӣ – педагогӣ ташкил медиҳад, тарбия, интихоб, тамрин, фаъолияти мусобиқавӣ, тарбияи шиноварони соҳибихтисос дар соҳаҳои варзиши оммавии кӯдакону наврасон ва варзиши дастовардҳои баландтаринро дар бар мегирад. Дар мақола шаклҳои гуногуни фаъолияти таълимии донишҷӯён – лексияҳо, семинарҳо,

машғулиятҳои методӣ, озмоишгоҳӣ, амалӣ, амалияи таълимӣ ва истеҳсолӣ, корҳои мустақилонаи беруназаудиторӣ, таҳқиқотҳо ва омодасозии корҳои курсӣ ва дипломӣ амалӣ шарҳ дода шудааст.

Калидвожаҳо: *методика, таълим, шиновариш варзишӣ, муассисаи таҳсилот, тарбияи ҷисмонӣ, донишҷӯ, мураббӣ – омӯзгор, машғулият, техника.*

ОСНОВЫ МЕТОДИКИ ОБУЧЕНИЯ СПОРТИВНОМУ ПЛАВАНИЮ В ВУЗЕ ФИЗИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ

В статье рассматриваются основы методики обучения плаванию в физкультурном вузе. Подчеркивается, что плавание как предмет представляет собой область знаний, изучающую законы взаимодействия тела пловца и воды. Отмечено, что теория и методика плавания как образовательный предмет выполняет следующие задачи: воспитательная, развивающая и воспитательная, а комплекс явлений, составляющих предмет методики обучения плаванию как спортивно–педагогической дисциплине, включает воспитание, отбор, тренировку, соревновательную деятельность, воспитание высококвалифицированных пловцов. в сферах массового спорта детей и подростков и спорта высших достижений. В статье описаны различные формы учебной деятельности студентов – лекции, семинары, методические, лабораторные, практические, учебно–производственные практики, самостоятельные внеаудиторные занятия, исследования и подготовка курсовых и дипломных работ.

Ключевые слова: *методика, обучение, спортивное плавание, образовательное учреждение, физическое воспитание, студент, тренер–преподаватель, занятие, техника.*

FUNDAMENTALS OF TEACHING METHODS IN SWIMMING AT A HIGHER EDUCATIONAL INSTITUTION OF PHYSICAL CULTURE

The article discusses the basics of teaching methods of swimming in a physical education institution. It is emphasized that swimming as a subject is a field of knowledge that studies the laws of interaction between a swimmer's body and water. It is noted that the theory and methodics of swimming as an educational subject performs the following tasks: educational, developmental and educational, and the complex of phenomena that make up the subject of the methodology of teaching swimming as a sports and pedagogical discipline includes education, selection, training, competitive activity, education of highly qualified swimmers in the spheres of mass sports for children and adolescents and sports of the highest achievements. The article describes various forms of educational activities of students – lectures, seminars, methodological, laboratory, practical, educational and production practices, independent extracurricular activities, research and preparation of term papers and theses.

Key words: *methodics, teaching, sports swimming, educational institution, physical education, student, coach–teacher, lesson, technique.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Файзуллоев Аҳлиддин Шодевич, ноиби декани факултети "Тарбияи ҷисмонӣ"–и Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов. Сурога: 734053, ҶТ, ш. Душанбе, кӯч. Лучоб, 53. Тел.: 918925912.*

Сведения об авторае: *Файзуллоев Ахлиддин Шодиевич, заместитель декана факультета "Физическое воспитание" Таджикского института физической культуры им. С. Рахимова. Адрес: 734053, РТ, г. Душанбе, ул. Лучоб, 53. Тел.: 918925912.*

Information about authors: *Fayzulloev Ahliddin Shodievich, deputy dekan of the faculty "Physical education" of the Tajik Institute of Physical Culture after S. Rahim. Address: c. Dushanbe, Str. Luchob. Tel.: +(992) 918925912.*

ХУСУСИЯТҲОИ ИНКИШОФИ БОЗИҲОИ МУСИҚӢ-ДИДАКТИКӢ ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ЗИМНИ ДАРСИ СУРУД ВА МУСИҚӢ

Боев. Ш. Р.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Фаъолияти дарк ва тағйир додани тасвирҳои мусиқӣ ба бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар сатҳи хаёлӣ пайдо мешавад, вақте ки ӯ дар асоси идеяҳои худ амал карданро оғоз мекунад, унсурҳои воқеиятро ҳамчун объекти ивазкунанда (имову ишора, ҳаракат, пластикӣ, (интонатсия) истифода мебарад. Маҳз дар бозӣ тасаввурот шакли фаъолро мегирад.

Бозии мусиқӣ-дидактикӣ бо хусусиятҳои худ ва алоқаи зич бо санъат дар дарки мусиқӣ имкон медиҳад, ки нақшаи дохилии фаъолияти хонандагон, фаъолияти эмотсионалӣ мустаҳкам карда шавад, иҷрои бозиҳои мусиқӣ-дидактикиро таҳти садои мусиқӣ ҳавасманд гардонад. Он ба шумо имкон медиҳад, ки на танҳо ба ҷаҳони тасвирҳои мусиқӣ ва таҷрибаҳо ворид шавед, инчунин бевосита ин ҷаҳонро дар амалҳои бозӣ, сюжетҳо, ҳаракатҳо, садоҳо дубора эҳё кунед ва ғанӣ гардонед.

Бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар назария ва амалияи тарбияи мусиқию зебопарастии хонандагон дар муддати басо дуру дароз танҳо ҳамчун воситаи таълим ва инкишоф додани ҳаракатҳои мусиқӣ ва ташаккули салоҳияти бачаҳо таъсирбахш мегарданд. Бо вуҷуди ин,

равиши педагогикаи муосир дар таълим ба тавсеаи масъалаи робитаи бозии мусиқӣ-дидактикӣ ва санъат дар раванди дар ҷараёни таълим, баррасӣ гардида бозии мусиқӣ-дидактикӣ ҳамчун роҳи табдил додани фарҳанги мусиқӣ ба фаъолияти бадеӣ ва зебоипарастии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва баланд бардоштани неруи салоҳиятҳои онҳо нигаронида шудааст.

Истифодаи бозиҳои мусиқӣ - дидактикӣ дар педагогика дар ду самт инкишоф ёфтааст.

Аввалин ва маъмултарин ин ба раванди педагогӣ ҷудо кардани чунин бозиҳо мебошад. Ин ба истифодаи усули бозӣ, шаклҳо ва усули дар амал маълум ва санҷидашуда, инчунин мутобиқ кардани онҳо ба мавзуи омӯзиш дахл дорад. Дар ин ҳолат бозии мусиқӣ-дидактикӣ ба раванди таълим (бозӣ ҳамчун қисми дарс, қисми таълим) ворид карда мешавад ё ҳамчун чорабиниҳои беруназсинфӣ шарҳ дода мешавад.

Самти дуюм - таҳияи барномаҳо ва усули танҳо дар асоси бозӣ. Масалан, ин усулро олимон РаиеваТ., Е.Клезович О.В., Радынова О.П. истифода мебурданд. Ба ғайр аз шаклҳои гуногуни бозӣ ва усули таълим якчанд намудҳои модели бозиҳо ташаккул ёфтаанд, ки дар амалия дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ бомуваффақият истифода бурдан мумкин аст.

Назария ва амалияи рушди шахсият ошкор намудааст, ки дар синфҳои ибтидои хонандагон маҳорату қобилиятҳои бозиҳои мусиқӣ - дидактикӣ зери таъсиррасонии мақсадноки калонсолон инкишоф меёбанд. Бо истифода аз воситаҳои гуногуни таъсиррасонӣ рушди минбаъдаи неруи эҷодӣ таъмин гардида, он ба шаклгирии сифатҳои зеҳнӣ, эҳсосотии хонандагони синфҳои ибтидои таъсир мерасонад. Инкишофи завқи зебопарасти дар бозиҳои мусиқӣ - дидактикӣ ба шавқ омадан, хушҳол гардидан, тағеирёбии руҳия, хушҳол шудан ва ғайраҳо мебошад ва шаклгирии бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ мусоидат менамояд. Майлу рағбат ба бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ завқи мусиқифаҳмии хонандагонро тақвият бахшида онҳоро ба фаъолияти мусиқӣ ҷалб менамояд.

Омӯзонидани хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба шунидани мусиқӣ ва бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ аз он ҳаловат бурда тавонистан дар тарбияи мусиқӣ вазифаи муҳимми муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ инкишоф додани ҳаракатҳои мусиқӣ-эҷодкорӣ ба шаклгирии маънавиёт, ахлоқ, ҳисси зебоипарастӣ, зебоиофарӣ мусоидат мекунад. Ҳалли бо муваффақияти ин масъала ҳамон вақт имконпазир мегардад, ки агар омилҳои биологӣ (мавҷудияти аломату нишонаи қобилият), психологӣ, педагогӣ, иҷтимоӣ, сифатҳои фардӣ-шахсиятии хонандагон омухта шавад ва ӯ ба раванди педагогӣ ворид гардад.

Бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ аз рӯйи хусусиятҳои худ метавонад ба рушди хаёл таъсир расонида, асоси лаёқатманди эҷодкории хонандагон гардад. Талабот ба фаъолияти мусиқӣ-эҷодӣ ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарси суруд ва мусиқӣ имконият медиҳад, ки доираи фаҳмиши худро оид ба олами иҳотакарда бой намуда, ба ташаккули шахсияти ӯ мусоидат намояд. Бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ба хонандагон метавонад дар ҳамаи намудҳои фаъолияти мусиқии ӯ шунидани оҳангу навои мусиқӣ, сурудхонӣ, рақскунӣ, навохтани асбобҳои мусиқӣ зоҳир гардад. Дар навбати худ эҷодкорӣ яке аз шаклҳои фаъолияти мустақилонаи хонандагон аст, ки дар он таҷрибаи хуб мегиранд.

Таҷрибаи таърихии инсоният, таҳқиқоти илмии гузаштаю муосир исбот кардаанд, ки одам аз батни модар то охири умр майл ба фаъолияти мусиқӣ ва бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ майлу хоҳиш, шавқу рағбат дорад. Мавҷудияти ҳаракатҳои мусиқӣ (шунидану фаҳмидани мусиқӣ, суруд хондан, рақс намудан, навохтани асбобҳои мусиқӣ) дар синфхои ибтидои ба таҷрибаи иҷтимоӣ, рушди равандҳои маърифатӣ, муҳити иҳотакарда, мавҷудияти аломату нишонаҳои махсуси эҷодкорӣ ва дигар омилҳо алоқаманд мебошанд.

Масъалаи дар тарбияи мусиқӣ рушд додани маҳорату малака ва ҳаракатҳои мусиқӣ-эҷодии хонандагон ва бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ мушоҳидаҳо, суҳбат бо омӯзгорон, волидон нишон медиҳанд,ки на дар ҳамаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ шавқу рағбат ба мусиқӣ ва бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ нишонаю аломатҳои қобилияти эҷодкорӣ дар соҳаи мусиқӣ дар хонандагони синфҳои ибтидои зуҳур гардида, инкишоф меёбад. Бояд ба ҳисоб гирифт, ки нахуст шавқу рағбат ва маҳорату ҳаракатҳои мусиқӣ-эҷодкорӣ ва бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ба руҳияи хонандагони синфҳои ибтидои хеле таъсири хуб мерасонад.

Масъалаи таҳқиқу баррасии шунидани ҳаракату қобилият мусиқифаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз нигоҳи психологӣ хусусияти ба алоҳида дорад. Дар таҳқиқоти психологӣ роҳу усули муайянсозии истеъдодҳои хонандагон мавриди истифодабарӣ қарор гирифтаанд. Дар хонандагони соҳибистеъдод кӯшиш, шавқу рағбати махсус дар фаъолиятҳо зуҳур мегардад, ки ифодагари ин ё он намуди қобилият мебошанд.Ба монанди фаъолиятҳои бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ эҷодиёти шифоҳӣ, мусиқӣ, рақсу сурудхонӣ ва ғайраҳо, ки

хонандагон андешаҳои худро шакл медиҳанд,дар амалӣ гардонидани онҳо маҳорату қобилиятҳои худро нишон медиҳанд.

Бояд қайд кард, ки қобилияти эҷодӣ–суханварӣ ва бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарси суруд ва мусиқӣ ба фаъолияти аз (худкунии нутқи шифоҳӣ асос ёфта, он дар зерхати азхудкунии маданияти овозии нутқ (тарзи дурусти талаффузи садоҳои мусиқи, овозҳо ва риояи меёри адабии суханронӣ); луғатомӯзӣ (бой гардидани захираи луғавӣ фаҳмидани мазмуни калимаю ибораҳо ва дар нутқи фаъолона истифодабарии онҳо мебошад.

Дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ки соҳиб истеъдод баланд ҳастанд, имконияти тез ва ба таври махсус ичро намудани вазифаҳои маърифатӣ ва эҷодӣ ба бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ хос аст. Доштани тасаввуротҳои амиқ, тафаккури махсуси эҷодӣ, дарёфти равишҳои таббии ҳалли масъалаҳои гуногуни фикрӣ имконпазир мегардад. Дар хонандагони синфҳои ибтидои имкониятҳо ва истеъдоди ақлию зеҳнӣ вобаста ба рушди тафаккури аёнӣ-амалӣ ва хаёл шакл мегирад ва дар раванди он ҳаракатҳои мусиқӣ ба вуҷуд меоянд. Ҳангоми дар фикри худ сохтани нақш бозӣ-кашидани расм, сохтани тарҳи бино (бозии сохтмонӣ),нақл кардани образи қаҳрамонони афсонаҳо ба тасаввуроти худ такя менамоянд.

Ташаббуси ичрои бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар он ифода мешавад, ки хонандагон тасаввуроти бузургро кашф мекунанд, маҳорати худро мавриди ичрои бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ татбиқ мекунанд ва ба ҳам мепайванданд, дастурҳои омӯзгорро пурсамар истифода мебаранд, онҳоро такрор намуда, ба онҳо ҳаракатҳои иловагӣ зам месозанд, андешаҳои худро амалӣ менамоянд. Табиист, ки дар раванди таълими бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ инкишоф додани мустақилият, ташаббуси хонандагон нисбат ба ичрои бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ғанӣ мегардонад,ҳаракатҳои истеъдоди ақлию зеҳнии хонандагон синфҳои ибтидоӣ дар дарси суруд ва мусиқӣ зиёдтар шуда, дар хотир нигоҳ доштани теъдоди зиёди мазмуни афсонаҳо, шеърҳо,бозиҳо, ичрои амалҳои фикрӣ, рушди тафаккури образноки мантиқӣ, хаёлу тахаюлоти эҷодӣ ва ғайраҳо зоҳир мегардад.

Барои ташхиси қобилияту истеъдоди онҳо дар психология методикаи зиёди ташхисии махсус коркард ва мавриди истифодабарӣ қарор гирифтаанд. Маълум аст, ки тестҳо барои муайянсозии имкониятҳои ақлию зеҳнии хонадагони синфхои ибтидоӣ дар дарси суруд ва мусиқӣ аз тарафи омӯзгорон таҳия карда шудаанд. Фаъолияти эҷодӣ ва бозиҳои дидактики ба хонандагони синфҳои ибтидои дар дарси суруд ва мусиқӣ хусусиятҳои ба худ хос дорад, чунки дарки мусиқӣ, фаҳмидан ва айнан такрор кардани он ба синнусол ва инкишофи асабу-психикии онҳо алоқаманд аст.

Идроки мусиқӣ дар шунидан ва фаҳмидан, зуҳур мегардад. Он дар заминаи эҳсос ба вуҷуд омада, ба инкишофи ақлу фаросат, зеҳну заковатмандӣ мусоидат менамояд. Бинобар ин, фаъолияти мусиқӣ ва бозиҳои дидактики низ як шакли фаъолияти маърифатӣ буда, он ба азхудкунии ҳаҷми муайяни донишҳо, таассуроту тасаввурот бо воситаи шунидан мусоидат менамояд. Дар илми муосир дар заминаи психология ва педагогикаи мусиқӣ назарияи идроки мусиқӣ ва бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ба вуҷуд омада, тибқи таҳқиқотҳои илмӣ исбот шудааст, ки идроки мусиқӣ бояд дар зерхати умумифарҳангӣ ва фарҳанги миллӣ амалӣ гардонда шавад.

Нақши бозиҳои мусиқӣ- дидактикӣ тибқи дараҷаи азхудкунии образҳои мусиқӣ муайян карда мешаванд:

а) нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ҳаёти хонандагони синфҳои ибтидоӣ чун шахсияти арзишманду аъзои ҷомеа дар якҷоягӣ муайян карда шавад;

б) мусиқӣ барои иҷтимоишавии хонандагон мусоидат намояд:

в) мусиқӣ замина барои эҷодкорӣ ва рушди зеҳну қобилият гардад.

Бинобар ин, дар тарбияи мусиқӣ, зебопарастӣ ва бадеии хонандагон асарҳои мусиқӣ ва бадеӣ интихоб карда шаванд, то онҳо аз рӯйи лаҳн, садо, суръат, оҳанг ва дигар сохторҳои таркибӣ ба шунавандаи худ дастрас барои идрок намудан бошанд.Набояд фаромӯш кард, ки масъалаи мазкур самтҳои сотсиологӣ (ҳамчун воситаи иҷтимоишавӣ) тиббӣ (табобат бо оҳангу садои мусиқӣ), психологӣ (рушди маърифатӣ– ақлию зеҳнӣ), фарҳангӣ мутааллиқ ба муҳити иҳотакардаи фарҳангӣ-таърихӣ бошад.

Албатта, таҳқиқу баррасии асосҳои психологӣ педагогии масъалаи мазкур мураккаб, печида, гуногунҷабҳа ва доманадор буда мо, кӯшиш намудем, инкишофи ҳаракатҳои бозиҳои мусиқӣ-дидактикиро барои хонандагон дар дарси суруд ва мусиқӣ дар синфҳои ибтидои мавриди таҳлил қарор диҳем. Соҳиб шудан ба таҷрибаи эмотсионалӣ ба ӯ имконият медиҳад ҳиссиёту эмотсияҳои махсусро аз сар гузаронида, ба фаъолияти мусиқӣ-бадеӣ ва бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ худ баҳо диҳад, сазовори баҳодиҳии мусбати ҳамсолону калонсолон гардад

ва қувваю имкониятҳои шахсии эҷодкории худро зиёдтар истифода бурда онҳоро такмилу таъғйир диҳад.

Иштирок кардан дар фаъолияти мусиқӣ-эҷодӣ ва бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ба хонандагони синфҳоӣ ибтидои дар дарси суруд ва мусиқӣ имконият медиҳад, то ки қувваю неруи эҷодии худро сайқал диҳанд. Дар хотир нигоҳ дошта ва сурудҳоро ҳамовозӣ мекунанд, дар бозиҳои саҳнави кардашуда (аз рӯйи мазмуни афсонаҳо, ҳикояҳо) иштирок намуда, маҳорату қобилияти эҷодкории хешро дар ичрои нақшҳо, шеърхонӣ намоиш медиҳанд.

Хулоса, аз ин дидгоҳ метавон ба чунин хулоса омад, ки хонандагон дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ дар мавриди ичрои бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ба мазмуни дониш,қобилият ва малакаи гуногуни мусиқӣ соҳиб мегарданд. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар хонандагон гузариши ҳар як давраи синну сол гарави инкишофи минбаъдаи мутаносиби шахсият буда ба омӯзгор диққати махсус зоҳир менамояд. Тавасути ин равиш дар оянда дар тарбияи мусиқӣ, рушд додани маҳорату малака ва ҳаракатҳои мусиқӣ эҷодии хонандагон ва бозиҳои мусиқӣ-дидактики мушоҳидаҳо, суҳбат бо омӯзгорон, волидон нишон медиҳанд,ки на дар ҳамаи хонандагони синфҳои ибтидои якранг аст. Шавқу рағбат ба мусиқӣ, ва бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ нишонаю аломатҳои қобилияти эҷодкорӣ дар соҳаи мусиқӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо ҳамсолон ва ҳам бо калонсолон рушд ва ташаккул меёбад.

Ҳаминро қайд кардан зарур аст ,ки ҳар як бозии мусиқӣ-дидактикӣ бояд ба синну соли хонанддагон мувофиқ буда, он дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагон нақши боризро соҳиб мебошад.Бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ тавре таҳрези гарданд,ки он мақсад,вазифа ва раванди муайяни ичроги худро соҳиб бошанд,то хонандагон бо ҷӯшӯ хурӯш онро ичро намуда, хастагии худро эхсос нанамоянд ва ҳар як машғулияти суруд ва мусиқиро бесаброна интизорӣ кашида, дар раванди бо салоҳиятҳои мусиқӣ соҳиб гардидан кӯшишу ғайрат намоянд.

АДАБИЁТ:

1. Клезович, О.В. Бозиҳо ва машқҳои мусиқӣ: дастур барои пешвоёни мусиқӣ / О.В. Клезович.- Минск: Аверсев, 2005..
2. Михайлов, З. Бозии вазифаҳои фароғатӣ барои мактаббачагон. / PER. Михайлов. - М.: Педагогика, 1981
3. Радынова, О.П. Рушди мусиқии кӯдакон О.Р. Радынов. - М.: ВЛАДОС, 1997
4. Раицева, Т.Е. Бозии мусиқӣ ва дидактикӣ дар мактаб / Т.Е.Раицева Мактаби ибтидоӣ ва таълими муосири муаллимон. - Владикавказ, -2002.
5. Скопинцева, О. Инкишофи эҷодиёти мусиқӣ ва бадеӣ: тавсияҳо, қайдҳои синфӣ. / О.А. Скопинцев, тахрири Г.В. Стюхина. - Волгоград: Муаллим, 2011
6. Теплов, Б.Н. Психологияи қобилиятҳои мусиқӣ B.N. Теплов. - Л.: Нашриёти АПН РСФСР, 1947.
7. Хайруллоев Б. Методикаи таълиму тарбияи мусиқӣ барои синфҳои ибтидоӣ. Душанбе: 2019 с.

ХУСУСИЯТҲОИ ИНКИШОФИ БОЗИҲОИ МУСИҚӢ-ДИДАКТИКӢ ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ЗИМНИ ДАРСИ СУРУД ВА МУСИҚӢ.

Дар мақола роҷеъ ба марҳилаи фаъолияти дарк ва тағйир додани тасвирҳои мусиқии хонандагон сухан меравад ва ҳадаф он аст, ки фаъолияти дарккуни инкишофи завқи зебопарастӣ дар бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ба шавқ омадан, хушҳол гардидан, тағйирёбии руҳия, хушҳол шудан ва ғайраҳо мебошад. Бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ тавассути дарсҳои суруд ва мусиқӣ инкишоф дода шавад. Маҳз ҳамин мақсад имкон медиҳад, ки кори таълимӣ вобаста ба васеъ намудани имкониятҳои муқаррарёфтаи алоқаи байниҳамдигарӣ дар вазъиятҳои гуногуни бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ нигаронида шавад.

Дар мақола гузаронидани як қатор машғулиятҳо оид ба бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ бо хонандагони хурдсол нишон дода шудааст, ки барои муҳити умумии эмотсионалӣ дар гурӯҳ ва хусусиятҳои муносибати байни иштирокчиён хеле хуб ёрӣ мерасонад.

Натиҷаҳои бадастомада вобаста ба охир расидани ҳар як машғулият дорои хусусияти илмӣ ва методӣ мебошанд, ки дар мақолаи мазкур ҳамаҷиҳата ифодаи худро ёфтаанд.

Калидвожа: *фаъолият, ташаккул, бозӣ, мусиқӣ, дидактикӣ, хонандагон, синфҳои ибтидоӣ, суруду мусиқӣ, қобилият, малака.*

ОСОБЕННОСТИ РАЗВИТИЯ МУЗЫКАЛЬНО-ДИДАКТИЧЕСКИХ ИГР В МЛАДШИХ КЛАССАХ НА УРОКАХ ПЕНИЯ И МУЗЫКИ

В статье говорится об этапе деятельности понимания и изменения музыкальных образов учащихся, а цель состоит в том, что деятельность понимания заключается в развитии эстетики в музыкально-дидактических играх, радоваться, интересоваться, изменить настроение, стать счастливым и т. д. Музыкально-дидактические игры следует развивать посредством уроков песни и музыки. Именно эта цель позволяет сосредоточить воспитательную работу на расширении возможностей установления взаимного общения в различных ситуациях музыкально-дидактической игры.

В статье показано, что проведение со младшими школьниками серии занятий по музыкально-дидактическим играм очень хорошо способствует улучшению общей эмоциональной обстановки в группе и особенностей взаимоотношений между участниками.

Полученные результаты, относящиеся к завершению каждого мероприятия, носят научно-методический характер, все аспекты которого отражены в данной статье.

Ключевые слова: *деятельность, образование, игра, музыка, дидактика, учащиеся, младшие классы, песня и музыка, умение, навыки*

FEATURES OF THE DEVELOPMENT OF MUSICAL-DIDACTIC GAMES IN PRIMARY SCHOOL DURING SINGING AND MUSIC LESSONS.

The article talks about the stage of activity of understanding and changing the musical images of students, and the goal is that the activity of understanding is to develop aesthetically in musical and didactic games, to be happy, interested, change the mood, become happy, etc. Musical and didactic games should be developed through song and music lessons. It is this goal that makes it possible to focus educational work on expanding the possibilities of establishing mutual communication in various situations of musical and didactic games.

The article shows that conducting a series of lessons on musical and didactic games with primary schoolchildren very well contributes to improving the general emotional situation in the group and the characteristics of the relationships between the participants.

The results obtained related to the completion of each event are of a scientific and methodological nature, all aspects of which are reflected in this article.

Key words: *activity, education, game, music, didactics, students, junior classes, song and music, ability, skills*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич мудири кафедраи назария ва методикаи тарбияи мусиқӣ-бадеӣ, факултаи педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Тел (+992)909934241*

Сведение об авторе: *Боев Шахобиддин Раджабалиевич заведушей кафедры теории и методики музыкально-художественного образования педагогического факультета Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни. Тел (+992)909934241*

Information about theauthor: *Boev Shahobiddin Rajabalievich Senior Lecturer, Department of Theory and Methods of Music and Art Education, Pedagogical Faculty, Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni. Tel (+992) 909934241*

ТДУ:74.00
ТДК:371.015
Ш-30

ВАСОИТИ СЕРҶАБҲАИ САВОДНОКГАРДОНИИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ МОДАРӢ

Шарифиён М. Х.
МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров”

Барномаи таълимии синфҳои ибтидоӣ дар раванди дарсҳои забони модарӣ – омӯзонидани хондану навиштан, бомаданият сухан гуфтану шунидан ва зимни онҳо нисбати илмомӯзиву маърифатҷӯй бедор намудани шавқу завқи хонандагонро таъкид менамояд. Амалӣ гардидани ин талаботи барнома ҳамон вақт имконпазир аст, ки агар дар раванди дарсҳои давраи саводомӯзӣ тезондани фаъолияти донишандӯзии хонанда таъмин карда шавад.

Маъмулан, ки хонандагони хурдсол, бахусус хонандагон синфи якум, табиатан, серҳаракат мешаванд, диққату хотираи онҳо мустаҳкам нест, онҳо муддати дароз диққати худро ба як кор равон карда наметавонанд, ба тезӣ хаста мешаванд, такрори як амал, якрангии таълим онҳоро ба зудӣ дилгир менамояд. Бинобар ин, дар раванди саводомӯзӣ роҳҳои самараноки истифодаи усул, омилҳои тезонидани фаъолияти саводомӯзии хонандагонро бояд ҷустуҷӯ намуд.

Муаллимро зарур аст, ки мутобиқи кӯшиш ва шавқу рағбати кӯдакон фаъолияти таълимиро, ки яке аз роҳҳои беҳтарини кори саводомӯзӣ ба шумор меравад, ташкил намояд [1].

Ба фикри мо, дар тезонидани фаъолияти хонандагон бозиҳои таълимӣ мавқеи махсус доранд ва яке аз омилҳои муҳимми самарабахшии фаъолнамуда хонандагон ба шумор мераванд.

Фаъол намудани маърифатҷӯйи хонандагонро мо метавонем шартан ба тарзи зер радабандӣ намоем:

фаъолиятнокии шахсии хонанда;

бо таъсири муаллим тезондани фаъолияти кории хонанда;

тавассути истифодаи воситаҳои гуногуни таълимӣ.

Мушоҳидаҳо инъикосгари онанд, ки ин қисматҳо марбут ба ҳамдигаранд ва ҳар яке дигареро тақвият медиҳанд. Онҳо барои дуруст дарк намудани маводи таълимӣ ва зимни он, ташаккулу такомули дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон муҳиманд.

Педагогону методистони соҳа воситаи таълимро чунин шарҳ додаанд, ки ҳам муаллим ва ҳам талаба барои ба даст овардани ин ё он мақсади муайяни таълимӣ аз матнҳо, ҷумлаҳо, ибораю калимаҳо, инчунин воситаҳои аёнию дидактикӣ, воситаҳои таълими техникӣ, маводи камарзиши партовҳо, нақшаҳо, ашёи табиӣ истифода мебаранд.

Мушоҳидаву таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки маводи таълимии дар асоси фаъолияти бештари шахсӣ азхудшуда дар хотири хонандагон дергоҳ нақш мебандад. Қайд кардан ба маврид аст, ки бедоркунии фаъолияти маърифатҷӯйии кӯдак дар ҳама маврид аз омӯзгор, эҷодкории ӯ [11] ва фазои таҳаммулгароӣ [14] вобастагӣ дорад.

Воситаи дигари фаъолгардониии хонанда бомавриду дуруст истифода намудани васоити таълим ва маводи дидактикӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки хонандагон ҳини истифодаи воситаҳои таълимӣ маводи таълимиро бошуурона ва мустаҳкам аз бар карда метавонанд, чунки ин васоит яке аз омилҳои асосии ҳавасмандкунии онҳо дар донишандӯзӣ ба шумор меравад.

Равоншиносон ҳавасмандкунии хонандагонро дар таҷдиди ҳавасмандий дохилӣ, ки бевосита дар ичрои супоришҳои дар пешистода водор месозад, мебинанд.

Асосгузори дидактика, Я.А.Коменский воситаи ҳавасмандкунии хонандагонро дар раванди таълим истифодаи самараноки воситаҳои аёнӣ мебинад. Воситаҳои аёнӣ аз як ҷиҳат диққати хонандагонро ба маводи таълимӣ ҷалб намуда, омӯзонидани маводи таълимиро осон намоянд, аз ҷониби дигар, дар вуҷуди онҳо ин ё он образеро меофаранд [2].

Педагоги рус К.Д.Ушинский ҳавасмандкунии хонандагонро дар ду васила манзури мо намудааст: аввалан, машқҳои рангорангест, ки шавқи онҳоро бедор месозад, таълими аёнӣ, ки дониши хонандагонро аз моддӣ ба маънӣ мегузаронад.

Дуюм, истифодабарии бомавқеи воситаҳои аёнӣ ва маводи таълимӣ ба хонандагони хурдсол имконият медиҳад, ки зимни он мушоҳидаҳо баранд ва аз ҷамъбасти он ба муҳокимаронию хулосабарориҳо гузаранд. «аёният ба доираи эҳсоси хонандагон таъсир расонида, мушоҳидакорӣ, тафаккур ва тасаввуроти онҳоро ривоҷу равнақ медиҳад, фаъолнокиро ба тартиб оварда, боиси инкишофи ҳавасмандии хонандагон мегардад» [9, 102].

Ҳамин тавр, аз таҳлили асарҳои илмию методии олимон ва мушоҳидаи бевоситаи дарсҳои омӯзгорони соҳибтаҷрибаву пешқадами вилояти Суғд бармеояд, ки дар роҳи маърифатнокгардонии хонандагон васоити таълимӣ, маводи дидактикӣ ва бозиҳои дидактикӣ нақши боризро мебозанд. Албатта, дар ин роҳ фаъолияти шахсии кӯдак, нақш ва мақоми муаллим, воситаҳои дигари таъсиррасониро сарфи назар кардан мумкин нест.

Воситаи дигаре, ки аз дарсҳои аввалини забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ мавриди истифода қарор мегирад, ин расму тасвирот ҳамчун аёният, ки яке аз самтҳои суръат бахшии фаъолияти зеҳнии хонандагон маҳсуб меёбад. Омӯзгорон расмҳоро дар раванди дарс бо мақсади луғатомӯзӣ, тартиб додани ҷумла, нақлҳои гуфторӣ самаранок истифода мебаранд.

Дар ҳақиқат, тезонидани фаъолияти донишандӯзии хонандагон яке аз масъалаҳои мураккаб ва серҷабҳаи дарсҳои забони модарӣ маҳсуб ёфта, тадқиқоти он мутобиқ ба

пешрафти илму техника давом дорад.Масалан, мо огоҳ ҳастем, ки дар раванди омӯзонидани қисматҳои гуногуни забони модарӣ омӯзгори эҷодкор метавонад, аз усули муосири мнемотехника, мнемотаблитса, пиктограмма, амсиласозии нутқ ва ғайра васеъ истифода намояд, ки ҳар яке ба куллӣ бо тасвироту расмҳо алоқамандии зич доранд ва раванди дарсро рангоранг хоҳанд кард [13].

Дар ҷараёни истифода усули амсиласозӣ кӯдакон бо сохти графикии маълумот – модел, амсила ва ё намуна шинос мешаванд. Ба сифати унсурҳои шартии амсила метавонад аломатҳои хусусияти гуногундошта, истифода карда шаванд: фигураҳои геометрӣ, ранг, тасвири рамзии ашё (тарҳ ва ё ангора, пиктограммаҳо); нақша ва аломатҳои шартӣ ва расмҳои ашё, тасвирҳои суробӣ.



Мо чунин мепиндорем, ки дар фаъолсохтани хонандагон ҳар як омӯзгор бояд ҷанбаҳои зеринро ба назар гирад:

тавассути маводи таълимӣ дар хонандагон ташаккули қобилияти муқоисакунӣ, муҳокимаронӣ, ҷамъбаст ва хулосабарориҳо;

дар асоси истифодаи усули самарабахши таълим ва дигар воситаҳои таъсиррасон мустаҳкамкунонии маводи таълимӣ;

пайдарпай ва самаранок, бо як ҳадафу маром ба роҳ мондани таълиму тарбия;

гуногуншаклӣ ва гуногунрангии бозиҳои таълимӣ, мувофиқи синну сол ва имконоти ба будани онҳо;

Навъҳои гуногуни фаъолият дар инкишофи ҳамаҷонибаи хонандагон нақши муассирро мебозад. Маълум аст, ки фаъолияти асосии кӯдакони то синни даҳсола бозӣ маҳсуб меёбад. Кӯдакон дар ҳама давру замон ва халқҳо бозӣ мекунанд. Сабаби ба бозӣ эҳтиёҷдории кӯдакон ва пайдоиши бозиро олимону муҳаққиқон ҳар хел маънидод мекунанд.

Педагогикаи муосир бозиро шакли инъикос намудани муҳити атрофи кӯдак мешуморад. Бар ҳақ, кӯдакон дар бозӣ, пеш аз ҳама, рафтору кирдори одамон, муносибати онҳоро ба ашё, ба меҳнат, ба санъат, муносибатҳои маишӣ ва ҷамъиятии эшонро инъикос менамоянд. Асоси бозӣ тақлидкунӣ ба рафтору кирдор ва гуфтори одамони гирду атроф мебошад. Кӯдак дар бозӣ гӯё ҳаёти ҳақиқиро аз сар мегузаронад ва иштирокчии фаъоли он мешавад. Бинобар он, дар ҳама ҳолат бозӣ барои кӯдак шавқангезу мароқовар мегардад.

Ҳаргиз бозӣ дар як ҳолат намемонад, вай ба қадри вусъатёбии алоқаи кӯдак бо муҳити гирду атроф ва дар натиҷаи таълиму тарбия васеъ шудани доираи тасаввуроташ инкишоф меёбад ва мураккабтар мешавад. Н.К.Крупская дар асарҳои худ, чунин таъкид месозад, ки «Кӯдакон на танҳо аз таҳсил, балки дар ҷараёни бозӣ ҳам таълим мегиранд, онҳо муташаккилӣ аз ҳаётомӯзиро ёд мегиранд» [4].

Педагоги барҷастаи тоҷик, академик М.Лутфуллозода дар асари худ «Ҷойгоҳи унсурҳои нутқ дар «Алифбо», бозиҳоро чунин тавсиф додаанд: «Бозӣ на танҳо воситаи хуби фаҳмондани мавзуъҳост, инчунин вай бобати ташаккули бачаҳо ва муттаҳиду сарҷамъ намудани онҳо нақше мебозад» [6]. Дар ҳақиқат бозӣ он вақт воситаи пурзӯри таълиму тарбия мегардад, ки агар он чун фаъолият инъикоскунандаи ҳаёти гирду атрофии кӯдакон дониста шавад, зеро дар ин ҳолат муаллим имкон дорад, диққати кӯдаконро ба ҳодисаҳое равона созад, ки аз ҷиҳати таълиму тарбия қимат дошта бошанд.

Дар ин маврид, таъкиди академик Ф. Шарифзодаро ки ҳамчун яке аз асосгузорони таълими ҳамгиро эътироф гардидаанд, ҷой додан мувофиқи мақсад мебошад: “бозиҳои дидактикӣ, ки маҷмуи донишҳои соҳаҳои гуногуни ба ҳам наздик ва қувваҳои зеҳнии талабагонро ба ҳаракат ва ҷунбиш медароранд, дарвозаҳои эҷодиро ба рӯйи кӯдакон боз хоҳанд кард ва сабаби рӯҳбаландӣ ва қаноатмандӣ аз фаъолияти таълимӣ гашта, кӯдаконро ба фатҳи қуллаҳои нави дониш сафарбар менамоянд ва ҳамчунон ба талаботи шароит, қонуният ва принсипҳои таълими ҳамгиро мувофиқ аст”[12].

Бозиҳои дидактикӣ воситаи арзишманди тарбияи фаъолияти равонии кӯдакон низ

дониста шуда, барои фаъолгардонии равандҳои маърифатии онҳо ҷойгоҳи махсус доранд ва шавқу рағбати зиёди хонандагонро ба раванди таълим бедор мекунанд. Дар раванди бозиҳо хонандагони хурдсол мушкилиҳои ҷойдоштаро бо хоҳиши том бартараф карда, қувваҳои худро машқ мекунанд, қобилият ва маҳоратро инкишоф медиҳанд. Ин гуна бозиҳо барои шавқовар гардонидани ҳар як маводи таълимӣ кӯмаки амалӣ мерасонанд, дар байни хонандагон қаноатмандии ҷиддиро ба вуҷуд меоваранд, табъашонро болида намуда, раванди азхудкунии дониш ва омӯзишро осон мегардонад.

Бозиҳои таълимӣ аз дигар намуди бозиҳо бо он фарқ мекунанд, ки ҳангоми гузаронидани онҳо, раванди таълим то ҳадди имкон ба фаъолияти амалӣ наздик аст. Мувофиқи хусусият ва манфиатҳои нақши худ, хонандагон бояд қарорҳои амалӣ қабул кунанд. Аксаран онҳо бояд, нақши худро дар вазъияти муноқишае, ки ба мундариҷаи бозӣ хос аст, мебозанд. Қарорҳо дар бисёр бозиҳо дастаҷамъона қабул карда мешаванд, ки ин тафаккур, малакаҳои муошарати хонандагонро инкишоф медиҳад. Дар рафти бозӣ кайфияти мусбати эмотсионалӣ ба вуҷуд меояд, ки раванди таълимро фаъол мекунад.

Мушоҳидаҳо собит месозанд, ки нутқи кӯдакони синни хурди мактабӣ ба вазъияте марбут буда, ба саволҳои ёрирасон ё васоити таълим ниёзмандӣ доранд. Дар аввали соли хониш кӯдак метавонад фақат 1-2 дақиқа диққати худро ба коре равон намояд, қобилияти дарккунии ӯ ба ҳисси биноию амалӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, дар таълими савод нақши воситаи аёнӣ ва ташкилу гузориши бозиҳои таълимӣ бағоят калонанд. Дар ҳақиқат олимону педагогони мо, хусусиятҳои равонии кӯдаконро ба эътибор гирифта давраи саводомӯзиро ба тариқи бозӣ рӯйи кор овардаанд. Устод М.Лутфуллозода ин нуктаро чунин шарҳ додаанд: «Дар рафти бозӣ диққати бачаҳоро ашёи гуногун ҷалб мекунанд, ки онҳо дар шакли ранга ва диққатҷалбкунанда тасвир ёфтаанд» [6]. Ҳар як саҳифаи пурҳикмати китоби рангоранги “Алифбо” бозгӯйи ин таъкидот ҳастанд.

Истифодаи самараноки аёният дар раванди дарсҳои зинаи ибтидоии таҳсилот аз рӯзи якуми оғози машғулиятҳо сар мешавад. Масалан, агар дар давраи то “Алифбо” ҳангоми шинос намудани хонандагон бо олами атроф ва ё ҳайвонҳо, паррандаҳо ва аломату хусусияти онҳо, бояд расмҳои ҷолибу зебо истифода бурда шаванд, дар раванди таълими шеъри “Хирсак асалдуздӣ рафт” аз аёнияти ҳаракаткунандаи худсохт истифода барем, ба мақсад мувофиқ хоҳад буд. Аммо дар раванди омӯзонидани ҳарфҳо агар аз аёниятҳои зебою хушсифат истифода барем, кӯдак метавонад ба зудӣ ҳарфҳоро аз худ намояд ва дар хотираш нақш созад.

Ҳамин тариқ, омӯзгори эҷодкорро зарур аст, ки ҳангоми банақшагирии дарсҳои забони модарӣ баҳри рангоранг ва самаранок омӯзонидани маводи нав аз бозиву воситаҳои гуногун ба монандӣ: кӣ ҳушёру зиракатар аст?, занҷири калимаҳо, ауксиони ҳиҷо, кроссвордҳо ва ғайра васеъ истифода намояд. Дар зер кӯшиш намудем, бархе аз ин бозиҳоро ки тавассути расмҳо тартиб дода шудаанд, рӯи кор оварда бошем: расмҳои ашёвиро интихоб карда, тавсия дода мешавад, ки хонандагон онҳоро номбар намоянд ва овозҳои якхелаву такрорёбандаро муайян кунанд. (масалан расмҳои анор, ангур, арча ва автобус оварда мешавад.)

Тарзи дуюми ин воситаро ба таври зер истифода бурдан мувофиқи мақсад аст: расмҳои ашёвии интихоб шударо назди кӯдакон манзур намуда, ба онҳо супориш дода мешавад: Расмҳои тасвирёфтаро номбар намоед. Агар ҳарфҳои аввали онро ба тартиб гузошта хонед, номи меваи ширин ҳосил мешавад. (абр, нок, ору, радио, **анор)**

Вақте кӯдак расмҳоро мебинад, ҳарф, моҳият ва шакли онҳо дар хотираш равшан нақш мебанданд. Барои он ки дарсҳо шавқовар ва ба фаҳми хонанда наздик бошанд, зарур аст, ки дар тамоми лаҳзаҳои дарс аз аёниятҳо ва дигар воситаҳои дидактикии таълим самарабахш истифода барем.

Ҳамин тариқа, дар синфҳои ибтидоӣ яке аз усули фаъолсозии хонандагон, ба вуҷуд оварандаи онҳо, тезонидани фаъолияти дарккунӣ – ин истифодаи бозиҳои дидактикӣ мебошад. Бозӣ имкон медиҳад, ки хонанда дар таълим ҳиссиёт ва як омодагии хосса зоҳир намояд, ҳамзамон бозӣ қобилияти кории ӯро беҳтар намуда, аз хасташавӣ бозмедорад. Истифодаи бозӣ дар ҷараёни таълим барои бартараф намудани як қатор душвориҳо ва бедор намудани шавқи донишгирии хонандагон мусоидат менамояд.

Мушоҳидаҳо собитгари онанд, ки дар замони имрӯза, дар раванди таълими ибтидоӣ бозиҳои дидактикӣ мавқеи мустаҳкам пайдо карда истодаанд, лекин дар ташкилу усули гузаронидани онҳо як қатор камбудиҳо ба чашм мерасанд:

бозӣ амалан ҳамчун воситаи оддии истифодаи асбобҳои аёнӣ гардидааст;

натиҷаи бозӣ аксар ҷамъбаст ва ғолиб муайян карда намешавад, ки ин боиси дилмондагии хонандагон мегардад,

бозӣ аз мақсади таълимии дарс дур мемонад;

якрангӣ ва такрорёбии бозиҳо мушоҳида мешавад;

ба ҳисоб нагирифтани хусусиятҳои синнусолӣ, психологии талабагон ва ғайра;

Рафъи камбудиҳо ва истифодаи самарабахши бозиҳои дидактикӣ, аз як тараф, кори таълимиро сабук намуда, дар самарабахшии фаъолияти таълимии муаллим мусоидат намояд, аз тарафи дигар, талабагонро аз хасташавӣ бозмедорад ва нисбат ба сабақомӯзӣ шавқу ҳавас, майлу хоҳишашонро пайдо мекунонад.

Омӯзиши назариявӣ ва истифодаи амалии технологияи муосир, такмили корбурди технологии методҳои гуногун барои рушду сайқали зеҳнии хонандагон ва ташаккули малакаву маҳоратҳои иҷтимоӣ, дар маҷмуъ салоҳиятнокӣ замина муҳайё менамояд.

Дар замони пешрафти илму техника, технологияҳои муосир ҳар як омӯзгорро зарур аст, ки пайваста дар ҷустуҷуи эҷодӣ бошад, дониши худро такмил бидиҳад ва баҳри самаранок ташкил ва баргузор намудани раванди маърифатомӯзии толибилмон саҳми босазо гузорад. Зеро, танҳо омӯзгори эҷодкор, ҷӯянда ва ба кори худ содиқ метавонад ба қалби хонанда роҳ ёфта, ӯро ба омӯзишу дарёфти малакаву маҳоратҳо раҳнамоӣ намояд.

АДАБИЁТ:

1. Ғоибов, К. Ш. Асосҳои психологӣ-педагогии рушди фаъолияти эҷодии омӯзгорон дар ҷараёни таълим / К.Ш.Ғоибов // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – 2023. – No. 1(41). – P. 89-94. – EDN YIOIQU.
2. Коменский, Я.А. Избранные педагогические сочинения / Я.А.Коменский. - М.: Педагогика, 2014**.** **-** 737**с.**
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”. Душанбе, 2013 – 64с.
4. Крупская Н. К. Педагогические сочинения в 10 т. Т.3. Обучение и воспитание в школе/Н.К.Крупская.-М: Изд-во АПН,1959 – 798с.
5. Лутфуллоев М. Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ. Нашри 2. - Душанбе, 2007 – 464 с.
6. Лутфуллоев М. Ҷойгоҳи унсурҳои нутқ дар «Алифбо»./ М.Лутфуллоев. Душанбе, 2015– 152 с.
7. Лутфуллоев М. Бозӣ ва инкишофи нутқ./М.Лутфуллоев, Ш.Котибова, Т.Каримов. – Душанбе, – 94 с.
8. Макаренко А. С. Книга для родителей / А. С. Макаренко. - Москва: ИТРК, 2014 - 288 с.
9. Ушинский, К.Д. Собрание сочинений. В 6 т., т. 5\ К.Д. Ушинский, сост. С.Ф. Егоров. - М.: Педагогика, 1990. – 267с.
10. Шарифзода Ф. Актуальные проблемы современный педагогики. Кн. 1 Душанбе: Ирфон, 2009.- 459с.
11. Шарифзода Ф. Таълими ҳамгиро: проблема, таҳқиқ ва андешаҳо – Душанбе: Маориф, 2000.- 186с.

12. Шарифзода Ф., Методикаи таълими забони модарӣ дар синфи 2. /Ф.Шарифзода, М.Лутфуллоев, Б.Ғаниева, С.Куйбекова. - Душанбе: Ирфон.-2014.-356с.

13. Шарифиён М.Х. Моделирование и его роль в развития речи детей дошкольного возраста / М.Х.Шарифиен // Вестник Таджикского национального университета. – 2019. – № 8. – С. 252-258. – EDN BGSIMK.

14. Эгамбердиева, М.Х. Педагогические особенности формирования толерантной среды в общеобразовательной школе: специальность 13.00.01 "Общая педагогика, история педагогики и образования": диссертация на соискание ученой степени кандидата педагогических наук / Эгамбердиева Мукаддас Холиковна, 2015. – 181 с. – EDN DAFIMR.

ВАСОИТИ СЕРҶАБҲАИ САВОДНОКГАРДОНИИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ МОДАРӢ

Дар мақола паҳлуҳои самараноки истифодаи воситаҳои таълим ва мавқеи онҳо дар маърифатгардонӣ, тезонидани фаъолияти фикрӣ, ташаккули тафаккури хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди дарсҳои забони модарӣ ба таври васеъ рӯйи кор оварда шудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, бо такя ба ақидаву дастурҳои олимон, педагогон ва равоншиносони хориҷиву ватанӣ – самаранокии воситаи ҳавасмандкунии хонандагонро дар раванди таълим, роҳҳои маърифатнокгардонии онҳо, ташаккули фазои таҳаммулпазирӣ, тезонидани фаъолияти эҷодии хонандагонро тавассути воситаҳои таълим ва аёниятҳо бо нишондодҳои назариявию амалӣ тавсиф намояд. Мавсуф таъкид менамояд, ки тезонидани фаъолияти донишандӯзии хонандагон яке аз масъалаҳои мураккаб ва серҷабҳаи дарсҳои забони модарӣ маҳсуб ёфта, тадқиқоти он мутобиқ ба пешрафти илму техника рӯ ба тараққӣ аст ва омӯзгори эҷодкорро зарур аст, ки барои фаъолгардонии равандҳои маърифатии хонандагон ва бедорсозии шавқу рағбати зиёди онҳо дар ҷараёни таълим кӯшиш намояд.

Ҳамчунин, дар мақола таъкид меравад, ки ҳангоми банақшагирии дарсҳои забони модарӣ, омӯзгори эҷодкорро зарур аст, ки баҳри рангоранг ва самаранок омӯзонидани маводи нав аз бозиву воситаҳои гуногун ба монандӣ: кӣ ҳушёру зиракtар аст?, занҷири калимаҳо, ауксиони ҳиҷоҳо, кроссвордҳо ва ғайра васеъ истифода намояд. Ҷоиз ба қайд аст, ки дар замони пешрафти илму техника, технологияҳои муосир ҳар як омӯзгорро зарур аст, ки пайваста дар ҷустуҷӯйи эҷодӣ бошад, дониши худро такмил бидиҳад ва баҳри самаранок ташкил ва баргузор намудани раванди маърифатомӯзии толибилмон саҳми босазо гузорад.

Калидвожаҳо: *маърифатнокӣ, саводнокгардонӣ, воситаҳои таълим, фаъолияти фикрӣ, аёният, бозиҳои дидактикӣ, эҷодкорӣ, фаъолияти эҷодиёт.*

МНОГОАСПЕКТНЫЕ СРЕДСТВА ОБУЧЕНИЯ ДЛЯ ПОВЫШЕНИЯ ГРАМОТНОСТИ ШКОЛЬНИКОВ МЛАДШИХ КЛАССОВ НА УРОКАХ РОДНОГО ЯЗЫКА

В статье говорится о различных аспектах эффективного использования средств обучения, их роли в процессе обучения грамоте, активирования мыслительной деятельности, формирования мышления учащихся начальных классов в процессе преподавания родного языка. Автором, с опорой на высказывания и руководства отечественных и зарубежных педагогов и психологов, охарактеризованы эффективные средства мотивации учащихся в процессе обучения, пути и средства обучения грамоте, формирования толерантной среды, активизации творческой деятельности учеников посредством наглядных, теоретических и практических средств. Он подчеркивает, что ускорение познавательной деятельности учащихся является одной из сложных и многоаспектных задач на уроках родного языка. Исследования данной проблемы развиваются в соответствии с требованиями прогресса науки и техники и творческому учителю необходимо активизировать, мотивировать учеников к процессу познания, формировать интерес к обучению.

В статье так же утверждается, что в ходе планирования уроков родного языка, творческому учителю необходимо использовать различные средства для обучения нового материала, таких как: кто сообразительнее?, цепочка слов, аукцион слогов, кроссворды и тд. Следует отметить, что в эпоху прогресса современной науки и техники учителю необходимо быть в постоянном поиске творческих путей совершенствования своих знаний и умений, чтобы он мог внести достойный вклад в эффективную организацию процесса обучения учащихся.

Ключевые слова: *образованность, обучение грамоте, средства обучения, мыслительная деятельность, наглядность, дидактические игры, творчество, творческая деятельность.*

USING MULTIDIMENSIONAL TEACHING TOOLS TO IMPROVE THE LITERACY OF PRIMARY SCHOOLCHILDREN IN NATIVE LANGUAGE LESSONS

The article talks about various aspects of the effective use of teaching aids, their role in the process of teaching literacy, activating mental activity, and the formation the thinking of primary school students in the process of teaching their native language. The author, based on the statements and guidance of Soviet and foreign pedagogics and psychologists, characterizes effective means of motivating students in the learning process, ways and means of teaching literacy, creating a tolerant environment, and intensifying the creative activity of schoolchildren through visual, theoretical and practical means. He emphasizes that accelerating the cognitive activity of students is one of the complex and multidimensional tasks in native language lessons.

Research on this problem is developing in accordance with the requirements of the progress of science and technology, and a creative teacher needs to intensify, motivate students in the process of cognition, and create interest in learning.

The article also analysis planning native language lessons, a creative teacher needs to use various means to teach new material, such as: who is smarter?, chain of words, syllable auction, crossword puzzles, etc. It should be noted that in the era of progress of modern science and technology, a teacher needs to be in constant search of creative ways to improve his knowledge and skills so that he can make a worthy contribution to the effective organization of the sschoolchildren's learning process.

Key words: *education, literacy training, teaching aids, mental activity, visibility, didactic games, creativity, creative activity.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Шарифиён Муқаддас Холиқзода- номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи назария ва методикаи тарбияи томактабии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон тел: +992927917734, email: egamberdieva.1982@inbox.ru*

Сведения об авторах: *Шарифиён Мукаддас Холикзода - кандидат педагогических наук, доцент кафедры теория и методика дошкольного воспитания ГОУ «Худжандского государственного университета имени академика Бабаджана Гафурова», город Худжанд, Республика Таджикистан тел: +992927917734, email: egamberdieva.1982@inbox.ru*

Information about authors: *Sharifiyon Muqaddas Kholiqzoda - candidate of pedagogical sciences, associate professor of the department of theory and methods of preschool education, State educational institution "Khujand State University named after academician Babajan Gafurov", Khujand, Republic of Tajikistan, tel: +992927917734, email: egamberdieva.1982@inbox.ru*

АҲАММИЯТИ ПСИХОЛОГИИ ТАРБИЯИ ОИЛАВӢ ДАР РУШДИ ШАХСИЯТИ ФАРЗАНД

Саидзода Б. Х.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Оила аввалин институти иҷтимоӣ буда, рушди ҷисмонию маънавӣ ва раванди иҷтимоъшавии инсон аз он сарчашма мегардад. Аз ин лиҳоз, оила низ монанди дигар институтҳои иҷтимоӣ дорои як қатор вазифаҳои ба худ хос мебошад, ки муҳимтарини онҳо тавлиди фарзанд барои идомаи насл, таъмини ғизо, таъмини амният, таълиму тарбия, муносибати гуманистона, ба роҳ мондани ёрии байниҳамдигарӣ ва масъулияти баланди ахлоқӣ аз ҷумлаи онҳо мебошад. Зеро муҳити оила ва вазифаҳои ба он марбут ба сифати танзимгари ҳаёт ва муносибатҳои шахсию байнишахсӣ барои инсон хизмат мекунад. Иҷроиши саривақтӣ ва бо сифати вазифаҳои оилавӣ муносибати солими психологиро миёни аъзои оила таъмин намуда, ба устувории оила мусоидат мекунад ва дар навбати худ ба ҳамдигарфаҳмии психологӣ замина мегузорад. Ин ҳам бошад, дар асоси эътибории хусусиятҳои фардӣ-психологӣ, синну сол, ҷинс ва саҳми ҳар як аъзои оила дар иҷрои вазифаю уҳдадориҳояшон сурат мегирад. Саривақт ва босифат анҷом додани вазифаю уҳдадориҳо аз ҷониби ҳар як аъзои оила мавқеи ӯро дар оила мустаҳкам намуда, муҳити солими психологии оиларо бунёд мекунад. Пӯшида нест, ки муҳити солими психологӣ дар оила ба сатҳи ҷаҳонбинӣ, дониши калонсолони оила ва фарҳанги оиладории падару модар вобастагии амиқ дошта, дар инкишофи шахсияти кӯдак нақши ҳалкунанда мебозанд. Доир ба тарбияи оилавӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар чунин иброз доштанд: «Фарзандонамонро тавре тарбия намоем, ки дастгиру ғамхори мо бошанд, донишманд шаванд, соҳибмаърифат ва мутаххассиси замони нав гардида, одобу ахлоқи ҳамидаи инсонӣ дота бошанд» [5, с. 60].

Аз ин рӯ, барои дар тарбияи оилавӣ комёб шудан таҳаммулгаронӣ, баланд бардоштани фарҳангӣ оиладорӣ, намунаи ибрат будан, доираи васеи донишро соҳиб будан, баэътиборгирии синну сол, ҷинс ва хусусиятҳои инфиродии худ ва ҳар як аъзои оиларо набояд аз мадди назар дур монд. Ин ҳам бошад, бо назардошти макону замон ва системаи муайяни тарбия ба роҳ монда мешавад. Инчунин, муносибати хосси ҳар як аъзои оила, махсусан падару модар ва шахсони онҳоро ивазкунанда бо фарзанд дар раванди тарбия таъсиррасон мебошад, ки дар ин замина нақш ва мақоми фарзандро дар оила муайян менамояд. Яъне, гап сари таъсиррасонии психологӣ тавассути усули тарбия (демократӣ, либералӣ, авторитарӣ) меравад, ки он вобаста ба хусусиятҳои фардӣ-психологӣ кӯдакон ба таври зайл дар оила ба роҳ монда шаванд:

Низоми тавлид – ба ин маъни аст, ки кӯдакон аз рӯйи тартиби тавлидашон дар оила мавқеи иҷтимоиро соҳиб мешаванд. Ин мавқеъ дар оила боиси он мегардад, ки ӯ дар ҷомеа

ҳамон мавқеъро низ ба даст меоварад. Бешубҳа, ба ин муносибати падару модар ва аъзои дигари оила мусоидат менамояд. Ниҳоят, ин муносибати кӯдакро ба олами атроф тағйир медиҳад ва ба ташаккулёбии шахсият ӯ таъсири амиқ мегузорад.

Қонуниятҳои умумии инкишофро В.П. Зинченко ва Ё.Б. Моргунов омӯхтанду алоқамандии қонуниятҳоро бо хусусиятҳои эҷодии инкишофи психологӣ тадқиқ намуда, дар рушди психикӣ, нақши ҳаёти иҷтимоию маданӣ, давраҳои тараққиёти ҳиссиёт, фаъолият ва муошират якҷояи калонсолонро вобаста донистанд [3, с. 30].

Бояд қайд кард, ки фарзанди якуми оила пеш аз ҳама олами ҳақиқиро аз дидгоҳи атрофиён, махсусан падару модар дарк ва баҳогузори менамояд. Зеро ӯ аз рӯзи тавлид ҳамеша бо калонсолон дар муносибат асту дар маркази диққати падару модар ва дигар калонсолони оила қарор дорад. Бо тавлид шудани фарзанди дуюм, ӯ дар оила «беҳамто будан ё худ таваҷҷуҳи» падару модар ва атрофиёнро аз даст медиҳад. Дар ин маврид кӯдакро ҳисси танҳоӣ ва ҳисси нафрат ба муносибати аъзои оила фаро мегирад. Бо вуҷуди ин, мавқеъгирии фарзанди дуюм на дар муносибат бо калонсолон балки дар муносибат бо фарзанди аввал, яъне бародараш сурат мегирад ва чунин мавқеъгирӣ дар дигар кӯдакони оила ҳамчун анъана ҷараён гирифта, тадриҷан ба муносибати калонсолон ҳамроҳ мешаванд. Дар ин замина мавқеи кӯдакон дар оила хело барвақт зоҳир шуда, муносибатро бо падару модар ва бародарони худ аз ҳамин мавқеъ ба роҳ мемонад. Аз ин лиҳоз, падару модар ва шахсони онҳоро ивазкунандаро мебояд, ки саривақт ба ислоҳи чунин муносибати фарзандонашон машғул шаванду дар ташаккули шахсияти кӯдакони худ нақшгузор бошанд. Ба ибораи дигар, дар муносибати оилавӣ ҳар як кӯдак дар оила нақши муайянеро мебозад, ки дигараш ҷойгузини он шуда наметавонад.

Қаҳрамони оила. Ин кӯдак ифтихори оила буда, ҳукумфармо будани фазои солими психологии оиларо ба атрофиён инъикос мекунад. Андеша ва амали чунин кӯдакон мавқеи оиларо дар ҷомеа пурра карда, онро ҳамчун оилаи муқаррарӣ нигоҳ медоранд. Инчунин, онҳо масъулияти сарвари ғайрирасмиро дар оила соҳиб буда, танзими муносибатҳо ва ғамхории аъзои оиларо таъмин менамоянд. Чунин мавқегирӣ онҳоро маҷбур месозад, дар раванди таълиму тарбия ва ҳатто фаъолияти меҳнатӣ намуна бошанду сазовори эҳтиром. Аммо чунин амалкард боиси он мегардад, ки онҳоро холигии ботинӣ, ҳисси калонсолӣ, талаботи моддию маънавии аз синну солашон пешро фарогир мешавад. Яъне, худи онҳо низ ба ғамхорӣ, истироҳат, шуру шавқи даврони кӯдакӣ ва ба монанди ҳамсолони худ будан ниёз доранд. Ҳолати равонии чунин кӯдакон дар муовзинат набуда, изтироб, тарс, стресс, ҳисси гунаҳкорӣ, гум кардани назорат аз болои худ, аз даст додани мавқеъ ва эҳтироми атрофиён ва таҳқир доимо фарогир аст, ки ин ҳама, бо дарназардошти нокомӣ ё комёбӣ дараҷаашон пасту баланд мегардад.

Бомаки паст. Ин кӯдакон эҳсос ва дарк мекунанд, ки ба монанди «қаҳрамони оила» зиндагӣ карда наметавонанд ва барои чунин зиндагӣ кӯшиш ҳам намекунанд. Ин ҳам бошад, дар заминаи табиати психофизиологӣ ва хусусиятҳои фардӣ-психологии онҳо сурат мегирад. Ҳар як узви оила нокомӣ ва ба миён омадани қаҳру ғазаби худро ба амалу андешаи ӯ марбут медонанд. Яъне, дар муносибатҳои носолими оилавию корӣ манбаи «дил холӣ кардан»-ро дар шаъни кӯдаки «бомаки паст» равона мекунанд. Рафтори онҳо зоҳиран озод, беинтизом ва ҳатто бадкина менамоянд, аммо ботинан онҳоро ҳисси радшудагӣ, хафагӣ, танҳоӣ, афсурдагӣ, тарс аз ҷазо ва гунаҳкорӣ думболагир мебошад. Чунин вазъияти оилавӣ эътирози онҳоро дар шакли истифодаи моддаҳои фаъолкунандаи психикӣ, машруботи спиртӣ, шаҳвонияти барвақт, хонагурезӣ ва ғайра ба миён меорад, ки ин дар заминаи норасоии муҳаббати падару модар, шахсони онҳоро ивазкунанда ва дигар аъзои оила сурат мегирад. Зеро муҳаббат аз ҷониби ашхоси бегона ҳадя мешавад.

Қобилак. Кӯдаконе, ки дар муносибати оилавӣ ягон хел мушкилотро ба миён намеоваранд ва дар ҳамаи синну сол кӯшиш менамоянд, ки аз ихтилофҳои оилавӣ дур бошанду ба олами фантазияи худ, хониши китоб, машғули бозӣ дар алоҳидагӣ ё ҳамроҳи рафиқон вақт гузаронанд. Инчунин, онҳо табиати оромро соҳиб буда, дар назди аъзои оила эркагӣ намекунанд ва камгапу майл ба танҳоӣ доранд. Ин кӯдакон дар низому тартиб ва хониш пешсаф буда, эҳтиёткорӣ хосси табиати онҳо мебошад.

Санъаткор. Ин гурӯҳи кӯдакон ҳолати равонии худро (дарду алам, ҳаяҷон, тарс, нобоварӣ ва ғайра) пинҳон намуда, бо ҳазлу шухӣ доимо аъзои оиларо хушҳол кардан мехоҳанд ва бо ҳамин роҳ баъзан ихтилофҳои оилавиро пешгирӣ менамоянд. Зеро ин кӯдакон воқеан ҳам табиати шуху дилрабо доранду аз муносибатҳои ҷиддӣ ва наздик метарсанд. Аз ин рӯ, дар қабули қарор, рақобат ва интихоби рафиқ худдорӣ мекунанд.

Дар оилаҳои муқаррарие, ки фазои солими психологӣ ҳукумфармо мебошад, кӯдакон нақшҳои дар боло зикршударо бозӣ намекунанд. Онҳо бо қаноатмандӣ ба нақшҳои гуногун

ворид шуда, ҳеҷ як нақшро моли худ намегардонанд, зеро ҳеҷ як муносибату вазъият ва ҳеҷ чиз онҳоро барои иҷрои чунин нақшофарӣ маҷбур намесозад. Яъне, дар оилаҳои муносибати созгору созанда, кӯдакон ҳеҷ гоҳ нақшҳои «бомаки паст», «қобилак», «саҳнабоз»-ро бозӣ намекунанд. Ба онҳо иҷрои нақшҳое пешниҳод карда мешавад, ки ояндаи онҳоро инъикос менамояд, ба мисли «ёрдмчӣ», «аъзои баробарҳуқуқи ҳамсуҳбат» ва ҳатто «маслиҳатчӣ».

Норасоии муҳаббат. Норасоии меҳру муҳаббат ба кӯдакон асосан ду сабаб дорад. Якум, ин дар заминаи тақсимоти нодурусти вақт ё сарбории зиёдро ба душ доштан ба амал меояд ва ин майли муносибату муошират карданро бо дигарон аз байн мебарад. Сабаби дуюм бошад, зимни таъсиррасонии психологӣ ба кӯдакон дар шаклҳои гуногун зоҳир мешавад. Яъне, қисме аз падару модар он бо фарзандон аз усули авторитарии тарбия кор мегиранд ва ҳадафашон ин аст, ки кӯдак он бояд аз падару модарашон тарсанд. Дар оилаҳое, ки усули тарбияи авторитарӣ ҳукумфаромо мебошад, кӯдакони он оилаҳо аз норасоии муҳаббати (ташнагии эмотсионалӣ) волидайни худ танқисӣ мекашанд. Чунин муносибат ба фарзандон таъсирри манфии психологӣ расонда, он хатари зиёд дошта, дар кӯдакон ҳиссиёти хашм, изтироб, агрессия, асабоният, худбаҳодиҳии паст, номеҳрубонӣ, номустақилӣ ва ғайраро инкишоф медиҳад.

Муҳаббати барзиёд. Дар чунин шакли муносибат, тарбия намудани фарзанд падару модарро маҷбур месозад, ки ҳамагуна масъалаҳои ҳаётиро ба души худ гирифта, тамоми шароитро барои фарзандон фароҳам овараду онҳоро ба ин васила низ хушҳол гардонад. Аммо ин ҳама корнамоии волидайн ба қонеъ намудани талаботи моддии фарзанд равона мешавад. Бояд ишора намоем, ки дар ин ҷо шаклгирии сифатҳои шахсӣ ба таври номуносиб сурат мегирад. Дар ин намуди муносибат мақсади асосии волидайн на тарбияи шахсият, балки қонеъгардонии талаботҳои кӯдак мебошад, ки он монеаи калонро ҳангоми мутобиқшавии кӯдак ба вазъиятҳои ҳаётӣ ба вуҷуд меоварад. Кӯдаконе, ки дар ингуна муҳит ба воя мерасанд, дорои чунин хусусиятҳо мебошанд: сустиродагӣ, тарсончакӣ, ноуҳдабаро, номустақил дар қабули қарор, дермутобиқшаванда ба вазъият ва ғайра, ки онҳоро бо мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ менамоянд. Яъне кӯдаконе, ки бо меҳрубонии зиёд ба воя расидаанд, онҳо дар мушкилоту сахтиҳои зиндагӣ тобовар нестанд ва дар ҷомеа низ пассиванду аз атрофиён интизориҳои зиёдро барои дастгирӣ доранд. Онҳо дар сурати ба интизориҳояшон рӯ ба рӯ нашудан, зуд хашмгину озӯрдахотир мегарданд.

Фоҷиаи оилавӣ - марги яке аз ҳамсарон ё ин, ки дар байни ҳамсарон ҳодисаи талоқ рӯй медиҳад, ин вазъият ба ҳолати равонии фарзандони оила таъсири амиқ мерасонад. Дар ин ҳангом кӯдаконро изтироб, ҳиссиёти танҳоӣ, ноумедӣ, тарс аз идома додани ҳаёт ва ғайра фаро мегирад. Дараҷаи дигаргуншавии ҳолати равонии кӯдакон вобаста ба синну сол ва ҷинс алоқаманд буда, дар ин замина ба шахсияти онҳо низ таъсир мерасонад. Бояд қайд кард, ки ба шаклгирӣ ё рушди шахсияти кӯдак муносибати модарандар ва падарандар таъсири муайян мерасонад, яъне аз ҷониби онҳо кӯдак чӣ гуна қабул карда мешаванд, ҳолати равонӣ, рушди психикӣ ва рушди шахсияти кӯдак аз он вобастагии калон дорад. Инчунин, тадқиқоти психологӣ ва мушоҳидаҳои ҳаётӣ нишон медиҳанд, ки бо сабабҳои мухталиф кӯдаконе, ки дар тарбияи падар ё модар ба воя мерасанд, норасоии муҳаббат дар онҳо дида мешавад. Яъне, падар ё модар метавонад дар алоҳидагӣ талаботи моддии кӯаконро дар вақташ қонеъ намоянд. Вале онҳо наметавонанд дар алоҳидагӣ ба таври комил муҳаббати падару модар ва дигар талаботи маънавӣ кӯдаконро қонеъ намуда, шахсияти онҳоро ташаккул диҳанд.

Амалҳои нодурусти волидайн - баъзе аз падару модарон ва шахсони онҳоро ивазкунанда дар он ақидаанд, ки бадрафтории кӯдакон хусусияти табиӣ доранд. Яъне, хосси табиати инсонии онҳо мебошад. Аммо ин андеаша асоси илмӣ надорад ва комилан нодуруст мебошад. Ин нуқсонро бояд дар рафтору муносибати худи волидон ва дигар аъзои оила нисбат ба кӯдак ҷустуҷӯ ва ошкор намуд. Масалан, падару модар ё дигар аъзои оила ягон паҳлуи рафтори кӯдакро пайваста сарзаниш намуда, дуруст ва муносиб намедонанд, яъне онҳо кӯдакро маҷбур месозанд, ки монанди калонсолон амал намояд. Чунин муносибати падару модар ва дигар аъзои оила ба кӯдак таъсири манфии психологӣ мерасонад ва ба зуҳуроти рафтори номуносиб маҷбур месозад, ки он минбаъд устувор гардида, ба аксентуатсияи характер мубаддал мегардад. Дар натиҷа ин ҷараёни рафтор муносибати шиддатнокро ба вуҷуд меоварад, ки самимият ва муҳаббат миёни падару модар ва аъзои оила ба кӯдак коҳиш меёбад. Инчунин, кӯдак низ дар навбати худ чунин амали ҷавобиро ба онҳо раво медонад. Оиди ба масъалаи мазкур муҳаққиқ Ёрматов Алишер дар зербанди боби аввали рисолаи илмии номзадии худ қайд менамояд, ки: «майлу хоҳиш, супориши падару модар ба фарзанд дар ин ё он масъала бояд одилона, вале қатъӣ бошад ва якдигарро дастгирӣ намоянд» [2, с. 11].

Тарсонидани кӯдак. Кӯдакро ба ҳар навъе, ки бошад, тарсонидан дуруст нест. Тарсонидани кӯдак ба маънии даъвати ӯ ба пинҳонкорӣ аст. Яъне, дар ин маврид мо кӯдакро

мақбур менамоем, ки дурӯғ гӯяд ва пинҳон кунад. Масалан, ҳангоме падару модар ба кӯдак бо таъкид мегӯянд: «Дар сурати дубора ин амалашро анҷом додан, ҷазои сахт ӯро интизор аст». Дар ин ҷо падару модар ба кӯдак моҳияти масъаларо нафаҳмонида, балки ба мушкилӣ ва рафтори ношоями кӯдак қувваи манфӣ зам мекунанд. Дар ин маврид, кӯдак аз роҳи пинҳонкорӣ кор мегирад ва илова бар ин, бошиддат рафтори волидайнро напазируфта, бо такрори ин ҳолат аз волидайн интиқом мегирад ва он амалеро анҷом хоҳад дод, ки волидайн аз он ранҷ мебарад. Масалан, агар кӯдак ҳангоми туббозӣ шишаи тирезаро шиканад, бояд онҳо ба он аҳаммияти будан ва набудани онро тавзеҳ диҳанд ё ин ки рахти хоби кӯдакро дар назди тиреза гузошт, то ки амалан моҳияти набудани шишаи тирезаро дарк намояд.

Ҳамин тавр, беҳтар аст волидайн дар рафтору гуфтор бо кӯдак ҳадду сарҳади рафторҳоро омӯзонанд ва дар муносибати оилавӣ намунаи ибрат шаванд. Дар ин сурат ҳам рафтори номуносиби кӯдак ислоҳ ва ҳам ҳисси масъулиятнокии ӯ инкишоф меёбад. Дар масъалаи таъсиррасонии бамаврид педагоги шинохтаи тоҷик Миралиев А.М. чунин андеша дорад: «Роҳҳои асосии таъсиррасонии калонсолон ба ташаккули шахсияти кӯдакон, ба онҳо омӯзонидани меъёрҳои ахлоқӣ аст. Инчунин, рафтору муносибатҳои калонсолон пеш аз ҳама метавонад барои кӯдак намунаи ибрат бошанд» [4, с. 119].

Омӯзиши ҳисси масъулият ба кӯдакон. Ҳамаи падару модарон ва шахсони онҳоро ивазкунанда бо майли том мехоҳанд фарзандонашон аз кӯдакӣ масъулияти баланд дошта бошанд ва дар иҷрои амалӣ намудани корҳои ба онҳо вобастшуда пешсаф бошанд. Дар омӯзиши масъулият ба кӯдакон бояд ба таври созгору мусолиҳатомез мутаваҷҷеҳ шуд, зеро масъулиятпазириро наметавон мақбурӣ, бо роҳҳои таҳдиду таҳмил ба касе омӯзонид. Балки масъулият яке аз хусусиятҳои фардӣ-психологии шахс аст, ки аз ботини фард сарчашма мегирад ва ба касе пайрав мешаваду мақсаднок онро дар худ тарбия мекунад. Омӯзиши масъулият ба кӯдакон се омили муҳимро дар бар мегирад:

арзишҳои шахсӣ ва оилавӣ;

кӯдакро ҳамчун узви комилҳуқуқи оила эътироф кардан;

маҳорати таъсиррасонӣ.

Арзишҳои шахсию оилавӣ дар тарбия ва масъулиятшиносии кӯдакон нақши муассир дорад. Масъулиятшиносии падару модар ва шахсони онҳоро ивазкунанда дар тарбияи кӯдакон мавқеи аввалиндараҷаро соҳиб буда, онҳо ба сифати идеал ва муҳаррики таҳрикдиҳанда ба кӯдакон хизмат мекунанд. Омили дигари тарбияи масъулиятшиносӣ озодии кӯдакон дар дохили оила мебошад, то ки онҳо ҷиҳати ибрози эҳсос, ҳиссиёт, кумак ба падару модар ва дигар аъзои оила тавоно бошанд. Инчунин, заминаи равишҳои тарбияи кӯдакро эътиборгирии синну сол, ҷинс, хусусиятҳои фардӣ-психологӣ ва маҳорати тарбиятдиҳанда дар бар мегирад. Ба андешаи Мир Сайид Али Ҳамадонӣ, «Тарбияи маънавии инсон ҳамчун рукни боэътимоди ташаккули шахсият арзёбӣ мегардад. Ӯ тарбияро рукни камолоти инсон ҳисобида, онро асоси пойдориву устувории оила маънидод менамояд» [6, с. 272].

Падару модар ва шахсони онҳоро ивазкунанда бо интихоби рафторҳои муносиб, маҳорату малакаи хос ва ба воситаи талқин кӯдаконро метавонанд масъулиятшинос намоянд. Масалан, вогузор намудани бархе аз корҳои содаю сабук ба кӯдакон дар оила метавонад рафтори муносибе барои омӯзиши масъулият ба кӯдакон аз тарафи волидайн ба ҳисоб равад. Ё ин ки дар оила ва муассисаи таълимӣ набояд вазифаҳои дарсии кӯдакро ба ҷойи ӯ ҳал намуд, зеро ин марбут ба инкишофи масъулият аст. Одатан, ин ҳолат вобастагии рафтори кӯдакро ба волидайн нишон медиҳад ва дар натиҷа ба бемасъулият шудани кӯдак оварда мерасонад.

Ихтилоф миёни ҳамсарон. Хушунатҳои оилавӣ, ки аксаран миёни ҳамсарон сурат мегирад, ба ҳолати равонии фарзандон таъсири манфии психологӣ мегузорад. Муҳаққиқи тоҷик Давлатов Маҳмадулло яке аз психологоне мебошад, ки дар масъалаи хушунати оилавӣ корҳои зиёдеро анҷом дода, натиҷаи онҳо аз тарафи тадқиқотчиёни хориҷӣ пазируфта шудааст. Мавсуф чунин андеша дорад: «Одатан оиларо бо макони бехавфу хатар ва пуштибонию ҳимоя алоқаманд менамоянд, ки бошандагон дар он оромиш, осудагӣ ва ҳамдигарфаҳми пайдо мекунанд» [1, с. 7]. Воқеан, дар вазъияти хушунатомез аз ҳама бештар кӯдакон зарар мебинанд. Дараҷаи таъсири зарар вобаста ба сину сол, ҷинс ва хусусиятҳои фардӣ-психологӣ ба миён меояд. Тадқиқоти психологӣ муайян намудаанд, ки кӯдакони хурдсол ҳолати ихтилофро дар байни падару модар зуд ҳис мекунанд. Онҳо ба ҳама ҷанбаҳои ин вазъияти ногувор эътибор медиҳанд. Баъзан кӯдакон аз падару модар хоҳиш мекунанд, ки муноқишаро хотима дода, оштӣ шаванду бо ҳамдигар муносибати хуб намоянд. Зеро кӯдакон наметавонанд ҳақ будани падар ё модарро арзёбӣ намоянд. Чунки ҳардуи онҳо барои кӯдак азиз ва дӯстдоштанӯӣ аст. Ёдовар шудан лозим аст, ки хушунатҳои дуру дарози оилавӣ хафи дигаре дорад. Яъне, аз вазъияти додашуда кӯдакон сӯистифода мекунанду, манфиат мечӯянд.

Масалан бо гирифтани туҳфа ҳақ будани як тарафро ба тарафи дигар ба вуҷуд меоварад. Дар ин маврид ҳар ду тараф кӯшиш мекунанд, ки таваҷҷуҳи кӯдакро ба худ ҷалб намоянд ва чунин муносибат боиси рафтори девиантию деликвентиро соҳиб шудани кӯдак мегардад.

Аз нуқтаи назари психологӣ маълум аст, ки кӯдакон ба калонсолон ва шахсони наздик боварӣ зоҳир мекунанд ва зери ҳимояи доимии онҳо қарор доштанро интизоранд. Дар сурати бетаваҷҷуҳии падару модар ва дигар шахсони наздик кӯдакон эътимоди худро гум карда, ба изтироб, тарс, стресс, афсурдагӣ ва дигар ҳолатҳои равонӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Ин ҳама дар ниҳоят ба сохтори психологии шахсияти кӯдак таъсир мерасонад ва дар ташаккули ҳисси тарс ва рафтори агрессивӣ мусоидат мекунанд. Дар баробари ин, чунин кӯдакон ғамзада, дамдӯзд, нобовар, шубҳакунанда ва хабаркаш мешаванд. Пас, маълум мегардад, ки вазъияти ихтилофнок дар оила метавонад ба инкишофи психикӣ ва шахсияти кӯдак таъсири манфӣ расонад. Чунончи тадқиқотчиён Г.Я. Трошин ва Л.С. Виготский масъалаи тағйирёбии инкишофро ҳамчун масъалаи иҷтимоӣ-психологӣ маънидод менамуданд [3, с. 30].

Ҳамин тавр, кӯдакон ба падару модар ва дигар аъзои оила пайравӣ намуда, аз калонсолони оила идеал интихоб мекунанд. Аз ин рӯ, ҳар як калонсоли оиларо мебояд ба гуфтору рафтораш мутаваҷҷеҳ бошад ва фарҳанги баланди оиладориро нишон диҳад, дар таълиму тарбияи кӯдакон бо назардошти фарҳанги миллӣ, психологияи маллӣ, сину сол, ҷинс ва хусусиятҳои фардӣ-психологиӣ камари ҳиммат банданд. Дар ин маврид миёни ҳар як аъзои оила робитаи хушу гуворо, ҳамоҳангиву созгорӣ барқарор мегардад ва ин дар навбати худ, ба рушди шахсияти кӯдакон таъсирри мусбат мерасонад.

АДАБИЁТ:

1. Давлатов М. Дастур оид ба офиятбахшии психологии ҷабрдидаҳои зӯроварӣ дар оила (Дастури таълимӣ-методӣ). – Душанбе, 2016. –96 с.
2. Ёрматов А.Ҷ. Таҳқиқи технологияи педагогикаи ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти асосӣ бо оила дар тарбияи худшиносӣ (Автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ). – Кулоб, 2022. – 31с.
3. Мустафоқулов Т. Психологияи махсус (Дастури таълимӣ)/ Мустафоқулов Т., Табарова З., Шарипов Б. – Душанбе, 2015. – 208 с.
4. Миралиев А.М. Педагогика ва психология (Китоби дарсӣ)/ Миралиев А.М., Давлатов М. – Душанбе, 2007. – 344 с.
5. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар. – Душанбе, Кохи Ваҳдат, 9-уми марти соли 2024. – 64 с.
6. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе, 2016. – 364 с.

АҲАММИЯТИ ПСИХОЛОГИИ ТАРБИЯИ ОИЛАВӢ ДАР РУШДИ ШАХСИЯТИ ФАРЗАНД

Дар мақолаи мазкур кӯшиш намудем, ки нақш, мақом ва таъсиррасонии муносибатҳои оилавиро дар рушди шахсият баррасӣ намуда, аҳаммияти онро ошкор намоем. Зеро оила аввалин институти иҷтимоӣ буда, рушди ҷисмонию маънавӣ ва раванди иҷтимоъшавии инсон аз он сарчашма мегардад. Муҳити оила ва вазифаҳои ба он марбут ба сифати танзимгари ҳаёт ва муносибатҳои шахсию байнишахсӣ барои инсон хизмат мекунад.

Таъсиррасонии психологӣ дар таълиму тарбия аз тарафи падару модар бо мақсадона ва бе мақсадона сурат мегирад. Яъне, гап сари таъсиррасонии психологӣ тавассути усули тарбия (демократӣ, либералӣ, авторитарӣ) меравад, ки он вобаста ба хусусиятҳои фардӣ-психологӣ кӯдакон дар шаклҳои гуногун инъикос мешавад. Дар ин замина кӯдакон аз падару модар ва дигар аъзои оила таҷриба гирифта, дар муносибатҳои шахсӣ ва байнишахсии худ васе истифода мебаранд. Аз ин рӯ, ҳар як калонсоли оиларо мебояд ба рафтору гуфтораш мутаваҷҷеҳ бошад ва аз фарҳанги баланди оиладорӣ кор гирифта, таълиму тарбияи кӯдаконро бо дарназардошти фарҳанги миллӣ, психологияи маллӣ, сину сол, ҷинс ва хусусиятҳои фардӣ-психологиӣ ба роҳ монад. Дар ин маврид миёни ҳар як аъзои оила робитаи хушу гуворо, ҳамоҳангиву созгорӣ ҳукумфармо мегардад ва ин дар навбати худ, ба рушди шахсияти кӯдакон таъсирри мусбӣ мерасонад. Ҳамин тавр, назари муаллиф ва андешаҳои иқтибосшудаи муҳаққиқон баёнгари оннанд, ки муносибатҳои оилавӣ ба сифати муҳаррик барои рушди шахсият баромад мекунад.

Калидвожаҳо: *оила, падару модар, тарбия, шахсияти фарзандон, муносибат, воситаҳои таъсиррасонӣ, хусусиятҳои фардӣ-психологӣ, масъулият, низоъ, фарҳанги миллӣ.*

ПСИХОЛОГИЧЕСКОЕ ЗНАЧЕНИЕ СЕМЕЙНОГО ВОСПИТАНИЯ В РАЗВИТИИ ЛИЧНОСТИ РЕБЕНКА

В данной статье мы попытались рассмотреть роль, статус и влияние семейных отношений в развитии личности и раскрыть их значение. Поскольку семья является первым социальным институтом, от нее берут начало физическое и духовное развитие, процесс социализации человека.

Потому что семейная среда и связанные с ней задачи служат для человека регулятором жизни и личных и межличностных отношений.

Психологическое воздействие в воспитании осуществляется родителями целенаправленно и непреднамеренно. То есть речь идет о психологическом воздействии через методы воспитания (демократические, либеральные, авторитарные), которое проявляется в разных формах в зависимости от индивидуально-психологических особенностей детей. В этом контексте дети учатся у своих родителей и других членов семьи и широко используют их в своих личных и межличностных отношениях. Поэтому каждый взрослый в семье должен обращать внимание на свое поведение и речь, перенимать высокую культуру брака и воспитывать детей с учетом национальной культуры, национальной психологии, возраста, пола и индивидуально-психологических особенностей. В этом случае между каждым членом семьи устанавливаются приятные отношения, согласие и согласие, а это, в свою очередь, положительно влияет на развитие личности детей.

Таким образом, мнение автора и цитируемые мнения исследователей свидетельствуют о том, что семейные отношения выступают двигателем развития личности.

Ключевые слова: *семья, родители, воспитание, личность детей, взаимоотношения, средства воздействия, личностно-психологические особенности, ответственность, конфликт, национальная культура.*

PSYCHOLOGICAL IMPORTANCE OF FAMILY EDUCATION IN THE DEVELOPMENT OF A CHILD'S PERSONALITY

In this article we tried to consider the role, status and influence of family relationships in personality development and reveal their significance. Since the family is the first social institution, physical and spiritual development and the process of human socialization originate from it. Because the family environment and the tasks associated with it serve as a regulator of a person's life and personal and interpersonal relationships.

Psychological influence in upbringing is carried out by parents purposefully and unintentionally. That is, we are talking about psychological influence through methods of education (democratic, liberal, authoritarian), which manifests itself in different forms depending on the individual psychological characteristics of children. In this context, children learn from their parents and other family members and use them extensively in their personal and interpersonal relationships. Therefore, every adult in the family must pay attention to his behavior and speech, adopt a high culture of marriage and raise children taking into account national culture, national psychology, age, gender and individual psychological characteristics. In this case, pleasant relationships, harmony and agreement are established between each family member, and this, in turn, has a positive effect on the development of the children's personality. Thus, the author's opinion and the cited opinions of researchers indicate that family relationships act as the engine of personality development.

Key words: *family, parents, upbringing, children's personality, relationships, means of influence, personal and psychological characteristics, responsibility, conflict, national culture.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Саидзода Баҳрулло Хол – доктори фалсафа Phd, аз рӯйи ихтисоси психология, дотсент, мудири кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тел: 987957070, Email: bahrullo_90@mail.ru*

Сведения об авторе: *Саидзода Бахрулло Хол – доктор философии PhD, по психологии, дотсент, заведующий кафедры психологии философского факультета Таджикского национального университета. Тел: 987957070, электронная почта: bahrullo_90@mail.ru*

Information about the author: *Saidzoda Bahrullo Khol – doctor of philosophy PhD in psychology, dotsent, head of the department of psychology, faculty of philosophy, Tajik national university. Phone: 987957070, Email: bahrullo_90@mail.ru*

ПРИНСИПҲОИ ПЕДАГОГИИ ШАКЛГИРӢ ВА РУШДИ МАҲОРАТҲОИ КОММУНИКАТИВИИ ХОНАНДАГОН ДАР ЗАМИНАИ ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ

Мадумарова М. М.
унвончӯйи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Дар ҷомеаи муосир аксар вақт муваффақияти шахс на танҳо аз рӯйи дониш ва маълумот балки аз рӯйи қобилияти муошират муассир арзёбӣ мегардад. Дар ин замина рушди малакаҳои коммуникативии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар таълиму тарбия ва иҷтимоишавии онҳо нақши муҳим мебозад. Ҳамзамон дар шароити муосири таҳсилот, ки талабот ба сатҳи муошират меафзояд, яке аз вазифаҳои асосии таҳсилоти асосӣ ва иловагӣ рушди нутқи хонандагон маҳсуб мегардад.

Рушди нутқи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҳсилоти иловагӣ ба принсипҳои умумидидактикии илмӣ, шуурнокӣ ва фаъолият, систематикӣ ва пайдарпаӣ, намоёнӣ, дастрасӣ ва устуворӣ, робитаи назария бо амалия ва муносибати инфиродӣ бо хонандагон асос ёфтааст. Ин муқаррароти умумӣ, ки тамоми раванди таълимро дар бар мегиранд, дар раванди таҳсилоти иловагӣ шиддати махсус пайдо мекунанд. Масалан,

принсипи илмият талаб мекунад, ки дар раванди таҳсилоти иловагӣ нутқи хонандагони хурдсол тавассути вақтхушӣ сурат гирад. Маводи рушди нутқ, агар ҳатто дар шакли ғайриоддӣ ва ғайричашмдошт пешниҳод карда шавад ҳам, бояд ба маълумоти илмӣ мувофиқат кунад. Маълумоти илмии бо назардошти синну соли хонандагон мутобиқшаванда (аз рӯйи принсипи дастрасӣ) дар раванди таҳсилоти иловагӣ бе соддакунии ибтидоӣ пешниҳод карда мешавад.

Зимни кор дар самти рушди нутқ дар раванди таҳсилоти иловагӣ, принсипи илми мувофиқи сатҳи дониши муосир дар бораи забон, нутқ ва намудҳои фаъолияти нутқи инсон муайян кардани мундариҷаи дарс (машғулият)-ҳои иловагиро пешбинӣ мекунад: интихоби усул, равишҳо, методҳо ва воситаҳои рушди нутқ бо назардошти дастовардҳои навтарини методология ва илмҳои ба он алоқаманд.

Махсусияти таҳсилоти иловагӣ диққати бештарро ба фардикунонӣ ва мутафовитсозии раванди таълим талаб мекунад. Дар робита ба ин, **принсипи муносибати инфиродӣ** ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар таҳсилоти иловагӣ аҳамияти калон пайдо мекунад. [7]

Принсипи шуурнокӣ ва фаъол будан ҳавасмандии фаъоли хонандагонро ба мундариҷаи дарсҳо ва қаноатмандии эҷодии он фаъолиятҳоеро, ки дар ҷараёнашон донистани мундариҷаи машғулиятҳои иловагӣ ба даст оварда мешавад, дар назар дорад.

Принсипи возеҳ будан дар дарсҳои иловагӣ аз фанни забони модарӣ тобишҳои иловагӣ пайдо мекунад, зеро возеҳ будан ба онҳо яке аз воситаҳои муҳимми шавқовар намудани дарсҳои иловагӣ мебошад. [3]

Принсипи таълими тарбиядиҳанда дар ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон, азхудкунии меъёрҳои ахлоқии рафтор, рушди қувваҳои ҷисмонӣ ва қобилиятҳои ақлии, ташаккули шахсият ҳангоми иштирок дар дарсҳои иловагӣ аз фанни забони модарӣ ифода мегардад меёбад. Хусусияти тарбиявии корҳои беруназсинфӣ дар мундариҷаи маводи интихобшудаи таълимӣ ва нутқ, дар усули истифодаи он дар дарсҳои беруназсинфӣ зоҳир мешавад.

Рушди нутқи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҳсилоти иловагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба принсипҳои хосси методӣ асос ёфтааст:

Принсипи алоқаи таҳсилоти иловагӣ бо таҳсилоти асосӣ. Моҳияти ин принсип дар он аст, ки асоси корҳои беруназсинфӣ донишҳое мебошанд, ки хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои забони модарӣ (тоҷикӣ) гирифтаанд. Иштироки мунтазам аз дарсҳо, такя ба донишҳои дар кӯдакон мавҷудбуда ба такмили малакаҳои нутқи хонандагони хурдсол мусоидат мекунад, доираи истифодаи донишҳои дар дарсҳо ҳосилшударо васеъ мекунад, ба мустаҳкам кардани малака ва маҳоратҳои амалии нутқи забони модарӣ мусоидат намояд.

Муносибати дарсҳои иловагӣ аз фанни забони модарӣ (ё маҳфилҳои махсуси ба рушди нутқи хонандагони синфҳои ибтидоӣ нигаронидашуда) бо дарсҳои асосӣ барои амалияи нутқ шароити мусоид фароҳам меорад. [9]

Дар робита ба набудани барномаи махсуси рушди нутқ ва малакаҳои забонии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҳсилоти иловагӣ, ҳангоми интихоби мавзӯъ, мавод ва намуди машғулияти иловагӣ бояд маводи дар дарсҳои иловагӣ ва дар дарсҳои асосӣ алаккай омӯхташуда ба назар гирифташуда, ба барномаи ҳатмии таълимӣ, вале бо амиқтар ва васеъ кардани он илова карда шавад.

Шароите, ки дар он машғулиятҳои иловагӣ ташкил карда мешаванд муайянсозии синну сол ва сатҳи омодагии хонандагон; хоҳиш доштани онҳо барои рушди нутқ ё омӯзиши забони тоҷикӣ; самти муайян доштан ва устувор будани ин таваҷҷуҳ; мавҷудияти муҳити тоҷикии адабӣ; дар баробари дарсҳои иловагӣ аз фанни забони тоҷикӣ ё маҳфилҳои махсуси ба рушди нутқ равонагардида, иштироки хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар машғулиятҳои иловагиро аз дигар фанҳо ва ғайра талаб мекунад. Ин амал принсипи интихобпазир будани таҳсилоти иловагиро таъмин менамояд. Ин принсип на танҳо дар интихоби маводи таълимӣ, балки дар интихоби намудҳо ва шаклҳои машғулиятҳои иловагӣ низ амал мекунад.

Таҷрибаи фаъолияти мактабҳо нишон медиҳад, ки дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ бартарияти шаклҳои гурӯҳии машғулиятҳои иловагӣ хос аст. Ин вазъ ба он вобаста аст, ки намудҳо ва шаклҳои дигари машғулиятҳои иловагӣ барои ин марҳила ба ҳадди кифоя таҳия нашудаанд. Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда ва омӯзиши таҷрибавии хонандагони синфҳои ибтидоии Муассисаи давлатии таълимии “Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе” мо ба хулосае омадем, ки ҳанӯз дар марҳилаи ибтидоӣ барои рушди нутқи хонандагони синфҳои ибтидоӣ ташкили дарсҳои иловагӣ ва маҳфилҳо махсуси ба рушди нутқ ва малакаҳои муошират зарур аст.

Амалияи ташкили дарсҳои иловагӣ дар базаи муассисаҳои таълимии типи нав нишон медиҳад, ки пеш аз ташкили маҳфили "Суханвар" ва дарси "Практикуми забони тоҷикӣ" дар Муассиса, тавре ки З.Р. Магомедова пешниҳод мекунад бояд корҳои беруназсинфӣ гузаронида шуда, шавқмандии хонандагон муайян карда шавад. Дар ин баробар, ташкили озмунҳои "Наттоқи беҳтарин", "Суханвар", "Ҳозирҷавоб", рӯзҳо ва ҳафтаҳои забони модарӣ, ташкили курсҳои "паблик-спикинг" имконпазир аст, ба шарте ки дар синфҳои ибтидоӣ анъанаҳои гузаронидани машғулиятҳои иловагӣ ташаккул ёфта бошад.

Ҳамин тариқ, барои таъмини рушди мутавозии нутқ таносуби шаклҳои оммавӣ, гурӯҳӣ ва инфиродии машғулиятҳои иловагӣ дар базаи мактабҳо бояд якхела бошанд.

Набудани барномаи ягонаи рушди нутқ ҳангоми ташкили дарсҳои иловагӣ омӯзгоронро водор мекунад, ки самти дарси иловагиро мустақилона муайян кунанд. Дар ин ҳолат, табиист, ки бояд: хусусияти амалии омӯзиши забони модариро бидуни назариясозии нолозим; бисёрҷанбагии масъалаҳои ҳалшавандаро ҳангоми ташкили корҳои беруназсинфӣ; гуногунии манфиатҳои хонандагон, рушди нутқи шифоҳӣ ва хаттии онҳоро ба назар гирифт. [4]

Принсипи ихтиёрӣ будани иштироки хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои иловагӣ барои рушди нутқ дар он ифода меёбад, ки иштироки кӯдакон дар чунин кор бояд ихтиёрӣ бошад, на маҷбурӣ. Барои он ки хонандагон хоҳиши машғул шудан ба забони модариро дар вақти берун аз дарс пайдо кунанд, пеш аз ҳама дарсҳои иловагӣ бояд зинда, шавқовар, ва ғайриқолабӣ гузаронида шаванд.

Принсипи баэътиборгирии манфиатҳо ва қобилиятҳои инфиродии хонандагон. Мувофиқи ин принсип, мундариҷаи дарсҳои иловагӣ бояд пеш аз ҳама он чизеро дар бар гирад, ки хонандагон ба он таваҷҷуҳ доранд. Вазифаҳо бояд барои қонеъ кардани ниёзҳои хонандагони сатҳи рушди нутқашон гуногун тағйир дода шаванд. Дарсҳои иловагӣ аз дарсҳои асосӣ бо он фарқ мекунанд, ки мундариҷаи дарсҳои иловагӣ бо назардошти манфиатҳои инфиродӣ ва дархостҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ муайян карда мешавад. Чунин кор фаъолияти маърифатӣ ва рушди нутқи хонандаагонро таъмин мекунад. Дар ин сурат, ҳар як хонанда вазифаро мувофиқи хоҳиш, завқ ва қобилиятҳои худ мегирад.

Принсипи гуногунии шаклҳо ва тартиби дарсҳои иловагӣ. Таваҷҷуҳ ба дарсҳои иловагӣ ва рушди нутқи хонандагон на танҳо бо мундариҷаи машғулиятҳои беруназсинфӣ, балки бо гуногунии онҳо, тарзҳои ғайриоддии таҳияи мавзуъҳои машғулиятҳо, шакли пешниҳоди маводи забонӣ ва нутқ пайдо мешавад. Чӣ қадаре ки намудҳо ва шаклҳои дарсҳои иловагӣ гуногун бошанд, таваҷҷуҳ ба он ҳамон қадар устувортар ва фаъолияти кӯдакон бештар мешавад.

Принсипи пайдарпай ва дурнамои гузаронидани дарсҳои иловагӣ аз фанни забони тоҷикӣ ва маҳфилҳои рушди нутқ бояд дар ҳама марҳилаҳо риоя карда шавад.

Дурнамои пешниҳоди мавод на танҳо такя намудан ба маводи қаблӣ, балки ба назар гирифтани вазифаҳои марҳилаҳои минбаъда, омода кардани кӯдакон барои рушди нутқи онҳоро дар назар дорад. Бо ин мақсад маводи гуногуни таълимӣ истифода мешаванд, ки кӯдаконро ба дониш, фаҳмиш ва дарк водор мекунанд. [1] Аз ин рӯ, бояд чунин вазифаҳо пешбинӣ карда шаванд, ки фаъолияти нутқи хонандагонро ҳавасманд менамоянд.

Самаранокии иҷрои вазифаҳо аз бисёр ҷиҳат аз мушаххасӣ, возеҳ будани онҳо, мавҷудияти мушкилоти имконпазир барои хонандагон вобаста аст, ки бартараф кардани онҳо таваҷҷуҳи муайянро ба бор меорад. Вазифаҳо метавонанд гуногун бошанд: интихоби мавод барои баргузории машғулиятҳо дар шакли бозиҳо, викторина, "стори-телинг", ки ба рушди нутқи кӯдакон бахшида шудааст, инчунин омода кардани паёмҳои хурд вобаста ба мавзӯи машғулият, ки ба ташаккули малакаҳои фикр кардан ва тафаккур бо забони модарӣ (тоҷикӣ) мусоидат мекунанд.

Принсипи алоқамандии машғулиятҳои иловагӣ. Ба ташкили системаи умумии рушди нутқ ва ташкили дарсҳои иловагӣ аз фанни забони модарӣ ва маҳфилҳо барои рушди нутқи хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ки дар он ҳар як машғулият ҷойи муайян дорад, риояи ин принсип мусоидат мекунад. Дар ин ҳолат, вобаста ба хусусиятҳои синф, сатҳи омодагӣ, қобилият ва майли кӯдакон, барои ин ё он намуди машғулият дар раванди таҳсилоти иловагӣ маводи забонӣ ва нутқро интихоб кардан лозим аст. [1]

Принсипи фароғатӣ ҳамчун яке аз шартҳои асосии ҷалби таваҷҷуҳ ва нигоҳ доштани шавқмандии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба машғулиятҳои иловагӣ аз фанни забони модарӣ ва рушди нутқ баромад мекунад. Машғулият асосан тавассути истифодаи маводҳои грамматикаи шавқовар (бозиҳо, ребусҳо, нақшофариҳо), инчунин тавассути ҷалби васеи

воситаҳои аёнии садоӣ ва визуалӣ (расмҳо, намоишномаҳо, слайдҳо, сабтҳои аудиоӣ ва видеоӣ) ва ғайра ба даст оварда мешавад. Аммо принсипи мазкур маъном танҳо фароғатӣ будани машғулиятҳои иловагии ба рушди нутқ равона бударо надорад. Фароғат он чизест, ки дархостҳои зеҳнии хонандагонро қонеъ мекунад ва кунҷковии онҳоро инкишоф медиҳад. Барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳама чизҳое, ки аҳамияти амалӣ доранд, шавқовар буда, ба азхудкунии амалии забони модарӣ ва рушди нутқ оварда мерасонад. [2]

Принсипи оммавӣ будан. Бо дарназардошти он, ки иштироки гурӯҳӣ дар машғулиятҳои иловагӣ ба рушди нутқи хонандагон таъсири судманд мерасонад, раванди азхудкунии амалии забони модариро суръат мебахшад. Аз он ҷо, ки нутқ танҳо дар натиҷаи гуфтан, баромад кардан, гӯш кардан, нақл кардан, умуман дар раванди ҳамкорӣ рушд меёбад, ҷалби ҳарчи васеи хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба чунин машғулиятҳо тавсия дода мешавад. Барои ин зарур аст, ки дар байни хонандагони синфҳои ибтидоӣ имконияти рушди нутқи онҳо дар раванди таҳсилоти иловагӣ васеъ таблиғ карда шавад ва фоидаи он дар азхудкунии амалии забони модарӣ шарҳ дода шавад.

Принсипи самти амалии таҳсилоти иловагӣ ҷиҳати рушди нутқи хонандагони синфҳои ибтидоӣ вазифаҳои умумӣ ва мушаххас онро дар бар мегирад:

а) дар дарсҳои иловагӣ хонандагон маълумоти забоншиносӣ мегиранд, яъне донишҳои назариявии оддиро дар бораи забони модарӣ аз худ мекунанд, ки ба рушди умумии онҳо, амиқтар ва васеъ кардани ҷаҳонбинии онҳо мусоидат мекунад. Дониш дар бораи падидаҳои забон дар асоси салоҳияти забон (донистани тарзи сохти забон, тарзи корбурди он) ва дар асоси малакаҳои нутқ (малакаҳои талаффузи дуруст, интихоби мустақили калимаи мувофиқ барои ифодаи фикрҳои худ ҳам дар шакли шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ, ҳамоҳангсозии калимаҳо, аз ҷиҳати услубӣ дуруст тартиб додани калимаҳо ва ҷумлаҳо) ва қобилиятҳо (қобилияти дарк кардани нутқ, сухан гуфтан, хондан ва навиштан) шакл мегирад. Ба доираи вазифаҳои амалӣ, ҳамзамон, вазифаи стратегии машғулиятҳои иловагӣ – тайёр кардани кӯдакони саводнок дохил мешавад. Ин маънои сатҳи умумии рушди нутқи хонандагон, донистани фонди луғавӣ ва сохти грамматикии забони тоҷикӣ, фарҳанги нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ, риояи меъёрҳои забони адабии тоҷикиро дорад;

б) дар асоси малакаҳои нутқ ва қобилиятҳо дар дарсҳои иловагӣ аз забони модарӣ салоҳияти коммуникатсионӣ, қобилияти истифодаи забон ҳамчун воситаи муошират дар ҳолатҳои гуногун пайдо карда мешавад. Яъне, сухан дар бораи омода кардани хонанда ба муоширати табиӣ бо забони модарӣ ҳам дар дарсҳо ва ҳам дар раванди ташкил ва гузаронидани намудҳо ва шаклҳои гуногуни дарсҳои иловагӣ меравад;

в) рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ (тафаккур, хотира, диққат, қобилияти таҳлилкунӣ, муқоиса ва ҷамъбасткунӣ);

г) тарбияи сифатҳои ахлоқӣ-маънавӣ, завқи эстетикӣ, тарбияи ҳисси зебоипарастӣ, дарки каломи бадеъ; тарбияи малака ва сифатҳои зарурии таълимӣ-маърифатӣ; меҳнатдӯстӣ, устуворӣ, дақиқӣ, масъулият; рушди малакаҳои кори мустақилона. Тамоми ин маҷмӯи вазифаҳо бо мундариҷаи дохилии мантиқӣ-психологии он алоқаманд аст.

Принсипи самти коммуникативӣ доштани машғулиятҳои иловагӣ фароҳам овардани ҳолатҳои муоширати воқеиро дар бар мегирад, то кӯдакон тавонанд мувофиқи ҳаҷми маводи лексикӣ-грамматикии омӯхташуда фикрҳои худро таҳия ва баён кунанд; ташкили фаъолияти фаъоли эҷодии кӯдакон; ҷалби хонандагон ба шаклҳои инфиродӣ, гурӯҳӣ ва коллективии кор; азхудкунии параллелии захираи муайяни луғат, талаффузи дуруст ва оҳанги садо, хониши ифоданок, нутқи мураттаб; азхудкунии шакли грамматикӣ ва вазифаи он дар суханронӣ. [8]

Принсипи омӯзиши ҳамаҷонибаи назария ва амалияи нутқ дар дарсҳои иловагӣ дар таълими кӯдакон дар ҳама сатҳҳои забон ва нутқ ифода меёбад. Сохтани ҳатто соддатарин ҷумла дар нутқ ҳам донистани калимаҳо ва ҳам истифодаи дурусти онҳо, ҳам талаффузи дуруст ва ҳам интонатсияи дурустро талаб мекунад.

Татбиқи принсипи омӯзиши ҳамаҷонибаи назария ва амалияи нутқ истифодаи намудҳо ва усули гуногуни кор дар машғулиятҳои иловагиро талаб мекунад, ки таваҷҷуҳи хонандагонро ба забони тоҷикӣ баланд мебардоранд ва фаъолияти фикрӣ ва нутқии онҳоро фаъол мекунанд.

Принсипи мустақилият фаъолияти таълимиеро, ки хонандагон бо супориш ва таҳти роҳбарии омӯзгор, аммо бе иштироки ӯ иҷро мекунанд, пешбинӣ мекунад. Дар машғулиятҳои иловагӣ корҳои гуногуни эҷодӣ (аз ёд кардан, нақл кардан, тавсиф кардан, таҳия кардан, баён кардан, эҷод кардан) иҷро карда мешаванд, ки ба рушди нутқ ва тафаккури хонандагон

мусоидат мекунанд. Дар ҳама ҳолатҳо, корҳо бо назардошти хусусиятҳои синну соли кӯдакон барои мустақилона иҷро кардан интихоб карда мешаванд.

Омезиши шаклҳои коллективии кори инфиродӣ (мустақил) ва гурӯҳӣ таваҷҷуҳ ва шавқмандии хонандагони синфҳои ибтидоиро ба дарсҳои иловагӣ нигоҳ медорад.

Ҳикояҳои мустақил дар бораи мушоҳидаҳои тағйирот дар табиат, дар бораи таассурот ҳангоми экскурсияҳо ё дар робита бо филми дидашуда, диафилм ва китоби хондашуда суханронии хонандагони синфҳои ибтидоиро пурмазмунтар ва эҳсосӣ мекунанд.

Принсипи ба назар гирифтани хусусиятҳои забони модарӣ ва бартараф кардани интерференсияи хонандагон дар дарсҳои иловагӣ аз фанни забони модарӣ ва пешгирии хатогиҳоро, ки бо ихтилофи системаи забони адабӣ ва лаҳҷаҳои гӯйиш вобаста аст, пешбинӣ мекунад. Муносибати ду тарзи гӯйиш (адабӣ ва лаҳҷа) дар шуури сухангӯ ба вайроншавии меъёр ба интерференсияи байни гӯйишҳо (таъсири манфии лаҳҷа ба ташаккули нутқи адабӣ) оварда мерасонад. Дар ин ҳолат, ба назар гирифтани хусусиятҳои лаҳҷа дар пешгирии вайроншавии эҳтимолии нутқи хонандагон амалӣ карда мешавад. Ин равиш барои бартараф кардани интерференсияи байни гӯйишҳо ёрӣ мерасонад.

Принсипи систематикӣ будан ва пайдарҳамии дарсҳои иловагӣ аз фанни забони модарӣ ва зимни машғулиятҳои иловагии ба рушди нутқ нигаронидашуда ҳангоми интихоби мавзуи кори маҳфилӣ ва ҷойгиршавии маводи забон ва рушди малака ва маҳоратҳои гуфтор зоҳир мешавад. Ин принсип на танҳо алоқамандии ҳамаи ҷанбаҳои забон, балки пайдарпаии ташаккули малака ва маҳоратҳои нутқи забони тоҷикиро ҳангоми ташкили дарсҳои иловагӣ ба назар мегирад. [5]

Принсипи пайвастагии намудҳои асосии фаъолияти нутқ ташаккули чор намуди фаъолияти нутқро (гӯш кардан, гуфтан, хондан ва навиштан) дар асоси маводи забонӣ дар назар дорад.

Хусусияти татбиқи ин принсип дар дарсҳои иловагӣ дорои маҷмуи хусусиятҳои зерин мебошад: 1) фаъолияти нутқ дар ҳамаи намудҳои он ҳамчун объекти таълим баромад мекунад; 2) рушди баробари намудҳои фаъолияти нутқ таъмин карда мешавад (яъне аз ибтидо чор навъи нутқ инкишоф меёбад ва рушди як намуд ба рушди дигар намудҳо мусоидат карда, азхудкунии онҳоро осон мекунад); 3) пайдарпаии рушди намудҳои фаъолияти нутқ барои намудҳои гуногуни машғулиятҳои иловагӣ ҳатмӣ ва доимӣ нест; 4) маводи забонии машғулиятҳои иловагӣ бояд ҳам барои намудҳои продуктивӣ ва ҳам ретсептивии фаъолияти нутқ замина бошад.

Принсипи ба назар гирифтани хусусиятҳои инфиродӣ ва синнусолии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҳсилоти иловагӣ маънои онро дорад, ки машғулиятҳои иловагӣ бояд бо такя ба қувва ва имкониятҳои хоси синнусолии хонандагони ба роҳ монда шавад ва ба рушди минбаъдаи зеҳнии ҳар як хонанда мусоидат кунад. Мундариҷаи дарсҳои иловагӣ дар синфҳои ибтидоӣ бояд барои васеъ кардани ҷаҳонбинӣ, шиносоии онҳо бо падидаҳои фонетикӣ-грамматикӣ ва синтаксисии забони модарӣ пешбинӣ карда шавад. Ноустувории диққати кӯдакони ин синну сол онҳоро водор мекунад, ки шаклҳои осони корро ҷустуҷӯ кунанд ва ба бозии дидактикӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир кунанд. Манфиатҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳанӯз пурра омӯхта ва муайян нашудаанд, аз ин рӯ танҳо баъзеи онҳо дар раванди таҳсилоти иловагӣ ба назар гирифта мешаванд. Кӯдакони ин синну сол ҳанӯз сатҳи пасти мустақилият ва эътимод ба қобилиятҳои худро доранд. Аз ин рӯ, тамоми машғулиятҳои раванди таҳсилоти иловагӣ таҳти роҳбарии омӯзгор гузаронида мешаванд. [6]

Бо вуҷуди гуногунии принсипҳои дидактикӣ дар машғулиятҳои раванди таҳсилоти иловагӣ, ки ба рушди нутқи хонандагони синфҳои ибтидоӣ нигаронида шудаанд, ба ҳеҷ яке аз принсипҳои овардашуда афзалият дода намешавад. Муваффақият дар рушди нутқ ва ташкили машғулиятҳои иловагӣ аз маҳорати методии омӯзгор, ҳавасмандии ӯ, қобилияти муайян кардани мундариҷаи дарсҳои иловагӣ ва фаъол кардани фаъолияти маърифатии хонандагон вобаста аст.

АДАБИЁТ:

1. Смит, Дж. (2018). Развитие коммуникативных навыков учащихся начальной школы: практические подходы. Издательство «Педагогика сегодня».
2. Джонсон, М. (2019). Инновационные методики обучения в дополнительном образовании. Журнал «Современное образование», 10(2), 45-58.
3. Грин, А. (2020). Роль родителей в формировании коммуникативных навыков учащихся начальной школы. В сборнике «Семейное воспитание и образование».
4. Кларк, Р. (2017). Основы педагогики дополнительного образования. Издательство

«Просвещение».
5. Браун, К. (2018). Индивидуализация обучения как ключевой принцип формирования коммуникативных навыков. Журнал «Педагогические науки», 5(3), 78-92.
6. Харрис, С. (2019). Развитие речи учащихся начальной школы через игровые методы. В книге «Педагогические технологии: сборник научных трудов».
7. Ли, В. (2020). Взаимодействие семьи и школы в формировании коммуникативных умений учащихся. Журнал «Современное образование и семья», 15(1), 30-42.
8. Лутфуллоев М. (2010). Дидактикаи муосир, Ирфон, 342 с.
9. Тейлор, Р. (2017). Развитие коммуникативных навыков учащихся начальной школы: лучшие практики и стратегии. Издательство «Университетская педагогика».
10. Смолл, Г. (2018). Методы оценки и мониторинга развития коммуникативных умений учащихся начальной школы. Журнал «Образование и развитие», 25(2), 115-130.
11. Дэвис, Л. (2019). Психологические аспекты обучения и развития коммуникативных навыков учащихся начальной школы. Издательство «Новое знание».

ПРИНСИПҲОИ ПЕДАГОГИИ ШАКЛГИРӢ ВА РУШДИ МАҲОРАТҲОИ КОММУНИКАТИВИИ ХОНАНДАГОН ДАР ЗАМИНАИ ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ

Дар мақола принсипҳои асосии педагогии рушди малакаҳои коммуникативии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҳсилоти иловагӣ баррасӣ шудааст. Муҳимияти малакаҳои коммуникативӣ дар ҷаҳони муосир ва нақши онҳо дар таълиму тарбияи наврасону ҷавонон таъкид гардидааст. Ҳамзамон, принсипҳои фардикунонии таълим, фароҳам овардани муҳити ҳавасмандгардонӣ ва истифодаи усули интерактивӣ барои рушди самараноки малакаҳои муошират дар синфҳои ибтидоӣ дарҷ гардидаанд.

Инчунин, мақола омӯзиши масъалаи ташкили дарс бо назардошти хусусиятҳои фардии ҳар як хонанда, инчунин ҷалби волидон ба раванди ташаккули малакаҳои муошират ва ҳамкорӣ бо омӯзгоронро фаро мегирад.

Дар ин баробар, дар мақола мушкилоте, ки омӯзгорон дар раванди ташаккули малакаҳои муоширати хонандагон дар доираи таҳсилоти иловагӣ дучор меоянд, мавриди баррасӣ қарор дода шуда, барои бартараф намудани онҳо тавсияҳо пешниҳод шудаанд.

Калидвожаҳо: *Малакаҳои муошират, таҳсилоти иловагӣ, принсипҳои педагогӣ, рушди нутқ, муҳити таълимӣ, усули интерактивӣ, ҳавасмандгардонӣ, хусусиятҳои инфиродӣ, технологияҳои таълимӣ, омӯзиши фаъол.*

ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ПРИНЦИПЫ ФОРМИРОВАНИЯ КОММУНИКАТИВНЫХ НАВЫКОВ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНОЙ ШКОЛЫ В РАМКАХ ДОПОЛНИТЕЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ

В статье рассматриваются основные педагогические принципы развития коммуникативных навыков учащихся младших классов в процессе дополнительного образования. Подчеркивается важность коммуникативных навыков в современном мире и их роль в обучении и воспитании подростков и молодежи. Также приведены принципы индивидуализации образования, создания стимулирующей среды и использования интерактивных методов для эффективного развития коммуникативных навыков в начальных классах.

Также в статье освещается изучение вопроса организации урока с учетом индивидуальных особенностей каждого ученика, а также вовлечения родителей в процесс развития навыков общения и сотрудничества с учителями.

При этом в статье рассматриваются проблемы, с которыми сталкиваются педагоги в процессе развития коммуникативных навыков учащихся в рамках дополнительного образования, и предлагаются рекомендации по их преодолению.

Ключевые слова: *Коммуникабельность, дополнительное образование, педагогические принципы, развитие речи, образовательная среда, интерактивные методы, мотивация, индивидуальные особенности, образовательные технологии, активное обучение.*

PEDAGOGICAL PRINCIPLES FOR FORMING COMMUNICATION SKILLS OF PRIMARY SCHOOL STUDENTS WITHIN ADDITIONAL EDUCATION

The article discusses the basic pedagogical principles for the development of communication skills of primary school students in the process of additional education. The importance of communication skills in the modern world and their role in the training and education of adolescents and young people is emphasized. The principles of individualization of education, creation of a stimulating environment and the use of interactive methods for the effective development of communication skills in primary grades are also given.

The article also highlights the study of the issue of organizing a lesson, taking into account the individual characteristics of each student, as well as the involvement of parents in the process of developing communication skills and cooperation with teachers.

At the same time, the article examines the problems that teachers face in the process of developing students' communication skills within the framework of additional education, and offers recommendations for overcoming them.

Key words: *Communication skills, additional education, pedagogical principles, speech development,*

educational environment, interactive methods, motivation, individual characteristics, educational technologies, active learning.

Маълумот дар бораи муаллиф: *Мадумарова Мухлиса Мардоновна – омӯзгори маркази хусусии инкишофи зеҳнии "Заковат", унвонҷӯйи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Ғаффор Мирзо 6, Ҷумҳурии Тоҷикистон, тел: (+992) 92-017-55-45, mail:loiqovnurullo@mail.ru*

Сведение об авторе: *Мадумарова Мухлиса Мардоновна – учитель частного центра интелектуального развития "Заковат", соискатель Института развития образования имени Абдурахмони Джоми Академии образования Таджикистана, город Душанбе, улица Ғаффор Мирзо 6, тел: (+992) 92-017-55-45, mail:loiqovnurullo@mail.ru*

Information about the author:*Madumarova Mukhlisa Mardonovna - teacher at the private center for intellectual development "Zakovat", applicant for the Institute for the Development of Education named after Abdurahmoni Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, Gaffor Mirzo Street 6, tel: (+992) 92-017-55-45, mail: loiqovnurullo@mail.ru*

ТДУ: 159. 9+37(575.3)

МОҲИЯТ ВА АҲАММИЯТИ МУОШИРАТИ ПЕДАГОГӢ ДАР ГУРӮҲҲОИ ИҶТИМОӢ (ДАР МИСОЛИ ГУРӮҲҲОИ ДОНИШҶӮЁН)

Шоева М. Ё.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар айни замон, масъалаи муошират педагогӣ аҳаммияти хосса пайдо кардааст, зеро он бевосита ба тамоилҳои инсондӯстона алоқаманд буда, хусусияти асосии раванди таълими муосирро ташкил медиҳад. Инчунин баҳснопазир аст, ки фаъолияти педагогӣ, аз як тараф ва самараи муошират педагогӣ, характер ва муносибатҳои омӯзгор бо донишҷӯён аз тарафи дигар, бо ҳам алоқаи ногусастанӣ доранд. Аз бахши якум ташаккул додани системаи дурусти муносибат миёни омӯзгор ва донишҷӯён муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар ин асно, омӯзгоронро метавон шартан ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намуд. Гурӯҳи якуми омӯзгорон муоширатро бо донишҷӯён дар доираи маҳдуд роҳандозӣ мекунанд ва барои муошират наздиктар кӯшиш намекунанд. Гурӯҳи дуюмро омӯзгороне ташкил медиҳанд, ки барои муошират зич бо донишҷӯён кӯшиш мекунанд, вале бо сабабҳои гуногун (нарасидани вақти кофӣ, нафрати донишҷӯён ба омӯзгор) ба он ноил гардида наметавонанд. Ба гурӯҳи сеюм он омӯзгороне дохил мешаванд, ки донишҷӯёнро иззату эҳтиром мекунанд, аз боварӣ ва дилсӯзии онҳо бархурдоранд, вале бо сабабҳои гуногун муошират бо онҳо мунтазам нест. Вале агар донишҷӯён душвориҳои муайяне дошта бошанд, ба ин зумра омӯзгорон муроҷиат мекунанд.

Гурӯҳи чорум, он омӯзгороне дохил мешаванд, ки бо донишҷӯён доимо дар муошират қарор доранд. Дар баробари ин, муоширати онҳо бо дараҷаи баланди эътимод ва шиддат фарқ мекунад. Донишҷӯён ба ин зумраи омӯзгорон боварӣ доранд маҳорати баланди кордонӣ, хислатҳои шахсии ӯ, аз қабили поквичдонӣ, одоб, серталабӣ ва боинсофӣ ба ин боварӣ оварда расонидаанд.

Фаъолияти педагогӣ дар ҳар давру замон муҳим арзёбӣ мегардид ва дар замони муосир низ аҳаммияти он аз будаш зиёд гардидааст. Ҳамзамон, кӯшиши баррасӣ ва ҳаллу фасли масъалаҳои глобалии ба миён омада, тавассути фаъолияти педагогӣ, яъне тариқи таълиму тарбияи дурусти насли наврас мушоҳида мегардад. Яке аз ҷанбаҳои муҳимму самараноки фаъолияти педагогиро ҷанбаи коммуникативии он ташкил медиҳад, ки дар мақолаи мазкур сухан бештар дар ин бобат меравад. Механизмҳои психологии муошират педагогӣ таҳлил карда шуда, моҳият ва зарурати онро дар омӯзгорони ҷавон ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани фаъолияти педагогӣ ва баланд бардоштани дараҷаи донишашхудкунӣ, рушди протсессҳои маърифатии донишҷӯ, хонанда, худи омӯзгор, баланд бардоштани шавқу ҳаваси онҳо нисбати фанҳо ва бедор сохтани маромнокии онҳо ба таҳсил ва илмомӯзи нақши муҳимро дорад [10, с.117].

Муошират педагогӣ метавонад дар шакли гурӯҳӣ ё инфиродӣ сурат гирад. Чунин низ шуданаш мумкин аст, ки омӯзгор аз уҳдаи вазифаҳои муошират гурӯҳӣ бомувафақият мебарояд, аммо дар ҳолатҳои муошират инфиродӣ ва ё бо ибораи дигар, рӯ ба рӯ бо донишҷӯи онро ба таври зарурӣ роҳандозӣ карда наметавонад.

Сохтори муайяни таъсири педагогӣ аз ҷониби омӯзгор ба донишҷӯ вуҷуд дорад. Он навъҳои гуногуни таъсирро дар бар мегирад, ки дар навбати худ, бештар аз рӯйи дараҷаи фаъолияти омӯзгор муайян мегардад ва намудҳои асосии он чунинанд:

-ташкилкунандагон;

-баҳодиҳандагон;

-интизомнокӣ.

Бартарии баъзе навъҳои таъсироти педагогии истифодашавандаи омӯзгор бояд мувофиқи дараҷаи фаъолият ва фаҳмиши донишҷӯён истифода гардад. Дараҷаҳои болозикр метавонанд баланд ё паст бошанд. Барои омӯзгорони дараҷаи баланд дар навбати аввал таъсири табиати ташкилотчигӣ ва барои омӯзгорони дараҷаи паст таъсири хусусияти интизомнокӣ хос мебошад. Инро бо осонӣ шарҳ додан мумкин аст, ки агар омӯзгор ба ташкили фаъолияти донишҷӯён диққати лозимаро равона насозад, пас ӯ вақту қувваи худро барои нигоҳ доштани интизом сарф мекунад. Ба ибораи дигар гӯем, бетартибӣ дар синф на оқибати ягон майли ибтидоии инсонӣ, балки аз ташкил карда натавонистани раванди таълиму тарбия вобастагӣ дорад.

Дар сурати баланд будани фаъолияти омӯзгор миқдори миёнаи таъсири педагогии ӯ дар як дарс камтар ҳосил шавад ҳам, вале худ аз худ хеле самаранок мегардад. Системаи таъсири лафзии омӯзгорони фаъолияти баланд ва паст на танҳо аз ҷиҳати миқдор, балки аз ҷиҳати сифат ҳам фарқ мекунад. Омӯзгорони дараҷаи олӣ бештар аз шаклҳои зерини таъсиррасониҳои шифоҳӣ истифода мебаранд: дастурдиҳӣ, баланд бардоштани интонатсия, гирифтани ному насаб, ташвиқ, ҳазлу шӯхӣ ва ғ.

Дар мавриди омӯзгорони дараҷаи сатҳи паст, ҳарчанд интонатсияро зиёд кардаанд ва истифода аз насаб аз таъсири бештар истифодашаванда аст, аммо наметавон гуфт, ки дарс дар дараҷаи зарурӣ мегузарад.

Ҳамзамон, мавриди қайд аст, ки самаранокии таълим маҳз аз дараҷаи фаъолияти худи донишҷӯён ва ба маънои васеътар самаранокии ташаккули шахсияти донишҷӯ вобастагӣ дорад. Донишҷӯён дар синфе, ки омӯзгорони дараҷаи баланд тадриси дарс мекунанд, назар ба синфе, ки омӯзгори дараҷаи паст тадрис мекунад, ду баробар бештар гап мезананд.

Омӯзгор дар раванди муошират педагогӣ нақши ҳалкунандаро мебозад. Дар шароите, ки дар айни замон нақши омӯзгор ҳамчун манбаи асосии иттилоот аз ҳисоби васъати истифодаи телекоммуникатсия дар раванди таълим тадриҷан паст шуда истодааст, таъсири ӯ ҳамчун шахс, баръакс, хеле зиёд мешавад. Ин аст, ки муошират бомуваффақияти педагогӣ ва ҳамкории омӯзгор бо донишҷӯён аз ӯ (омӯзгор) як қатор сифатҳо ва қобилиятҳои муайяни психологиро талаб мекунад. Чунон ки Л.Д. Столяренко ишора мекунад, аз ҷумлаи ин сифатҳо ва қобилиятҳо бояд инҳо бошанд [13, с.210]:

- шавқу рағбат ба донишҷӯён ва кор бо онҳо, мавҷудияти эҳтиёҷот ва малакаҳои муошират, хушмуомилагӣ, сифатҳои коммуникативии инкишофёфта;
- қобилияти ҳамдардии эмотсионалӣ ва фаҳмиши одамон;
- чандирӣ, тафаккури оперативӣ-эҷодӣ, ки ба ӯ қобилияти зуд ва дуруст паймоиш кардан дар шароити тағйирёбандаи муошират, зуд тағйир додани таъсири нутқро вобаста ба вазъияти муошират, ба хусусиятҳои фардии хонандагон фароҳам меорад;
- қобилияти ба эмотсияҳо дода нашудан ва нигоҳ доштани фикру ақида дар муошират;
- қобилияти идора кардани худ, ҳолати равонии худ, бадан, овоз, ифодаи чеҳра, фикрҳо, эмотсияҳо ва ғ;
- қобилияти пешгӯйии ҳолатҳои эҳтимолии педагогӣ, оқибатҳои эҳтимолии таъсири педагогии онҳо;
- фарҳанг ва инкишофи нутқ, захираи бойи луғавӣ, интихоби дурусти воситаҳои забонӣ;
- доштани санъати таҷрибаҳои педагогӣ, ки омехтаи ҳаёт, таҷрибаҳои табиии омӯзгор ва таҷрибаҳои аз ҷиҳати педагогӣ мақсаднок мебошанд, ки метавонанд ба фаъолияти таълимӣ ва рафтори донишҷӯён дар самти зарурӣ таъсир расонанд.

Таҳаммулпазирӣ низ як сифати муҳимми касбии омӯзгор аст. Таҳаммулпазирӣ аз сабру тоқат, истодагарии омӯзгор нисбат ба рафтори шогирдон ва ҳамкорон, таҳаммулпазирӣ нисбат ба андешаҳои гуногун, кушодабинӣ дар баҳодиҳии одамон ва ҳодисаҳо фаҳмида мешавад. Таҳаммулпазирӣ асоси эътимод ва ҳамдигарфаҳмӣ аст. Он барои пешгирии муноқишаҳо ва бартараф кардани оқибатҳои манфии эҳтимолии онҳо кӯмак мекунад. Илова бар ин, таҳаммулпазирӣ ба таъсис ва зуҳури иродаи нек мусоидат мекунад, ба муқаррар кардани фазои равонӣ дар гурӯҳ, дар муносибатҳои байни омӯзгорон ва донишҷӯён мусоидат хоҳад кард.

Таҳаммулпазирӣ барои ҳама шуғлҳо ба инсон муҳим аст. Дар муошират педагогӣ он мавқеи махсусро ишғол менамояд, зеро он бо самаранокии шинохти шахсияти донишҷӯ, маҳсулнокӣ ва самаранокии муошират ва фаъолияти педагогӣ алоқамандӣ дорад. Таҳаммулпазирӣ бо ду омил алоқаи ногусастанӣ дорад [7, с.196]. Дар як маврид таҳаммулпазирии иҷтимоӣ ва равонӣ метавонад аз ҳассосияти пасти равонии шахс бошад. Ба ибораи дигар, ин навъи таҳаммулпазирӣ ба бепарвоии ошкор асос ёфтааст. Роҳи дигари таҳаммулпазирии шахс ин хусусияти муносибатҳои ӯ мебошад (ҳар кас ҳақ дорад ба андешаи

худ). Дар ин ҷо афзоиши таҳаммулпазирӣ бо ташаккули муносибатҳои мувофиқи шахсият, дар ин маврид шахсияти омӯзгор алоқаманд аст.

Муносибати омӯзгор омили муҳимми психологие мебошад, ки самаранокии муошират педагогиро муайян мекунад. Аз рӯйи муносибат, фаҳмидани омодагӣ ба вокуниш ба тарзи муайян дар як намуди вазъият маъмул аст. Муносибатҳои бартаридоштаи омӯзгорон ба донишҷӯён ду навъ мешаванд: мусбат ва манфӣ.

Аломатҳои муносибати манфии омӯзгор бо донишҷӯён мушаххасан инҳоянд: муаллим ба донишҷӯи «бад» барои посух додан камтар вақт медиҳад, саволу дастурҳои пешбарандаро истифода намебарад; бештар аз ташвиқ кардан танқид мекунад; ба кирдори бомуваффакияти донишҷӯ муносибат намекунад ва аз муваффақиятҳои вай пай намебарад; баъзан дар синф бо ӯ тамоман кор намекунад.

Муаллим бо муносибати мусбат ҷавоби саволро дарозтар интизор мешавад, дар сурати душворӣ саволи пешбаранда медиҳад, ӯро бо табассум, нигоҳе руҳбаланд мекунад; агар ҷавоб нодуруст бошад, ба баҳо шитоб намекунад, балки кӯшиш мекунад, ки онро ислоҳ намояд; дар вақти дарс бештар ба донишҷӯ нигоҳ мекунад ва ғайра.

Бо ин равиш шогирдони «бад» ғарази муаллимро бо дард ҳис мекунанд ва ба омӯзгор қариб, ки муроҷиат намекунанд.

Муошират педагогиро инчунин баъзан субъективият ва таассуби омӯзгор, риояи стереотипҳо, ки бо намудҳои муносибатхои ӯ зич алоқаманданд, монеъ шуданаш мумкин аст.

Субъективӣ ва ғаразнокӣ яке аз оқибатҳои нотавонӣ ё майл надоштани омӯзгор барои бартараф кардани душвориҳо дар ташкили муошират бо донишҷӯён мебошад. Омӯзгор метавонад субъективизми худро дарк накунад, вале бо вуҷуди ин, дар муносибат бо донишҷӯён онро нишон дода, ба хатогиҳои ҷиддии педагогӣ роҳ медиҳад. Ҳамин тариқ, сатҳи дониши усули муошират донишҷӯён метавонад ба арзёбии дониши фанни таълимӣ таъсири назаррас расонад. Ба ибораи дигар, донишҷӯ аз техникаи муошират моҳирона истифода бурда, дар бораи дониши хуби мавзуъ тасаввуроти хуб ба вуҷуд оварда, дар омӯзгор муносибати мусбатро ба худ ташаккул медиҳад ва ба ин васила ба рушду зуҳури субъективии ӯ мусоидат мекунад.

Аксар вақт арзёбии субъективӣ мушоҳида мегардад, масалан, қолабҳои зерин паҳн шудаанд: «ин кас айнак мепӯшад, яъне оқилу доност»; "Ин намуди зоҳирӣ варзишӣ аст, бинобар ин чандон оқил нест" ва ғайра. Намуди зоҳирӣ кӯшишҳои педагогии марбут ба шинохти донишҷӯёнро сарфа мекунад, вале аксар вақт боиси гумроҳӣ мегардад, ки дар ниҳоят метавонад ба хатогиҳои ҷиддии педагогӣ оварда расонад.

Дар баробари ин, таъсири стереотипҳоро бечунучаро ҳамчун манфӣ арзёбӣ кардан мумкин нест. Дар шинохти байнишахсӣ қолабҳо дар ҳолате нақши манфӣ доранд, ки агар омӯзгор ба онҳо қатъиян риоя кунад ва таъсири мутлақ гардад. Стереотипҳо маънои мусбат пайдо мекунанд, ки агар омӯзгор ба онҳо такя карда, ба шахсияти хонанда танҳо баҳои эҳтимолӣ дода, дар ҷараёни муошират минбаъда кӯшиш кунад, ки онро тадриҷан равшан созад.

Субъективизм ва қолаббандии муайяне, ки омӯзгор дар дониши худ нисбат ба донишҷӯ истифода мекунад, ӯро ба роҳи нодурусти муошират педагогӣ мебарад. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки тамоми маълумотро санҷад ва танзимоти пешакиро аз нав дида барояд, то шахсияти ҳақиқӣ, ҷиҳатҳои мусбат ва манфии ӯро дониста, дар асоси ҷиҳатҳои мусбат муоширатро роҳандозӣ намояд.

Дар ин радиф, муҳаққиқ А.С.Власенко менависад: «Донишҷӯён як гурӯҳи махсуси иҷтимоие мебошанд, ки аз шаклҳои гуногуни иҷтимоии ҷомеа ташаккул ёфта, бо шароити махсуси зиндагӣ, кору зиндагӣ, рафтор ва психологияи махсуси иҷтимоӣ тавсиф гардида, барои онҳо аз худ кардани дониш ва омода кардани худ ба кори оянда, дар илм, маданият ва ғ. хос мебошад» [3, с.21].

Т.В.Ищенко ба он диққат медиҳад, ки донишҷӯён ҷузъи ҷудонашавандаи чунин як гурӯҳи иҷтимоӣ ба мисли ҷавонон мебошанд: «Хусусиятҳои фарқкунандаи ҳайати донишҷӯён ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ инҳоянд: хусусияти кори донишҷӯён, ки аз ҷамъоварӣ, азхудкунии мунтазам, азхудкунии донишҳои илмӣ ва нақшҳои асосии иҷтимоии он иборат аст, ки бо мавқеъи донишҷӯён ҳамчун захираи зиёӣ ва мансубияти онҳо ба насли наврас – ҷавонон муайян карда мешавад» [6, с.121].

Психолог Я.А. Самарин зиддиятҳои зеринро қайд кардааст, ки ба синну соли донишҷӯйӣ хос аст [12, с.65]:

1. Иҷтимоӣ-психологӣ. Ин зиддият дар байни гул-гулшукуфии неруи зеҳнӣ ва ҷисмонии донишҷӯён ва маҳдудияти бераҳмона, имкониятҳои иқтисодии қонеъ гардондани талаботи афзудаистода мебошад.

2. Байни майлу хоҳиши мустақилият дар интихоби дониш ва шаклу усули нисбатан сахти тайёр кардани мутахассиси соҳаи муайян. Ин зиддият характери дидактикӣ дошта, боиси норозигии донишҷӯён ва омӯзгорон аз натиҷаҳои раванди таълим мегардад.

3. Миқдори зиёди иттилооте, ки тавассути шабакаҳои гуногун ворид мешавад, дониши донишҷӯёнро васеъ мекунад ва ҳамзамон фаровонии ин маълумот дар сурати набудани вақти кофӣ ва баъзан майл ба коркарди ақлии он метавонад ба сатҳи муайяни дониш оварда расонад.

Хулоса, роҳандозӣ карда тавонистани муошират педагогӣ барои омӯзгорони ҷавон ҷиҳати дуруст ташкил ва баргузории дарсҳо имкони васеъро медиҳад ва ҳамзамон ҷиҳати баланд бардоштани сифати таълим ва рушд додани хусусиятҳои касбию шахсии омӯзгорӣ мусоидат хоҳад намуд.

АДАБИЁТ:

1. Бодалев А.А. Личность и общение. М., 2003. – 190 с.
2. Бодалев А.А. Психология общения. М.: Изд-во «Институт практической психологии», Воронеж: НПО "Модэк", 2000. – 213 с.
3. Власенко, А.С. Некоторые вопросы воспитания студенчества / А.С. Власенко. - М., 1987. - С. 54.
4. Грехнев В.С. Культура педагогического общения, М.: Просв., 2000 – 210 с.
5. Дзугкоева, М.Г. Психологические новообразования студенческого возраста: дис. ... канд. психол. наук / М.Г. Дзугкоева. - М., 1999. - 157 с.
6. Ищенко, Т.В. Место студенчества в социальной структуре общества / Т.В. Ищенко. - Томск, 1970. - С. 243.
7. Латифзода, С. З. Исторический взгляд на использование психологических знаний в области криминалистики / С. З. Латифзода, Ш. Ф. Билолова // Криминалистика в международном измерении: Материалы всероссийской научно-практической конференции с международным участием, Москва, 21 апреля 2023 года. – Москва: Московская академия следственного комитета, 2023. – С. 196-201.
8. Латифзода, С. З. Самоперсонализация и Его развития с точки зрения психологической науки/С. З. Латифзода, Ш. Ф. Билолова // Национальное самосознание в условиях глобализации: Материалы международной научно-практической конференции, Душанбе, 03 октября 2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2023. – С. 358-363.
9. Латифзода, С. З. Сущность и необходимость использования психологических знаний в Министерстве внутренних дел Республики Таджикистана / С. З. Латифзода // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – № 3-2. – С. 219-224.
10. Латифзода, С. З. Хусусиятҳои психологии муошират педагогӣ / С. З. Латифзода, М. Е. Шоева // Вестник Педагогического университета. Серия 2: Педагогики и психологии, методики преподавания гуманитарных и естественных дисциплин. – 2024. – No. 2(20).
11. Расулов, С. Х. Использование психологических методов и механизмов в получении оперативной информации / С. Х. Расулов, С. З. Латифзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 8. – С. 248-253.
12. Самарин Ю.А. Очерки психологии ума. -М.:1962. -С.65-67.
13. Столяренко, Л.Д. Педагогическое общение. // Л.Д. Столяренко Педагогическая психология для студентов вузов. - Ростов н/Д: Феникс, 2004. -310 с.
14. Толочек, В.А. Стили профессиональной деятельности. В.А. Толочек. - М.: Смысл, 2000. – 199 с.

МОҲИЯТ ВА АҲАММИЯТИ МУОШИРАТИ ПЕДАГОГӢ ДАР ГУРӮҲҲОИ ИҶТИМОӢ (ДАР МИСОЛИ ГУРӮҲҲОИ ДОНИШҶӮЁН)

Дар мақолаи мазкур масъалаи муошират педагогӣ бо донишҷӯён дида баромада шудааст. Зеро чуноне ки ба ҳамагон маълум аст, аз муошират созандаи омӯзгор раванди таълиму тарбия дар маҷмуъ вобастагии ногусастанӣ дорад. Аммо мутаассифона, бархе омӯзгорони ҷавон аз ин бехабаранд, ки боиси сар задани мушкилотҳои зиёди касбию шахсӣ ва байнишахсӣ бо донишҷӯён мегардад.

Дар айни замон, масъалаи муошират педагогӣ аҳаммияти хосса пайдо кардааст, зеро он бевосита ба тамоюлҳои инсондӯстона алоқаманд буда, хусусияти асосии раванди таълими муосирро ташкил медиҳад. Инчунин баҳснопазир аст, ки фаъолияти педагогӣ, аз як тараф ва самараи муошират педагогӣ, характер ва муносибатҳои омӯзгор бо донишҷӯён аз тарафи дигар, бо ҳам алоқаи ногусастанӣ доранд.

Таҳаммулпазирӣ барои ҳама шуғлҳо ба инсон муҳим аст. Дар муошират педагогӣ он мавқеи махсусро ишғол менамояд, зеро он бо самаранокии шинохти шахсияти донишҷӯ, маҳсулнокӣ ва самаранокии муошират ва фаъолияти педагогӣ алоқамандӣ дорад. Таҳаммулпазирӣ бо ду омил алоқаи ногусастанӣ дорад. Дар як маврид таҳаммулпазирии иҷтимоӣ ва равонӣ метавонад аз ҳассосияти пасти равонии шахс бошад. Ба ибораи дигар, ин навъи таҳаммулпазирӣ ба бепарвоии ошкор асос ёфтааст.

Роҳи дигари таҳаммулпазирии шахс ин хусусияти муносибатҳои ӯ мебошад (ҳар кас ҳақ дорад ба андешаи худ). Дар ин ҷо афзоиши таҳаммулпазирӣ бо ташаккули муносибатҳои мувофиқи шахсият, дар ин маврид шахсияти омӯзгор алоқаманд аст.

Калидидвожаҳо: *фарҳанги муошират, психологияи муошират, намудҳои муошират, донишҷӯ, омӯзгор, фаъолияти педагогӣ, муоширати педагогӣ, таълиму тарбия, хусусиятҳои психологӣ, механизмҳо ва монеаҳои психологӣ.*

СУЩНОСТЬ И ЗНАЧЕНИЕ ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ОБЩЕНИЯ В СОЦИАЛЬНЫХ ГРУППАХ (НА ПРИМЕРЕ СТУДЕНЧЕСКИХ ГРУПП)

В данной статье рассматривается вопрос педагогического общения со студентами. Потому что, как всем известно, процесс воспитания и обучения в целом неразрывно зависит от конструктивного общения педагога. Но, к сожалению, некоторые молодые преподаватели этого не осознают, что вызывает множество профессиональных, личных и межличностных проблем со студентами.

При этом проблема педагогического общения приобрела особую значимость, поскольку она напрямую связана с гуманитарными тенденциями и является главной особенностью современного образовательного процесса. Бесспорно, также, что педагогическая деятельность, с одной стороны, и эффективность педагогического общения, характер и взаимоотношения преподавателя с студентами, с другой стороны, неразрывно связаны между собой.

Толерантность важна для всех человеческих профессий. Оно занимает особое положение в педагогическом общении, поскольку связано с эффективностью распознавания личности студента, продуктивностью и результативностью общения и педагогической деятельности. Толерантность неразрывно связана с двумя факторами. В одном случае социальная и психологическая толерантность может быть обусловлена низкой психологической чувствительностью личности. Другими словами, этот тип толерантности основан на явном безразличии. Другой способ толерантности к человеку – характер его отношений (каждый имеет право на свое мнение). Здесь повышение толерантности связано с формированием соответствующих личностных отношений, в данном случае личности педагога.

Ключевые слова: *культура общения, психология общения, виды общения, подрастающее поколение, воспитание, педагог, студент, молодежь, преподаватель, психологические механизмы и барьеры, стиль поведение, педагогическая деятельность, психологические особенности.*

THE ESSENCE AND SIGNIFICANCE OF PEDAGOGICAL COMMUNICATION IN SOCIAL GROUPS (ON THE EXAMPLE OF STUDENT GROUPS)

This article examines the issue of pedagogical communication with students. Because, as everyone knows, the process of education and training as a whole is inextricably dependent on the constructive communication of the teacher. But, unfortunately, some young teachers do not realize this, which causes many professional, personal and interpersonal problems with students.

At the same time, the problem of pedagogical communication has acquired special significance, since it is directly related to humanitarian trends and is the main feature of the modern educational process. It is also indisputable that pedagogical activity, on the one hand, and the effectiveness of pedagogical communication, the character and relationship of the teacher with students, on the other hand, are inextricably linked.

Tolerance is important for all human professions. It occupies a special position in pedagogical communication, since it is associated with the effectiveness of recognizing the student's personality, the productivity and effectiveness of communication and pedagogical activity. Tolerance is inextricably linked with two factors. In one case, social and psychological tolerance can be due to low psychological sensitivity of the individual. In other words, this type of tolerance is based on obvious indifference. Another way of tolerance towards a person is the nature of his relationships (everyone has the right to their own opinion). Here, increasing tolerance is associated with the formation of appropriate personal relationships, in this case, the personality of the teacher.

Key words: *culture of communication, psychology of communication, types of communication, younger generation, education, teacher, student, youth, lecturer, psychological mechanisms and barriers, behavior style, pedagogical activity, psychological features*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Шоева Махфират Ёрмухамедовна - мутахассиси маркази тестӣ ва мониторинги сифати таълим дар Донишгохи миллии Тоҷикистон. Суроға; Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, индекс-734025 ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17, E-mail: Maxfirat.shoeva@bk.ruТелефон: 221-90-31, 985779665*

Сведения об авторе: *Шоева Махфират Ёрмухамедовна - специалист центра тестирования и мониторинга качества образования Национального Университета Таджикистана. Адрес: Республика Таджикистан, г.Душанбе, индекс-734025, проспект Рудаки 17, E-mail: Maxfirat.shoeva@bk.ruТелефон: 221-90-31, 985779665*

Information about the author: *Shoeva Makhfirat Yermukhammedovna, specialist of the testing and quality monitoring center of the National University of Tajikistan.*

Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, index-734025, Rudaki Avenue 17, E-mail: Maxfirat.shoeva@bk.ru Phone: 221-90-31, 985779665

МЕТОДИКА
МЕТОДИКА
METHOD

ХУСУСИЯТҲОИ ИҶТИМОЪШАВИИ МАКТАББАЧАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Лутфуллоева П.
Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

Ташаккули шахсият ба таври назаррас аз тамоми шароитҳои хоси вазъияти муайяни иҷтимоию иқтисодӣ вобаста аст ва аз ин рӯ раванди таълиму тарбия дар иҷтимоъшавии хонанда нақши бориз мегузорад.

Муҳаққиқ Л.В. Мардахаев дар «Луғати педагогикаи иҷтимоӣ» чунин таъриф додааст: «Иҷтимоъшавӣ раванди ташаккули шахсият аст. Дар раванди чунин ташаккул шахс забон, арзишҳои иҷтимоӣ ва тачриба (меъёрҳо, муносибатҳо, намунаҳои рафтор), фарҳанги ба ҷомеа, ҷомеаи иҷтимоӣ, гурӯҳҳои хосро азхуд мекунад ва дар ин раванд робитаҳои иҷтимоӣ ва тачрибаи иҷтимоиро такрор мекунад. Яъне иҷтимоъшавӣ ҳам чун раванд ва ҳам чун натиҷа баррасӣ мешавад».

Моҳияти иҷтимоъшавӣ аз он иборат аст, ки дар ҷараёни он инсон хамчун аъзои ҷамъияте ташаккул меёбад, ки вай ба он тааллуқ дорад.

Корро оид ба иҷтимоъшавии мактаббачагони хурдсол аз омузиши хонаводаҳо оғоз кардан мумкин аст — ин имкон медихад, ки бо худи хонанда хубтар шинос шавем, тарзи ҳаёти хонавода, арзишҳои маънавӣ, услуби муносибатҳои байни падару модарон ва фарзандонро дарк намоем.

Ин ҷо мехоҳам аз устод Лутфуллозода М, ки дар китоби «Осор» (ҷилди 4) қайд намудаанд, иқтибосе орам: бе мушоҳида, бе омӯхтани хусусиятҳои психологию педагогӣ, ҷисмонӣ, сиҳатию саломатӣ, шароити зиндагию хонавода, касбу кори волидон, бе омӯхтану таҳлили тайёрии кӯдак ба мактаб ва ғайра умуман вориди синфи як шудан имкон надорад.

Ҳангоми кор бо кӯдакон оид ба иҷтимоъшавӣ мақсад асосан аз фароҳам овардани шароити педагогӣ ва иҷтимоию психологӣ мебошад, ки ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ имконият медиҳад, ки малакаҳои иҷтимоъшавиро аз худ намоянд.

Дар шароити муосир талабот ба одамони фаъол, ки азму иродаи қавӣ доранд, корро дуруст ташкил карда метавонанд, ташаббус нишон медиҳанд, душвориҳоро мустақилона бартараф карда метавонанд, торафт зиёд мешавад. Вобаста ба ин, зарур аст, ки ба танзими рафтори иҷтимоии кӯдак таваҷҷӯҳ зоҳир кард.

Масъалаи аввалине, ки ҳалталаб аст, ташаккули мавқеи иҷтимоии кӯдаки 6-7 сола ва вазифаи минбаъда: дар онҳо ташаккул додани қобилияти ворид шудан дар муҳити нави иҷтимоӣ мебошад.

Бо мақсади фароҳам овардани шароит барои аз наздик шинос шудани кудакон ва ташаккули тасаввурот дар бораи қоидаҳои мактаб соатҳои дарсӣ зери унвони: «Ман хонанда», «Бо ҳамдигар шинос мешавем», «Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мактаббачагон», «Дар мактаб чи тавр рафтор кардан лозим аст», «Синфи мо дар танаффус» гузаронидан натиҷаи хуб хоҳад дод. Барои ташаккул додани малакаҳои муошират: бозиҳои нақшбозии «Шинос шудан», «Одоби салом додан», бозиҳои гуфтории «Ташаккур гуфтанро меомӯзем», «Табрик мекунем», бо мақсади омӯзондани дуруст ҳал кардани мушкилоти ба миён омада: соати синфии «Мо бо ҳамдигар дӯст ҳастем»; муҳокимаи филмҳои тасвирӣ ва ғайра гузаронидан хеле ба манфиати кор аст.

Барои ташаккул додани ирода ва сабру тоқат дар иҷрои супориш: соати синфӣ зери унвони «Вазифаро ба охир расондӣ — далерона сайру гашт намо» тавсия дода мешавад.

Дар дарсҳои олами атроф таваҷҷӯҳ ба васеъ намудани тасаввуроти бачагон дар бораи табиат, меъёрҳои ҳаёт - дар бораи ашё ва ҳодисаҳои олами атроф ва алоқаҳои байни онҳо дониш ташаккул меёбад; шинос шудан бо меъёрҳои иҷтимоии рафтор дар ҳама соҳаҳои ҳаёти инсон: дар ҳаёти ҳаррӯза, дар кор, кӯча, нақлиёт, домани табиат, мағоза ва дигар ҷойҳо; - омӯзиши чораҳои бехатарӣ ҳангоми муошират, бо олами беруна, бартараф намудани муносибати манфии эстетикии бачагон ба баъзе объектҳои табиӣ сурат мегирад. Ҳамчунин ин кор тавассути бозиҳои дидактикӣ, машқҳои фароғатӣ, ҳикоя, суҳбат, мушоҳида, тачриба, саёҳат, зарбулмасалҳо сурат мегирад.

Дарсҳои ҳифзи саломатӣ ба ташаккули арзиши саломатӣ дар кӯдак, ҳисси масъулият барои нигоҳдорӣ ва таҳкими саломатии ӯ, васеъ намудани донишу малакаи фарҳанги тозагӣ нигаронида шудаанд. Ягон хоҳиш, амр ва ҷазо шахсро ба пешбурди тарзи ҳаёти солим, ҳифз

ва беҳтар намудани саломатӣ маҷбур карда наметавонад, агар худи ӯ бошуурона услуби рафтори солими худро ташаккул надиҳад.

Ин муносибати бошууронаро чи тавр ташаккул додан мумкин аст?

Омилҳои асосии ҳавасмандкунии тарзи ҳаёти солими кӯдаки 7-10 сола, ки тавассути онҳо муносибати бошуурона ба ҳаёти солим ташаккул меёбад:

1. Ҳифзи худ.

•Бо таълим додани малакаҳои санитарӣ ба кӯдакон, шумо метавонед ба онҳо дар бораи олами микроорганизмҳо ва таъсири зараровари онҳо ба саломатии инсон фаҳмиши васеъ диҳед.

•Тавассути шиносоӣ бо қоидаҳои ҳаракат дар роҳ — ба онҳо тарбия намудани малакаҳои рафтори бехатар дар куча омӯзонида мешавад.

2. Муроҷиат ба талаботи этнофарҳангӣ.

Дар айни замон аъзоёни оила ва муаллимон барои кӯдак намунаи тақлиди бошуурона мебошанд ва кӯдаки 7-8 сола бошуурона амали калонсолонро такрор мекунад ва кӯшиш мекунад, ки баъзе амалҳоро дар худ мустаҳкам кунад.

3. Аз такмил додани худ лаззат гирифтан.

Ҳисси саломатӣ касро сарфи назар аз синну сол шод мегардонад. Мо ба кӯдак таълим медиҳем, ки аз ин шодӣ огоҳ бошад - ӯ инъикоси (огоҳии) эҳсосотро азхуд мекунад. Масалан, пӯсти тозаи даст ва нохунҳо аз ангуштони ифлос хеле зеботар аст; либоси тоза ва шинам низ хуш аст.

Ин ангезаҳои эҷоди тарзи ҳаёти солим барои кӯдаки 7-8-сола дастрасанд.

•Дар бораи тарзи ҳаёти солим.

Нигоҳубини "ман"-и биологии худ чӣ маъно дорад (ҳавои тоза нафас кашидан, ғизои солиму тоза хӯрдан, бисёр ҳаракат кардан, ба обу ҳаво нигоҳ карда, либос пӯшидан, чашмони худро эҳтиёт карда, ҳама тавсияҳоро оид ба табобати чашм риоя кардан) хуллас риояи тарзи ҳаёти солим.

Барои мустаҳкам намудани дониш пешниҳод мешаванд: зарбулмасал, мақолҳо дар бораи тозагӣ; муаммоҳо, афсонаҳои «Дар бораи микробҳо», тачрибаҳо, мушоҳидаҳо оид ба (сохти чашм, узвҳои шунавоӣ), бозиҳои «Фоида — зарар», аз худ кардани шеърҳо.

Тарбияи шахс бо сифатҳои гуногуни иҷтимоӣ хос буда, муносибатҳои гуногуни шахсиятро бо олами атроф ва худаш инъикос мекунад.

Вазифа аз он иборат аст, ки ҳар як шахс ба меъёрҳои асосии дар ҷомеа қабулшуда мувофиқат кунад. Барои ин, сифатҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятнокро муқаррар кардан лозим аст, ки барои одамон ҳатмӣ ҳисоб кардан мумкин аст. Чунин сифатҳо метавонанд ҳамчун сатҳи инкишофи иҷтимоии мактаббача хизмат карда, дараҷаи омодагии ӯро ба ҳаёт дар ҷомеа тавсиф кунанд.

Инҳо сифатҳои зерини иҷтимоӣ мебошанд:

•Дӯстӣ.

•Эҳтиром ба калонсолон.

• Меҳрубонӣ.

•Ростқавлӣ.

•Меҳнатдӯстӣ.

•Сарфакорӣ.

•Интизом, риояи тартибот.

•Муҳаббат ба зебоӣ.

•Хоҳиши қавӣ ва чолок будан.

Барои муайян намудани дараҷаи инкишофи ин сифатҳои иҷтимоӣ инкишофи ҷамъиятии талаба кумак мерасонад.

Ҳамин нишондиҳандаҳо ҳамчун параметрҳое амал мекунанд, ки аз рӯи онҳо метавон дар бораи одобу рафтори хонанда баҳо дод.

Ин сифатҳои иҷтимоӣ тавассути шаклҳои гуногуни меҳнат инкишоф меёбанд:

Дар машғулиятҳои таълимӣ - бозиҳои зеҳнӣ, нақшбозӣ, хониши дастаҷамъона, муҳокимаи чизҳои хондашуда, расмкашӣ, кор бо зарбулмасал, кор дар гурӯҳ манфиатовар аст.

Дар чорабиниҳои беруназсинфӣ – омодагӣ ва иштирок дар ҷашнҳо, соатҳои дарсӣ, машғулиятҳои корӣ, иҷрои супоришҳо тавсия дода мешавад.

Ҳама корҳои иҷтимоӣ ба кӯдак кӯмак мекунанд, то ки:

•Андешаҳои возеҳ дар бораи меъёр ва қоидаҳои дар ҷомеа мавҷудбуда;

•Эҳсос ва фаҳмиши одамони дигар;

•Дарки арзишҳои иҷтимоӣ: некӣ, зебоӣ, саломатӣ, хушбахтӣ ҳамчун шарти рушди маънавию ахлоқии инсон;

•ба қадри арзиши ҳар кас ва ҳамаи он чизе, ки дар руи замин зиндагӣ мекунад ва месабзад, расидан ва маълумот гирифтан.

Масъалаи ҳифзи саломатии хонандагон, ташкили таҳсилоти мутобиқшавӣ барои кӯдакони дорои мушкилоти дарс, пайдоиш ва инкишофи мутобиқшавӣ дар мактаб торафт муҳимтар мегардад. Мушкилии рӯзафзуни муҳити иҷтимоӣ, суръати тези ҳаёти иҷтимоӣ, фаровонии иттилоотӣ ба ҳам мухолиф ва коҳиши иқтидори таълимии оила ба равандҳои иҷтимоӣ ва мутобиқшавии иҷтимоии кӯдакон таъсири манфӣ мерасонад, зеро онҳо бештар аз ҳама осебпазири таъсири омилҳои муҳити зист мебошанд.

Ба проблемаи мутобиқшавӣ миқдори зиёди тадқиқоти илмии педагогика, психология, тиб, физиология, фалсафа, ҷамъиятшиносӣ ва дигар илмҳо бахшида шудааст. Оқибатҳои мутобиқшавии душвор гуногунанд: бад шудани вазъи саломатӣ, зиёд шудани бемориҳо, паст шудани сифати кору фаъолият, азхуд накардани маводи таълимӣ.

Мафҳуми «иҷтимоӣ» ба илми инсоният аз иқтисодиёти сиёсӣ ворид шудааст, ки маънои аслии он «иҷтимоъгардонии» замин, воситаҳои истеҳсолот ва ғайра мебошад.

Муҳаққиқ Ф.Г. Гиддинг мафҳуми зеринро нисбат ба шахс аввалин бор соли 1887 дар китоби «Назарияи сотсиализатсия» ба маънои наздикаш ба замони муосир — «инкишофи табиати иҷтимоӣ ё характери фард, омода намудани инсон барои ҳаёти ҷамъиятӣ» истифода кардааст.

Пеш аз пайдоиши назарияи иҷтимоъшавӣ ҳамчун як соҳаи мустақили омӯзиш, тадқиқот дар доираи дигар проблемаҳои анъанавии илми инсоният (дар бораи вазифаҳои тарбия, ташаккул ва инкишофи шахсият ва ҷомеа ва ғайра) идома дошт. Имрӯз проблемаи иҷтимоӣ ё ҷанбаҳои алоҳидаи он аз ҷониби файласуфон, этнографҳо, ҷомеашиносон, равоншиносон, криминологҳо, муаллимон ва намояндагони дигар илмҳо мавриди таҳқиқ қарор доранд.

Моҳияти иҷтимоӣ аз он иборат аст, ки дар ҷараёни он инсон ҳамчун аъзои ҷамъияте ташаккул меёбад, ки вай ба он тааллуқ дорад. Ташаккули иҷтимоии шахсият ин равандест, ки дар давоми он шахс худро дар ҷомеа ҳамчун шахсият дарк мекунад. Иҷтимоъшавии шахс ҳанӯз аз фаъолияти кӯдакӣ, иштироки ӯ дар меҳнат, таъсири муҳити зист ба васеъ кардани ҷаҳонбинии ӯ, ғайр аз ин вобаста аз он аст, ки ҷомеа ва давлат дар бораи насли оянда чӣ гуна ғамхорӣ мекунад. Иҷтимоъшавӣ ба он падидаҳое дахл дорад, ки тавассути онҳо шахс зиндагӣ кардан ва муоширати муассир бо одамони дигарро меомӯзад. Инсон мавҷудияти иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ аст. Аз рӯзҳои аввали мавҷудияти худ мо дар иҳотаи навъи худем ва аз ибтидои ҳаёти мо ба муносибатҳои гуногуни иҷтимоӣ дохил мешавем. Инсон ҳанӯз пеш аз омӯхтани сухан гуфтан таҷрибаи аввалини муоширати иҷтимоиро ба даст меорад. Азбаски шароити муҳити иҷтимоӣ ҳеҷ гоҳ бетағйир наемонад, раванди мутобиқшавӣ пайваста аст. Аммо сарфи назар аз давомнокии мутобиқшавӣ, ин падида пеш аз ҳама бо давраҳои тағйироти куллии фаъолияти шахсият ва муҳити иҷтимоии ӯ алоқаманд аст. Дар давраи кӯдакӣ ин давраҳо ибтидои таҳсил, гузаштан ба таҳсилоти миёна (синфҳои 5), гузаштан ба таҳсилоти махсус (синфҳои 9-10), давраи хатми таҳсил ва интихоби касби оянда мебошанд.

Мафҳумҳои «иҷтимоъшавӣ» ва «мутобиқшавӣ» бо ҳам зич алоқаманданд. Мутобиқшавиро ҳам қисми таркибии иҷтимоӣ ва ҳам ҳамчун механизми он метавон ҳисоб кард. Ду намуди мутобиқшавӣ вуҷуд дорад: психофизиологӣ ва иҷтимоӣ-психологӣ, ки бо ҳам алоқаманданд. Мутобиқсозии иҷтимоӣ-психологӣ ин азхудкунии нақш ҳангоми ворид шудан ба вазъияти нави иҷтимоӣ мебошад. Аз рӯи натиҷаҳои он мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологӣ метавонад мусбат ва манфӣ ва аз рӯи механизми амалӣ ихтиёрӣ ва маҷбурӣ бошад.

Ҳамин тариқ, мутобиқшавии иҷтимоӣ бо мафҳуми иҷтимоъшавӣ алоқаманд буда, раванди мушаххаси иҷтимоъшавӣ мебошад.

Мафҳуми иҷтимоъ чунин шарҳ дода мешавад:

1) раванд ва натиҷаи рушди иҷтимоии инсон. Иҷтимоъшавиро метавон аз нуқтаи назари азхудкунӣ ва таҷрибаи ҷамъиятии шахс дар ҷараёни ҳаёт баррасӣ кард.

2) инкишоф ва худтағйирёбии шахс дар раванди азхудкунӣ ва таҷдиди маданият, ки дар робитаи мутақобилаи шахс бо шароити зиндагӣ, нисбатан равонашуда ва мақсаднок офаридашуда дар ҳамаи давраҳои синну сол ба амал меояд.

3) аз ҷониби фард дар тамоми умри худ ҷамъ кардани нақшҳои иҷтимоӣ, меъёрҳо ва арзишҳои ҷомеа, ки ӯ ба он тааллуқ дорад.

4) мутобиқшавии кӯдак ба шароити мушаххаси иҷтимоии ҳаёт, иҷрои нақшҳои муайяни иҷтимоӣ дар он, ташаккули меъёрҳои муҳимтарин, малака ва арзишҳои иҷтимоӣ барои ҷомеа.

5) раванд ва натиҷаи азхудкунии шахс ва таҷдиди минбаъдаи таҷрибаи иҷтимоӣ.

Ҳангоми баррасии мутобиқшавии кӯдак ба мактаб, тадқиқотчиён сатҳ, механизм ва нишондиҳандаҳои мутобиқшавиро муайян мекунанд. Муҳаққиқ, А.Л.Венгер мутобиқшавиро ҳамчун системаи хислатҳо, маҳорат ва қобилиятҳои шахсият, ки муваффақияти фаъолияти минбаъдаи ҳаётиро таъмин мекунанд, омӯхта, се сатҳи мутобиқшавии хонандагони синфи якумро муайян кардааст:

1. Сатҳи баланди мутобиқшавӣ. Талабаи синфи якум нисбат ба мактаб муносибати мусбат дорад, талаботро ба таври кофӣ дарк мекунад, барномаи таълимиро ба осонӣ дарк мекунад, маводи барномаро пурра азхуд мекунад, масъалаҳои мураккабро ҳал мекунад. Ғайр аз ин боғайрат аст, дастуру тавзеҳоти муаллимро бодиққат гӯш мекунад, супоришҳоро бидуни назорати беруна иҷро мекунад, ба кори мустақилона шавқи зиёд зоҳир мекунад. Ба машғулиятҳо ҳамеша тайёрӣ мебинад, супоришҳои ҷамъиятиро бо камоли майл ва софдилона иҷро мекунад. Дар синф мавқеи мусоидро ишғол мекунад.

2. Сатҳи миёнаи мутобиқшавӣ. Талабаи синфи якум ба мактаб муносибати мусбӣ дорад; Барномаи таълимиро агар муаллим муфассал ва фаҳмо пешниҳод кунад, дарк мекунад, мазмуни асосии барномаҳои таълимиро азхуд мекунад ва вазифаҳои намунавии таълимиро мустақилона ҳал менамояд. Ҳангоми иҷрои вазифаҳо бодиққат аст, дастур, супоришҳои калонсолонро таҳти назорат иҷро менамояд. Вале баъзан бо чизи ҷолиб, ки барои худаш шавқ меорад, банд аст. Супоришҳои ҷамъиятиро софдилона ба ҷо меоварад, бо бисёр ҳамсинфонаш дӯст аст.

3. Сатҳи пасти мутобиқшавӣ. Талабаи синфи якум нисбат ба мактаб муносибати манфӣ ё бепарвоёна дорад, бо бад будани саломатӣ баҳона пеш оварда, табъаш ҳамеша хира аст. Дар ӯ вайронкунии интизом мушоҳида гардида, маводи фаҳмондаи муаллимро қисман - қисман азхуд мекунад, кори мустақилона ва супориши вазифаи хонагиро бо ёрии волидон иҷро карда, ба дарс бо тайёрии номунтазам, назорати доимӣ ва ташвиқи калонсолон дар ӯ талаб карда мешавад. Супоришҳои ҷамъиятиро таҳти назорат, бе майлу хоҳиши зиёд иҷро мекунад.

Дараҷаи мутобиқшавӣ бо таъсири тарбия, таълим, шароит ва тарзи зиндагӣ зиёд ё паст мешавад. Маълум аст, ки мутобиқшавӣ дар мактаб ҳамчун мутобиқшавии кӯдак ба низоми нави шароити иҷтимоӣ, муносибатҳои нав, талабот, намудҳои фаъолият ва тарзи ҳаёт фаҳмида мешавад.

Иҷтимоъшавӣ дар робитаи мутақобилаи кӯдакон, наврасон ва ҷавонон бо шумораи зиёди шароитҳои гуногун ба амал меояд, ки ба рушди онҳо каму беш фаъолона таъсир мерасонанд. Ин шароитҳое, ки ба шахс таъсир мерасонанд, одатан омилҳо номида мешаванд. Омилҳои иҷтимоиро тақрибан ба чор гурӯҳ гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст.

Якум, мегаомилҳо – яъне кайҳон, сайёра, ҷаҳон, ки ба ин ё он дараҷа тавассути гурӯҳҳои дигар омилҳо ба иҷтимоъ шудани тамоми сокинони замин таъсир мерасонанд.

Дуюм, макроомилҳо – яъне, кишвар, гурӯҳи этникӣ, ҷомеа, давлат, ки ба иҷтимоии ҳар як сокини мамлакатҳои муайян таъсир мерасонанд.

Сеюм, мезоомилҳо, шароити иҷтимоии гурӯҳҳои зиёди одамон, аз рӯи минтақа ва намуди аҳолинишине, ки онҳо дар он зиндагӣ мекунанд (ноҳия, деҳот, шаҳр, шаҳрак аз рӯи мансубияти муайяни муошират байниҳамӣ) аз руи мансубият ба фарҳангҳои муайян.

Дар раванди мутобиқшавӣ кӯдак ҳамчун объекти муносибатҳои иҷтимоӣ баромад мекунад, ки ба он саъю кӯшиши зиёди волидон, омӯзгорон ва дигар ашхоси гирду атроф равона карда мешавад. Ин ҷо дар кӯдак дохил шудан ба олами одамон ба амал меояд: яъне азхуд намудани системаҳои алоҳидаи аломатҳои аз тарафи инсоният офаридашуда, қоидаҳои одии рафтор, нақшҳои иҷтимоӣ; азхуд намудани шаклҳои оддии фаъолият.

Одам, дар асл, шахсият буданро меомӯзад, ки аслан он қадар кори осон нест, чунон ки дар назари аввал ба назар мерасад. Мисоли ин одамони ваҳшӣ мебошанд. Одамони ваҳшӣ онҳое мебошанд, ки бо ягон сабаб раванди иҷтимоъшавиро аз сар нагузарондаанд, яъне дар инкишофи худ таҷрибаи ҷамъиятиро азхуд ва дубора тавлид накардаанд. Инҳо онҳое мебошанд, ки дар ҷудо аз одамон, ё худ дар ҷомеаи ҳайвонот ба воя расидаанд. Барои мисол вақте чунин тоифа кудакон пайдо шуданд, маълум гардид, ки ягон ҷараёни тарбия ва таълим ба кадри кофӣ дар онҳо дида намешавад. Кӯдакон наметавонистанд ба ҷомеаи инсонӣ мутобиқ шаванд. Онҳо, масалан, забон, одатҳои оддии ҷамъиятӣ ва меъёрҳои рафторро азхуд карда наметавонистанд. Аммо тавре рафтор мекарданд, ки дар байни ҳайвонот одат шудааст. Ва танҳо пас аз кӯшишҳои сершумори тадқиқотчиён, ки ба омӯзиши иҷтимоии кӯдакони ваҳшӣ нигаронида шудаанд, баъзе натиҷаҳо ба даст оварда шуданд. Чунин кӯдакон ба гунае тавонистанд бо ҳамсолони худ дар мактаб-интернатҳои ақлашон суст муошират кунанд.

Кӯдаке, ки марҳилаи мутобиқшавиро нагузаштааст ва асосҳои ҳаёти ҷамъиятиро аз худ накардааст, дар оянда амалан наметавон онро омӯзонд. Ҳатто дар муқоиса бо калонсолон, ки пас аз дар танҳоӣ вақти зиёд сарф карда (масалан, Робинзон Крузо) ҳамчун шахсият боқӣ мемонад, яъне ба осонӣ ба одамон бармегардад ва одатҳои иҷтимоии худро бо фарҳанги ҷомеае, ки дар он ҷо ба воя расидааст, барқарор мекунад.

Қабул ба мактаб оғози давраи нав дар ҳаёти кӯдак - ибтидои синни мактабӣ мебошад, ки фаъолияти пешбарандаи он фаъолияти таълимӣ мебошад.

Дар синни 6-7 солагӣ ҳаракатнокии равандҳои асаб афзоиш ёфта, нисбат ба кӯдакони синни томактабӣ мувозинати бештари равандҳои ҳаяҷон ва монеъшавӣ ба вуҷуд меояд. Аммо равандҳои ҳаяҷон ҳанӯз ҳам нисбат ба равандҳои монеъшавӣ бартарӣ доранд, ки чунин хислатҳои хоси мактаббачагонро, аз қабили беқарорӣ, афзоиши фаъолият ва ҳаяҷонбахшии пурқуввати эмотсионалӣ муайян мекунанд. Аз нуқтаи назари физиологӣ бояд қайд кард, ки дар синни 6-7 солагӣ камолоти мушакҳои калон аз инкишофи мушакҳои хурд пештар аст ва аз ин рӯ барои кӯдакон иҷрои ҳаракатҳои нисбатан қавӣ, ки дурустии зиёдро талаб мекунанд, осонтар аст, аз ин рӯ, кӯдакон ҳангоми иҷрои ҳаракатҳои хурд (мисол навиштан) зуд хаста мешаванд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки аксар кӯдакон дар мактаб хастагии баландро эҳсос мекунанд, яъне сарбории зиёд барои ин синну сол ғайриоддист. Фаъолияти кӯдак пас аз 25-30 дақиқаи оғози дарс якбора паст мешавад ва дар дарси дуюм метавонад якбора коҳиш ёбад. Ҳангоме ки дарсҳо якбора шиддат мегиранд (такрори мавзуъҳо, пурсиши вазифаи хонагӣ, мавзуи нав ва ғ.), кӯдакон эҳсосотӣ шуда, хеле хаста мешаванд. Яъне омӯзгор ҳамаи инро бо дарназардошти ҳавасмандии дар боло зикргардидаи кӯдакон бояд ба инобат гирад.

Вақте ки кӯдак ба мактаб дохил мешавад, дар ҳаёти кӯдак тағйироти назаррас ба амал меоянд, вазъи иҷтимоии рушд ба куллӣ тағйир меёбад ва як намуди нави фаъолият барои кӯдак - фаъолияти таълимӣ ташаккул меёбад.

Дар асоси ин фаъолияти нав навовариҳои асосии психологӣ инкишоф меёбанд: тафаккур ба маркази шуур мегузарад. Ҳамин тавр, тафаккур вазифаи бартаридоштаи равонӣ шуда, тадриҷан кори ҳамаи дигар функсияҳои равониро (хотира, диққат, дарк) муайян мекунад. Бо инкишофи тафаккур дигар функсияҳо низ бедор мешаванд.

Рушди тафаккур ба пайдоиши хосияти нави шахсияти кӯдак мусоидат мекунад - рефлексия, яъне дарк кардани худ, мавқеи худ дар оила, синф, баҳодиҳии худ ҳамчун хонандаи: хуб ё бад. Кӯдак ин баҳодиҳии «худро» аз он муайян мекунад, ки одамони гирду атроф ва наздиконаш бо ӯ чӣ гуна муносибат мекунанд. Тибқи консепсияи равоншиноси машҳури амрикоӣ Эриксон, дар ин давра дар кӯдак чунин ташаккули муҳими шахсӣ ба мисли ҳисси салоҳияти иҷтимоӣ ва равонӣ ё дар шароити номусоид пастравии иҷтимоӣ ва равонӣ ташаккул меёбад.

Л.С. Виготский инкишофи босуръати зеҳнро дар синни хурди ибтидоӣ қайд намудааст. Инкишофи тафаккур, дар навбати худ, ба таҷдиди сифатии дарк ва хотира, табдили онҳо ба равандҳои танзимшавандаи ихтиёрӣ оварда мерасонад.

Кӯдаки 7-8-сола одатан дар категорияҳои мушаххас фикр мекунад. Пас аз он гузариш ба марҳилаи амалиёти расмӣ ба амал меояд, ки бо дараҷаи муайяни инкишофи қобилияти умумӣ ва абстрактӣ алоқаманд аст. То ба мактаби миёна дохил шудан мактаббачагон бояд мустақилона мулоҳиза кардан, хулоса баровардан, муқоиса ва таҳлил кардан, хос ва умумиро ёфтан, намунаҳои оддиро муқаррар карданро омӯзанд.

Мактаббачаи хурдсол дар инкишофи худ аз таҳлили предмет ё ҳодисаи алоҳида ба таҳлили алоқа ва муносибати байни предмету ҳодисаҳо мегузарад. Охирин шарти зарурии дарк кардани ҳодисаҳои гирду атроф аз ҷониби худи хонанда сурат мегирад.

Мавқеи дохилии кӯдакон тағйир меёбад. Дар давраи гузариш, он асосан бо муносибат бо одамони дигар, пеш аз ҳама бо ҳамсолон муайян карда мешавад. Дар ин синну сол дар бачаҳо системаи муносибатҳои байниҳамдигарӣ ва шахсӣ дар синф ба миён омада, мавқеи муайяни хонанда ташаккул меёбад.

Ҳолати эмотсионалии кӯдак бештар аз муносибатҳои ӯ бо дӯстон вобаста аст, на аз муваффақияти таълимӣ ва муносибатҳо бо муаллимон.

Дар меъёрҳое, ки муносибатҳои мактаббачагонро бо ҳамдигар танзим мекунанд, тағйироти назаррас ба амал меоянд. Агар дар синни ибтидоӣ ин муносибатҳо асосан бо меъёрҳои ахлоқи «калонсолон» танзим карда шаванд, яъне муваффақият дар хониш, иҷрои талаботи калонсолон, пас дар синни 9-10-солагӣ ба истилоҳ "нормаҳои стихиявии кӯдакона", ки бо хислатҳои рафиқи ҳақиқӣ алоқаманданд, ба майдон меоянд.

Дар табъи (характер) мактаббачаи хурдсол чунин хислатҳо дида мешавад: бепарвоӣ, бе андеша амал кардан, набудани ирода – мактаббачаи 7-8-сола то ҳол намедонад, ки чӣ тавр ба ҳадафи пешбинишуда муддати тӯлонӣ ноил шавад ва ё душвориҳоро суботкорона бартараф намояд.

То хатми синфи ибтидоӣ дар бача: меҳнатдустӣ, интизомнокӣ, тозагӣ, дақиқкорӣ инкишоф меёбад. Оҳиста-оҳиста қобилияти ихтиёрӣ танзим кардани рафтори худ, қобилияти нигоҳ доштан ва идора кардани амалҳои худ, устувориро дар ҳама ҳолат нигоҳ доштан, меафзояд.

Умуман, дар давраи таълиму тарбияи кӯдак дар синфҳои ибтидоӣ бояд сифатҳои зерин ташаккул ёбад: мулоҳиза ва тафаккур дар дилхоҳ мавзуъ; бомуваффакият аз худ кардани барнома; Илова бар ин, бояд як намуди сифатан нави муносибат бо муаллимон ва ҳамсинфон дар кӯдак пайдо шавад.

Дохилшавӣ ба мактаб ва давраи ибтидоии таҳсил боиси таҷдиди сохтори тамоми тарзи ҳаёт ва фаъолияти кӯдак мегардад. Ин давра барои кӯдаконе, ки аз синни шаш-ҳафтсолагӣ ба мактаб мераванд, душвор аст.

Кӯдакро ҳамчун шахсият ва фардият дар алоҳидагӣ аз ҷомеа, берун аз қонеъ гардонидани талаботи иҷтимоии инсон, берун аз системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва коллектив ташаккул додан ва тарбия кардан номумкин аст. Вобастагии иҷтимоӣ, муносибатҳо, муошират, ки дар фаъолияти коллектив ташаккул ёфтаанд, заминаи ташаккули принципи инсонӣ, иҷтимоӣ дар инсон мебошад. Сарвати муносибатҳои воқеии ҷамъиятии шахс сарвати маънавии ӯ, қобилияти табдил додани қуввахои муҳими эҳтимолиро ба қобилиятҳои гуногун инкишофёфтаи инсонии меҳнат, эҷодкорӣ, фаъолияти иҷтимоӣ ва муошират муайян мекунад.

Марҳилаи аввали ҳаёти мактабӣ аз он иборат аст, ки кӯдак ба талаботи нави муаллим итоат карда, рафтори худро дар синф ва хона танзим мекунад ва инчунин ба мундариҷаи фанҳои таълимӣ таваҷҷӯҳ зоҳир мекунад. Бе мушкилӣ гузаштани кӯдак аз ин марҳила шаҳодат аз он медиҳад, ки ӯ ба фаъолиятҳои мактабӣ омодагии хуб дидааст. Аммо на ҳамаи кӯдакони ҳафтсола онро доранд. Бисёре аз онҳо дар аввал ба душвориҳо дучор шуда, дарҳол ба ҳаёти мактаб ҷалб намешаванд. Се намуди мушкилот бештар маъмуланд:

Мушкилоти аввал ба хусусиятҳои режаи мактаб дахл дорад. Дар кӯдак хастагии аз ҳад зиёд, аз хоб сер накардан, омодагии нодуруст, беҳавсалагӣ дар хондан дида мешавад. Аксарияти кӯдакон аз ҷиҳати психофизиологӣ барои ташаккул додани одатҳои мувофиқ омодаанд. Фақат зарур аст, ки муаллим ва падару модарон талаботи нави ҳаёти кудакро равшану фаҳмо баён кунанд, иҷрои онҳоро доимо назорат кунанд, бо назардошти хусусиятҳои фардии бачагон чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва ҷазоро раво бинанд.

Навъи дуюми мушкилоте, ки хонандагони синфи якум аз сар мегузаронанд, аз хусусияти муносибат бо муаллим, ҳамсинфон ва оила бармеояд. Бо вуҷуди ҳама гуна дӯстию меҳрубонӣ нисбат ба кӯдакон, омӯзгор ҳамчун мураббии муътабар ва сахтгир амал карда, қоидаҳои муайяни рафторро пешниҳод намуда, ҳар гуна дуршавиро аз онҳо пешгирӣ менамояд. Муносибати байни хонандагон дар он вақт муътадил аст, ки муаллим нисбат ба ҳамаи кӯдакон баробар ва серталаб бошад, сустхонон ва аълохонҳоро боадолатона баҳо диҳад. Ин барои кори коллективи синф заминаи хуби психологӣ ба вуҷуд меоварад. Муаллим дӯстии кӯдаконро дар асоси манфиатҳои умумӣ ва шароити умумии зиндагии берунӣ дастгирӣ мекунад. Вақте ки кӯдак ба мактаб дохил мешавад, мавқеи ӯ дар оила тағйир меёбад. Вай ҳуқуқу ухдадориҳои нав пайдо мекунад.

Мушкилиҳои навъи сеюм ҳангоме ба вуқуъ меояд, ки хонандагон дар нимаи соли хониш эҳсос менамоянд. Дар ибтидо онҳо бо хушҳолӣ дар мактаб мехонданд, ҳама гуна машқҳоро бо завқ иҷро мекарданд, аз баҳои муаллим фахр мекарданд ва омодагии умумии онҳо барои азхудкунии дониш аён буд. Роҳи боэътимоди пешгирии «сершавӣ аз таълим» ин таъмин намудани он аст, ки кӯдакон дар дарсҳо вазифаҳои ба қадри кофӣ мураккаби таълимӣ ва маърифатиро қабул намуда, бо вазъиятҳои мушкилие рӯ ба рӯ шаванд, ки роҳи баромадан аз онҳо азхудкунии мафҳумҳои дахлдорро талаб мекунад.

Инкишофи минбаъдаи ин шавқу рағбат ва муносибати хонандагони хурдсол ба таълим ба раванди ташаккули фаъолияти таълимии онҳо вобаста аст. Дониш, малака ва маҳорат тавассути муошират бо волидон ва ҳамсолон, дар бозиҳо, мутолиаи китоб ва ғайра ба даст меояд.

Омилҳоеро, ки сатҳи баланди мутобиқшавиро муайян мекунанд, ин: оилаи пурра, сатҳи баланди таҳсилоти падару модар, усулҳои дурусти тарбия дар оила, мавҷуд набудани муноқишаҳои оилавӣ, муносибати муаллим ба кӯдакон, омодагӣ ба таҳсил, вазъи мусоиди

кӯдак то дохил шудан ба синфи якум, қаноатмандӣ дар муошират бо калонсолон, мавқеи худро доштан дар гурӯҳи ҳамсолон.

Таъсири омилҳои номусоид ба мутобиқшавии кӯдак ба мактаб пайдарпаии зерин дорад: оилаи нопурра, усулҳои нодурусти тарбия дар оила, омода набудани кӯдак ба мактаб, норозигӣ дар муошират бо калонсолон, надоштани мавқеи худ дар гурӯҳи ҳамсолон, сатҳи пасти таҳсилоти падару модар, муноқишаҳои пайдарпай байни волидон ва дигар ашхос дар оила, вазъи манфии кӯдак то ба синфи якум дохил шудан, муносибати манфии омӯзгор ба кӯдак.

Дар анҷоми мақола мехоҳам барои ҳавасманд кардани кӯдак ба таълим ва мактаб аз чунин методу усулҳо мисол орам:

- вазъиятҳои таълимӣ – ҳавасмандӣ ба саҳни ҳавлии тозаи мактаб, бинои мактаб, чеҳраи кушоду дилчаспи омӯзгор, сару либоси омӯзгор (муаллим бо нишондиҳанда, хонандагон дар сари мизи худ ва ғайра);

- ҳолатҳои ғайритаълимӣ - муносибати мусбӣ ба мактаб, вале ҷалби бештар ба намуди берунии мактабӣ (бинои мактаб, хонандагон, майдони варзишии мактаб);

- вазъиятҳои бозӣ – муносибати мусбӣ ба мактаб, бозиҳои аҷоибу серҳаракат дар дарсҳои математика, алифбо ва тарбияи ҷисмонӣ).

- баргузории ҷашнҳо.

Ҷашнҳо дар синфҳои ибтидоӣ барои мутобиқсозии кӯдакон ва системаи нави шароити иҷтимоӣ нақши бузург мебозад. Зеро ҷашн ба муттаҳидшавии ҷомеа, баланд бардоштани ҳисси худшиносӣ ва мустаҳкам намудани мавқеъҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳими шахсият мусоидат мекунад. Ҷашн шакли хоси ягонагии коллективист, ки табъи умум ва ҳиссиёти иштирокчиёнро ифода мекунад. Муҳим аст, ки дар баргузории он худи хонандагон даъват карда шаванд, яъне иштирокчии фаъоли ҷашн бошанд, ҳамчунин дастаҷамъона дар ороиш додани саҳна иштирок варзанд.

АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:

1. Балагурова М. С: Диагностика социальной компетентности младших школьников [Электронный ресурс] / М. С. Балагурова И. В. Юденкова // Молодой ученый. – 2016. – № 14. – URL :https://moluch.ru/archive/118/32795/
2. Баранова, В. Синтетический метод [Текст] : когнитив.-поведенчес. подход в работе с мл. школьниками / В. Баранова // Школьный психолог : прил. к газ. «Первое сент.». – 2004. – № 30. – С. 6-7.
3. Гиддингс. Франклин Генри. «Теория социализации» (1897).
4. Коротов, В. М. Педагогическое требование [Текст] / В.М. Коротов. – М. : Просвещение, 1966. – 211 с.
5. Лутфуллоев М. Осор. Ҷилди 4. Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ. Душанбе – 2013. Собириён.
6. Л. Мардахаев. Социальная педагогика: краткий словарь понятий и терминов. РГСУ. 2019.

ХУСУСИЯТҲОИ ИҶТИМОЪШАВИИ КӮДАКОН БА МАКТАБ ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Мақолаи мазкур ба мушкилоти мутобиқшавии иҷтимоии мактаббачагон бахшида шудааст. Омӯзиши адабиёти психологию педагогӣ нишон дод, ки масъалаи мазкурро, яъне мафҳум ва хусусиятҳои мутобиқшавии иҷтимоии мактаббачагон, хусусиятҳои вобаста ба синнусолии инкишофи равонӣ ва физиологӣ, хусусиятҳои фардии инкишофи мактаббачагони хурдсол, ки ба раванди инкишофи кӯдакон таъсир мерасонанд, мавриди назар бояд кард.

Калидвожаҳо: *иҷтимоӣ, иҷтимоъшавӣ, кӯдакони синфи ибтидоӣ, мактаб, таълиму тарбия, мутобиқшавӣ, ҷомеа.*

ОСОБЕННОСТИ СОЦИАЛЬНОЙ АДАПТАЦИИ ДЕТЕЙ К ШКОЛЕ В НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ

Данная статья посвящена проблемам социальной адаптации школьников. Изучение психолого-педагогической литературы показало, что данный вопрос, то есть понятие и особенности социальной адаптации школьников, возрастные особенности психологического и физиологического развития, личностные особенности развития младших школьников, которые влияют на процесс детской развитие, следует учитывать.

Ключевые слова: *социализация, младшие школьники, школа, образование, адаптация, общество.*

FEATURES OF SOCIAL ADAPTATION OF CHILDREN TO SCHOOL IN PRIMARY GRADES

This article is devoted to the problems of social adaptation of schoolchildren. The study of psychological and pedagogical literature showed that this issue, that is, the concept and characteristics of social adaptation of

schoolchildren, age-related characteristics of psychological and physiological development, personal characteristics of the development of young schoolchildren, which affect the process of children's development, should be considered.

Keywords*: social, socialization, elementary school children, school, education, adaptation, society.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Лутфуллоева Парвина – муовини директор оид ба корҳои методӣ, Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. e-mail: Shohin_7875@mail.ru*

Сведения об авторе: *Лутфуллоева Парвина – заместитель директора Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана. e-mail: Shohin_7875@mail.ru*

Information about author: *Lutfulloeva P – Deputy director of the Institute of educational development named after Abdurakhman Jomi of the Academy of education of Tajikistan. e-mail:Shohin_7875@mail.ru*

РУШДИ САЛОҲИЯТҲОИ ИҶТИМОӢ - ОМИЛИ МУҲИММИ ТАШАККУЛИ КАМОЛОТИ МАЪНАВИИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ

Имомназаров Д.
Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Муҳимтарин ҳадафи маорифи ҳар як кишвар ва вазифаҳои афзалиятноки ҷомеаи муосир ташаккул додани камолоти маънавӣ, дастгирии иҷтимоию педагогӣ, рушди камолоти шаҳрванди масъулиятшинос, эҷодкор, ташаббускор, қобилиятнок дорои ахлоқи баланд ва салоҳиятҳои рушдёфтаи иҷтимоии баромадан аз вазъиятҳои маъмул ва ғайримаъмули ҳаётӣ мебошад. Салоҳияти иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, мавҷудияти рафтори боварибахш буда, дар он малакаҳои гуногуни шахс, аз ҷумла муносибати нек ба одамон рушд дода мешавад ва салоҳияти мазкур имкон фароҳам меорад, то ки шахс вобаста ба вазъият ва муҳит рафторашро тағйир диҳад.

Дар шароити ислоҳоти соҳа омода намудани хонандагон ва ҷавонон ба ҳаёти воқеӣ ва масъалаи таълим ва тарбия намудани онҳо, махсусан, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва коста гардидани дараҷаи камолоти маънавии баъзеи онҳо аҳаммияти хеле муҳим пайдо мекунад. Аз ҷумла, дар шароити рушди ҷомеаи иттилоотӣ, фарогирии хонандагон ба амалиёти пурсамару инноватсионӣ, таҳсилоти иловагӣ, истифодаи муваззами технологияи муосири таълиму омӯзиш, тафриқакунонии раванди таълиму омӯзиш, худомӯзию худташаккулдиҳӣ ва ғайра дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ падидаи беназири муосири маориф пазируфта шуда, он ба таъмин, баррасӣ, мушоҳида ва амалӣ кардани яке аз равандҳои мақсадноки таълиму тарбия ва рушди шахсият нигаронида шудааст.

Гузашта аз ин, вазифаи асосии навсозии соҳаи маорифи ҷумҳурӣ, аз ҷумла навсозии мазмуну мундариҷаи таҳсилот дар сатҳи талаботи замони муосир ва мутобиққунонии он ба меъёрҳои байналмилалӣ масъалаи муҳимми ислоҳот арзёбӣ гардида, ба ҳалли он дар солҳои охир Вазорати маориф ва илм таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамояд ва тавассути он дар рушди кобилият, баланд бардоштани шавқу завқ ва худмуайянкунии иҷтимоии хонандагон саҳми назаррас гузоштааст (нигаред ба натиҷаҳои корҳои санҷишии хаттӣ ва тестии хонандагон ва пешрафти таълимии онҳо).

Бояд зикр кард, ки ягон кас шубҳа ҳам пайдо карда наметавонад, ки қонеъ гардонидани ниёзи хонандагон ба гирифтани маълумоти дақиқ дар бораи маводди таълимии пешбинишуда, баланд бардоштани ҳавасмандии хонандагон ба омӯзиш, татбиқи дониши назариявӣ дар амал, шинос шудан бо намудҳои гуногуни фаъолият ва пайдо кардани имкониятҳои воқеии дар раванди омӯзиш ва таъмини рушди қобилиятҳои онҳо ба омӯзгорон вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, омӯзгоронро зарур аст, ки дар фаъолияти худ талаботи таълимии хонандагон ва қонеъ сохтани дархости онҳоро дар мадди аваал гузоранд.

Ҳамзамон ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонанда, аз ҷумла таълим ва рушди муошират ҳарчи бештар бо ҷалби ҳамсинфон ва атрофиён бо назардошти баэътиборгирии рушди хусусиятҳои хосси хонанда, шарикони ӯ ҳангоми муошират, ҳавасмандӣ, ташаккули қобилият ва тавассути муошират кардан ба азхудкунии маҷмуи зарурии дониш, малакаю маҳорат диққат равона сохтан ба манфиати хонанда хоҳад буд. Салоҳиятмандӣ самараи омӯзиши фаъоли хонандагон пазируфта шуда, дониш, маҳорат, тачриба ва қобилияти амалӣ намудани як қатор амалҳоро дар назар дорад. Салоҳияти иҷтимоӣ бештар ба соҳаи иҷтимоӣ, яъне ба рафтор ва муносибат дар ҷомеа алоқаманд мебошад.

Мусаллам аст, ки салоҳияти иҷтимоиро замоне ташаккул додан имконпазир мегардад, агар хонандагон шахсан ба намуди муайяни фаъолият ҳавасмандии комил дошта бошанд. Аз

ин лиҳоз, агар хонанда дар масъалаҳои иҷтимоӣ қобилиятнок ва ба ҳаёти ҷомеаи муосир мутобиқ бошад, пас ӯро бояд маҷбур насозем, ки ба ин ё он фаъолияти иловагӣ ҳатман машғул шавад. Гарчанде яке аз воситаҳои асосии ҳавасмандкунии хонанда ба омӯзиш ин таҳсил ё омӯзиши иловагӣ арзёбӣ гардад,албатта,нақши низоми фаъолияти иловагӣ табиати инноватсионӣ дошта, хонандагони дорои қобилиятҳои баланди зеҳниро ба машғулиятҳо ҷалб месозад, зеро ҳар гуна машғулиятҳои иловагӣ фаъолияти навгонӣ дониста шуда, тавассути ҷустуҷӯҳои навоворонаю эҷодкорона, истифодаи технологияи муосири таълиму тарбия ва роҳҳои муосири ғайримуқаррарии рушди хонандаро дар назар дорад. Барои рушди салоҳиятҳои иҷтимоӣ омӯзгор корҳои зеринро бояд амалӣ намояд:

- одатан, қобилияти ҳар як хонандаро аз нав муайян мекунад, зеро ҳама хонандагон метавонанд бо интихоби худ дар доираи фаъолиятҳо салоҳиятманд гарданд;
- омӯзгор ба ҳар як хонанда аз нуқтаи назари маҷмуи қобилиятҳои хосси ӯ, ки барои комёб гардидан ба муваффақиятҳои таълимӣ дар як самти махсус муҳим мебошанд, муносибат намояд;
- ҳадаф ва вазифаҳои инкишофи шахсияти хонандаро тавассути фардикунонии раванди таълим дар мадди аввал гузорад;
- ба усули муосири таълими муайян ва инкишофдиҳандаи салоҳиятҳои хонандагон бо назардошти баэътиборгирии майлу рағбати шахсии онҳо таваҷҷуҳ зоҳир намояд;
- аз муқаррароти ғарифаъоли баҳодиҳӣ ба дониш, малака ва маҳорати хонандагон даст кашад ва арзёбии ташаккулдиҳандаро, ки дар бартараф сохтани мушкилоти омӯзишии хонанда саҳми муносиб дорад, истифода барад;
- ташкили фаъолияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ афзалиятнок дар асоси интихоби озод ва қобилияти хонанда ба роҳ монад;
- аз истифодаи технологияи муосири педагогӣ - таъминкунандаи ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагон истифода намояд;
- ба истифода кардани технологияҳои лоиҳавиро яъне муҳайё кардани шароит барои ба таври мустақилона омӯхтан ва дарк кардани мазмун ва муҳтавои маводди таълимӣ аз сарчашмаҳои гуногун, рушди малакаҳои муошират, малакаҳои таҳқиқотӣ, лоиҳавӣ ва ташаккули тафаккури муназзами идрок таваҷҷуҳи хосса зоҳир намояд;
- технологияҳои бозиро (моделсозӣ, азхудкунии таҷрибаи фаъолият аз маводди дар дастошта) истифода бурда, маҳорати иҷрои корҳои амалии хонандагонро бештар ташаккул диҳад;
- аз мубоҳиса (инкишофи тафаккури интиқодӣ (таҳлилӣ), ташаккули фарҳанги муошират ва мубоҳисавии хонандагон, ҳавасмандкунии ташаббус, рушди тафаккури худтаҳлилкунии фаъолияти хеш) истифода барад;
- фаъолияти эҷодии дастаҷамъонаро (инкишофи сифатҳои ташкилотчигӣ ва роҳбарии хонандагон, қобилияти муошират дар гурӯҳ) таҳти назар қарор диҳад;
- технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионро (ташаккул додани малакаҳои кор бо иттилоот, рушди қобилияти муоширати хонандагон) мунтаззам истифода барад;
- ҷалб кардани хонандагон ба фаъолияти мақсаднок, рушди қобилиятҳои муошират, ташкилотчигӣ, эҷодӣ, қабули арзишҳои умумибашарӣ, қобилияти кор кардан дар гурӯҳ таҳти назари омӯзгор ба таври ҳамешагӣ қарор дошта бошад.

Бояд зикр кард, ки сатҳи рушди салоҳияти иҷтимоӣ ҳамчун рушди қобилияти муошират шифоҳӣ ва амалисозии ҳама гуна фаъолияти дигар бо одамон дар асоси дониш, малака, маҳорат ва қобилиятҳои воқеӣ, муоширати инкишофёфта ва хислатҳои ташаккулёфтаи шахсият муайян карда мешавад. Сатҳи рушди салоҳиятҳои иҷтимоии комили хонандагон, пеш аз ҳама, қобилияти ба уҳда гирифтани масъулият, иштироки фаъолона дар қабули қарорҳои якҷоя ва ҳалли муноқишаҳои гуногун зоҳир мегардад. Сатҳи пасти салоҳияти иҷтимоӣ дар афзоиши шумораи хонандагони дорои изтироби баланди иҷтимоӣ ва байнишахсӣ зоҳир мегардад. Ҳодисаҳои рад ва таҳқири кӯдакон аз ҷониби ҳамсинфон, эҳсоси танҳоӣ, зуҳуроти адоват нисбат ба ҳамсолон дар муҳити хонандагон дар бисёр ҳолатҳо мушоҳида мешавад. Ташаккул додани қобилияти кор дар гурӯҳ, таҳаммулпазирӣ нисбат ба андешаҳои гуногун, қобилияти якҷоя (ҳамроҳ) гӯш кардану шунидан, озодона, равшан ва ба таври возеҳ баён кардани нуқтаи назари худ оид ба ҳар як масъалаи ҳалшавандаро хеле муҳим мегардонад. Барои хонанда, ки дар оғоз ба муҳити таълимии нав ворид мешавад, аз худ кардани стратегияҳои рафтори иҷтимоӣ аҳамияти калон дорад. Дар оғози таҳсил хонанда бори нахуст ба фаъолиятҳои иҷтимоӣ дучор гардида, натиҷаҳои он аз ҷониби дигарон бо баҳодиҳии аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятнок арзёбӣ карда мешаванд. Бори аввал ҷомеа ба хонанда талаботи қатъӣ пешниҳод мекунад. Муносибати ӯ бо одамони гирду атроф низ

тавассути ин талабот амалӣ мешавад. Ҳангоми иҷрои талаботи мазкур усулу стратегияҳои муайяни рафтор дар ҷомеа таҳия карда мешаванд. Стратегияҳое, ки дар айёми хурдсолӣ ташаккул дода шуданд, дар рушди ҳулқу рафтори иҷтимоии хонанда асос мегузоранд ва зарурат онро дар ҳаёти минбаъда муайян мекунанд.

Ташаккули ғайривоқеии стратегияҳои рафтор на ҳамеша мутобиқшавии самараноки иҷтимоиро таъмин мекунад, бинобар ин раванди ташаккули онҳоро ба таври тасодуф эътироф кардан ғайриимконпазир дониста мешавад. Хонандагони хурдсол дар ташаккули стратегияҳои рафтори самаранок ба кумаки мақсаднок ниёз доранд. Аз ин рӯ, рушди салоҳияти иҷтимоии хонандагони хурдсол бояд яке аз самтҳои муҳимми кори муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ гардад. Дар асоси мафҳум ва сохтори салоҳияти иҷтимоӣ метавонем омилҳои беруна ва дохилиро низ муайян кунем, ки ба ташаккул, рушд ва зуҳуроти он таъсир мерасонанд.

Омилҳои беруна шароит ва муҳити иҷтимоӣ, таҷрибаи муошират ва робитаи мутақобиларо дар бар мегиранд. Омилҳои дохилӣ хусусиятҳои психологии синну сол ва шахсият, дараҷаи зуҳури қобилиятҳои муоширатро фаро мегиранд. Натиҷаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ, махсусан дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, майлу қобилияти устувори муомилоти самарабахш тавассути забон ҳамчун воситаи муошират сурат мегирад. Шартҳои зарурии ташаккул ва рушди салоҳияти иҷтимоӣ инҳоянд:

- таъмини фазои мусбати муошират, ки ба фароҳам овардани муҳити боварӣ, хайрхоҳӣ, қабул, ҳавасмандии хуб ба муоширатро фароҳам меорад, ки дар дар раванди он хонанда худро дар ҳолати амн ҳис карда, ба худ ҳамчун фард таваҷҷуҳ зоҳир мекунад ва ба худ боварии некбинона дорад;

- ба ҳамаи намудҳои машғулиятҳо дохил намудани хонанда, ки аз ҷиҳати нерумандӣ бо маводди омӯхташаванда, сифатҳои рушд ва қобилиятҳои ташаккулдиҳанда алоқаманданд;

-дараҷаи баланди омодагии психологӣ, педагогӣ ва методии омӯзгор, аз ҷумла донистани усулҳои ташхиси педагогӣ;

-таҳия ва татбиқи воситаҳо ва усули самарабахши таълиму тарбия барои инкишофи салоҳияти таъиншуда;

- таъмини мониторинги мунтазами динамикаи рушди салоҳияти иҷтимоӣ;

-таъмини муттасилӣ ва кори мунтазами мақсаднок оид ба рушди салоҳияти иҷтимоӣ дар тамоми марҳилаҳои таълим дар муассисаи таълимӣ дар асоси байнисоҳавӣ.

Рушди ахлоқӣ ва иҷтимоии хонандаи хурдсол, муносибати ӯ ба омӯзгор, ҳамсинфон, ҳамсолон, муассисаи таълимӣ, инчунин ташаккул ва рушди салоҳияти иҷтимоӣ аз омилҳои зерин асос мегирад:

- мақоми хонандаи хурдсол дар синф, мавқеи ӯ дар системаи муошират синфӣ ва роли нави иҷтимоӣ;

- худбаҳодиҳӣ, ки оғоз дар асоси изҳороти баҳодиҳии волидон ва дар муассисаи таълимӣ дар асоси баҳодиҳии омӯзгор ташаккул меёбад;

-муваффақият дар фаъолияти таълимӣ, ки дар асоси он низоми муносибат бо ҳамсинфон ташаккул меёбад;

-дорои сифатҳои муайяне, ки барои барқарор кардани муносибатҳои мусбат бо ҳамсинфон дар комёб гардидан ба муваффақияти таълимӣ заруранд (масалан, хушмуомилагӣ, муносибати дӯстона, меҳрубонӣ, тозакорӣ, бепарвоӣ).

Кудаконе, ки ғазабнок, хашмгин ва ё озордиҳанда ҳастанд, аз барқарор намудани муносибати хуб бо онҳо хонандагони дигар худдорӣ мекунанд, онҳоро ҳамчун дӯстон қабул надоранд ва онҳоро дӯст ҳам намедоранд. Муваффақият дар фаъолияти таълимӣ, иҷтимоӣ ва самаранокии ин фаъолиятҳо, махсусан дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, бештар аз рӯйи хислатҳои устувори характер, намудҳои характер, идрок ва хусусияти кӯдаки мушаххас, тарзи шинохти ҷаҳон ё услуби маърифатӣ, низоми намояндагӣ, ки вобаста ба он хонанда стратегияҳои фаъолияти таълимӣ ва рафтори танҳо ба ӯ хосро интихоб мекунад, муайян карда мешавад. Ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонанда маънои ташаккул додани муошират бо одамони дигар дар ҳолатҳои гуногун бо назардошти хусусиятҳои хоси кӯдак ва шарики муошираткунанда, ташаккул ва таҳкими хоҳиш ва қобилият муошират кардан барои таъмини маҷмуи зарурии донишро дошта, такмил додани онҳо дар хонанда зарур шуморида мешавад. Шароити зуҳури сифатҳо ва қобилиятҳои шахсиятро метавон эҷоди фазои мусбат муошират арзёбӣ намуд, зеро инсон, бахусус, кӯдак, вақте ки худро дар ҳаёти иҷтимоӣ озод ҳис мекунад, ба қадри имкон кушода мешавад ва амал мекунад, сифату қобилиятҳои воқеии худро нишон медиҳад, аз ҷумла тавассути муошират ва робитаи мутақобила.

Соҳаҳои муоширати хонандаи хурдсол иборат аз:

- соҳаи муоширати иҷтимоӣ ва рӯзмарра (оила, хешовандон, дӯстон, иҷрои вазифаҳои оддӣ дар сатҳи хона);

- соҳаи алоқаи тиҷоратӣ (таълимӣ ва меҳнатӣ), маҳфилҳо (мактаби мусиқӣ ё варзишӣ, маҳфилҳо, машғулиятҳои ҳаваскорони бадеӣ);

- соҳаи муоширати иҷтимоӣ-фарҳангӣ (қоидаҳои рафтор дар театр, осорхона, дар беруни бино, ҳангоми сафар ва ғайра);

- соҳаи таҳқиқот ва алоқаи илмию маърифатӣ. Ин ба малакаҳои асосии салоҳияти иҷтимоӣ оварда мерасонад.

I. Малакаҳои бунёдии фаъол будан дар синф:

Қобилияти гӯш кардан, кӯмак пурсидан, изҳори миннатдорӣ кардан, дастурҳои гирифташударо иҷро кардан, корро анҷом додан, ба муҳокима гузоштан, пешниҳоди кумак ба калонсолон, савол додан, ниёзҳои худро баён кардан, ба вазифаи худ диққат додан, ислоҳ кардани камбудиҳо дар кор.

II. Малакаҳои бунёдии барқарор намудани ҳамкорӣ. Шарикӣ ва муносибати дӯстона: Қобилияти шинос шудан, пайвастан бо кӯдакони машғули бозӣ, бозӣ кардан дар асоси қоидаҳои қабулшуда, хоҳиш кардан барои хизмат расонидан, пешниҳод намудани кумак ба ҳамсол, таваҷҷуҳ зоҳир кардан, қабули тавсифот, ташаббус нишон додан, мубодила кардан ва узрхоҳӣ кардан.

III. Фаҳмидани эҳсосоти худ ва дигарон: Қобилияти баён кардани эҳсосо, дарк кардани эҳсосоти дигарон, ҳамдардӣ баён кардан, бо хашм мубодила кардан, эътиноӣ зоҳир кардан ба хашми шахси дигар, аз уҳдаи тарс баромадан, паси сар кардани ғаму ғусса.

IV. Идоракунии бехудӣ (ҷунун) ва хушунат: Қобилияти бо роҳи осоишта ҳимоя кардани манфиатҳои худ, изҳори норозигӣ баён кардан, иҷозат пурсидан, оромона қабул кардани вазъияти қабул накардани шахс ба фаъолияти умумигурӯҳӣ, вазъияти, масхаракунии шахс, таҳаммулпазирӣ зоҳир кардан, маҳорати қабул кардани оқибатҳои интихоби шахсӣ, ба айбдоркуниҳои беасос ҷавоб додан, дар ҳолатҳои гунаҳкор будан вокуниш нишон додан, қобилияти қабул кардаи бохт, қобилияти баён кардани «не» ва рад кардан тавассути ҷавоби мувофиқ.

Муайян кардани сифатҳои рушддиҳандаи шахсият ташаккилдиҳандаи салоҳияти иҷтимоӣ.

Мақсади таҳсилот рушди сатҳи умумифарҳангӣ, шахсӣ ва маърифатии хонандагон эътироф карда шуда, он боиси таъмин кардани чунин салоҳияти калидӣ, ба монанди, рушди қобилияти омӯхтан мегардад.

Дар доираи намудҳои асосии амалҳои ҳамаҷониба, ки ба ҳадафҳои калидии таҳсилоти умумӣ мувофиқанд, чор самтро ҷудо кардан мумкин аст:

1. Шахсӣ;
2. Танзимкунанда (инчунин дорои амали худтанзимкунӣ);
3. Таълимӣ;
4. Комуникативӣ (муошират).

Ҳар як самт барои ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоӣ то ин ё он дараҷа масъул аст. Ҳаёти муосир бо иттилооти бо суръат афзоянда маълум буда, ба азхудкунии ҳаҷми он тавассути фаъолияти мустақили таълимӣ, омӯзиши иловагии манбаъҳои гуногуни иттилоот, алоқа ва ҳамкории иштирокчиёни раванди таълими инноватсионӣ, ташаккули салоҳияти иттилоотӣ, иртиботӣ ва иҷтимоӣ, рушди салоҳияти шахсии хонандагони хурдсол ва омодагии онҳоро ба ҳаёти муваффақ дар ҷомеаи муосир тарафҳои ба он фарогирро водор месозад.

АДАБИЁТ:

1. Болотов В.А., Сериков В.В. Модели салоҳиятмандӣ: аз ғоя то барномаи таълимӣ. Педагогика. – 2003. – № 10. – С. 8-14 (ба заб.русӣ).
2. Дубова М.В. Дар бораи имконияти татбиқи муносибати босалоҳият дар таълим дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии умумӣ. Педагогикаи муосир. 2015. № 3 [Захираи электронӣ]. URL: ttp://pedagogika.snauka.ru /2015/03/332(ба заб.русӣ).
3. Калинина Н.В. Ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ ҳамчун механизми таҳкими солимии равонии насли наврас // Илм ва маорифи равоншиносӣ. 2001. - № 4. 16-21 с.).(ба заб.русӣ).
4. Калинина Н.В., Лукьянова М.И. Ҷанбаҳои психологии рушди салоҳияти иҷтимоии мактаббачагон. Монография.Ульяновск: УИПКПРО, 2002. - 208 с.(ба заб.русӣ)
5. Лутфуллоев М. Дарс. – Душанбе: «Маориф», 1995. – 192 с.
6. Михайлова, Е. С. Зеҳни иҷтимоӣ: консепсияҳо, моделҳо, ташхис. Санкт-Петербургский гос. ун-т.: изд-во Санкт-Петербургского гос. ун-та, 2007. - 264, с..(ба заб.русӣ)

7. Пиявский С.А.Таълими илмӣ-тамоилӣ. Маърузаҳо дар Конференсияи фосилавиии августии умумироссиягӣ «Навсозии мактабҳои Россия» (26.08-10.09.2002г.).http://www.eidos.ru/conf/ (ба заб.русӣ).
8. Пьюкова С.С. Ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии мактаббачагон. М., 1997. 143 с. (ба заб.русӣ).

РУШДИ САЛОҲИЯТҲОИ ИҶТИМОӢ - ОМИЛИ МУҲИММИ ТАШАККУЛИ КАМОЛОТИ МАЪНАВИИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ

Муаллиф дар мақола зарурати ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ, роҳу равишҳои ташаккул ва нақши онро дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар шароити ислоҳоти соҳа нишон додааст.

Дар мақола инчунин андешаҳои ҷолиб оид ба вазифаҳои афзалиятноки ҷомеаи муосир дар самти ташаккул додани камолоти маънавӣ, дастгирии иҷтимоию педагогӣ, рушди камолоти шаҳрванди масъулиятшинос, эҷодкор, ташаббускор, қобилиятнок дорои ахлоқи баланд ва салоҳиятҳои рушдёфтаи иҷтимоии баромадан аз вазъиятҳои маъмул ва ғайримаъмули ҳаётӣ оварда шудаанд,ки дар рушди салоҳиятҳои иҷтимоӣ нақши муҳим доранд. Ҳамзамон муаллиф ба аҳаммияти рушди салоҳиятҳои иҷтимоӣ дар омода намудани хонандагон ва ҷавонон ба ҳаёти воқеӣ ва масъалаи тарбияи онҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ ва коста гардидани дараҷаи камолоти маънавии наврасону ҷавонон таваҷҷуҳи худро равона сохта, дар бораи роҳҳои комёб гардидан ба онро пешниҳод кардааст.

Калидвожаҳо: *салоҳият, иҷтимоӣ, қобилият, шахсият, муошират, малака, тафриба.*

РАЗВИТИЕ СОЦИАЛЬНЫХ НАВЫКОВ – ВАЖНЫЙ ФАКТОР ФОРМИРОВАНИЯ ДУХОВНОГО РАЗВИТИЯ УЧЕНИКОВ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ

В статье автор, указал на важность формирования социальной компетентности и описывает путы и методы её формирования в общеобразовательных школах в условиях отраслевых реформ.

В статье также представлены интересные мнения о приоритетных задачах современного общества по формированию нравственной зрелости, социально-педагогической поддержке, развитию зрелости ответственного, творческого, предприимчивого, способного гражданина с высокой моралью и развитыми социальными способностями выхода из обыденных и непопулярных жизненных ситуаций, которые играют важную роль в развитии социальных способностей.

Одновременно автор обращает внимание на важность развития социальной компетентности в подготовке учащихся и молодежи к реальной жизни и проблеме их воспитания в условиях глобализации и снижения степени духовной зрелости подростков и молодежи, предлагая пути достижения этой цели.

Ключевые слова: компетенция, социальный, способность, личность, коммуникация, навыки, опыт.

DEVELOPMENT OF SOCIAL SKILLS IS AN IMPORTANT FACTOR IN THE FORMATION OF SPIRITUAL DEVELOPMENT OF STUDENTS OF GENERAL EDUCATION INSTITUTIONS

The article also presents interesting opinions on the priorities of modern society for the formation of moral maturity, socio-pedagogical support, and the development of maturity of a responsible, creative, enterprising, capable citizen with high morals and developed social abilities to get out of everyday and unpopular life situations that play an important role in the development of social abilities.

In the article, the author pointed out the importance of the formation of social competence and describes the ways and methods of its formation in secondary schools

Key words: *competence, social, ability, personality, communication, skills, experience, reforms.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Имомназаров Давлат муовини сардори Раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълимии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон почтаи эл:idavlat@mail.ru тел:900066181*

Сведения об авторе: *Имомназаров Давлат, заместитель заведующего отделом экспертизы и оценки учебной литературы НИИ развития образования имени Абдуррахмана Джами Академии образования Таджикистана. Эл почта: idavlat@mail.ru тел:900066181*

Information about the authors: *Imomnazarov Davlat, Deputy Head of the Department of Examination and Evaluation of Educational Literature of the Research Institute of Education Development named after Abdurrahman Jami of the Tajik Academy of Education, mail and email:idavlat@mail.ru тел:900066181*

ТАЪЛИМИ ҚАСИДАИ «ШИКОЯТ АЗ ПИРӢ” - И УСТОД АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ БО НАЗАРДОШТИ РАҲЁФТИ БОСАЛОҲИЯТ

Султонмамадова М. А.

унвончӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Одамушшуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар таърихи тамаддуни мардуми форсинажод ба ҳайси падари шеъри форсӣ-тоҷикӣ шинохта шуда, осораш сармашқи суханварони баъдӣ гаштааст. Ашъори бозмонда аз ин шоири бузург, ки дар камоли суханварӣ эҷод шудааст, дар таълиму тарбияи хонандагон ва дар онҳо ташаккул додани салоҳиятҳои маърифативу

хештаншиносӣ, ҳувийяти миллӣ муассир буда метавонад. Бино ба таъкиди муҳаққиқон, мавзуи панду андарз дар адабиёти тоҷикӣ-форсӣ аз устод Рӯдакӣ сарчашма мегирад: "Рӯдакӣ аввалин шоирест, ки овардани панду андарз ва мавоизу насоеҳро дар ашъор ба расмият даровард" [9, с.7]. Яке аз масъалаи муҳимме, ки дар таълими адабиёт дар мадди 223 назари омӯзгорони макотиби миёна меистад, ин донистани шеваи таҳлилу тафсир ва таълими огоҳонаю босалоҳияти каломи мавзун, алалхусус шеър аст. Агар муаллими адабиёт аз шеваи таҳлили каломи бадеъ огоҳ бошад ва бо иҷрои талаботи муносибати босалоҳият метавонад шогирдонашро ба дарки сухани адиб ҳидоят намояд ва дар онҳо салоҳиятҳоро ташаккул диҳад. Дар ин мақола азм дорем шеваи таълими босалоҳияти қасидаи "Шикоят аз пирӣ"- и устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро дар синфи 8 мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Дар «Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои V-XI» (Душанбе, 2007) ҳам дар курси хониши адабӣ (синфи 5) ва ҳам дар курси таърихи адабиёт (синфи 8) барои таълими рӯзгору осори Абӯабдуллои Рӯдакӣ саотҳои муайян пешбинӣ шудааст. Дар синфи 8 тибқи барномаи мазкур барои таълими ҳаёт ва эҷодиёти Рӯдакӣ 7 соат шудааст [2, с.41]. Омӯзгор бояд дар ин ҳафт соати муқаррар шуда доир ба "ҳаёт ва фаъолияти Рӯдакӣ, масъалаи нобиноии Рӯдакӣ, ашъори боқимондаи Рӯдакӣ, анъои шеъри шоир: қасида, маснавӣ, қитъа, ғазал, рубоӣ" маълумот диҳад. "Таҳлили қасидаҳои: «Шикоят аз пирӣ», «Модари май», шеърҳои «Эй он, ки ғамгинию сазоворӣ», «Шод зӣ», «Зиндагӣ», маълумот дар бораи панду андарзҳои Рӯдакӣ, васфи табиат ва хушиҳои зиндагӣ, забон ва услуби шеъри Рӯдакӣ" (2, 41) низ дар доираи ҳамин 7 соат аст. Ҳувайдост, ки омӯзгор наметавонад дар доираи соати муқарар шуда ҳама ин мавзӯъҳоро таълим диҳад. Аз ин рӯ, барои таълими шеърҳои шоир мебояд соати зиёдтар ҷудо карда шавад, то шеърҳои шоир ҳамаҷониба ва мукаммалтар шарҳу тафсир гарданд.

Қасидаи "Шикоят аз пирӣ", ки қасидаи тарҷумаҳолии Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ буда, аз зиндагии саодатмандонаи даврони ҷавонии шоир, мартаба, шаъну шукӯҳи ӯ ва шуҳрати шеъри ӯ ҳикоят мекунад, бояд огоҳона ва ҳамаҷониба таълим дода шавад. Таълими босалоҳияти ин қасидаи шоир боиси ташаккули салоҳиятҳои калидии хонандагон, аз ҷумла салоҳиятҳои таълимӣ - маърифатӣ, коммуникативӣ, иҷтимоӣ - арзишӣ, умумифарҳангӣ ва иттилоотӣ мегардад. Бино ба таъкиди муҳақиқони муносибати босалоҳият дар таълим, махсусияти таълими адабиёт низ дар он аст, ки он пеш аз ҳама ба ташаккули салоҳиятҳои асосӣ ё калидӣ сафарбар карда мешавад. Дар ин маврид мо ба андешаи муҳаққиқ Салоҳиддин Амонӣ ҳамфикрем, ки менависад: "ҳангоми банақшагирии мавзӯъ на танҳо ба навъи дарс таваҷҷӯҳ бояд кард, балки ҳадафнокии он низ хеле муҳим аст".[1, с.48]. Дар дарси адабиёт, асосан маҳорат ва малакаҳои таҳқиқотӣ, эҷодӣ, навоварӣ, фикрронии мантиқӣ, таҳриру таҳлили мавод, хулосабарорӣ ташаккул дода мешаванд. Мақсади асосии дарси адабиёт ин омӯхтану аз бар кардани тарҷумаи ҳолу осори адибон ва ё шинос гардидан бо жанрҳои адабӣ набояд бошад, балки он бояд ба рушди ҷаҳонбинӣ тафаккури мантиқӣ, интиқодӣ, идеяҳои инсонпарварӣ, арҷи арзишҳои миллию фарҳангӣ равона гардида бошад. Дар дарси адабиёт, чуноне ки муҳаққиқи муносибати босалоҳият дар таълим Қ.Мухторӣ зикр менамояд, "ташаккули салоҳиятҳои фаннӣ бояд дар чор марҳила сурат бигирад :

-дарки матн (дар мисоли мо матни қасида);

-баҳодиҳӣ ба матн;

-тағйир додани матн;

-таҳияи матни худ".[7, с.63]

Дар мавриди шеваи таҳлилу тафсири шеър такя ба усули суннатии шарҳи каломи бадеъ мо дар мақолаи ҷудогона изҳори назар кардаем, ки такрори онҳоро ин ҷо салоҳ намебинем (7). Омӯзгор бояд дар баробари иҷрои талаботи муносибати босалоҳият дар таълим шеваи суннатии таълими шеърро низ дар назар дошта бошад. Ташаккули салоҳиятҳои дар боло номбурда зимни таълими қасидаи "Шикоят аз пирӣ" ба тартиби зер сурат мегиранд:

Дар марҳилаи аввал хонандагон бо роҳнамоии омӯзгор қасидаро қироат менамоянд, бо мазмуни он шинос мешаванд, дар атрофи номи он мулоҳиза мекунад, калимаҳои душворфаҳми онро аз луғат меёбанд, шарҳ медиҳанд, шеърро ба қисматҳо ҷудо мекунанд, ғояи асосии онро муайян менамояд, мақсади муаллифро дарк мекунанд. Сипас, назари худро нисбат ба муҳтавои қасидаи мазкур баён менамоянд. Яъне, пас аз мутолиаи қасидаи Шикоят аз пирӣ хонандагон дар бораи арзишҳои зиндагӣ, тағйироти умри инсон, рӯйдодҳои тақдир, хислатҳои неку бади инсонҳо, муносибатҳои инсонӣ, ҷойгаҳи инсон дар дунёи фонӣ маълумот пайдо карда, ба ин хусусиятҳо аз нуқтаи назари худ баҳо медиҳанд. Ба таъбири дигар, хонандагон бояд пас аз мутолиаи матни қасида чӣ бардоште, ки гирифтанд, баён созанд.

Дар марҳилаи сеюм омӯзгор аз хонандагон тақозо мекунад, ки кӯшиш ба харҷ дода, матнро бо истифода аз тахайюлот ё фонтазияи худ тағйир кунанд. Дар ин ҷо маҳорати эҷодкории хонанда ривоҷ меёбад.

Дар марҳилаи чорум-марҳилаи таҳияи матн, хонанадагон фикру мулоҳизаҳо ва пешниҳодоту нуқтаи назари худро дар атрофи қасидаи "Шикоят аз пирӣ" баён менамоянд. Ин пешниҳодот ва нуқтаи назари хонанда метавонад дар шакли як эссеи кӯтоҳ тартиб дода шавад [7, с.65].

Ба ақидаи муҳаққиқ С. Амонӣ, "ҳангоми омӯзиши осори бадеӣ дар дарсҳои адабиёт шарти аввал тафаккури илмӣ дониста мешавад. Аз ҳама гуна роҳу равишҳое, ки тафаккури илмиро тақвият медиҳанд ва дар таҷриба истифода мешаванд, бояд кор гирифт. Дуюм, пайдарпайӣ ва сеюм такя намудан ба идроки хонанда, тасаввуру тахайюлоти ӯст. Хонанада бояд дар матни ошно чизҳоеро кашф кунад, ки аз назари дигарон пӯшида аст" [1, с.49].

Инчунин, қобили зикр аст, ки зимни сурат гирифтани кор бо ин марҳилаҳо омӯзгор бояд ҳамроҳи хонандагон қасидаро баррарсӣ кунад. Дар шарҳу тафсири калимаҳои душворфаҳм ба хонандагон ёрӣ расонад. Дар фикру мулоҳизаронӣ иштирок намояд, хонандагонро (хусусан хонандагони камҳавсаларо) ҳавасманд кунад, таваҷҷуҳи онҳоро ба илму адаб, таърих, фарҳанг, санъат, жанрҳои бадеӣ ҷалб намуда, дар онҳо ҳисси миллиро нисбати арзишҳои миллӣ бедор намояд. Агар муаллим имконият, шавқу ҳавас, майлу кӯшиши хонандагонро дар муҳокимаи мавзуъ ба эътибор гирад, он гоҳ хонандагон матни таҳлилшавандаро хуб дарк карда, соҳиби малакаҳои таҳқиқотӣ мегарданд ва салоҳиятҳои муошироативу эҷодӣ гардида, дар навиштану корҳои хаттӣ душворӣ намекашанд.

Таълими қасидаи "Шикоят аз пирӣ" бояд бо мақсади дар хонандагон ташаккул додани салоҳиятҳои иртиботӣ (диққат додан ба оҳанги қироати шеър, риояи одоби баҳсу мунизира, саволу чавоб ва ғайра), салоҳиятҳои адабӣ-эҷодӣ (баён кардани нуқтаи назари худ ва иқтибос овардан аз матн барои тақвияти ин нуктаи назар, муқоиса кардан, озодона нақл кардан) ба роҳ монда шавад. Барои ноил гардидан ба ин мақсадҳо омӯзгор бояд фаъолияти хонандагонро дар дарс ба таври лозима ташкил намояд, зеро хонандамеҳварӣ, бино ба таъкиди методистон, дар муносибати босалоҳият дар таълим нақши аосӣ дорад. Таълим бояд дар заминаи қироати бодиққат, риояи оҳанги талаффуз, таваҷҷуҳ ба калимаҳои душворфаҳм, шарҳи маъно, тартиб додани луғатҳо равона карда шавад. Яъне, таълими қасидаи номбурда бояд аз нигоҳи муносибати босалоҳият раҳандозӣ гардад, то ин ки натиҷаи матлуб ба даст оварда шавад.

Мо дар китоби худ "Шарҳи мунтахаби ашъори устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ" ин қасидаро пурра шарҳ додаем, омӯзгорон метовонанд ҳангоми дарс аз он истифода баранд(9). Тавре ки зикраш рафт, дар қадами аввал матни қасида бояд дуруст қироат шавад, зеро қироати дурусти матни бадеӣ имкон медиҳанд, ки матнро хонандагон дуруст фаҳманд ва мақсади суханварро дарк кунанд. Аз он ҷо, ки хонандамеҳварӣҷавҳари муносибати босалоҳият аст, қироати матн аз ҷониби хонандагон сурат гирад, беҳтар аст.

Ҳамин тавр, мепардозем ба таълими қасидаи «Шикоят аз пирӣ». Баъд аз қироати байти мақтаъ бояд вазн ва қофияву радифи матни шеър муайян шаванд.

Маро бисуду фуру рехт ҳар чи дандон буд,
Набуд дандон ло, бал чароғи тобон буд.

Вазни қасида мучтаси мусаммани махбуни аслам (мафоилун фаилотун мафоилун фаълун), буда, калимоти қофия «дандон, тобон, борон, Кайвон...» мебошанд ва калимаи "буд", ки баъд аз калимоти қофия айнан такрор шуда омадааст, радиф мебошад. Баъд аз таъйини вазну қофия ва радиф бояд калимаҳои душвори байтравшан шаванд. Омӯзгор бояд бо иштироки фаъолонаи хонандагон бо истифода аз фарҳангу луғатҳо калимоти душворро шарҳ диҳанд. Калимоти байти матлаъи қасидаи мавриди назар аксар шиносонд, вале калимаҳои"бисуд"(аз масдари «судан», сойида шуду аз ҳам рехт),"ло" (не) ва"бал"(балки)бояд шарҳ дода шаванд.

Пас аз шарҳи калимоти душвори байт, омӯзгор бо ҳамроҳи хонандагон бояд санъатҳои бадеӣ ва тасвироти шоиронаи байтро муайян кунанд. Муҳимтарин санъате, ки дар байти мақтаъ ба кор рафтааст, санъати ташбеҳ мебошад. Дар мисраи дуюми байт шоир дандонҳои худро аз чиҳати дурахшандагӣ ба чароғи тобон ташбеҳ додааст. Тибқи гуфтаи методистон, баъд аз риоя кардани шартҳои методикаи шарҳи шеър ва иҷрои талоботи муносибати босалоҳият омӯзгор бояд ҳамроҳ бо хонандагон аз байт маънӣ бароваранд ва мақсуди шоирро дарёбанд. Байти болоро метавон чунин маънӣ кард: Шоир мегӯяд: Дандонҳои ман, ки монанди чароғи равшан медурахшиданд, бо гузашти айём ҳама соида шуданду рехтанд.

Ҳамин тариқ абёти дигари қасида бо риояи методикаи таълими шеър ва иҷрои талаботи муносибати босалоҳият ба таълим маънӣ карда мешаванд.

Байти дувум:

Сапеди симзада буду дурру марҷон буд,
Ситораи саҳарӣ буду қатраборон буд!

Дар ин байт калимоте, ки ниёз ба шарҳ доранд, нисбатан зиёдтаранд: Сим (нуқра), зада (саф, қатор, раста), дур(р) (марворид), марҷон (манзури шоир марвориди хурд аст), ситораи саҳарӣ (ситораи Зӯҳра, ки субҳгоҳон дурахшида сурхранг намоён мешавад), қатраборон (дандон аз ҷиҳати ранг ба қатраи борон ташбеҳ шудааст). Дар ин байт низ санъати ташбеҳ мавқеи асосӣ дорад. Шоир дандонҳояшро аз назари софию дурахшандагӣ ва сафедию шафоффият ба радаи нуқра, марвориду марҷон ва ситораи саҳарию қатароти борон ташбеҳ кардааст. Баъд аз равшан кардани калимоти душвор ва дарёфти санъатҳои бадеӣ маънии байт бароварда мешавад. Агар дар маънӣ кардани байт нахуст фикри хонандагон пурсида шавад беҳтараст. Байтро чунин маънӣ кардан мумкин аст: Сафедии дандонҳои ман, мегӯяд шоир, чун радаи нуқраву дурру марворид ҷило медоданду монанди ситораи саҳарӣ медурахшиданд ва ранги қатраи боронро доштанд.

Ба ҳамин минвол байтҳои дигари қасида низ бояд шарҳу тафсир шаванд. Байти севум:

Яке намонд кунун з-он ҳама, бисуду бирехт,
Чӣ наҳс буд, ҳамоно ки наҳси Кайвон буд!

Калимоти душвори байт, ки таҳти роҳбарии омӯзгор хонандагон бояд бо истифода аз китобҳои луғату фарҳангҳо маънӣ кунанд: Наҳс: бадбахтӣ, шум, бехосият. Кайвон: Зуҳал, дар ситорашиносии қадим ҳафтумин фалак маҳсуб мешавад ва онро наҳси акбар медонистаанд. Шоир сабаби рехтани дандонҳояшро аз шуми ситораи Зуҳал медонад ва мегӯяд: “Аз он дандонҳои пурбаҳои ман якто ҳам намонд, ҳамааш суда шуду рехт. Ин чӣ бадбахтӣ буд? Шояд аз шуми ситораи Зуҳал бошад”? Байти чаҳрум:

На наҳси Кайвон буду на рӯзгори дароз,
Чӣ буд? Ман-т бигӯям: қазои Яздон буд.

Калимоту таъбироти душвори байт, ки бояд шарҳ шаванд: Рӯзгори дароз: умри дарозу тӯлонӣ. Ман-т: манн барои ту, ман туро. Қазои Яздон: ҳукм, ирода ва фармони Худованд. Гардон: гарданда, тағйирёбанда. Шоир аз фикри аввалааш бармегардад ва сабаби рехтани дандонҳояшро на аз наҳси ситораи Зуҳал ва на аз гузаштани умри дароз, балки ба иродаи Худованд марбут медиҳаду мегӯяд: «Не, на наҳси ситораи Зуҳал буду на умри дароз. Пас, чӣ буд? Ман ба ту бигӯям, ки иродаи Худованд буд». Байти панҷум:

Ҷаҳон ҳамеша чу чашмест гирдугардон аст,
Ҳамеша то бувад ойин-ш, гирдгардон буд.

Рӯдакӣ бар он андешааст, ки ҷаҳон монанди чашм мудаввар ва ҳамеша дар гардишу тағйиру таҳаввул аст. Аз он вақт ки офарида шуд, то он гоҳ, ки вуҷуд дорад, ойини ин чархи мудаввар ва ҳамеша дар гардишу тағйиру таҳаввул аст ва онро қароре нест. Байти шашум:

Ҳамон, ки дармон бошад, ба ҷойи дард шавад,
Ва боз дард, ҳамон к-аз нахустдармон буд.

Шоир мегӯяд: Ҳар он чи дар ин ҷаҳон мояи дармони одамист, муддате баъд боиси дард хоҳад шуд. Мисраи дувум такрор ва таъкиди мисраи аввал аст. Байти ҳафтум:

Куҳан кунад ба замоне, ҳамон куҷо нав буд,
Ва нав кунад ба замоне, ҳамон ки хулқон буд.

Хулқон-ҷамъи халақ, ба маънии куҳна, фарсуда аст. Шоир мегӯяд: Кори ҷаҳон бараъкс аст, бад-ин сурат, ки чизе, ки наву тоза аст, муддате баъд онро куҳнаву фарсуда мекунад ва баръакс, чизе, ки куҳнаву фарсуда аст, баъд аз муддате он тозаву нав мегардад. Байти ҳаштум:

Басо шикаста биёбон, ки боғи хуррам буд,
Ва боғи хуррам гашт, он куҷо биёбон буд.

Мафҳуми «шикаста» дар ин байт ба маънии ноҳамвор омадааст. Рӯдакӣ мегӯяд: «Чи бисёр биёбонҳои ноҳамворе ҳастанд, ки замоне боғҳои хуррам буданд ва баръакс, боғҳои ободе, ки имрӯз вуҷуд доранд, дар гузашта биёбонҳои бе обу гиёҳ буданд». Байти нуҳум:

Ҳаме чӣ донӣ, эй мохрӯйи ғолиямӯй,
Ки ҳоли банда аз ин пеш бар чӣ сомон буд?!

“Ғолиямӯй”-оне, ки мӯйи сиёҳу хушбӯй дорад.”Мохрӯйи ғолиямӯй” “киноя аз маҳбубаи зебост. Шоири пир хитоб ба маҳбубаи зебояш мегӯяд: “Ту, эй, мохрӯйи ғолиямӯй, аз куҷо донӣ , ки ҳоли ман дар ҷавонӣ чӣ гуна буд»? Байти даҳум:

Ба зулфи чавгон нозиш ҳамекунӣ ту бад-ӯ,
Надидӣ он гоҳ ӯро, ки зулф чавгон буд.

Сомон: низому ороиш. Зулфи чавгон: зулф ба сабаби кач буданаш ба чавгон ташбеҳ шудааст, яъне зулфи кач. Чавгон: аз калимаи чӯб (ба паҳлавӣ чӯп ва гон пасванди нисбат) сохта шудааст. Чавгон як бозии мардуми эронитабо раст ва чавгон чӯби махсуси ин бозӣ буда, дар шеъри момушаббаҳ ба зулфи ёр қарор гирифтааст. Нозиш: ноз кардан, фахр кардан. Шоир дар идомаи суҳбат ба маҳбубаи ҷавони зебояш мегӯяд: «Бо зулфони пурпечутобу каҷат, ки имрӯз бо ӯ ноз мекунӣ, набудию надидӣ, ки ӯ (яъне шоир) дар ҷавонӣ мӯйҳои сиёҳи чавгоносо качу дароз дошт? Байти ёздаҳум:

Шуд он замона, ки рӯяш ба сони дебо буд,
Шуд он замона, ки мӯяш ба сони қатрон буд!

Луғати байт: Шуд: гузашт, сипарӣ шуд. Дебо: ҳарир, порчаи абрешими нарму латиф. Қатрон: равғани сиёҳранг, манзур ранги сиёҳи он аст. Шоир мегӯяд: «Гузашту сипарӣ шуд он айём, ки рӯяш ба монанди абрешим мулоиму латиф ва мӯйҳои чун қатрон сиёҳ дошт». Байти дувоздаҳум:

Чунон ки хубӣ меҳмону дӯст буд азиз,
Бишуд, ки боз наёмад, азиз меҳмон буд.

“Хубӣ” ин ҷо ба маънои ҳусну ҷамоли зебо омадааст. Дар ин байт санъати ташхис ба кор рафта ва ба зебоӣ шахсият дода шудааст. Шоир мегӯяд: “Ҷамолу зебоӣ монанди дӯст ва меҳмони азизи ман буд, ки аз назди ман бирафт ва дигар барнагашт».

Бояд зикр кард, ки қасидаи “Шикоят аз пирӣ” аз 34 байт иборат аст ва таҳлили ҳама байтҳои қасида аз доира як мақола ва дар як соати дарс аз имкон берун аст. Мо дар китоби “Шарҳи мунтахаби ашъори устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ” қасидаи мазкурро пурра шарҳ додаем [9], омӯзгорон ва хонандагон метавонанд шарҳи абѐти дигарро аз ин китоб дастрас кунанд.

Баъд аз баррасии комили қасида хонандагон бояд аз мазмуни умумии қасида натиҷагирӣ кунанд. Дар низоми анъанавии таълим фаъолияти маърифатии хонандагон аз он иборат аст, ки дониши пешниҳодшударо аз худ кунанд ва ахбори бадастомадаро нақл карда тавонанд. Дар муносибати босалоҳият дар таълим, бино ба гуфтаи муҳаққиқон, фаъолияти маърифатии хонанда танҳо бо аз худ намудану нақл кардани донишу маълумоти андухта маҳдуд намешавад. Хонанда бояд донишу маълумоти пешниҳодшударо таҳқиқ кунад, дар ҳаллу мавзую масъалаҳо ақидаи худро дошта бошад ва аз таҳлилу таҳқиқи мавзуъ натиҷагирӣ кунаду ин натиҷаҳоро дар ҳаёт татбиқ намояд.

Аз қасидаи таҳлилшуда хонандагон метавонанд чунин натиҷагирӣ кунанд:

Ба шарҳу таҳлил ва баррасии қасидаи “Шикоят аз пирӣ” хонандагон ба салоҳиятҳои калидӣ, коммуникативӣ ва адабӣ-эҷодиро ноил мегарданд. Хонандагон салоҳияти таҳлил намудани зиндагиномаи шахсони таърихиро азхуд менамоянд. Хонанда тавассути ин қасида дар бораи зиндагии шоир, алалхусус айёми ҷавониаш, хидматаш дар дарбори Сомониён, рӯйдодҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва маданию фарҳангии он давр, аз дарбор дур шудани шоир, вазъи зиндагии шоир дар давраи пирӣ ва ғайра маълумот мегирад.

Ҷиҳати тартбиявии дарс дар он зуҳур меёбад, ки пас аз мутолиа ва музокираи мавзуи номбурда хонандагон дарк мекунанд, ки зиндагӣ лаҳзаҳои хушу ширин ва ва дарду ранҷ дорад, инсон бояд ҳама вақт барои паси сар кардани мушкилиҳо омода бошад. Одамон бояд ба якдигар меҳрубон бошанд. Ҷисми солиму ақли расо, хираду тавоно доштан бартарии инсон аст.

Мутахассисон таъкид кардаанд, ки «салоҳият таълим дода намешавад, он дар натиҷаи азхудкунии дониш ва тадбиқи амалии он ташаккул меёбад» [6, с.32]. Вобаста ба ин, фаъолияти омӯзгор дар ҷарайёнии таълим нақши муҳим дорад. Омӯзгор бояд раҳнамои хонандагон дар таҳлилу баррасии масъалаҳо, марҳилаҳои ташаккули малакаву маҳорат ва мушоҳидагари сатҳи азхудкунию дониш онҳо бошад, то талабагон салоҳиятҳои дар оғози дарс таъйиншуда бадаст оранд. Омӯзгор дар раванди дарс назорат намояд ва бояд мутаваҷҷеҳ бошад, то хонандагон ба чаҳор унсури асосии муносибат босалоҳият дар таълим: донад, тавонад, азхуд кунад ва дар амал тадбиқ намояд ноил гарданд.

Ба ҳамин тариқ, дар заминаи чунин равиш ба роҳ мондани таълими матни бадеӣ дар дарсҳои адабиёт муносибати босалоҳият ба таълими фанни номбурда маҳсуб ёфта, тафаккури илмию таҳқиқотии хонандагонро рушд медиҳад.

АДАБИЁТ:

1. Амонӣ С. Ташаккули малакаҳои таҳқиқотӣ-эҷодӣ дар дарсҳои адабиёт. // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. №4, 2018 (24) - С.47-50. 227
2. Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои V-XI. Душанбе, 2007.
3. Рӯдакӣ. Бо кӯшиши Абдуқодири Рустам, Алмотӣ, 2007, 100 с.
4. Золоторубова Н.Н. Методика преподавания литературы: Учебное пособие для вузов. -Воронеж, 2007.
5. Исрофилниё Ш.Р., Султонмамадова М.А. Методикаи таълим ва шеваи шарҳу тафсири каломи мавзун. // Паёми ДМТ, 2016, №-4/3, (203) с.,146-150.
6. Муносибати босалоҳият ба таълим. Мураттибон: Ғ.Бобизода, Д.Имомназаров, Ш.Исрофилниё, А Байзоев. Душанбе: Ирфон, 2018.-72 саҳ.
7. Мухторӣ Қ. Махсусияти ташкили таълими босалоҳият дар дарсҳои адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. / Татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таълимӣ: Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба Рӯзи Ваҳдати миллӣ, Душанбе, 29 июни соли 2018. Душанбе, "Ирфон"-2018 - С.58-66.
8. Султонмамадова М.А. Методикаи таълими рӯзгор ва осори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар синфи 5. / Илм ва инноватсия. №3-4, 2016 (17) С.96-101.
9. Шарҳи мунтахаби ашъори устод Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ. Бо кӯшиши Исрофилниё Ш.Р., Султонмамадова М.А. " Душанбе: "Пайванд", 2016 - 49 с.

ТАЪЛИМИ ҚАСИДАИ «ШИКОЯТ АЗ ПИРӢ" - И УСТОД АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ БО НАЗАРДОШТИ РАҲЁФТИ БОСАЛОҲИЯТ

Мақола ба методикаи таълими қасидаи «Шикоят аз пирӣ»-и Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо назардошти ташаккули салоҳиятҳои асосӣ ва рушди салоҳиятҳои байнисоҳавӣ ва фаннии хонандагон, малакаҳои тадқиқотӣ ва эҷодии кор дар адабиёти тоҷик бахшида шудааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки таълим бо истифода аз ин методология бояд дар заминаи ҷорӣ намудани равиши салоҳиятноки таълим сурат гирад.

Калидвожаҳо: *методологияи таълим, шарҳ, омӯзиш, дарс, адабиёт, матн, таҳлил, салоҳият, равиши салоҳият, донишҷӯён, омӯзгор.*

ПРЕПОДАВАНИЕ ОДЫ «ЖАЛОБЫ НА СТАРОСТЬ» УСТОДА АБУАБДУЛЛЫ РУДАКИ С УЧЁТОМ КОМПЕТЕНТНОГО ПОДХОДА

Статья посвящена методике преподавания Оде «Жалобы на старость» Абуабдулло Рудаки в общеобразовательных учреждениях с учетом формирования ключевых компетенций и развитии межпредметных и предметных компетенции учеников, исследовательских и творческих навыков работы на уроках таджикской литературы. Автор подчеркивает, что преподавания по данной методике должно осуществляться на основе внедрения компетентностного подхода обучения.

Ключевые слова: *методика преподавания, комментария, обучение, урок, литература, текст, анализ, компетенция, компетентностный подход, учащиеся, преподаватель.*

TEACHING THE POEM "COMPLAINTS ABOUT OLD AGE" BY MASTER ABUABDULLAH RODAKI UNDER THE DIRECTION OF A COMPETENT APPROACH

The article is devoted to the teaching methodology of Ode «Complaints about old age» Abuabdullo Rudaki in general education institutions, taking into account the formation of key competencies and the development of interdepartmental and subject competencies of students, research and creative skills in the lessons of Tajik literature. The author emphasizes that teaching according to this methodology should be carried out on the basis of the introduction of a competent approach to learning.

Keywords: *teaching methodology, commentary, learning, lesson, literature, text, analysis, competency approach, students, teacher.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Султонмахмадова Мархабо Айдармамадовна - унвонҷуйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Тел: +992552233339; E-mail: m.sultonmamadova@mail.ru*

Сведение об авторе: *Султонмахмадова Мархабо Айдармамадовна - саискатель Института развития образования имени Абдурахмони Джоми, Академия образования Таджикистана. Тел: +992552233339; E-mail: m.sultonmamadova@mail.ru*

Information about the author: *Sultonmahmadova Marhabo Aidarmamadovna - Post agradute of the Institute for the Development of Education, name Abdurakhmoni Jami Academy of Education of Tajikistan Tel: +992552233339; E-mail: m.sultonmamadova@mail.ru*

ТДУ: 155.925.4.670

МАНФИАТҲОИ ТАЪЛИМИ ФОСИЛАВӢ ДАР РАВАНДИ КАСБОМӮЗӢ

Гадоев И. Б.
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро зарур аст, ки моделҳои гуногуни тарбияи мутахассисонро пайдо ва ҷорӣ намоянд ва низоми таҳсилотро сифатан такмил бахшанд.
Эмомалӣ Раҳмон

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сарвари маорифпарвар, бо дарки баланди масъулиятшиносӣ ва сиёсати хирадмандонаю бунёдкоронаи хеш зарурати татбиқ ва мубрамияти шакли таҳсилоти фосилавиро бисёр амиқ эҳсос намуда, зимни суханронии хеш ба ифтихори Рӯзи дониш ва 70 – солагии таъсиси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ зикр намуд, ки «вақти ҷорӣ намудани низоми таҳсилоти фосилавӣ кайҳо расидааст. Баъзе муассисаҳои таълимӣ дар ин самт аллакай ба дастовардҳои муайян ноил шудаанд. Аммо ҷараёни татбиқи низоми таҳсилоти фосилавӣ дар умум суст буда, дар ин самт ташаббускорӣ миёни муассисаҳои олии таълимӣ кам ба мушоҳида мерасад. Ин тарзи таҳсил имконият медиҳад, ки бо нигоҳ доштани сифати таълим хароҷоти зиёдати барои як донишҷу то 2 – 3 баробар кам карда шавад ва шахс истеҳсолотро тарк накарда, аз тариқи Интернет соҳиби дониш ва ихтисоси зарурӣ гардад, Бинобар ин, ба вазорати маориф ва илм супориш дода мешавад, ки аз соли 2017 таҳсилоти фосилавиро дар донишгоҳу донишкадаҳо ба роҳ монда, маводи зарурии таълим ва барномаҳои омӯзиши электрониро омода намоянд» [1].

Маориф дар маҷмуъ ҳамчун як воситаи муҳимми рушди миллӣ боқӣ мемонад ва маълум мешавад, ки аҳолии босаводу ботаҷриба барои рушди иҷтимоию иқтисодии ҳар як кишвар саҳми арзанда мегузорад (Маропе, 2005). Илова бар ин, усул ва барномаҳои таълимии кушода ва ё фосилавӣ маълуманд, ки дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳое, ки чунин барномаҳоро пешниҳод мекунанд, саҳми арзанда мегузоранд. Аз ин рӯ, кишварҳои пешрафта эътироф кардаанд, ки омӯзиши фосилавӣ як воситаи тавонои расидан ба эҳтиёҷоти таълимӣ ва таълимии кишвар ва василаи тавоно дар ташкили ҷомеаи донишомӯз, ки қодир ба рушди илмию технологӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мебошад [2].

Дар шароити имрӯзаи босуръати инкишофёбандаи таълимӣ, пешбурди курсҳои касбӣ тавассути таҳсилоти фосилавӣ ҳамчун тағирдиҳандаи бозӣ барои донишҷӯён пайдо шуда, як қатор бартариҳоро пешниҳод мекунад, ки аз танзимоти анъанавии синфхона болотаранд. Омезиши таълими касбӣ бо таҳсилоти фосилавӣ эҳтиёҷоти динамикии донишомӯзонро қонеъ карда, муҳити фарогири омӯзиширо фароҳам меорад, ки онҳоро бо донишҳои академӣ ва малакаҳои амалӣ муҷаҳҳаз месозад.

Фаҳмидани таълими касбӣ

Таҳсилоти касбӣ ба омӯзиши амалӣ ва рушди маҳорат, омода кардани донишҷӯён барои касб ё касбҳои мушаххас таъкид мекунад. Интегратсияи курсҳои касбӣ аз марҳилаи ибтидоӣ ба барномаи таълимӣ метавонад барои донишҷӯёне, ки саёҳати таълимии худро омӯзанд, бартариҳои зиёдеро боз кунад. Омӯзиши таълими фосилавӣ ҳамчун чароғак дар ин соҳа буда, маҷмуи ҳамаҷонибаи курсҳои касбиро, ки ба ниёзҳо ва орзуҳои донишҷӯён мутобиқ карда шудаанд, пешкаш мекунад.

Афзалиятҳои курсҳои касбӣ дар таълими фосилавӣ

1.Истифодаи амалии омӯзиш

Курсҳои касбӣ дар таҳсилоти фосилавӣ бо таваҷҷӯҳ ба татбиқи амалӣ дар баробари донишҳои назариявӣ бартарии беназир пешкаш мекунанд. Ин равиш фарқияти байни омӯзиши синфӣ ва сенарияҳои воқеиро бартараф мекунад. Донишҷӯён тавассути модулҳои интерактивӣ, симулятсияҳо ва таҷрибаҳои амалӣ консепсияҳоро самараноктар дарк мекунанд.

Таълими фосилавӣ ин равишро нишон медиҳад, ки дастрасӣ ба лабораторияҳои виртуалӣ, нармафзори стандартии саноатӣ ва супоришҳои амалиро, ки муҳити касбиро тақлид мекунанд, таъмин мекунад.

Ин таъсири амалӣ фаҳмиши амиқтар ва нигоҳ доштани мафҳумҳоро таъмин мекунад, ки донишҷӯён назарияҳоро омӯзанд ва онҳоро дар заминаҳои мувофиқ истифода баранд. Чунин таҷрибаҳои омӯзишии амалӣ бебаҳо буда, эътимод ва омодагӣ ба кӯшишҳои ояндаро бедор мекунанд.

2.Роҳҳои таълимии фармоишӣ

Яке аз бартариҳои назарраси курсҳои касбомӯзи дар таҳсилоти фосилавӣ ин чандирии қонеъ кардани манфиатҳои инфиродӣ ва орзуҳои касбӣ мебошад.Таълими фосилавӣ ба донишҷӯён курсҳои гуногуни касбиро пешниҳод мекунад ва ин ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки роҳҳои махсусеро, ки бо ҳавасҳои онҳо мувофиқанд, интихоб кунанд.

Донишҷӯён метавонанд роҳҳои омӯзиши худро дар соҳаи тандурустӣ, технология, тиҷорат ё санъати эҷодӣ мутобиқ созанд. Ин равиши мутобиқшуда ҷалби фаъол ва ҳаяҷонро инкишоф дода, донишҷӯёнро барои омӯхтани ҳавасҳои худ ва омӯхтани мавзуъҳои мушаххас бармеангезад.

Курсҳои таълимии фосилавӣ ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки сафари таълимии худро муайян кунанд, ба онҳо имкон медиҳад, ки касберо, ки ба манфиатҳои онҳо мувофиқат мекунанд, қувват бахшанд ва дар ниҳоят ҳавасмандӣ ва уҳдадориҳои онҳоро ба омӯзиш афзоиш диҳанд.

3.Малакаҳои марбут ба саноат

Курсҳои касбомӯзи дар таҳсилоти фосилавӣ барои додани малакаҳои амалӣ ва мушаххаси соҳа тарҳрезӣ шудаанд, ки хатмкунандагонро бо кор таъмин мекунанд. Яке аз бартариҳои таълими фосилавӣ дар он аст, ки бо коршиносони соҳа ҳамкорӣ мекунад, то мундариҷаи курс бо стандартҳо ва тамоюлҳои муосири соҳа мувофиқат кунад.

Дастрасӣ ба маводи навшуда, роҳнамоии коршиносон ва таҷрибаҳои амалӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки малакаҳоеро ба даст оранд, ки бевосита ба соҳаҳои интихобкардаашон мувофиқанд. Ин таъкид ба аҳамияти соҳавӣ донишҷӯёнро барои қувваи корӣ омода мекунад ва ба онҳо бартарии рақобат медиҳад.

Новобаста аз он ки он азхуд кардани малакаҳои техникӣ, дарки протоколҳои соҳавӣ ё рушди қобилиятҳои ҳалли мушкилот ба соҳаи худ бошад, курсҳои касбомӯзи тариқи таҳсилоти фосилавӣ донишҷӯёнро бо корфармоён муҷаҳҳаз мекунанд.

4.Фасеҳӣ ва дастрасӣ

Таҳсилоти фосилавӣ имконияти беҳамторо пешниҳод мекунад, ки донишҷӯён новобаста аз маҳдудиятҳои ҷуғрофӣ ё ҷадвали шахсӣ ба курсҳои касбомӯзи дастрасӣ пайдо кунанд. Платформаи онлайни омӯзиши фосилавӣ ба донишҷӯён имкони мустақилона таҳсил кардани тарзи зиндагӣ ва уҳдадориҳои гуногунро медиҳад. Ин дастрасӣ монеаҳоро шикаста, ба донишҷӯён қонеъ кардани таҳсилро бо кор, масъулиятҳои оилавӣ ё корҳои беруназсинфӣ мувозинат мекунад. Табиати асинхронии таҳсилоти фосилавӣ кафолат медиҳад, ки омӯзиш метавонад дар ҳама вақт ва дар ҳама ҷо сурат гирад ва бидуни осеб ба сифати таҳсил роҳат фароҳам оварад.

Ин чандирӣ муҳити мусоиди таълимро фароҳам меорад ва ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки вақти худро ҳангоми таҳсили касбӣ самаранок идора кунанд.

5.Рушди ҳамаҷониба

Курсҳои касбомӯзӣ дар таҳсилоти фосилавӣ тавассути мукаммал кардани фанҳои таълимӣ бо маҷмуи малакаҳои амалӣ ба рушди ҳамаҷониба мусоидат мекунанд. омӯзиши таълими фосилавӣ курсҳои касбомӯзиро ба таври бефосила ба барномаи таълимӣ муттаҳид карда, таҷрибаи техникӣ ва малакаҳои муҳимро тақвият медиҳад.

Донишҷӯён тавассути лоиҳаҳои муштарак, машқҳои муошират ва сенарияҳои ҳалли мушкилот кори дастаҷамъӣ, муошират ва мутобиқшавиро инкишоф медиҳанд. Ин равиши ҳамаҷониба донишҷӯёнро ба кор ва касби пуразриш омода мекунад ва онҳоро бо маҷмӯи малакаҳои гуногун муҷаҳҳаз мекунад, ки дар муҳити бисёрҷанбаи корӣ имрӯза зарур аст.

6.Роҳҳои гуногуни касб

Маҷмӯи курсҳои касбомӯзӣ, ки дар омӯзиши таълими фосилавӣ пешниҳод карда мешаванд, дарҳо ва роҳҳои гуногуни касбҳоро барои касбомӯзон мекушояд. Донишҷӯён ба соҳаҳои гуногун ворид шуда, ҳавасҳо ва малакаҳои худро дар соҳаҳои гуногун таҳқиқ мекунанд ва ба онҳо имкон медиҳанд, ки дар бораи саъю кӯшишҳои ояндаи худ интихоби хуб намоянд. Ин усули таълим ба онҳо кӯмак мекунад, ки ҳавасҳои худро барвақт муайян кунанд ва барои таҳсил ва касбашон самти равшантар пешниҳод кунанд.

7.Баланд бардоштани қобилияти шуғл

Малакаҳои амалие, ки тавассути таълими касбӣ ба даст оварда шудаанд, қобилияти шуғли хонандагонро хеле баланд мебардоранд. Корфармоён афродеро меҷӯянд, ки ҳам дониши илмӣ ва ҳам таҷрибаи амалӣ доранд. Омӯзиши таълими фосилавӣ ба касбомӯзон кафолат медиҳад, ки хатмкунандагон дар бозори меҳнати рақобатпазир бошанд ва имконияти онҳоро барои ба даст овардани мавқеъҳои муфид афзоиш диҳанд.

8.Гузариши бефосила ба кор ё маълумоти олӣ

Раванди бефосилаи таълим ва таълими касбомӯзии донишҷӯёнро барои гузаришҳои бефосила таълими фосилавӣ муҷаҳҳаз мекунад. Новобаста аз он ки донишҷӯён фавран ба қувваи корӣ дохил мешаванд ё таҳсилоти олӣ доранд, онҳо дорои маҷмӯи малакаҳои ҳамаҷониба ва заминаи мустаҳкам мебошанд, ки ба онҳо имкон медиҳанд то, ки дар роҳҳои интихобкардаашон бартарӣ пайдо кунанд.

9.Самаранокии вақт ва хароҷот

Муносибати таълими фосилавӣ ба самаранокии вақт ва хароҷот барои донишҷӯёне, ки дар курсҳои касбомӯзӣ таҳсил мекунанд, табдил меёбад. Донишҷӯён метавонанд ҷадвалҳои худро тавассути рафъи эҳтиёҷоти ҳузури ҷисмонӣ самараноктар идора кунанд ва эҳтимолан вақти заруриро барои анҷом додани таҳсил кам кунанд. Илова бар ин, ин тарзи омӯзиш аксар вақт хароҷоти камтари марбут ба рафтуомад, китобҳои дарсӣ ва манзилро ба харҷ медиҳад, ки таҳсилро дастрастар ва осонтар мекунад.

10.Маҳорати омӯзиши якумрӣ

Ғайр аз дурнамои касбии фаврӣ, курсҳои касбомӯзӣ малакаҳои асосии омӯзиши якумриро меомӯзанд. Донишҷӯён тафаккури интиқодӣ, мутобиқшавӣ ва муносибати фаъолро ба омӯзиши пайваста инкишоф медиҳанд. Ин малакаҳо дороиҳои бебаҳо буда, ба шахсони алоҳида имкон медиҳанд, ки дар як манзараи касбӣ бо эътимод ва устувор ҳаракат кунанд [3].

Бартариҳои омӯзиши фосилавӣ чист?

Дар муҳити онлайн, маълумотро вақте дастрас кардан мумкин аст, ки он барои донишомӯз мувофиқтар мебошад. Ин барои одамоне, ки мехоҳанд ба омӯзиши фосилавӣ дастрасӣ пайдо кунанд ва ё дар барномаҳои онлайн иштирок кунанд, як бартарии бузургест, ки онҳо шахсан иштирок карда наметавонанд. Манфиатҳои асосии омӯзиши фосилавӣ инҳоянд:

Мундариҷаи курси баландсифат ва фардӣ: Устодони коллеҷҳо, олимон ва тарроҳони таълимӣ майл доранд, ки барномаҳои таълимии аз ҷиҳати илмӣ собитшуда ва босифатро тарҳрезӣ кунанд, зеро шумораи зиёди одамон ба курсҳои касбомӯзӣ дохил мешаванд. Илова бар ин, барномаи таълимӣ барои донишҷӯён ва касбомӯзон ҳавасмандона ва ҳадафмандона таҳия карда шаванд.

Афзоиши дастрасӣ ва аксуламали фаврӣ: Таҷрибаи омӯзишӣ аз ҷиҳати технологӣ такмил дода шудааст ва донишҷӯён ва касбомӯзони дорои масъулият ҳоло имконоти беохири омӯзиши дастрас доранд. Донишҷӯён метавонанд дар синфхонаи виртуалӣ иштирок кунанд ва дар вақти воқеӣ бо омӯзгорон ва ҳамсолони худ мулоқот кунанд. Инчунин онҳо ба фикру мулоҳизаҳо дастрасии беҳтар доранд - ҳам дар шакли шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ.

Хароҷоти кам ва хароҷоти нақлиёт: Elearning инчунин хароҷоти омӯзишро тавассути бартараф кардани хароҷоти гаронбаҳои нақлиёт, хароҷоти ҷойгиршавии ҷисмонӣ ва дигар бароҳатие, ки таълими анъанавӣ пешниҳод мекунад, коҳиш медиҳад. Омӯзиши фосилавӣ бефосила хароҷот ва вақтро сарфа мекунад ва ба иштирокчиён имкон медиҳад, ки кори пурравақт, оила ва таҳсилро муттаҳид кунанд. Аз ин лиҳоз, усули таълими онлайни таълимро осонтар мекунад [4].

Афзалиятҳои омӯзиши онлайн

1.Чандирӣ

Дар байни бартариҳои зиёди омӯзиши онлайн, шумо хоҳед дид, ки синфхонаҳои виртуалӣ барои одамоне, ки таҳсилоти худро ҳангоми кор пеш мебаранд, олӣ мебошанд. Дар синфхонаи анъанавӣ, лексияҳо дар вақти муайяни рӯз ба нақша гирифта мешаванд ва ҷадвали шумо дар атрофи мавҷудияти дарсҳо ташаккул меёбад. Агар шумо дар айни замон кор дошта бошед ва пас аз соати кории шумо курсҳо дастрас набошанд, ба ғайр аз вазифаҳои кории шумо, чен кардани сарбории курс душвор буда метавонад.

Ҳангоми иштирок дар шаҳраки виртуалӣ, омӯзиши онлайни ба шумо имкон медиҳад, ки мустақилияти бештар дар интихоби ҷадвали шахсӣ пайдо кунед. Ин маънои онро дорад, ки шумо метавонед ҳар вақте, ки барои шумо мувофиқ бошад, таҳсил кунед. Инчунин назорати бештари ҷадвали худ маънои онро дорад, ки шумо метавонед аз парешонҳо ба осони канорагирӣ кунед.

2.Хароҷоти камшуда

Таҳсил метавонад қимат бошад, аммо омӯзиши фосилавӣ метавонад як қатор роҳҳоро барои сарфаи донишҷӯён таъмин намояд. Набудани сафар ба шаҳраки донишҷӯён метавонад ба шумо барои сарфа кардани хароҷоти нақлиёт кӯмак кунад.

Ҳар сол як донишҷӯ барои китобҳои дарсӣ ва маводи курсӣ бештар маблағ сарфа мекунад. Дар таҳсилот фосилавӣ барои ичрои корҳои курсӣ, дипломи ва дигар бештари вақт аз захираи маводҳои электрони истифода мебаранд, ки маблағи камтаре сарф мешавад.

Инчунин арзиши таҳсил метавонад дар байни барномаҳои онлайни фарқ кунад. Масалан, донишҷӯёне, ки дар барномаҳои онлайн дар Донишгоҳи Дрексел, номнавис шудаанд, аз нархи таҳсили муқаррарӣ 25% тахфиф мегиранд. Аксари барномаҳои онлайни аз ҷониби Донишгоҳҳо пешниҳодшуда инчунин кӯмаки молиявӣ доранд. Дар байни ҳамаи ин манбаъҳои пасандоз, кам кардани хароҷот метавонад фоидаи бузурги дарсҳои онлайн бошад.

3.Вақти холии бештар

Азбаски ҷадвали шумо аз рӯйи дарсҳо муқаррар карда намешавад, шумо метавонед вақти бештарро барои иҷрои корҳои дилхоҳатон сарф кунед. Ғайр аз он, ба ғайр аз сарфаи пул, нагузаронидани сафар инчунин маънои сарфаи вақтро дорад, зеро ба шумо лозим нест, ки барои таҳсил ба донишгоҳу коллеҷҳо барои таҳсил сафар кунед. Ин вақти изофиро метавонад бо ҳар роҳе, ки шумо мехоҳед, истифода баред, масалан, тамаркуз ба касби худ ё сарф кардани вақт бо оилаатон. Ба шумо танҳо як дастгоҳи рақамӣ ва пайвасти интернет лозим аст ва шумо ба абзорҳои зарурӣ барои идомаи таҳсил ва гирифтани дараҷаи худ дар вақти худ дастрасӣ пайдо мекунед.

4.Афзоиши гуногунии курсҳо

Сабаби дигаре, ки чаро таҳсилоти фосилавӣ барои баъзеҳо беҳтар аст, чунки афзоиши гуногунии имконоти таҳсилот аст. Аз донишҷӯён талаб карда намешавад, ки барои ҷадвали курсҳо дар рӯзҳо ва вақтҳои мушаххас ба донишгоҳ сафар кунанд, донишҷӯён метавонанд ба курсҳои касбомӯзие, ки ба онҳо бештар таваҷҷуҳ доранд, тавасути онлайни номнавис шаванд. Ҳамчуни онҳо метавонанд дар як ё як чанд курсҳои онлайни номнавис шаванд ва хатм кунанд. Тавассути курсҳои онлайни, донишҷӯён метавонанд донишеро, ки барои ба даст овардани дараҷа ё рушди касби худ заруранд, ба даст оранд.

Омӯзиши онлайни ба шумо имкон медиҳанд, ки як қатор дараҷаҳои гуногунро, ки аз муҳити анъанавии таълимӣ гирифтан номумкин аст, ба даст ored. Ҳатто имрӯзҳо ҷиҳати ба даст овардани шаҳодатномаҳои омӯзишӣ ва шаҳодатномаҳои касбӣ барои ва дараҷаҳои магистрӣ ё докторӣ дохил мешаванд.

5.Имкониятҳои баланд бардоштани касб

Мисли курсҳое, ки дар синфхонаҳои анъанавӣ гирифта мешаванд, омӯзиши фосилавӣ метавонад ба шумо як қатор имкониятҳои пешрафтро фароҳам орад. Азбаски шумо устоди ҷадвали шахсии худ ҳастед, донишҷӯёни омӯзиши фосилавӣ барои идома додани кор ҳангоми гирифтани маълумоти илмӣ беҳтар омодаанд. Ва барои донишҷӯёне, ки кор намекунанд, кори таълимӣ метавонад барои тавзеҳ додани ҳама гуна танаффус ё камбудиҳо дар резюме хидмат кунад. Дар ҳарду ҳолат, бартариҳои омӯзиши фосилавиро дар резюме ба таври равшан дидан мумкин аст.

6.Афзоиши ҳамкорӣ

Донишҷӯёни онлайни имкониятҳои беҳтареро барои ҳамкорӣ бо ҳамкурсон тавассути кори гурӯҳҳои виртуалӣ ва вохӯриҳо доранд. Яке аз бартариҳои курсҳои онлайн ин лавҳаҳои паёмӣ ва абзорҳои гурӯҳбандӣ мебошад, ки ба донишҷӯён имкон медиҳанд фикру мулоҳизаҳои худро дар бораи хондан ва дигар супоришҳо фиристанд ва ба ҳамкурсони худ посух диҳанд. Донишҷӯён инчунин метавонанд бо профессори худ бо омӯзиши виртуалӣ як ба як вақт гиранд, ки ҳам барои омӯзиш ва ҳам барои шабака муфид аст. Донишҷӯён метавонанд бо директор бо профессори худ тамос гиранд ва супоришҳоро барои баррасӣ ба даст оранд.

7.Таълими фардӣ

Донишҷӯёне, ки аз фаъолияти синфӣ азоб мекашанд, метавонанд аз диққати дарсҳои онлайни баҳра баранд. Донишҷӯёне, ки чандон эътимод надоранд, метавонанд ҳангоми муошират онлайн дар мубоҳисаҳои синфӣ иштирок кунанд. Бо интихоби худ аз муҳити худ кор карда, бо омӯзиши мустақилона, натиҷа метавонад таҷрибаи омӯзиши бештар фардӣ бошад.

Дар курсҳои онлайн, донишҷӯён вақтеро интихоб мекунанд, ки барои иҷрои хондан ва супоришҳо мувофиқтар аст. Азбаски кори курсӣ онлайн аст, курсҳоро дар ҳама ҷое, ки пайвасти интернет мавҷуд аст, анҷом додан мумкин аст.

8.Малакаҳои такмилёфтаи идоракунии вақт

Дар ҳоле, ки бартариҳои омӯзиши онлайн чандирии (сабуки) иҷрои супоришҳоро дар вақте, ки барои донишҷӯ мувофиқтар аст, дар бар мегирад, донишҷӯ ҳанӯз бояд вақти худро оқилона идора кунад, то онҳо супоришҳои худро дар мӯҳлатҳои муқарраркардаи омӯзгорон иҷро кунанд. Курсҳои онлайни ба донишҷӯён икон медиҳанд, ки вақти худро беҳтар идора кунанд, зеро донишҷӯ ба ҷои он ки дар рӯз ва вақти таъиншуда ба дарс ҳозир шавад, масъулияти машғул шудан бо курсро ба дӯш дорад. Дар натиҷа, донишҷӯён на танҳо аз корҳои курсӣ дониш мегиранд, балки малакаҳои идоракунии вақтро низ такмил медиҳанд.

9.Алоқаи фаврӣ

Интегратсияи корҳои курсӣ бо технология як қатор бартариҳоро фароҳам меорад. Ба ҷои интизории рӯзҳо ё ҳафтаҳо пас аз имтиҳонҳо, шумо метавонед аксар вақт фикру мулоҳизаҳои фаврӣ гиред. Дар курсҳои онлайн, донишҷӯён супоришҳоро ба таври рақамӣ барои баррасӣ ба омӯзгоронашон равон мекунанд. Омӯзгорон кори донишҷӯёнро онлайн баррасӣ мекунанд ва фикру мулоҳизаҳоро ба таври электронӣ пешниҳод мекунанд. Дар натиҷа, донишҷӯён фавран фикру мулоҳизаҳоро мегиранд. Дар муҳити анъанавии синфхона, донишҷӯён метавонанд барои гирифтани фикру мулоҳизаҳо дар бораи супоришҳои худ як ё ду ҳафта интизор шаванд. Бо гирифтани фикру мулоҳизаҳо, донишҷӯён метавонанд зудтар омӯхта шаванд ва барои супоришҳои оянда ислоҳот ворид кунанд.

10.Дастрасии такрорӣ ба маводи курс

Дар он ҷое, ки лексияи анъанавӣ шуморо дар ихтиёри беҳтарин малакаҳои сабти ёддоштҳо вогузор мекунад, презентатсияҳои видеоиро метавон тамошо кард ва дар ҳолати зарурӣ дубора боздид кард. Агар донишҷӯ баъзе муҳтавои дар видео лексия овардашударо нафаҳмида бошад, онҳо метавонанд баргарданд ва онро дубора гӯш кунанд. Донишҷӯён метавонанд видеоҳои лексияро ҳамчун воситаи иловагӣ барои кӯмак дар ичрои супоришҳои рақобат истифода баранд [5].

Таҷрибаи байналмилалӣ ва кишварҳои рушдёфта нишон медиҳад, ки заминаи асосии рушди босуръати иҷтимоию иқтисодии кишвар ин рушди таҳсилоти миллӣ буда, он яке аз вазифаҳо ва омилҳои муҳимтаринро дар стратегияи пешрафти кишварҳо ба иҷро мерасонад. Пӯшида нест, ки барои рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистони муосир низ иқтидори зеҳнӣ ва то кадом андоза баланд будани сатҳи таҳсилот ва маърифати фарҳангии миллат ва таъминот бо кадрҳои баландихтисоси огаҳ аз навгониҳои илму техника ва технологияи иттилоотӣ ва ҳамкадам бо замона будан аз унсурҳои муҳимтарини рушди он мебошад [6].

Таҳсилоти фосилавӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ин тарзи амалигардонии раванди таълим бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ мебошад, ки таълимро дар масофа бе иштироки бевоситаи шахсии омӯзгор ва таълимгирандагон имконпазир мегардонад. Дар аоси ин шахрвандони ҷумҳурии мо барои интихоби муассисаи таълимӣ ва шакли таҳсилот - рӯзона, шабона, ғоибона, оилавӣ, фарогир, фосилавӣ ва экстернат ҳуқуқ доранд [7].

Таҳсилоти фосилавӣ, чи хеле ки ба ҳамагон маълум аст, дар кишвари мо ва давлатҳои дигари собиқи шӯравӣ шакли нави рушди таҳсилоти ғоибона ва усули таълим барои шакли рӯзонаи таҳсил мебошад, ки дар он амалигардонии раванди таълим бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, ки таълимро дар масофа бе иштироки бевоситаи шахсии омӯзгор ва таълимгирандагон, аз қабили машварат ба воситаи почтаи электронӣ, скайп, семинарҳо дар режими online имконпазир мегардонад.

Омӯзиши таълими фосилавӣ имрӯз дар ҷаҳони рушд мекунад, зеро он аз ҷониби кишварҳои пешрафта дастгирӣ карда мешавад. Чун, ки ҳам кишварҳои пешрафта ва муассисаҳои таълимӣ дарк карданд, ки омӯзиши фосилавӣ василаи тавонои эҷоди ҷомеаи донишомӯзе мебошад, ки қодир ба беҳбудии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мебошад. Тавассути ҳамкорӣ ва мубодилаи захираҳо ва таҷриба тафаккури аҳолӣ тағйир меёбад. Бо вуҷуди ин, муассисаҳои ODL ҳанӯз ҳам бештар фаъолият кунанд ва кафолат диҳанд, ки ба ODL эътироф ва эҳтироми шабеҳи таҳсилоти анъанавӣ дода шавад.

Инчунин бояд гуфт, ки ба истиснои радио ва телевизион, технологияро дар таҳия ва расонидани барномаҳои ODL бозҳам пурра муттаҳид намоянд. Ҳамин тариқ, то ҳол саҳми намоёни дигар шаклҳои омӯзиши миёнаравии технологӣ вуҷуд надорад. Ҳамин аст, ки дар давоми конфронси соли 2005 дар кишвари Ниамбия таҷрибаомӯзони ODL ухдадор шуданд, ки аз имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ истифода баранд.

АДАБИЁТ:

1. Файзализода Б. Ф. «Асосноккунии назариявии ташкили методии таҳсили фосилавӣ дар шароити муосири омодасозии мутахасисони босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти касбии Тоҷикистон». Диссертатсия Бохтар -2021.
2. Marope, Mmantsetsa Toka (2005), Намибия сармояи инсонӣ ва рушди дониш барои рушди иқтисодӣ бо сармоя, Силсилаи ҳуҷҷати кории минтақавии рушди инсонии Африқо - № 84, Бонки Ҷаҳонӣ.1.
3. International Journal of E-Learning & Distance Education ...
4. Theory of distance education. Http://members.aect.org › edtech
5. 9 Benefits of Distance Learning for Students

6. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012, №334 тасдиқ шудааст.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” аз 26.07.2014 с.

МАНФИАТҲОИ ТАЪЛИМИ ФОСИЛАВӢ ДАР РАВАНДИ КАСБОМӮЗӢ

Интегратсияи курсҳои касбомӯзӣ ба таҳсилоти фосилавӣ барои донишҷӯён ва касбомӯзон як тағйироти муҳимро дар манзараи таълим ифода мекунад. Сармоягузорӣ ба курсҳои касбомӯзӣ тавассути таҳсилоти фосилавӣ донишҷӯёнро аз ҷиҳати илмӣ омода месозад ва онҳоро бо малакаҳои бебаҳо барои фаъолияти ояндаашон муҷаҳҳаз месозад. Дар ҳоле ки парадигмаи таълимӣ таҳаввулро идома медиҳад, фарогирии касбомӯзӣ дар омӯзиши фосилавӣ барои донишҷӯён ва касбомӯзоне, ки таҷрибаи ҳамаҷониба ва мутобиқшудаи омӯзиширо меҷӯянд, машъали имконият мебошад.

Калидвожаҳо: *таълими фосилавӣ, интегратсияи, фосилавӣ, онлайн, синфхонаҳои виртуалӣ, касбомӯзӣ, платформаи онлайнӣ, симулятсияҳо.*

ПРЕИМУЩЕСТВА ДИСТАНЦИОННОГО ОБРАЗОВАНИЯ В ПРОЦЕССЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБУЧЕНИЯ

Интеграция профессиональных курсов в дистанционное образование представляет собой значительное изменение в образовательной среде для студентов и специалистов. Инвестиции в профессиональные курсы посредством дистанционного образования подготавливают студентов академически и снабжают их бесценными навыками для будущей карьеры. Поскольку образовательная парадигма продолжает развиваться, включение профессионального дистанционного обучения является маяком возможностей для студентов и специалистов, стремящихся получить комплексный и персонализированный опыт обучения.

Ключевые слова: *дистанционное образование, интеграция, дистанция, онлайн, виртуальные классы, профессиональная подготовка, онлайн-платформа, симуляции.*

ADVANTAGES OF DISTANCE EDUCATION IN THE PROCESS OF VOCATIONAL TRAINING

The integration of professional courses into distance education represents a significant change in the educational environment for students and professionals. Investing in vocational courses through distance education prepares students academically and equips them with invaluable skills for their future careers. As the educational paradigm continues to evolve, the inclusion of professional distance learning is a beacon of opportunity for students and professionals seeking a comprehensive and personalized learning experience.

Key words: *distance education, integration, distance, online, virtual classes, professional training, online platform, simulations.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Гадоев Идибек Баротович – ходими пешбари илмии шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, нишонӣ ш. Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов.11/2, Тел:(992) 904 11 00 99 E-mail: gadoev.idibek@bk.ru*

Сведения об авторе: *Гадоев Идибек Баротович – ведущий научный сотрудник отдела начального, среднего и высшего профессионального образования Института развития образования имени Абдурахмани Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, улица А. Адхамова, 11/2, Тел.: (992) 904 11 00 99 E-mail: gadoev.idibek@bk.ru*

Information about the author: *Gadoev Idibek Barotovich – leading researcher of the department of primary, secondary and higher vocational education of the Institute for Educational Development named after Abdurahmani Jami of the Academy of Education of Tajikistan, addrees Dushanbe citi, A. Adhamov street, 11/2, Tel: (992) 904 11 00 99 E-mail: gadoev.idibek@bk.ru*

ТДУ:372.8:54

РОҲҲОИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ТАҲҚИҚОТИИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

Орифов А.,
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
Зумратов А.
унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ

Ислоҳоти низоми маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси гузариши таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба стандартҳои ягонаи давлатӣ гардид. Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи мушаххасро ба натиҷаҳои татбиқи амалии барномаи таълим дар мактабҳои таҳсилоти умумии мамлакат аз рӯйи се категория: шахсӣ, фаннӣ ва байнифанниро пешбинӣ менамояд. Натиҷаҳои дараҷаи охирини сатҳи дониши хонандагон дар бораи малакаҳои фаъолияти таҳқиқотӣ дар доираи

барномаи таълимии мактаб мебошанд. Арзиши асосии ин равиш дар он аст, то хонандагон имконият пайдо мекунанд, ки мушкилоти таълимиро аз нуқтаи назари гуногун бо истифода аз фаъолияти омӯзишӣ ва таҳқиқотӣ баррасӣ кунанд.

Рушди малакаҳои байнифаннӣ зарурати ба раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дохил кардани чорабиниҳои ташкилиро ба миён меорад, ки ҳадафи онҳо ташаккули малакаҳои хонандагон барои мустақилона омӯхтани донишҳои нав ва истифодаи минбаъдаи онҳо дар фаъолияти амалии таълимии онҳо мебошад. Яке аз намудҳои фаъолияти таълимии хонанда фаъолияти таҳқиқотӣ мебошад, ки ба рушди мақсаднок ҳамчун салоҳияти асосии хонандаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ниёз дорад. Барои ташкили пурраи фаъолияти таҳқиқотӣ, хонандагон бояд малакаҳоеро аз қабили мушоҳида, таҷриба, таҳлил, муқоиса, ҷамъбасти далелҳо, натиҷаҳо ва таҳияи хулосаҳо омӯзанд.

Ҳамчун вазифаи асосии таҳқиқот олимон А.С. Саввичев ва А.В. Леонтович рушди салоҳияти таҳқиқотро мефаҳманд ва тавассути он дар мактаббачагон малакаҳои пешазкасбӣ ташаккул меёбанд, ки ин ба таҳсили ояндаи касбӣ таъсири мусбат мерасонад. Байни омӯзиши таълимӣ ва илмӣ шабоҳатҳои зиёд мавҷуданд. Ин пеш аз ҳама усули илмии ин намуди фаъолият аст. Фарқ танҳо дар сатҳи мураккабии он ва усули татбиқшаванда аст.

Аз оғози асри XVIII олимон дар бисёр аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон мушкилоти фаъолияти таҳқиқотии хонандагони сатҳҳои гуногунро баррасӣ карданд. Назарияҳои худро дар бораи ҳавасмандкунии хонандагон барои азхудкунии илмҳо тавассути таҳқиқот Ҷ. Дюи, Ж.-Ж.Руссо, И. Песталотси ва ғайра, аз ҷумла, дар Русия ғояҳои ташкили фаъолияти таҳқиқотии Л.Н. Толстой ва К.Д. Ушинский маъмул шуданд.

Асри XX бо эътирофи фаъолияти таҳқиқотӣ ҳамчун пешсафтарин усул дар системаи маориф оғоз ёфт. Дар рушди ин назария олимони рус С.Т. Шацкий, П. П. Блонский ва дигарон саҳми калон гузоштанд аммо дар нимаи аввали асри XX усули таҳқиқотии таълим, гарчанде ки дуруст ва самаранок эътироф шуда буд, аммо рақобатпазири воқеии мактаби анъанавӣ набуд. Танҳо аз солҳои 1960-ум дар педагогика ба ташкили таҳқиқоти таълимӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ фаъолона мурочиат карданд.

Ба ҷанбаҳои гуногуни назария ва амалияи фаъолияти таҳқиқотӣ корҳои А.В. Леонтович, А.И. Савенков, А.В. Хуторский, А.С. Обухов ва ғайра бахшида шудаанд. Бисёре аз муаллифон ба мафҳуми «таҳқиқот» мазмуни зеринро гузоштаанд: раванди таҳияи донишҳои нав, хосиятҳои қаблан номаълум, сифатҳои объект, падида. Ҳама олимон розӣ ҳастанд, ки таҳқиқот як намуди фаъолияти маърифатӣ аст. Илми педагогика омӯзиши таҳқиқотиро ҳамчун як тартиби хосси мустақилона, ки аз ҷониби хонаандагон амалӣ карда мешавад, бо мақсади фаҳмидани ҷаҳони атроф, бо истифода аз таҳқиқи объектҳо, падидаҳо, амалҳо, ашёи алоҳидаи он мефаҳмид.

М.В. Кларина тафсири худро дар бораи мафҳуми «фаъолияти таҳқиқотӣ» дар робита ба таълими мактабӣ чунин пешниҳод кард: усули вазъиятӣ, ки дар он хонанда, ки аз ҷониби омӯзгор роҳнамоӣ карда мешавад, бо дараҷаи муайяни мустақилият, дар раванди таълим ба воситаи усулҳо, равишҳои ҳалли мушкилотро аз худ мекунад. Дар ин ҳолат, мундариҷаи маориф бо донишҳои таълимӣ, усули таҳқиқот, ки хонандагон дар ҷараёни фаъолияти таҳқиқотӣ ба даст меоранд, ифода карда мешавад.

Фаъолияти ҷустуҷӯйии мактаббачае, ки бо таҳқиқоти таълимӣ машғул аст, ба заминаи психологии ин намуди фаъолият табдил меёбад. Дар ин ҳолат фаъолияти ҷустуҷӯйӣ ба ҳамаи одамон хос аст. Вазифаи асосии он ҳавасмандкунии инсон ба ҷустуҷӯйи усули нав мебошад. Яъне, фаъолияти ҷустуҷӯйӣ, ин як навъ механизмест, ки тавассути он шахс ба рафтори таҳқиқотӣ мурочиат мекунад.

Дар ошкор кардани моҳияти рафтори таҳқиқотӣ, А.И. Савенков онро ба рафтори инсон, ки ба фаъолияти ҷустуҷӯйӣ асос ёфтааст, нисбат медиҳад. Мақсади ин рафтор омӯзиши хосиятҳо, сифатҳои объект, дарёфти роҳҳои ҳалли вазъияти мушкилот мебошад.

Дар рафтори таҳқиқотӣ фаъолияти шахсеро, ки бо ҳалли ҳолатҳои намунавии рӯзгор, истеҳсолӣ, мушкилоти стандартӣ машғул аст, фаҳмидан мумкин нест. Ин намуди рафтор танҳо дар сурате зоҳир мешавад, ки вазъияти ғайриоддии мушкилот ба вуҷуд ояд, ки ҳалли он бо роҳҳои маъмулӣ, усул ғайриимкон аст. Фаъолияти таҳқиқотӣ дар ҳолатҳое талаб карда мешавад, ки дар назди инсон вазифаҳои мураккаб ва қаблан номаълум мавҷуданд, ки коркарди миқдори зиёди иттилоотро талаб мекунанд. Ғайр аз ин, таҳқиқот бе истифодаи эҷодкорӣ ва ҳиссиёт ғайриимкон аст.

Аҳамияти фаъолияти таҳқиқотӣ дар раванди таълим дар он аст, ки бо ёрии он хонандагон донишҳои гуногун, малакаҳои заруриро дар ҳаёти минбаъда аз худ мекунанд.

Бо ҷамъбасти ҳамаи равишҳо ба баррасии мафҳуми «фаъолияти таҳқиқотӣ», мо онро маҷмуи фаъолияти зеҳнӣ, эҷодӣ, ки асоси он фаъолияти ҷустуҷӯйӣ, рафтори таҳқиқотӣ мебошад, мефаҳмем.

Барои самаранок будани фаъолияти таҳқиқотӣ, субъекти ин намуди фаъолият бояд қобилиятҳои таҳқиқотӣ дошта бошад, ки дар хусусиятҳои шахсият барои амалӣ намудани фаъолияти таҳқиқотӣ ифода ёфтаанд.

Арзёбии дараҷаи зуҳуроти қобилиятҳои таҳқиқотӣ метавонад тавассути муайян кардани сатҳи фаъолияти ҷустуҷӯйӣ, қобилияти истифодаи усулҳо, усули фаъолияти таҳқиқотӣ амалӣ карда шавад.

Усулҳои фаъолияти таҳқиқотӣ, ин маҷмуи малакаҳоест, ки дар қобилият зоҳир мешаванд: дар вазъият, объект вазъияти мушкилотро дидан, дуруст савол додан, фарзияро таҳия кардан, роҳҳои исбот ё радди онро ба нақша гирифтан, таснифи объектҳо, зуҳурот, гузоштани таҷриба, таҳлили натиҷаҳои дар ҷараёни татбиқи он бадастомада, ҷамъбаст, хулоса, ҳимояи ғояҳо, сохтори мавод мебошад.

Натиҷаи фаъолияти таълимӣ ва таҳқиқотӣ бояд самараи нави таълимӣ бошад. Ин фаъолият ба хонандагон имкон медиҳад, ки қобилияти эҷодии худро инкишоф диҳанд. Ин раванд самаранокии азхудкунии донишҳои навро баланд мебардорад ва ба шумо имкон медиҳад, ки дар ҳолатҳои гуногун муваффақ шавед.

Д.Б. Богоявленская чунин мешуморад, ки дар шароити муосир хислатҳои рақобатпазиртаринро шахсияти дорои қобилиятҳои эҷодии рушдёфта нишон медиҳад. Барои муваффақ шудан ба худшиносӣ, ба инсон эътимод ба қобилиятҳои худ, ташаббускорӣ, ангеза барои расидан ба ҳадаф, қобилияти ҳамкорӣ бо одамони дигар, тафаккури эҷодӣ, муносибати муносиб ба хатар, қобилияти баланди корӣ лозим аст. Ин маҷмуи сифатҳоро дар ҷараёни фаъолияти таҳқиқотӣ инкишоф додан мумкин аст.

И. В. Павлова диққати моро ба он ҷалб мекунад, ки фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ, ин раванди бисёрқадамест, ки барои таҳқиқоти илмӣ хос аст. Дар байни марҳилаҳои фаъолияти таълимӣ ва таҳқиқотӣ, вай мушоҳида, омӯзиши объект, падида, раванд; муқоиса, таҳлили далелҳо; муайян кардани мушкилот, зиддиятҳо, вазифаҳои таҳқиқотӣ; гузоштани ҳадафи кори таҳқиқотӣ, таҳияи фарзия; ҷустуҷӯйи методологияи ташкили таҳқиқоти таълимӣ; таҳияи нақшаи таҳқиқот; ҷустуҷӯйи методологияи коркарди натиҷаҳо; гузоштани таҷриба; таҳлили миқдорӣ ва сифатии натиҷаҳои озмоиш; таҳияи хулосаҳо; ҳифзи натиҷаҳои корҳои таҳқиқотиро дар ҷойи намоён мегузорад.

Дар ҷараёни таълим мактаббачагон дар озмунҳо, олимпиадаҳо, мизҳои мудаввар, баҳсҳо, марафонҳои зеҳнӣ ва ғайра иштирок мекунанд. Бисёре аз чунин чорабиниҳо гузаронидани таҳқиқоти таълимӣ ё унсурҳои алоҳидаи онро дар бар мегиранд.

Фаъолияти таҳқиқотӣ аз рӯйи намудҳои зерини фаъолият пешниҳод карда мешавад:

- **проблемавӣ-реферативӣ.** Он ба таҳлил, муқоисаи иттилоот аз манбаъҳои адабӣ асос ёфтааст, ки тавассути он мушкилот муайян карда мешавад ва роҳҳои ҳалли он ҷустуҷӯ карда мешаванд;

- **ташхисӣ-пешгӯӣ.** Ин намуди фаъолият омӯзиши объектҳо, падидаҳо, равандҳоро бо роҳҳои гуногун бо мақсади муайян кардани тағйироти онҳо дар оянда дар назар дорад. Чунин пешгӯйиро ба зерҷинсҳо тақсим мекунанд: иҷтимоӣ, иқтисодӣ, илмӣ, техникӣ, сиёсӣ ва ғайра.;

- **таҳлилӣ-системасозӣ.** Ин намуди таҳқиқот мушоҳидаи объект, падида, раванд, сабти хусусиятҳои сифатӣ, миқдорӣ, системасозии натиҷаҳо, таҳлили маълумоти гирифташударо талаб мекунад;

- **ихтироъкорӣ-самаранокӣ.** Мақсади таҳқиқот такмил ё сохтани дастгоҳҳои нав, асбобҳо, механизмҳои таъиноти гуногун мебошад;

- **озмоишӣ-таҳқиқотӣ.** Пешниҳод ва санҷиши фарзияи пешниҳодшударо дар назар дорад. Мақсади чунин кор тасдиқ ё рад кардани натиҷаи таҷрибаи қаблан гузаронидашуда мебошад.

Барои фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии мактаббачагон як қатор принсипҳои асосӣ хос аст, ки маҷмуи онҳо хусусиятҳои кори хонандагон ва хусусияти дараҷаи идоракунии фаъолияти омӯзгорро муайян мекунад. Ба чунин принсипҳо дохил мешаванд:

- тамаркуз ба манфиатҳои маърифатии шахсии хонанда;
- азхудкунии дониш ва роҳҳои ба даст овардани онҳо;
- масъулият барои натиҷаҳои омӯзиши худ;
- рушди қобилиятҳои мустақилона ҷустуҷӯйи донишҳои нав, иттилоот (стандартҳои муосири таълим нишон медиҳанд, ки вазифаи таълими мактабӣ на танҳо ба хонандагон

расонидани дониш, балки ба онҳо омӯхтани қобилияти мустақилона ба даст овардани ин донишҳо аст. Ин равиш имкон медиҳад ки масъалаи табдил додани дониш ба фаъолияти эҷодӣ ҳал карда шавад);

- омезиши усули репродуктивӣ ва самараноки таълим;

- ташаккул додани тасаввурот дар зеҳни хонанда дар бораи хусусияти динамикии дониш (ҳадафи таҳқиқоти таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд имконияти тасаввур кардани тағрибаи дар ҷараёни эволютсия ҷамъшудаи инсоният на дар шакли қонунҳои тайёр, догма, балки ҳамчун организми рушдёбанда ва худтанзимкунанда, ки барои рушди минбаъда омода аст) ҳисобида шавад;

- фаъолияти таҳқиқотӣ, ҳамчун тарзи ҳаёти инсон (омӯзиш тавассути таҳқиқот, ин на танҳо азхудкунии усули муайян, балки пеш аз ҳама, маъно, мундариҷаи раванди таълим мебошад);

Вазифаи асосии он:

- ташаккул, рушди таваҷҷуҳи устувори хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба фаъолияти эҷодӣ, илмӣ;

- ба хонандагон таълим додани усули ҳалли мустақили вазифаҳои таҳқиқотӣ, лоиҳавӣ;

- азхудкунии амиқи донишҳои назариявӣ-амалӣ, малакаҳо, рушди тафаккури эҷодӣ;

- муайян кардани хонандагони боистеъдод. Бо иштирок дар фаъолияти таҳқиқотӣ, мактаббачагон масъаларо аз нуқтаи назари илмӣ баррасӣ карда, онро аз нуқтаи назари талабот ба таҳқиқоти илмӣ меомӯзанд.

Хулоса бояд қайд кард, ки корҳои таҳқиқотӣ дар илм ва маориф фарқи ҷиддӣ доранд. Фаъолияти таҳқиқотӣ, ҳамчун тарзи ҳаёти инсон (омӯзиш тавассути таҳқиқот, ин на танҳо азхудкунии усули муайян, балки пеш аз ҳама, маъно, мундариҷаи раванди таълим мебошад. Фаъолияти омӯзишӣ ва таҳқиқотӣ бояд барои хонанда дастрас бошад ва ҳадафи кашфи илмӣ набошад, балки рушди эҷодии хонанда бошад.

АДАБИЁТ:

1. Леонтович А.В., Саввичев А.С. Исследовательская и проектная работа школьников. 5-11 классы / Под ред. Леонтовича А.В. – 3-е изд. – М: ВАКО, 2018. – 160 с.
2. Бережнова Е.В. Основы учебно-исследовательской деятельности учащихся / Е.В. Бережнова, В.В. Краевский. – М.: Академия, 2008. – 315 с.
3. Кларин М.В. Инновации в мировой педагогике: обучение на основе исследования, игры и дискуссии / М.В. Кларин. – М.: Педагогика, 2010. – С. 63-66.
4. Савенков А.И. Педагогика. Исследовательский подход в 2 ч. Часть 1: учебник и практикум для вузов /А.И. Савенков. – 2-е изд., испр. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2020. – 232 с.
5. Савенков А.И. Исследовательская деятельность учащихся в современном образовательном пространстве // Сб. ст. – М., 2009. – С.60-66.
6. Поддьяков А.Н. Исследовательское поведение. Стратегия познания, помощь, противодействие, конфликт. – М., 2000.
7. Алексеев Н.Г. Критерии эффективности обучения учащихся исследовательской деятельности //Развитие исследовательской деятельности учащихся: Метод. сб. – №3. – 2011. – С.64-68.
8. Богоявленская Д.Б. Исследовательская деятельность как путь развития творческих способностей // Исследовательская деятельность учащихся в современном образовательном пространстве: Сб.ст. – М., 2009. – С. 44-50.
9. Павлова И.В. Некоторые факторы, определяющие эффективность формирования опыта исследовательской деятельности // Исследовательская деятельность учащихся в современном образовательном пространстве // Сб.ст. – М., 2009. – С.262-265.

РОҲҲОИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ТАҲҚИҚОТИИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

Дар мақола муаллифон натиҷаи фаъолияти таълимӣ ва таҳқиқоти хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро мавриди арзёбӣ қарор додаанд. Ин фаъолият ба хонандагон имкон медиҳад, ки қобилияти эҷодии худро инкишоф диҳанд. Ин раванд самаранокии азхудкунии донишҳои навро баланд мебардорад ва ба хонандагон имкон медиҳад, ки дар ҳолатҳои гуногун муваффақ шаванд.

Муаллифон тавонистаанд бо навиштани мақолаи мазкур тасдиқ кунанд, ки фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ, ин раванди бисёрқадамест, ки барои таҳқиқоти илмӣ хос аст. Дар байни марҳилаҳои фаъолияти таълимӣ ва таҳқиқотӣ, мушоҳида, омӯзиши объект, падида, раванд, муқоиса, таҳлили далелҳо, муайян кардани мушкилот, зиддиятҳо ва гузоштани вазифаҳои таҳқиқотӣ нақши муассир доранд.

Калидвожаҳо: *Фаъолияти таълимӣ - таҳқиқотӣ, қобилиятҳои таҳқиқотӣ, проблемавӣ - реферативӣ, ташхисӣ - пешгӯӣ, таҳлилӣ - системасозӣ, ихтироъкорӣ - самаранокӣ, озмоишӣ - таҳқиқотӣ, мушоҳида, омӯзиши объект, падида, раванд.*

ПУТИ РАЗВИТИЯ НАУЧНОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ УЧЕНИКОВ ОБЩИХ СРЕДНИХ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ

В статье авторы оценили результаты образовательной и исследовательской деятельности учащихся общеобразовательных учреждений. Эта деятельность позволяет учащимся развивать свои творческие способности. Этот процесс повышает эффективность усвоения новых знаний и позволяет учащимся добиться успеха в различных ситуациях.

Авторы посредством данной статьи смогли подтвердить, что учебно-исследовательская деятельность-это многоступенчатый процесс, характерный для научных исследований. Среди этапов образовательной и исследовательской деятельности эффективную роль играют наблюдение, изучение объекта, явления, процесса, сравнение, анализ фактов, выявление проблем, противоречий и постановка исследовательских задач.

Ключевые слова: *учебно-исследовательская деятельность, исследовательские способности, проблемно-реферативная, диагностическая-прогнозирование, аналитическая-систематизация, изобретательность-эффективность, экспериментальная-исследование, наблюдение, изучение объекта, явления, процесса.*

WAYS OF ORGANIZING RESEARCH COMPETENCE STUDENTS OF GENERAL SECONDARY EDUCATION INSTITUTIONS

In the article, the authors evaluated the results of educational and research activities of students of educational institutions. This activity allows students to develop their creative abilities. This process increases the efficiency of learning new knowledge and allows students to succeed in various situations.

The authors were able to confirm by writing this article that educational and research activities are a multi-stage process typical of scientific research. Among the stages of educational and research activities, observation, study of an object, phenomenon, process, comparison, analysis of facts, identification of problems, contradictions and formulation of research tasks play an effective role.

Key words: *educational and research activity, research abilities, problem-abstract, diagnostic-forecasting, analytical-systematization, ingenuity-effectiveness, experimental-research, observation, study of an object, phenomenon, process.*

Маълумот дар бораи муаллифон: *Орифов Абдулло - мудири шуъбаи таълими фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқ Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, суроға: 7340113, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2. Тел: (992) 900.00.46.00, E.mail: orifov_68@mail.ru,*

Зумратов Азизбек - унвонҷӯи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2. Тел: (992) 900.19.16.64, aziz-87@list.ru

Сведения об авторах: *Орифов Абдулло, заведующий отделом естественных, точных и инновационных образовательных дисциплин АОТ адрес: 734013, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица А. Адхамов, 11/2. Тел: (992) 900.00.46.00, E.mail: orifov_68@mail.ru,*

Зумратов Азизбек – соискатель института развития образования Таджикистана им А.Джоми Академии образования Таджикистана, город Душанбе, улица А. Адхамов, 11/2. Тел: (992) 900.19.16.64, aziz-87@list.ru

Information about the author: *Orifov Abdullo, completing a separate, point and innovative educational disciplines of AOT address: 734013, Republic of Tajikistan, Dushanbe, A. Adhamov Street, 11/2. Tel: (992) 900.00.46.00, E-mail: orifov_68@mail.ru*

Azizbek Zumratov is a candidate of the Institute of Education of Tajikistan named after A.Academic Education of the Republic of Tajikistan, Dushanbe city, A. Adhamov Street, 11/2. Phone: (992) 900.19.16.64, aziz-87@list.ru

ТДУ:-37:57(575.3)

АҲАМИЯТИ ДАРСҲОИ ЛАБОРАТОРӢ ВА АМАЛӢ ДАР ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ- ТАДҚИҚОТӢ ВА ТАЙЁРИИ КАСБӢ-МЕТОДИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ ФАННИ БИОЛОГИЯ

Баротзода К.А.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

А.Я.Герд чунин мешуморад, ки зимни омӯзиши биология корҳои лабораторӣ «барои ташаккул додани таваҷҷуҳ ба рушди мушоҳидакорӣ ва мустақилият аҳамияти калон доранд».

Донишҳои методие, ки донишҷӯён аз фанни «Методикаи таълими биология» андухтанд, дар дарсҳои кори лабораторӣ ва амалӣ бо мақсади ташаккул додани малакаҳои амалии онҳо зимни ташкили дарсҳои биологияи МТМУ-и муосир истифода мешаванд. Мо барои гузаронидани дарсҳои кори лабораторӣ ва амалӣ дар курси «Методикаи таълими биология» 15 кори лабораториро таҳия кардем [2, с. 132-136]. Мақсади асосии ин дарсҳо амиқтар ва васеъ намудани донишҳои аз лексияҳо андухташуда, инчунин ташаккул додани малакаҳои

касбии омӯзгорони ояндаи биология мебошад. Дар ҷараёни машғулиятҳои лабораторӣ ва амалӣ ба омӯзиши мушкилоти мубрами таълими биологияи МТМУ ва ташаккул додани малакаҳое, ки ба ҳалли самараноки онҳо мусоидат менамоянд, диққати махсус дода мешавад. Дар дарсҳо аз методҳои гуногун: кори мустақилона, супоришоти эҷодӣ, таҳияи лоиҳаҳо ва ғайраҳо истифода бурда мешавад.

Мавзуъҳои дарсҳои лабораторӣ ва амалии таҳияшуда аз фанни методикаи таълими биология инҳоанд:

1. Асосҳои консептуалии таълими биология дар МТМУ.
2. Таҳлили барномаҳои таълимии биология дар МТМУ: ҳадафҳо, вазифаҳо, сохтор ва мундариҷа.
3. Мувофиқатии китобҳои дарсии биология дар МТМУ ба барномаи таълимӣ.
4. Методҳои гузаронидани озмоиши биологӣ.
5. Вазифаҳои маърифатии биологӣ, супоришҳо ва вазифаҳо дар асоси робитаи байнифаннӣ.
6. Технологияҳои гузаронидани дарсҳо. Технологияи амсиласозӣ.
7. Истифодаи ҳамаҷонибаи воситаҳои иттилоотӣ – коммуникативӣ дар таълими биология.
8. Технологияҳои педагогии таълим дар раванди омӯзиши биология.
9. Ташкили корҳои тадқиқотии донишҷӯён.
10. Методикаи ташкили гузаронидани саёҳатҳои биологӣ.

Дарсҳои лабораторӣ аз рӯи нақшаи зерин тартиб дода мешаванд:

Мавзуъ:_____

Таҷҳизот: _____

Натиҷаҳои кор: _____

Мақсади кор: _____

Равиши кор: _____

Савол ва супоришҳое, ки барои муҳокимаи гурӯҳ пешниҳод мегарданд, аз ҷониби донишҷӯён пешакӣ тайёр карда мешаванд. Дар ҷараёни машғулиятҳои лабораторӣ ва амалӣ нуқтаи назари гуногун пешниҳоду баррасӣ гардида, лоиҳаҳои таҳияшуда таҳлил ва афзалияту камбудиҳо қайд карда мешаванд. Донишҷӯён дар ҷараёни дарсҳо аз нуктаи назари худ ташаббус ва мустақилият нишон медиҳанд. Дарсҳо бо рубрикаи «Худро санҷед» ба анҷом расида, як қатор супоришотро дар бар мегирад, ки хусусияти эҷодӣ доранд. Супоришоти эҷодӣ аз ҷониби яке аз донишҷӯёни гурӯҳ иҷро карда мешавад. Маводи методии таҳияшуда дар дарсҳои минбаъдаи лабораторӣ ва амалӣ истифода карда мешавад. Нақши омӯзгор дар навъи дарсҳо ташкил ва арзёбикунандаи натиҷаҳои кори лабораторӣ ва амалӣ мебошад [11, с.101-103].

Дар тӯли дарсҳо шаклҳои фаъолиятро бояд зуд-зуд тағйир дод, то ин ки донишҷӯён хаста нашуда, бо шавқу ҳавас корҳои лабораториро самаранок иҷро кунанд [7, с.25-31].

Дарсҳои лабораторӣ ва амалӣ аз методикаи таълими биология

Навъҳои фаъолият		**Таҷҳизот**
Донишҷӯ	**Омӯзгор**	
Хондани адабиёти методӣ, алалхусус оид ба биология ва методикаи он. Такрори маводи фанҳои интихобӣ ва тахассусӣ.	Хондани адабиёти методӣ ва махсус. Таҳияи рӯйхати адабиёт, конспектҳо, нақшаи дарсҳо. Интихоби воситаҳои таълим	Китобҳои дарсӣ оид ба методикаи таълими биология Рӯйхати таҷҳизоти таълимӣ, воситаҳои таълимӣ оид ба корҳои лабораторӣ аз методикаи таълими биология
Таҳияи конспект ва рефератҳо		
Таҳияи нақшаи баргузории озмоишҳо дар дарсҳои биология	Таҳияи нақша-конспекти дарсҳо. Интихоби таҷҳизот ва маводи таълим	Маҷмуаи таълимӣ барои гузаронидани озмоишҳо оид ба дарсҳои методикаи таълими биология
Нақшаи кор дар гӯшаи зинда ва гармхона. Тартиб додани рӯйхати маводи табиӣ, мавод барои озмоишҳо, дастурҳо барои гузаронидани корҳои лабораторӣ	Интихоби маводи табиӣ барои гузаро-нидани озмоишҳо ва корҳои лабораторӣ. Намоиши асбобҳои худсохт ва таҷҳизот барои корҳои лабораторӣ. Таҳияи	Маҷмуи таҷҳизот барои нигоҳдории рустаниҳо ва ҳайвонот. Пробирка, зарфҳо. Компютер ва ғайраҳо.

	супоришҳои гуногун барои донишҷӯён	
Фаъолиятҳои асосӣ		**Таҷҳизот**
Донишҷӯ	**Омӯзгор**	
Гузаронидани корҳои лабораторӣ доир ба мавзуъҳои алоҳида	Ташкили дарсҳо	Гузаронидани корҳои лабораторӣ дар дарсҳо доир ба ин ё он мавзуъ. Ташкили дарсҳо. Таҷҳизоти лабораторӣ: маводи табиӣ, коллексия-ҳо, гербарияҳо, зарфҳо, асбобҳо. Харитаҳо-дастурҳои тавсиявӣ барои ҷойҳои кории донишҷӯён. Китоби дарсӣ.
Тақсимоти таҷҳизот ба мизҳо барои иҷрои корҳои лабораторӣ. Гузаронидани корҳои лабораторӣ. Муҳокимаи натиҷаҳои корҳои лабораторӣ	Сӯҳбат бо донишҷӯён дар бораи хосиятҳо ва сохти мавод. Намоиши ҷадвалҳо, амсилаҳо, хӯсаҳо ва асбобҳо.	Амсилаҳо, ҷадвалҳо, экрани ВТТ, видиороликҳо, таҷҳизоти таълимӣ.
Фаъолияти мутаносиб		**Таҷҳизот**
Донишҷӯ	**Омӯзгор**	
Тасҳеҳ. Тарҳрезии кор, хулосаҳо, расмҳо. Муҳокимаи натиҷаҳо.	Суҳбат оид ба корҳои лабораторӣ	Таҷҳизот, зарфҳо, асбобҳо ва ғайра
Фаъолияти назоратӣ		**Таҷҳизот**
Донишҷӯ	**Омӯзгор**	
Ҷавобҳои шифоҳӣ ва хаттӣ. Иҷрои корҳои санҷишӣ. Кор бо ҷадвалҳо ва таҷҳизоти таълимӣ	Баҳисобгирӣ ва назорати дониши донишҷӯён. Тартиб додани супоришҳо дар сатҳҳои гуногун	Диапозитивҳо, объектҳои табиӣ. Тестҳо. Расмҳо ва ғайра

Методикаи таълими мавзуи «Ҳаракати хун дар рагҳо, гардиши лимфа»

№б/б	Мундарича	Фаъолияти донишҷӯ	Фаъолияти омӯзгор	Таҷҳизот
1	Вазифаҳои таълилимӣ ва тарбиявии мавзуъ	Кор бо китоби дарсӣ ва адабиёти иловагӣ. Иштирок дар суҳбат	Машварат. Суҳбат	Барнома, адабиётҳои иловагӣ ва китоби дарсӣ.
2	Шинос шудан бо асбобҳои аёнӣ доир ба мавзуъ	Интихоб ва асосноккунии таҷҳизот, асбобҳои аёнӣ ва таҷҳизот.	Тавсияҳои методӣ оид ба намоиши асбобҳои аёнӣ.	Ҷадвалҳо, амсилаҳо, муляжҳо. Таҷҳизот, диапозитив-ҳо, слайдҳо, видеофилмҳо
3	Таҳияи нақша-конспекти дарс доир ба мавзуи «Ҳаракати хун дар рагҳо, гардиши лимфа»	Таҳияи нақша-конспекти дарсҳо. Интихоби восита-ҳои таъ-лим	Машварат	Нақша-конспекти дарсҳо
4	Методикаи намоишдиҳӣ ва мушоҳидаи «Ҳаракати хун дар рагҳо»	Намоиши таҷрибаҳо. Таҳияи супоришҳо барои кори мустақилонаи донишҷӯён.	Омӯзиши методҳои намоишдиҳӣ ва мушоҳида. Машварат. Суҳбат.	Адабиёт. Дастурамал **и** методӣ ва ғайра

Ташаккулёбии фаъолияти маърифатии донишҷӯён ба тайерии касбӣ-методӣ ва рушди тафаккури эҷодии онҳо мусоидат мекунад. Дарсҳои лабораторӣ ва амалӣ ба ташаккулёбии малакаҳои амалии донишҷӯён-омӯзгорони ояндаи биология ва барои истифодаи донишҳои биологиашон дар фаъолияти касбӣ равона карда мешавад. Арзёбии сатҳи дониш бо назардошти нишондиҳандаҳои зерин амалӣ карда шуд: [9,с.52-54].

- қобилияти дуруст тадбиқ кардани мафҳумҳо, назарияҳо ва қонунҳои биологӣ ҳангоми пешниҳоди маводи таълимӣ;
- қобилияти дуруст амалӣ гардонидани робитаи байни мафҳумҳо ва зуҳурот;
- қобилияти интихоби методҳо, воситаҳо ва шаклҳои таълим;
- қобилияти банақшагирии раванди таълим, таҳияи дарсҳо барои МТМУ;
- қобилияти фикрронии мантиқӣ, муносибати эҷодӣ ба ҳалли проблемаҳои гузошташуда.

Дар ҷараёни машғулиятҳои лабораторӣ ва амалӣ донишҷӯён: зимни тадбиқи амалии таърифҳо, мафҳумҳо, банақшагирии мавзуъ, истифодаи самараноки вақти ва методҳои таълим, воситаҳои гуногун, интихоби маводи таълим, интихоби маводи асосӣ ё дуюмдараҷа ва ғайра ба хатоҳо роҳ медиҳанд. Ҳангоми муайян кардани сабабҳои сатҳи пасти дониши методии донишҷӯён, мо ба масъалаҳои марбут ба арзёбии дарсҳои лабораторӣ ва амалӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намудем.

Бо ин мақсад тавассути пешниҳоди саволномаҳои зерин пурсишнома гузаронидем:

1. Оё шумо омӯзиши фанни «Методикаи таълими биология» - ро зарур мешуморед?
2. Оё барои дарсҳои лабораторӣ ва амалӣ вақти кофӣ ҷудо карда шудааст?
3. Оё омӯзиши фанни «Методикаи таълими биология» дар курсҳои 2-3 оқилона аст?
4. Шумо дарсҳои лабораториро чӣ гуна арзёбӣ мекунед? (мусбат ё манфӣ).
5. Шумо камбудиҳои сохтор ва мундариҷаи дарсҳои лабораториро чӣ гуна шарҳ дода метавонед?

Тибқи маълумоти аз пурсишнома бадастомада дар марҳилаи тадқиқот эродҳо ва хоҳишҳои донишҷӯён ба инобат гирифта шуда, бо назардошти онҳо мундариҷаи дарсҳои лабораторӣ аз методикаи таълими биология таҷдиди назар карда шуд. Ҳамин тариқ, мундариҷаи дарсҳои корҳои лабораторӣ таҳия карда шуданд, ки ба ташаккулёбии малакаҳои методии донишҷӯён ҳангоми кор дар МТМУ-и муосир мусоидат мекунанд. Натиҷаҳои пурсишнома нишон доданд, ки омодагии методии омӯзгорони оянда ҳамон вақт самараноктар хоҳад буд, ки агар зимни гузаронидани дарсҳои лабораторӣ ва амалӣ ба масъалаҳои зерин диққат дода шавад: [10, с.46-47].

- рушд додани малакаҳои донишҷӯён оид ба банақшагирии шабакавӣ, мавзуӣ ва фосилавӣ;
- азхудкунии мазмуну мундариҷаи фанҳои биологии МТМУ аз ҷониби донишҷӯён ва барқарор намудани робитаҳои дохилӣ ва байнифаннӣ;
- истифодаи методҳо ва воситаҳои гуногун дар таълими биология;
- қобилияти сохтани харитаҳо-дастурҳо, интихоби маҷмуи таҷҳизот мувофиқи мавҷудияти онҳо дар кабинети биология;
- имкониятҳои истифодаи таҷҳизоти худсохт барои пурра кардани пояии моддии кабинети биология;
- интихоби мундариҷаи маводи таълим, технологияҳо, гузаронидани таҷрибаҳо, гузаронидани саёҳатҳо, ки ба ташаккулёбии мафҳумҳои биологӣ мусоидат мекунанд;
- ташкили кори мустақилона ва тадқиқотии хонандагон;
- истифодаи шаклҳои гуногуни корҳои лабораторӣ визуалӣ;
- рушди малакаҳои таҳлил, ҷамъбаст ва хулоса баровардан;
- қобилияти дифоъ аз нуктаи назари худ, қабули қарорҳо ва эҷодкорона фикр кардан.

Яке аз вазифаҳои машғулиятҳои амалӣ аз ҷониби донишҷӯен азхуд кардани малакаҳои тартиб додани нақшаи дарсҳо, тарҳрезии фаъолияти педагогии омӯзгор ва фаъолияти маърифатии хонандагон буда, таҷрибаи бадастомада дар давраи таҷрибаомӯзии педагогӣ истифода мешавад. Барои рушди муносибати эҷодӣ дар машғулиятҳои лабораторӣ ва амалӣ супоришоти зерини проблемавӣ истифода шуданд:

- таҳияи саволҳо барои истифода дар дарсҳои ҷамъбастии биология;
- вазъиятҳои проблемав таҳиявие, ки барои ҳалли онҳо аз донишҷӯён амалигардонии робитаи байнифаннӣ талаб карда шаванд;
- таҳияи супоришот барои мустақилона кор кардани донишҷӯён, ки ба рушди омӯзиш мусоидат мекунанд;
- таҳияи методҳои ташкилу гузаронидани бозиҳои дидактикӣ, ки барои муайян кардани сатҳи азхудкунӣ ва рушди мафҳумҳои биологӣ имкон медиҳанд;
- таҳияи машғулиятҳои берунисинфӣ оид ба проблемаи муайян (шабнишиниҳо, мусоҳиба, викторина ва ғайраҳо).

Дарсҳои лабораторӣ ва амалӣ ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки хатоҳо ва нуктаҳои манфии дар кори омӯзгорони биология роҳ додашударо ошкор созанду барои ислоҳи онҳо тавсияҳои худро пешниҳод намоянд. Ҳангоми гузаронидани дарсҳои лабораторӣ ва амалӣ

нақши омӯзгор аз ташкил, роҳбарӣ ва машваратдиҳӣ ба донишҷӯен иборат аст. Ҳамин тариқ, истифодаи корҳои лабораторӣ дар ташкили кори мустақилона ва тадқиқотии донишҷӯён хеле муҳим аст[1,10,11].

Воситаҳои таълимие, ки бояд дар таълими биология истифода мешавад, ин пешниҳоди мушкилот (ба амал овардани вазъияти проблемавӣ) аст, ки зимни он сатҳи дониш ва малакаҳои фанни донишҷӯен бояд ба назар гирифта шаванд. Ҳамин тариқ, донишҷӯен бояд супоришоти сатҳи душвориашон гуногунро бояд таҳия кунанд. Якҷоя бо донишҷӯён мо сатҳи душвории супоришҳоро муайян кардем, ки чунин аст:

- сатҳи аввали мушкилот такрори дониш, азхудкардани донишҳои нав аз сарчашмаҳои гуногун, ҳалли масъалаҳои хусусияти проблемавидошта ва қобилияти кор бо маводи дидактикиро дар бар мегирад;
- сатҳи дуюми душворӣ мустақилият ва эҷодкориро барои иҷрои супоришот талаб мекунад;
- сатҳи сеюми мушкилот ҳалли супоришотҳои эҷодиро дар бар мегирад, ки ҷалби донишро аз соҳаҳои гуногуни илм, мустақилона ба даст овардани донишҳои навро тақозо мекунанд;
- сатҳи чоруми душворӣ худтаҳлилӣ ва худбаҳодиҳӣ ба дониш ва малакаҳои бадастомадаро дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ дар дарсҳои биология ба роҳ мондани корҳои лабораторӣ яке аз шаклҳои фаъолияти маърифатӣ буда, сатҳи донишандӯзии мустақилонаи донишҷӯёнро баланд мебардорад. Самаранок ташкил намудани корҳои лабораторӣ ба хонандагон имкон медиҳанд, ки мушоҳидаҳои тадқиқоти объектҳо ва равандҳои гуногуни биологиро таҳлил, муқоиса, хулосабарорӣ ва ҷамъбаст намоянд. Инчунин, дар онҳо фаъолияти мушоҳидакорӣ, ҷамъбасткунӣ, тадбиқи назария дар амалия, дарккунӣ ва ғайраҳо ташаккул меёбад.

Инчунин ба роҳ мондани дарсҳои корҳои лабораторӣ ва амалӣ дар ташаккули фаъолияти илмӣ - тадқиқотӣ ва тайёрии касбӣ - методии омӯзгорони ояндаи биология мавқеи муҳимро мебозад.

АДАБИЁТ:

1. Анисимова В.С., Бруновт Е.П., Реброва Л.В. Самостоятелные работы учащихся по анатомии, физиологии и гигиене человека: Пособие для учителя. Москва: Просвещение, 1987. 128 с.
2. Баротзода К.А., Шарипов М. Методикаи таълими биология. Душанбе.-2022.-340 с.-С.132-136
3. Бордовская Н. В., Реан А. А. Педагогика: Учебное пособие. Санкт-Петербург: Питер, 2006. 304 с.
4. Бруновт Е. П., Малахова Г. Я., Соколова Е. А. Уроки анатомии, физиологии и гигиены человека: пособие для учителя. Москва: Просвещение,1984. 192 с. 50
5. Верзилин Н.М. Проблемы методики преподавания биологии. Москва: Педагогика, 2013. 223 с.
6. Выготский Л. С. Педагогическая психология. Москва: Педагогика-Пресс, 1996. 534 с
7. Гулак В.А., Шевченко Н.З. Влияние социальной среды на здоровье человека. Интегрированный урок. // Биология в школе. 2001. № 2. С.25-31.
8. Демьянков Е.Н. Биология. Мир человека. 8 кл.: задачи, дополнительные материалы. Москва: Гуманитар. Изд. Центр ВЛАДОС, 2004. 111 с.
9. Кулев А. В. Проблемные вопросы и задачи для учащихся. Раздел «Человек и его здоровье» // Биология в школе. 2005. №2. С. 52-54.
10. Маковкина, Л. Н. Значимость лабораторно-практических работ в учебном процессе / Л. Н. Маковкина, Е. И. Сорокина, Д. В. Сыроежкина.- Текст : непосредственный // Педагогика сегодня: проблемы и решения : материалы III Междунар. науч. конф. (г. Казань, март 2018 г.). — Казань : Молодой ученый, 2018. -С. 46-47.
11. Сухова Т. С. «Урок биологии. Библиотека учителя». Москва: «Вентана – Граф», 2001. 189 с.
12. Сатторов Т. Зоология. Китоби дарсӣ барои синфи 8. -Д.: Нашриёти «Маориф».-2019.-223с.
13. Султонов С. Ботаника барои синфи 5 / Султонов С., Давлатзода С., Баротов К.А. ва диг. - Д.: Нашриёти ирфон, 2023. - 160 с.-С. 114-117
14. Устоев М. Биология. Анатомия, физиология ва гигиенаи одам.-Душанбе. Маориф.-2023. 240с.-С.71-73

АҲАМИЯТИ ДАРСҲОИ ЛАБОРАТОРӢ ВА АМАЛӢ ДАР ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ- ТАДҚИҚОТӢ ВА ТАЙЁРИИ КАСБӢ-МЕТОДИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ ФАННИ БИОЛОГИЯ

Дар мақола муаллиф оид ба аҳамияти ба роҳ мондани дарсҳои кори лабораторӣ ва амалӣ дар ташаккул додани фаъолияти илмӣ- тадқиқотӣ ва тайёрии касбӣ-методии омӯзгорони ояндаи биология маълумот додааст.

Ӯ қайд намудааст, ки донишҳои методие, ки донишҷӯён аз фанни «Методикаи таълими биология» ба андухта шудаанд, дар дарсҳои кори лабораторӣ ва амалӣ бо мақсади ташаккул додани

малакаҳои амалии онҳо зимни ташкили дарсҳои биологияи МТМУ-и муосир истифода мешаванд. Мақсади асосии ин дарсҳо амиқтар ва васеъ намудани донишҳои аз лексияҳо андӯхташуда, инчунин ташаккул додани малакаҳои касбии омӯзгорони ояндаи биология мебошад.

Дар ҷараёни машғулиятҳои лабораторӣ ва амалӣ ба омӯзиши мушкилоти мубрами таълими биологияи МТМУ ва ташаккул додани малакаҳое, ки ба ҳалли самараноки онҳо мусоидат менамоянд, диққати махсус дода мешавад. Дар дарсҳои кори лабораторӣ аз методҳои гуногун: кори мустақилона, супоришоти эҷодӣ, таҳияи лоиҳаҳо ва ғайраҳо истифода бурда мешавад.

Дарсҳои лабораторӣ ва амалӣ ба ташаккулёбии малакаҳои амалии донишҷӯён-омӯзгорони ояндаи биология ва барои истифодаи донишҳои биологиашон дар фаъолияти касбӣ равона карда мешавад.

Яке аз вазифаҳои машғулиятҳои амалӣ аз ҷониби донишҷӯён азхуд кардани малакаҳои тартиб додани нақшаи дарсҳо, тарҳрезии фаъолияти педагогии омӯзгор ва фаъолияти маърифатии хонандагон буда, таҷрибаи бадастомада дар давраи таҷрибаомӯзии педагогӣ истифода мешавад.

Дарсҳои лабораторӣ ва амалӣ ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки хатоҳо ва нуктаҳои манфии дар кори омӯзгорони биология роҳ додашударо ошкор созанду барои ислоҳи онҳо тавсияҳои худро пешниҳод намоянд. Ҳангоми гузаронидани дарсҳои лабораторӣ ва амалӣ нақши омӯзгор аз ташкил, роҳбарӣ ва машваратдиҳӣ ба донишҷӯён иборат аст. Ҳамин тариқ, истифодаи корҳои лабораторӣ дар ташкили кори мустақилона ва тадқиқотии донишҷӯён хеле муҳим аст.

Калидвожаҳо: *корҳои лабораторӣ ва амалӣ, фаъолияти тадқиқотӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, донишгоҳи омӯзгорӣ, донишҷӯ, хонандагон, барномаи таълимӣ, корҳои мустақилона.*

ЗНАЧЕНИЕ ЛАБОРАТОРНО-ПРАКТИЧЕСКИХ ЗАНЯТИЙ В ОРГАНИЗАЦИИ НАУЧНО-ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ И ПРОФЕССИОНАЛЬНО-МЕТОДИЧЕСКОЙ ПОДГОТОВКИ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ БИОЛОГИИ

В статье автор рассказал о важности проведения лабораторных и практических занятий в формировании научно - исследовательской деятельности и профессионально-методической подготовки будущих преподавателей биологии.

Он отметил, что методические знания, приобретенные студентами по предмету «методика преподавания биологии», используются на лабораторных и практических занятиях с целью формирования у них практических навыков при организации уроков биологии современного СОШ. Основная цель этих занятий-углубить и расширить знания, полученные на лекциях, а также развить профессиональные навыки будущих учителей биологии.

В ходе лабораторных и практических занятий особое внимание уделяется изучению актуальных проблем преподавания биологии в МГУ и развитию навыков, способствующих их эффективному решению.

На занятиях по лабораторной работе используются различные методы: самостоятельная работа, творческие задания, разработка проектов и др. Лабораторные и практические занятия будут направлены на формирование практических навыков студентов-будущих преподавателей биологии и на применение их биологических знаний в профессиональной деятельности.

Одной из задач практических занятий является овладение учащимися навыками составления плана урока, проектирования педагогической деятельности учителя и познавательной деятельности учащихся, а полученный опыт используется в период педагогической практики. Лабораторные и практические занятия позволяют студентам выявить ошибки и недостатки, допущенные в работе учителей биологии, и дать свои рекомендации по их исправлению.

При проведении лабораторных и практических занятий роль преподавателя заключается в организации, руководстве и консультировании студентов. Таким образом, использование лабораторных работ очень важно при организации самостоятельной и исследовательской работы студентов.

Ключевые слова: *лабораторные и практические работы, исследовательская деятельность, учреждения высшего профессионального образования, педагогический университет, студент, учащихся, учебная программа, самостоятельная работа.*

THE IMPORTANCE OF LABORATORY AND PRACTICAL CLASSES IN THE ORGANIZATION OF RESEARCH ACTIVITIES AND PROFESSIONAL AND METHODOLOGICAL TRAINING OF FUTURE BIOLOGY TEACHERS

In the article, the author spoke about the importance of conducting laboratory and practical classes in the formation of research activities and professional and methodological training of future biology teachers.

He noted that the methodological knowledge acquired by students on the subject of "methods of teaching biology" is used in laboratory and practical classes in order to form their practical skills in organizing biology lessons of modern secondary schools.

The main purpose of these classes is to deepen and expand the knowledge gained in lectures, as well as to develop the professional skills of future biology teachers. During laboratory and practical classes, special attention is paid to the study of topical problems of teaching biology at Moscow State University and the development of skills that contribute to their effective solution.

Various methods are used in laboratory work classes: independent work, creative tasks, project development, etc. Laboratory and practical classes will be aimed at developing the practical skills of students-future biology teachers and at applying their biological knowledge in professional activities.

One of the tasks of practical training is to master the skills of drawing up a lesson plan, designing the teacher's pedagogical activity and the cognitive activity of students, and the experience gained is used during pedagogical practice.

Laboratory and practical classes allow students to identify mistakes and shortcomings made in the work of biology teachers and give their recommendations on how to correct them.

Key words: *laboratory and practical work, research activities, institutions of higher professional education, pedagogical university, student, students, curriculum, independent work.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Баротзода Камолиддин Ашур дотсенти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Сведения об авторе: *Баротзода Камолиддин Ашур доцент Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел:(+992) 934050446.*

Information about the author: *Barotzoda Kamoliddin Ashur docent, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel:(+992) 934050446.*

УДК: 37,0 + 378 (075,8)
ББК: 74, 5 (2 тоҷ)
Д-14

САМАРАНОКИИ ТАШКИЛИ ТАРБИЯИ АХЛОҚИИ НАСЛИ НАВРАС

Давлатова Н. Ҳ
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

«Мактаб дар сурате ба ташаккули ахлоқу рафтор ва донишазхудкунии кӯдакон бештар муваффақмегардад, ки агар бо падару модарон ҳамкории наздик, мақсади ягона дошта бошад.Таълиму тарбияи хуби фарзанд аз оила шурӯъ мегардад ва дар натиҷаи ҳамкории омӯзгорону волидон сайқал меёбад».

Эмомалӣ Раҳмон

Дар шароити кунунӣ, ки Тоҷикистон Истиқлол ба даст овард дар тамоми соҳаҳо аз ҷумла дар соҳаи маориф дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Вобаста ба тағйироти нави сиёсию иҷтимоӣ фаъолияти мактабу маориф комилан ба таври нав ҷараён гирифт. Дар таълиму тарбия оила ва мактаб бояд роҳҳои тозаю судмандро пеш гиранд. Раванди таълиму тарбияро тавре ба роҳ мондан лозим аст, ки фарзандони мо нафақат таълиму дониш гиранд, балки баробари омӯзиши асосҳои илм беҳтарин сифатҳои инсониро низ доро бошанд, шахрвандони аз ҷиҳати маънавӣ комил, хештаншинос инсони эҷодкору сарбаланд тарбия ёбанд. Дар мактаб пеш аз ҳама бояд шахсият, инсони мустақил, инсони озоду эҷодкор ва соҳибихтиёр ба камол расад. Дар Консепсияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки роҳнамои асосии омӯзгорон дар соҳаи тарбияи насли наврас мебошад ин нуқта ба таври зайл таъкид шудааст: «Умдатарин вазифаи мактаб ба инсон рӯ овардан аст, ки дар мафҳумҳои таълиму тарбия, инкишофи малакаву маҳорат, қобилияту истеъдоди инсони соҳибмаърифату фаъол, сиҳатию саломатии ӯ ташаккули шахс муносибати инсон ба табиату ҷамъият, сарфарозии ӯ аз мавҷудияти худ таҷассум меёбад» [10, -С.14].

Мушоҳидаҳои мо нишон доданд, ки дар солҳои охир дар ҷомеа тарбияи ахлоқӣ хеле коҳиш ёфтааст. Баъзе аз омӯзгорону волидон ба тарбияи шогирдон, фарзандон эътибори дуруст надодаанд. Ҳол он ки дар мавриди тарбияи насли наврас омӯзгорону волидон баробар масъуланд. Оила манбаест, ки дар он ҳар як фард ба дунё меояд, тарбия меёбад ва ба камол мерасад. Бештари масъулият бар души падару модар аст. Ба қавли Абӯалӣ Ибни Сино «Ҳангоми фитоми бача, яъне замоне, ки шир хӯрдани бача тамом шуда, мубаддал ба ғизоҳои дигар мегардад, шурӯъ шавад ба тарбия»[3, -С.98].

Падару модар ба қисмати фарзанди худ ва ҷомеа дилсӯзу ғамхор бошанд. Пас бояд аз нахустин қадамҳо кӯдак ба роҳи камолоти маънавию ахлоқии ӯ саъй варзанд, яъне ҳаргиз ба он набояд роҳ дод, ки бача ба сари худ калон шавад. Як лаҳза аз ҳоли ӯ ғофил набояд монд.

Лозим ба ёдоварист, ки дар Қонунини Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» таъкид шудааст, волидайн бояд на танҳо ба бачаҳо ахлоқу одоби ҳуҷастаро омӯзанд, балки онҳо вазифадоранд, ки «Фарзандонро дар рӯҳияи башардӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, ҳисси накӯкорӣ, раҳмдилӣ, муносибати боэҳтиромона нисбати аҳли хонавода, забони модарӣ, адабиёту таърих, эҳтиром нисбат ба арзишҳои миллӣ, таърихӣ, фарҳангии дигар халқҳо тарбия намоянд».

Таҷрибаи мо нишон дод, ки агар бача дар оила тарбияи хуб ёфта бошад, сиёсату сарзаниш аз рафтори бад дид, сабақи маънавию ахлоқӣ гирифт дар мактаб низ худро нигоҳ медорад ба амалҳои ношоиста майл намекунад. Амале, ки барои тарбияи ахлоқӣ бунёд ҳисоб мешавад ин одат аст. Одатҳои хуб ё бадро кӯдак пеш аз ҳама аз оила мегирад. Ба қавли Унсурулмаолии Кайковус барои инсон «Ҳеҷ душман бадтар аз хӯи бад нест».

Хӯи бад ақлро тира ва чашмро хира месозад ва ӯ амали некро дида наметавонад, ба маънии некӣ сарфаҳм намеравад. Рисолати волидайн дар он аст, ки «ба василаи тарғиб ба корҳою чизҳои неку ва тарсондан аз корҳои нораво ва чизҳои бад онҳоро дар роҳи зиндагонии зебою солеҳ сияр диҳанд. Ва ба сабаби ваъда ба ҷазои хуб ба кирдори хуб ва бим додан ба кайфари бад дар муқобили рафтори бад ва ба василаи бахшиш ва кирмон ононро ба анҷоми вазифа ва таклифашон водор намоянд»

Фариддуни Аттор хулқу одоби некро одоби аз ҳама беҳтарин шуморидааст.

Беҳтарини чизҳо хулқи накӯст,

Халқ хулқи некро доранд дӯст [4, -С.124].

Асосан бача дар мактаб ба рукнҳои тарбия дақиқтар шинос мешавад. Зеро дар мактаб омӯзгорон аз назарияи тарбия ва усули илмии он хуб огоҳанд, бевосита ба тарбияи бачаҳо сару кор мегиранд. Таҷриба шаҳодат медиҳад, ки омӯзгорон тибқи синну сол, феълу хуй, хислат ва хусусиятҳои равонии хонандагон мепардозанд, онҳо хусусиятҳои синну солиро ба назар гирифта ба наврасон чӣ гуна муносибат карданро хуб медонанд.

Таълиму тарбия бо ҳамдигар робитаи қавӣ дошта, яке бе дигаре вуҷуд дошта наметавонад. Тарбия ва таълим ду шоҳсутуне ҳастанд, ки бинои вуҷуди инсон болои он пойдор хоҳад монд.

Мушоҳидаҳои мо нишон дод, ки баъзе падару модарон барои фарзандони хеш молу сарвати зиёде ба мерос мегузоранд вале боре сухани нек ё як амали хайр ёд надода ба онҳо роҳи ростро нишон намедиҳанд. Ба қавли Унсурулмаолии Кайковус «Фарзандонро меросе беҳ аз адаб нест!» [8, -С.113].

Молу сарват бақо надорад, зуд ба бод меравад, аз худ нишоне намемонад, вале сухани нек, панду андарзи нек сахт дар хотири бача нақш хоҳад баст, тамоми умр роҳнамои ӯ хоҳад буд. «Як насиҳат зи сари сидқ ҷаҳоне арзад»-гуфта Саъди Шерозӣ [4, -С.98].

Таҷриба собит менамояд, ки бархе аз омӯзгорон аз шеваҳои муассири тарбия огоҳ нестанд, роҳу равиши судманди тарбияро намедонанд. Аз ин лиҳоз, онҳо ба ҷойи тарбия шогирдонро таҳқир мекунанд, меранҷонанд, озор медиҳанд. Аз тарафи дигар, дастрас набудани асарҳое, ки асрҳои гузашта дар мавзӯи ахлоқ навишта шуда буданд (чандон дастрас набуданд).

Асари гаронбаҳои «Калила ва Димна», ки бо нигориши муомилаю муносибати баъзе аз ҳайвонот пандҳои зиндагиро ба хотири мо мерасонад, китоби дилангези Унсурулмаолии Кайковус «Қобуснома», ки ҳар як сатраш саршор аз насиҳату андарз аст, ашъори диловези Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ, «Гулистон ва Бӯстон»-и бехазони Саъдӣ, «Зафарнома»-и Ибни Сино, пандҳои Фариддадини Аттор, «Кимиёи саодат»-и Эмом Ғазолӣ, маснавии назмию панду ахлоқии «Нон ва ҳалво», «Ширу шакар»-и Шайх Баҳоӣ, ҳикоятҳои Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва ғайра дар ҷевони китобхонаи ҳар як оила бошанд, аз онҳо комилан истифода бояд бурд. Ин китобҳо ва асарҳои зиёди ахлоқӣ бояд ҳамеша ҳамроҳи омӯзгорон, роҳбарони синфҳо, кураторони гуруҳҳои таълимӣ бошанд ва дар лаҳзаҳои зарурӣ (дарс, суҳбату маҳфилҳо, чорабиниҳои беруназсинфӣ ва ғайра) мавриди муҳокима қарор бигиранд.

Мушоҳидаҳои мо нишон дод, ки баъзе аз омӯзгорон низ муҳтоҷи аст тарбия ҳастанд. Хуб мешавад, ки онҳо усули худтарбияро, ки муассиртарин усул бештар ба кор баранд ва онро ба шогирдон низ талқин созанд. Дигар омили самаранокии тарбияи ахлоқии хонандагон ин бо роҳи муқоиса ба онҳо нишон додани мафхумҳои ахлоқӣ мебошад. Мисол, дар ҳар деҳа, ноҳия, вилоят ё шаҳр маҳаллҳо одамони хушахлоқу поквиҷдон бисёранд. Дар ҳолатҳои гуногун онҳоро ба хонандагон ҳамчун мисол ва намунаи ибрат бояд нишон дод. Аз рӯзгори эшон мисолҳо оварда, шогирдонро бо ҳамон роҳ ҳидоят бояд кард.

Оид ба ин масъала ҳаким Ибни Сино овардааст: «Касе, ки мехоҳад дар ахлоқу одоби худ тасарруф ва ислоҳ бикунад, бояд аз ахлоқу сифату одоти худ муқоиса бинамояд. Ва бидонад, ки ӯҳам монанди дигарон аст, ашрофи башар мисли ӯ шабеҳи ҳамдигаранд» [3, -С.128].

Баъзан ҳам волидон ва ҳам устодони мактаб тарбияро хеле маҳдуд мегиранд. Одатан бо талқини ду-се ҷумла «аз худ калонро эҳтиром кунед», «гапи падару модарро нагардонед», ба калонсолон салом ё ҷой диҳед ва ғайра қаноат меварзанд, ҳоло он ки тарбия доираи бағоят

васеъ дошта масъалаҳои гуногунро дар бар мегиранд. Аз ҷумла ақидаю эътиқоди маънавӣ доштан, якрӯю якниҳод будан, аз қавли худ нагаштан, ба касе хиёнат ва бевафоӣ накардан, инсофу адолат доштан ва ғайра низ рукнҳои муҳимми тарбияи ахлоқӣ ба шумор меравад, ки дар бисёр ҳолатҳо аз назари омӯзгорон ва падару модарон дур мемонанд.

Дарс шакли асосии кори таълиму тарбия дар мактаб аст, ки ҳар як дарс се самт ё се вазифа дорад: таълимӣ, тарбиявӣ ва тараққидиҳандагӣ, ки омӯзгоронро зарур аст аз онҳо моҳирона бояд истифода баранд. Ояндаи инсон аз тарбия ва аз ахлоқи ҳамидаи ӯ вобаста аст.

Агар фарзандон, шогирдони мо нағз тарбия ёбанд, рӯзгори инсону ҳаёти ҷомеаро обод хоҳанд дошт. Агар бетарбия монанд, пас, ҷомеаи инсонӣ рӯ ба хароба хоҳад ниҳод ва охируламр ба харобазор табдил хоҳад ёфт. Зумрае аз файласуфони Ҳинд ба хулосае омаданд, ки «Инсон мавҷудест мухтор ва фитратан на хуб аст ва на бад. Лекин чун ба бади гарояд ба мартабаи пасти ҳайвонӣ таназзул мекунад ва агар рӯ ба хубӣ равад ба мартабаи малакутӣ мерасад» [3, -С.128].

Сари ин сухан андеша мебояд кард.

Асоси тарбияро тарбияи маънавию ахлоқӣ, меҳнатӣ, эстетикӣ, ҷисмонӣ, экологӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ ташкил мекунад. Воситаҳои ҳамкории мактабу оила дар самаранок ташкил намудани тарбияи ахлоқии хонандагони хурдсол асосан тариқи зайл сурат гирад аз манфиат холӣ нест.

Падару модарон, мактаб, муассисаҳо, ташкилотҳоро лозим аст, ки барои самаранокии тарбияи ахлоқи шароити зарурӣ муҳайё кунанд.

Мувофиқи шароити оила ва мактаб тарбияи ахлоқии наврасон ба роҳ монда шавад;

Самараи корҳои тарбиявӣ ба хусус маънавӣ-ахлоқӣ он вақт мусбат натиҷагири мешавад, ки агар омӯзгорон, волидайн, роҳбарони синф мақсад,мазмун, мақом ва методу усули тарбияро ба хубӣ донанд;

Барои бехтар шудани корҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ бояд тамоми ҳайати омӯзгорон, волидон, аҳли ҷомеа ва муассисаҳои беруназмактабӣ масъулиятнок бошанд;

Суҳбатҳо, шабнишиниҳо, чорабиниҳои тарбиявӣ, фарҳангӣ, ҷашнҳо, лексияҳоро фаровон истифода баранд;

Оила, волидон, омӯзгорон, роҳбарони синфҳо, коркунони муассисаҳои беруназмактабӣ, созмонҳои талабагӣ, шуроҳо, аҳли ҷомеа бо роҳҳои гуногун оид ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии наврасон тадбирҳо андешанд;

Ҷорӣ намудани талаботи ягонаи педагогӣ дар тарбияи ахлоқии бачаҳо;

Вазифаи аввалиндараҷа ҳисобидани тарбияи ахлоқии наврасон дар назди аҳли ҷомеа, мактаб, падару модар;

Муҳайё будани муҳити солими маънавӣ -ахлоқӣ барои наврасон;

Истифодаи бомавқеи омилҳои сиёсӣ (оинаи нилгун) барои наврасон;

Серталабии қатъӣ нисбати тарбияи маънавӣ- ахлоқии фарзандон, шогирдон;

Гузаронидани суҳбатҳо, конференсияҳо, маҳфилҳо дар мавзуҳои ахлоқӣ: «Поквичдонӣ чист?», «Аёдати бемор», «Дурӯягӣ бадтарин хислати инсон», «Ахлоқ аз нигоҳи дин», «Рафтан ба гуристон» ва ғайра;

Хулоса, ба корҳои тарбияи ахлоқӣ фаро гирифтани мактабиён, дар наврасон тарбия намудани ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, шарафу шарафнокӣ, ҷустуҷӯ ва эҷодкорӣ, некию некбинӣ, ҳиммтбаландӣ, покию покизакорӣ, ростию парҳезкорӣ, шарму ҳаё, омӯзиши илму маърифат, эътиқод, дӯстию рафоқат, сулҳу салоҳ, муқаддас доштани об, хок, замин, оташу ҳаво, ҳурмати волидайн ва калонсолон, эҳтироми хурдсолон, эҳтироми муқаддасоти Ватан ва ғайра. Дар маҷмуъ тарбияи ахлоқӣ-маънавӣ аз рафтору одоби насли наврас дур кардани хислатҳои бади инсонӣ ва дар онҳо ташаккул додани сифатҳои ахлоқи ҳамидаи инсонӣ мебошад.

АДАБИЁТ:

1. Айнӣ С. Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ». - Душанбе: Ирфон, 1985. - 325. саҳ
2. Абуалӣ ибни Сино. Пирӯзнома. - Душанбе: Маориф, 1980. - 102 с.
3. Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. Душанбе, 1986. –С. 186.
4. Абдураҳимов К. С. Ақидаҳои педагогии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (матн) К. С. Абдураҳимов. Душанбе: Ирфон, 2003. -265с.
5. Гулмадов Ф. Теоретические основы формирования духовнонравственных убеждений учащихся начальных классов: автореф. дис....д-ра пед. наук: 13.00.01 / Гулмадов Ф. - Душанбе, 2016. - 45 стр.
6. Ғафуров Б. Тоҷикон, таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. Ч,. 1, 2. - Душанбе: Ирфон, 1998, 2021.
7. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-1995

8. У. Кайковус «Қобуснома». Душанбе-1979. –С. 148.
9. Лутфуллоев М. Педагогикаи Аҷам. М. Лутфуллоев, Душанбе, 1999
10. Орифӣ М. Аз таърихи афкори педагогии халқи тоҷик. Ҷ,.1 (асарҳои 10-11). –Душанбе, 1962.
11. Раҳмонов Э. Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих / Э. Ш.Раҳмон [Матн]. Душанбе, 1999.-С. 32-33.

САМАРАНОКИИ ТАШКИЛИ ТАРБИЯИ АХЛОҚИИ НАСЛИ НАВРАС

Дар мақолаи мазкур муайян намудани роҳҳои ҳалли мушкилоти косташавии ахлоқи насли наврас ва самтҳои асосии тарбияи маънавӣ-ахлоқии насли наврас аз нуқтаи назари илмӣ, ҳадал имкон кушода шудаанд.

Ҳадафи мақола ин муайян намудани масъалаҳои назариявӣ ва амалии тарбияи арзишҳои маънавӣ-ахлоқии насли наврас ва муайян кардани алоқамандии ақидаҳои педагогии гузаштагон бо таҷрибаҳои муосири омӯзишу парвариши насли наврас роҷеъ ба тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ мебошад.

Муаллиф таъкид менамояд, ки агар бача дар оила тарбияи хуб ёфта бошад, сиёсату сарзаниш аз рафтори бад дид, сабақи маънавию ахлоқӣ гирифт дар мактаб низ худро нигоҳ медорад ба амалҳои ношоиста майл намекунад. Амале, ки барои тарбияи ахлоқӣ бунёд ҳисоб мешавад ин одат аст. Одатҳои хуб ё бадро кӯдак пеш аз ҳама аз оила мегирад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки баъзе аз омӯзгорон низ муҳоҷи тарбия ҳастанд. Хуб мешавад, ки онҳо усули худтарбияро, ки муассиртарин усулҳост бештар ба кор баранд ва онро ба шогирдон низ талқин созанд. Дигар омили самаранокии тарбияи ахлоқии хонандагон ин бо роҳи муқоиса ба онҳо нишон додани мафҳумҳои ахлоқӣ мебошад.

Муаллиф ба корҳои тарбияи ахлоқӣ фаро гирифтани хонандагон дар наврасон тарбия намудани ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, шарафу шарафнокӣ, ҷустуҷӯ ва эҷодкорӣ, некию некбинӣ, ҳиммatбаландӣ, покию покизакорӣ, ростию парҳезкорӣ, шарму ҳайё, омӯзиши илму маърифат, эътиқод, дӯстию рафоқат, сулҳу салоҳ, муқаддас доштани об, хок, замин, оташу ҳаво, ҳурмати волидайн ва калонсолон, эҳтироми хурдсолон, эҳтироми муқаддасоти Ватан ва ғайраро зарур мешуморад.

Дар маҷмуъ тарбияи ахлоқӣ-маънавӣ аз рафтору одоби насли наврас дур кардани хислатҳои бади инсонӣ ва дар онҳо ташаккул додани сифатҳои ахлоқи ҳамидаи инсонӣ мебошад.

Калидвожаҳо: *оила, мактаб, тарбия, рафтор, тарбияи ахлоқӣ, малака, маҳорат, қобилият, хонанда, эҳтиром, омил, мушоҳида*

ЭФФЕКТИВНАЯ ОРГАНИЗАЦИЯ НРАВСТВЕННОГО ВОСПИТАНИЯ ПОДРАСТАЮЩЕГО ПОКОЛЕНИЯ

В данной статье по мере возможности раскрыты проблемы снижения уровня поведения подрастающения поколения и основные направления духовного воспитания с научной точки зрения.

Цель данной статьи – определение теоретических и практических задач, духовно-нравственных ценностей подрастающего поколения и определение взаимосвязи педагогических взглядов мыслителей прошлого с современным опытом обучения и воспитания подрастающего поколения, относительно духовно-нравственного воспитания.

Автор подчеркивает, что если ребенок хорошо воспитан в семье, увидел упреки за плохое поведение, получил моральный урок в школе тоже не склонен к недобрым поступкам. Действие, которое считается основой для морального воспитания, - это привычка. Хорошие или плохие привычки ребенок получает в первую очередь от семьи.

Наблюдения показывают, что некоторые преподаватели также нуждаются в обучении. Хорошо, что они применяют метод самодисциплины, который является наиболее эффективным методом, и прививают его и ученикам. Еще одним фактором эффективности нравственного воспитания школьников является показ моральных концепций путем сравнения с ними.

Автор считает необходимым включить в труд нравственное воспитание школьников, воспитание у подростков целостной человеческой нравственности, чести, благородства, поиска и творчества, оптимизма, благочестия, благочестия, чистоты, праведности, стыда, изучения науки и просвещения, верований, дружбы и товарищества, мира и спокойствия, уважения родителей и взрослых, уважения к святости Родины и др.

В целом нравственно-моральное воспитание состоит в том, чтобы убрать плохие человеческие качества из поведения и этики подрастающего поколения и сформировать в них общие нравственные качества человека.

Ключевые слова: *семья, школа, воспитание, поведение, наравственое воспитание, умение, навыки, спасобность.*

EFFECTIVE ORGANIZATION OF MORAL EDUCATION OF THE YOUNGER GENERATION

In this article, the possible of the problems of reducing the level of behavior of the younger generation and the main directions of spiritual education from a scientific point of view are revealed. The purpose of this article is to identify theoretical and practical tasks, spiritual and moral values of the younger generation and to determine the relationship of the pedagogical views of the thinkers of the past, with modern experience and practices of teaching and educating the younger generation related to spiritual and moral education.

The author emphasizes that if a guy is well-brought up in a family, saw politics and was reproached for bad behavior, received a moral and moral lesson at school, he is also not prone to unkind deeds. The action

that is considered the basis for moral education is habit. The child gets good or bad habits primarily from the family.

Observations show that some teachers also need training. It is good that they apply the method of self-discipline, which is the most effective method, and instill it in the students as well. Another factor in the effectiveness of moral education of schoolchildren is the display of moral concepts by comparison with them.

The author considers it necessary to include in the work the moral education of schoolchildren, the education of adolescents of integral human morality, honor, nobility, search and creativity, optimism, piety, purity, righteousness and piety, shame, the study of science and enlightenment, beliefs, friendship and camaraderie, peace and tranquility, sanctification of water, soil, Earth, Fire, Air, respect for parents and adults, respect for the sanctity of the Motherland, etc. Moral education in general consists in removing bad human qualities from the behavior and ethics of the younger generation and forming common moral qualities of a person in them.

Key words: *family, school, upbringing, behavior, ethical education, skills, abilities, student, respect, factor, observation*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Давлатова Н. Ҳ н. и. п., кафедраи умумидонишгоҳии педагогика, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Сурога: ҶТ, 735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16.Тел: (+985) 40-22-02*

Сведения об авторе: *Давлатова Н. Х. к. п. н., доцент общеуниверситетской кафедры педагогики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки адрес: РТ, 735360, г.Куляб, улица С.Сафарова -16.Тел: (+985) 40-22-02*

Information about the author: *Davlatova N.- Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Pedagogy, Kulyab State University named after Abuabdullo Rudaki. Address: RT, 735360, Kulyab, S. street Safarov 16. Тел: (+985) 40-22-02*

ТДУ:373+37.02(575.3)

ҲАВЗАИ АДАБИИ ВОДИИ ҲИСОР ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАҲАВВУЛИ ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ (асрҳои XVI-XX)

Ҷӯраева Х. Ё.

Донишгоҳи давлатии Омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар таърихи рушди тамаддун, фарҳанг ва адабиёти тоҷик водии Ҳисор нақши босазо дорад. Дар тӯли таърих аз ин водӣ шоирону нависандагон, уламову урафо, хаттотону ҳунармандони касбу ҳунарҳои мухталиф ба майдон омада, ҳар яке дар рушду нумӯи фарҳанг ва адабиёти миллӣ нақши созгор гузоштаанд. Баъд аз Самарқанду Бухоро доираи адабии Ҳисор яке аз ҳавзаҳои муҳимми адабӣ дар Мовароуннаҳр маҳсуб меёфт. Ҳавзаи адабии водии Ҳисор ва рӯзгору осори шоирони ин водӣ ба тавре ки шоиста аст, мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтааст.

Доир ба суханварону намояндагони илму адаби ин водӣ дар як қатор сарчашмаҳои адабию таърихӣ сухан рафтааст. Аз ҷумла дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, дар «Маҷолис-ун-нафоис»-и Алишери Навоӣ, дар тазкираи «Таърихи Рашидӣ»-и Мирзо Муҳаммади Ҳайдар, дар «Рӯзи равшан»-и Мавлавӣ Ҳусайни Сабо, дар «Музаккир-ул-асҳоб»-и Малеҳои Самарқандӣ, дар «Миръот-ул-хаёл»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ, дар «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ва дар «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод Садриддин Айнӣ. Дар ин сарчашмаҳо дар бораи доираи адабии Ҳисор ва баъзе намояндагони адабиёт ва илму ҳунари он ба қадри ҳол маълумот оварда шудааст.

Водии Ҳисор воқеан, яке аз манотиқи фарҳангиест, ки аҳли илму адаб дар тӯли таърих ба ин мулк рӯй меовардаанд. Ҳисори Шодмон дар таърихи кишварҳову марзҳои Осиёи Миёна ҳамчун яке аз марказҳои муҳимми иқтисодӣ – сиёсӣ ва илмиву фарҳангӣ мақоми хосса дошт.

Дар нимаи дувуми асри XVIII ва аввали асри XIX таърихи адабии водии Ҳисор яке аз даврони пурмаҳсул ба ҳисоб меравад, зеро дар ин давра шоирону нависандагони зиёде ба майдони адабиёт омада буданд: “Маркази муҳимми адибони ин давра шаҳри Бухоро ҳисоб меёфт ва Ҳисор низ албатта доираи адабии худро дошт. Ин ду марказ бо ҳам алоқаи зичи эҷодӣ доштанд. Аз ин бармеояд, ки водии Ҳисорро аз водиҳои қадимаи тоҷикнишин ва маркази илму маданияти тоҷикон шумурдан аз ҳақиқат дур нест” [5, 217]. Беҳтарин намояндагони адабиёти ин давра Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ, Парии Ҳисорӣ, Ҷазбии Ҳисорӣ, Комил, Мавзун, Мирзо Мункӣ мебошанд. Мирзо Муллоаҳмадов дар мақолаи «Ҳавзаи адабии Ҳисор ва баъзе аз вижагиҳои он» доир ба доираи адабии Ҳисор чунин менависад: «Яке аз муҳимтарин ҳавзаҳои адабии Мовароуннаҳр, ки дар рушди раванди адабиёти тоҷик таъсир гузоштааст, доираи адабии Ҳисор мебошад» [6, 75].

Бино ба шаҳодати сарчашмаҳои хаттии асримиёнагӣ ва кашфиёти бостоншиносон Ҳисор таърихи хеле бою қадима дошта, бо мардуми ҳунармандаш шуҳрати ҷаҳонӣ касб кардааст. Номи Ҳисор дар чандин сарчашмаҳои таърихии асримиёнагӣ, аз ҷумла «Футуҳ-ал-булдон»-и Балазурӣ (асри VIII), «Ашкол-ул-олам»-и Ҷайҳонӣ (асри IX-X), «Ҳудуд-ул-олам»-и муаллифаш номаълум (асри X) зикр ёфтааст, ки аз қадимӣ будани ин водӣ дарак медиҳад.

Ҳисор маркази муҳимми илму адаб ва ирфон буда, пайравони роҳи тариқат низ рӯ ба ҷониби ин водӣ зархез кардаанд. Ҳазрати Мавлоно Яъқуби Чархӣ (халифаи Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанди Бухорӣ), Хоҷа Аҳрори Валӣ (халифаи Мавлоно Яъқуби Чархӣ), Шайх Ҳусайни Хоразмӣ, наберагони Махдуми Аъзам (Хоҷа Аҳмади Косонии Даҳбедӣ, шоир ва донишманд Мавлоно Қабули Бухорӣ аз ҷумлаи ин нафарон буданд. Абдураҳмони Ҷомӣ яке аз пешвоёни тариқати нақшбандия, шоир, арбоби шариат ва раҳнамои роҳи тариқат барои дидорбинӣ бо Мавлоно Яъқуби Чархӣ ба Ҳисор сафар намудааст. Ҳазрати Мавлавӣ Сӯфӣ Қаландаршоҳи Валии Қандаҳорӣ – соҳиби “Маъдан-ул-ҳол” низ Водии Ҳисорро макони зист қарор дода буд, ки марқадаш дар деҳаи Роҳатӣ воқеъ аст.

Дарвоқеъ, Ҳисор мулки пуриқтидор, шуҳратманди Машриқзамин, дорои доираи адабию фарҳангӣ буда, бо аҳли илму адабӣ ва муассисоти фарҳангии худ шуҳрат дошт. Адибони ин водӣ на танҳо барои муаррифии адабиёти як гӯшаи Тоҷикистони имрӯз саҳм гузоштаанд, балки барои ғанӣ гаштани адабиёти тоҷику форс, дар маҷмуъ тамоми форсизабонон хизмат намудаанд.

Водии Ҳисор яке аз нуқтаҳои муҳимми адабӣ буд, ки дар тӯли асрҳо донишмандон, шоирону орифон ва фозилони зиёдеро тарбия намудааст. Дар Ҳисор ҳанӯз аз қадим доираҳои адабӣ вуҷуд доштанд. Асри XV ва XVI аз зумраи асрҳое буданд, ки доираи адабӣ хеле ривоҷ ёфта буд. Маҳфил адибони зиёдеро ба ҳам оварда буд. Ҷунунии Ҳисорӣ, Ғарибии Ҳисорӣ, Туфайлии Ҳисорӣ, Фатҳии Ҳисорӣ, Зиллоҳи Ҳисорӣ ва ғайраҳо аз ҷумлаи шоирони хушсалиқаи Ҳисор буданд.

Адабиёти ин водӣ рушди адабиёти тоҷик таъсири ҷиддӣ гузоштааст. Дар таҳқиқи доираи адабии Ҳисор Садриддин Айнӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Аҳрор Мухторов, Амирбек Ҳабибов, Собири Шоҳонӣ, Ғолиб Ғоибов, Зафар Дӯстов, Шодибек Собирӣ ва дигарон хизмати бузург кардаанд.

Дар ин водӣ нафароне низ буданд, ки ба касби хаттотӣ майл доштанд. Бо вуҷуди ба ҳунари котибӣ машғул будан, инчунин ҳунари хуби шеърнависӣ низ доштанд. Муҳаммадризо ибни Оллоҳқулии Хонақоҳӣ, Мирмуҳаммадшариф ибни охунд Мулло Одинамуҳаммади Қаротоғӣ, Мулло Менглибои Ҳисорӣ, Мулло Мирзо Ҳамдами Балхӣ ибни Мулло Абдулвоҳид, Мулло Хоҷабадал ибни Хоҷа Исҳоқи Ҳисорӣ, Мулло Сайидабдуннабӣ ал-Ҳисорӣ, Шайх Абдурраҳими Давлат – мулаққаб ба Ҳазрати Бузургвори Элокӣ - шоир ва ориф, Мулло Абдусалом ибни Мулло Неъматулло ал-Хоразмӣ ал-Хонақоҳӣ, Мирзо Абдуллоҳи Ҳисорӣ, Хоҷа Абдуллатифи Ҳисорӣ аз зумраи ин нафарон буданд.

Доираи адабии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX низ дар авҷи нумӯъ буд. Муҳаммадбадеъ бинни Муҳаммадшарифи Малеҳои Самарқандӣ (1650) дар асараш «Музаккир ул-асҳоб», ки соли 1729-1730 китобат шудааст, оид ба яке аз аҳли адаби Ҳисор Мулло Сабрии Ҳисорӣ маълумот додааст. Бино ба гуфтаи Малеҳо, дар паҳлуи Гӯри Мир дар Самарқанд мадрасае вуҷуд дошт. Мулло Сабрии Ҳисорӣ аз ҷумлаи шуароест, ки дар ин мадраса таҳсил кардааст [12, 165].

Дарбори ҳокимони Ҳисор низ маконе буд, ки шоирону донишмандон ҷамъ меомаданд. Масалан, дар замони ҳокимияти Абдулкаримхон, ки соли 1850 беки Ҳисор тайин шуда буд, шоирони зиёде, монанди Мулло Рачаби Парӣ, Мулло Эсои Бадахшонии Мавзун, Саидҷон, Тошхоҷаи Ирсӣ, Мирзо Мункӣ ва дигарон ҷамъ омада, маҳфилҳои адабӣ барпо мекарданд. Амирбек Ҳабибов дар ин масъала менависад: «Дар замони ҳоким Абдулкарим шоирони зиёде дар дарбори ӯ ва берун аз он дар деҳа ва қишлоқҳои Ҳисор ба майдони адабиёт омада, як доираи адабии маҳаллии худро ташкил медиҳанд» [13, 7].

Ин маҳфили адабӣ баъд аз қатли Абдулкаримхон пароканда гардид. Баъдан, дар замони мирии Яъқуби Кибор ва Сатторқулибӣ ин маҳфили адабӣ аз нав эҳё мегардад.

Водии Ҳисор аз аҳди қадим диёри шуарову уламову фузало, орифону фарзонагон ва удабо буда, алалхусус асри XIX доираи адабии Ҳисор яке аз давраҳои пуразриш маҳсуб меёбад. Ин қарн бисёре аз шахсиятҳоро рӯйи кор оварда, аз ҷумла Мулло Муҳаммад Шарифи Ғамгин, Имомиддини Банда, Мулло Азимқули Холӣ, домулло Ҳоҷимуроди Розӣ, Қозӣ Комили Ҳисорӣ, Музмар, Ҳазини Ҳисорӣ, Бисмили Ҳисорӣ, Хатиби Ҳисорӣ, Мавлоно Ушшоқ Ёвқотчии Ҳисорӣ, Ҷазбӣ, Мавлавии Ҷунунӣ ва чандин нафарони дигар аз адибони Водии Ҳисор ҳастанд, ки эҷодиёти ҳар яке шоистаи таҳқиқи ҷудогона аст.

Донишманди тоҷик Амирбек Ҳабибов, ки мероси адабии шоирони кӯҳистонро мавриди таҳқиқ қарор додааст, дар бораи доираи адабии Ҳисор маълумот дода, робитаи адабии онро бо маркази адабии Бухоро дар асрҳои XVIII-XIX таъкид намудааст [13, 9]. Амирбек Ҳабибов дар асараш бо номи «Ганҷи парешон» оид ба 63 шоирони кӯҳистон маълумот додааст, ки аз онҳо се нафарашон шоирони ҳисорӣ, аз қабили Фориғи Ҳисорӣ, Комили Ҳисорӣ ва Мирзо Мурассаи Ҳисорӣ мебошанд, ки дар асрҳои XVIII – XIX зиндагӣ ва эҷод кардаанд. Дар асари дигараш бо номи «Аз ганҷинаи адабии Ҳисор» оид ба 21 нафар шоирони ҳисорӣ маълумот додааст, ки аз онҳо чор нафарашон шоирони асрҳои XVIII – XIX мебошанд. Асари дигараш, ки бо номи «Мероси адабии шоирони Ҳисор» ҳамчун муаррифгари шоирони асрҳои XVIII – XIX мебошад, дар он маълумот оид ба 15 нафар шоирони ҳисорӣ оварда шудааст. Шоироне, ки дар асари охирин ном бурда шудаанд, ҳама намояндагони асрҳои XVIII – XIX- и водии Ҳисор маҳсуб меёбанд.

Илова бар ин, дар ин давра шоироне ҳастанд, ки девонҳои онҳо аз байн рафтаву номи баъзеи онҳо дар ягон маъхазу тазкираҳо қайд нагардидаанд. Вақте ки вилоятҳои тоҷикнишин, ба монанди Ҳисор, Ӯротеппа, Кӯлоб, Қаротегину Дарвоз ба аморатҳо, аз ҷумлаи Бухоро, Фарғона ва Хоразм, ки давлатҳои феодалии нисбатан мутамарказ буданд, тобеъ намешуданд, ҳам вазъи сиёсӣ ва ҳам вазъи адабӣ дар ҳолати парокандагӣ буд. Ин боис гардид, ки номи баъзе шоирони кӯҳистон аз мадди назарҳо дур монанд, номи баъзеи онҳо ба сабаби дар ягон сарчашма зикр наёфтан аз миён рафтаанд. Аз сӯйи дигар, аз баъзе шоирони соҳибдевон танҳо як ғазал ё як мухаммас боқӣ мондааст, ки сабабаш дар доираҳои хурд-хурди адабии маҳаллӣ амал кардани онҳо мебошад.

Шоирони Бухорои Шарқӣ ба Бухоро рафтан имконият надоштанд. Онҳо дар деҳаву зодгоҳи худ дар атрофи ҳокимони маҳаллӣ фаъолият намуда, доираҳои адабӣ ташкил мекарданд. Маҳфилҳои адабӣ дар Ҳисор, Кӯлоб, Ӯротеппа, Хуҷанд, Кеш, Қаротегин, Дарвоз ва Бадахшону Зарафшон амал мекарданд. Дур будани ин гуна марказҳои адабӣ боис гардид, ки шоирони зиёд ба тазкираҳои адабӣ ва маҷмуаҳои шоирон дохил нашудаанд. Сабабҳои дур мондани шоирони кӯҳистон аз марказҳои илмӣ ва шаҳрҳои марказӣ дар камбағалӣ ва қашшоқии онҳо низ буд.

Шоироне, ки дар маҳалҳо зиндагӣ мекарданд, ашъорашон холӣ аз мадҳу санои амирон буд. Мавзуи ашъори онҳо бештар ба мавзуъҳои шикоят аз қашшоқӣ, зулми золимони замона, бекадрии аҳли ҳунар, панду ахлоқ ва ишқ бахшида шудаанд. Амирбек Ҳабибов номи даҳҳо шоиронро, ки дар ин аҳд саҳифаҳои таърихи адабиёти тоҷикро рангин сохтаанд, ном гирифтааст, ки Мирзо Ҳасрат, Парии Ҳисорӣ, Фориғ ва Мирзобобои Ҳисорӣ аз он ҷумлаанд: «Танҳо дар охирҳои асри XVIII, асри XIX ва ибтидои асри XX аз сарзамини тоҷикон зиёда аз 400 нафар шоирон дар майдони адабиёт ҳунарнамоӣ кардаанд, ки девони ашъор ва осори дигари адабии аксарияти онҳо дастраси мо шудааст» [15, 6].

Бино ба гуфтаи Амирбек Ҳабибов, дар асрҳои XVI, XVII, XVIII, XIX ва ибтидои асри XX садҳо шоирони боистеъдод аз кӯҳистон баромадаанд, ки бо ашъори худ миёни мардум шуҳрат доштанд.

Чӣ тавре ки маълум гашт, адабиёти тоҷик дар ҳеҷ давра хомӯш набуд ва дар ҳама гӯшаву канори маҳалҳои тоҷикнишин чароғи адабиёти тоҷик фурӯзон буд. Гулбоғи адабиёти Ҳисорро шоирон Ирсӣ, Мирзо Бобо, Ҷазбӣ, Ҳасрати Ҳисорӣ, Музмар, Банда, Розӣ, Дабир, Шариф, Хатиб, Ғамгин, Холӣ, Бисмил ва дигарон рангин кардаанд.

Дар асрҳои XVIII-XIX водии Ҳисор аз ҷумлаи муҳимтарин маркази адабии тоҷикон, баъд аз марказҳои Бухорову Самарқанд ба шумор мерафт. Баъзе аз суханварони соҳибноми асрҳои XVIII-XIX-и ин водиро барои тақвияти гуфтаҳои хеш муаррифӣ мекунем, аз ҷумла Мулло Муҳаммадраҷаб Парии Ҳисорӣ, Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ, Мирзо Мурассаъи Ҳисорӣ, Фориғи Ҳисорӣ, Комили Ҳисорӣ, Мӯсои Бадахшонӣ. Ва ин ҷо метавонем ғазали Парии Ҳисориро ба таври намуна биёрем:

Боварам н-ояд, ки имшаб ёр ояд дар барам,
Дар барам ояд бубинам, то биёяд боварам.
Пайкарам аз захми шамшери ту дорад обрӯ,
Обрӯ то субҳи маҳшар кам мабод аз пайкарам [11, 220].

Ғазали Комили Ҳисорӣ, ки дар асари таърихии Аҳрор Мухторов «Ҳисор» оварда шудааст:

Ҷигаррешам, кабобам, дилфигорам, ахгари ишқам,
Сиришкам, нолаам, доғам, сипанди миҷмари ишқам.
Асирам, бенаво афтодаам дар кӯи ғам, ё Раб,
Гирифторам, адоям, ошиқам, сардафтари ишқам [7, 60].

Ғазали Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисориро низ метавон ин ҷо мисол овард, зеро шоир Мирзо Олимҷон аз зумраи қаламкашонест, ки миёни мардум бо тахаллуси Ҳасрат маъруф буд.

Биё, эй чашми мастат соғари лабрези машрабҳо,
Хами зулфи каҷат шерозаи девони мазҳабҳо.
Зи баҳри ноумедӣ раҳ ба соҳил метавон бурдан,
Ба пои ҷунбиши мавҷи муҳиту хуни матлабҳо [5, 26].

Инчунин шоирон Тошхоҷа Ирсӣ, Қории Ҳисорӣ**,** Мулло Саид Акрамхоҷаи Ҳисорӣ, Фавқии Ҳисорӣ (Мискин), Мирзо Бобо ибни Домулло Сафармуҳаммади Ҳисорӣ (Бақо), Ҷазбӣ, Музмар, Домулло Имомиддини Ҳисорӣ (Банда), Домулло Ҳоҷимурод, Дабир, Мулло Муҳаммадшариф**,** Хатиби Ҳисорӣ, Муҳаммадшарифи Ғамгин, Мулло Азимқули Ҳисорӣ (Холӣ), Бисмили Ҳисорӣ Мавлоно Ёвқотчӣ (Ушшоқ), Абдулкарими Қурбон (Карим-Девона), Мулло Мавзун Исои Бадахшӣ, Мулло Гулмуҳаммади Хонақоҳӣ, Эшони Сайидмаҳмуд ибни Муин маъруф ба Мискини Ҳисорӣ аз ҷумлаи нафароне буданд, ки барои нашъу нумӯи адабиёти водии Ҳисор нақши босазо гузоштаанд.

Бино бар ақидаи муаллифони китоби «Адабиёти тоҷик. Асрҳои XVI – XIX ва ибтидои асри XX», Ҳодизода Р., Каримов У., С. Саъдуллоев, «дар аморати Бухоро аз солҳои 60-70 асри XVIII то миёнаҳои асри XIX як гурӯҳ шоиру нависандагони гуногунтабақаю гуногунмаслак, ба монанди Мирзо Содиқи Муншӣ, Муҳаммад Шарифи Ориф, Абдураҳмонхоҷаи Носеҳ, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ, Ҳасрати Ҳисорӣ, Парии Ҳисорӣ, Маҳзуни Самарқандӣ, Матлаби Самарқандӣ, Мирзо Атои Бухороӣ, Шавқии Каттақӯрғонӣ, Ансаби Бухороӣ, Раҳими Ғармӣ, Музтари Косонӣ, ҷамъ зиёда аз 68 нафар шоирону адибон умр ба сар бурдаанд» [10, 236].

Сафари эҷодӣ намудани шоирони беҳтарини ҳавзаи адабии Бухоро Мирзо Содиқи Муншӣ, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Абдулазими Сомӣ ба вилоятҳои кӯҳистон, аз қабили Ҳисор, Дарвоз, Бадахшон ва Кӯлоб аз равобити хуби ин навоҳӣ дарак медиҳад.

Шоирони доираи муҳити адабии Ҳисор барои пешрафту нашъу намои адабиёти тоҷик саҳми босазое гузоштаанд. Дар ҳамаи давру замон шоирони маддоҳ зуд мавқеи худро меёбанд, аммо шоироне, ки ба мадҳу санои амирону ҳокимон машғул набуда, танҳо барои адабиёту фарҳанги миллат хизмат мекарданд, аз ҷониби ҳокимони тангназар ва мардуми нодони сарватманд дастгирӣ намеёфтанд. Ҳатто буданд шоироне, ки бо ин гуноҳ аз назарҳо хеле дур монда, ба гӯшаи фаромӯшӣ рафтанд. Чунки амирон ва ҳокимони давр ҳамеша аз шоироне, ки онҳоро бо мадҳу санои хушку холӣ дар шеърҳояшон зинда медоштанд, ҳимоят мекарданд.

Сарчашмаҳои асосии ашъори шоироне, ки Амирбек Ҳабибов дар маҷмуаи номбурда гирд овардааст, баёз, ҷунг, тазкираҳои асри XIX ва ибтидои асри XX ва «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод Садриддин Айнӣ мебошанд.

Дар муқаддимаи китоб муаллиф чунин қайд намудааст: «Дар ин маҷмуа асосан ашъори он шоирони асри XIX ҷамъ оварда шудааст, ки девонашон ҳоло пайдо нест ва ашъорашон дар сарчашмаҳои гуногун пароканда аст. Баъзе шеърҳои Мирзо Ҳасрат, Парӣ ва Бобо Ирсӣ дар нусхаҳои зиёде дарҷ ёфта буданд ва мо ҳамаи он вариантҳоро навишта, аз рӯйи ҳамаи он як варианти саҳеҳ сохта, тафовут ва таҳрифотро дар поварақҳо ишора кардем» [13, 11].

Ин ҷо муаллиф зикр намудааст, ки ашъори адибоне, ки дар ин маҷмуа ҷамъоварӣ карда шудааст, аз захираи дастхатҳои шарқии Академияи илмҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон, шуъбаи Ленинградии Институти шарқшиносии Академияи илмҳои собиқ СССР, китобхонаи оммавии ба номи Салтиков-Шедрин, Китобхонаи ба номи Фирдавсӣ, аз Захираи дастхатҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Расул Ҳодизода низ ин нуктаро дар пешгуфтори маҷмӯаи мазкур чунин арзёбӣ намудааст: «Яке аз натиҷаҳои пурмаҳсултарини ин ҷустуҷӯҳои ӯ ҳамин матни мероси боқимондаи шоирони доираи адабии Ҳисор аст, ки аз чандин нусхаҳои хаттии баёзҳо, тазкираҳо, маҷмуаҳои гуногун ва ҷунгҳо ба даст омадааст. Амирбек Ҳабибов ашъори шоиронро натанҳо аз нусхаҳои қаламӣ гирд овардааст, балки онро ба воситаи муқобала ва интиқоди матн ба андозаи зиёде тасҳеҳ намуда, ба тартиби муайяне низ дохил намудааст» [13, 4].

Хулоса водии Ҳисор дар гузашта дар Аморати Бухоро яке аз минтақаҳои фарҳангӣ ба ҳисоб мерафт, ки дар ин ҷо дар марҳалаҳои гуногун шоирону адибони зиёд зиндагиву эҷод кардаанд, ки намунаҳои эҷодиёти ин шоирон дар шакли девон ва дар дохили баёзу ҷунгҳои мухталиф то замони мо расидаанд. Рӯзгору осори аксари шоирони минтақаҳои кӯҳистони Бухорои Шарқӣ ва водии Ҳисор то кунун ба таври монографӣ омӯхта нашуда, дар асарҳои тадқиқотӣ, ки ба марҳилаҳои мухталифи инкишофи адабиёти ин ҳавзаҳо бахшида шудаанд,

доир ба рӯзгору осор ва баъзе паҳлуҳои ашъори ин шоирон маълумоти кам дода шуда, ба таҳқиқ ниёз доранд.

Дар водии Ҳисор доираҳои адабии маҳаллӣ фаъолият доштанд ва шоирону адибони маҳаллиро ҷамъ оварда буданд, ки аз миёни онҳо шоирони хуб ва адибони хушзавқ ба воя расидаанд. Қисми зиёди ин шоирон аз миёни мардуми ҳунарманд, яъне косибон, деҳқонон ва бофандагон буданд, ки дар баробари пеш бурдани фаъолиятҳои шахсӣ ба корҳои эҷодӣ машғул гардидаанд ва офаридаҳои эшон аз ҳунари хуби шоириашон гувоҳӣ медиҳад. Ҳарчанд ашъори ин шоирон оҳангҳои халқӣ дорад, аммо аз нигоҳи бадеият ва ҳунари шоирӣ орӣ нестанд. Ин шоирон дар инкишофи адабиёти ин давраи тоҷикӣ саҳми арзанда доранд.

АДАБИЁТ:

1. Абибов Амирбек. Доираҳои адабии Бухорои Шарқӣ / Амирбек Абибов. –Душанбе: Дониш, 1984. - 240 с.
2. Абибов Амирбек. Ганҷи Зарафшон / Амирбек Абибов. –Душанбе: Адиб, 1991. - 544 с.
3. Алӣ Муҳаммадии Хуросонӣ. Шоирони Моваруннаҳр / Хуросонӣ Алӣ Муҳаммадӣ. –Душанбе: Адиб, 2006. - 688 с.
4. Амирқулов Субҳон. Адабиёти тоҷик дар нимаи якуми асри XIX / Субҳон Амирқулов. Қисми 1. –Душанбе: 1980. - 102 с.
5. Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ. Маҷмӯаи ашъор. Мураттиб Ҷӯраева Хубонгул Ёрмаҳмадовна / Ҳасрат Мирзо Олимҷони Ҳисорӣ. –Душанбе: Сифат, 2013. - 156 с.
6. Муллоаҳмадов Мирзо. Ҳавзаи адабии Ҳисор ва баъзе аз вижагиҳои он / Мирзо Муллоаҳмадов. // Пайванд, 2010. - Саҳ.23-27.
7. Мухторов Аҳрор. Ҳисор / Аҳрор Мухторов. –Душанбе, 1995. - 304 с.
8. Муҳаммадиев Шамсиддин. «Мероси адабии шоирони Ҳисор дар шибҳи қораи Ҳинду Покистон» / Шамсиддин Муҳаммадиев. // Ҳисори Зарнисор. №3, 2013.
9. Каримов Усмон. Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XVIII ва аввали асри XIX / Усмон Каримов. Қисми 1. –Душанбе: Дониш, 1974. -188 с.
10. Расул Ҳодизода, Каримов Усмон., Саъдиев Садрӣ. Адабиёти тоҷик. Асрҳои XVI – XIX ва ибтидои асри XX / Ҳодизода Расул, Усмон Каримов, Садрӣ Саъдиев. –Душанбе: Маориф, 1988. - 416 с.
11. Садриддин Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик / Айнӣ Садриддин. –Сталинобод, 1940. - 637 с.
12. Фатҳуллоҳи Азиз, Одинаев Султонмурод. Ҳисори Шодмон: аз бостон то ин замон / Азиз Фатҳулло, Султонмурод Одинаев. –Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. - 368 с.
13. Ҳабибов Амирбек. Мероси адабии шоирони Ҳисор / Амирбек Ҳабибов. –Душанбе: Дониш, 1974. - 240 с.
14. Ҳабибов Амирбек. Аз ганҷинаи адабии Ҳисор. (Зумраи шуарои қарнҳои XVII-XIX Ҳисори Шодмон) / Амирбек Ҳабибов. –Душанбе: Ирфон, 1995. - 232 с.
15. Ҳабибов Амирбек. Ганҷи парешон / Амирбек Ҳабибов. –Душанбе: Ирфон, 1984. - 304 с.
16. Ҷӯраева Хубонгул. Маҷаллаи илмии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ «Паёми Донишгоҳи Омӯзгорӣ». –Душанбе, №4 (47), 2012. саҳ. 217-224.
17. Шодибек Собирӣ. Доираи адабии Ҳисор (аз асри X то аввали асри XX) / Собирӣ Шодибек. –Душанбе: Ашуриён, 2015. - 120 с.

ҲАВЗАИ АДАБИИ ВОДИИ ҲИСОР ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАҲАВВУЛИ ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ (асрҳои XVI-XX)

Мувофиқи ақидаи муаллифи мақола водии Ҳисор дар гузашта дар Аморати Бухоро яке аз минтақаҳои фарҳангӣ ба ҳисоб мерафт. Дар ин водӣ шоирону адибони зиёде зиндагиву эҷод кардаанд, ки намунаҳои эҷодиёти онҳо дар шакли девон ва дар дохили баёзу ҷунгҳои мухталиф то ба замони мо омада расидаанд.

Муаллифи мақола чунин зикр менамоянд, ки рӯзгору осори аксари шоирони минтақаҳои кӯҳистони Бухорои Шарқӣ ва водии Ҳисор то кунун ба таври монографӣ омӯхта нашудааст. Ва дар асарҳои тадқиқотӣ, ки ба марҳилаҳои мухталифи инкишофи адабиёти ин ҳавзаҳо бахшида шудаанд, доир ба рӯзгору осор ва баъзе паҳлуҳои ашъори ин шоирон маълумоти кам дода шудааст ва онҳо ба таҳқиқ ниёз доранд.

Муаллиф дар мавриди доираи адабии водии Ҳисор чунин қайд кардааст, ки дар он марҳила доираҳои адабии маҳаллӣ фаъолият доштанд ва дар ин маҳфилҳо шоирону адибони маҳаллӣ ҷамъ омада буданд, ки аз миёни онҳо шоирони хуб ва адибони хушзавқ ба воя расидаанд. Қисми зиёди ин шоирон аз миёни мардуми ҳунарманд, яъне косибон, деҳқонон ва бофандагон буданд, ки дар баробари пеш бурдани фаъолиятҳои шахсӣ ба корҳои эҷодӣ машғул гардидаанд ва офаридаҳои эшон аз ҳунари хуби шоириашон гувоҳӣ медиҳад. Ҳарчанд ашъори ин шоирон оҳангҳои халқӣ дорад, аммо аз нигоҳи бадеият ва ҳунари шоирӣ орӣ нестанд. Ин шоирон дар инкишофи адабиёти ин давраи тоҷикӣ саҳми арзанда доранд.

Калидвожаҳо: *адабиёт, шоирон, водии Ҳисор, муаллиф, ҳавзаи адабӣ, Бухорои Шарқӣ, адибон, ашъори шоирон, захираи дастхатҳо, доираи адабию фарҳангӣ, рӯзгору осор, шоирони минтақаҳои кӯҳистон.*

ЛИТЕРАТУРНАЯ СРЕДА ГИСАРСКОЙ ДОЛИНЫ И ЕЕ РОЛЬ В РАЗВИТИИ ИСТОРИИ ПЕРСО-ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ (XVI-XX вв.)

По мнению автора статьи, в прошлом Гисарская долина считалась одним из культурных регионов Бухарского эмирата. В этой долине жили и создавали многие поэты и писатели, образцы их творчества дошли до нашего времени в виде сборника стихов, в различных рукописях и манускриптах.

Автор статьи отмечает, что жизнь и творчество большинства поэтов горных районов Восточной Бухары и Гисарской долины не изучены в монографическом порядке. А в исследовательских работах, посвященных разным этапам развития литературы этих регионов, дается мало сведений о жизни и творчестве и некоторых сторонах стихов этих поэтов, и они нуждаются в исследовании.

Касаясь литературной среды Гисарской долины, автор отмечает, что на этом этапе действовали местные литературные кружки и в этих кружках собирались местные поэты и писатели, среди которых выросли хорошие поэты и писатели. Большинство этих поэтов были из числа ремесленников, земледельцев и ткачей, которые наряду с личной деятельностью занимались творчеством, и их творения свидетельствуют об их хорошем поэтическом мастерстве. Хотя в стихах этих поэтов есть народные мелодии, они не являются арийскими в художественном и поэтическом отношении. Эти поэты внесли значительный вклад в развитие таджикской литературы этого периода.

Ключевые слова: *литература, поэты, Гисарская долина, автор, литературный регион, Восточная Бухара, писатели, стихи поэтов, рукописи, литературно-культурный круг, средства к существованию и артефакты, поэты горных регионов.*

LITERARY ENVIRONMENT OF THE GISAR VALLEY AND ITS ROLE IN THE DEVELOPMENT OF THE HISTORY OF PERSO-TAJIK LITERATURE (XVI-XX centuries)

According to the author of the article, in the past the Gissar Valley was considered one of the cultural regions of the Bukhara Emirate. Many poets and writers lived and created in this valley; examples of their work have survived to this day in the form of a collection of poems, in various manuscripts.

The author of the article notes that the life and work of most poets in the mountainous regions of Eastern Bukhara and the Hissar Valley have not been studied monographically. And in research works devoted to different stages of the development of literature in these regions, little information is given about the life and work and some aspects of the poems of these poets, and they need research.

Regarding the literary environment of the Hissar Valley, the author notes that at this stage local literary circles operated and local poets and writers gathered in these circles, among whom good poets and writers grew up. Most of these poets were from among the artisans, farmers and weavers who, along with their personal activities, were engaged in creativity, and their creations testify to their good poetic skill. Although the poems of these poets have folk melodies, they are not Aryan in artistic and poetic terms. These poets made a significant contribution to the development of Tajik literature of this period.

Key words: *literature, poets, Hisar Valley, author, literary region, Eastern Bukhara, writers, poets' poems, manuscripts, literary and cultural circle, livelihood and artifacts, poets of mountainous regions.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Ҷӯраева Хубонгул Ёрмаҳмадовна - номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи Методикаи таҳсилоти ибтидоӣ, Донишгоҳи давлатии Омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ,почтаи электронӣ: E-mail: hubonguljuraeva@mail.com Тел: 907-04-09-78,555010088*

Сведения об авторе: *Джураева Хубонгул Ёрмахмадовна – кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры Методика начального обучения Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. E-mail: hubonguljuraeva@mail.com Тел: 907-04-08-78, 555010088*

Information about the author: *Dzhuraeva Khubongul Yormakhmadovna - Candidate of Philology, Senior Lecturer of the Department of Primary Education Methods, of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. E-mail: hubonguljuraeva@mail.com Tel: 907-04-08-78, 555010088*

НАҚШИ БОЗИҲОИ ДИДАКТИКӢ ЧУН ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ ДАР РАВАНДИ ЗАБОНИ АНГЛИСИИ ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ

Ҳасанов Ф. З.

Донишгоҳи давлатии Данғара

Бозӣ ҳамчун намуди фаъолият дар вазъияти шартӣ барои азхудкунии таҷриба равона гашта, идораи рафторро инкишоф медиҳад [20, с. 49].

Дар сохтори бозӣ ҳамчун фаъолияти шахсият чунин марҳилаҳо дохил мешаванд:

- мақсадгузорӣ;
- банақшагирӣ;
- амсиласозии мақсад;
- таҳлил натиҷаҳо, ки шахс худро ҳамчун субъект татбиқ менамояд.

Ҳавасмандии фаъолияти бозӣ бо хоҳишмандӣ, имконияти интихоб, ҷузъиёти мусобиқа, қаноатмандии талабот, худамалкунӣ таъмин карда мешавад [25, с. 96].

Ба сохтори бозӣ ҳамчун раванд чунин ҷузъиёт дохил мешавад:

- нақшҳое, ки бозигарон барои худ интихоб намудаанд;
- фаъолияти бозӣ ҳамчун воситаи амсиласозии ин нақшҳо;
- истифодаи ашё барои бозӣ, яъне ивазкунии ашёи воқеӣ бо бозӣ ва шартҳо;
- муносибати ҳақиқӣ байни бозингарон;
- суҷет, яъне мазмуни воқеият дар бозӣ шартан барқарор карда мешавад.

Аксари бозиҳо дорои чунин хусусиятҳо мебошанд:

- фаъолияти озодона инкишофёбанда бо хоҳиши хонанда бо мақсади ҳаловат бурдан аз раванди фаъолият мебошад;
- хусусияти эҷодӣ доштани ин фаъолият;
- фаъолияти рӯҳбаландкунандаи эмотсионалӣ, рақобат, муносибат, шиддатнокии эмотсионалӣ;
- мавҷудияти қоидаҳои бевосита ва бавоситаи мазмуни бозиро ифодакунанда, низомнокии мантиқӣ ва муддатнокии инкишофи он.

Муайян кардани вазифаи асосии бозӣ хеле душвор аст. Муҳаққиқ А.Н.Леонтев қайд мекунад, ки дар фаъолияти кӯдак талабот ба ашё пайдо мешавад. Кӯдак мехоҳад худаш мошин ронад, қаиқ ронад, киштиро идора намояд, ҳавопаймоpо идора намояд ва албатта, ҳамаи ин барои ӯ имконнопазиранд, аз ин ҷо бозӣ ягона фаъолияти ивазкунанда ва қаноаткунанда барои кӯдак мегардад [13, с. 96].

Муҳаққиқ В.Н.Дружинин чунин мешуморад, ки вазифаи асосии зеҳн ин сохтани амсилаҳои пешгӯйикунанда, сохтани намунаҳои воқеии оянда мебошад. Аз ин ҷо бозӣ ҳамчун нишондиҳандаи зеҳн, хосияти зеҳн шуда метавонад. Ин хосият аз синну сол вобаста нест. Амсилаи дунёи калонсолон санъат ва фалсафа мебошад.

Л.С.Виготский роқеъ ба ивазшавии мазмуни бозии кӯдакон зикр ба амал меорад, ки бозӣ масрафшавии оқилона, бомақсад, тарроишудаи неруи кӯдакон мебошад. Ӯ қайд мекунад, ки неруи сарфшудаи меҳнати калонсолон ба аломатҳои бозии кӯдакон шабоҳат дорад. Аз ин ҷост, ки бар фарқи байни бозӣ ва меҳнат табиати равонии онҳо ба ҳам мутобиқанд. Ин нишон медиҳад, ки бозӣ шакли табии меҳнати кӯдак буда, ҳамчун фаъолият барои омодасозии онҳо барои оянда хизмат менамояд.

Кӯдак ҳамеша ба бозӣ машғул аст, аммо бозии ӯ мазмуни аслӣ дорад. Бозӣ ба синну сол ва шавқмандии кӯдак вобаста буда, дар худ ҷузъиётеро дар бар мегирад, ки барои азхудкунии маҳорат ва малака равона аст Л.С.Виготский ивазшавии мазмуни бозии кӯдаконро зикр намуда қайд менамояд, ки бозӣ масрафшавии оқилона, бомақсад, тарроҳишудаи неруи кӯдакон мебошад[4, с. 38].

Вазифаи бозӣ онқадар васеъ нест, сарҳадҳои он хеле васеъ буда, муайянкунии он хеле душвор мебошад. Агар боадолатона баҳо диҳем, то ҳол муҳаққиқон назари баҳои сазоворро ба бозӣ надодаанд.

Бозӣ ҳамчун вазифаи фарҳанг дар якҷоягӣ бо меҳнат ва омӯзиши яке аз фаъолияти асосии инсон маҳсуб меёбад. Муҳаққиқ Г.К.Сленко бозиро ҳамчун намуди махсуси фаъолият шуморидааст [20, с. 50].

Аз рӯйи табиати худ бозӣ ба зиндагии воқеӣ наздик аст ва дар бисёр ҳолатҳо ҷудонашаванда мебошад [20, с. 61].

Бозӣ ба фаъолияти гурӯҳӣ равона карда мешавад, ки ба методикаи муосир ҷавобгӯ мебошад. Вобаста ба табиати аломати бозӣ имконияти фаровонро барои бунёди вазъият, проблема, низоъҳои шартӣ доро буда, барои азхудкунии малакаи коммуникатсияи байнифарҳангӣ замина мегузорад.

Табиати коммуникативии бозӣ барои инкишофи малакаи коммуникативӣ мусоидат менамояд. Зарурияти шарҳ додани фаъолият худ ва дигарон, ҳамкорон дар гурӯҳ, зид баромадан, ризо шудан, ақидаи худро баён кардан барои инкишофи маҳорати нутқӣ ва муоширатӣ мусоидат менамояд [13, с. 47].

Истифодаи бозӣ хусусияти коммуникативӣ-фаъолиятии таълимро бештар намуда, барои инкишофи фаъолияти фикрронӣ, нутқӣ тавассути забони омӯхташаванда мусоидат менамояд. Возеҳ аст, ки ташаккули маҳорат ва малакаи нутқӣ дар шароити ба муоширати воқеӣ наздик буда амалӣ мегардад [11, с. 56].

Боз бартарияти бозӣ дар он зуҳур меёбад, ки он на танҳо шаклҳои кори инфиродӣ, гурӯҳӣ, ҷуфтиро муҳайё месозад, балки имконият фароҳам меорад, ки ҳар як хонанда вақти таълимиро ба таври муфид истифода намояд.

Бозӣ имкон медиҳад, ки фаъолиятро ба вазъияти воқеии ҳаётӣ равона намоем. Ҳамчунон устувории психологиро ба ширкаткунандагон омӯзонида, дараҷаи ҳаяҷону ташвишро паст менамояд. Муносибати фаъолро ба ҳаёт коркард карда, мақсаднокиро барои иҷрои вазифаи гузошташуда ба хонандагон меомӯзонад.

Технологияи методҳои таълимии бозӣ ба он равона карда шудааст, ки хонанда бояд мақсади таълимро дарк намояд. ҳамчунон ба рафтори худ дар ҳаёт сарфаҳм равад, яъне мақсад ва барномаи фаъолияти мустақилонаи худро тартиб дода, натиҷаи ниҳоии ин мақсад ва барномаро дида тавонад [21, с.63].

Муносибати коммуникативӣ дар таълими забони хориҷӣ хусусияти ҷузъиёти зеринро дар бар мегирад:

- таваҷҷуҳи асосӣ-салоҳияти коммуникативӣ;
- барномаи таълимӣ шавқмандии хонандагонро бояд ба эътибор гирад;
- масъулияти таълим ҳам ба уҳдаи омӯзгор ва ҳам хонанда вогузор аст;
- алоқаи биноӣ дар вақти муошират;
- мустақилият ва ҳамкорӣ дар рафти омӯзиш;
- кӯшиш барои комёбӣ [14, с. 83].

Дар натиҷаи ҷорикунии чунин муносибат ҳавасмандии хонанда барои комёбӣ афзоиш меёбад ва ба нерӯи худаш боварӣ ҳосил мекунад.

Вазифаи фаъолият барои таълими забони хориҷӣ дар асоси муошират дар вақти бозӣ, тақлид ва муоширати озод ҳал мешавад.

Чунин намудҳои вазифаҳои бозӣ муайян карда шудааст:

- бозиҳои коммуникативӣ (communicative games);
- тақлиди комммуникативӣ (communicative simulation in Cole plays and problem solving);
- муоширати озод (socialization) [14, с. 83].

Бозӣ фаъолияти коммуникативӣ тибқи қоидаҳои махсус мебошад. Бозӣ кӯдакро ба дунёи муносибати мураккаби инсонӣ ворид менамояд. Барои кӯдак мутлақо орзу ва хоҳиши умумии якҷоя будан, таҷрибаи бартараф кардани ташвишҳои коллективӣ зарур аст. Ҳар як бозӣ ин коллектив буда барои аъзои он алоқаи комуникативиро муҳайё месозад. Ба бозӣ ворид шудани кӯдак барои худ масъуляти ахлоқиро нисбат ба шарокони худ меомӯзад [14, с. 85]. Муоширатро ҳамчун сарчашмаи асосии нерубахшандаи бозӣ шуморидан мумкин аст. Дар бозиҳои шариконаи коммуникативӣ афзоиши нерӯи ҳаётӣ дар натиҷаи ҳамкорӣ дар бозӣ, муносибатҳо мушоҳида мегардад. Бештари бозиҳои кӯдакона характери коллективӣ доранд ва аз насл ба насл таҷрибаи иҷтимоии коллективӣ, анъана, арзиш ва ғояҳоро интиқол медиҳад. Дар фаъолияти бозии бачагона мутлақо муносибати воқеии ҷамъиятӣ, ки дар байни иштироккунандагони бозӣ ҷой дорад, мушоҳида мегардад [9, с. 32].

Асосан ду намуди бозиҳо мавҷуданд:

- мусобиқавӣ. Бозиҳое, ки бозингарон ё дастаҳо мусобиқа мекунанд, ки аввал шуда ба мақсад расанд;
- бозиҳои кооперативӣ- бозиҳое, ки ширкаткунандагон ва дастаҳо барои мақсади умумӣ кӯшиш менамоянд [15, с. 41].

Бозиҳои коммуникативӣ ба намуди бозиҳои кооперативӣ дохил мешаванд. Бозиҳои коммунакативӣ бояд дар асоси мавводи хуб коркардшудаи забонӣ ташкил карда шаванд. Дар давраи ибтидои омӯзиши забони хориҷӣ ин шарти ҳатмист зеро дар дигар ҳолат бозии коммуникативӣ беҳадаф хоҳад шуд. Аз ин ҷост, ки дар системаи таълими муосир шакли сегонаи бозиҳои коммуникативӣ дар истифода аст. Амалан ҳар як вазифа дар се марҳила иҷро мегардад:

- омодагӣ (pre-active);
- иҷроиш (while- activity);
- ҷамъбастӣ (post activity) [11, с. 72].

Бозиро бояд ҳамчун барномаи забонӣ шуморид, зеро он ҳамчун асбоби машғулкунанда барои омӯзгор дар муайян кардани дараҷаи азхудкунии маводи таълимӣ ва бартараф кардани душвориҳо кумак менамояд. Дар асоси бозиҳои коммуникативӣ технологияи зер, ба монандаи ҷустуҷӯ, пур кардани ҷойи холӣ, боиҳои қартагӣ, чистонҳо, бозиҳои нақшофарӣ қарор доранд.

Бозиҳои коммуникативӣ барои амалиёти босифати забонӣ муоидат намуда, муошират ширкаткунандагонро муҳайё менамояд ва дар ин ҳолат забон ба таври мантиқӣ азхуд карда мешавад [1, с.441].

Дар давраи ибтидоии омӯзиши забони англисӣ ташаккули муошират намудан ба забони хориҷӣ на танҳо ба сохтори грамматикӣ, лексикӣ ва фоне тикӣ алоқа дорад, балки ба

фаъолияти амалӣ, ашёвӣ, ки ба гуфтори дуруст бо забони англисӣ алоқаманд мебошанд [22, с. 73].

Марҳилаҳои асосии хусусияти синну солии ташаккули қобилияти забонӣ чунинанд:

- ба дараҷаи фаҳмо ба хонандагони хурдсол фаҳмонидан зарур аст, ки одамони бо дигар забон гуфтугӯкунанда мавҷуданд. Ин чунин маъно дорад, ки зиндагии ин одамон дигар аст, инҳо дигар хел гуфтугӯ мекунанд, бо дигар тарз зиндагӣ мекунанд.

Хусусиятҳои асосии ташаккули қобилияти забонӣ чунинанд:

- ин марҳила дар он зуҳур меёбад, ки дар азхудкунии забон қобилияти ибтидоӣ дар фаркгузории забонҳо, яъне фаркгузории байни забони модарӣ ва хориҷӣ пайдо мешавад;
- бояд хурдсол дарк намояд, ки дигар одамон, гарчанде бо дигар забон гуфтугӯ мекунанд, тарзи зиндагии онҳо ба ҳам шабоҳат дорад;
- бояд ташаккули қобилияти фаркгузорӣ дар забон, қобилияти ҷудо кардани ибораҳо ва ҷумлаҳо алоҳида иҷро гардад ва онҳоро дуруст хурдсолон истифода баранд;
- бояд ташаккули ҷудо карда тавонистан на танҳо ибора ва ҷумла ташаккул ёбад, балки мазмун низ дарк карда шавад ва қобилияти истифодаи ин ибораву ҷумлаҳо вобаста ба мазмун ташаккул ёбад [8, с. 72].

Кори азхудкунии забон аз тарафи хурдсолон бояд бо дарккунии забон оғоз ёфта, ба инкишофи умумии хурдсолон алоқаманд бошад, зеро онҳо ҳоло бо душворӣ сухан мекунанд. Аз ин рӯ, ҳангоми омӯхтани забони хориҷӣ истифодаи шеърҳо, сурудҳо, тезгӯякҳо, чистонҳо хеле натиҷабахш мебошад [5, с. 67].

Дар методикаи муосир дар омӯзиши забони хориҷӣ, аз ҷумла забони англисӣ шеъру сурудҳо аз тарафи муаллифон бо мақсади мустаҳкамкунии воҳиду сохторҳои лексикию грамматикӣ дар омӯзиш ворид карда мешавад. Чунин муносибат ба он меорад, ки фаъолият ва эҳсосоти хурдсолон ба гуфтор ба забони англисӣ меорад [7, с. 69].

Шавқмандӣ яке аз шартҳои муваффақияти асосии азхудкунии забон аз тарафи хурдсол ба шумор меравад. Бинобар ин омӯзгорон кӯшиш менамоянд, ки дарси забони хориҷӣ шавқовар гардад. Дарси шавқовар ин, албатта, дар интихоби маводи шавқовар, маҳорати омӯзгорон дар истифодаи методикаи махсус зуҳур меёбад. Ҳамчунон дигар омилҳое мавҷуданд, ки шавқмандии хурдсолон дар омӯзиши забони хориҷӣ зиёд меоянд. Дар марҳилаи ибтидоии омӯзиши забони хориҷӣ технологияи бозӣ, бешубҳа, хеле омили муҳим ба шумор меравад. Дар ибтидои омӯзиши забони хориҷӣ ҳисси шавқмандии хурдсолон зиёд аст, зеро онҳо гумон мекунанд, ки забонро ба осонӣ аз худ менамоянд. Аммо шаклҳои шифоҳии кор, ҷараёни дарси 45 дақиқа хонандагонро зуд хаста мекунад, диққати онҳоро суст мекунад, тадриҷан онҳо таваҷҷуҳро ба азхудкунии забон гум мекунанд. Дар ин ҳолат технологияи бозӣ ягона роҳи аз душворӣ баромадан ба шумор меравад [2, с. 54].

Бозиҳо имконияти васеи таълимӣ доранд. Бозӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ фаъолияти дилхушкунанда буда, дар як вақт кори таълимии ҷиддӣ ба шумор меравад. Бозӣ на танҳо бо мақсади дилхушӣ, истироҳат, хушҳолӣ гузаронида мешавад, мақсади асосии он бояд таълим бошад. Дар омӯзиши забони хориҷӣ низ мақсад бояд азхудкунии фаъолияти нутқӣ ҳамчун воситаи таълим ба шумор равад [21, с. 73].

Муҳаққиқ М.Ф.Стромин оид ба истифодаи бозӣ зикр менамояд, ки бозӣ ин машғулияти махсус ташкил карда маҳсуб меёбад, ки шиддатнокии эмотсионалӣ ва зеҳниро талаб мекунад.Дар бозӣ ҳамеша имконияти қарор қабул кардан, чӣ хел рафтор кардан, чӣ гуфтан, чӣ хел ғолиб омадан мавҷуданд, ки фаъолияти фикрронии хонандагонро афзоиш медиҳад [7, с. 69].

Хонандагон тавассути бозӣ чунин имкониятҳоро ба даст меоранд:

- дар бораи худ сухан кардан (ман);
- дар бораи дигар хонанда сухан кардан (ту);
- дар бораи ашё, зуҳурот сухан кардан (олам);
- тасвири фаъолияти асосӣ;
- тарҳрезии фаъолият (дуруст, хуб бад);
- кӯшиши кумак кардан. Кумак талаб кардан (дех, кумак кун) [17, с. 53].

Бозӣ ин машғулияти ҷолиб аст. Аз ин ҷо омӯзгорони забони хориҷӣ ба онҳо бештар таваҷҷуҳ доранд ва дар фаъолияти худ дар вақти омӯзонидани забони хориҷӣ бозиро бештар мавриди истифода қарор медиҳанд. Дар бозӣ ҳамаи хонандагон баробаранд. Хонандаи аз ҳама сухандон дар бозӣ дар мавқеи боло қарор мегирад, зеро дар бозӣ сарфаҳм рафтан нисбат ба донистани фан муҳимтар ба шумор меравад. Эҳсоси баробарӣ, фазои боварӣ ба азхудкунии вазифа ба хурдсолон имкон медиҳад, ки шармгиниро бартараф намояд, фаъолона

нутқи забони бегонаро истифода намояд. Ин ба натиҷаи таълим таъсири назаррас мегузарад,маводи забон аз худ карда мешавад ва қаноатмандӣ ҳам аз бозӣ ва ҳам аз ибтидои он ба даст меояд [10, с. 47].

Ба ҳамин сурат усули асосии таълими хонандагон дар марҳилаи ибтидоии омӯзиши забони хориҷӣ бозӣ ва азхудкунии суруд ва шеърҳо, ки дар шакли бозӣ мегузаранд, ба шумор меравад. Ҳамаи ин ба муошират чунин вазифаҳои методӣ равона карда шудаанд:

- фароҳам сохтани омодагии психологии хурдсолон ба муошират нутқӣ;
- таълими зарурияти такрор кардани маводи забонӣ;
- машқи хонандагон дар интихоби намунаи зарурии нутқ, ки омодагии истифодаи муошират нутқиро осон менамояд [19, с. 49].

Комёбии истифодаи бозӣ, пеш аза ҳама, аз муошират нутқие вобаста аст, ки омӯзгор дар синф фароҳам меорад. Муҳим аст, ки хонандагон ба чунин муошират мутобиқ шаванд ва ҳамроҳи омӯзгор ширкаткунандагони ин раванд гарданд [22, с. 75].

Воқеан дарси забони англсиӣ на танҳо бозӣ аст. Боварӣ ва зарурияти муошират омӯзгор бо хонандагон, ки тавассути фазои бозӣ ва худи бозӣ бунёд мегардад хонандагонро ба суҳбати ҷиддӣ, муҳокимаи вазъиятҳои воқеӣ омода месозад.

Бозӣ барои инкишофи фаъолияти маърифатии хонандагон дар омӯзиши забон мусоидат менамояд. Он дар худ ибтидои ахлоқиро доро мебошад ва азхудкунии забони хориҷӣ хушҳолона, эҷодкорона ва ба таври дастҷамъона сурат мегирад.

Мақсади таълими забони хориҷӣ дар марҳилаи ибтидоӣ ба самти тарбия ва инкишофи хонандагон дар раванди азхудкунии амалии забон ҳамчун воситаи муошират ба шумор меравад [3, с. 28].

Курси таълими забони хориҷӣ дар марҳилаи ибтидоӣ вазифаи ташаккули шахсияти хонандаро низ иҷро менамояд. Яке аз амалҳое, ки ба ин мусоидат менамояд, ин тарбияи эҳсоси коллективизм мебошад ва он дар рафти ҳалли иҷрои вазъияти бозӣ амалӣ мегардад [6, с. 42].

Дар марҳилаи ибтидоӣ хонандагони хурдсол дар омӯзиши забони хориҷӣ як қатор афзалиятҳоро доранд:

- зуд ба хотир гирифтан нисбат ба синну соли баъдина;
- табиӣ будани ҳавасмандии муошират;
- мавҷуд набудани монеаи забонӣ, яъне тарси хато кардан, ки дар вақти муошират ба хонандагони калонсол муоширатро халалдор менамояд;
- нисбатан таҷрибаи кам дар муошират бо забони модарӣ [18 с. 91].

Бозӣ фаъолияти асосӣ барои хурдсолон ба шумор меравад ва имкон медиҳад, ки амалан ҳамаи вазифаҳои забон пуразриш ва коммуникативӣ гарданд.

Ҷузъиёти бозӣ бо хусусияти хушҳолкунанда имкон медиҳад, ки бештари душвориҳо ба муошират бо забони бегонаро бартараф намоем. Ин имкон медиҳад, ки дар синну соли барвақт талаботи коллективӣ ва истифодаи онро дар забони хориҷӣ амалӣ намоем.

Ин яке тазодҳоро, ки дар синну соли калонтар, яъне байни талаботи коммуникативӣ ва таҷрибаи маҳдуди забонӣ ба амал меояд, бартараф намоем [19, с. 53].

Махсусияти иҷрои таълими забони англисӣ дар марҳилаи ибтидоӣ ин дарк кардани хурдсолон зарурияти азхудкунии забони хориҷӣ ҳамчун воситаи муошират мебошад. Гарчанде дар ин синну сол хурдсолон хотираи мустаҳкам доранд ва маводи забониро зуд ба хотир мегиранд ба хотиргирии механикии мавод шарти асосӣ ба шумор меравад. Хурдсолон дар ягонагии вазифа ва шакли он, ба дарки сухангӯйии худ аз нуқтаи маънӣ сарфаҳм раванд. Дарккунии воситаҳои забонӣ, ҳалли вазифаҳои коммуникативӣ бояд бо истифодаи таҷрибаи нутқи забони модарӣ сурат гирад [23, с. 122].

Раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар синфҳои ибтидоӣ ин фаъолияти якҷояи омӯзгор ва хонанда ба шумор меравад. Хурдсол омӯзиши забони хориҷиро бо хоҳиши маърифатӣ оғоз менамояд. Вазифаи омӯзгор дар он зуҳур меёбад, ки шавқмандии хурдсолро бештар намояд, фаъолияти ӯро афзоиш диҳад. Омӯзгор бояд шарики нутқии хонанда, ёрдамчии ӯ гардад. Дар ин вақт ҳавасмандкунӣ ин таърифу таҳсин ба шумор меравад.

Азхудкунии нутқи шифоҳӣ бо истифодаи фаъоли бозиҳо ҳамчун усули методӣ амалӣ карда мешавад. Аммо бояд ба инобат гирифт, ки вазъияти бозиро на ҳама вақт такрор намудан лозим аст. Ҳар як лаҳзаи он бояд ҷузъиёти навро дошта бошад [12, с. 31].

Бозӣ бояд ба самти ба даст овардани натиҷаи бозӣ равона бошад. Вазифаҳои бозӣ дар бештари ҳолатҳо хусусияти инфиродӣ надорад. Вазифаро гурӯҳ ҳал намуда душвориҳоро дастҷамъона бартараф менамоянд. Азбаски омӯзиши забони хориҷӣ бояд ба тарбияи ахлоқии

хонандагон таъсири мусбат расонад онҳо дар бозӣ намудҳои муошират ахлоқиро омӯхта, муколамаро бояд омӯзанд, нуктаи назари ҳамсинфонро гӯш кунанд ва ба инобат гиранд.

Омӯзиши тарафҳои фонетикӣ, лексикӣ ва грамматикии нутқи шифоҳӣ бояд дар алоқамандии якдигар сурат бигирад. Мақсади асосии он дар хонандагон бедор кардани шавқмандӣ барои азхудкунии забони хориҷӣ мебошад.

Омӯзиши тарафи лексикии нутқ дар пояи аёният, яъне истифодаи бозиҷаҳо, расмҳо ба роҳ монда мешавад. Интихоби мавод барои ин омӯзиши синну сол хусусияти аниқ дошта, шавқмандӣ ва талаботи хонандагонро қонеъ менамояд.

Азхудкунии малакаи грамматикӣ дар пояи намунаҳои нутқӣ бо истифодаи мисолҳо аз нутқи забони модарӣ карда мешавад. Бояд ба хонанда қонуният ва қоидаҳои грамматикӣ фаҳмонида шавад. Хонанда бояд дарк намояд, ки ҳар як забон дар асоси қоидаҳои махсус бунёд меёбад ва онро бояд ба инобат гирифт, зеро гуфтор бояд фаҳмо ва дуруст бошад [15, с. 39].

Дар асоси гуфтаҳои боло чунин хулоса кардан мумкин аст, ки чунин талаботҳо барои ташкили фаъолияти бозӣ муҳиманд:

- фазои эътимоднок (бидуни маҷбуркунӣ);
- фаъолияти амалҳои якҷояи омӯзгор бо хонандагон;
- бозӣ бояд дар асоси маводи қаблан азхудкардашуда гузаронида шавад ва барои хонандагон шинос бошад;
- истифодаи методи аз содда ба мураккаб гузаштан ба инобат гирифта шуда, аз истифодаи намунаҳо ба гуфтори омӯзгор мавриди истифода қарор бигирад;
- дақиқ намудани рӯйдод аз тарафи хонандагон;
- мавҷудияти ҷузъиёти нав дар ҳар як лаҳзаи бозӣ;
- кӯшиш барои ба даст овардани натиҷаи бозӣ;
- кори дастҷамъонаи хонандагон дар ҳалли проблема;
- мувофиқати бозӣ барои таҷрибаи ахлоқӣ;
- таҳсину таърифи ҳар як иштирокчии бозӣ;
- ҷамъбасти ҳатмии натиҷаи бозӣ.

Ҳамин тариқ хулоса кардан мумкин аст, ки имкониятҳои бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ дар марҳилаи ибтидоӣ хеле васеъ аст. Истифодаи моҳирона ва оқилонаи онҳо дар раванди омӯзиш натиҷабахш ва самаранок мебошад.

АДАБИЁТ:

1. Борисов, Е. А. Влияние ролевой, коммуникативной игры на обучение английскому языку / Е. А. Борисов // ИЯШ. – 2002. – № 3. – С. 29 – 31.
2. Бурдина, М. И. Игры на уроках английского языка на начальной и средней ступенях обучения / М. И. Бурдина // ИЯШ. – 1996. – № 3. – С. 52 – 55.
3. Винникова, И. В. Игры на развитие психических процессов / И. В. Винникова // Начальная школа. – 2002. – № 3. –С. 25 – 28.
4. Выготский, Л. С. Педагогическая психология – [Текст] / Л. С. Выготский. – М.: Педагогика, 1991. – С. 31 – 42.
5. Ганина, Н. С. Игровые технологии на начальном этапе обучения / Н. С. Ганина // Альманах школы № 139. – 2007. – С. 67 – 68.
6. Гладилина, И. П. Некоторые приемы работы на уроках английского языка в начальной школе / И. П. Гладилина // ИЯШ. – 2003. – № 3. – С. 41 – 43.
7. Зайнуллина, Г. М. Игровые технологии на начальном этапе обучения / Г. М. Зайнуллина // Альманах школы № 139. – 2007. – С. 68 – 69.
8. Зявгарова, Л. А. Игровые технологии на начальном этапе обучения / Л. А. Зявгарова // Альманах школы № 139. – 2007. – С. 70 – 73.
9. Иванцова, Т. Ю. Игры на английском языке / Т. Ю. Иванцова // ИЯШ. – 2008. – № 4. – С. 31 – 33.
10. Кларин, М. В. Обучение как игра / М. В. Кларин // Школьные технологии. – 2004. – № 5. – С. 45 – 59.
11. Конышева, А. В. Игровой метод в обучении иностранным языкам – [Текст] / А. В. Конышев. - СПб.: Каро, Мн.: Издательство «Четыре четверти», 2008. – С. 55 – 89.
12. Курбатова, М. Ю. Игровые приемы обучения английскому языку на начальном этапе / М. Ю. Курбатова // ИЯШ. – 2006. – № 3. – С. 28 – 32.
13. Леонтьев, А. Н. Психологические основы дошкольной игры / А. Н. Леонтьев // Сов. педагогика. – 1944. – № 8 – 9. – С. 23.
14. Пассов, Е. И. Коммуникативный метод обучения иноязычному говорению – [Текст] / Е. И. Пассов. – М.: Просвещение, 1991. – С. 67 – 85.

15. Петричук, И. И. Еще раз об игре / И. И. Петричук // ИЯШ. – 2005. – № 2. – С. 37 – 41.
16. Прутченков, А. С. Социально - психологический тренинг межличностного общения – [Текст] / А. С. Прутченков. – М.: Новая школа, 1991. – С. 45.
17. Пучкова, Ю. Я. Игры на уроках английского языка – [Текст] / Ю. Я. Пучкова. – М.: АСТ, 2003. – С. 48 – 56.
18. Рогова, Г. В., Верещагина, И. Н. Методика обучения английскому языку – [Текст] / Г. В. Рогова, И. Н. Верещагина. – М.: Владос, 1998. – С.87 – 93.
19. Рогова, Г. В. Методика обучения английскому языку на начальном этапе в общеобразовательных учреждениях (пособие для учителей и студентов педагогических вузов) – [Текст] / И. Н. Верещагина. – М.: Просвещение, 2000. – С. 47 – 56.
20. Селевко, Г. К. Современные образовательные технологии – [Текст] / Г. К. Селевко. – М.: Просвещение, 1998. – С. 49 – 64.
21. Стронин, М. Ф. Обучающие игры на уроках английского языка – [Текст] / М. Ф. Стронин. – М.: Просвещение, 1984. – С. 62 – 78.
22. Фаттахова, Л. Т. Игровые технологии на начальном этапе обучения / Л. Т. Фаттахова // Альманах школы № 139. – 2007. – С. 73 – 75.
23. Фришман, И. Коммуникативные, ситуационно – ролевые игры, конкурсы // Воспитательная работа в школе. – 2005. – № 2. – С. 119 – 126.
24. Ханина, Е. Е., Солопова, А. В. Игровая форма обучения / Е. Е. Ханина, А. В. Солопова // Открытая школа. – 2004. – № 5. – С. 63 – 66.
25. Шмаков, С. А. Игры учащихся – [Текст] / С. А. Шмаков. – М.: Просвещение, 1994. – 211 с.

НАҚШИ БОЗИҲОИ ДИДАКТИКӢ ЧУН ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ ДАР РАВАНДИ ЗАБОНИ АНГЛИСИИ ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ

Дар мақолаи мазкур имкониятҳои бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ ҳаллу фасл шудааст. Муаллиф имкониятҳои бозиҳои дидактикиро хотиррасон намуда қайд мекунад, ки бозиҳо махсусан дар марҳилаҳои ибтидоии омӯзиши забони хориҷӣ нақши муҳим мебозанд. Ҳамчунон хусусиятҳо ва бартариятҳои бозиҳои дидактикӣ аз тарафи муаллиф қайд карда шудааст. Дар мақола махсус иброз мегардад, ки бозиҳои дидактикӣ шавқмандии хонандагонро бедор намуда, омӯзиши забони хориҷиро натиҷабахш менамоянд.

Калидвожаҳо: *имкониятҳои бозиҳои дидактикӣ, фонетикӣ, лексикӣ. грамматикӣ, марҳилаи ибтидоӣ, бозиҳои коммуникативӣ, салоҳияти муоширатӣ, таълим, омӯзиш хонанда, натиҷа, маводи таълимӣ.*

РОЛЬ ДИДАКТИЧЕСКИХ ИГР КАК ВИД УЧЕБНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ПРИ ИЗУЧЕНИИ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА В НАЧАЛЬНОМ ОБРАЗОВАНИИ

В данной статье рассматриваются возможности дидактических игр при изучении иностранного языка. Автор напоминает о возможностях дидактических игр и отмечает, что игры играют важную роль, особенно на начальных этапах изучения иностранного языка. Также автором отмечаются особенности и преимущества дидактических игр. В статье особо говорится, что дидактические игры вызывают интерес учащихся и делают обучение иностранному языку эффективным.

Ключевые слова: *возможности дидактических, фонетических, лексических игр. грамматика, элементарный этап, коммуникативные игры,*

POSSIBILITY OF USING DIDACTICAL GAMES AS A TYPE OF LEARNING ACTIVITY WHEN STUDYING ENGLISH IN THE INITIAL PERIOD

This article discusses the possibilities of didactic games when learning a foreign language. The author recalls the possibilities of didactic games and notes that games play an important role, especially in the initial stages of learning a foreign language. The author also notes the features and advantages of didactic games. The article specifically states that didactic games arouse students' interest and make foreign language teaching effective.

Key words: *possibilities of didactic, phonetic, lexical games, grammar, elementary stage, communicative games, communicative competence, teaching, student, result, educational material, abstract.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Ҳасанов Ф.З. – номзади илмҳои педагогӣ, кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Данғара, E.mail.: farxod-xasanov@inbox.ru. Тел.:988125156,*

Сведение об авторе: *Хасанов Ф.З. – кандидат педагогических наук, кафедра иностранных языков, Дангаринского государственного университета,, E.mail.: farxod-xasanov@inbox.ru. Тел.:988125156*

Information about the author: *Hasanov F.Z. – candidate pedagogical sciences, Department of foreign languages, Dangara state University, E.mail.: farxod-xasanov@inbox.ru.Tel.:988125156,*

ТДУ 37.035.6

ФОЛКЛОР ҲАМЧУН ВОСИТАИ ТАЪСИРРАСОНӢ БА ТАШАККУЛИ ҲИССИЁТИ ВАТАНДӮСТӢ ДАР КӮДАКОН

Раҳмонова Н. Ҳ.
Донишгоҳи Давлатии Омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ватандӯстӣ дар шароити муосир аз як тараф садоқат ба ватани худ ифода гардад, аз тарафи дигар нигоҳ доштани ҳувияти фарҳангии халқи тоҷикро ташкил медиҳад. Зарурати ташаккул додани худшиносии кӯдак, ки пойдевори тарбияи ватандӯстии инсон мебошад, аллакай дар синни томактабӣ, ҳамчун узви оила, шаҳрванди кишвар, ҳамчун иштирокчии фаъоли муҳити зист ва муҳити ҷамъиятӣ мебошад. Вазифаи волидон, кормандони муассисаҳои таҳсилотӣ томактабӣ аз он иборат аст, ки шаҳрванди худшинос ва дӯстдорандаи ватану кишвари худро тарбия намоянд, ки дар ҷомеа номбардору давомдиҳандаи аҷдодони худ бошанд.

Иҷрои ин вазифа дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» (2022) махсус таъкид карда шудааст.

Маълум аст, ки кӯдаки синни томактабӣ воқеияти атрофро бо эҳсосот дарк мекунад, аз ин рӯ, ватандӯстии ӯ дар навбати аввал дар эҳсосу ифтихор аз зебоиҳо ва бойгариҳои кишвараш зоҳир мешавад. Маҳз ҳамин ҳиссиёт бояд ҳангоми шиносоии кӯдакон бо зебоии лафзи модарӣ, табиати нотакрору мардуми меҳнатқаринаш оғоз мегардад. Дар тарбия, таълим ва ташаккулли ҳиссиёти ватандӯстӣ эҷодиёти шифоҳии халқ-фолклор нақши калон бозида метавонад.

Тибқи талаботи ҳуҷҷатҳои барномавӣ-методии соҳа Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», Стандарти давлатии тарбияи томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти инкишоф ва рушди барвақтии кӯдак (аз рӯзи таваллуд то 7 (6) солагӣ» ва барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ «Рангинкамон» дар муассисаи томактабӣ ба тарбияи ахлоқию ватандустӣ диққати калон дода мешавад. Дар ин кор тамоми кормандони омӯзгорӣ иштирок карда, муҳити ором, таҳаммулпазирӣ ва роҳати маънавӣ фароҳам меоваранд.

Иҷрои вазифаҳои тарбияи ватандӯстӣ дар машғулиятҳои шиносоӣ бо адабиёти бадеӣ, тайёрӣ ба саводомӯзӣ, фаъолияти мусаввирӣ, сайругашт, саёҳат ва ғайраҳо таъмин мегардад. Гузаронидани иду ҷашнвораҳои сиёсӣ, мавсимӣ, таърихӣ, касбӣ, саёҳат ба ҷойҳои таърихии маҳали зист, шиносоӣ бо ҳайкалу нимпайкараҳои бузургон, омилҳои муҳими тарбияи ватандӯстӣ мебошанд.

Махсусан, жанрҳои хурди фолклори дар тарбияи ҳисси ватандӯстӣ нақши муҳимро мебозад, чунки он дар тамоми асру замонҳо омили муҳими таълиму тарбия ва ташаккулёбии шахсияти кӯдакон аст. Ин омилҳо ба ҳар як фард аз тифлӣ то пирӣ сарчашмаи таассуроту дониш ва лаҳзаҳои гуворои хушнудию хурсандиро ато месозад. Китоб кӯдакро бо олами пурасрор, ҳиссиёту ҳаяҷони инсонӣ, кирдору рафтор ва муносибатҳои иҷтимоиву ахлоқӣ дохил менамояд. Жанрҳои хурди фолклорӣ доираи донишу тасаввуротҳои кӯдаконро оиди гирду атроф васеъ намуда, ҳисси қаноатмандӣ ва хушҳолӣ мебахшад.[9, с. 92-115.]

Азбаски фолклор ба эҳсосот, табъи кӯдак таъсир расонида метавонад, то он дараҷае, ки ҷаҳони ахлоқию маънавии ӯро дигаргун созад, кӯшиш намудан лозим аст, ки волидон ва тамоми мураббиёни муассисаҳои томактабӣ онро иҷрои мақсаду вазифаҳои тарбиявӣ истифода баранд.

Фолклор— ин мафҳумест, ки эҷодиёти шифоҳии ҳар як халқро дар бар мегирад ва аз насл ба он насл он дода мешавад. Мафҳуми «фолклор»-ро олими англис Вильям Томс соли 1846 пешниҳод кардааст. Фолклор жанрҳои хурду калони адабиро дорост. Адабиёти муосир аз фолклор реша дорад, ки бисёре аз асарҳои онҳо ҳатто дар фарҳангҳои тамоман гуногун ба ҳам монанданд.

Хусусияти асосии эҷодиёти халқ набудани муаллифи машҳур аст, зеро ҳар як асари фолклорӣ муддати хеле қадим вуҷуд дошта, аз тарафи гуяндаву шунаванда ва гирдовандаю таҳқиқгарони он мунтазам мавриди такмилу тағйирёбӣ қарор мегиранд. Бо мурури замон адибон аз мазмуни асарҳои фолклорӣ мазмун гирифта асарҳои пурмазмуну нотакрори худро эҷод менамоянд. Аз ин ҷост, ки дар бисёр адабиёти шинохтаи ҷаҳонӣ сюжетҳо, характер ва асарҳои ба ҳам мантиқан монанд мавҷуданд. Дар баробари ин, фолклор дар баробари зиндагии мардум пайваста инкишоф ва тағйир меёбад [1, с. 39].

Фаромӯш кардан лозим нест, ки аҳамияти эҷодиёти даҳонакии халқ ҳамчун манбаи маълумот дар бораи маданияти халқ барои илм бебаҳо мебошад. Дар эҷодиёти даҳанакии халқ хислатҳои хоси миллӣ, меъёр ва қоидаҳои ахлоқии ба худ хос, ғояву ақидаҳо дар бораи некӣ, зебоӣ, ҳақиқат, мардонагӣ, меҳнатдӯстӣ, вафодорӣ ва ғайраҳо бо таври амиқ ифода гардидаанд. Кӯдаконро бо мақол, муаммо, зарбулмасал, мақолҳо, тезгӯяк, чистон, суруду таронаҳои афсонаҳо шинос намуда, онҳоро бо арзишҳои ахлоқию эстетикии умумибашарӣ ошно мекунем. Ба кӯдакон суруду таронаҳои навозишию дӯстдорӣ ҳамчун сухани меҳрубон садо медиҳанд, ки онҳо ғамхорӣ, меҳрубонӣ, эътиқод ба ояндаи некро ифода мекунанд. Дар зарбулмасалу мақол мавқеи гуногуни ҳаёт ба таври дақиқ арзебӣ карда мешавад ва хислатҳои манфию номатлуб мавриди маҳкумкунӣ қарор мегиранд хислатҳои мусбати одамон васф карда мешаванд. Фолклор бойтарин манбаи инкишофи маърифатию ахлоқии кӯдакон мебошад.

Маҳз дар фолклор хислатҳои фардии халқ, фарқияти онҳо аз дигарон инъикос меёбад. Ба шарофати сурудҳои халқӣ, афсонаҳо ва дигар жанрҳои фолклор фаҳмидан мумкин аст, ки ниёгонамон чӣ тавр зиндагӣ кардаанд, кадом масъалаҳо онҳоро ба ташвиш меандозанд, аз чӣ хурсандӣ мекарданд, вақти худро чӣ тавр мегузаронанд. Ҳанӯз дар замони худ К.Д. Ушинский қайд карда буд, ки «... агар тарбия нотавон будан нахоҳад, бояд оммавӣ бошад». [4, с.49]

Н.К.Крупская, мураббиёнро ба васеъ кардани доираи ҷаҳонбинии кӯдак равона карда, таъкид кардааст, ки манбаи асосии таассуроти кӯдакони синни томактабӣ муҳити наздики онҳо, муҳити иҷтимоие, ки онҳо дар он зиндагӣ мекунанд, мебошад.[4, с.73] Маводҳои таърихи кишваршиносӣ бояд асоси фаҳмиши кӯдакон дар бораи хусусияти дигар кишварҳо ва минтақаҳои дурдаст гардад.

Бо фарҳанги мардумӣ ошно кардани кӯдакон воситаи ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва маънавиёти онҳо мебошад. Тавре Д.С. Лихачёв қайд кардааст, «мо набояд дар бораи гузаштаи фарҳангии худ, дар бораи ёдгориҳо, адабиёт, забон, нақшии худ фаромӯш кунем: Фарқиятҳои миллӣ дар асри 21 боқӣ мемонанд, агар мо ба тарбияи рӯҳи машғул шавем, на танҳо ба интиқоли донишҳо» Аз ин рӯ, фарҳанги ватанӣ ҳам мисли падар ва модар бояд ҷузъи ҷудонашавандаи рӯҳи фарзанд, ибтидои ташаккули шахсият гардад [5, с.86].

Аз ин лиҳоз мураббияҳо кӯшиш менамоянд, ки дар машғулият ва дар ҳаёти ҳаррӯза осори мусиқӣ, фолклорӣ, ки аз ҷиҳати тарбия арзишманданд мебошанд истифода баранд ва зебогии онҳоро ба кӯдакон ошкор созанд, ин асарҳоро шиносу маҳбуб гардонанд. Тасвирҳое, ки дар адабиётҳои бачагона диққати кӯдаконро ба худ ҷалб мекунанд, бояд равшан, мушаххас, шавқангез бошанд ва барои шаклгирии донишу тасаввуротҳо бояд мусоидат намоянд.

Ба ақидаи адабиётшинос Ҷ. Бобокалонова «Афсонаҳо низ чун ҳама гуна жанрҳои хурду калони фолклорӣ дар ташаккули фикри бачагон, тахайюлоту хаёлоти онҳо, орзуву орзуписандиҳои бачагон кӯмак мерасонанд ва дар ташаккули шахсият ва табиату завқи зебоипарастиаш низ бе таъсир намебошанд».[1, с.92]

Аз таҳлили афсонаҳо, ки ба кӯдакон дастрас ҳастанд маърифату хиради халқ бархостаанд, дар ташаккули худогоҳиву худшиносӣ, ватандӯстиву ифтихори миллӣ мусоидат мекунад. Афсонаҳои халқ аз қадимулайём то ба ҳол аз насл ба насл интиқол ёфтаанд. Офаридаҳои халқӣ маҳсули эҷоди халқанд, ки дар ҳар давру замон асолат ва рисолати худро аз даст нахоҳанд дод. Дар афсонаҳои халқӣ тасвирҳои муассиру шигифтангез ва корнамоиҳои пур аз муболиға ва тасаввурношуданӣ, ки аз ҷиҳати сабку услуб равону фаҳмост, хос аст. Аз ин дидгоҳ, агар мазмуни афсона сатҳиву рӯякӣ нақл гардад, ба кӯдакон таъсир намебахшад. Бояд афсона ҳайратовару муболиғанок нақл ёбад, кӯдакон аз мазмуни он мутаассир гардида, ба худ суде бардошт кунанд.

Маълум аст, ки ҳисси ватандӯстӣ дар раванди зиндагӣ ва фаъолияти шахсе, ки дар муҳити мушаххаси иҷтимоӣ-фарҳангӣ қарор дорад, ташаккул меёбад. Кӯдакон аз лаҳзаи ба дунё омадан ба муҳити иҷтимоӣ, табиат ва фарҳанги моддию маънавии кишвари худ, ба ҳаёту зиндагии халқи худ шинос мешаванд, онҳоро чун таҷрибаи иҷтимоии пешгузаштагон аз худ мекунанд. Аз ин рӯ, асоси ташаккули ватандӯстӣ эҳсоси амиқи меҳру муҳаббат ба фарҳанг ва халқи худ, ба сарзамини худ мебошад, ки ҳамчун макони зист дар зодгоҳ бо таври табиӣ қабул карда мешавад ва минбаъд он чун одат шакл мегирад.

Ҳисси ватандӯстӣ бо ҳисси мансубият ба халқи худ, иттиҳод бо ӯ, дилбастагӣ ба кишвари худ, хоҳиши ҳифз ва эҳтиром кардани арзишҳои фарҳангӣ ва анъанаҳои халқ пайвастагии ногусастанӣ дорад. Аз ин рӯ, ҳангоми ташкил ва гузаронидани ҷашнҳои фолклорӣ диққати кӯдакони синни томактабӣ ба хусусиятҳои фарҳангӣ ва анъанаҳои

фолклории халқи тоҷик равона карда, кӯшиш кардан лозим аст, ки кӯдакон ин хусусиятҳоро дарк кунанд [8, с.37].

Бузургтарин хушбахтии волидайн тарбия намудани фарзандони солим ва соҳиби ахлоқӣ ҳамида мебошад. Кӯдакони синни томактабӣ хеле эҳсосотӣ мебошанд. Ин дарки эмотсионалию образноки олами атроф метавонад асоси ташаккули ҳисси ватандӯстӣ гардад.

Тоҷикистон барои бисёриҳо Ватан аст, аммо барои он ки худро соҳибу бунёдкори ояндаи он шуморанд, бояд ҳаёти маънавии халқи худро ҳис кунад ва худро дар амалӣ эҷодкори тасдиқ намоянд, забон, таърих ва фарҳанги тоҷикро қабул кунанд. Аз ин рӯ, ватандӯстии маънавӣ, созандагӣ бояд аз хурдӣ тарбия карда шавад.

Маҳз дар фолклор бо таҷрибаи ҳазорсолаи педагогии халқ такя намуда роҳу воситаҳои инкишоф додани нутқ ва азхудкунии лафзи модарӣ рушди қобилияти мусиқӣ, тафаккури мантиқӣ ва эҷодкорӣ, зиракӣ, ҳушёрӣ, азхудкунии маҳорату малакаҳои меҳнатӣ ва таъмин намудани рушди ҷисмонӣ ва ғайраҳо тавқиду тавсия карда мешаванд.

Фолклор мактаби тарбияи ватандӯстӣ низ мебошад. Кӯдак бо сурудҳои алла ба воя мерасанд, вай тадриҷан ба дарки мураккабтарин олами қаҳрамонон ва идеяҳои эпикӣ омода мешавад.

Пайваста шинос кардани кӯдакони синни томактабӣ бо асарҳои эҷодиёти халқ ба онҳо ёрӣ мерасонад, ки хиради халқи тоҷикро нағзтар фаҳманд. Дар натиҷа дар кӯдакон таваҷҷӯҳ, шавқу ҳавас, меҳру муҳаббат ва эҳтиром нисбат ба халқи худ, мафтуни истеъдоди онҳо ташаккул меёбад.

Кормандони муассисаҳои томактабӣ, волидон агар кӯдаконро аз синни хурдсолӣ бо фарҳанги миллӣ, асарҳои эҷодиёти шифоҳии халқ, нутқи модарӣ шинос намоянд, ин ба тарбияи маънавӣ, ахлоқӣ, ватандӯстонаи кӯдакони синни томактабӣ мусоидат хоҳад кард ва дар оянда онҳо метавонанд тамоми арзишҳои фарҳангии Ватани худро ҳифз кунанд ва ба ҷаҳон шумораи зиёди истеъдодҳоеро фароҳам меорад, ки дар Тоҷикистон ва берун аз он қадр карда хоҳанд шуд.

Эҷодиёти шифоҳии халқ низ бехтарин намунаҳои адабиёти бачагонро дар бар мегирад, ки ҳиссае аз онҳо дар маҷмуаҳои «Афсонаҳои халқи тоҷик», «Латифаҳои тоҷикӣ», «Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ», «Чистонҳо», «Фолклори тоҷик», «Намунаҳои фолклори Дарвоз», «Намунаҳои фолклори диёри Рӯдакӣ», «Фолклори сокинони саргаҳи Зарафшон», «Фолклори Норак», «Таронаҳои Самарқанд», «Сумане аз ҳар чамане», инчунин маҷмуаи шеъру афсонаҳои махсус барои атфол («Эраҷи тилисмшикан», «Алоуддин ва чароғи сеҳрнок», «Алибобо ва чил роҳзан», «Бузаки ҷингилапо», «Лаку Пак», «Дарвоза нигин дорад», «Баҳори лолазор омад», «Як лаъли марҷон», «Лелак лелаки Бокӣ», «Алла, ҷонам аллаё», «Хурӯси хушсадои ман», «Олуча гули бодом» ва ғайра) ба табъ расида, дар инкишофу ғанӣ гардонидани адабиёти бачагони тоҷикӣ саҳми арзанда гузоштаанд.

Барои кӯдакон асар бояд тарзе фаҳмонда шавад, ки ба дараҷаи дарку фаҳмиш, табъу завқи салиқа, авзои рӯҳию равонӣ ва синну соли онҳо мувофиқ бошад. Адабиёти бачагон саршор аз ҷӯшу хурӯши зиндагӣ, шавқу шодӣ, ҳаракату амалиёт буда, бо забони равону сода, оҳанги муассири шоирона ва пур аз самимияту дилгармӣ навишта шудаанд, то ки бачагон ҳангоми шунидани мазмуни онҳо ба шавқ омада, дилашон ба зиндагӣ гармтар гардад. Адабиёти бачагон дар тарбияи инсонсозии насли наврас нақши комил дорад адабиёти бачагон ҳам мисли тамоми адабиёти калонсолон муҳимтарин масъалаҳои давр — ҷангу сулҳ, мубориза барои тантанаи адлу инсофу ростӣ, озодию истиқлоли миллӣ ва адолати иҷтимоӣ дар рӯи замин, ҷоннисорӣ дар роҳи саодати халқу ватани азиз, далерию мардонагӣ, муҳаббат ба арзишҳову муқаддасоти миллию аҷдодӣ, арҷ гузоштан ба анъанаҳои бузурги гузаштагон, ба одобу ахлоқи ҳамида, одамият, таълиму тарбия, ҳусни инсон ва ғайраро дар рӯҳи башардӯстии олӣ таҳлилу баррасӣ менамояд.

Яке аз жанрҳои хурди фолклор ин суруд ва мусиқии халқӣ мебошад, ки ба ташаккули ҳиссиёти ватандӯстӣ таъсири худро мерасонад. Асарҳои мусиқии халқӣ дар шакли бозии шавқовар кӯдаконро бо расму оин ва рӯзгори халқи тоҷик, меҳнат, муносибати эҳтиёткорона ба табиат, ҳаётдӯстӣ, шинос мекунанд.

Кӯдакон дар муассисаи томактабӣ бо фолклори мусиқӣ дар машғулиятҳои мусиқӣ, ҳаёти ҳаррӯза, истироҳат ва иштирок дар иду ҷашнвороҳо шинос мешаванд. Мусиқии халқӣ таваҷҷӯҳи кӯдаконро ба худ ҷалб мекунад, ба онҳо хурсандӣ мебахшад, рӯҳияи хубро ба вуҷуд меорад, эҳсоси тарс, изтиробро бартараф мекунад, ба ибораи дигар, некӯаҳволии эмотсионалӣ ва равониро таъмин мекунад. Сарват ва гуногунии мундариҷаи фолклори кӯдакона имкон медиҳад, ки намунаҳои мураббия дар ҳамбасти бо омӯзгори мусиқӣ интихоб

кунанд ва мавриди истифодабарӣ қарор диҳанд. Ҳамаи сурудҳои халқӣ, инчунин оҳангҳои халқие, ки дар машғулиятҳои мусиқӣ истифода мегарданд, ба дорои фазилатҳои бузурги бадеӣ ва арзиши баланди маърифатӣ мебошанд.

Тавассути мусиқии халқӣ кӯдакон бо ҳаёт ва рӯзгори мардуми тоҷик, бо намудҳои эҷодиёти мусиқии халқӣ шинос мешаванд. Масалан, дар шакли дастрас ба кӯдакон фаҳмонда додани мазмуни сурудҳо, афсонаҳоро одамон хеле пеш ба эҷод шурӯъ карда буданд, аммо онҳоро сабт карда наметавонистанд ва ҳамин тавр онҳо аз насл ба насл пештар бо таври шифоҳӣ мегузаштанд. Касе, ки онҳоро эҷод кардааст, маълум нест. Дар урфият мегӯянд, ки мардум ин сурудҳо, афсонаҳоро эҷод кардаанд ва аз ин рӯ, онҳоро эҷодиёти даҳонии халқ меноманд.

Асарҳои санъати мусиқӣ ва халқии тоҷик, ки дар кор бо кӯдакони синни томактабӣ истифода мешаванд, содда, образнок, оҳангноканд, бинобар ин кӯдакон онҳоро зуд азхуд мекунанд. Ин сурудҳо ба ташаккули маҳорати ибтидоии сурудхонӣ дар кӯдакон, ҳамчун суруд хеле таъсирбахш аст .

Ҳангоми шиносоии кӯдакон бо симои Ватан мусиқи истифода бурда мешавад. Барои кӯдаки томактабӣ, Ватан аз модар, оила, хешовандони наздики ӯ маҳалла, кӯча, деҳот, шаҳр оғоз гардидааст. Ин хонаест, ки ӯ дар он зиндагӣ мекунад, ҳавлӣ, ки дар он бозӣ мекунад, кӯдакистон минбаъд мактабе, ки ӯ дар он таҳсил мекунад ба камол мерасад оғоз мегардад. Ташаккули шуур ва муносибати ӯ ба атрофиён аз он чизе, ки тифл аз кӯдакӣ мебинад ва мешунавад, вобаста аст. Тарбияи ахлоқии кӯдаки томактабӣ пеш аз ҳама тарбияи муҳаббат ва эҳтиром ба модар аст. Бинобарин яке аз аввалин шеърҳое, ки ӯ азёд мекунад, ба васфи модар бахшида мешавад.

Дар кор бо кӯдакон ба он муваффақ шудан лозим аст, ки онҳо на танҳо шунавандаю тамошобини фаъол бошанд, балки инчунин иҷрокунандагони фаъоли сурудхонӣ, рақскунӣ, рақсҳои даврӣ, бозиҳои мусиқӣ ва ғайра гарданд, дар меҳнат ва тайёрӣ ба иду ҷашнвораҳо ва дилхушиҳо фаъолона иштирок намоянд, мо кӯдаконро бо мероси мусиқии халқамон ошно намуда, дар онҳо ҳисси ватандӯстиро тарбия менамоем, ки он аз тарбияи ҳисси ифтихори миллӣ ҷудонашаванда аст.

Ҳамин тариқ, истифодаи фолклори халқӣ дар тарбияи ватандӯстӣ ба ташаккули ҳисси ватандӯстӣ дар синни томактабӣ таъсир мерасонад. Фолклор дар дили кӯдакон меҳру муҳаббатро нисбат ба табиат, олами набототу ҳайвонот мепарварад, ҳисси муҳаббат ба Ватанро ташаккул медиҳад. Ҳамаи маводҳое, ки ба кӯдакон таълим ва пешниҳод менамоянд тез аз худ мекунанд. Барои он ки кӯдак шахси хуб ба воя расад, аз хурдсолӣ дар ӯ аввалин ҳиссиёт ва сифатхои худогоҳию ватандӯстиро тарбия кардан лозим аст. Зарур аст, ки минбаъд дар кӯдакон ҳисси ватандӯстӣ, раҳмдилӣ, инсондӯстиро тарбия намуда тавассути фолклор, эҷодиёти халқи тоҷик, афсонаҳое, ки дили онҳоро ба некӣ, саховатмандӣ, бо вичдони, шараф ва адолат табдил медиҳанд, мусоидат менамояд.

АДАБИЁТ:

1. Афсонаҳои халқи тоҷик. Бозгӯи Рачаб Амонов. Душанбе, 2001, с. 316.
2. Богомолова М.И. Интернациональное воспитание дошкольников М., Просвещение, 1988. -309с
3. Бородич А.М. Методика развития речи детей. М., «Просвещение», 1981, с. 256.
4. Воспитание нравственных чувств у старших дошкольников. М.:1989: с. 273.
5. Козлова С.А. Воспитание патриотических чувств. «Воспитание нравсвенных чувств у старших дошкольников». Москва, «Просвещение», 1989, с.306
6. Маҷидова Б. Тарбияи ҳисси ватандӯстӣ дар хурдсолон. Мактаб ва ҷомеа. Душанбе, 2002, с. 147.
7. Маҷидова Б. Каломи бадеӣ дар кӯдакистон. Душанбе, 2003, с.25.
8. Маҷидова Б., Иматова Л. Истифодаи зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ дар таълим ва тарбияи кӯдакон. Душанбе, 1999, с.37.
9. Маҷидова Б. Нақши адабиёти бадеӣ дар тарбияи ҳисси хештаншиносии кӯдакон. Маҷмӯаи мақолаҳо. Оила ва кӯдакистон: чӣ тавр кӯдакро ба мактаб омода намуд. Душанбе, 2006, с.115.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ иборат аз 2 ҷилд. Ҷилди 1. Нашриёти «Советская энциклопедия», Москва, 1969, с. 238.

ФОЛКЛОР ҲАМЧУН ВОСИТАИ ТАЪСИРРАСОНӢ БА ТАШАККУЛИ ҲИССИЁТИ ВАТАНДӮСТӢ Д АР КӮДАКОН

Дар мақолаи мазкур фолклор ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ ба ташаккули ҳиссиёти ватандӯстии кӯдакон дар муассисаҳои таълимии томактабӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст.

Ҳадафи мақола. Дар заминаи таҳлили адабиётҳои илмӣ таҳлилу баррасии нақши фолклор дар ташаккул додани ҳиссиётҳои ватандӯстӣ дар даври томактабӣ мебошад. Ин раванд бо истифода аз роҳу усул ва воситаҳои таъсиррасонӣ ба ҳиссиёт, шуур, рафтор, олами маънавӣ, сифатҳои ахлоқӣ ва

инкишофи ақлию зеҳнии кӯдаконро таъмин менамояд. Он бо баробари шеъру ҳикоя, афсонаҳои халқии тоҷикӣ ва асарҳои бо забони тоҷикӣ тарҷумашудаи шоирону нависандагони халқҳои бародар, хориҷи дур, адибони муосир дар машғулиятҳои таълимӣ ва берун аз он истифода бурда мешавад. Хеле муҳим аст, ки кӯдак дар фолклор бойгариҳои забони тоҷикиро дарк намояд, ибора, қофия, оҳангу назокати лафзи модариро аз худ намуда, ба он чун мероси маънавии пешгузаштаи худ муносибат намояд.

Фолклор ҳамчун воситаи таъсиррасони ба ташаккули ҳиссиёти ватандӯстӣ дар кӯдакон, аз тарафи волидону мураббиён дар асоси баҳисобгирии қонуниятҳои тараққиёт, хусусият, қобилият ва имкониятҳои синну соли ва фардии кӯдакон истифода бурда мешавад.

Натиҷаи татқиқот нишон дод, ки масъалаи нақши фолклор ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ ба ташаккули ҳиссиёти ватандӯстӣ дар кӯдакон ба муассисаи томактабӣ дар татқиқотҳои илмии мутахассисон, таҷрибаи амалии кормандон бояд диққати махсус дода шавад. Хусусияти истифодаи фолклор дар ташаккули ҳиссиёти ватандӯстии кӯдакон дар он аст, ки арзишҳои маънавии халқи тоҷик, дӯст доштани манзили зист, эҳтиром кардани пайвандон, риояи одоби муошират бо калонсолон, меҳнатдӯстӣ ва ғайраҳо дар шакли фаҳмою дастрас, дар алоқамандӣ ба таҷрибаи иҷтимоии кӯдак дастрас карда мешавад. Кулли сифатҳои номбаргардида пойдевори устувори сифатҳои худшиносию ватандӯстии кӯдакон мегардад.

Инчунин фаъолияти таълиму тарбиявии мураббияҳои муассисаҳои томактабӣ дар алоқаманди бо волидон пайгирӣ гардида дар кӯдакон дар занҷираи ман, мо, дигарон, хонаи ман, оилаи ман, пайвандону наздикони ману дигарон, маҳаллаю деҳот, кишвару ватан ҳиссиётҳои ватандӯстӣ шакл мегиранд.

Калидвожаҳо: *фолклор, синни томактабӣ, муассисаи томактабӣ, волидон, мураббия, инкишоф, худшиносӣ, ватандӯстӣ, ташаккулёбӣ, ҳиссиёт, меъёр, иҷтимоишавӣ.*

ФОЛЬКЛОР КАК ИНСТРУМЕНТ ВЛИЯНИЯ НА ФОРМИРОВАНИЕ ПАТРИОТИЧЕСКОГО ЧУВСТВА У ДЕТЕЙ

В данной статье изучается и анализируется фольклор как средство воздействия на формирование чувства патриотизма у детей в дошкольных образовательных учреждениях.

Цель статьи. На основе анализа научной литературы анализируется роль фольклора в формировании патриотических чувств в дошкольном возрасте. Этот процесс обеспечивает психическое и интеллектуальное развитие детей путем использования способов, методов и средств воздействия на чувства, сознание, поведение, духовный мир, нравственные качества. Он используется наряду со стихами и рассказами, таджикскими народными сказками и произведениями, переведенными на таджикский язык поэтами и писателями братских народов, дальнего зарубежья, современными писателями в просветительской деятельности и за ее пределами. Очень важно, чтобы ребенок понял богатство таджикского языка в фольклоре, усвоил фразы, рифмы, мелодику и изящество родного языка и относился к нему как к духовному наследию своего предшественника.

Фольклор используется родителями и педагогами как средство воздействия на формирование патриотизма у детей, исходя из закономерностей развития, особенностей, способностей и возможностей детского возраста и индивидуальности.

Результаты исследования показали, что вопросу о роли фольклора как средства воздействия на формирование патриотизма у детей следует уделять особое внимание научным исследованиям специалистов и практическому опыту сотрудников. Особенностью использования фольклора в формировании детского чувства патриотизма является то, что духовные ценности таджикского народа - любовь к своему дому, уважение к родным, соблюдение этикета общения со взрослыми, трудолюбие и т.д. Все перечисленные качества становятся прочной основой детского самосознания и патриотизма.

Также отслеживается обучения и воспитательная деятельность воспитателей дошкольных учреждений по отношению к родителям и формируются патриотические чувства у детей в цепи мой, мы, другие, мой дом, моя семья, мои родственники и друзья, район и села, страна и Родина.

Ключевые слова: *фольклор, дошкольный возраст, дошкольное учреждение, родители, воспитатель, развитие, самосознание, патриотизм, формирование, чувства, нормы, социализация.*

FOLKLORE AS A TOOL OF INFLUENCE ON THE FORMATION OF PATRIOTIC FEELINGS IN CHILDREN

This article studies and analyzes folklore as a means of influencing the formation of a sense of patriotism in children in preschool educational institutions.

Purpose of the article. Based on an analysis of scientific literature, the role of folklore in the formation of patriotic feelings in preschool age is analyzed. This process ensures the mental and intellectual development of children through the use of methods, methods and means of influencing feelings, consciousness, behavior, spiritual world, and moral qualities. It is used along with poems and stories, Tajik folk tales and works translated into Tajik by poets and writers of fraternal peoples, foreign countries, modern writers in educational activities and beyond. It is very important that the child understands the richness of the Tajik language in folklore, masters the phrases, rhymes, melody and grace of his native language and treats it as the spiritual heritage of his predecessor.

Folklore is used by parents and teachers as a means of influencing the formation of patriotism in children, based on the patterns of development, characteristics, abilities and possibilities of childhood and individuality.

The results of the study showed that the issue of the role of folklore as a means of influencing the formation of patriotism in children should be given special attention to the scientific research of specialists and the practical experience of employees. A peculiarity of the use of folklore in the formation of children's sense of patriotism is that the spiritual values of the Tajik people are love for their home, respect for relatives, observance of etiquette in communicating with adults, hard work, etc. All of the above qualities become a solid basis for children's self-awareness and patriotism.

The training and educational activities of preschool teachers in relation to parents are also monitored and patriotic feelings are formed in children in the chain of mine, we, others, my home, my family, my relatives and friends, district and villages, country and Motherland.

Key words: *folklore, preschool age, preschool institution, parents, teacher, development, self-awareness, patriotism, formation, feelings, norms, socialization.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Раҳмонова Насима Ҳумроновна ассистенти кафедраи педагогика, психология ва методикаи тарбияи томактабӣ Донишгоҳи Давлатии Омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе кӯчаи Л.Шералӣ 4, E-mail: rahmonovan86@gmail.com. тел (+992) 918750990,*

Сведение об авторе: *Рахмонова Насима Хумроновна ассистент кафедры педагогики, психологии и методики дошкольного образования Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, Адрес: Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Л. Шерали 4,E-mail: rahmonovan86@gmail.com. тел (+992) 918750990,*

Information about the author: *Rakhmonova Nasima Khumronovna Assistant at the Department of Pedagogy, Psychology and methods of preschool education Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe city, L. Sherali street 4, E-mailrahmonovan86@gmail.com. Tel (+992) 918750990,*

ТДУ 372.851, 378.147

НАҚШИ МЕТОДИ ПУЛОТ ДАР АРЗЁБИИ ОБЪЕКТИВОНАИ ДОНИШИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ 3 ВА 4 ОИД БА БАЪЗЕ МАФҲУМҲОИ ГЕОМЕТРӢ

Назаров А. П

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Раҷабзода Ҳ. Х.

Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Дар замони технологияи информатсионӣ зарурат ба беҳтар гардонии раванди таълими фанни математика дар синфҳои ибтидоӣ, хусусан ҳангоми ташкил ва гузаронидани корҳои контролӣ ба миён омадааст. Мақсад аз васеъ истифодабарии техника ва технологияи компютерӣ ва дар баробари ин истифода аз барномаҳои муосири компютерӣ иборат аст. Ин ҳама ба баланд гардидани раванди таълим ва сатҳу сифати таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ мусоидат менамояд.

Бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим ва сатҳи дониши математикии хонандагони синфҳои 3 ва 4 дар айни замон методҳо, шаклҳо ва технологияҳои гуногуни беҳтаринсозии раванди таълим бо истифода аз таъминоти гуногуни барномавӣ ва воситаҳои электронии таълим ба таври васеъ татбиқ карда мешаванд. Пеш аз ҳама, истифодаи таъминотҳои барномавии таҳриргарони матнӣ ва ҷадвалҳои электронӣ барои тайёр кардани маводи гуногуни таълимӣ ба омӯзгорон ёрӣ мерасонанд. Як гурӯҳи таъминоти барномавии компютерӣ барои эҷоди воситаҳои айёнӣ ва намоиши презентатсияҳо, гурӯҳи дигари бастаҳои махсуси таъминоти барномавӣ барои ҳисобҳои математикӣ ва муҳандисӣ, инчунин низомҳои худкори тарроҳӣ истифода бурда мешаванд. Дар баробари ин ҳама, таъминотҳои барномавие мавҷуданд, ки ба низоми назорат ва барои арзёбии дониши хонандагон татбиқ карда мешаванд. Истифодаи таъминоти барномавии зикршуда ба суръат ва сифати омодасозии маводи таълимӣ ва ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ба таври муассир таъсир мерасонад. Равандҳои дарк ва азхудкунии маводи таълимиро аз ҷониби хонандагон фаъол мегардонанд ва малакаҳои устувори ҳисоб кардани қимати ифода ва бузургиҳоро таъмин менамоянд. Татбиқи барномаҳои компютерии санҷиши дониши хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба омӯзгорон имкон медиҳанд, ки бо истифода аз шаклҳои асосӣ ва анъанавию стандартии вазифаҳои санҷишӣ арзёбии сифатии донишро дар хонандагон анҷом диҳанд. Ин ҷо ба мо методикаи таълими математика ҳамчун илм ёрӣ мерасонад [1].

Чун анъана, барои ноил гаштан ба ин мақсадҳо, омӯзгорони фаннӣ супоришҳоро барои иҷро аз китобҳои дарсии мавҷуда, ё маводи дидактикӣ, ё мустақилона навишташуда, ё дастурҳои таълимӣ, ё маҷмуаи машкҳо ва дигар нашрияҳои таълимию методӣ интихоб мекунанд. Супоришҳо метавонанд дар шакли анъанавӣ, яъне навиштани ду варианти кор дар тахтаи синфӣ, бо ёрии мадракҳои дидактикӣ ва ё супоришномаи тестӣ бошанд. Аммо самаранокии истифодаи ин гуна мавод хеле ночиз аст, ба омӯзгорон мушкилиҳо ва монеаҳои зиёдеро пеш меоранд. Меҳнати омӯзгоронро хеле душвор карда, вақти зиёдро барои тайёрӣ ва санҷиши минбаъда талаб менамоянд [2]. Бояд қайд кард, ки бинобар сабаби шумораи маҳдуди супоришҳо барои гузаронидани корҳои контролӣ ва мустақилона дар дастуру нашрияҳои номбаршуда, омӯзгори синфҳои ибтидоӣ маҷбур аст, ки рӯйхати умумии супоришҳоро барои ҳамаи хонандагони синф бо ду вариант пешниҳод кунад. Дар робита ба ин, аксари хонандагони синф ҳавасмандии худро барои мустақилона иҷро кардани ҳама супоришҳоро аз даст медиҳанд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки аксар вақт нусхаи оддии кори контролӣ ва мустақилона, ки ҳамсинфони аълохон ва пешқадам иҷро мекунанд, ба дасти дигар ҳамсинфон ё синфҳои параллелӣ барои рӯйбардор кардани кори тайёр мерасанд. Ҳатто корҳои хаттии иҷрошудаи солҳои гузаштаро аз нав сабт мекунанд, ба хонандагон пешниҳод мекунанд. Дар натиҷа баҳогузории сифати кори хаттии иҷрокардаи ҳар як хонандаи синф объективона намегардад ва сифати арзёбии сатҳи дониш ба пастӣ меравад [2-4].

Дар ҷараёни таълими фанни математика дар синфҳои ибтидоӣ ва омода намудани хонандагон барои таҳсили оянда дар синфҳои болоӣ ташкил ва гузаронидани дарсҳо оид ба корҳои контролӣ ва мустақилона нақши муҳим доранд. Дар ин маврид донишҳои гирифтаи хонандагон арзёбӣ карда мешаванд ва арзёби бояд объективона гузаронида шавад. Дар раванди таълими математика дар синфҳои 3 ва 4 маводи геометрӣ ба хонандагон омӯзонида мешаванд, аз ҷумла периметр ва масоҳат [7, 8]. Дар синфи 3-юм ёфтани периметр ва масоҳат бо роҳи ҳисобкунӣ ва дар синфи 4-ум бо истифода аз формула омӯзонида мешаванд. Норасогиҳои дар сархатҳои аввали кори мазкур ва дар кори [2] овардашударо ба эътибор гирифта, кори мазкур ба методологияи асосии таҳияи барномаи компютерӣ барои дар экрани компютер инъикос намудани шарти супоришҳои кори контролӣ оид ба арзёбии донишҳои хонандагони синфи 4-ум доир ба мафҳумҳои периметр ва масоҳати баъзе аз фигураҳо бахшида мешавад. Дар раванди таҳияи барномаи компютерӣ мавзуъҳои дар раванди таълими фанни математики синфи 4-ум омӯхташуда, хусусиятҳои истифодаи методи Пулот ва технологияҳои муайяни методологӣ дар таҳияи барномаҳои компютерӣ ба эътибор гирифта мешаванд.

Бо мақсади сохтани лоиҳаи барномаи компютерӣ барои гузаронидани кори контролӣ оид ба арзёбии дониши хонандагони синфҳои 4-ум доир ба ҳисобкунии периметр ва масоҳати баъзе аз фигураҳои геометрӣ бо истифода аз методи Пулот, намунаи варианти зерини кори контролиро мавриди омӯзиш қарор медиҳем:

Тарафҳои секунҷа см, см ва см мебошанд. Периметри секунҷаро ёбед.

Дарозии росткунҷа дм аст. Бари росткунҷа аз дарозиаш см хурд аст. Периметри росткунҷа ба чанд см баробар аст?

Бари росткунҷа м аст. Дарозии росткунҷа аз бараш дм зиёд аст. Масоҳати росткунҷаро бо дм ёбед.

Масоҳати квадрати тарафаш см буда ба чанд дм квадратӣ баробар аст?

Тавре мебинем, варианти кори контролӣ аз 4 масъала иборат аст. Масъалаи якум ба ҳисоби периметри секунҷа, ки дарозии се тарафаш дода шудааст, равона гардидааст. Ҳангоми эҷоди чунин масъала барои ҳисобкунии периметри секунҷа бояд онро ба ҳисоб гирифт, ки суммаи ду тарафи дилхоҳи секунҷа аз тарафи сеюмаш калон аст (теорема дар бораи нобаробарии секунҷа). Аммо ин шартро аксар мавридҳо ба эътибор нагирифта, шарти масъаларо тавакалӣ ва нодуруст эҷод мекунанд. Ин ҳолат, масалан, дар китобҳои [7, масъалаи №384, саҳ. 103], [8, масъалаи №5, саҳ. 215, супориши тестии №13, саҳ. 216] мавҷуд аст. Ё худ масъалаи 383 (дуюмаш) [7, саҳ. 102] нодуруст тартиб дода шудааст, зеро талаботи теоремаи машҳури Пифагор вайрон карда шудааст. Ин масъалаҳо ё супоришҳо доир ба ҳисоби периметри секунҷа ҳал карда мешаванд ва ҷавобашон ёфта мешаванд, вале шарташон нодуруст аст. Бинобар ин ҳангоми сохтани лоиҳаи барномаи компютерӣ бо истифода аз методи Пулот ин салоҳиятҳои мавзуиро ҳатман бояд ба эътибор гирифт. Бо истифода аз забони барномасозии PascalABC.Net ба сохтани лоиҳаи барномаи компютерӣ оғоз мекунем. Бо истифода аз методи Пулот, чун қоида, параметрҳои сана ва вақти дар системаи компютер бударо муайян мекунем:

var sv := DateTime.Now;

Барои генератсия ва муайян намудани дарозии тарафи якуми секунҷа ба матни барнома сатрҳои зеринро бо истифода аз оператори бахшиш менависем:

var *tar1 := sin(sv.Day-Milliseconds)+sin(sv.Hour+sv.Second)-cos(sv.DayOfYear-sv.Millisecond)-cos(sv.Year-sv.Ticks+sv.Second);*

Типи адади муайяншавандаи tar1 адади ҳақиқӣ аст ва метавонад адади манфӣ гардад. Аз баски дарозии тарафи секунҷа доимо мусбат аст, пас дар ин сатри барнома функсияи қимати мутлақро татбиқ мекунем:

var *tar1 := Abs(sin(sv.Day-Milliseconds)+sin(sv.Hour+sv.Second)-cos(sv.DayOfYear-sv.Millisecond)-cos(sv.Year-sv.Ticks+sv.Second);*

Акнун қимати tar1 –ро ба ягон адади натуралии, масалан, дар байни 500 ва 600 буда зарб зада, натиҷаашро ба ягон адади дигар, масалан, дар байни 14 ва 687 буда ҷамъ мекунем:

var *tar1 := Abs(sin(sv.Day-Milliseconds)+sin(sv.Hour+sv.Second)-cos(sv.DayOfYear-sv.Millisecond)-cos(sv.Year-sv.Ticks+sv.Second)) *Random(500,600)+Random(14,687);*

Бо мақсади он ки қимати tar1 адади калон нашавад ва ҳангоми ҳалли масъала ба хонандагон мушкилӣ наорад, он ададро мефилтронем. Дар доираи салоҳиятҳои мавзуии фанни математика дар синфи 4-ум, дарозии тарафи секунҷа дар шарти масъала бояд адади натуралӣ бошад. Пас қимати tar1 –ро ба адади бутун (натуралӣ) табдил медиҳем:

While *tar1>202.25* ***Do*** *tar1:=tar1/2.13; tar1:=round(tar1);*

Қимати бо истифода аз методи Пулот генератсия ва муайяншудаи tar1 –ро дарозии тарафи якуми секунҷа қабул мекунем.

Монанд ба генератсия ва муайянкунии дарозии тарафи якуми секунҷа рафтор карда, бо истифода аз методи Пулот дарозии тарафи дуюми секунҷаро, масалан tar2, генератсия ва муайян менамоем. Матни ин қисми лоиҳаи барномаи компютериро месозем:

var *tar2 := Abs(cos(sv.Day-Milliseconds)-sin(sv.Hour+sv.Second)+ sin(sv.DayOfYear-sv.Millisecond)+cos(sv.Year+sv.Ticks-sv.Second))* Random(500,600)+Random(18,682);*

While *tar2>201.88* ***Do*** *tar2:=tar2/2.11; tar2:=round(tar2);*

Монанд ба ин бо истифода аз методи Пулот дарозии тарафи сеюми секунҷаро, масалан tar3, генератсия ва муайян менамоем. Матни ин қисми лоиҳаи барномаи компютериро месозем:

var *tar3 := Abs(cos(sv.Minute+Milliseconds)-cos(sv.Month-sv.Second)-sin(sv.DayOfYear+sv.Millisecond)-cos(Milliseconds-sv.Ticks-sv.Second))* Random(500,600)+Random(16,680);*

While *tar3>202.41* ***Do*** *tar3:=tar3/2.16; tar3:=round(tar3);*

Аз технология ва сатрҳои аз матни барнома оварда шуда маълум мегардад, ки қимати параметрҳои tar1, tar2 ва tar3 тақрибан дар байни ададҳои 90 ва 202 мехобанд. Ин худ гувоҳӣ аз он медиҳад, ки шартҳои теорема дар бораи нобаробарии секунҷа tar1+tar2>tar3, tar3+tar2>tar1 ва tar1+tar3>tar2 ҳамавақт иҷро мегарданд. Лекин новобаста аз ин иҷрошавии ин шартҳоро дар матни барнома бо истифода аз амали мантиқӣ месанҷем, яъне:

(tar1+tar2>tar3) **And** (tar3+tar2>tar1) **And**(tar1+tar3>tar2) .

Ҳаминтавр дарозии ҳар се тарафи секунҷа бо истифода аз методи Пулот генератсия ва муайян карда шуданд. Онҳоро истифода карда, шарти масъалаи якуми кори контролиро тайёр намуда, дар экрани компютер инъикос менамоем. Барои инъикос намудани шарти масъалаи якум дар шакли муколамагии барномаи компютерӣ аз ҷузъи идоракунии нишонаи Label истифода мебарем. Як намунаи варианти масъалаи якуми супориш дар Расми 1 оварда шудааст.

Расми 1. Намунаи супориши якуми кори контролӣ

Ба тадқиқи масъалаи дуюм гузашта, сохтани лоиҳаи барномаи компютериро давом медиҳем. Масъалаи мазкур аз ду параметри воридшаванда иборат аст, ки мувофиқан дарозӣ ва бари росткунҷаро ифода мекунанд. Тибқи салоҳиятҳои фаннӣ ва мавзуӣ дарозӣ ва бари росткунҷа ададҳои мусбат буда, дар синфҳои ибтидоӣ танҳо ададҳои натуралӣ мебошанд. Барои генератсия ва муайян намудани қимати параметри воридшавандаи якум, яъне дарозии росткунҷа, сатрҳои зеринро ба матни барнома дохил мекунем, ки бо истифода аз методи Пулот навишта шудаанд:

```
Varb:=Abs(sin(sv.Month+sv.Millisecond)-cos(sv.Minute+sv.Millisecond)+ sin(Milliseconds-
sv.Minute)-cos(sv.Second-sv.Day))*Random(49,96) +Random(21,57);
While b>349.88 Do b:=b/2.13; b:=Trunc(b);
```

Барои генератсия ва муайян намудани қимати параметри воридшавандаи дуюм, яъне бари росткунҷа, сатрҳои зеринро ба матни барнома дохил мекунем:

```
Varb:=Abs(sin(sv.Month+sv.Millisecond)-cos(sv.Minute+sv.Millisecond)+ sin(Milliseconds-
sv.Minute)-cos(sv.Second-sv.Day))*Random(49,96) +Random(21,57);
While b>349.88 Do b:=b/2.13; b:=Trunc(b);
```

Ҳарду параметри бо методи Пулот муайяшуда бо истифода аз функсияи *Abs* ба адади мусбат ва дар охир истифода аз функсияи *Trunc* ба адади натуралӣ табдил меёбанд. Аз шарти масъала бармеояд, ки дарозии росткунҷа аз бараш бояд ҳатман калон бошад (бо ҳисоби он ки яке бо дм, дигаре бо см дода шудаанд). Дар ҳолати баръакс бари росткунҷа манфӣ мегардад. Бинобар ин дар матни барнома амали мантиқӣ ва протседураи бо ҳам ивазкунии қимати ду бузургиро истифода мебарем:

```
If a*10<b Then Swap(a,b);
```

Қисми барнома, ки барои тавлиди супориши дуюми кори контролӣ ва инъикоси он дар шакли муколамагии барномаи компютерӣ зарур аст, сохта шуд. Намунаи як варианти супориши дуюми кори контролӣ дар Расми 2 оварда шудааст.

2. Дарозии росткунҷа 230 дм аст. Бари росткунҷа аз дарозиаш 156 см хурд аст. Перимет-ри росткунҷа ба чанд см баробар аст?

Расми 2. Намунаи супориши дуюми кори контролӣ

Ба тадқиқ, барномасозӣ ва тавлиди супориши сеюми кори контролӣ мегузарем. Масъалаи сеюм ба масъалаи дуюм монанд аст, танҳо ба ёфтани масоҳат равона гардида аст. Масъалаи сеюм аз ду параметри воридшаванда иборат аст. Қимати ададии параметри якумро бо истифода аз методи Пулот ин тавр генератсия ва муайян намудан мумкин аст:

```
b:=Abs(cos(sv.Day+sin(sv.Millisecond-sv.Ticks))-sin(Milliseconds-cos(sv.Month-
sv.Second))+sin(sv.Millisecond-sv.Hour))*Random(109,289) +Random(13,98);
While b>79.24 Do b:=b/1.84; b:=Int(b);
a:=Abs(sin(sv.Hour+cos(sv.Millisecond))-cos(sin(sv.Hour)-sv.Millisecond)
+sin(Milliseconds+sv.Day)-cos(sv.Second-sv.DayOfYear))*Random(103,268)+ Random(19,78);
While a>96.97 Do a:=a/2.02; a:=Int(a);
```

Дар раванди генератсиякунӣ ва муайянкунии параметрҳои масъалаи сеюм ягон шарти иловагӣ ва маҳдудият гузошта намешавад. Зеро барои дилхоҳ қиматҳои натуралии параметрҳои воридшаванда шарти масъала дуруст тартиб дода шуда, ҳал карда мешавад. Намунаи яке аз вариантҳои супориши сеюм, ки бо ин қисми барнома тавлид карда мешавад, дар Расми 3 оварда шудааст.

3. Бари росткунҷа 56 м аст. Дарозии росткунҷа аз бараш 53 дм зиёд аст. Масоҳати росткунҷаро бо дм ёбед.

Расми 3. Намунаи варианти супориши сеюм

Супориши чоруми кори контролӣ ба ёфтани масоҳати квадрати дарозии тарафаш додашуда равона гардидааст. Хонанда бояд донад, ки дар квадрат ҳама тарафҳояш баробар аст ва яке аз салоҳияти мавзуӣ ба ҳисоб меравад. Дар шарти масъалаи мазкур тараф бо воҳиди дарозии см дода мешавад. Талаб карда мешавад, ки масоҳати квадрат бо воҳиди масоҳати дм квадратӣ ёфта шавад. Пас ҳангоми барномасозӣ, генератсияи параметри воридшаванда бо истифода аз методи Пулот ва тавлиди масъала дар шакли муколамагӣ як шарти иловагӣ гузошта мешавад. Ин шарт иборат аз он аст, ки дарозии тарафи квадрат дар шарти ин масъала бояд ба 10 тақсим шавад. Дар ҳолати баръакс масъала барои хонандагони синфи 4-ум нодуруст тартиб дода шуда ҳисобида мешавад. Зеро ҳангоми ҳалли масъала хонанда бояд дар аввал дарозии тарафи квадратро ба 10 тақсим карда, аз воҳиди дарозии см ба дм табдил диҳад. Баъд масоҳати квадратро бо дм квадратӣ ёбад. Бо ҳисоби шартҳои гузошташуда ва салоҳиятҳои мавзуии фанни математика дар синфи 4-ум, матни ин қисми барномаи компютериро барои генератсияи параметри воридшаванда месозем:

```
a:=Abs(cos(sin(sv.Month-sv.Millisecond))+sin(cos(sv.Minute-sv.Millisecond)-
sin(Milliseconds+sv.Minute))-sin(sv.Second-sv.Day))*Random(9,99) +Random(8,232);
While a>99.83 Do a:=a/1.52; a:=Floor(a)*10;
```

Намунаи супориши чоруми тавлидшудаи кори контролӣ ва инъикоси он дар шакли муколамагии барномаи компютерӣ дар Расми 4 оварда шудааст.



Расми 4. Намунаи супориши чоруми кори контролӣ

Дар ин ҷо қисми аввали барномасозии тавлиди кори контролӣ ба охир мерасад. Ба лоиҳаи таъминоти барномавӣ як тугмаи амриро илова карда, номи матниашро "**Супориш**" мегузорем. Ба протседураи он матни пурраи барномаи тавлиди супоришҳоро дохил мекунем.

Ба хонандагон омӯзонидани ҳалли масъалаҳо, аз ҷумла мазмуни геометрӣ дошта дар раванди таълими математикаи синфи 4-ум нақши бузург дорад. Ҳалли масъалаҳо аз тарафи хонандагон тафаккури мантиқии онҳоро инкишоф дода, маҳорату малакаи масъалаҳалкуниро дар онҳо ташаккул медиҳад. Дар натиҷа аппарати математикӣ ва ҷаҳонбинии хонандагон дар амал инкишоф меёбад. Масалан, ҳангоми ҳалли масъалаҳои 2-4 хонанда бояд шарти онҳоро дуруст хонда, ба талаботи шарти масъала дуруст сарфаҳм раванд. Ин ҷо рафтори мантиқӣ зарур аст, зеро параметрҳои воридшаванда дар шарти масъалаҳои 2-4 бо дигар воҳиди ченаки дарозӣ дода шуда, ҷавоб бо дигар воҳиди ченак талаб карда мешавад. Ҳангоми сохтани барномаҳои компютерӣ бошад, истифодаи усули гуногуни математикии коркарди информатсия зарур аст, хусусан, ҳангоми барномасозӣ ва тавлиди масъалаи якуми спориши мазкур. Умуман, ҳалли мустақилонаи масъалаҳо аз тарафи хонандагон воситаи асосии ташаккули тафаккури фазоӣ ва фаъолияти эҷодии хонандагон мебошанд.

Қисмати дуюми барномасозии кори контролии мазкур бо истифода аз методи Пулот ба технологияи коркарди воситаҳои дохилкунии ҷавоби ҳалли супоришҳо аз тарафи хонандагон ва тариқи худкор санҷидани дурустии онҳо аз тарафи барномаи компютерӣ равона мегардад. Ҳар чор супориши кори контролии мазкур танҳо аз яктогӣ ҷавоб иборатанд. Бинобар ин ҳангоми барномасозӣ дар назди ҳар як супориш яктогӣ ҷузъи идоракунии майдони матнҳоро ҷойгир мекунем. Хонандагон дар майдони он ҷузъҳои идоракунӣ ҷавобҳои ҳосилкардаашонро дастӣ бо истифода аз клавиатура дохил мекунанд. Бо ҳисоби салоҳиятҳои мавзуии математикаи синфи 4-ум ҷавоби ба ин майдонҳо дохилшаванда танҳо аз рақамҳо иборатанд. Дар охир бояд адади натуралӣ ҳосил шавад. Ин талаботро ба эътибор гирифта, дар хосияти ҷузъи идоракунии майдони матнҳо баъзе маҳдудиятҳо, аниқтараш имкони танҳо воридкунии рақамҳоро мегузорем. Ин ба хонандагон сабукиҳои зиёдеро фароҳам меорад. Бо ин мақсад аз ҷузъи идоракунии майдони матнҳои **MaskedTextBox** истифода бурдан мувофиқи мақсад аст [6, саҳ. 603]. Дар поёни ҳар як супориш матни "Ҷавоб:" ва дар назди он ин ҷузъи идоракуниро мегузорем.

Пас аз дохил карда шудани ҷавоб аз тарафи хонанда, бо истифода аз барномаи компютерӣ дурустии он ҷавобро тариқи худкор санҷидан зарур аст. Бинобар ин ба лоиҳаи таъминоти барномавӣ як тугмаи амриро бо номи матнии "**Санҷиш**" илова мекунем. Ба протседураи он матни пурраи барномаи санҷиши ҷавобҳои дохилшудаи супоришҳоро ҷойгир мекунем. Ин ҷо матни барномаи санҷиши ҷавоби дохилкардашудаи супориши дуюмро меорем:

```
// Санҷиши ҷавоби супориши дуюм
jv:=MaskedTextBox2.Text.Trim;
If jv.Length>0 Then Begin pr:=1; Var dr:=Label10.Text.ToInteger*10;
If jv.ToInteger=4*dr-2*Label12.Text.ToInteger
Then Begin Label29.Text := 'Д'; MaskedTextBox2.BackColor := Color.Green; baho+=5 End
Else Begin Label29.Text := 'Н'; MaskedTextBox2.BackColor := Color.Red End End;
```

Аз матни барнома айён аст, ки санҷиш танҳо дар ҳолате гузаронида мешавад, ки агар хонанда ҷавоби супоришро дар майдони ҷузъи идоракунии матнии MaskedTextBox2 дастӣ дохил карда бошад. Дар аввал барнома холигиҳои дар ҳар-ду тарафи ин матн бударо нест мекунад (агар бошанд). Дарозии росткунҷа, ки дар шарти масъала бо дм дода мешавад, дар матни ҷузъи идоракунии қайди Label10 ҷойгир шудааст. Барномаи компютерӣ онро аз ин ҷузъ хонда, ба адади бутун табдил дода, 10 маротиба зиёд менамояд (Label10.Text.ToInteger*10). Дар натиҷа қимати параметри dr маълум мегардад, ки дарозии росткунҷаро бо см ифода мекунад. Дар матни ҷузъи идоракунии қайди Label12 қимати бузургӣ бо см ҷойгир карда мешавад, ки чанд см аз дарозӣ хурд буданашро нишон медиҳад. Ҳамин тавр барномаи компютерӣ худаш периметри росткунҷаи додашударо ҳисоб карда, маълум менамояд (4*dr-2*Label12.Text.ToInteger). Бузургии периметри росткунҷаи додашуда

чанд мешавад, ҳеҷ кас дида наметавонад. Танҳо бо роҳи ҳисобкунӣ маълум карда мешавад, ки мустақилияти ҳар як хонандаро нишон медиҳад. Дар қадами оянда барномаи компютерӣ ин қимати периметрро бо ҷавоби дохилкардаи хонанда, ки ба типи ададии бутун табдил дода мешавад, муқоиса менамояд (jv.ToInteger=4*dr-2*Label12.Text.ToInteger). Дар ҳолате, ки хонанда периметри росткунҷаро дуруст ҳисоб карда, дар майдон дуруст дохил карда бошад, барномаи компютерӣ ба хонанда 5 хол медиҳад (baho+=5). Дар назди майдони ҷавобдохилкунӣ ҳарфи “Д”-ро мегузорад ва ранги рангрезии майдони ҷавоб ранги сабз мегардад (Label29.Text := 'Д'; MaskedTextBox2.BackColor := Color.Green). Агар хонанда периметри росткунҷаро нодуруст ҳисоб карда бошад ва ё дар майдони ҷавобдохилкунӣ нодуруст дохил карда бошад, пас барномаи компютерӣ дар натиҷаи санҷиш дар назди майдони ҷавобдохилкунӣ ҳарфи “Н”-ро мегузорад ва ранги рангрезии майдони ҷавоб ранги сурхро мегирдад (Label29.Text := 'Н'; MaskedTextBox2.BackColor := Color.Red).

Дигар ҷавобҳои дохилкардаи хонанда барои супоришҳои кори мазкур айнан ҳаминтавр барномасозӣ карда мешаванд. Тағйирёбии ранги рангрезии майдонҳои ҷавобдохилкунӣ ба омӯзгори фаннӣ имкон медиҳад, аз ҷойи нишасти худаш рафти кори контролиро назорат кунад. Хонандаро бошад, завқманди иҷрои супориш мегардонад, то ҳар чӣ зудтар ранги рангрезии майдон сабз гардад. Тавре дар корҳои пештараамон [3-5] қайд карда будем, методи Пулот ба хонандагон имкон медиҳад, ки агар ҷавоб нодуруст бошад, пас он супоришро аз нав дуруст ҳал карда, ҷавоби дурустро дохил кунад. Ё худ зиёда аз як вариантро дар раванди кори контролӣ иҷро намуда, баҳои аъло гиранд. Таҳияи чунин барномаҳои амалии компютерӣ аз тарафи барномасозон ва татбиқи онҳо аз ҷониби омӯзгорон, донишҷӯён ва хонандагон дар амал сатҳу сифати таълими фанни математикаро хеле баланд мебардоранд.

Моҳияти барномаи компютерии таҳияшуда ва истифодаи он дар раванди гузаронидани корҳои санҷишӣ ба сабукгардонии меҳнати омӯзгори фаннӣ ва таъмини объективияти санҷиши дониши хонандагон ва арзёбии салоҳиятҳо равона гардидааст. Дар он шарти супоришҳо тариқи худкор тавассути барномаи компютерӣ тавлид шуда, дар шакли муколамагӣ бо истифода аз маҷмуи рақамҳо, аломатҳо, ҷузъҳои идоракунӣ ва объектҳои графикӣ инъикос мегарданд. Санҷиши ҷавобҳои дохилшуда бошанд, тариқи худкор аз тарафи барномаи компютерӣ сурат мегирад. Омӯзгори фаннӣ бо истифода аз барномаи компютерии бо методи Пулот сохташуда дар раванди гузаронидани корҳои санҷишӣ худро хеле озодона ҳис менамояд. Ҳар як хонанда ҷавоби супоришҳои анҷомёфтаашро тариқи худкор бо санҷиши компютерӣ анҷом медиҳад. Ҳангоми санҷиш барномаи компютерӣ танҳо майдонҳои матнии бо ҷавоб пуршударо ба таври худкор бо пахши тугмаи амрии “Санҷиш” тафтиш намуда, аз санҷиш мегузаронад. Ҷавобҳои нодуруст дохилшударо бо ранги рангрезии сурх инъикос менамояд. Агар ҷавоб дуруст бошад, хонанда холҳои муайянро ба даст оварда, мувофиқи меъёрҳои муайян арзёбӣ мегарданд. Дар охири тафтиши ҳама супоришҳои пешниҳодшуда ё қисме аз онҳо бо баҳодиҳӣ тариқи худкор ба анҷом мерасад. Баҳогузорӣ дар барномаи мазкур бо низоми анъанавии панҷбала сурат мегирад. Ҳамин тариқ, мо дар кори мазкур принсипҳои умумии таҳияи барномаҳои компютериро бо истифода аз методи Пулот барои тавлиди супоришҳо оид ба периметр ва масоҳати баъзе аз фигураҳо омӯхта, татбиқашро дар фанни математика нишон додем. Масъалаҳои дар супоришҳои кори контролӣ овардашуда масъалаҳои матнӣ мебошанд [10].

Истифодабарии барномаи компютерии дар кори мазкур сохташуда дар раванди гузаронидани кори контролӣ хеле муфид аст. Он ба омӯзгори фаннӣ сабукиҳои зиёдеро фароҳам оварда, ягон қоидаи илми методикаи таълими математика дар синфҳои ибтидоиро [9] вайрон намекунад.

АДАБИЁТ:

1. Нугмонов М. Теоретико-методологические основы методики обучения математике как науки. / М. Нугмонов - Душанбе, 2011. - 290 с.
2. Назаров А.П. Асосҳои методии барномасозӣ ва арзёбии салоҳияти хонандагон аз математика ва информатика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. / А.П. Назаров – Душанбе, 2020. – 226 с.
3. Назаров А.П. Компьютерная поддержка проведения проверочных работ по теме «Простые числа». / А.П. Назаров // Научно-практический журнал “Информатика в школе”. 2020. №9 (162) ноябрь. С. 59 – 62.
4. Назаров А.П., Раҷабов Ҳ.Х. Арзёбии объективонаи дониши хонандагони синфи сеюм оид ба муқоисаи ададҳо дар дарсҳои математика бо истифода аз барномаҳои компютерӣ. / А.П. Назаров, Ҳ.Х. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). 2020. №4. С. 210 – 217.

5. Назаров А.П. Компьютерная программа для проверки письменных контрольных работ по математике. / А.П. Назаров // Научно-практический журнал “Школьные технологии”. 2020. №1. С. 92-97.
6. Назаров А.П. Барномасозӣ ва дизайни барномавӣ дар забони PascalAbc.Net (Китоби дарсӣ барои МТО ва МК). / А.П. Назаров – Душанбе, 2021. - 756 с.
7. Шуайбова О., Ҳамидова А., Одилова М., Рабиев С., Худойдодова М., Ҷонмирзоев Э., Ҳоҷибоева Ӯ. Математика (Китоби дарсӣ барои синфи 3-юм) / О. Шуайбова, А. Ҳамидова, М. Одилова, С. Рабиев, М. Худойдодова, Э. Ҷонмирзоев, Ӯ. Ҳоҷибоева - Душанбе, 2018. - 208 с.
8. Ҳамидова А., Назаров Д., Бобоева Ш., Ҷонмирзоев Э. Математика (Китоби дарсӣ барои синфи 4-ум). / А. Ҳамидова, Д. Назаров, Ш. Бобоева, Э. Ҷонмирзоев. - Душанбе, 2019. - 280 с.
9. Бегимов Ҳ.Х., Рабиев С., Раҷабов Т.Б., Наҷмиддинов А.М. Методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ. / Ҳ.Х. Бегимов, С. Рабиев, Т.Б. Раҷабов, А.М. Наҷмиддинов. – Душанбе, 2020. - 233 с.
10. Раджабов Т.Б. Использование методов анализ и синтеза при решении текстовых задач в начальных классах / Т.Б. Раджабов // Вестник Таджикского национального университета. 2017. - №3. Часть 2. С. 203-207.
11. Қурбонов С., Нугмонов М., Ниёзов Ф., Ҷумъаев К.Қ. Маърифати таълим, ҷустуҷӯ ва бозёфт. Дастур барои худомӯзии омӯзгорони фанни математика. / С. Қурбонов, М. Нугмонов, Ф. Ниёзов, К.Қ. Ҷумъаев. – Душанбе, 2012. –79 с.
12. Родионов М.А., Акчурина Э.Х. Пути и средства организации текущего самоконтроля младших школьников в процессе обучения математике. / М.А. Родионов, Э.Х. Акчурина // Вестник Поморского университета. Серия Гуманит. и соц. Науки. 2008. - №3. С. 95-102.

АРЗЁБИИ ОБЪЕКТИВОНАИ ДОНИШҲОИ ГЕОМЕТРИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ 3 ВА 4 БО ТАТБИҚИ МЕТОДИ ПУЛОТ

Дар замони технологияи информатсионӣ воситаҳои электронии таълим, хусусан барномаҳои компютерӣ дар раванди ташкил ва гузаронидани корҳои санҷишӣ аз фанни математика дар синфҳои ибтидоӣ нақши хеле муҳим доранд. Бо мақсади объективона гузаронидани корҳои санҷишӣ ва баҳодиҳии объективона ба дониши хонандагон сохтани барномаҳои компютерӣ зарур аст. Барномаҳои компютерии сохташаванда аз як тараф объективияти санҷиши донишро таъмин кунанд, аз тарафи дигар набояд ба омӯзгорони фаннӣ мушкилию душвориҳоро пеш оранд. Барномаҳои компютерӣ бояд меҳнати омӯзгорони фанниро дар раванди гузаронидани корҳои санҷишӣ сабук гардонанд. Ҳама ин асосҳоро ба инобат гирифта, дар кори мазкур технологияи сохтани барномаи компютерӣ бо татбиқи методи Пулот барои санҷиши донишҳои геометрии хонандагони синфҳои ибтидоии 3 ва 4 коркард шудааст. Барномаи компютерии сохташуда бевосита дар раванди гузаронидани кори санҷишӣ аз фанни математика дар синфҳои ибтидоии 3 ва 4 истифода карда мешавад.

Калидвожаҳо: *арзёбии дониш, объективияти санҷиш, салоҳият, кори санҷишӣ, математика, донишҳои геометрӣ, секунҷа, росткунҷа, периметр, масоҳат, барнома, барномасозӣ.*

ОБЪЕКТИВНАЯ ОЦЕНКА ГЕОМЕТРИЧЕСКИХ ЗНАНИЙ УЧАЩИХСЯ 3 И 4 КЛАССОВ С ПРИМЕНЕНИЕМ МЕТОДА ПУЛАТА

В эпоху информационных технологий электронные средства обучения, особенно компьютерные программы, играют очень важную роль в процессе организации и проведения контрольных работ по математике в начальных классах. Необходимо создавать компьютерные программы, чтобы объективно проводить проверки знаний и объективно оценивать знания учащихся. С одной стороны, создаваемые компьютерные программы должны обеспечивать объективность проверки знаний, с другой стороны, не должны вызывать проблем и затруднений у учителей-предметников. Компьютерные программы должны облегчить работу учителей-предметников в процессе проведения контрольных работ. С учётом всех этих оснований в данной работе разработана технология создания компьютерной программы с применением метода Пулата для проверки геометрических знаний учащихся 3 и 4 начальных классов. Созданная компьютерная программа используется непосредственно в процессе проведения контрольной работы по математике в 3 и 4 классах начальных классов.

Ключевые слова: *оценка знаний, объективность проверки, компетентность, контрольная работа, математика, геометрические знания, треугольник, прямоугольник, периметр, площадь, программа, программирование.*

OBJECTIVE EVALUATION OF GEOMETRIC KNOWLEDGE OF STUDENTS OF GRADES 3 AND 4 USING THE PULATE METHOD

In the era of information technology, electronic learning tools, especially computer programs, play a very important role in the process of organizing and conducting tests in mathematics in primary grades. It is necessary to create computer programs in order to objectively conduct knowledge tests and objectively evaluate students' knowledge. On the one hand, the created computer programs should ensure the objectivity of knowledge testing, on the other hand, they should not cause problems and difficulties for subject teachers. Computer programs should facilitate the work of subject teachers in the process of conducting tests. Taking into account all these reasons, in this paper a technology for creating a computer program using the Pulat

method was developed to test the geometric knowledge of students in grades 3 and 4. The created computer program is used directly in the process of conducting tests in mathematics in grades 3 and 4 of primary school.

Key words: *knowledge assessment, objectivity of testing, competence, test, mathematics, geometric knowledge, triangle, rectangle, perimeter, area, program, programming.*

Маълумот дар бораи муаллифон: *Назаров Аҳтам Пулотович – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионӣ. Сурога: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: (+992) 908-08-2384. E-mail: ahtam_69@mail.ru*

Раҷабзода Ҳаёт Хол – Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, аспирант. Адрес: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Айнӣ, 45. Телефон: 93-504-66-65

Сведения об авторах: *Назаров Ахтам Пулатович – Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни, доктор педагогических наук, доцент кафедры информационно-коммуникационных технологий. Адрес: 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 121. Телефон: 908-08-2384. E-mail: ahtam_69@mail.ru*

Раджабзода Хаёт Хол – Институт развития образования имени А. Джоми Академии образования Таджикистана, аспирант. Адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Айни 45. Телефон: 93-504-66-65

Information about the authors: *Nazarov Ahtam Pulotovich - Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, candidate of pedagogical sciences, associate professor of the Department of Information and Communication Technologies. Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121. Phone: 908-08-2384. E-mail: ahtam_69@mail.ru*

Rajabzoda Haet Khol – *Institute for the Development of Education named after A. Jomi Academy of Education of Tajikistan, graduate student. Address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Ayni street 45. Phone: 93-504-66-65*

ФАРҲАНГИ МИЛЛИИ ТАРБИЯ ВА ҶОЙГОҲИ ОН ДАР ФАЪОЛИЯТИ МУАССИСАҲОИ ФАРҲАНГӢ.

Хоҷа Қ. Т.

Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Фарҳанги миллии тарбияи насли наврас дар замони муосир ва барои ҷомеа созгор ба бисёр омилҳое вобастагӣ дорад, ки пайи ислоҳи онҳо фурсати зиёде лозим аст. Зеро маҷмуи ахборе, ки имрӯз дар майна ва вуҷуду сиришти наврас маъво мегирад, ӯро аз олами воқеӣ ба саргумӣ мебарад ва ӯ қудрате надорад, ки аз ин олами мавҷуда барои худ чизҳои заруриро интихоб намояд ва мустақилона амал кунад.

Дар саҳифаҳои матбуот аз ҷониби олимону роҳбарон ва рӯзноманигорон дар бобати соҳибмаърифат намудани насли наврас андешаҳои мухталиф мавриди муҳокима қарор доранд. Ин албатта, бесабаб нест. Ба ҳамагон маълум аст, ки солҳои охир аъмолу афъолу гуфтору рафтору кирдори ҷавонон аз зинаи мактабҳои ҳамагонӣ то ба донишгоҳҳои олии касбӣ ва дигар муассисаҳои таълимоти касбӣ – техникӣ ҷомеаро ба ташвиш оварда истодааст. Саволе пеш меояд, ки чаро пеш аз ин на ин тавр буд. Мо гумон доштем, мардуми мо, ки дар тӯли 70 соли Давлати Шуравӣ аз ҳудуди он ба берун рафтан ҳуқуқ надошт ва имрӯз, ки аллакай ағлаб бисёр мамлакатҳои Ғарбу Аврупоро сайр мекунад, чун ба Ватан бармегардад, дигаргуна мешавад. Воқеият собит намуд, ки ағлаби ҷавонони мо дар мамолики хориҷ низ корҳои некро наомӯхта, аз пайи дарёфти маблағи муфт ба аъмоле даст мезананд, ки шаъну шарафи ин мардуми покнажодро доғдор менамояд. Ин тоифа асосан аз оилаҳое ҳастанд, ки дар онҳо тарбия суст буда, фарзандон тамоман беназорат мондаанд. Натиҷаи ҳамин аст, ки имрӯз фарҳанги муошират, муносибати боодобона дар нақлиёту кӯчаву бозор, ҳурмату эҳтироми волидону устодону одамони калонсол тадриҷан аз байн рафта истоданд. Яъне, русуму анъана ва суннатҳои асрҳо ҷойдошта тадриҷан фаромӯш шуда истодааст. Мутолиаи китобҳои бадеӣ, ширкат дар маҳфилҳои марбут ба касбу пешаҳо, шавқу завқ нисбат ба чорабиниҳои маърифатӣ тамоман коста аст. Ҳама чиз гӯё сатҳӣ, рӯякӣ ва зоҳирӣ ба анҷом мерасад. Аз диди наврас гӯё барои ӯ ҳама воқеияту ҳастии оламу одам аён аст, вале дар асл дар майнаи ӯ ҳеҷ чиз нақши худро намегузорад. Баъзе мутахассисон омили асосиро ба пешравии техника ва низоми иттилоотӣ рабт медиҳанд. Ба андешаи мо, техника ва технологияи навин, интернет, телефонҳои мобилӣ ва дигар воситаҳои ахбор бар замми осон намудани як силсила корҳо ҷанбаҳои манфӣ низ доранд. Кайҳо боз шарқшиносони Ғарб талош меварзиданд, ки фарҳанги Шарқро ба Ғарб омезиш бидиҳанд. Гӯё ки аз ин омезиш Шарқиён бурд мекарда бошанд. Вале тачриба ва ҳаёти воқеӣ собит намуд, ки ҷанбаҳои манфӣ

низ доштааст. Ҷавонони мо, мебоист фарҳанги воло ва мутобиқу мувофиқи талаботи ба ҷомеа созгорро қабул намоянд ва аз бисёр фиску фуҷуру фаҳши фарҳанги онон даст кашанд. Вале Шарқро ба Ғарб табдил додан нашояд. Тарбия дар олами Шарқ бояд аз Ғарб тафовут дошта бошад.

Шарқшиноси машҳури рус В.М. Алексеев навиштааст: "Ҳар чи қадар шарқшиносӣ зудтар ва комилтар бо ғарбшиносӣ баробар маҳсуб дониста шавад, ҳамон қадар **илм оиди инсон** комилтар хоҳад шуд." (1,35). Агар муҳаққиқ олами Ғарбро дар **боби илму фарҳанги инсон аз Шарқ** афзалтар шуморида бошад, хатои маҳз аст ва ӯ аз таърихи улуми Шарқ огаҳ нест. Айёме, ки дар Шарқ фарҳанг ва улуми инсонӣ чун хуршед тулуъ мекард ва нур мепошид, олами Ғарб дар хоби ғафлат рафта буд. Дар Машриқия тарбияи фарҳангӣ ва маънавии инсон бо бисёр русум ва дину оинҳои суннатие печида ва сириштааст, ки аз тарбияи маъмулии Ғарб ба куллӣ тафовут дорад. Албатта, мо муътақид бар он нестем, ки замина, поя ва бунёди тарбияи Шарқро аз дигар кишварҳо ва марзу бумҳо боло ва волотар гузорем. Бисёр ҷанбаҳо ва ҷабҳаҳои тарбия дар аксар мамолики мутараққии олам, билкулл назар ба Шарқ писандида ва пазирандаву муқаддамтар аст, ки ба ин ягон шакку шубҳае нест. Вале дар ҳар сарзамине, кишваре шева, одат, анъана ва аркони мухталифи тарбия вуҷуд дорад, ки дар кишвари дигар маъмул ва қобили қабул нест.

Мутафаккирони Шарқ тӯли асрҳо ба оламу одам аз диди хирад, дили ибратбин ва чашми ботин, таҷрибаи рӯзгор барои дафъи ҳаводис, сирату сурат нигариста, вуҷуду муаммоҳои онро ба санҷишу фаҳмишу озмоишҳои ошкору ниҳонӣ ва дарки фалсафии хеш дар мизони ақлу хирад баркашидаанд ва раванди таълиму тарбияро аз нигоҳи равонӣ, қабули дарку фаҳмиш ва мизоҷ муайяну музайян кардаанд. Мутассифона дар муасисаҳои миёнаи умумӣ таълиму тарбия сатҳӣ ва зоҳирӣ давом карда истодааст. Дар ҳамин вазъияту ҳолат баъзе дастандаркорони соҳаи маориф кӯшиш бар он доранд, ки таълимро ба 12 сол бикашанд. Ба гумони мо, агар ба 15 сол ҳам кашанд, вазъ беҳтар нахоҳад шуд. Зеро сифати таълим ва дараҷаи касбии мутааллим ба талабот ҷавобгӯ нест. Дар мактабҳои олии касбӣ низ низоми кредитии таълим тадриҷан моҳияташро аз даст дода, на дар он шаклест, ки дар Аврупо амал мекунад. Кормандону аҳли маорифи кишвар ва омӯзгорони худситову дурӯғзан тайи чанд сол боз ба таълими салоҳиятнокӣ часпидаанд, чанд рисолаҳои номзадӣ ва ҳатто докторӣ дар ин мавзуъ дифоъ намудаанд ва то ҳол моҳияту мазмуни онро сарфаҳм нарафтаанд. Шайх Саъдӣ дар як ҳикояш оид ба мухталиф будани табиати шогирд ва дарку қабул дар тарбият чунин қазоват менамояд:

"Подшоҳе писареро ба адибе доду гуфт: Ин фарзанди туст, тарбияташ ҳамчунон кун, ки яке аз фарзандони хеш. Адиб хидмат кард ва мутақаббил шуд ва соле чанд бар ӯ саъй карду ба ҷойе нарасид ва писарони адиб дар фазлу балоғат мунтаҳӣ шуданд. Малик донишмандро муохазат карду муотабат, ки ваъда хилоф кардӣ ва вафо ба ҷо наовардӣ.

Гуфт: Бар раъйи Худованди рӯйи замин пӯшида намонад, ки **тарбият яксон асту табоеъ мухталиф:**

Гарчи симу зар зи санг ояд ҳаме,
Дар ҳама санге набошад зарру сим.
Дар ҳама олам ҳаметобад Суҳайл,
Ҷойе анбон мекунад, ҷойе адим (3, 140).

Дар ин ҳикоя Шайх Саъдӣ дарку фаҳмиш ва савияи малакаву маҳорати ҳар як тарбиятгирандаро аз ҷиҳати равонӣ ва табиати қабул яксон намешуморад. Аз диди Шайх, агар дар вуҷуду мавҷуд ва сиришти наврас ҳамон гавҳараки хираду фарҳанги омӯзиш заррае тобон бошад, тарбият асар хоҳад кард, вагарна он суде набахшад. Дар муассисаҳои таҳсилоти хонандагони Ҷумҳур, баъди хатми синфи нуҳуми ҳатмӣ, бояд ағлаби онҳо мувофиқи завқу шавқ ба касбу пешаҳо ба омӯзишгоҳҳои касбӣ – техникӣ раванд. Вале роҳбарони мактабҳо барои таъмини соати дарсии муаллимон ва шумораи шогирдон равияҳо, Консепсияи таълимро дағалона вайрон мекунанд. Устоди собиқадор – Ҷаббор Мирзоев аз ноҳияи Масчоҳ яке аз сабабҳои сол аз сол паст рафтани сифати таълиму тарбияи низоми маорифро дар он мушоҳида карда менависад, ки "Баъди хатми синфи 9 хонандагоне, ки он қадар хоҳиши хондан надоранд, ба таълимгоҳҳои ҳунаромӯзӣ фиристодан лозим, то ин ки хонда соҳиби касбу ҳунар шаванд, то муаллимонро ғам надиҳанд" (6,5).

Мувофиқи равияҳо бояд танҳо шогирдони дорои фаъолияти хуб ва мувофиқа бо аризаву дархости онҳо синфҳои даҳу ёздаҳ амал кунанд. Вале чунон ки мушоҳида мешавад, ин тавр нест. Аз ин рӯ, маҳз дар ҳамин синфҳо низоми таълиму тарбият, интизому риояти одобу ҳурмату эҳтиром коста мегардад ва ҷангу ҷидолҳои байнимактабӣ ва байнисинфӣ ба амал

меоянд. Чунки баъзе шогирдон базӯр то синфи 9 таҳсил мекунанд ва дигар қудрати давом додани таҳсилро надоранд, онҳо ба касбу ҳунар бояд ҳидоят гарданд.

Дар мактабҳои олии касбии Ҷумҳурӣ ва дигар муассисаҳои таълимӣ ҷойгоҳи фарҳанги миллӣ ва дпр асоси тачрибати мероси ғановатманди ҳазорсолаҳо захирашудаи андешамандони мулки Аҷам таълим ва тарбият додани насли наврас ба талаботи ҷомеаи муосир созгор нест. Ҳол он ки дар ағлаби суханрониҳо ва Паёмҳои Президенти кишвар маҳз ҳамин самти муҳимми таълиму тарбия ба аҳли маорифи кишвар таъкид мегардад.

Бисёр паҳлуҳои ҳар як давраи таърихиро фарҳанг ва маърифати башарии он муайян менамояд. Дар таърихи сарзамини Аҷам садҳо олиму шоир, ориф, фақеҳ, муфассиру муҳаққиқ ва файласуф зуҳур карда, ҳар як аз ин бузургмардони хирад ва фарҳанг мактаб ва ҷаҳонбинии махсуси тарбия ва таълимро ба мерос гузошта, бо ҳазор умедҳову ормонҳо ҷаҳонро падруд гуфтаанд, ки пасовандон ранҷу заҳмати онҳоро кор бигиранд ва дар тачрибаи рӯзгору фаъолияти хеш истифода намоянд.

Дар шароити кунунӣ ташвиқи фарҳанг бидуни асосҳои таърихию авлавият дар паёму фитаҳову симову садо ва дигар васоити манзурӣ зуҳур менамояд, ки ин низ ҷавонони моро гумроҳ ва хотираи онҳоро тира месозад. Як мисоли воқеӣ: дар ҳамсоягии камина ду духтараки донишҷӯ дар иҷора истиқомат доранд. Тамоми шаб садои баланди мусиқиқию суруди туркӣ ба гӯш мерасад. Ҳол он ки онҳо донишҷӯ ҳастанд, бояд ба мутолиаи китобу супоришоти мухталифи устодон омодагӣ бинанд. Саволи дигаре пеш меояд: Чаро онҳо ба фарҳанги бегона моил шудаанд? Маълум мегардад, ки фарҳанги худӣ ба талаботи онҳо ҷавобгӯ нест. Дар кӯчаву майдонҳо садои суруду мусиқии бегона ба гӯш мерасад. Чаро ҷавонон ба сурудҳои классикии мо ҳамҷур нестанд. Дар бахши фарҳангии мо сурудҳои Барно Исҳоқова, Мехрӣ Исоқбоева, Маъруфхуҷа Баҳодуров, Боймуҳаммад Ниёзов, Зафар Нозимов, Ҷурабек Муродов, Ҷурабек Набиев, Абдулло Назриев, Барот Яхшиев, Тоҷиддин Муҳиддинов, Муқаддас Набиева ва соирин дар хазинаи тилоӣ дохиланду аллакай ба шумори классикон шомиланд. Пас, чаро аз ягон манзил ё ҷойҳои ҷамъиятӣ садои онҳо ба гӯш намерасад. Гӯё ки садои онҳо танҳо барои архив (хазина) сабт шудааст. Гумон дорам, дар мактабҳои мусиқӣ низ аҳвол ҳамин аст. Гаравидан ба фарҳанги бегона тадриҷан фаромӯш кардани фарҳанги ҳазорсола мебарад. Сониян, ба ҳаёти ҳаррӯза, зиндагӣ, муошират дигар ҷабҳаҳои ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад. Дар ин бобат норасоиҳои ҷиддие дар ҳаёти фарҳангии мо ба назар мерасанд. Дар минбарҳои шабакаҳои симои мо суруду мусиқиҳои сабуку беруҳ, ҳаракатҳои берабту мавзун, садоҳои носуфта ва сайқалнахӯрда, ки аз назари ягон бастакоре ва оҳангсозе нагузашта ба тамошобин пешкаш мегарданд. Аз ин ҷост, ки мамолики мутаррақии ҷаҳон ҳамеша бар он мекӯшанд, ки фарҳанги миллии хешро ҳифз ва муаррифӣ намоянд.

Таҳаввулоту ҳифзу рушди фарҳанги миллат бештар ба фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ марбут аст. Агар муассисаҳои фарҳангӣ чи дар зинаҳои поёнӣ ва чи дар зинаҳои болоӣ дар ин замина фаъолияти густардаро ба роҳ монанд, итминони комил дорем, ки ба комёбиҳо ноил мегардем. Рӯй овардан ба фарҳанги қадимии мардуми Шарқ, рушди маорифи кишвар, сифатан боло бурдани машғулиятҳои фунуни фарҳангшиносӣ ва пеш аз ҳама дӯст доштану моил будан ба арзишҳои фарҳангии мардуми хеш қарзи ватандорӣ ва ҳурмату эҳтироми ҷомеаи мебошад.

Академик Муҳаммадҷон Шакурӣ дар боби инфрасохтори кишвари тоҷикон ва фарҳанги миллӣ дар давраи истиқлол чунин изҳори андеша мекунад: “Давлати тоҷикон бояд давлати миллии маънавибунёд бошад. Давлати миллӣ барои расидани миллат ба асли худ барои ин ки миллат аз асли худ ҷудо нашавад, замина омода созад. Фарҳанги миллӣ маҳсули кори доимии андешаи чандин насли мардум аст, ки дар тӯли асрҳо фароҳам овардааст.” (8, 66).

Дар шароити кунунӣ барои ташаккули ҷаҳонбинӣ ва ворастан аз касодии маънавӣ ва дарёфту бозгӯйи ормонҳои ахлоқӣ, ҳатман, тақвият додани таълиму тарбияи фарҳанги миллӣ, тачдиди фазилат ва хислатҳои хуҷастаи инсонӣ: башардӯстӣ, ҳақиқатгӯйӣ, дӯстӣ, ростӣ, некӣ ва накукорӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, худшиносӣ, ватанхоҳӣ, қавиродагӣ, созандагиву боландагӣ ва амсоли он фарз ва суннат аст. Дар ҳама соҳаҳо мо аз гузаштаамон асарҳои арзишманд дорем. Асарҳои гаронарзиш дар соҳаи ҳикмат, тиб, риёзиёт, ҳандаса, нуҷум, мусиқӣ ва амсоли он ҳазорсолаҳо ба аҳли башар хидмат менамояд. Он машъали илму маориф, ки давлати пуркудрати Сомониён фурӯзонаш намуд, дар асрҳои минбаъда то ба Ҳиндустону Константинопол расид. Бино ба маълумоти Забеҳулло Сафо, дар арзи қарнҳои X1 – X11 дар

Аврупо бештар аз сесад китоби илмии муаллифони Аҷаму Араб ба лотинӣ тарҷума шудааст, ки аз онҳо ҳеҷ набошад садтояш бо қалами муаллифони тоҷику форс тааллуқ доштанд (2, 46).

Ин далел ва аснод аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки мо захираи бузурги фарҳангиеро маҳфуз медорем, ки ягон миллати дигар надорад ва кӯшиш менамоянд, ки ҳамин дороии маънавии моро бо ҳар роҳ аз худ намоянд. Бубинед, ки Геббелс чунин ақида дорад:

“Аз як халқ таъриху фарҳангашро биситон, он гоҳ вай баъди як насл ба туда мубаддал мешавад ва баъди як насли дигар онро мисли пода ҳай кардан мумкин аст.(4, 4).

Ин ақида фалсафаи амиқу дақиқ дорад. Тӯли 70 соли Давлати Шуравӣ ва табартақсимии сарҳад, марзу бумҳо бисёр мардуми Осиёи Миёна, ки дар гузашта хатту фарҳангу китоб надоштанд ва аксар ба чорводорӣ машғул буданд, (ҳатто мардуми аъроб) яку якбора даъвои соҳиби ба фарҳангу хатту осори дигарон карданд. Дар ин гирудорҳо ҳарчанд хеле бисоти фарҳангиро аз даст дода бошем ҳам, ба гуфти шоир Бозор Собир “Забонро аз даст надодем”. Зеро давлати Оли Сомон барҳам хурда бошад ҳам, сарватҳои фарҳангӣ ва маънавие, ки дар замони “Эҳё” андухта шуда буданд, тамоман аз байн нарафтанд, мардуми бумӣ ва меросбари форстаборон бо таҳаммул ҳама оқибатҳои даҳшатвори ғоратгарони аҷнабиро паси сар намуда, “хазонаи пурганҷ”-и фарҳангии хешро чун гавҳараки чашм эҳтиёт мекарданд.

Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадашон чунин иброз доштанд: “Душманони миллати тоҷик ҳамин хел кор мекунанд: Аввал расму оинатро мегиранд, баъд забону фарҳангатро мегиранд, баъд давлат ва ҳамин тариқ миллат аз байн меравад” (7,7). Чунин таъкид моро водор месозад, ки мисли устод Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Эмомалӣ Раҳмон ва соирин барои эҳё ва бозгӯйи мероси ҳаққу ҳалоли миллату давлати хеш талош варзем ва дар асоси асноду далоил ва бурҳонҳо пойдории онро устувор созем.

Фарҳанги бегонапарастӣ аз тамошои филмҳои хоричӣ ва мусиқиҳои дилхарошу якмаром, тақлиди сару либосу пойафзолу роҳгардиву ҷилваҳои сохта, тамошои якмароми телефонҳои мобилӣ дар хонаву кӯчаву дарсхона ва амсоли он кайҳо боз ба ҳукми анъана ва одат даромадааст, ки ба фарҳанги шарқиёнаи мо латма хоҳад овард. Барои далел мисоле аз таҷрибаи устодӣ меоварам: Рӯзе ба дарс даромада, шогирдеро дидам, ки байни мӯйи сарашро рах – рах монда, гӯё ки навоварие дар гурӯҳ ворид сохтааст. Маҷбур шудам, 50 дақиқаи дарсро ба фарҳанги қадима ва волои шарқӣ, урфу одат, суннатҳои ин мардуми кӯҳандиёр бубахшам. Ва таъкид намудам, ки мардуми дигар марзу бум ба диёри мо омада мехоҳанд моро дар сарулибосу муносибату рафтору гуфтори боадабона ва шарқиёна бубинанд ва ҳаловат бибаранд, на дар каллаи алобуло ва дигар хислатҳои ношоиста ва номақбул, ки маъмул нест.

Аз ин рӯ, вазифаи ҳар як устоду ашхоси фарҳангдӯст аз он иборат аст, ки шуруъ аз Авасто ва соири осори паҳлавию мардумӣ, шахсиятҳои бузурги таърихӣ ва илмию фарҳангӣ амсоли Спитамен, Маҳмуди Торобӣ, Исмоили Сомонӣ, Муқаннаъ, Темурмалик ва садҳо дигарон, ки баҳри халқу Ватани хеш мубориза ва ҷонфидоӣ кардаанд, ба насли ҷавон омӯзонад ва намунаи ибрат шуморад. Дар ин бобат дар моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар боби фарҳанг зери унвони “Паҳн ва дастраси омма намудани сарватҳои фарҳангии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон” зикр гардидааст:

“Паҳн ва дастраси омма намудани сарватҳои фарҳанги миллӣ, илмӣ ва адабии классикони тоҷик, намудҳои пурарзиши мероси фарҳанги классикӣ ва дастовардҳои фарҳангии муосири ҷомеа тавассути маблағгузорӣ ва фондҳои мақсаднок дастгирӣ карда мешаванд” (4,7).

Мутаассифона, баъзе олимони мо, хусусан, устодони ҷавони макотиби олӣ зимни таълиму тарбия ба мероси фарҳангии мутафаккирони мо такя намекунанд ва аз онҳо асноду далелу бурҳон намеоваранд. Чунки доир ба онон дониши кофӣ надоранд ва машғулиятҳояшон хушку беруҳ ва бебаҳра аз таҷрибаи ҳаёту мамот мегузарад. Ҳол он ки устоди макотиби олии касбӣ бояд захираи бузурги мероси фарҳангии форсу тоҷикро доро ва малакаву маҳорати волои баёну табъи суханварӣ дошта бошад. Мушоҳидаҳо аз он башорат медиҳанд, ки солҳои охир фанни фарҳангшиносиро ағлаб касоне таълим медиҳанд, ки мутахассис нестанд, дониши амиқ ва ҷаҳонбинии дақиқ надоранд. Ва ҳатто ҳолатҳое рух медихад, ки агар сарбории устоди мутахассиси дигар фан камтар бошад, фарҳангшиносиро зам мекунанд ва ақида доранд, “ин ҳам фанни ҷамъиятӣ – инсоншиносист.” Ин амали ноҷост, таълими фанни фарҳангшиносӣ кори саҳл нест. Мо бояд аз хазинаи мероси фарҳангии ҳазорсолаҳоямон он гавҳарҳоеро интихоб ва сара намоем, ки дархӯрду созгори имрӯзу фардо бошанд ва ба талаботи ҷомеи муосир ҷавоб дода тавонад. Ва ин мероси фарҳанги поку беолоиш аз хурофоту мазҳабу дигар равияҳои манфӣ буда, бо урфу одатҳо ва суннатҳои бумии муқаддамонаи мардумӣ сиришта бошад.

Дигар омили манфие, ки дар замони муосир ва зимни таълими фанни фарҳангшиносӣ ба мушоҳида мерасад, омехта намудани фарҳанг ба дин аст. Аз назари мо, ин амал шогирдонро ба бероҳагӣ, нофаҳмӣ ва ғалатфаҳмӣ мебарад. Ҳол он ки дар макотиби олии касбӣ низ мо бояд фанни диншиносиро ҳам таҷдиди назар намоем ва сараро аз носара чудо намуда, ҷанбаҳои тарбиявӣ: покиву иффат ва исмат, ахлоқи хуҷаста ва бояста, одобу рафтору гуфтор, тамизу накӯкориву ҳурмату иззат ва амсоли онро таълим бидиҳем ва дар ҳамин замина тарбия намоем. Хоҷа Ҳофиз дар ин бобат мегӯяд:

Гар таҳорат набувад, масҷиду бутхона якест,
Набувад хайр дар он хона, ки исмат набувад (5, 325).

Ба андешаи мо, устод агар ба дин аз ҷиҳати фарҳангии он назар кунад ва таълим бидиҳад, қобили қабул аст, вагарна дин ҷанбаҳои манфии бисёре дорад ва дар мазҳабҳо ҳаллу фасл гардидааст. Агар дину мазҳабе, ки гӯяд: "Бирав ғазо кун ва аз баҳри дин одам бикӯш,"он дину мазоҳиб мабод! Устоди фан бояд ҷаҳонбинии амиқ ва муаррихи дақиқсанҷ бошад. Муаллимаеро мушоҳида кардам, ки рӯзҳое, машғулияти диншиносӣ доштанаш бо либоси дигар меомад, ба ҳаҷи умра рафта рӯймол баста хешро дар назари шогирдон чун як хонуми тақводору ботоату ибодат нишон медод ва ошкор буд, ки бо шогирдон низ на аз ҷанбаҳои таърихии ба миён омадани ин ё он дин ва моҳияти таълимиию тарбиявии он, балки оиди ибодату иродат ва қавонину қавоиди он ҳарф мезад ва аз шоири суфӣ Мавлонои Балхӣ мисол меовард. Ногуфта намонад, ки мо бояд аз маснавии "Маънавӣ" –и Ҷалолиддини Балхӣ танҳо сатрҳои тарбиявӣ, ахлоқӣ, маърифатӣ, накӯкорӣ, хайру саховат, лутфу меҳрубонӣ ва иззату икром ва амсоли онро гулчин намоем, вагарна ба чоҳи чараёни мавлавия ва суфиён меафтем ва шогирдонро аз дунёи воқеӣ ба торикӣ ва зулмот мекашем.

Бинобар ин, айёме фаро расида, ки ҳар як муассисаи фарҳангӣ боист низомнома, барнома ва лоиҳаҳое таҳия ва омода намоянд, ки пайи омӯзишу таҳлилу пажӯҳиши самтҳои мухталифи фарҳанги миллӣ роҳандозӣ шаванд. Тадриҷан аз фарҳанги бегонаву дар назар ночаспон даст кашида, унсурҳои фарҳанги миллии суннатиро ҷустор бошем.

Мутаассифона, дар тӯли беш аз яку ним ҳазор сол, ки ҳар ачнабие, истилогаре омад, фарҳанги зишту сабуксоронаи хешро маҷбуран бор кард. Дар натиҷа фарҳангу урфу одат ва расмулхатти тоҷикон аз байн рафт.

Дар замони истиқлоли кишвар боист фарҳанги ақаллиятҳои миллию этникии мардуми тоҷикро ба панҷаи пажӯҳиш бояд гирифт ва ба талаботи оммо созгор намуд. Мо, унсурҳо ва ҷанбаҳои одобу фарҳанги инсониро на танҳо дар машғулиятҳои фанни фарҳангшиносӣ, балки дар тамоми фунуни гуманитарӣ ва ғайригуманитарӣ мавриди баҳрабардорӣ бояд қарор бидиҳем. Мутаассифона, солҳои ахир фанни психология ва педагогика, ки силоҳи волотарини тарбияи фарҳангии ҷавонон аст, бидуни факултаҳои гуманитарӣ аз нақшаи таълимӣ хазф гардид. Ин фанҳо дар тарбияи худшиносӣ, ҳурмату эҳтироми аҳли башар, тадриҷан, зина ба зина рушду ташаккул ёфтани инсон, худогоҳӣ, шинохти ҷомеа, шинохти тану ҷону равону руҳияи хеш, дарку фаҳмишу дониш, таваҷҷуҳу тафаккуру таҳмилу таҳлили ҷузъиёту ҳодисоти олами беруна ва маърифати инсонӣ кӯмаки бузург мерасонанд. Дар мамолики Ғарб ва Аврупо ҳар як оила психологи хешро дорад, дар мо бошад, 4 – 5 сол дар макотиби олӣ таҳсил мекунад, психология намехонад. Аз ин лиҳоз, дар ҳолати камтар мазаммат ва ё танбеҳ додани падару модар ба одатҳои зишти фоҷеавӣ даст мезанад: худро меовезад, ба об мепартояд, худсузӣ ва ё кори дигар мекунад. Дигар ин ки сабабҳои хонавайрон шудани садҳои оилаҳои ҷавон (дар як шаҳри Душанбе дар давоми як сол беш аз ҳазор оила) аз он гувохӣ медиҳанд, ки фарҳанги оиладориро намедонанд, наомӯхтаанд ва наомӯзонидаанд. Ҷавонони навраси мо, ки дар муҳити оила ба камол расидаанд,бо бархӯрди шадиде пас аз оиладорӣ дучор меоянд. Зеро онҳо қаблан ин вазъиятро фикр накардаанд, танҳо ҳамхобагиро пеши назар овардаанд. Чунин омилҳо, вазъиятҳо ва пешомадҳоро бояд устодон дар мавридҳои зарурӣ таъкидан ва зимни машғулиятҳои фарҳангӣ ҷиддан мавриди мубоҳиса ва мулоҳиза қарор бидиҳанд, волидон бахусус.

Дигар омиле, ки сабаби ба пастӣ нишондани фарҳанги миллӣ мегардад, нокифоя будани таблиғоти фарҳангист. Чунин ташвиқот тавассути созмон додани намоишҳои ҳунарӣ ва фарҳангӣ, вусъат бахшидани фаъолияти осорхонаҳо, намоиши китобҳо ва маҳсули дасти рассомон, овезаҳо ва лавҳаҳои тарбиявӣ дар боғҳову хиёбонҳову гулгаштҳо таъсиргузор аст. Театрҳои касбии мо намоишҳои супоришӣ ба саҳна мегузоранд, ки ҳеҷ кас барои тамошо намеравад. Театри Академӣ – драмавии ба номи Лоҳутӣ шухрату шаҳомати хешро кайҳо боз аз даст дода, аз он танҳо ном боқист. Ҳол он ки фарҳанги осори классикии мо чунон достону қиссаҳои марғубу дилангези тарбиявие дорад, ки касро ба вачд меоварад.

АДАБИЁТ:

1. Алексеев В.М. Наука о Востоке. М.:Наука, 1992.-242 саҳ.

2. Акбар Турсунов. Эҳёи Ачам.Душанбе, Ирфон, 1984.-205 сах.
3. Саъдии Шерозӣ. Куллиёт: Иборат аз чаҳор чилд. Ҷилди 111. Душанбе, Адиб, 1990.-368 сах.
4. Фарҳанги Тоҷикистон. № 11-12 (23.04.24, с.7).
5. Ҳофизи Шерозӣ. Куллиёт. Душанбе: Ирфон, 1983.-672 сах.
6. Ҳафтавори "Тоҷикистон" (Маориф ба ислоҳот ниёз дорад). 16 майи соли 2024, сах 7.Ҳафтавори "Минбари халқ"(Фарҳанги бегона аз кучо сарчашма мегирад?) 29 майи соли 2024,№22, с.7.
7. Шакурӣ М. Истиқлол ва худшиносии иҷтимоиву маънавӣ. Душанбе, 1999.- 160 сах.

ФАРҲАНГИ МИЛЛИИ ТАРБИЯ ВА ҶОЙГОҲИ ОН ДАР ФАЪОЛИЯТИ МУАССИСАҲОИ ФАРҲАНГӢ

Пӯшида нест, ки солҳои ахир ҷанбаҳои миллии тарбия дар ҷомеа ва бахусус, дар байни ҷавонон коста гардидааст. Дар ин бобат дар саҳифаҳои матбуот фикру андешаҳои мухталиф мавриди муҳокима қарор дорад. Садаи XX1 давраи омезишии фарҳангҳост. Аз чунин вазъият мамолики Ғарб ва Аврупо, ки кайҳо мехостанд, фарҳанги бегонаи хешро ба Шарқ интиқол бидиҳанд, имрӯзҳо имконият барои онҳо даст дода истодааст. Ин амал ва кӯшиш тавассути востаҳои мухталифи иттилоот, симо ва садо, фитаҳо, интернет, пардохти маблағ ва роҳу равиши дигар амалӣ шуда истодааст. Чунин нағмаҳои ночӯр ва тадбирҳои ноҷо ба низоми маорифи кишвар дар боби таълиму тарбияи насли наврас низ таъсири манфии хешро расонда истодааст.

Дар мақола ҷойгоҳи фарҳанги миллии тарбия ва вазъи он дар макотиби ҳамагонӣ ва олии касбӣ сухан меравад. Дар радифи ин, зимни таълиму тарбия такя намудан ба замина ва хазинаи бузурги осори фарҳангии Шарқ аз ҷониби муаллиф баъзе пешниҳодҳои муфид ироа гардидааст.

Умед аст, ки мақола ба ҳаводорони фарҳанги миллии тарбия ва доираи васеи устодони низоми маорифи кишвар дар боло бурдани сифати таълиму тарбият судманд хоҳад буд.

Калилвожаҳо: *рушд, фарҳанги миллӣ, Оли Сомон, эҳё, дастоварди фарҳангӣ, бутхона, исмат, марғуб, расму оин, фита, садо ва симо.*

НАЦИОНАЛЬНАЯ КУЛЬТУРА ВОСПИТАНИЯ И ЕЁ МЕСТО В ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ КУЛЬТУРНО – ПРОСВЕТИТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ

В статье речь идет о защите национальной культуре воспитания от чужой и вредной культуры Запада и Европы. Последние годы Запад и Европа по всем видам информации старается агитировать и пропагандировать свою культуру. Восток с давних времен известен со своим обычаям, традициям и обрядам.

История национальной культуры – это память народа, черпая из неё мудрость, получает силу для социального развития и продвижение будущего. В этом отношении культурные идеи выдающихся мыслителей таджикского народа: Абулкасим Фирдавси, Носира Хусрава, Кайковуса, и других являются мощным стимулом в формировании национальной культуры. Очевидно, что формирование сознания подрастающего поколения без учета национального и культурного наследия нашего народа можно оказать обратное влияние на этот процесс.

По словам академика М. Шакури: «Таджики в XX веке со временем отстали от социальных и политических основ и своих национальных источников. Сегодня во время независимости есть возможность возврата к духовной культуре. Если культура человека и нации будет развита, это дает возможность развиваться экономике и социально – политическим сторонам общества".

Ключевые слова: *традиции, мыслители, Восток, трактаты, наследия, национальные культуры, гуманность, Сосониды, Сомониды, ценные наследия.*

NATIONAL CULTURES OF EDUCATION AND ITS PLACE IN THE ACTIVITIES OF CULTURAL AND EDUCATIONAL INSTITUTIONS

The article deals with the protection of national cultures of education from the alien and harmful culture of the West and Europe. In recent years, the West and Europe have been trying to agitate and promote their cultures through all types of information. The East has long been known for its customs, traditions and rituals.

The history of national culture is the memory of the people, drawing wisdom from it, gaining strength for social development and promoting the future. In this regard, the cultural ideas of outstanding thinkers of the Tajik people: Abulkasim Firdavsi, Nosir Khusrav, Kaikovus, and others are a powerful incentive in the formation of national culture. It is obvious that the formation of consciousness of the younger generation without taking into account the national and cultural heritage of our people can have a reverse effect on this process. According to academician M. Shakuri: "Tajiks in the 20th century over time fell behind social and political foundations and their national sources. Today, during independence, there are opportunities to return to spiritual culture. If the culture of a person and a nation has been developed, this gives the opportunity to develop the economy and the socio-political aspects of society."

Key words: traditions, thinkers, East, treatises, heritage, national cultures, humanity, Sosonids, Somonids, valuable heritage, peace-loving.

Маълумот дар бораи муаллиф: *Хоча Қурбон Тоҳирӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забон ва фарҳанги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон нишонӣ: Проспекти ба номи Б. Ғафуров, хонаи рақами 46/3 ҳуҷраи 26*

Тел: 918-66-47-08

Сведение об авторе: *Хоҷа Қурбон Тоҳири, доктор педагогических наук, профессор кафедры языка и культуры Международного Университета туризма и предпринимательства Таджикистана Адрес: Г. Душанбе, пр. Им Б. Гафурова, дом 46\3 кв. 26 Тел: 918 -66-47-08*

Information about the authors: *Khoja Kurbon Tohiri, Doctor of Pedagogical Sciences, Professor of the Department of Language and Culture of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan Address: Dushanbe, B. Gafurov Ave., Building 46/3, Apt. 26 Tel.: 918 -66-47-08*

УДК:78.124(09)(575.3)

ИНТРОДУКСИЯИ ОПЕРЕТТАИ «КОНИ ПУРГАНҶ» - И ШУҲРАТ АШӮРОВ – НАМУНАИ НАВИ МЕТОДӢ ДАР ҲАЛЛИ КОМПОЗИТСИОНӢ - ДРАМАТУРГӢ

Азизӣ Ф. А., Абдуллозода Э. А.
Консерваторияи миллии Тоҷикистон
ба номи Т. Сатторов.

Шуҳрат Ашӯров (1962-2016) ба насли панҷуми композиторони тоҷик, насли композиторони охири асри XX – аввали асри XXI тааллуқ дорад [4, с. 12].

Композитор дар умри кӯтоҳи худ тавонистааст симои дурахшони худро дар мусиқии композитории тоҷик боқӣ гузорад. Саҳми ӯ дар мусиқии композитории охири асри XX – аввали асри XXI хеле бузург аст. Осори мусиқии ӯ дар жанрҳои суруд, романс, опера, оперетта, балет, жанри камеравӣ-созӣ, жанри камеравӣ-овозӣ ба мо маълум гардидааст [2, с. 28-31].

Дар ин мақола сухан дар бораи оперетта меравад. Маълум аст, ки жанри оперетта (ит. – «операи хурд») дар асрҳои XVII то миёнаи XIX дар ҷараёни дигаргуншавӣ қарор дошт. Дар асри XVIII дар Австрия ва Германия комедияи маишии *зингшпил*-ро, ки дорои гуфтаҳои лаҳҷавист, як навъи операи ҳаҷвӣ меномиданд. Дар Франсия дар асри XIX композитор Жак Оффенбах (1819-1880) асарҳои яксаҳнаии лирикӣ-маиширо, ки ба операҳои ҳаҷвии франсавӣ наздик буд, «оперетта» меномид. Баъзан онро *«буффонада»* меномиданд. Зингшпил ва буффонада дар ташаккули жанри оперетта нақш бозидаанд [7, с. 51-59].

Имрӯз оперетта яке аз жанрҳои мусиқӣ-саҳнавист, ки дар он рақсидану сароидан бо саҳнаҳои гуфтугӯӣ пайиҳам меоянд. Асоси драматургии мусиқиро бештар саҳнаҳои гурӯҳӣ, сурудҳои одӣ (бештар куплетӣ) ва рақс ташкил медиҳанд. Дар оперетта шаклҳои сирф операвӣ низ аз қабили ария, ансамбл, хор, одатан дар шакли содатари худ, истифода бурда мешаванд. Номераҳои вокалӣ ва хореографӣ дар оперетта рушди намоиш, тасдиқи идеяи асарро бар уҳда дошта, ягонагии драматургиро муҳайё месозанд [11.].

Оперетта бо дороии диалогҳои гуфтугӯйии худ аз опера фарқ мекунад. Маълум аст, ки оперетта аз рӯйи мазмун ва навъ хеле гуногун мешавад. Он метавонад лирикӣ-ҳаҷвӣ, лирикӣ-романтикӣ, қаҳрамонӣ-романтикӣ ва ғайра бошад. Табиати синтетикии оперетта робитаи мусиқии ҳаёти имрӯза ва мусиқии эстрадиро наздик мекунонад. Аз ин лиҳоз нисбат ба опера он ба шунавандаи оммавӣ фаҳмотар аст. Ҳамчун жанри мустақили театрӣ оперетта дар миёнаи асри XIX пурра ташаккул ёфтааст [12.].

Жанри оперетта ба фарҳанги мусиқии тоҷик дар асри XX дар баробари жанрҳои дигари мусиқии аврупоиасос ворид гардидааст.

Нахустин опереттаи тоҷик «Розия»-и З. Шаҳидӣ ва С. Баласанян мебошад. Он соли 1942 навишта шудааст ва аз се намоиш иборат аст. Соли 1967 композитор З.Шаҳидӣ бори дигар ба жанри оперетта рӯ оварда, опереттаи «Духтаре аз Душанбе»-ро ба либреттои Шамси Қиём ва Боқӣ Раҳимзода навишт. Композитор Дамир Дӯстмуҳаммадов соли 1993 мусиқии композитории тоҷикро боз бо як асари дигар дар ин жанр пурра гардонид. Ӯ опереттаи «Дугонаҳо»-ро ба либреттои Аъзам Сидқӣ эҷод намуд [5, с. 176].

Рӯ овардани композитор Шуҳрат Ашӯров ба жанре, ки дар он композиторони тоҷик асарҳои камшумор навиштаанд, худ як иқдоми бузургест.

Опереттаи «Кони пурганҷ» дар асоси пйесаи Шамсӣ Қиём «Аз бало ҳазар» ва либреттои Низом Қосим соли 2014 навишта шудааст. Он дар осори мусиқии композитор мавқеъи махсусро ишғол менамояд. Ин ягона асарест, ки Шуҳрат Ашӯров дар ин жанр эҷод намудааст. Ҳарчанде опереттаи Шуҳрат Ашӯров баъди эҷод шуданаш даррав рӯи саҳнаро дида бошад ҳам, лекин то ҳол партитураи он рӯи чопро надидааст ва клавири ин оперетта низ, то ҳол аз чоп набаромадааст. Бинобар ин таҳлили мо аз рӯи дастнависи партитураи он ба амал оварда шудааст. Мақолаи мазкур танҳо таҳлили Интродуксияи опереттаро фаро мегирад. Зеро ки композитор онро хеле моҳирона эҷод намудааст.

Интродуксия (аз лот. introduction – «муқаддима») – қисми созии мухтасари асари калонҳаҷми мусиқӣ-саҳнавӣ аст. Интродуксия нақши муқаддимаро мебозад [13.].



Опереттаи «Кони пурганҷ»-и Шуҳрат Ашӯров аз Интродуксияи оркестрӣ сар мешавад. Ин Интродуксия дорои сохтори секисма буда, муқаддима низ дорад.

Муқаддима (Maestoso) аз қисми асосии аввал ҳам бо суръат ва ҳам бо оҳанги мустақили худ хеле мушаххас ҷудо шудааст. Муқаддима дар яке аз оҳангҳои асосии оперетта сохта шудааст. Он дар сохтори периоди одии дувоздаҳмизона навишта шуда, аз ду ҷумлаи мусиқӣ иборат аст. Ҷумлаҳои таркибии он аз рӯи оҳанг идомаи якдигаранд ва аз ҷиҳати интонатсионӣ ҷумлаи дуюм ҷавоби ҷумлаи якум аст. Ҷумлаи аввал октавай баён гардида, аз тарафи гурӯҳи созҳои камонӣ, гурӯҳи нафасии чубӣ ва фортепиано дар такнавозии басҳои камонӣ ва созҳои нафасии мисӣ дар маҷмӯъ *tutti* оркестрро ташкил карда, бо садои хеле баланд (ff) мутантан баён мегардад:

Мисоли 1.

Нахустинтонатсияи оҳангии муқаддима дар фосилаи квинтаи болораванда касро якбора ба фазои Интродуксия ворид месозад. Ибораи дуюми ин ҷумла низ бо ҳамин интонатсия оғоз гардида, диапазони оҳангро аз тарафи боло васеътар мегардонад ва бо ин сохтори оҳангии худ характери ҷасурии нахустибораи мусиқиро пурзӯртар менамояд.Ҷумлаи дуюми ин периоди одӣ характери ҷавобиро дошта, бештар тобишҳои поёнравандаро дар бар гирифтааст:

Мисоли 2.

Дар қиёс бо ҷумлаи якум, ҷумлаи дуюми оҳангӣ ду бор такрор мешавад. Бори аввал дар доминанта (d) ва бори дуюм дар тоника (t) хеле тантанавор анҷом меёбад:

Мисоли 3.

Ҳамин тавр, Муқаддима аз аввал то охир дар як характери устувору дурахшон қарор гирифтааст.

Қисмҳои асосии Интродуксия – Allegro – Andante – Allegro дар асоси якоҳангӣ сохта шудаанд. Сароҳанги қисми якум дар равияи оҳангҳои фалак асос ёфта, ду ибораи мусиқиро дар бар мегирад. Ибораи якуми он дар тетрахорди поёнии *e-moll*, бо тобишҳои оҳангии худ ба оҳангҳои хоссаи мусиқии суннатӣ тоҷик, алалхусус фалак, хеле қарин аст:

Мисоли 4.

Композитор дар ин ҷо аз услуби иқтибоси оҳангӣ даст кашидааст. Вале ӯ ин оҳангро хеле моҳирона зери қоидаҳои оҳангсозии фалак эҷод намудааст. Пайвастагии ин ибораоҳанг бо манбаи мусиқии суннатӣ на танҳо аз ҷиҳати оҳанг, балки зарбу мизони он низ ба вуҷуд меояд. Композитор дар он на танҳо ба вазни панҷзарбаии суннатӣ (5/8) рӯ овардааст. Дар баробари он, зарби хоссаи фалакро, ки дар амалияи мусиқӣ зери унвони *равона* маълум аст, бо нигаҳдошти задаҳои он истифода бурдааст. Бори аввал ин оҳанг дар партияи гобой ва скрипкаҳои якум, сониян, ба онҳо фортепиано ва кларнет ҳамроҳ мешаванд, солисан, скрипкаи якум бо ҳамроҳии флейтаҳо ва гобой онро ба *tutti* оркестр расонида, рушди оҳангро хеле мутантан анҷом медиҳанд. Беш аз ин, дар такнавозии басҳои торӣ, тавассути гурӯҳи асбобҳои мисии нафасӣ ва гурӯҳи созҳои зарбӣ (tamburino ва piatti) задаҳои усули равона ҳамеша таъкидшавандаанд. Ин оҳанги зебо дар тули қисми якум бештар аз ҷиҳати тембр (рангҳои созҳои гуногун) рушд меёбад. Ҷиҳати лаҳн ва зарбу вазни он ивазшавӣ ҷо надорад. Он пурра манбаи мусиқии суннатиро нигоҳ доштааст. Чунин талқини оҳанг суннати мусиқии анъанавиро ба хотир меоварад: сарояндагон ё навозандагон ба навбат як оҳангро иҷро менамоянд ва ин оҳанг ҳар дафъа бо ранги нав ҷило медиҳад.

Сароҳанги қисми якум (Allegro) дар шакли период навишта шудааст, ки он аз ду ҷумлаи мусиқӣ (*ab*) иборат аст. Ҳарду ҷумла ҳаштмизонаанд. Дар қисми якум ин оҳанг се бор такрор шуда ва дар сохтори *ababa* қолаб мегирад. Новобаста ба чунин такроршавии ҷумлаҳои мусиқӣ рушди қисми якум статикӣ нест. Ҳар дафъа композитор унсурҳои баёниро дар такнавозии он тағйир дода, рушди ягонаи динамикиро ба даст меоварад. Набзи ягонаи рушди қисмро зарби равона муҳайё месозад. Ибораоҳангҳои дохилии ҷумлаҳои мусиқӣ бештар ба пайвастагии плагалӣ (t – s) такя мекунанд.

Дар баёни мусиқии қисми якум унсурҳои навозандагии суннатӣ низ дида мешаванд.

Дар мисоли мазкур гурӯҳи зарбӣ (барабани хурд) усули суннатии равонаро бе тавоққуф иҷро мекунад. Сози дигари он (*Tamburino*) задаҳои ин усулро таъкид карда, қабули онро равшантар намудааст. Дар партияи фортепиано панҷазании дутор ба воситаи арпеджиои аккордҳо шунида мешавад. Асоси интонатсионии оҳанг бо воридшавии хроматизмҳо ҳар дафъа ранги наву тобишҳои навро пайдо мекунад. Ва дар умум қисми аввал (Allegro) дар тоналности субдоминанта (s) e – фригӣ ба анҷом мерасад:

Мисоли 5.

Қисми дуюми Интродуксия дар суръати суст (Andante) эҷод шудааст. Оҳанги онро ҳамчун яке аз намунаҳои беҳтарини лирикаи мусиқии тоҷик арзёбӣ кардан мумкин аст. Бидуни шак, он образҳои лирикии опереттаро хеле равшан таҷассум намудааст. Ин оҳанг дар вазни шашзарбаии усули уфари мусиқии суннатии тоҷик асос меёбад. Задаҳои ин усули суннатӣ дар зарбаҳои якум ва чорум дар асар низ нигоҳ дошта шудаанд. Ба андешаи мо, композитор ин усулро махсус дар суръати суст (Andante) пешниҳод намудааст. Ба ин васила ӯ усули рақси шӯхи суннатиро ба зарби рақси лирикӣ табдил додааст. Чунин ҳалли композитсионӣ баҳри нишон додани хати лирикии драматургияи оперетта зарур аст. Нахустин бор ин оҳанг дар дуэти флейта ва гобой бо такнавозии зарбиҳо меояд:

Мисоли 6.

Ба ибораи дуюми он аввал скрипкаҳо ва сониян, фортепиано ҳамроҳӣ мекунанд:

Мисоли 7.

Бори дуюм ибораоҳанги якум дар якҷоягии ҳамаи гурӯҳҳои номбурда садо медиҳад. Ҳар ду маротиба оҳанги уфари суст пурра меояд. Он баҳри қавитар гардонидан дубора омада, бори дуюм бо нафаси тоза васеътару серрангтар рушди оҳангиро таъмин менамояд.

Қисми сеюми Интродуксия (Allegro) характери навро ворид месозад. Ҷаҳони орзуҳову хушбахтии ошиқон ба ташвишҳои зиндагии воқеӣ иваз мешаванд. Оҳанги он дар ҳаракати триолӣ сохта шудааст. Ин василаест, ки аз он суръати Allegro боз ҳам тезтар мешавад. Чунин ҳалли композитсионӣ барои нигаҳдошти функсияи драматургии қисми хотимавии Интродуксия аз тарафи муаллиф ба амал оварда шудааст. Ин қисм, қисми пурсуръатарини Интродуксия мебошад. Чунин ҷобаҷокунии қисмҳо барои драматургияи Интродуксия хеле муфид аст. Ин хели пайиҳамӣ бурди он аст ва композитор онро хеле хуб дарк кардааст. Оҳанги он ду ибораро дар бар мегирад. Ибораи якуми он занҷираки секвентсионист:

Мисоли 8.

Бори дуюм – ҳалқаи дуюми занҷираки секвентсионӣ мебошад. Ин оҳанг зери такнавозии питсикаттои гурӯҳи торию камонӣ ва таъкиди задаҳои зарбӣ ба воситаи гурӯҳи мисӣ меояд. Зарбиҳо усули триолиро устуворона идома медиҳанд. Ибораи дуюм набзи триолии ибораи якумро устувортар мегардонад ва ҷиҳати интонатсионӣ низ онро рушд медиҳад:

Мисоли 9.

Ин дафъа ҳалқачаи занҷирак зери такнавозии задавии фаготуториҳои камонӣ омадааст. Бо ин рангҳо зарби триолии бетаваққуфи зарбиҳо ба сароҳанги қисми сеюм тобиши нав медиҳад.

Дафъаи дуюм ҳарду ибораоҳангҳо дар *tutti* оркестр садо медиҳанд. Кодаи Интродуксия дар асоси оҳанги сеюм ва набзи триолӣ сохта шуда, дорои ҳаракати болоравандааст. Аз ин рӯ, Интродуксия дар анҷоми худ диапазони хеле васеъро фаро мегирад. Интродуксия бо тремолои зарбиҳо анҷом меёбад.

Ҳамин тавр, Интродуксияи оперетта қисмҳои муқаддима, Allegro (қисми аввал), Andante (қисми мобайнӣ), Allegro (қисми хотимавӣ)-ро дар бар гирифта, композитор чор навъи образҳоро нишон додааст:

- ҷавонӣ, муҳаббат ба ҳаёт (муқаддима);
- хираду ростқавливу ростравӣ баҳри расидан ба мақсад (қисми аввалӣ);
- лирикаи ишқи поки ҷавонӣ (қисми мобайнӣ);
- қатъият дар тасдиқи худ (қисми хотимавӣ).

Аз таҳлили Интродуксия бар меояд, ки дар услуби композитории худ Шуҳрат Ашӯров, ҳарчанде жанри аврупоиасосро истифода барад ҳам, дар оҳангсозӣ ба мусиқии суннатӣ такя намуда, дар асоси қавоиди он оҳангҳои хеле ҷолиб офарида тавонистааст. Ин аз он аст, ки ӯ қонунҳои мусиқии суннатиро хеле хуб медонист.

Аз чаҳор оҳанги Интродуксия яктоаш дар қолабзарби равона (Allegro) бо нигаҳдошти таъкидҳои суннатии ин қолабзарб, дигарӣ (Andante) – дар равияи лирикаи суннатии тоҷик, бо истифодаи қолабзарби уфари суст сохта шудааст. Сароҳанги қисми сеюмро композитор вобаста ба функсияи драматургии хотимавии асар эҷод кардааст. Бо сароҳанги хотимавӣ, ки инъикосгари зафари саъйю кӯшиши ҷавонӣ аст, оҳанги муқаддимаи Интродуксия ҳамранг аст. Аз ин рӯ, он ҳам таҷассумгари ҷавонӣ ва ҷасурӣ мебошад.

Аз тарафи дигар, мушоҳида мешавад, ки композитор функсияи композитсионии Интродуксияро дар жанри саҳнавӣ-театрии оперетта хеле хуб дарк мекунад. Аз ин ҷост, ки ӯ тавонистааст дар Интродуксияи хурд хеле мухтасар ва хеле саҳеҳ моҳияти опереттаи «Кони пурганҷ»-ро бо ҳамаи равияҳои образҳо ва хатҳои мазмуниву драматургӣ таҷассум намояд.

АДАБИЁТ:

1. Ашӯров Ш. «Кони Пурганҷ». Оперетта иборат аз 3 намоиш. – Либреттои Н. Қосим. Партитура. Дастнавис //Китобхонаи ТАДОБ ба номи С. Айнӣ, № 5054. Нусха: китобхонаи КМТ ба номи Т. Сатторов. №1102 – Душанбе. – 2013. – 302с.
2. Композиторон ва мусиқишиносони Тоҷикистон. Маълумотнома. Мураттибон. Азизӣ. Ф. А., Ҳикматов Қ. С., Ҳакимов Н. Ғ. – Душанбе. – 2011. – 288с.
3. Луғати русӣ-тоҷикии истилоҳоти санъат. Мураттибон: Аҳроров А., Раҷабов А., Рӯзиев Ҳ., Сабоҳӣ Ҳ. – Душанбе. – 2003. – 272с.
4. Назиров М. «Баррасии силсилаасарҳои бачагонаи композиторони тоҷик барои фортепиано». Кори дипломӣ. Фонди китобхонаи КМТ ба номи Т. Сатторов. – Душанбе – 2015. – 98с.
5. Нурджонов Н. Опера и балет Таджикистана – Душанбе. – 2010. – 424с.
6. Орелович А. Оперетты ленинградских композиторов. //Музыка и жизнь. – Ленинград. – 1973. – С. 85-89.
7. Оперетта. //Музыкальная энциклопедия В 6-ти томах. – Том 4. – Москва: «Сов. энцикл». – 1978. – С. 51-59.
8. Соллертинский И. Жак Оффенбах. Монография. – Ленинград. – 1933. – 56с.
9. Янковский М. Оперетта: возникновение и развитие жанра на Западе и в СССР. – Ленинград-Москва: «Музыка». – 1937. – 456с.
10. Янковский М. Оперетточный театр. //Русская художественная культура конца XIX – начала XX века. – Москва: «Музыка». – 1977. – С. 87-92
11. https: //www. sourdtimes.ru /opera /operetty /istorya-operetty
12. https: //www. play.monsterhigh.com. ru /characters operetta
13. https: // www.belcanto.ru /introdukzia

ИНТРОДУКСИЯИ ОПЕРЕТТАИ «КОНИ ПУРГАНҶ» - И ШУҲРАТ АШӮРОВ – НАМУНАИ НАВИ МЕТОДӢ ДАР ҲАЛЛИ КОМПОЗИТСИОНӢ - ДРАМАТУРГӢ ДАР ТАЪЛИФИ АСАРИ МУСИҚӢ ДАР ЖАНРИ МУСИҚӢ - САҲНАВӢ

Дар жанри оперетта композиторони тоҷик асарҳои ангӯштшумор навиштаанд. Опереттаи «Кони пурганҷ»-и композитор Шуҳрат Ашӯров ягона асарест дар жанри оперетта дар даҳсолаи охир. Мақолаи мазкур танҳо таҳлили Интродуксияи опереттаро фаро мегирад. Сохтори Интродуксия секисма буда дорои муқаддима низ мебошад. Муқаддимаи Интродуксия дар яке аз оҳангҳои асосии

оперетта сохта шудааст. Ҳар як қисми Интродуксия симои оҳангии хеле дурахшонро доро аст. Онҳо дар равияи оҳанги фалакӣ (қ.I – Allegro), лирикаи мусиқии суннатии тоҷик (қ.II – Andante), ҷаҳони орзуҳову хушбахтии ҷавонон (қ.III – Allegro) омада, мушаххасиёти заминаи жанриро чун – Фалаки Равона (қисми I), уфари сусти лирикӣ (қисми II), пйесаи ҷавонии виртуозӣ (қисми III) зоҳир менамоянд. Дар баёни ҳамаи оҳангҳои асосӣ композитор бештар ба як услуб афзалият додааст: якканавозӣ (соло) → гурӯҳи оркестрӣ → tutti. Ин рушди ягонаи тембрии динамикиро муҳайё месозад.

Дар Интродуксия чор доираи образҳои оперетта нишон дода шудааст:

- ҷавонӣ, муҳаббат ба ҳаёт (муқаддима);
- хираду ростқавливу ростравӣ баҳри расидан ба мақсад (қисми аввалӣ);
- лирикаи ишқи поки ҷавонӣ (қисми мобайнӣ);
- қатъият дар тасдиқи худ (қисми хотимавӣ).

Ҳамин тавр, композитор дар жанри аврупоии Интродуксия, бо нишондоди хатҳои асосии драматургии оперетта, бо такя бар вазну зарб, асоси оҳангӣ-интонақионии мусиқии тоҷикӣ, бидуни иқтибос оҳанги хоси миллии опереттаро офарида тавонистааст.

Калидвожаҳо: *интродуксия, жанри камеравӣ-созӣ, мусиқии камерави-овозӣ, композитсионӣ-драматургӣ, усули равона, Coda, тремолои зарбӣ, ибораоҳанг, плагалӣ, лаҳни фригӣ, буффонада, зинғилил.*

ИНТРОДУКЦИЯ ОПЕРЕТТЫ «КОНИ ПУРГАНЧ» ШУХРАТА АШУРОВА – ПРИМЕР НОВОГО МЕТОДА КОМПОЗИЦИОННО-ДРАМАТУРГИЧЕСКОГО РЕШЕНИЯ СОЧИНЕНИЯ В МУЗЫКАЛЬНО-СЦЕНИЧЕСКОМ ЖАНРЕ.

В жанре оперетты таджикскими композиторами написано лишь несколько произведений. Оперетта «Кони пурганч» композитора Шухрата Ашурова является единственным произведением этого жанра за последнее десятилетие. Данная статья охватывает лишь Интродукцию оперетты. Формоструктура Интродукции трёхчастна. Она имеет вступление. Во вступлении к Интродукции в качестве основной темы избрана одна из основных мелодий оперетты. Этому следует композитор и в каждой из трёх частей. Они построены на мелодиях типа Фалака (I ч. Allegro), традиционной лирической музыки (II ч. Andante), мира мечты и счастья молодёжи (III ч. Allegro), проявляя конкретность жанровой основы – Фалаки Равона (I ч.), медленного лирического уфара (II ч.), виртуозной молодёжной пьесы (III ч.).

В изложении всех основных мелодических тем композитор отдаёт предпочтение одному принципу: соло → группа оркестра → tutti. Это обеспечивает единое динамическое тембровое развитие. В Интродукции экспонированы четыре образных сфер:

- молодости, любви к жизни (вступление);
- мудрости, смелости в достижении цели (начальная часть);
- чистой любовной лирики молодёжи (средняя часть);
- решительности в самоутверждении (заключительная часть).

Так, в европейском жанре Интродукции, композитор, отражая основные линии драматургии оперетты, опираясь на метроритм и мелодико-интонационную основу таджикской музыки, без их цитирования, сумел создать характерную для таджикской музыки мелодику оперетты.

Ключевые слова: *интродукция, камерно-инструментальный жанр, камерно-вокальная музыка, композитсионно-драматургическая, усуль равона, Coda, тремоло ударных,музыкальная фраза,плагальный, фригийский лад, зинғилиль, буффонада.*

THE INTRODUCTION OF THE OPERETTA “KONI PURGANJ” BY SHUHRAT ASHUROV IS AN EXAMPLE OF A NEW METHOD OF COMPOSITIONAL AND DRAMATIC SOLUTION TO A COMPOSITION IN THE MUSICAL-STAGE GENRE.

Tajik composers have written only a few works in the operetta genre. The operetta “Koni purganj” by composer Shuhrat Ashurov is the only work of this genre over the last decade. This article covers only the Introduction of the operetta. The form structure of the Introduction is three-part. It has an Introduction too. In the introduction to the Introduction, one of the main melodies of the operetta is chosen as the main theme. The composer follows this in each of the three parts. They are built on melodies such as Falak (I part – Allegro), traditional lyrical music (II part – Andante), the world of dreams and happiness of youth (III part – Allegro), showing the specificity of the genre basis – Falaki Ravona (I part), slow lyrical ufar (II part), virtuoso youth play (III part).

In presenting all the main melodic themes, the composer gives preference to one principle: solo → orchestra group → tutti. This ensures a unified dynamic timbre development. The Introduction exhibits four figurative spheres:

- youth, love of life (introduction);
- wisdom, courage in achieving the goal (initial part);
- pure love lyrics of youth (middle part);
- determination in self-affirmation (final part).

Thus, in the European genre of Introduction, the composer, reflecting the main lines of the dramaturgy of the operetta, relying on the metrorhythm and melodic-intonation basis of Tajik music, without quoting them, managed to create the melody of the operetta characteristic of Tajik music.

Key words: *introduction, chamber-instrumental genre, chamber-vocal music, compositional-dramatic, usul ravona, Coda, percussion tremolo, musical phrase, plagal, Phrygian mode, singspiel, buffoonery.*

Маълумот дар бораи муаллифон: *Азизӣ Фароғат Абдуқаххорзода – доктори илмҳои санъатшиносӣ, профессор (роҳбари илмӣ).*

Абдуллозода Эмомалӣ Асадулло – докторант (PhD)-и Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов. Суроға: шаҳри Душанбе, Ҳусейнзода 155 (консерватория) e-mail: farog48aziz@mail.ru тел.: +(992) 918700621e-mail: emomaliabdullozoda@gmail.com тел: (+992) 988575730

Сведения об авторах: *Азизи Фароғат Абдукаххорзода – доктор искусствоведения, профессор, (научный руководитель).*

***Абдуллозода Эмомали Асадулло** – докторант (PhD) Таджикской национальной консерватории имени Т. Сатторова. Адрес: г.Душанбе, Хусейнзода, 155 (консерватория) e-mail: farog48aziz@mail.ru тел.: +(992) 918700621e-mail: emomaliabdullozoda@gmail.com тел: (+992) 988575730*

Information about authors: *Azizi Faroghat Abduqahhorzoda – Doctor of Arts, professor (scientific supervisor).*

Abdullozoda Emomali Asadullo – doctoral student (PhD) of the Tajik National conservatory named after T.Sattorov Adress: Dushanbe, Khuseynzoda Str., 155 (coservatory) e-mail: farog48aziz@mail.ru Tel.: +(992) 918700621e-mail: emomaliabdullozoda@gmail.com tel: (+992) 988575730

ТДУ: 371.3:809.057 (575.3)

ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ЛЕКСИКИИ ДОНИШҶӮЁН АЗ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР ДОНИШГОҲҲОИ ҒАЙРИЗАБОНӢ

Гадоев К. Х.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода

Аҳамият ва мавқеи мутахассисоне, ки як ё якчанд забони хориҷиро медонанд, бинобар густариш ёфтани муносибатҳои байналхалқӣ дар соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсӣ меафзояд. Ҳамин тариқ, донишҷӯён ба шарофати донистани забони хориҷӣ метавонанд расонаҳои хориҷӣ, адабиёти касбӣ ва бадеиро омӯзанд, бо мутахассисони хориҷӣ муошират кунанд ва ғайра дониши худро дар соҳаҳои касбӣ ва дигар соҳаҳо такмил диҳанд. Илова бар ин, ширкатҳои муосири Тоҷикистон ва хориҷа, ки фаъолиятҳои байналмилалиро анҷом медиҳанд, ба мутахассисони соҳибихтисос, ки якчанд забони хориҷиро амиқ медонанд, ниёз доранд. Масъалаи таълими забонҳои хориҷӣ, бахусус забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат давра ба давра беҳтару хубтар шуда истодааст. Бо вуҷуди ин, давраи босуръати рушди илму техника ва раванди ҷаҳонишавӣ моро водор месозад, ки дар омода кардани мутахассисони баландихтисоси забондон боз ҳам масъулиятшинос бошем.

Омӯзиши забони хориҷӣ ташаккули салоҳияти умумии фарҳангии забони хориҷист, ки ҷузъҳои коммуникативӣ, когнитивӣ, ҷубронӣ, байнифарҳангӣ ва дискурсиро дар бар мегирад. Барои бомуваффақият ташаккул додани ҳамаи ин ҷузъҳо ба донишҷӯён дониши лексика ва грамматикаи забони хориҷие, ки омӯхта мешавад, зарур аст. Дар баробари ин, лексика нақши муҳим ва меҳвариро мебозад. Ҳадафи омӯзиши забони хориҷӣ қобилияти истифодаи нуқти хаттию шифоҳӣ пайдо намудан бо ин забон, ҳамчун воситаи моушират, табодули афкор ва омӯзиши илму таҷриба бо забони хориҷӣ дониста мешавад. Албатта, ҳар қадар захираи луғавии донишҷӯ бойтар ва гуногунтар бошад, ӯ ҳамон қадар озодтар сухан ва андешаҳояшро бо забони англисӣ баён мекунад. Маҳз ба ҳамин муносибат бояд ба методика ва воситаҳои таълими луғат, алалхусус, дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ диққат дода шавад.

Омӯзиши масъалаҳои марбут ба таълими лексикаи забони хориҷӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ барои омӯзгори забони хориҷӣ, махсусан, дар марҳилаи ибтидоии таҳсил дар мактабҳои олӣ зарурати бештар дорад. Дар мақола натиҷаи таҳқиқоти илмӣ марбут ба таълими лексикаи забони хориҷӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ, маҷмуи ташаккули дониш, малакаю маҳорати лексикии донишҷӯён аз забони англисӣ, истифодаи лексика дар ҳолатҳои гуногун, инчунин стратегия ва тактикаи азхудкунии маводи лексикӣ матраҳ мегардад.

Интихоб ва истифодаи роҳу равиш ва методҳои таълим ҷузъи ҷудонашаванди раванди таълими забонҳои хориҷӣ ба шумор рафта, аз он натиҷаи кор ва фаъолияти таълимии омӯзгор муайян мегардад. Дар раванди таълими лексикаи забони хориҷӣ омӯзгор бояд ҳадафҳои васеъ ва амиқтар кардани донишҳои лексикӣ, такмили маҳорат ва маҳорати лексикии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ, инчунин кумак расонидан ба онҳо дар азхудкунии стратегия ва тактикаеро, ки ба лексикаи забони хориҷӣ мусоидат мекунад, муайян намояд [3, с. 59]. Самаранок рушду ташаккул ёфтани як қатор малакаю маҳорат ва

салоҳиятҳои донишҷӯён аз забони англисӣ низ вақте муайян мегардад, ки омӯзгор мавзуи дарсиро то чи андоза босалоҳият пешниҳод кардааст. Маҳорати педагогии омӯзгор дар асоси қобилияти ташаккули раванди таълим, мувофиқи қонуниятҳои ин раванд, бо принсипҳои асосии дидактикӣ истифода ёфта бошад.

Барои ҳалли масъалаи мазкур асосҳои назариявии ташаккули салоҳияти лексикии донишҷӯёнро омӯхтан зарур мебошад. Дар ин замина таҳқиқи мо ба асарҳои муаллифони гуногунро (Соловова Е.Н., Рогова Г.В., Пасов Е.И., Хуторской А.В., Иванова О.В., Миняр-Белоручев Р.К., Мухаева Н.М., Ростовцева В.М., Рубинштейн С.Л., Шамов А.Н., Шатилов С.Ф. ва дигарон) оид ба масъалаи ташаккули малакаҳои лексикӣ ва таълими лексика такя намудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус дар соҳаи маориф ва илми мамлакат яке аз мафҳумҳое, ки даҳсолаи охир мавриди таҳқиқу омӯзиш ва истифода қарор гирифтааст, «таълими босалоҳият» мебошад. Қобил ба ёдоварист, ки мафҳуми «салоҳият»-ро Н.Хомский соли 1965 (Донишгоҳи Массачусетс, ИМА) дар робита ба назарияи забон, ба грамматикаи трансформатсионӣ пешниҳод кардааст. Дар аввал салоҳият маънои қобилияти зарурӣ барои анҷом додани фаъолияти муайян, асосан забоншиносиро ба забони модарӣ дошт [14, с. 135]. Баъдтар ин мафҳум доираи истифодашро васеъ намуда, шарҳу тавсифи нав касб кард.

Қобили қайд аст, ки дар илми муосир таърифҳои амиқи мафҳумҳои «салоҳият», «салоҳиятнокӣ» ва «босалоҳият» вуҷуд надошта, ҳар як пажӯҳишгар онҳоро ба таври гуногун шарҳ медиҳад. Сабаб он аст, ки истилоҳи «competence» (аз забони англисӣ – қобилият, аз лотинии compens, compentis – қобилиятнок, донишманд) ҳангоми тарҷума ба забони тоҷикӣ якбора ду мафҳум – "салоҳият" ва "салоҳиятнокӣ"-ро касб кардааст. Ин аст, ки дар тафсири ин мафҳумҳо баъзе равишҳо низ вуҷуд доранд:

1) истилоҳоти синонимӣ баррасӣ ва истифода мешаванд;

2) мафҳумҳои гуногунро ифода мекунанд.

Муҳаққиқони тоҷик аз қабили И.Х. Каримова, С.Э. Неъматов, Х. Сайфуллоев олимони хориҷӣ Т. Орҷӣ, М. Халстед, Н. Хомский, инчунин мутахассисони рус Н.В. Баграмова, В.И. Байденко, Г. Белицкая, Л.И. Берестова, Е.В. Бондаревская, Н. Гришанова, А. Деркач, Н.В. Мясищев, А. Палферова, В.В. Сериков ва дигар муаллифон мафҳумҳои «салоҳият», «босалоҳият» ва «салоҳиятнокӣ»-ро синоними якдигар медонанд. Дар доираи раванди таълим мафҳуми салоҳият/салоҳиятнокиро онҳо ҳамчун «маҷмуи дониш, малака ва маҳорате, ки дар раванди таълими фанҳои муайян ташаккул меёбанд, инчунин қобилияти иҷрои фаъолияти муайян дар асоси дониш, малака ва маҳорати ба даст овардашуда» мешуморанд [2, с. 114].

Агар вобаста ба мафҳуми марказии таҳқиқи мазкур, «салоҳият» сухан ронем ва хоҳем, ки шарҳи мафҳумҳои салоҳият/салоҳиятнокиро муайян созем, пас, метавон сухани А.В. Хуторскийро атрофи моҳияти мафҳумҳои «салоҳият» ва «салоҳиятнокӣ» чунин гуфтааст, ёдовар шуд [15, с. 59]: «салоҳият» талаботи муайяни мушаххас оид ба тайёрии таълимӣ ва «салоҳиятнокӣ» ин сифати шахсиест, ки аллакай ба вуҷуд омада, соҳиб шудааст, аз ҷониби шахс соҳиби салоҳияти дахлдор, муносибат ба он ва субъекти фаъолият мебошад. Салоҳиятҳои таълимӣ бо равиши фардӣ - фаъолиятӣ ба таълим шарт карда мешаванд, зеро онҳо танҳо ба шахс дахл доранд, танҳо дар ҷараёни иҷрои маҷмӯи амалҳое, ки бо роҳи муайян тартиб дода шудаанд, зоҳир ва санҷида мешаванд. Салоҳият (аз лотинии compentia) маънои маҷмуи масъалаҳоеро дорад, ки шахс дар онҳо хуб огоҳ аст, дониш ва таҷриба дорад. Салоҳиятнокӣ (аз лотинии competens (competentis) — муносиб, қобилиятнок) дар соҳаи муайян шахс дорои донишу малакаҳои мувофиқе мебошад, ки ба ӯ имкон медиҳад, ки дар ин соҳа оқилона доварӣ кунад ва дар он самаранок амал кунад [15, с. 61].

Дар методологияи ҷаҳонӣ таълими забонҳои хориҷӣ дар давраҳои гуногуни инкишофи худ масъалаи таълими ҷанбаи лексикӣ дар корҳои олимону муҳаққиқон аз қабили A. Bruton, J. Coady, B.H. Douglas, N. Ellis, M. Hyde, M. Lewis, M.H. Long, H.B. Баграмова, М.П. Базина, Л.В. Банкевич, Б.В. Беляев, М.А. Бурлаков, Р.К. Миняр-Белоручев, Н.М. Мухаева, Е.Н. Соловова, Е.И. Соловсова, Н.Г. Соловьева, Г. Харлов, А.Н. Шамов, С.Ф. Шатилов ва дигарон таҷассум ёфтааст.

Лексика ё худ луғат дар баробари грамматика ва фонетика яке аз ҷанбаҳои муҳимми омӯзиши забон ба шумор меравад. Захираи луғавӣ яке аз ҷузъҳои асосии муошират дар дарсҳои забони хориҷӣ ба шумор рафта, воситаи муҳимтарини он ҳисобида мешавад. Д.Э. Розентал дар луғати истилоҳоти забоншиносии худ чунин таърифи вожаро додааст: «Лексика (аз юнонӣ lexikos – ба калима тааллуқдошта, lexis – калима, ифода) маҷмӯи вожаҳо, яъне захираи луғавии забон аст» [11, с. 322].

Аз рӯйи таъриф, В.А. Кондратев, луғат асоси забон буда, шахсе, ки захираи зиёди луғавӣ дорад, дар намудҳои гуногуни фаъолияти нутқ ягон душворӣ намебинад. Нақшаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишкадаю донишгоҳ ё дигар муассисаи таълимӣ ақалияи луғавии муассисаи таълимӣ муайян мегардад, ки муҳассилин бояд дар ҳар як зинаи таҳсилот ҳаҷми муайяншударо аз худ намояд [8, с. 163].

Забони хориҷӣ фанни ҳатмии барномаи таълимӣ дар мактабҳои олӣ ба ҳисоб рафта, чун анъана дар марҳилаҳои аввали таҳсилот, дар курсҳои якум ва дуюм тадрис мегардад. Аз сабаби вақти хеле ками омӯзиш таълими лексика бояд дар тамоми марҳилаи омӯзиши курси забони хориҷӣ роҳандозӣ гардад. Илова бар ин, таълими забони хориҷӣ бояд ба равиши комплексӣ асос ёфта, такрори маводи лексикиро дар машқҳои лексико-грамматикӣ, фонетикӣ, тестҳо, муколамаҳо, супоришҳои эҷодӣ ва лоиҳакашӣ таъмин кардан лозим аст. Бо вуҷуди ин, аз мавқеи олимон дар китобҳои дарсии муосири забонҳои хориҷӣ методикаи таълими лексикаи забони хориҷӣ ба қадри кофӣ муассир нест [6]. Дар аксари китобҳои дарсӣ ҳангоми пешниҳоди маводи лексикӣ аз ду усул истифода мешаванд: ба донишҷӯён ё як қисми рӯйхатро барои аз ёд кардан пешниҳод мекунанд, ё калимаҳоро ҳамчун дар машқҳо пайдо мекунанд, аз ёд мекунанд. Аммо дар ҳарду ҳолат луғати воридшуда дар рӯйхати умумӣ ба низом дароварда нашудааст. Ин усул, бешубҳа, дар системаи таълими лексикаи забони хориҷӣ бартарӣ дошта наметавонад, зеро инкишоф додани дониш, махорат ва махорат дар ин соҳа истифодаи усули системавиро дарбар мегирад. Мутаассифона, дар китобҳои дарсии муосир вожаҳое ворид карда мешаванд, ки ба мавзуи таҳқиқшаванда алоқаманд нестанд, дар матнҳои аслӣ хеле кам вомехуранд ва аз ин рӯ, хеле кам истифода мешаванд. Аз ин рӯ, ба муаллим лозим меояд, ки аксар вақт рӯйхати калимаҳоро ислоҳ кунад ва раванди таълимро барои иҷрои талаботи барномаи ташкилоти таълимӣ фаъолона созад.

Бояд дар хотир дошт, ки масъалаи омӯзиши луғат яке аз душвортарин масъалаҳои назария ва амалияи таълими забони хориҷӣ мебошад. Раванди азхудкунии дониш, малака ва маҳорати луғавӣ аз ҷониби донишҷӯён маҷмуи масъалаҳоеро дарбар мегирад, ки яке аз он бисёрпаҳлу будани калимаҳо мебошад.

Омӯзиши лексикаи луғавӣ бо роҳи аз ёд кардани калимаҳои ҷудогона боз як камбудии назаррас дорад: калимаи омӯхташаванда бо як калимаи мушаххаси забони хориҷӣ алоқаманд аст, ки дар натиҷа ба вижагиҳои системаи лексикии забони омӯхташаванда эътибори зарурӣ дода намешавад. Ин боиси хатогиҳои луғавӣ дар нутқи хаттию шифоҳӣ донишҷӯён мегардад.

Омили ниҳоят муҳимми аз ёд кардани мавод ҷузъи ҳавасмандкунанда мебошад. Ҳангоми баррасии ин ҷузъи таълими лексикаи забони хориҷӣ бояд ба эҳтиёҷоти донишҷӯ таваҷҷуҳи махсус дода шавад, ки он ҳамчун самт, шарти зарурии амал муайян карда мешавад. Бе зарурат фаъолияти фаъоли донишҷӯ ба вуҷуд намеояд, ангезаҳо инкишоф намеёбанд ва мақсадҳои фаъолият муайян карда намешаванд.

Муаллим бояд пеш аз ҳама ба талаботи маърифатӣ, фарҳангӣ, тахассусӣ ва ҷаҳонбинии донишҷӯён диққат ва таваҷҷуҳи хосса диҳад. Дар ин ҳолат ҳавасмандие ба вуҷуд меояд, ки дар он раванди азхудкунии донишҳои нав бо мақсадҳои фаъолият – ҳавасмандии маърифатӣ мувофиқат мекунад. Талаботи маърифатӣ ва мотивҳои маърифатӣ асоси фаъолияти таълимӣ буда, тақвият ва инкишофи онҳо ба баланд шудани самаранокии фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ мусоидат мекунанд. Илова бар ин, барои зуҳури қобилият ва тафаккури эҷодӣ барои донишҷӯён имконияти хуб фароҳам меоранд. Аз ин рӯ, мазмуни фаъолияти таълимӣ, ки дар он эҳтиёҷоти маърифатӣ амалӣ мегардад, омили ниҳоят муҳими таълими забони хориҷӣ мебошад. Донишҷӯёне, ки ҳавасмандии мусбати дохилӣ доранд, зарурати аз худ кардани мавзуъ ва шавқ ба мундариҷаи он бартарӣ дорад. Ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ қонеъ гардонидани талаботи маърифатӣ ба донишҷӯ имконият медиҳад, ки худро донишманд ва салоҳиятдор ҳис кунад, ки ин барои мутахассиси оянда ниҳоят муҳим аст.

Азхуд кардани забони хориҷӣ бе малакаҳои лексикӣ имконнопазир аст. Дар адабиёти методӣ маҳорати лексикиро ҳамчун «амали автоматикунонидашудаи интихоби воҳиди луғавӣ, ки ба нақша мувофиқ ва пайвастагии дурусти он бо воҳидҳои дигар дар нутқи маҳсулнок, дарк ва робитаи автоматии худ бо маъно дар нутқи қабулкунанда» маънидод шудааст [1, с. 278].

Малакаро ҷузъҳои автоматикунонидашудаи фаъолияти бошуурона иҷрошуда, ки тавассути машқ ва омӯзиш ташаккул меёбанд, фаҳмида мешавад (В.А. Крутецкий, Р.К. Миняр - Белоручев, Е.И. Пассов, А.В. Петровский, С.Л. Рубинштейн, С.Ф. Шатилов). Маҳорат дар навбати худ, ҳамчун «фаъолияти бошуурона, ки ба системаи амалҳои зери шуурнокӣ асос ёфтааст» (дониш → малака → маҳорат) баррасӣ мешавад [10, с. 57].

Вобаста ба ташаккули малакаи лексикӣ (луғавӣ), марҳилаҳои он, роҳҳои ташаккули малакаю маҳорат ва салоҳиятҳои лексикӣ тадқиқотҳои зиёде анҷом ёфтаанд. Натиҷаи он бошад дар амалияи таълими забони хориҷӣ истифода шудаанд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло барои донишҷӯёни донишгоҳҳои ғайризабонӣ, ки лексикаи забони хориҷиро меомӯзанд, мо шартҳои ҳатмии психологию педагогии омӯзиши самарабахш мешуморем:

1. Маводи лексикӣ, ки асоси ташаккули дониш, малака ва маҳорати лексикӣ мебошад.

2. Дар хотир нигоҳ доштани калимаҳо ва ибораҳои дар таркиби анъанавӣ дар забони омӯхташаванда мувофиқ аст.

3. Истифодаи ҳавасмандгардонии дарки шунавоӣ ва визуалӣ бо хусусиятҳои дарки иттилоот муайян карда мешавад, бинобар ин дар шакли хаттии пешниҳоди мавод ва бо овози баланд гуфтан хеле муассир боқӣ мемонад. Дар шароити таълими лексикаи забони хориҷӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ ҷалби ҳарду намуди идрок бештар таъсир мерасонад (Н.Д. Гальскова, Н.И. Гез, С.О. Даминова [4, с.5], Н.Ю. Кириллина [7], С.Стемплески, Б. Томалин [16] ва ғайра).

4. Мавод бояд барои донишҷӯ аҳамияти инфиродӣ дошта буда, дар баёнияҳои нутқ дар заминаи соҳаи касбии ояндаи ӯ истифода шавад. Ин ҳолат омили ҳавасмандкуниро ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ зиёд мекунад [13, с.142].

5. Дар ҷараёни таълими луғавии забони хориҷӣ донишҷӯ бояд дар муайян кардани номгӯйи воҳидҳои луғавии мавзуъ, алоқаи онҳо ва азхудкунии онҳо ҳамчун субъект баромад намояд. Дар ин замина донишҷӯ новобаста аз сатҳи дониши забонӣ ҳамчун созандаи «траекторияи таълимӣ»-и худ амал мекунад.

Имрӯзҳо доираи хеле васеи усулҳои гуногуни таълими забонҳои хориҷӣ мавҷуданд, ки баъзеҳо ба омӯзиши дарозмуддат ва баъзеҳо ба омӯзиши кӯтоҳмуддат (экспрессивӣ) нигаронида шудаанд. Интихоби роҳу усул ва методҳои таълим, инчунин, мҳорату малакаҳои касбии омӯзгор дар таълими лексика, ташаккули саҳолиятҳои лексии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ мебояд дуруст роҳандозӣ гарданд. Рафти таълими луғат аз малакаю маҳорати касбии ҳар як омӯзгор вобаста аст, аммо набояд фаромуш сохт, ки нақши интихоб ва истифодаи методҳои муосир аҳамияти калон дорад. Истифодаи воситаҳои мултимедӣ ва маводҳои аудиовизуалӣ дар азхудкунии лексикаи нав ва ғанигардонии захираи луғавии донишвӯён муҳим ва манфиатбахш мебошад. Ҳангоми фаҳмондани калимаю ибораҳои нав бояд методу воситаҳои гуногунро бо назардошти хусусияти маводи таълимӣ, ҳолати руҳию равонии донишҷӯён, шароиту вазъияти мушаххаси аудитория ва ғайра ба ҳамдигар пайваст намоем.

Ғанигардонии захираи луғавӣ дар ҷараёни хониш, инчунин ҳангоми иҷрои машқҳои махсус барои ин таҳиягашта сурат мегирад. Дар ибтидо барои мустаҳкамкунӣ аз чунин машқҳо истифода бурдан лозим аст. Масалан, тарҷумаи матни дорои калимаю ибораҳои нав ба забони модарӣ; аз калимаю ибораҳои нави дохили матн ҷумла сохтан; холигиҳои дохили матнро бо калимаю ибораҳои нав пур кардан ва ғайра. Дар дарсҳои минбаъда такрори калимаю ибораҳои азхудшуда хеле муҳим мебошад. Ба чунин навъи машқҳо дохил мешаванд: гурӯҳбандии калимаҳо ва ибораҳо барои хотира, тарҷумаи ҷумлаҳо ба забони хориҷӣ, муайян кардани ибораҳо [9, с. 96]. Дар ҳар як машғулият мунтазам дониши лексикии донишҷӯёнро санҷидан зарур аст. Муаллим бояд аз донишҷӯён ташкили дафтарҳои махсуси луғатро, ки онро метавон пайваста барои такрори лексика истифода баранд, талаб кунад [12, с. 11].

Ҷанбаи муҳимми навбатии омӯзиши лексикаи англисӣ ин доштани маҳорати махсуси омезиш кунонидани маҷмӯи калимаҳои англисӣ мебошад. Яъне, маҳорати як калима бо калимаи дигар, ки мафҳуми наве пайдо мешавад, истифода карда тавонистани калимаҳо дар шакли ибора ва амсоли инҳо ба боло рафтани салоҳияти лексикии донишҷӯён мусоидат менамояд.

Мо дар тадқиқоти худ истилоҳи салоҳияти луғавиро истифода намуда, онро омодагӣ ва қобилияти донишҷӯён барои муайян ва дарки маънои калимаю ибора дар дохили матн, муқоисаи воҳидҳои луғавии забонҳои гуногун, баръало нишон додани хусусиятҳои фарҳангии вожаҳо ва истифода аз онҳо дар иҷрои ин ё он воҳид дар назар дорем. Салоҳияти лексикӣ як навъ салоҳиятҳои фанниест, ки барои амалисозии фаъолияти коммуникатсионӣ бо забони хориҷӣ заруранд.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки таълими забони англисӣ дар ихтисосҳои гуногун, бахусус ихтисосҳои ғайризабонӣ моро водор месозад, ки ба ташаккули салоҳияти лексикии донишҷӯён таваҷҷуҳи махсус диҳем. Аҳамияти дониши лексикӣ, финди луғавии донишҷӯён,

интихобу истифода дурусти вожаю ибораҳо ва истилоҳоти тахассусӣ бо забони англисӣ ба эшон имконият медиҳад, ки дар оянда ҳангоми фаъолияти касбӣ дар истифодаи забони англисӣ душворӣ накашанд.

АДАБИЁТ:

1. Азимов Э.Г., Щукин А.Н. Словарь методических терминов / Э.Г. Азимов, А.Н. Щукин. – СПб.: Златоуст, 1999. – 472 с.
2. Баграмова Н.В. Лингвометодические основы обучения лексической стороне устной речи на английском языке как втором иностранном языке в педагогическом вузе: дис. … доктора пед. наук / Н.В. Баграмова. - СПб., 1993. – 504 с.
3. Давыдова Ю.Г. К вопросу о понятии «лексическая компетенция» на продвинутых уровнях владения иностранными языками // Альманах современной науки и образования Тамбов: Грамота. 2013. № 5 (72). – С. 56-60.
4. Даминова С.О. Лингводидактический потенциал аудиовизуализации в процессе использования научно-популярных иноязычных фильмов при подготовке по иностранному языку студентов-нефилологов // Филологические науки. Вопросы теории и практики. Тамбов: Грамота, 2014. № 9 (39). Ч. I. – С. 44-51.
5. Даминова С.О. Методика развития умений аудирования на основе иноязычных профессиональных аудиовизуальных материалов // Вестник Костромского государственного университета. Серия: Педагогика. Психология. Социокинетика. 2015. № 4. – С. 178-182.
6. Дигтяр О.Ю. Организация лексического материала и его усвоения как фактор, соопределяющий эффективность обучения иностранному языку: английский язык, средняя ступень школьного обучения: автореф. дис. ... канд. пед. наук. Владимир, 2009. – 23 с.
7. Кириллина Н.Ю. Обучение аудированию публицистических текстов на основе аудиовизуальных источников информации: языковой вуз, французский язык: дис. … канд. пед. наук. Москва, 2006. – 227 с.
8. Кондратьева В.А. Оптимизация усвоения лексики иностранного языка / В.А. Кондратьева. – М.: Высшая школа, 1994. – 356 с.
9. Мещерякова Т.М. Требования к построению лексических упражнений / Т.М. Мещерякова // Иностранные языки в школе. – 2011. – № 4. – С. 91-98.
10. Пассов Е.И. Основы методики обучения иностранным языкам / Е.И. Пассов. – М.: Русский язык, 1977. – 216 с.
11. Розенталь Д.Э., Теленкова М.А. Словарь-справочник лингвистических терминов / Д.Э. Розенталь, М.А. Теленкова. – М.: Просвещение, 1976. – 543 с.
12. Салистра И.Д. За высокое качество обучения иностранным языкам в школе / И.Д. Салистра // Иностранные языки в школе. – 2010. – № 8. – С. 8-12.
13. Труфанова М.В. Развитие лингвистической компетенции учащихся с использованием информационных технологий (на материале немецкого языка) // Социально-экономические явления и процессы. 2011. № 7 (029). – С. 263-268.
14. Хомский Н. Язык и проблемы знания / Н. Хомский // Вестник МГУ. Филология, 1995. – №4. – С. 130-157.
15. Хуторской А.В. Ключевые компетенции как компонент личностно- ориентированной парадигмы образования / А.В. Хуторской // Народное образование, 2003. – №2. – С. 58-64.
16. Stempleski S., Tomalin B. Film. Oxford: Oxford University Press. 2010. – 161 p.

ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ЛЕКСИКИИ ДОНИШҶӮЁН АЗ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР ДОНИШГОҲҲОИ ҒАЙНИЗАБОНӢ

Таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, пеш аз ҳама омӯзиши сохтори забон, сипас рушди малакаю маҳорати муоширатӣ ва истифодаи озоди забонро ҳамчун воситаи иртибот бо мутахассисони хориҷиро ҳадафи асосӣ пеш мегузорад. Илова бар ин, дар рафти дарсҳои забони англисӣ салоҳиятҳои гуногуни донишҷӯён рушд дода шуда, ташаккулу тарбияи ҳамаҷонибаи онҳо роҳандозӣ мегардад. Дар ҷараёни таълими забони англисӣ донишҷӯён чунин салоҳиятҳоро ба монанди салоҳияти забонӣ, фарҳангӣ, байнифарҳангӣ, муоширатӣ, лексикӣ ва амсоли инҳоро соҳиб мешаванд. То кадом андоза азхуд кардани забони англисӣ ва соҳиб шудани маҷмуи салоҳиятҳои болозикр аввалан аз худи донишҷӯён ва баъдан аз омӯзгор вобастагии калон дорад. Омӯзгорро зарур аст, ки дар интихобу истифодаи методҳои таълим ва технологияҳои компютерӣ ба маҳорату малакаи касбии худ такя намуда, риояи вақти дарсӣ ва муҳлати давраи муайяншудаи омӯзиши курси “Забони англисӣ”-ро фаромӯш насозад. Чунончи дар нақшаи таълимии донишгоҳҳои ғайризабонӣ барои омӯзиши курси “Забони англисӣ” ҳаҷми хеле ками кредит (соати дарсӣ) (аз 2 то 4 кредит) ҷудо шудааст, ин аз омӯзгор маҳорате хеле зиёдро талаб мекунад, то ин ки ҷамъбасти таълими забони англисӣ натиҷаи назаррас диҳад.

Дар мақола масъалае, ки мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтааст, ташаккули салоҳияти лексикии донишҷӯён ҳангоми таълими забони англисӣ мебошад. Шарҳу тавзеҳи мафҳумҳои «салоҳият», «салоҳиятнокӣ» ва «босалоҳият» оварда шуда, даврaҳои ворид гаштани ин вожаҳо ба

ҷараёни таълим, алалхусус ба раванди таълими забонҳои хориҷӣ инъикос меёбад. Муаллиф дар мақола аз фикру ақида ва суханони муҳаққиқони мамлакатҳои гуногун иқтибос оварда, тавсифи мафҳумҳоро ба таври мушаххас пешниҳод месозад.

Калидвожаҳо: *таълими забони англисӣ, рушд, ташаккул, салоҳиятнокӣ, салоҳияти лексикӣ, лексика, донишҷӯён, мушкилот, малакаю маҳорат, нутқ, муошират, захираи луғавӣ.*

РАЗВИТИЕ ЛЕКСИЧЕСКОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ СТУДЕНТОВ ПО АНГЛИЙСКОМУ ЯЗЫКУ В НЕЯЗЫКОВЫХ ВУЗАХ

Основная цель преподавания английского языка в учреждениях высшего профессионального образования – изучение структуры языка, затем развитие коммуникативных навыков и свободного использования языка как средства общения с иностранными специалистами. Кроме того, в ходе уроков английского языка развиваются различные способности учащихся и осуществляется их всестороннее обучение. В процессе обучения английскому языку студенты приобретают такие компетенции, как лингвистические, культурологические, межкультурные, коммуникативные, лексические и подобные компетенции. В какой степени владение английским языком и обладание набором вышеперечисленных компетенций зависит в первую очередь от самих студентов, а затем и от преподавателя. Преподавателю необходимо опираться на свои профессиональные навыки при выборе и использовании методов обучения и компьютерных технологий, а также не забывать соблюдать время урока и указанный период изучения курса «Английский язык». Поскольку в учебном плане неязычных вузов для изучения курса «Английский язык» отведено очень небольшое количество кредитов (учебных часов) (от 2 до 4 кредитов), то это требует от преподавателя большого мастерства, чтобы суммировать Обучение английскому языку дает значительный результат.

В статье обсуждается и исследуется вопрос развития лексической компетентности студентов в процессе обучения английскому языку. Объясняются понятия «авторитет», «авторитет» и «авторитет», а также отражаются периоды внедрения этих слов в процесс образования, особенно в процесс обучения иностранным языкам. В статье автор приводит мнения и слова исследователей из разных стран и предлагает конкретную характеристику понятий.

Ключевые слова. *Обучение английскому языку, развитие, формирование, компетентность, компетентность, лексическая компетентность, словарный запас, учащиеся, проблемы, умения, коммуникативная речь, словарный запас.*

DEVELOPMENT OF ENGLISH LANGUAGE STUDENTS' LEXICAL COMPETENCE IN NON-LINGUISTIC UNIVERSITIES

The main goal of English language teaching in institutions of higher professional education is to study the structure of the language, then to develop communication skills and free use of the language as a means of communication with foreign specialists. In addition, in the course of English lessons, students' various abilities are developed and their comprehensive education is implemented. In the process of teaching English, students acquire such competences as linguistic, cultural, intercultural, communicative, lexical and similar competences. To what extent mastering the English language and possessing a set of the above-mentioned competencies depends first on the students themselves and then on the teacher. It is necessary for the teacher to rely on his professional skills in the selection and use of teaching methods and computer technologies, and not to forget to observe the lesson time and the specified period of study of the "English language" course. As the educational plan of non-speaking universities allocates a very small amount of credits (lesson hours) (from 2 to 4 credits) for studying the "English language" course, it requires a lot of skill from the teacher so that the summation of English language education gives a significant result. .

The issue discussed and researched in the article is the development of students' lexical competence during English language teaching. The concepts of "authority", "authority" and "authority" are explained, and the periods of introduction of these words into the process of education, especially the process of teaching foreign languages, are reflected. In the article, the author quotes the opinions and words of researchers from different countries and offers a specific description of the concepts.

Key words. *English language teaching, development, formation, competence, competence, lexical competence, vocabulary, students, problems, skills, communicative speech, vocabulary.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Гадоев Каримҷон Хайруллоевич – н.и.п., дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улағзода. Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Муҳаммадиев17/6, Тел. моб.: (+992) 98 76 79 400, E-mail: gkarimjon@mail.ru*

Сведения об авторе: *Гадоев Каримджон Хайруллоевич – к.п.н., доцент, заведующий кафедрой методики преподавания иностранных языков Таджикского международного университета иностранных языков имени Сотима Улугзода. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева17/6, Моб. тел.: (+992) 98 76 79 400, E-mail: gkarimjon@mail.ru*

Information about the author: *Gadoev Karimjon Khairulloevich – Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor, chair of the department of foreign language teaching methods of Tajik international university of foreign languages named after Sotim Ulughzoda. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mukhamadiev Str. 17/6, Mob. Phone: (+992) 98 76 79 400, E-mail: gkarimjon@mail.ru*

ТДУ:802.0+809.155.0

НАҚШИ КАЛИМАҲОИ ТАКРОРӢ ВА ЭТИМОЛОГИЯИ ОНҲО ДАР ТАШАККУЛИ ЛУҒАВИИ ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКИИ МУОСИР

Раҳимова Ш. Д.
Донишгоҳи байнанмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Редупликатсия дар низоми забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нақши калонро бозида, он ҳамчун усули хеле самараноки калимасозӣ маҳсуб мешавад. Усули асосии ташаккули калимаҳои такрорӣ, умумисозии маъноии воҳидҳои редупликатсияҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз бисёр ҷиҳат якхела мебошанд. Калимаҳои такрорие, ки натиҷаи яке аз усули ташаккули калимаҳои нав ба шумор мераванд, ба исмҳо, сифатҳо, феълҳо ва ҳиссаҳои дигари нутқ мансуб мебшанд. Дар раванди калимасозии такрорӣ аффиксатсия ва калимасозии дар забони тоҷикӣ таърихан инкишофёфта амал мекунанд.

Дар забоншиносии муосири хориҷӣ «назарияи морфологии редупликатсия» (Ч. Маккарти, С. Томасон) вуҷуд дорад. Дар доираи ин назария, редупликатсия сохти морфологиест, ки дорои ду ё зиёда унсури аз ҷиҳати хусусиятҳои маъноӣ ва синтаксисӣ якхела мебошад [12, с. 60]. Ҳамчун унсурҳои чунин бунёд реша, аффикс, пешванд ё калима амал карда метавонанд. Назарияи морфологии редупликатсия ба айнияти маъноии унсурҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, шабоҳати фонетикии онҳо дар ин зимн ғайриҳатмӣ шуморида мешавад. Ҳамчун мисоли чунин такроршавии «маъноӣ» «сохтҳои муродифӣ» (synonym constructions) дар ҳиндӣ маҳсуб мешаванд: manh-khoé (саломатии хуб) < manh (қавӣ) + khoé (қавӣ). Вожаҳои такроршаванда дар чунин сохтҳо, чун қоида, аз ҷиҳати этимологӣ фарқ мекунанд: унсури аввал аз ҳиндӣ ва дуввумӣ аз форсӣ мебошанд. Сарфи назар аз тафовутҳои фонетикӣ ҷонибдорони назарияи морфологии редупликатсия (Ҷ. Ҳейман, С. Инклеас) чунин мешуморанд, ки ин гуна калимаҳо такрор мешаванд, зеро ҳарду унсур худи ҳамон як маъноро дошта, ба ҳамон навъи tiny-tiny (хурдакак) дар забони англисӣ ё каляка-маляка дар забони русӣ мансуб мебошанд [12, с. 61].

Ф.И. Рожанский такрорро (редупликатсияро) ба грамматикӣ ва калимасоз ҷудо мекунад. Намунаи такроршавии грамматики феълҳои такроршавандаи готикист, ки дар онҳо ҳамчун нишондиҳандаи пештара такрори ҳиҷои аввали реша буд: гот. maitan (бурида) – maimait (бурид).

Такрори калимасоз ба асоснок ва беасос тақсим шуда, зери охирин лексемаҳое фаҳмида мешаванд, ки танҳо дар шакли такроршаванда вуҷуд дошта, лексемаҳои якрешаи такроршударо надоранд [5, с. 90]. Масалан, вожаи англисии higgledy-piggledy (бесарусомонии пурра), ки дар он ҷо калимаҳои алоҳидаи piggledy ё higgledy вуҷуд надорад. Ҳамчун мисоли такрори асосноки калимасоз калимаҳои такроршавандаро аз забони булли (забони макорооилаи нигерӣ – конголезӣ, дар ҳудуди Буркина – Фасо ва Малӣ маъмуланд) овардан мумкин аст: poli (фикр кардан) – popoli (фикр), chimi (рафтор кардан ба мисли каси дигар) – chichimi (хислати ғайридоимӣ).

Ф.И. Рожанский такрорро (редупликатсияро) ба грамматикӣ ва калимасоз ҷудо мекунад. Намунаи такроршавии грамматики феълҳои такроршавандаи готикист, ки дар онҳо ҳамчун нишондиҳандаи пештара такрори ҳиҷои аввали реша буд: гот. maitan (бурида) – maimait (бурид).

Такрори калимасоз ба асоснок ва беасос тақсим шуда, зери охирин лексемаҳое фаҳмида мешаванд, ки танҳо дар шакли такроршаванда вуҷуд дошта, лексемаҳои якрешаи такроршударо надоранд [5, с. 91]. Масалан, вожаи англисии higgledy-piggledy (бесарусомонии пурра), ки дар он ҷо калимаҳои алоҳидаи piggledy ё higgledy вуҷуд надорад. Ҳамчун мисоли такрори асосноки калимасоз калимаҳои такроршавандаро аз забони булли (забони макорооилаи нигерӣ – конголезӣ, дар ҳудуди Буркина – Фасо ва Малӣ маъмуланд) овардан мумкин аст: poli (фикр кардан) – popoli (фикр), chimi (рафтор кардан ба мисли каси дигар) – chichimi (хислати ғайридоимӣ).

Редупликатсия як падидаи хеле қадимӣ маҳсуб мешавад. Н.Ф.Алиева қайд мекунад, ки такрор аз рӯйи табиати худ табиӣ, намоён ва дар назари аввал содда менамояд [1, с. 7]. Аз як тараф, маҳз ҳамин хосиятҳои такроршавӣ сабаб шуда буд, ки дар забоншиносӣ ба ин усули шаклсозӣ ва калимасозӣ таваҷҷуҳи кам зоҳир карда шавад.

Муҳаққиқон дар бораи табиӣ ва сода будан такрор ҳарф зада, аксар вақт ба мафҳуми «нутқи худмухтори кӯдакон» муроҷиат мекунанд, ки зери он «ҳар гуна шакли махсуси забон,

ки аз ҷониби гурӯҳи нутқӣ ҳамчун мувофиқ асосан барои муошират бо кӯдакони хурдсол, на барои муоширати муқаррарӣ бо калонсолон» фаҳмида мешавад [8, с. 423].

Ҳамчун мақсади асосии нутқи худмухтори кӯдакон таълими нутқ ба кӯдак буда, онро ҳамчун як навъ марҳилаи мобайнии азхудкунии грамматикаи забон аз ҷониби кӯдак ҳисоб кардан мумкин аст. Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда Ч.Фергюсон ба хулосае омадааст, ки новобаста аз забон, истифодаи редупликатсия хусусияти хосси нутқи мустакили кӯдакон мебошад [8, с. 436]. Эҳтимол, ҳомилони забон беихтиёрона такрорро барои кӯдак бештар «фаҳмотар» медонанд, ки қадим будани падидаи мазкурро бавосит тасдиқ мекунад. Ҳамчун тасдиқи дигари «қадимияти» такрор пайдоиши истилоҳоти хешутаборӣ ҳиндуаврупоии хешутаборӣ, аз қабили: модар, падар; папа, мама; mammy (модар), daddy (падар), фаронсавӣ: maman (мама), papa (папа) хизмат меукунанд, ки калимаҳои такроршавандаи овозтақлидкунӣ буда, тахминан аз нутқи кӯдакон сарчашма гирифтаанд [6; 9].

Дар сурати мавҷуд набудани мисолҳои такрори грамматикӣ дар забони англисии қадима, ба забонҳои кӯҳна, бахусус ба забони готикӣ мурочиат кардан лозим аст. Редупликатсияи грамматикӣ ҳанӯз дар забони ҳиндуаврупоӣ маъмул буда, дар он ҳамчун воситаи маҳсулноки морфологие ба шумор мерафт, ки барои ташаккули шаклҳои феълии ифодакунандаи такрорёбандагӣ ё анҷомёфагии амал истифода мешуд [2, с. 197]. Баъдтар, забони готикӣ такроршавии феълиро аз забони ҳиндуаврупоӣ барои ифодаи замони гузашта мерос мегирад. Аммо, аллакай дар забони готикӣ такрор бесамар мегардад, ва феълҳое, ки такрорро барои ифодаи маънои замони гузашта истифода мебурданд, хеле камшумор мебошанд.

Тарзи қадимии ташаккули перфект бо ёрии такрор аз забонҳои ҳиндуаврупоӣ хеле зуд нест мешавад. М.М. Гухман қайд мекунад, ки аллакай дар забони готикӣ сарнавишти баъзе феълҳо (масалан, hāhan (овезон шудан), gaggan (рафтан), bauan (зиндагӣ кардан) аз ноустувории синфи феълҳои такроршаванда аллакай дар давраи офариниши дастнависҳои готикӣ шаҳодат медиҳад [2, с. 150].

Дар забони англисӣ дар замони навиштани дастнависҳои қадимии англисӣ чунин такрор тасдиқ карда нашудааст ва осори онро танҳо дар мавридҳои алоҳида пайдо кардан мумкин аст: heht < hātan (даъват кардан), leolc < læcan (бозӣ кардан). Дар дигар забонҳои германии худи ҳамон давра (масалан, дар олмонии қадима, дар исландии қадима) такрори грамматикӣ дар феълҳо низ вуҷуд надошт [11].

Хусусиятҳои сохтани калимаҳои такрорӣ дар забони англисӣ. Маҷмуи редупликантҳои мавриди таҳлил қароргирифта имкон медиҳад хулоса бароварда шавад, ки барои редупликатсия усули муайяни ташаккулёбӣ хос мебошанд. Дар боло воҳидҳо ва такрорҳои як ду, се ва чортаркибаи, инчунин роҳҳои аффиксалии сохтани такрорҳоро дида баромадем. Падидаи маъмултарин вожаҳои редупликативӣ дар забони англисӣ ин воҳидҳои пасванддор маҳсуб мешавад. Аз шумораи умумии калимаҳои такрории мавриди баррасӣ қароргирифта, онҳо 18% -ро ташкил медиҳанд. Масалан: to claster – садо баровардан (дар бораи зарфҳо), to dangle – пойҳоро овезон кардан; to splutter – алвонҷ додан, to crumple – ғиҷим кардан.

Усули асосии ташаккули калимаҳои такрорӣ дар забони англисӣ аффиксатсия, пасвандсозӣ, калимасозӣ ва конверсия маҳсуб мешаванд.

Ташаккули такрорҳои ҳосилаи англисӣ бо усули пасвандсозӣ. Бояд қайд кард, ки хостарин пасванди калимасоз барои забони англисӣ пасванди –ing, пасванди сифати феълӣ ба шумор рафта, бо кумаки ин пасванд миқдори ҳадди аксари исмҳои такрорӣ сохта мешавад. Масалан: clapping – кафкӯбӣ кард, gurgling – сергапӣ, to be dripping – қатра – қатра афтидан, babbling – қул – қул кардан, drumming – дафзанӣ.

Пасванди – ist. Ин пасванд дар ин вазифа, яъне дар шаклҳои редупликативӣ хеле кам ба назар мерасад, масалан: Jazzist – америкоӣ, навозандаи ҷаз, узви гурӯҳи ҷаз.

Пасванди – er. Ин пасванд низ дар тарҳрезии редупликатсияҳо фаъолона иштирок мекунад. Ба воситаи пасванди -er исмҳо асосан аз феълҳо дар шакли редупликатсия сохта мешаванд (ба истилоҳ исмҳои феълӣ): boiler – обҷӯшонак, аз феъли to boil – ҷӯшидан; clipper – мошина барои тарошидан, аз феъли to clip – аз зер буридан; sweeper – (нутқи лаҳҷавӣ) – тозакунанда, аз феъли to sweep – рӯфтан; clappers – қайчӣ, аз феъли to clap – буридан; whiner – гиряёчак, аз феъли whine – гиря кардан.

1. Калимсозӣ. Усули хеле самараноки ташаккули калимаҳои такрорӣ ҷамъ кардани асосҳо мебошад. Бо истифода аз ин усул гурӯҳи калони калимаҳои мураккаб сохта мешавад, ки аксарияти онҳо ба гурӯҳи исмҳо дохил мешаванд. Хусусияти бисёре аз онҳо, бахусус, онҳое, ки дар шакли овозтақлидкунӣ ташаккул ёфтаанд, дар он аст, ки яке аз ҷузъҳои чунин

калима тақлиди ғайриҳосилавӣ ё ҳосилавӣ буда, дигараш ономатип буда, чун қоида, ба соҳаи луғати бетараф тааллуқ дорад. Масалан: raindrop – қатраи борон; hairbrush – шона; snap – shot – аксбардории лаҳзаина; jazz – band – гурӯҳи ҷаз; crisp – flakes – картошкаи қассаросӣ (чипси) ва ғайра

Намудҳои гуногуни калимаҳои мураккаби такрориро дида мебароем:

а). Редупликативҳои мураккаби навъи «асоси исм + асоси исм», яъне ҳарду ҷузъҳо исм мебошанд. Дар калимаҳои такроршавандаи ин намуд қисми якум аз рӯйи маънои худ маънои қисми дуюмро аниқ карда, мушаххас месозад, яъне ҳамчун сифате амал мекунад, ки ашёро, ки исм ном дорад, муайян мекунад, аниқ мекунад. Масалан: hairbrush – шона; whiplash – тасмаи қамчин; raindrop – қатраи борон, punch ball – халтаии нокшакл барои барои тамрини муштзан; flash – light – оташи сигналӣ. лаппиши – Шӯрои – сипари дарвозаи.

Вобаста ба гуфтаҳои боло бояд қайд кард, ки дар байни калимаҳо ва ибораҳои мураккаб мувофиқати муайян, муродифӣ ба мушоҳида мерасанд.

б). Калимаи такроршавандаи мураккаб, ки аз асоси исм ва асоси исми феълӣ ташкил ёфтааст. Хусусияти хоси навъи мазкури редупликатҳо дар он аст, ки ҷузъи якум – асоси исмҳои феълӣ – барои пурра кардан, мушаххас кардани амале, ки аз ҷониби ҷузъи дуюм ифода карда мешавад, хизмат мекунад. Масалан: back – slapping – хайрхоҳона, дӯстона ба пушт задан, hand – kissing – бӯса кардани дастҳо; haircutting – мӯйисартарошӣ; handclapping – каф задан; eggs mashing – шикастани тухм.

Дар мисолҳои дар боло овардашуда, чун қоида, қисми тақлидӣ дар мавқеи дуюм, пасомавқеӣ қарор мегирад. Бояд қайд кард, ки амсилаи мазкури такрорҳои мураккаб як навъи пурмаҳсул ба шумор рафта, дар забони англисӣ хеле серистеъмол ҳисобида мешавад. Чунин навъи калимаҳои мураккаби редупликативӣ якҷоя, ба воситаи дефис ва инчунин ба таври алоҳида навишта шуда метавонанд.

в). Навъи навбатии калимаҳои мураккаби такроршаванда аз исмҳои феълӣ (аз gerund) + (ва) асоси исм: амсилаи V + S (амал ва объекти замимаи он) амали марбут ба ашёи дар қисми дуюм – асоси исм (chewing, flying, cutting, clapping ва ғ.) ишорашудаеро ифода мекунад, ки амали алоқаманд бо ашёеро, ки бо қисми дуюм асоси исм ишора шудааст, ифода ёфтааст. Худи ашё метавонад ин амалро иҷро кунад ё накунад:

1) калимаҳои мураккаби такрории ифодакунандаи ашёе, ки барои чизе пешбинӣ шудааст ё ҷойест, ки амале содир мешавад. Масалан: chewing gum – сақичи хоянда; cutting machine – мошини алафдаравӣ, чамандарав;

2) калимаҳои мураккаби такроршаванда, ки ашёеро ифода мекунанд, ки барои чизе пешбинӣ шудааст ва худаш амалеро, ки бо ҷузъи якум ифода шудааст, иҷро мекунад: rocking – курсӣ – алвонҷхӯрак. Чунин вожаҳои мураккаби такрорӣ дар хаттӣ ба монанди калимаҳои мураккаби гурӯҳи 1 – пайваста, ба воситаи дефис ва алоҳида дар шакли таркибӣ навишта мешаванд.

д). Калимаҳои такрории таркибӣ, ки аз рӯи амсилаи «асоси феъл + асоси зарф»: V+Adv сохта шудаанд. Калимаҳои мураккаби такрории навъи «асоси феъл + асоси зарф»

Чунин навъи калимаҳои мураккаби такрорӣ аз пайвастшавии феъл, воҳидҳои овозтақлидкунанда ва зарф иборат мебошанд. Масалан slip – up – хато, гум кардан; cut – back – кам кардан, буридан; puch – up – нерӯ додан; switchover – гузаштан (ба чизи дигар); slipover – куттӣ, сарпӯш, свитер.

Чунин навъи такрори мураккаби такрорҳо хеле сермаҳсул буда, асосан дар нутқи гуфтугӯи васеъ истифода мешавад.

е) Усули конверсионии сохтани калимаҳои мураккаби такрорӣ. Конверсия як усули пурмаҳсули пур кардани таркиби луғавӣ бо калимаҳои нав маҳсуб мешавад. Амсилаҳои гуногуни конверсияро фарқ мекунанд: исмҳо, феълҳо ва сифатҳое, ки метавонанд ба ҳиссаҳои дигари нутқ табдил дода шуда, маънои нав пайдо кунанд. Дар амсилаҳои гуногун муносибатҳои муайяни маъноӣ дар байни аъзои ҷуфти конвертативӣ ашаккул меёбанд.

Конверсия ба забони англисӣ аз сабаби сохтори таҳлилии он хос аст. Маҳз бо кумаки ҳамин навъи калимасозӣ забон озодии морфологӣ пайдо мекунад, зеро ҳамон як калима метавонад ба сифати ҳиссаҳои гуногуни нутқ истифода шавад ва, аз ин рӯ, дар вазифаи гуногуни синтаксисӣ амал кунад, яъне аъзои гуногуни ҷумла бошад.

Шаклҳои аксари исмҳо бо шаклҳои феъл мувофиқат мекунанд, вале аз онҳо бо зада фарқ мекунанд – исмҳо дар ҳиҷои якум ва феълҳои ба онҳо дахлдо – дар ҳиҷои дуюм зада доранд. Масалан: export (содирот) – to export (содирот кардан); import (воридот) – to import (ворид кардан).

Ҳамин тавр, конверсия як навъи калимасозӣ (морфологӣ-синтаксисӣ) мебошад, ки дар он вожаҳои алоқаманд аз рӯи ҳеҷ гуна аффиксҳои калимасозӣ тафовут надошта, ба таври оддӣ аз як ҳиссаи нутқ ба ҳиссаи дигари нутқ мегузаранд, яъне ҳамчун нишондиҳандаи ягонаи тағйир ёфтани мақоми ҷузъии калима парадигмаи он хизмат мекунад.

Дар аксари забонҳо истифодаи васеътари усули конверсия барои ташаккули исмҳо аз сифатҳо ва асосҳои феълӣ ба мушоҳида мерасад.

Маълум аст, ки сифатҳо аломат ва сифати ашёро ифода мекунанд, бинобар ин, онҳо ҳамеша бо исм алоқаманд буда, аз ҷиҳати маъно ба он вобаста, ба он тобеъ мебошанд. Ҳамаи дараҷаҳои сифатҳо – сифатӣ ва нисбӣ – ба исм табдил ёфта, яъне исмӣ шуда метавонанд.

ё). Ташаккули калимаҳои мураккаби такрорӣ бо ҷузъи овозтасвиркунӣ.

1. Сифатҳои овозтасвиркунии мураккаб аз феълҳо тавассути конверсия (бо усули морфологӣ-синтаксисӣ) ба осонӣ сохта мешаванд: rumble (adj) – rumblin гулдурроскунанда аз to rumble (гулдуррос задан, rustle (adj) – хишширосӣ, аз to rustle – хишшырос задан.

2. Навъи дигари калимаҳои (сифатҳои) (овозтақлидкунандаи) мураккаби редупликативӣ аз асосҳои феълҳо (одатан дар шакли зарф) ва асосҳои исмҳо сохта мешаванд. Масалан: price – cutting (policy) – буридани нарх; back slapping – тап – тапзананда ба пушт; splash – making – пошанда; water sprinkling – обпошанда; cough – slipping – – ҳаббаҳо барои сулфа.

Навъи мазкури овозтақлидкуниҳои такрорӣ мутавозии синтаксисии худро дар шакли «феъл + пуркунандаи мустақим: V+Ob дорад.

3. Навъи навбатии сифатҳои овозтақлидкунӣ (бо ҷузъи тақлиии сохтор) аз асоси исм ва «асоси феъл» иборат мебошад. Ҷузъҳои ин навъи сохторҳо бо унсурҳои овозтақлидкунӣ аз рӯйи амсила: N + V (part) исм + феъл (зарф). ифода карда мешаванд Масалан: wind – swept – бо шамол рӯфташуда (баргҳо); wind blown – blown by wind ва ғайра; pencil – scribbled – бо қалам харошидашуда; mud – splashed – бо лой пошидашуда; wane – washed – бо мавҷҳо шусташуда.

Навъи мазкури сифатҳои такрорӣ бо ҷузъи тақлидӣ пурмаҳсул буда, онро баъзе нависандагони англисзабон истифода мебаранд.

Навъи чоруми сифатҳои мураккабе, ки ҷузъи овозтақлидкуниро доранд, аз асоси зарф (исм) + асоси феъл, инчунин аз асоси феълҳо ва (дар шакли сифати феълӣ) ва асосҳои исм ва зарфҳо аз рӯйи амсилаи Adj (N) + N ва амсилаи Adj (N) +V(part); +V(part)+N; V(part)+H ташаккул меёбад

Чунин сифатҳо бо дефис навишта мешаванд. Ҷузъи аввали ин навъи калимаҳо well ва ill буда, ҷузъи дуюм калимаи овозтақлидкунӣ мебошад. Масалан: to beat past – тез задан – fast – beating – тез зананда; well – crumpled – бодиққат кӯфташуда; well – broken – сахт шикасташуда; well – lossed – бодиққат омехта кардашуда; ill – mashed – бодиққат молидашуда (картошка); ill brushed – бад тоза карда шуда; ill – cut – сахт буридашуда.

5. Навъи панҷуми сифатҳои мураккаб, ки дорои таркиби тақлидкунанда мебошанд, низ сермаҳсул аст. Авъи мазкур аз асоси феъл ва асоси зарф (пешоянд) сохта мешавад. Феъл бо ҷузъи овозтақлидкунӣ ифода мешавад. Амсилаи ин намуд: V + Adv (prep) буда, дар хат бо дефис навишта мешавад, масалан: bombed – out (houses)) – (хонаҳои) бомбабороншуда; rolled – up (sleeves) – боло печонидашуда (остинҳо); broken – down (watches) – соати шикасташуда – brushed – up (houses) – (хонаи) рӯбучинкардашуда, тоза кардашуда

Ин навъи сифатҳо низ бо дефис навишта шуда, дар забони англисӣ низ хеле серистеъмол аст. Чунин сифатҳо дар аксар мавридҳо хусусиятҳои овозтақлидкунии худро нишон медиҳанд.

Хусусиятҳои калимасозии такрорҳо дар забони тоҷикӣ. Маводи ҷамъоварда ва мавриди таҳлил қароргирифта дар забони тоҷикӣ нишон медиҳад, ки тавассути падидаи фонетикӣ – ивазшавии овозҳои ҳам садонок ва ҳам ҳамсадоҳо амсилаҳои фономорфологие пайдо мешаванд, ки дар забоншиносии тоҷик то ҳол умуман мавриди таҳқиқ қарор нагирифта, дар забони англисӣ низ нопурра, танҳо қисман омӯхта шуда, оид ба он таҳқиқоти махсуси монографиявӣ вуҷуд надорад.

Пасванди -– он. Чунон ки маълум аст, пасванди – он на танҳо мафҳуми бисёриро ифода мекунад, балки ба асоси замони ҳозираи феъл ҳамроҳ шуда, феъли ҳолро ташаккул медиҳад. Ва дар ҷуфтҳои такрорӣ он ба онҳо ин маънои бисёрӣ ё маҷмуиро намедиҳад, балки фақат маънои давомнокӣ ва эҳсосотнокиро ифода мекунад. Масалан: ғур-ғуркунон, чарс-чарскунон, фаххосзанон.

Калимаҳои такроре, ки ба воситаи инфикс сохта шудаанд. Редупликатсия на танҳо бо кумаки пасвандҳо, балки бо кумаки инфиксҳо низ сохта мешавад. Дар тарҳрезии калимаҳои такрорӣ инфиксҳои -о-, -ма-, -а– иштирок карда, редупликативҳои ташаккулёфтаи мураккаби

аффиксалӣ якҷоя (бо инфиникси -о-) ва алоҳида, ба воситаи дефис – бо инфикси -а навишта мешаванд.

а). Тавассути инфикси -о – калимаҳо сохта мешавад: даводавӣ, барофуро, фашофаш, гирогир, шарошур ва ғайра.

Дар ташаккули калимаҳои такрорӣ дар забони тоҷикӣ пасвандҳои -ас / ос, -а, й, -ак иштирок мекунанд.

Пасванди ас / ос воситаи сермаҳсултарини грамматикии сохтани калимаҳои нав тавассути такроршавӣ ба шумор меравад, ба монанди: патарпатар – патаррос, шатар-шатар – шатаррос, минг-минг – мингас, милтмилт – милтас, шилдир-шилдир – шилдиррос, тақар-тақар – тақаррос ва ғайра.

Пасванди – а. Ба воситаи пасванди -а аз калимаҳои ҷуфт калимаҳои такрории овозтақлидкунии навъи таққа (наъл) аз тақ – тақ, шаршара – аз шар – шар; ғарғара – аз ғар-ғар; ҷазза – аз ҷаз -ҷаз – ва ғайра.

Пасванди калимасози -а дар забони тоҷикӣ яке аз пасвандҳои сермаҳсул ба шумор меравад, ғайр аз ин, он бисёрфунксионалӣ мебошад. Масалан: ҳафт – ҳафта, сабз – сабза ва ғайра.

Ҳамин тавр, қайд кардан мехохам, ки бо кумаки иттифоки -а дар асоси калимаҳои овозтасвиркунӣ як қатор калимаҳои такрорӣ сохта мешаванд.

Хусусияти номҳо бо пасванди -ас / -ос корбурди онҳо дар шакли ғайриҷуфт мебошад. Номҳо бо пасванди -as / -ос, дар муқоиса бо дигар номҳо, дар аксари мавридҳо дорои тобиши возеҳан ифодаёфтаи дараҷаи баланди муҷаррадӣ (абстраксия) мебошанд: онҳо, чун қоида, на навъҳои мушаххаси овозҳо, шуоъҳо, балки навъҳои алоҳидаи онҳоро тавсиф мекунанд. (Фозилов , 1958, 39): Масалан: чуруққас, тараққас.

Аммо тавре ки дар боло зикр гардид, ба воситаи пасванди мазкур калимаҳои зиёде аз калимаҳои образнок сохта мешаванд. Масалан: аз шақ – шақ – шақшақа, аз даб-даб– даб-даба, аз ғур-ғур – ғурра (номи беморӣ), аз тап-тап – таппа (таппа-тайёр), аз кап-кап – каппа, аз шар-шар – шаршара, аз ғар-ғар – ғарғара.

а) тавассути инфикси – о – Масалан: рангоранг, тараққотуруқ, шартошурт.

б) тавассути инфикси -а – Масалан: каппа-калон, дуппа-дуруст.

в) бо кумаки садоноки безадаи «и».

Навъи мазкури калимасозии калимаҳои такрорӣ бештар дар гӯйишҳои шимолӣ ва дар забони адабии тоҷикӣ мушоҳида мешавад. Муҳаққиқи калимаҳои тасвирӣ дар забони тоҷикӣ М. Фозилов қайд мекунад, ки «дар як қатор гӯйишҳои шимолӣ нишондиҳандаи номуайянӣ ва ягонагии артикли – е (дар забони адабӣ) ҳамчун -и талаффуз мешавад, маҳз дар ҳамин шакл дар забони адабӣ низ ба ҳамчун калимаи тасвирӣ истифода мешавад, ки ин, аввалан, аз ворид шудани калимаҳои тасвирӣ бо артикл – и ба забони адабӣ аз гӯишҳои шимолӣ ва, сониян, аз гузариши нишондиҳандаи номуайянӣ. – ягонагӣ ва мақоми грамматикии пасванди калимасоз шаҳодат дода метавонад. Ҷолиби диққат аст, ки – и дар ин мавриди ҳамчун пасванди ягонаи безадаи калимасоз дар забони тоҷикӣ амал мекунад. Масалан: ғитти, чуруққ, тараққи, ғурри.

Пасвандҳои -ар/-ур/-ир, ки исмҳои тасвириро ташаккул медиҳанд, барои таъкиди ғулғуланокии садо (ғавғо), шиддати шуоафканӣ, инчунин давомнокии падидаи тасвиршаванда хизмат мекунанд. Масалан: ялтар-ялтар, шалдар-шулдур, қатар-қутур, қасар-қусур, тапар-тупур, питир-питир, ҷангар-ҷангар, дуқур-дуқур, ялтар-ялтар ва ғайра.

Пасванди – ак, бо воҳидҳои такроршаванда аз овозтақлидкуниҳо пайваст шуда, ба калимаҳои таасвирӣ гузашта, исмҳоро месозад. Масалан, аз ғиж-ғиж-ғижжак, аз ғур-ғур – гуррак, аз қарс-қарс – қарсак, аз шип-шип – шиппак, аз печ-печ – печак, аз дав-дав – дав-давак, аз гир-гир-гир-гирак.

Пасванди – иш. Пасванди -иш низ яке аз пасвандҳои пурмаҳсудест, ки калимаҳои навро аз воҳидҳои овозтақлидкунанда месозад. Масалан: аз тап-тап-тапиш (тапиши дил), аз ғур-ғур – ғурриш (ғурриши шамол, ғурриши муҳаррик); аз лаппиш – лаппиш (лаппиши баҳр).

Ҳамин тавр, маводи фактологиро мавриди таҳлил қарор дода, мо ба хулосае омадем, ки ба воситаи калимасозии воҳидҳои редупликативӣ баданаи луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба таври назаррас ғанӣ мегарданд.

Тавре ки боварӣ ҳосил кардем, дар ташаккули калимаҳои такрорӣ яке аз навъҳои маъмултарин калимаҳои овозтақлидкунанда ё тақлидҳо мебошанд, ки дорои имкониятҳои калони калимасозӣ буда, бо аффиксатсия, калимасозӣ ва усули конверсионӣ (морфологӣ-синтаксисӣ) сохта мешаванд. Дар баробари ин муайян карда шуд, ки барои такрор дар забони англисӣ усулҳои зерини калимасозӣ бештар хос мебошанд: аффиксатсия, калимасозӣ ва

конверсия, дар забони тоҷикӣ бошад, калимаҳои такрорӣ бештар аз ҳама бо роҳи пасвандсозӣ ва аффиксатсия сохта мешаванд.

Сохтори маъноии калимаҳои такрорӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ. Сохтори маъноии вожаҳои редупликативӣ (такрорҳои калимаҳо) ҳамчун паҳлуи расмӣ ё қабати садоӣ такрорҳо, махсусан зимни омӯзиши муқоисавии ҳар як категорияи забонӣ, аз ҷумла вожаҳои редупликативӣ дар низоми забонҳои аз ҷиҳати генетикӣ ва гунашиносӣ ба ҳам хешутабор ва ғайри хешутабор, ва дар таҳқиқоти мазкур – забонҳои гуногунсохтор аз таваҷҷуҳи хосса бархӯрдор мебошад.

Дар корҳое, ки ба омӯзиши семантикаи калимаҳои редупликативӣ дар забони англисӣ бахшида шудаанд, редупликатсия дар заминаи назарияи умумии редупликатсия баррасӣ мешавад. Паҳлӯи маъноии калимаҳои редупликативӣ дар баъзе корҳои муҳаққиқони тоҷик ва хориҷӣбаррасӣ шудааст. Ҳамин тавр, С.Ю.Кукушкина калимаҳои такрориро ба ду намуд тақсим мекунад:а) такрори луғавӣ; б) такрори грамматикӣ. Ӯ мафҳуми «такрори луғавӣ»-ро шартан истифода бурда, такрорҳои калимаҳои пурмаъно, аз қабили исмҳо, сифатҳо, феълҳо, зарфҳо ва шумораро мавриди муҳокима қарор додааст. Ба сифати такрори луғавӣ на танҳо такрори ҳамон як лексема, балки инчунин як қатор калимаҳои якреша низ баррасӣ шудаанд [4, с. 85].

Такрор дар илми филологияи тоҷик, чун анъана, ҳамчун яке аз воситаҳои тасвирии бадеӣ, яъне мафҳуми адабӣ баррасӣ мешавад. Аммо аз солҳои 70-уми асри XX ба филологҳо муяссар гардид, ки моҳияти забоншиносии такрорро ошкор созанд: аввал такрор ҳамчун категорияи луғавӣ-маъноии забон, баъд такрор ҳамчун воситаи калимасозӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифт, баъдан такрорҳо ҳамчун воситаи калимасозӣ, ва баъдит он вазифаи грамматикии такрорҳо мавриди омӯзиш қарор гирифт.

Аввалин кӯшиши таснифоти такрориро М. Шукурова анҷом дода, таснифоти ӯ ба паҳлӯи маъноии калимаҳои ҷуфт асос ёфтааст.

Такрорҳои забони тоҷикиро ӯ ба чаҳор намуд тақсим кардааст: 1) такрори пурра (айнан); 2) такрори нопурра; 3) такрори изофӣ (такрори изофӣ); 4) такрори тағйирофта [10, с. 15–18]. Муаллиф тавсифи ҳар кадоми ин намудҳои такрорро дар забони тоҷикӣ ӣа таври мухтасар додааст.

Ф.Қ. Зикриёев дар кори худ гурӯҳбандии грамматикӣ ва услубшиносии такрорҳои забони тоҷикиро анҷом дода, онҳоро ба категорияҳои зерин тақсим карда, онҳоро тавсиф кардааст [3, с. 96]: 1) такрори луғавӣ; 2) такрори синтаксисӣ; 3) такрори синонимӣ; 4) такрори омехта. Масалан: майда – майда, оҳиста – оҳиста, гурс – гурс.

Тавре дар боло зикр гардид, такрорҳои редупликативӣ (луғавӣ) бештар мафҳумҳои маъноинро ифода мекунанд, ки бо такрор ифода ёфта, якхела набуда, шайъӣ будан, сифат, микдор, ҳолати инсонӣ, сершуморӣ, ячккаратагӣ, инчунин образнокӣ, ифоданокӣ, эхсосотнокӣ ва ғайраро ифода мекунад. Аз ин рӯ, ин маъниҳо ба «гурӯҳҳои луғавӣ-маъноӣ» тақсим мешаванд. Масалан, гурӯҳи луғавӣ – маъноие, ки миқдорро ифода мекунад, ё гурӯҳи луғавӣ – маъноие, ки амалро ифода мекунад, ва ғайра.

Маънии луғавӣ-маъноии (якҷоя бо ҷанбаи фонологӣ) воҳидҳои редупликативӣ аз он иборат аст, ки онҳо (ҳарду) пеш аз ҳама яке аз усул воситаҳои пурмаҳсули калимасозӣ ба ҳисоб рафта, тамоми сатҳҳои забон (фонетика, морфология, синтаксис, услубшиносӣ)-ро фаро мегиранд. Дар поён ҳар яке аҳ гурӯҳҳои луғавӣ – маъноиро дида мебароем.

1. Гурӯҳи луғавӣ – маъноие, ки шайъӣ буданро ифода мекунад. Масалан, дар забони тоҷикӣ: даб-даба (мағрурӣ), дағ-даға (фарёд кардан), бағ-баға (мана ҳ), бул-бул – булбул, зил-зила – зилзила, каму-пуст, қанду қурс, миш-миш, латта-путта, чой-пой, пичир-пичир, халта-хулта, гурӯҳ-гурӯҳ, нон-пон, рама-рама, либос – пибос, каму-пуст, кикир-кикир, бача-кача.

Дар забони англисӣ: Ба забони англисӣ: dab – dab (баҳрнавард), choo-choo (қатора), boom-boom (милтиқ), hed-hed (газна), hotch-hotch (навъи зарф), hen-hen (нурӣ, пору), haw -gaw (дӯлона), hoo-roo (навъи торт), honka donka (пойафзоли вазнин), hokey-pokey (фиреб, қаллобӣ), hoo-roo (садо, садо, ғавғо), hash – mash (ҳак), hanky-panky (ҷунглёрӣ), hudge-mudge (пинҳондорӣ), hugger-mugger (пинҳон кардан), hapty-tapty (боварӣ, худписандӣ, такаббурӣ, худнамоӣ), hugger-mygger (пинҳон кардан, махфӣ), knick-knask (маккорӣ), lardy-lardy (бӯй), kib-ked (қуллаи кӯҳ), niff-naff (нафс), nig-nag (тағйири хурд), ping-pong (тенниси рӯи миз), pretty-pretty (чизи нодаркор, ороиш), pooh-pooh (милтиқ, милтиқи калон), rugle-ruggle (чарх), yum-yum (конфет) ҷва ғайра.

Гурӯҳи мазкур аксари калимаҳои такрорӣ, пеш аз ҳама, исмҳои ифодакунандаи ашёҳои гуногун, калимаҳои овозтақлидкунӣ ва тасвириро дар бар мегирад. Инҳо садоҳои табиати

зинда ва бечон мебошанд: ҳодисаҳои табиат, садоҳои ҳайвонҳо, паррандагон, ҳашарот, садоҳое, ки ҳангоми расиши чизе ба металл, чинӣ, ашёи шишагӣ пайдо мешаванд, инчунин садоҳое, ки ҳангоми задани соат, тирпарронӣ, таркишҳо ба вуҷуд меоянд, ва ғайра.

2) Гурӯҳи луғавӣ – маъноие, ки сершумориро дар забони англисӣ ифода мекунад, масалан: jaga-jaga – (латтапораҳо), blang-blang (қатора, қатораи кумаки таъҷилӣ), bringle-brangle (бесарумсомонӣ), humble-jumble (як анбӯҳ), ran-dan (ҷамъомади серғавғо), ram – sammy (ҷамъомади пурғавғо), hurdy-durdy (ғавғо, ноороми, ҷанҷол) ва ғайра.

Дар забони тоҷикӣ: гала-гала, даста-даста, шар-шар – шаршара, дарё-дарё, раста-раста, вақт-вақт, саф-саф, канор-канор, / халта-халта, чипта-чипта, қопча-қопча, нав-нав миллион-миллион, хел-махел ва ғайра.

3) Гурӯҳи луғавӣ – маъноие, ки бисёркаратагиро дар забони англисӣ ифода мекунад. Масалан: clutter-clutter (ғавғои бетанаффус, crickle-crackle (садои такроршавандаи шикастан), cuckoo (беист такрор кардан), flip – flap (ҳаракати такрорӣ), dingle-dangle (ин тараф он тараф алвонҷ хӯрдан), drip-drop (алвонҷхӯрии беист), nid-nod (тез – тз сар ҷунбонидан), powk-powking (такрори амалҳо, нуқтаи зарба), splich-splach (беист об пошдан), twick-twack (такрор ё табодули зарбаҳо) ва ғайра.

Дар забони тоҷикӣ: дир-дир (ларзидан), тақ-тақ / гуп-гуп задан (дарро, дарвозаро), липлип (кардан), ҷақар-чуқур (кардан), пурсида-пурсида / кофта-кофта (ёфтан), чинда-чинда (гирифтан / тала карда-тала карда (лаҳҷа), гаштаю баргашта, зада-зада ва ғайра.

4. Гурӯҳи луғавӣ-маъноии редупликативие, ки сифатҳои ашёро ифода мекунад.

Ҳамчун асоси маъноии воҳидҳои редупликативӣ, ки аломатҳо, ҳолатҳо, миқдорҳо, хосиятҳои гуногуни ашёро ифода мекунанд, мафҳуми аломати сифатӣ ба шумор меравад. Ба туфайли такрори калимаҳо, редупликатсия нишонаи мазкур равшантар, тасвирӣ, эхсосотӣ, ифоданоктар ифода меёбад.

Бо назардошти паҳлӯи мазмуни сифат – аломатҳо, хосиятҳо ва ғайра. – дар таркиби калимаҳои редупликативӣ гурӯҳҳои гуногуни мавзӯӣ (зергурӯҳӣ)-ро ҷудо кардан мумкин аст. Дар поён онҳоро дида мебароем.

а) аломати ранг ва тобишҳои рангӣ (калимаҳои ифодакнунадаи ранг): сурх, сап-сафед, каб-кабуд, заб-зард, сип-сиёҳ, баланд-баланд, калон – калон, якта-нимта, гоҳ – гоҳ, якта – нимта, каппа – калон, дароз – дароз, дуру дароз, ва ғайра.

Калимаҳои такрорӣ, ки сифатҳоро дар забони англисӣ ифода мекунанд.

Барбар – дағалӣ, drazie-drizzle – чиркин, fid-fad – майдакор, хурдакор, flibbertigibbet – лаққӣ, gale-gale – пурғавғо (шахс), hangy-hangy – танбал, бекорхӯҷа, hauvy-gauoy – шахси заифақл, haw-baw – шахси бесарусомон, пӯк, hoddy-noddy – аблаҳ, соддалавҳ, huck-muck – ифлос, haze-baze – аблаҳ, дангоса, palsy – walsy – дӯсти наздик ва ғайра.

б) Гурӯҳи луғавӣ – маъноие, ки редупликатҳоеро дар бар мегирад, ки олами беруна, хусусиятҳои зоҳирӣ ва ботинии одамонро ифода мекунанд: ҷой-ҷой, ҳама ҳама, дигар дигар, каппа – калон, ялтар – ялтар, сип – сиёҳ, базӯр – базӯр, чах – чах (булбул), қаҳ – қаҳ, танҳои танҳо ва ғайра.

Бо забони англисӣ: cow-ow – ҳолати ҳаяҷон, cring-crakum – бофташуда, печида, каҷшуда, de – da – аблаҳ, бепарво, fal-lal – ишвакорӣ дар рафтор, холӣ, fish-fash – ҳаяҷони асабӣ, hab-dab – ҳаяҷони асабӣ, hary janzies – табъи бад будан, hink-hank – дар ихтилоф бо касе будан, hish-hash – изтироб, хиҷолат, holus-bolus – ташвиқшуда, hozter-poster – дар оғӯши танг, huft-puft – дарундор (шахс), hurly-burly – ҳаяҷон, бесарусомонӣ, ming – mang – хиҷолат, ошуфтагӣ, peezie-weezie – чеҳраи варамкарда а ва ғайра.

в) гурӯҳи луғавӣ-маъноӣ, ки шиддатнокии амал ё зуҳури аломатро ифода мекунад: Booho (бо овози баланд гиря кардан), chop-chop (ба зудӣ), goona-goona (ҳавас), ding-dang (тез), yaw-haw (гап задан ва гиря кардан), stick-stock – (бевосита, қавӣ, возеҳ), lu-lu – (хеле зебо), roru-fory (хеле хушҳол), lotsy-totsy (бисёр зебо), rum-strum (зуд, ногаҳон), lut-lute (афтидани вазнин), whiltie-whaltie (задан сахт, набзи зарбдор)), zero – zero (абрнокии хеле паст), days and days, and so on, and so on ва ғайра.

Дар забони тоҷикӣ: зӯр-базӯр, зӯр-зӯракӣ, хоҳам-нохоҳам, майда-майда, ягон-ягон / гоҳ-гоҳ, оҳиста-оҳиста, кам-кам, секин-секин, тез-тез, ғул-ғула, шипир-шипир, зуд – зуд, хезед-хезед, оҳиста-оҳиста ва ғайра.

5.Гурӯҳи луғавӣ-маъноии ифодакунандаи миқдор ва адад. Калимаҳои такроршавандаи гурӯҳи мазкур ин дараҷаи калимаҳои ҷуфтшуда – такроршавандв мебошанд, ки ба сифати номҳои ададҳои муҷаррад хизмат мекунанд ё адади ҳама гуна объектҳо ҳисобшаванда ва шумоидашавандаро номбар мекунанд. Ва дар амалияи нутқ ин вожаҳо инчунин номи

миқдори муайяни ҳар гуна воҳидҳои ҳисобшавандаро ифода мекунанд. Ҳамин тариқ, калимаҳои такрорӣ, ки шумора ва адади ашёҳоро ифода мекунанд, ҳамчун муайянкунандаи миқдорӣ (квантитӣ) дар исме, ки ашёи қобили ҳисобшавандаро ифода мекунанд, амал мекунанд.

Калимаҳои такрории дастаҷамъӣ, ки шумора ва миқдорро ифода мекунанд, ашёҳои ҳисобшавандаро ҳамчун як маҷмӯа, ҳамчун таъриф – маҷмуи миқдориро ифода мекунанд. Масалан: якта-якта, чорта – чорта, яктаю якта, як-як, ду-ду, се-се, чор – чор, ва ғайра.

Калимаҳои такрорӣ, ки шумора ва миқдорро ифода мекунанд, маъноҳои маъноию услубшиносии зеринро ифода мекунанд:

Шумораи такрории як адади ашёро дона ба дона ифода намуда, маънори ҷудошавиро ташаккул медиҳад. Масалан: якта-якта, ду кас-ду кас, ду ба ду, чор ба чор, як-як ва ғайра.

Редупликатсияе, ки бо калимаҳои миқдорӣ ифода карда мешавад, масалан, ҳазор, миллион, лак-лак, hundreds and hundreds ва ғайра сершумории ҳисобнашавандаро ифода мекунад.

Ҳамин тариқ, калимаҳои такрорӣ, ки шумора ва миқдори воҳидҳои ҳисобшавандаро ифода мекунанд, бештар маъноҳои гуногунӣ, ҷудоӣ, ягонагӣ, истисноӣ ва тавсифи муфассали ҳолатро ифода мекунанд, камтар – маънои муътадилии амал, ҳаракат ва ба он монанд маъноҳои луғавӣ-маъноӣ ва грамматикӣ ифода мекунанд. Онҳо ҳам дар забони хаттӣ, ҳам дар нутқи шифоҳӣ истифода мешаванд. Калимаҳои такрорӣ, ки ба тариқи ҳосила сохта шудаанд, аз қабили якта-якта, дута-дута, чорта-чорта ва ғайра бештар дар нутқи шифоҳӣ ва дар нутқи умумӣ истифода мешаванд. Дар чунин мавридҳо рақамҳои дастаҷамъӣ дар шакли ҷуфт мафҳуми ҷудоиро ифода мекунанд.

6. Гурӯҳи луғавӣ-маъноие, ки амалҳои гуногунро ифода мекунанд:

дар забони англисӣ: crinkle-crankle (чин кардан, печутоб додан, гардиш кардан), cuddle-muddle (бо овози паст ва дидаю дониста бо овоҳи тағйирёфта ҳарф задан), gil-gal gil-gal (қариб хоб рафтан, ғанаб бурдан), nabble-gabble (пулро ба тарфи росту чап партофтан), haffle-mattle (нофаҳмо ҳарф задан, ғур – ғур кардан), hiver-bovver (дудила шудан), hocus– pocus (ҳила кардан, фиреб додан), hush-mush (бисёр гап задан), knip-knap (зада шудан, пешпо хӯрдан), nibble-nabble (кореро қисм-қисм кардан), nitt-natt (ҳазл кардан), niffle-nettle (беэътиноёна муносибат кардан), 2тасодуфӣ бо мурури замон), tan-tan (озор додан, хашмгин кардан) ва ғайра.

7) Гурӯҳи луғавӣ-маъноие, ки дарзӣ, давомнокуии амалро ифода мекунад.

Шумораи муайяни такрорҳои луғавӣ амалро ифода мекунад, вале на танҳо амал, балки дарзб, давомнокӣ ё шиддатнокии амалро ифода мекунад. Масалан: давон-давон, хандида-хандида, рафта-рафта, лангон-лангон, шишта-шишта ва ғайра.

Тавре ки мисолҳо нишон медиҳанд, маънои давомнокӣ ва дарозии амал на танҳо бо шаклҳои тасрифшавандаи феъл, балки бештар – бештар – бо шаклҳои бешахс, феълҳои тасрифнашандва (сифати феълӣ, феъли ҳол) ифода мешавад. Масалан, дар забон тоҷикӣ: меравию меравӣ, менолию менолӣ, медавию медавӣ, қаҳ-қаҳзанон, роҳравон-роҳравон, тасар-тасаркунон, месӯхту месӯхт, бӯсиду бӯсид.

Дар зебони англисӣ: God help me! God help me!, No, no, or or.

7) Гурӯҳи луғавӣ-маъноии ифодакунандаи мафҳумҳои замон ва макон.

Маънои замон: сол то сол, рӯз ба рӯз, сол ба сол, моҳ ба моҳ, сол аз сол, рӯз аз рӯз, ҳафта-ҳафта, вақту бевақт, ҳафта-ҳафта, солҳои сол ва ғайра.

Маънои макон: номидани макон ҳагоми ифодаи маҷмӯаи ашёҳо ва ғайра: сар бар сар, гӯш бар гӯш, сар то по, лаб-лаби, қад-қади, таг-таги ва ғайра.

8) Гурӯҳи луғавӣ-маъноии калимаҳои такрорӣ, ки маънои тарзи амал ва тарзи ташаккули амалро ифода мекунанд.

Масалан, дар забони тоҷикӣ: калавида-калавида, шув – шув, куп-кулӯла, аланга-аланга, лангон – лангон, кӯр-кӯр ва ғайра.

Дар забони англисӣ: now, now; All right, all right; ever, ever and ever; yes, yes ва ғайра.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои таҳлили хусусиятҳои маъноӣ (сохтори маъноӣ)-и калимаҳои редупликативӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нишон дод, ки аломатҳои изоморфии ин воҳидҳои забонро ба гурӯҳи луғавӣ-маъноие нисбат додан мумкин аст, ки мафҳумҳои сершуморӣ, бисёркаратагӣ, яккаратагӣ, сифат, ҳолат, сабабҳоеро, ки барои ҳарду забони муқоисашаванд хосанд, ифода мекунад. Аммо миёни низомҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, табиист, тафовутҳои муайяне вуҷуд доранд.

АДАБИЁТ:

1. Алиева Н. Ф. Слова-повторы и их проблематика в языках Юго-Восточной Азии. М.: Наука, 1980. – 272 с.
2. Гухман М. М. Готский язык. М.: МГУ, Филологический факультет, 1998. – 288 с.
3. Зикриеев Ф. К. Структурно-семантические особенности таджикского паратаксиста. – Душанбе:Дониш, 1986.
4. Кукушкина С.Ю. Категория вида и времени русского глагола. – М.: Изд-во МГУ, 1984.
5. Рожанский Ф. И. Редупликация. Опыт типологического исследования. М.: Знак, 2011. – 256 с.
6. Семенов А. В. Большой этимологический словарь. Саратов: Научная книга, 2008. – 588 с.
7. Топоров В. Н. Исследования по этимологии и семантике. Индоевропейские языки и индоевропеистика. М.: Языки славянской культуры, 2006. Т. 1. – 815 с.
8. Фергюсон Ч. Автономная детская речь в шести языках // Новое в лингвистике. М.: Прогресс, 1975. Вып. VII. Социолингвистика. – С. 422-440.
9. Хлебникова И. Б. Введение в германскую филологию и историю английского языка. М.: ЧеРо, 2001. – 179 с.
10. Шукурова М. Способ словообразования в современном таджикском языке//Советская школа, 1985. -№6. – С.15-18
11. Языки мира: Германские языки. Кельтские языки / гл. ред. Н. Н. Семенюк. М.: Academia, 2000. – 409 с.
12. Inkelas Sh., Zoll Ch. Doubling in Morphology. Cambridge: Cambridge University Press, 2009. – 407 p.

НАҚШИ КАЛИМАҲОИ ТАКРОРӢ ВА ЭТИМОЛОГИЯИ ОНҲО ДАР ТАШАККУЛИ ЛУҒАВИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКИИ МУОСИР

Муаллиф дар мақолааш нақши калимаҳои такрорӣ ва этимологияи онҳоро дар ташаккули луғавии забони англисӣ ва тоҷикии муосир баррасӣ кардааст. Қайд карда мешавад, ки калимаҳои такрорӣ дар низоми забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нақши калонро бозида, онҳо ҳамчун усули хеле самараноки калимасозӣ маҳсуб мешавад. Усули асосии ташаккули калимаҳои такрорӣ, умумисозии маъноии воҳидҳои редупликатсияҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз бисёр ҷиҳат якхела мебошанд. Муаллиф зимни омӯзиши манбаъҳои забоншиносӣ қайд мекунад, ки муҳаққиқон дар бораи табиӣ ва содда будан такрор ҳарф зада, аксар вақт ба мафҳуми «нутқи худмухтори кӯдакон» муроҷиат мекунанд, ки асосан барои муошират бо кӯдакони хурдсол, на барои муоширати муқаррарӣ бо калонсолон мувофиқ фаҳмида мешавад. Натиҷаҳои таҳлили хусусиятҳои маъноӣ (сохтори маъноӣ)-и калимаҳои редупликативиро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҷамъбаст намуда, муаллиф хулоса мебарорад, ки аломатҳои изоморфии ин воҳидҳои забонро ба гурӯҳи луғавӣ-маъноие нисбат додан мумкин аст, ки мафҳумҳои сершумори, бисёркаратагӣ, яккаратагӣ, сифат, ҳолат, сабабҳоеро, ки барои ҳарду забони муқоисашаванд хосанд, ифода мекунад. Аммо тафовутҳои муайяне миёни низомҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, табиист ҳамеша пайдо мешаванд.

Калидвожаҳо: *калимаҳои таркорӣ, этимология, ташаккули луғавӣ, забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, морфология, фонетика, нутқи кӯдакон, конверсия, синтаксис.*

РОЛЬ ПОВТОРНЫХ СЛОВ И ИХ ЭТИМОЛОГИЯ В ЛЕКСИЧЕСКОМ ФОРМИРОВАНИИ СОВРЕМЕННОГО АНГЛИЙСКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ

В своей статье автор рассмотрел роль повторяющихся слов и их этимологию в формировании лексики современного английского и таджикского языков. Отмечено, что повторяющиеся слова играют большую роль в системе таджикского и английского языков и считаются очень эффективным методом словообразования. Основные способы образования повторяющихся слов, обобщения значения единиц редупликации в английском и таджикском языках во многом схожи. При изучении лингвистических источников автор отмечает, что исследователи неоднократно говорят о естественности и простоте, а также часто ссылаются на понятие «автономная детская речь», под которой понимается пригодность преимущественно для общения с детьми раннего возраста, а не для нормального общения со взрослыми. Обобщая результаты анализа семантических признаков (семантической структуры) редупликативных слов в таджикском и английском языках, автор приходит к выводу, что изоморфные признаки этих языковых единиц можно отнести к лексико-семантической группе, в которую входят понятия множественность, повторяемость, единичность, качество, падеж, выражает причины, характерные для обоих сравниваемых языков. Но определенные различия между таджикской и английской языковыми системами, естественно, всегда имеют место.

Ключевые слова: *повторные слова, этимология, формирование словарного запаса, английский и таджикский языки, морфология, фонетика, детская речь, конверсия, синтаксис.*

THE ROLE OF REPEATED WORDS AND THEIR ETYMOLOGY IN THE FORMATION OF MODERN ENGLISH AND TAJIK VOCABULARY

In his article, the author discussed the role of repeated words and their etymology in the vocabulary formation of modern English and Tajik languages. It is noted that repeated words play a big role in the system of Tajik and English languages, and they are considered as a very effective method of word formation. The

main methods of formation of repeated words, generalization of meaning of reduplication units in English and Tajik languages are similar in many ways. During the study of linguistic sources, the author notes that researchers repeatedly talk about naturalness and simplicity, often referring to the concept of «autonomous children's speech», which is understood to be suitable mainly for communication with young children, and not for normal communication with adults. Summarizing the results of the analysis of the semantic features (semantic structure) of reduplicative words in the Tajik and English languages, the author concludes that the isomorphic signs of these language units can be attributed to the lexical-semantic group, which includes the concepts of multiplicity, repeating. singularity, quality, case, it represents reasons that are specific to both languages being compared. But certain differences between Tajik and English language systems naturally always exist.

Key words: *repeated words, etymology, vocabulary formation, English and Tajik languages, morphology, phonetics, children's speech, conversion, syntax.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Раҳимова Шаҳло Дилшодовна – ассисенти кафедраи филологияи англис, Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода Тел:992918796968*

Сведения об авторе: *Рахимова Шахло Дилшодовна – доцент кафедры английской филологии Международного университета иностранных языков Таджикистана имени Сотима Улугзоды. Тел:992918796968*

Information about the authors: *Rakhimova Shahlo Dilshodovna – Associate Professor of the Department of English Philology at the International University of Foreign Languages of Tajikistan named after Sotim Ulugzoda Тел:992918796968*

ТДУ:871.31.802.0(875.3)

АФЗАЛИЯТИ ХОНИШИ МУСТАҚИЛОНА ҲАНГОМИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Гадоев К. Х., Ҳаитматов Ф. Х.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода

Дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) ҳангоми таълими забони хориҷӣ (англисӣ) таваҷҷуҳ намудан ба таълими хониш, ташкили намудҳои гуногуни он ва истифода аз афзалиятҳои он ниҳоят зарур аст. Хониш ҳамчун шакли ғайримустақими муошират имкон медиҳад, ки аз ҳисоби маълумоти маърифатии матн ҷаҳонбинии хонандагон васеъ гардида, шавқу ҳаваси онҳо ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, донистани фарҳанги мардумони ҷаҳон бештар гардад. Чунон ки Л.А Чернявская қайд мекунад, хониш ба инкишофи фунсияҳои психикии хонандагон (идрок, диққат, хотира, тафаккур), ҷаҳонбинии онҳо, системаи меъёрҳои ахлоқӣ ва хислату характери онҳо таъсири мусбат мерасонад. Хониши забони хориҷӣ монанди мутолиа бо забони модарӣ бо раванди хештангарой ва худшиносӣ алоқаманд аст, зеро алоқамандии иттилооти истихроҷшударо бо таҷрибаи ҳаётии шахс дар бар мегирад [17, с.23].

Ҳадафи асосии таҳқиқоти мо дар мақола баррасии хониши мустақилона буда, дар бораи баъзе паҳлуҳои он маълумот пешниҳод мегардад. Пеш аз кушодани масъала дар бораи намудҳои гуногуни хониш маълумоти мухтасар дода мешавад. Хониши хонагӣ, ки яке аз ҷузъҳои муҳимми таълими забони хориҷӣ ба шумор мешавад, каме фаррохтар баррасӣ мегардад. Фарқи хониши мустақилона аз дигар намуданҳои хониш, алалхусус аз хониши хонагӣ муайян карда мешавад.

Хониш (синфӣ, хонагӣ, инфиродӣ, мустақилона ва иловагӣ) яке аз намудҳои муҳимми фаъолияти нутқӣ буда, бидуни он раванди забономӯзиро тасаввур кардан номумкин аст. Ҳар як навъи хониш дорои хусусиятҳои худ мебошад ва бо мақсади муайяне дар ҷарани таълими забони хориҷӣ роҳандозӣ мегардад.

Хониши синфӣ, ки асосан дар заминаи матнҳои китоби дарсӣ ташкил карда мешавад, хусусиятҳои забонӣ (қоидаҳои фонетикӣ, грамматикӣ ва лексикӣ) ва мавзуи дарсиро фарогир мебошад. Хониши синфӣ фаъолияти таълимии аҳли синфро дар бар гирифта, аз хонандагон мутолиаи матнҳои китоби дарсиро талаб мекунад.

Хониши хонагӣ низ яке аз намудҳои муҳимтарин ва фаъолияти мустақилонаи хонандагон ба шумор меравад. Зери мафҳуми "хониши хонагӣ" В.М. Фадеев мутолиаи доимӣ ва зиёдро барои ҳамаи хонандагон ҳатмӣ медонад, то ин ки маълумоти пурмазмунро ба даст оранд [13, с. 28]. Барои он ки ин хониш доимӣ ва ҳатмӣ бошад, матни барои хониш бояд ба сатҳи донишу фаҳмиши хонандагон мувофиқ бошад.

Маҳорати хондан дар ҳақиқат асос ва заминаи тамоми ҷараёни таълим ба шумор рафта, аз равандҳои мураккаби тафаккури шуури инсон шаҳодат медиҳад [16, с.104]. Хониши пурра як раванди мураккаб ва бисёрҷанбаест, ки ҳалли чунин вазифаҳои маърифатӣ ва коммуникатсионӣ, аз қабили фаҳмиш (умумӣ, пурра ва интиқодӣ), ҷустуҷуи иттилооти мушаххас, худидоракунӣ, барқарор кардани контексти васеъ, тафсир, шарҳи матн, ва ғайраро ба иҷро мерасонад.

Аз рӯйи хусусият, дарки маводи хондашударо хониши синтетикӣ таъмин менамояд, зеро дар ин ҳолат шакли лингвистии матнҳо аз хонанда кӯшишҳои зиёди равониро талаб намекунад ва таваҷҷуҳи асосии хонанда ба истихроҷи иттилооти матн равона карда шудааст.

Аз рӯйи усули хониш – мутолиаи бесадо ё визуалӣ ҳамчун мутолиаи комил ва баркамолтарин шуморида мешавад.

Аз ҷиҳати ҷой ва вақти хониш – хониши беруназсинфӣ, хонагӣ, инфиродӣ ва мустақилона мебошад.

Мактаби муосир хониши хонагиро, махсусан дар рафти омӯзиши забони хориҷӣ ҳамчун марҳилаи ҷудонашавандаи ин раванд арзёбӣ менамояд. Ҳадафи асосии хониши хонагӣ гирифтани маълумот аз матнҳои забони хориҷӣ мебошад. Дар баробари ин хониши мунтазам ва доимии хонагӣ сарчашма ва воситаи муҳимми зиёд кардани захираи луғавӣ ва ташаккули маҳорати нутқи шифоҳии хонандагон мебошад.

Бо назардошти шавқу ҳаваси хонандагон ба омӯзиши забони хориҷӣ, мавҷудияти маводу китобҳо ва маҷмуи матнҳо барои хониш, инчунин дар асоси баъзе маслиҳату тавсияҳои адабиёти методӣ, барои хонандагон, аз ҷумла барои синфҳои болоӣ метавонанд вариантҳои зерини хониши хонагиро аз забони хориҷӣ (англисӣ) пешниҳод намуд:

1. ***Хониши инфироди хонагӣ*** – ҳар як талаба аз рӯйи матн ё маводи интихобкардаи худаш, ё матни мувофиқи шавқу ҳавасаш пешниҳодшуда, кор мекунад.

2. ***Хониши умумисинфии хонагӣ*** – тамоми синф матнеро мехонад, ки барои ҳама маъмул ва ягона аст, аммо машқу супоришҳо ва вазифаҳо аз рӯйи ҳаҷм ва танзимоти матни хондашуда вобаста ба қобилияти забонии хонандагон фарқ мекунанд.

Мавзуъҳои хониши хонагӣ, мазмуну мундариҷаи матни хониш, аз рӯйи қоида, тахминан бояд бо мавзуъҳои барномаи таълимии забони хориҷӣ (англисӣ) дар МТМУ мувофиат кунанд. Яъне, хуб мешуд, агар матнҳои хониши хонагӣ фарогири барномаи таълимии фан буда, фаъолияти синфӣ ва беруназсинфии хонандагонро ҳамгиро месохт.

3. ***Шакли омехтаи хониши хонагӣ*** навъҳои гуногуни хонишро метавонад дар бар гирад. Дар ин ҳолат, дар баробари хониши инфиродӣ, давра ба давра метавон хониши умумисинфии хонагӣ ё хониши синфиро дар асоси матнҳои барои ҳама хонандагон маъмулро дар синф гузаронд.

Мутолиаи матне, ки барои ҳама хонандагон маъмул аст, дар ин маврид метавонад дорои ду ҳадаф бошад: а) худи мутолиа б) хондан ҳамчун воситаи инкишофи минбаъдаи нутқи забони хориҷӣ. Дар чунин ҳолат кор кардан аз болои матн метавонад марҳилаи ниҳоии кор дар мавзуи лексикӣ ва суҳбати мавриди омузиш қарор гирад. Ба сифати намудҳои коллективии кор оид ба матне, ки барои ҳама хонандагон маъмул аст, истифода мешаванд: тарҳрезии матни хондашуда, муҳокимаи қаҳрамонҳо ва рӯйдодҳои асосӣ, равшан кардани баъзе ҷузъиёт ва ҳолатҳо, тарҷумаи ҷумлаҳо ва параграфҳои душвортарин, драмавӣ кардани муколламаҳо ва ғайра. Ин дарсҳоро метавон ҳамчун дарсҳои конференсия бо мақсади муҳокимаи матни аз ҷониби тамоми синф хондашуда гузаронидан мумкин аст.

Чуноне ки В.М Фадеев иброз медорад, бо ҳар гуна муносибат ба ташкили хониши хонагӣ, ниҳоят бояд на танҳо доимию бисёр ва осон, балки тарҷуманашуда, дорои маълумоти ҷолиб ва дорои таъсири тарбиявӣ бошад [13, с.28]. Қонеъгардонии шавқу завқи маърифатӣ эҳсоси мусбати зеҳниро бедор ва инкишоф медиҳад. Илова бар ин, ҳавасмандии маърифатӣ амалан нопурра мегардад, хусусан, агар маводи дорои хусусияти забонӣ ва фарҳангӣ истифода шавад. Мувофиқи ақидаи Н. Саланович, шавқу ҳавас ва эҳтиёҷоти талабагон бо ангезаҳои тарбиявию маърифатӣ хеле зич алоқаманд аст, ки чунон ки маълум аст, омилҳои асосии фаъолияти таълимии онҳо мебошанд [8, с.18].

Хониши хонагӣ як намуди хониши беруназсинфӣ арзёбӣ гардида, мақсаду вазифааш аз он иборат аст, ки хонандагон бо адабиёти бадеӣ ва намунаҳои эҷодиёти шифоҳии халқҳои забонашон омӯхташаванда шинос шаванд. Инчунин, бо ҳамин васила метавон маданияти китобхонии хонандагонро баланд бардошт. Бинобар ин китобхонӣ воситаи муҳимми тарбияи ахлоқӣ ва эстетикии талабагон мебошад.

Одатан ,хониши беруназсинфӣ аз рӯйи мазмуни барнома ба ду марҳилаи асосӣ тақсим мешавад. Дар марҳилаи аввал хонандагон бо рӯйхати китобҳое, ки бояд мутолиа кунанд ва тартиби мутолиаи онҳо шинос карда мешаванд. Дар марҳилаи дуюм, дар асоси ин мавод (яъне маводи аз китобҳои хондашуда) хонандагон супоришҳои гуногунро иҷро намуда, дониш, малака ва маҳорати кор бо китоб ва матнро ташаккул медиҳанд. Илова бар ин, ҷаҳонбинии хонандагон васеъ шуда, донишашон ғанӣ мегардад ва хониш ҳам ба саводнокӣ ва ҳам ба захираи луғавӣ таъсири судманд мерасонад [1].

Хониши хонагӣ яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини омӯзиши забон барои хонандагон мебошад. Ин намуди хониш набояд ҳамчун илова ба фаъолияти синфӣ қабул карда шавад. Он воридшавӣ ба мундариҷаи тамоми давраи дарсҳо, унсури муҳимми тарбияи хонандагон мебошад, ки сатҳи сифатии забондонии онҳоро бештар муайян мекунад, зеро «Омӯзиши забон берун аз муҳити забонӣ танҳо бо мутолиаи мунтазам, ҳамарӯза ва фаровон имконпазир аст» [10, с. 190].

Маҳз мутолиаи адабиёти бадеии мутобиқшуда мебошад, ки дар дарки фарҳанги забони хориҷӣ ва нигоҳ доштани шавқу рағбати хонандагон ба омӯзиши забони хориҷӣ нақши асосиро мебозад. Ҳамин тавр, хониши хонагӣ «барои инкишофи умумӣ ва баланд бардоштани дараҷаи маданияти ҳар як одам, барои ғанӣ гардондани забони модарии ӯ, барои маълумоти забонӣ ва филологии ӯ маълумоти зиёде медиҳад» [6, с.74].

Бояд қайд намуд, ки на ҳама хониши дар хона анҷомёфтаро метавон хониши хонагӣ номид. Мафҳуми «хониши хонагӣ» дар илми методика дар охири асри XIX ба таври возеҳ муайян гардида, дар шароити мо таърифи онро метавон чунин арзёбӣ намуд: хониши хонагӣ – мутолиаи мустақилонаи беруназсинфии асарҳои ҳаҷман калонтари бадеӣ, ки фарогири мазуъҳои гузашташуда (ба истиснои фоизи ками луғати ношинос) дар комбинатсияҳои нави дохилиматнӣ сохташуда ва бо мавзуъҳои китоби дарсӣ алоқаманд набуда ба шумор меравад. Хониши хонагӣ як намуд кор ё фаъолияти ҳамаҷониба оид ба таълими хониши бетарҷума, нутқи шифоҳӣ, таълими лексика ва грамматика мебошад.

Тавре, ки дар боло қайд гардид, хониши хонагӣ ва мустақилона тақрибан хеле монанд буда, ҳар як дорои хусусиятҳои махсуси худ мебошанд. Атрофи хониши хонагӣ, навъҳои он, аҳамият ва мақоми он дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ чанде масъалагузорӣ карда шуда. Идомаи пажӯҳиш аввал каме ба фарқгузории байни хониши хонагӣ ва мустақилона бахшида шуда, сипас хусусиятҳои ҷудогонаи хониши мустақилона ва мавқеи ин навъи хониш дар таълими забони англисӣ таҳқиқ мегардад.

Қобили қайд аст, ки барои ҷудо кардани фарқи байни хониши хонагӣ ва хониши мустақилона метавон шумораи зиёди фарқиятҳоро пешниҳод сохт аммо, дар поён ҳамагӣ чор фарқияти муҳим оварда мешавад:

1.Мундариҷаи маводи хониш. Тавре, ки дар боло қайд гардид, барои хониши хонагӣ асосан адабиёти бадеӣ интихоб гардида, мундариҷаи он бояд ба барномаи таълимии фанни таълимӣ (забони хориҷӣ) наздикӣ дошта бошад. Ин ҳолат имкон медиҳад, ки хонандагон ба осонӣ ба мазмуни матни хондашуда сарфаҳм раванд. Ҳангоми хониши мустақилона мундариҷаи маводи хониш доманадор ва фаррох буда, маҳмудиятҳо вуҷуд надоранд. Яъне, хонандагон дар интихоби маводи хониш комилан озод ва мустақил буда, метавонанд адабиёти бадеӣ бо забони асл (ба синну сол мутобиқнашуда), асарҳои публисистию оммавӣ ё илмиро барои хониши мустақилона интихоб намоянд.

2.Ҳаҷми маводи хониш. Барои хониши хонагӣ аввал матнҳои ҳаҷман хурд интихоб гардида, баъдан оҳиста-оҳиста ҳаҷми матнҳо бештар гаштан мегиранд. Ин низом то ба анҷом расидани омӯзиши фанни таълимӣ (забони англисӣ) дар синфҳои 10 ва 11 риоя карда мешавад. Ҳаҷми маводи хониш барои хониши мустақилона муайян карда намешавад. Дар инҷо низ хонанда мустақил буда, метавонад матнеро барои хониш интихоб намояд, ки ҳамагӣ аз як саҳифаи чопи компютерӣ иборат аст. Матни мазкур дар навбати хуб метавонад маълумоти хеле душворфаҳм доша, хонанда онҳо муддати як-чанд рӯз мутолиа, тарҷума ва таҳлил намуда баъдан ба мазмуни он сарфаҳ равад.

3.Шакли маводи хониш. Айни ҳол, истифодаи телефонҳои мобилӣ (аз ҷумла, планшет ва дигар гаҷетҳо) дар муассисаҳои таълимӣ маън аст. Пас, метавон хулоса кард, ки хониши хонагӣ аслан дар асоси китобҳои анъанавӣ (чопӣ) ва адабиёти бадеӣ роҳандозӣ мегардад. Дар асри XXI ташкили якранги раванди таълим чандон самара намедиҳад. Дар баробари китобу маводи анъанавӣ (чопӣ), истифодаи смартфон, планшет, китобҳои электронӣ, гаҷетҳои доно, сомонаҳои интернет, подкастҳо дар шакли аудио ва видео, сомонаҳои иҷтимоӣ, шакли чопи электронӣ, аудиоӣ ва видеоӣ хониши мустақилонаҳо хеле ҷолиб на ханданӣ хоҳад кард.

4.Сабақгардонӣ аз маводи хондашуда. Азбаски асари хониши хонагӣ аксари вақт барои аҳли синф ягона мебошад, пас, машқу супоришҳо ва вазифаҳо низ якхела мебошанд. Хондану тарҷумаи матн (дар хона), нақли муҳтавои матни хондашуда, иҷрои машқу супоришҳои вобаста ба матни хондашуда, гӯш кардани шакли аудиоии порчаи матн ва иҷрои машқҳо, кор бо расмҳо, навиштани нақли хаттӣ ва амсоли инҳо ҳангоми сабақгардонӣ баъд аз хониши хонагӣ дар синф, берун аз дарс амалӣ карда мешаванд. Ҳангоми сабақгардонӣ аз натиҷаи хониши мустақилона метавон аксарият намудҳои кор ҳангоми хониши хонагиро (тарҷума ва нақли муҳтавои матн, кор бо расмҳо ва ғ.) истифода намуд, аммо чанде аз намуди корҳое ҳастан, ки маҳз ҳангоми хониши мустақилона метавон сабақгардонӣ кард: дар шакли презентатсия, аудио, видео ва дигар навъи форматҳо пешниҳод намудани маълумоти мухтасар аз матни хондашуда; таҳияи саволу супориш ва машқу вазифаҳо дар заминаи матн ва пешниҳоди он барои дигар хонандагон; сабақгардонӣ на дар синфхона, балки тавассути почтаи электронӣ (дар шакли нақли хаттӣ, сабти аудиоӣ ва видеоӣ, презентатсия ва ғ.).

Хониши мустақилона бояд ба як одати муқаррарӣ, анъанаи забономӯзӣ ва ниёзи хонандагон табдил ёфта, ҳамчун ҷузъи муҳимми раванди таълими забони англисӣ қабул карда шавад. Барои расонидани хониши мустақилона то ба ин сатҳ, корҳои зиёде бояд анҷом дода шаванд. Ташкили хониши хонагӣ, шуруъ аз синфи 5 ва пешниҳоди одитарин матнҳо барои хониш, дар синфи 6-7 одат ва ҳавасманд кунонидани хонандагон ба хондан, марҳила ба марҳила, то синфи 8-9 баланд намудани сатҳи мушкилфаҳмии матнҳо заминаи устуворе барои хониши мустақилона дар синфҳои болоӣ (синфҳои 10-11) хоҳад шуд.

Ин навъи хониш дорои хусусиятҳои худ буда, аз дигар намуди хониш варқ мекунад. Чунин махсусиятҳо ба монанди *ташаббус, интихоб, вақҳи дохилӣ, мутобиқшавии бемайлон ва натиҷагирии мустақилона* хосси хониши мустақилона мебошанд. Хонандагон худ ташаббус нишон дода, маводи хонишро худашон интихоб мекунанд. Дар хонандагон нисбат ба вақҳи беруна, вақҳи дохилӣ хеле зиёд ба назар мерасад. Яъне, шавқу завқ, ҳавасмандӣ, ҳисси кунҷковии онҳо боло рафта, кӯшиш мекунанд, ки ҳарчӣ бештар донанд ва маълумот пайдо кунанд. Ҷой, макон, вақт барои хониши мустақилона муайян набуда, хонанда метавонад ин ҳолатҳоро худ интихоб намуда, мутолиаро бе маҳдудияти вақту макон амалӣ намояд. Баъди анҷоми маводи хондашуда, хонанда метавонад натиҷаи маълумоти гирифтаашро таҳлил намуда, хулосаи худро ба омӯзгорӣ фаннӣ, ҳамсабақон ё ҳамсолонаш пешниҳод созад.

Маҳз хониши мустақилона имкон медиҳад, ки вазифаю талаботи мураккаби барномаи фанни таълимиро, аз қабили ба хонанда омӯзонидани дарку фаҳмиш ва таҳлили матнҳои гуногунмазмун, ғанӣ гардонидани захираи луғавии онҳо ва рушди маҳорати муоширатии шогирдонро амалӣ намояд. Ҳалли ин масъалаҳо дар дарсҳои хониши хонагӣ имконпазир буда, кор бо тамоми намуди асарҳои бадеӣ (ҳикоя, новелла, пиеса ва ғайра) дар асоси супоришҳои мақсаднок сурат гирифта, натиҷаи хубе низ ба даст овардан мумкин аст [10, с. 191]. Барои иҷрои корҳо бо матнҳои нисбатан мушкилфаҳм ва мураккаб бошад, хониши мустақилона афзалияти бештар дорад. Кор бо ин навъи матнҳо хусусияти худро дошта, муносибати эҷодкорона, мустақил ва ҷиддиро талаб мекунад. Нисбат ба хониши хонагӣ, фаъолияти хонандагоне, ки ба хониши мустақилона машғуб мебошанд, тамоман дигар ва ҳатто бештару мураккабтар мебошад.

Роҳи асосии устувор аз худ намудани луғати нав метавонад дар умум аз хониш вобастагии калон дошта бошад. Ташкили хониши синфӣ, хонагӣ, инфородӣ, мустақилона ва дигар навъҳои он дохил кардани калимаю ибораҳои навро ба машқҳои нутқӣ, пеш аз ҳама дар суҳбату муҳокимаронихо атрофи матни хондашуда талаб мекунанд. Иҷрои пайдарҳами машқу супоришҳо бо луғати нав имкон медиҳад, ки вожаҳои нав хубтар дар майнаи сари хонандагон ҷой шаванд. Барои васеъ намудани доираи захираи луғавии хонандагон, ба муҳлати дуру дароз нигоҳ доштани калимаю ибораҳо, истилоҳоти гуногунсоҳа ва рушди маҳорати истифодаи дуруст онҳо дар фаъолияти муоширатӣ, албатта саҳми хониши мустақилона хеле калон аст. Мустақилона аз худ намудани луғати нав ва барои нигоҳдории онҳо аз навъҳои гуногуни машқу супоришҳо истифода кардан, аллакай қадами устуворе дар самти забономӯзӣ мебошад.

Баъди таҳлилу таҳқиқоти масъалаи мазкур метавон хулоса кард, ки мавқеи хониши мустақилона дар таълими забони англисӣ, махсусан дар синфҳои болоӣ хеле муҳимму муассир мебошад. Фарқи байни хониши мустақилона ва дигар навъҳои хониш шаҳодат аз он медиҳанд, ки дар рушди ҳамаҷонибаи хонандагони синфҳои болоӣ, алахусус хатмкунандагони МТМУ афзалиятҳои зиёде дида мешаванд. Барои устувор гардонидани забондонии хонандагони синфҳои болоӣ, ба муоширати байнифарҳангӣ омода намудани

онҳо ва талқин намудани шогирдон ба худомӯзию худтакмилдиҳӣ ва ташаббускорӣ дар ин самт, ташкили хониши мустақилона, ҷорӣ намудани ин навъи хониш ба раванди таълими забони хориҷӣ зарурат ба амал меояд.

АДАБИЁТ:

1. Алиева А. Э. Способы мотивации к чтению в обучении английскому языку // Молодой ученый. 2016. № 4. С. 736-738. // URL: http://www.moluch.ru/archive/108/26255/.
2. Верещагина И.Н. Методика обучения английскому языку на начальном этапе в общеобразовательных учреждениях. - М.: РАО, 2005. - С.174-181.
3. Гальскова Н.Д. Теория обучения иностранным языкам. Лингводидактика и методика: учеб. пособие для студ. лингв. ун-тов и фак. ин. яз. высш. пед. учеб. заведений / Н.Д. Гальскова, Н.И. Гез. – 4-е изд. – М.: Издательский центр «Академия», 2007. – 336 с.
4. Гордеева И.В. Чтение как один из видов речевой деятельности на уроках английского языка / И.В. Гордеева // Молодой ученый. – 2015. – №19. – С. 569-571.
5. Миролюбов А.А. Майкл Уэст и его методика обучения чтению // Иностранные языки в школе. - 2003. - №2. - С.22-26.
6. Мухаева Т.В. Методика проведения синтетического домашнего чтения на английском языке в 5 классе: дис. … канд. пед. наук. – Владимир, 1974. – 193 с.
7. Новые образовательные стандарты. Реализация коммуникативно-деятельностного подхода к обучению в процессе преподавания русского языка и литературы (5–11 классы): уч.-метод. пособие / Сост. Г. М. Вялкова, Т. А. Чернова. — М., 2012. — с. 6–10, 11–17.
8. Саланович Н.А. Обучение чтению аутентичных текстов лингвострановедческого содержания. // ИЯШ, 1999. - № 1
9. Салтовская Г.М. Приёмы обучения различным видам чтения // Иностранные языки в школе. - 2005. - № 4. - С.10-16.
10. Севрюгина Л.В. Задачи домашнего чтения и его роль при обучении иностранному языку на старших курсах // Проблемы обучения иностранным языкам. Т. VII. – Владимир: ВГПИ им. П.И. Лебедева-Полянского, 1973. – С. 190–196.
11. Селиванова Н. А. Домашнее чтение – важный компонент содержания обучения иностранным языкам в средней школе // Иностранные языки в школе. 2004. № 4. С. 21–26.
12. Соловова Е.Н. Методика обучения иностранным языкам: базовый курс. – М.: АСТ, 2009. – 240 с.
13. Фадеев В.М. Домашнее чтение в старших классах, его организация и приемы контроля / В.М. Фадеев // Иностранные языки в школе. – 1979. – №6. – С. 28-30.
14. Фадеев В.М. Домашнее чтение в старших классах, его организация и приёмы контроля // ИЯШ, 1979. - № 6
15. Формирование и развитие видов речевой деятельности (слушание, чтение, говорение, письмо) на уроках русского языка и литературы: обучающие и диагностирующие материалы / сост. М. Ф. Шацкая. — Волгоград: Издательство ВГАПО, 2015. — с. 31, 34–35.
16. Формирование универсальных учебных действий в основной школе: от действия к мысли. Система заданий: пособие для учителя / под ред. А. Г. Асмолова. — М.: Просвещение, 2010. — с. 103–107, 111–116.
17. Чернявская Л.А. Чтение на иностранном языке как средство развития опыта общения учащихся // ИЯШ, 1986. - № 2.

АФЗАЛИЯТИ ХОНИШИ МУСТАҚИЛОНА ҲАНГОМИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба рушди малакаю маҳорати муоширатӣ ва истифодаи озоди забонро ҳамчун воситаи иртибот ва ҳадафи асосӣ пеш мегузорад. Инчунин, дар рафти дарсҳои забони англисӣ ба рушди салоҳиятҳои гуногуни хонандагон аҳамияти махсус зоҳир гардида, ташаккулу тарбияи ҳамаҷонибаи онҳо роҳандозӣ мегардад. Дар рафти таълими забони англисӣ хонандагон чунин салоҳиятҳоро ба монанди салоҳияти забонӣ, фарҳангӣ, байнифарҳангӣ, муоширатӣ, лексикӣ ва амсоли инҳоро соҳиб мешаванд. Барои ноил шудан ба ин салоҳиятҳо омилҳои гуногуне вучуд доранд, ки метавонанд ба ин ҷараён таъсири мусбат расонанд. Хониш чун яке аз намудҳои фаъолияти нутқ аз ибтидо то ба анҷом расидани омузиши курси забони хориҷӣ истифода мешавад. Он ҳамчун шакли ғайримустақими муошират имкон медиҳад, ки аз ҳисоби маълумоти маърифатии матн ҷаҳонбинии хонандагон васеъ гардида, шавқу ҳаваси онҳо ба омузиши забонҳои хориҷӣ, донистани фарҳанги мардумони ҷаҳон бештар гардад.

Ташкили намудҳои гуногуни хониш, аз ҷумла хониши мустақилона дар рафти таълими забони англисӣ имкон медиҳад, ки маҷмӯи салоҳиятҳои болозикр аз ҷониби хонандагон аз худ карда шаванд. Ин навъи хониш дар синфҳои болоӣ дорои хусусиятҳои худ буда, ҳам аз омӯзгор ва ҳам аз хонандагон масъулияти хеле калонро талаб мекунад.

Дар мақола аввалан намудҳои гуногуни хониш ва баъдан хониши мустақилона мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифон бар он ақидаанд, ки хониши хонагӣ ва мустақилона монандӣ доранд, аммо хониши мустақилона хусусиятҳои худро дошта, нисбат ба хониши хонагӣ афзалияти бештар дорад.

Мақола баъзе паҳлуҳои хониши хонагиро кушода, баъдан фарқи хониши мустақилонаро аз хониши хонагӣ чудо мекунад.

Муаллифон дар мақола оид ба хониш ва намудҳои он аз фикру ақидаи муҳаққиқони мамлакатҳои гуногун иқтибос пешниҳод месозанд.

Калидвожаҳо. *Хониш, хониши хонагӣ, хониши мустақилона, таълими забони англисӣ, рушд, ташаккул, салоҳият, хонандагон, малакаю маҳорат, нутқ муоширатӣ.*

ПРЕИМУЩЕСТВА САМОСТОЯТЕЛЬНОГО ОБУЧЕНИЯ ВО ВРЕМЯ ИЗУЧЕНИЯ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА

Обучение английскому языку в учреждениях общего среднего образования ставит своей основной целью развитие коммуникативных навыков и свободное использование языка как средства общения. Также в ходе уроков английского языка особое значение уделяется развитию различных способностей учащихся, осуществляется их всестороннее обучение. В ходе обучения английскому языку студенты приобретают такие компетенции, как лингвистические, культурологические, межкультурные, коммуникативные, лексические и подобные компетенции. Для достижения этих компетенций существуют различные факторы, которые могут положительно повлиять на этот процесс. Чтение используется как один из видов речевой деятельности от начала и до конца курса иностранного языка. Являясь непрямой формой общения, он позволяет расширить мировоззрение читателей за счет познавательной информации текста, повысить их интерес к изучению иностранных языков и культуры народов мира.

Организация в процессе обучения английскому языку различных видов чтения, в том числе самостоятельного, позволяет учащимся овладеть совокупностью вышеперечисленных компетенций. Этот вид чтения в старших классах имеет свои особенности и требует большой ответственности как со стороны учителя, так и со стороны учащихся.

В статье сначала рассматриваются разные виды чтения, а затем самостоятельное чтение. Авторы считают, что домашнее и самостоятельное чтение схожи, однако самостоятельное чтение имеет свои особенности и является более предпочтительным, чем домашнее чтение.

В статье раскрываются некоторые аспекты домашнего чтения, а затем выделяется разница между самостоятельным чтением и домашним чтением.

В статье о чтении и его видах авторы приводят мнения исследователей из разных стран.

Ключевые слова: *Чтение, домашнее чтение, самостоятельное чтение, обучение английскому языку, развитие, формирование, компетентность, учащиеся, навыки, коммуникативная речь.*

BENEFITS OF SELF-STUDY WHEN LEARNING ENGLISH

The main goal of teaching English in general secondary education institutions is to develop communication skills and free use of language as a means of communication. Also, during English lessons, special attention is paid to the development of various abilities of students, and their comprehensive training is carried out. During the course of learning English, students acquire such competencies as linguistic, cultural, intercultural, communicative, lexical and similar competencies. To achieve these competencies, there are various factors that can positively influence this process. Reading is used as one of the types of speech activity from the beginning to the end of a foreign language course. Being an indirect form of communication, it allows you to expand the worldview of readers due to the cognitive information of the text, increase their interest in studying foreign languages and the culture of the peoples of the world. The organization of various types of reading, including independent reading, in the process of teaching English allows students to master a set of the above-mentioned competencies. This type of reading in high school has its own characteristics and requires great responsibility from both the teacher and the students.

The article first examines different types of reading, and then independent reading. The authors believe that home and independent reading are similar, but independent reading has its own characteristics and is preferable to home reading.

The article reveals some aspects of home reading, and then highlights the difference between independent reading and home reading.

In the article about reading and its types, the authors cite the opinions of researchers from different countries.

Key words: *Reading, home reading, independent reading, teaching English, development, formation, competence, students, skills, communicative speech.*

Маълумот дар бораи муаллифон: *Гадоев Каримҷон Хайруллоевич н.и.п., дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улғзода* ***Тел. моб.:*** *(+992) 98 76 79 400*

Суроға: *734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Муҳаммадиев17/6Суроғаи эл.: gkarimjon@mail.ru*

Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович Муаллими калони кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улғзода Тел. моб.: (+992) 904012000 Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Муҳаммадиев17/6Суроғаи эл.: fara20111985@mail.ru

Сведения об авторах: *Гадоев Каримджон Хайруллоевичк.п.н., доцент, заведующий кафедрой методики преподавания иностранных языков Таджикского международного университета иностранных языков имени Сотима Улугзода Моб. тел.: (+992) 98 76 79 400*

Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева17/6Эл. почта: gkarimjon@mail.ru

Хаитматов Фарход Холикулович Старший преподаватель кафедры методики преподавания иностранных языков Таджикского международного университета иностранных языков имени Сотима Улугзода ***Моб. тел.:*** *(+992) 904 01 20 00 Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева17/6Эл. почта: fara20111985@mail.ru*

Information about the author: *Gadoev Karimjon KhairulloevichPhD (Pedagogical Science), docent, chair of the department of foreign language teaching methods of Tajik international university of foreign languages named after Sotim Ulughzoda Mob. Phone: (+992) 98 76 79 400*

Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mukhamadiev Str. 17/6E-mail: gkarimjon@mail.ru

Khaitmatov Farhod KholikulovicnSenior teacher of the department of foreign language teaching methods of Tajik international university of foreign languages named after Sotim Ulughzoda

Mob. Phone: (+992) 904 01 20 00 Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mukhamadiev Str. 17/6E-mail: fara20111985@mail.ru

ТДУ:378.854

ПРОБЛЕМАҲОИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ КОММУНИКАТСИОНӢ ВА ИНТЕРАКТИВИИ ТАБИБОНИ ОЯНДА

Курбонова С. М., Алиева Ё. З., Одинаев С. А., Холиқова Л. Р., Курбонова М. З. , Низомзода М. М.

Тараққиёти пуравҷи иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ дар давраи ҳозира боиси дигаргуниҳои ҷиддӣ дар системаи маориф гардидааст. Дар баробари ин усулу системаҳои нави педагогӣ, технологияҳои муосир ва консепсияҳои нав пайдо шуда истодаанд. Дар ин маврид яке аз масъалаҳои муҳимми таълиму тарбия ташаккул додани сифатҳои муҳимми шахсӣ, касбӣ дар мутахассиси оянда мебошад. Чунки, хатмкунандаи муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ бояд мутахассиси салоҳиятдор, дорои маҷмӯи салоҳиятҳои соҳаҳои гуногун бошад [6,7].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди фаъоли ислоҳоти соҳаи маориф, мутобиқсозии он ба стандартҳои байналмилалии раванди Болония ҷараён дорад. Агар дар бораи таҳсилоти олӣ сухан ронем, пас ба он давраи гузариш ба низоми кредитии таҳсилот хос мебошад. Тайи чанд соли охир дар ин самт ислоҳот ба амал омада истодааст. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олӣ ва касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» муқарраротеро дар бар мегирад, ки принсипҳои дахлдори раванди Болонияро муқаррар мекунанд, ки инҳоянд:

• таъмини низоми думарҳилаи таълим;

• ҷорӣ намудани низоми кредитӣ;

• арзёбии дониш ва сифати таълим аз рӯи нишондиҳандаҳои байналмилалӣ;

• эътирофи мутақобилаи дипломҳо ва тахассусҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон ва муқоисаи онҳо бо стандартҳои ҷаҳонӣ;

• васеъ намудани ҳаракати иҷтимоии донишҷӯён ва омӯзгорон [3].

Интизори мерафт, ки ҳамроҳшавии Тоҷикистон ба Созишномаи Болония сатҳи салоҳияти хатмкунандагон, омодагии онҳо барои мустақилона аз худ кардани дониш, хоҳиши худтакмилдиҳӣ, тақозои тамоюли тағйирёбанда дар бозори меҳнат ва сатҳи ҳаракати иҷтимоиро боло мебарад.

Аммо натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки сифати таълим сол то сол паст шуда истодааст, ки ин ба мушкилоти зиёде дар ин самт вобаста аст, ки ҳалли фавриро тақозо мекунад. Паст шудани сифати таълим, нарасидани кадрҳои баландихтисос, маоши пасти омӯзгорон ва нарасидани китобҳои муосири дарсӣ аз ҷумлаи мушкилоти асосӣ ба ҳисоб мераванд.

Масалан, яке аз салоҳиятҳои муҳимтарини табибони ояндаи донишгоҳҳо салоҳияти интерактивӣ, ки ҳамчун як намуди салоҳияти коммуникатсионӣ мебошад, ки азхудкунии он ба табибони оянда имкон медиҳад, ки фаъолияти самараноки касби духтуриро ёд гиранд [1, 2].

Шароити татбиқи барномаҳои асосии таълимӣ имрӯз талаботи ягонаи ҳатмӣ дорад. Тайёр намудани мутахассиси босалоҳият яке аз ҳадафҳои асосии таҳсилоти олӣ мебошад. Хатмкардаи муассисаҳои таълимии олӣ сатҳ ва касбияти мувофиқ дошта, бояд дар бозори меҳнат рақобатпазир бошад, дорои сифатҳои масъулиятшиносӣ, омодагӣ ба рушди пайвастаи касбӣ ва қобилияти кор кардан аз рӯй ихтисоси худ дар сатҳи ҷаҳонӣ бошад. Мутахассиси хуби салоҳиятдор касби худро хуб медонад, барои ҳаракати иҷтимоӣ ва касбӣ омода буда, барои қонеъ кардани ниёзҳои шахсӣ барои гирифтани маълумоти дахлдор омода аст.

Дар раванди таҳлили ҳолати имрӯзаи тайёр кардани табибони оянда маълум мегардад, ки салоҳияти интерактивӣ дар фаъолияти касбии донишҷӯёни донишкадаҳои тиббӣ нақши муҳим дошта, барои ҳалли ин масъала дар онҳо вақти нокифоя ҷудо карда мешавад.

Ин омилҳо ба рушди проблемаи ташаккули салоҳияти интерактивии табибони оянда, тартиботи иҷтимоии ҷомеа барои мутахассисони баландихтисос, фароҳам овардани шароити педагогӣ барои ташаккули ин салоҳиятҳо, зарурати таҳия, санҷиш ва татбиқи вазифаҳое, ки ба рушди салоҳияти интерактивӣ мусоидат мекунанд, оварда мерасонанд.

Хусусиятҳои асосии омӯзиши таълими интерактивиро дар корҳои илмии Л.Н. Вавилова, Т.Панова, Л.Подимова ва дигарон дидан мумкин аст. Интерактивнокиро ҳамкории хонанда ва муаллим, омӯзиш дар асоси таҷрибаҳои ҳосилшуда, ҳалли масъалаҳои реалӣ, муколамаи фаъол ва фаъолияти зеҳни меноманд [3, 9]. Дар ин шароит усули нав дар асоси муносибат ва алоқа бо ҳамдигар амалӣ мегарданд. Баръакси усулҳои анъанавии таълим, усули интерактивии таълим хусусиятҳои зерин доранд:

- мавқеи фаъоли хонандагон дар фаъолияти маърифатӣ; ҷустуҷуйи мустақилона (алоҳида ё гуруҳӣ) роҳи ҳалли проблема;

- эҷоди шиддати эмотсионалӣ ва ихтиёрӣ барои фаъолияти пурқувват; ҳамкорӣ ва алоқаҳои бевоситаи иштирокчиён; тағйир додани нақши муаллим ҳамчун ташкилотчӣ ва машваратчӣ дар ҳалли проблемаҳо;

-муносибатҳои субъект-субъект байни амали мутақобилаи иштирокчиён; такя ба таҷрибаи шахсии таълимгирандагон;

- ташкили ҳамкории берунии донишҷӯён ҳамчун ангезаи мулоҳизаронӣ [4].

Таҳлили адабиёти психологию педагогӣ фаҳмиши бисёрҷанбаи соҳаи консептуалиро, ки бо усули интерактивии таълим алоқаманд аст, нишон медиҳад. Аз ҷумла, М.В. Кларин дар асарҳои худ мафҳуми «таълими интерактивиро» асоснок карда, онро омӯзиш дар асоси ҳамкории бевоситаи хонандагон бо муҳити таълим бо мақсади ба даст овардани таҷрибаи нав ҳисоб мекунад [8].

Дар асари илмиаш [4] мафҳуми «шакли интерактивии дарсҳо» ба назар мерасад, ки шакли ташкилии раванди таълим ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, бояд қайд намуд, ки дар амалияи донишгоҳӣ набудани тафриқаи чунин мафҳумҳо ба монанди шакл, усул, намуд ва технологияи таълим вуҷуд дорад, ки онҳо ҳамчун паҳлу ба паҳлу қабул карда мешаванд. Дар дидактикаи мактаби олӣ тафовути аниқи илмии байни ин мафҳумҳо на ҳамеша дида мешавад. Сабаби набудани фаҳмиши умумӣ дар мураккабӣ ва гуногунҷанбаи ин падида аст. Ин бештар ба муносибати диалектикии шаклу усули таълим вобаста аст. Аммо дар сурати мавҷуд будани тафсирҳои гуногуни мафҳумҳо, хусусияти асосии онҳо ба назар мерасад. Онҳо роҳҳои ташаккули робитаи педагогии байни таълимгирандагон ва муҳити тарбиявиро тавсиф мекунанд, ки дар он омӯзгор вазифаҳои роҳнамоӣ, ташкилӣ ва ислоҳкунандаро иҷро мекунад. Ҳамин тариқ, шароити пайдоиши онро, ки аз ҷониби муаллим аз рӯй меъёрҳои муайян фикр карда ва интихоб шудааст, фаҳмидан мумкин аст [5].

Ю.К. Бабанский чунин назар дорад, ки ин ба омилҳои таълиму тарбияи донишҷӯён вобаста аст. Аз ин рӯ, ӯ омилҳои тарбиявиро ба берунӣ ва дохилӣ, идорашаванда ва идоранашаванда тасниф кардааст [10]. В.Н. Турченко бошад, омилҳои субъективи ва объективиро ҷудо карда, омили субъективии ин равандро ҳамчун зуҳуроти сифатҳои субъективии одамон (дониш, баҳодиҳӣ, муносибат, акидаҳои ахлоқӣ-сиёсӣ, қобилият, хусусиятхои шахсию психологӣ) дар фаъолияти амалии онҳо тавсиф намудааст, ки ба рафтори онҳо таъсир мерасонад [1, 2].

Аз ин лиҳоз, педагогика ва тиб ҳамеша бо ҳам алоқаманд ва вобаста буданд. Педагогика ҳамчун дастури методӣ амал карда, ба тиб принсипҳо, равишҳо ва маълумотҳои антропологияи таълимӣ медиҳад, ки дар фаъолияти педагогии духтурон инъикос меёбанд. Педагогика ҳамчун фанни таълимӣ дар ҳамкорӣ бо фанҳои гуманитарӣ ва клиникӣ бо истифода аз арсеналҳои худ аз технологияҳо, усулҳо ва воситаҳои таълимӣ раванди ташаккули фарҳанги коммуникативии донишҷӯёни донишгоҳҳои тиббиро таъмин намуда, портрети касбии иҷтимоӣ ва симои коммуникативии духтурронро ба вуҷуд меорад.

Дар ин тадқиқот мо мафҳуми «усули интерактивии таълимро» истифода бурдем, ки он ҳамчун усулҳо фаъолияти муштаракро таъмин намуда, муҳити ҷомеаро ба вуҷуд меоранд. Дар он муносибатҳои байнишахси байни донишҷӯён ва омӯзгор ҳамчун субъекти ҷараёни таълим инкишоф ёфта, амалӣ намудани ҳадафҳои умумӣ, арзишҳо ҳамчун симои оянда ва фаъолияти ҷомеаи касбиро бавуҷуд меорад. Дар натиҷа ҷомеаи аз ҷиҳати мавқеъи касбӣ ташаккул меёбад, ки метавонад масъалаи таълимӣ (касбӣ)-ро ҳал мекунад. Ин акидаҳои В.И. Слободчикова дар бораи ҷомеае, ки дар заминаи истифодаи усули интерактивии таълим боиси ташаккули мавқеи касбӣ дар натиҷаи салоҳияти коммуникатсионӣ мегардад, тасдиқ мекунад [7,10,11]. Ҳангоми тавсифи усули интерактивии таълим, онҳоро дар заминаи омӯзиши интерактивӣ - «таълими дар муошират ғарқшуда» баррасӣ мекунем, ки бо ташкили

фаъолияти маърифатӣ дар асоси муколама тавсиф мешавад, ки дар он ҳар як донишҷӯ дар ҳалли мушкилот бо роҳи мубодилаи иттилоот, дониш, идея ва усулхои фаъолият саҳми инфиродӣ мегузорад. Маълум аст, ки муколама дар таълими анъанавӣ низ имконпазир аст, аммо танҳо дар хати “муаллим – шогирд”, “муаллим – гурӯҳи донишҷӯён” [11] дида мешавад. Дар таълими интерактивӣ бошад, муошират дар заминаҳои «донишҷӯ-донишҷӯ» (кори ҷуфтӣ), «донишҷӯ-гурӯҳ», «донишҷӯ-шунаванда», «донишҷӯ-компютер» ва ғайра маънои васеъ дида мешавад.

Масалан, барои ташкили робитаи самарабахши байни табиб ва бемор бояд тамоми ҷанбаҳои равонии мавҷудаи ин ҳамкорӣ ба эътибор гирифта шавад. Психологияи тиббӣ ин намунаҳоро меомӯзад, ки вазифаи асосии онҳо омӯзиши вақҳо ва арзишҳои табибони оянда, андешаҳои ӯ дар бораи бемор идеалӣ ва интизориҳои бемор аз расонидани ёрии тиббӣ мебошад. Мақсади асосии ташаккули муошират муассир ин ташаккули муошират бидуни низоъ мебошад, ки агар ҳам корманди соҳаи тиб ва ҳам бемор салоҳияти коммуникатсионӣ дошта бошанд.

Ҳангоми муошират бо бемор корманди соҳаи тиб бояд қодир бошад:

1. Дар аввал муносибати дурусти психологиро барқарор карда тавонад. Аз вохӯрии аввал бояд таассуроти дӯстона, иштирок ва омодагӣ ба кӯмакро эҷод кунад. Суҳбати дӯстона бо бемор бо овози боварона ва эътимодбахш оромӣ меорад ва шиддатро рафъ мекунад.
2. Дар бораи беморӣ ва табобат, вале бо назардошти мазмуни сирри тиббӣ дар шакли дастрас суҳбат намояд.
3. Ба беморе, ки дар аҳволи вазнинтарин қарор дорад, итминон диҳед ва тассало диҳад.
4. Ҳолати равонии осебпазири беморро аз таъсири омилҳои манфӣ, аз ҷумла омилҳои марбут ба раванди ташхис ва табобат муҳофизат намояд.
5. Сирри тиббӣ ва шахсии беморро нигоҳ дорад.
6. Тарзи суҳбатро ҳамчун омили муҳими психотерапевтӣ ва психопрофилактикӣ истифода барад.
7. Дар суҳбат хусусиятҳои индивидуалии беморро (характер, ба вақҳ омадан, қобилият, эҳтиёҷот) муайян карда тавонад.
8. Муносибатро бо наздикони бемор, бо дигар кормандон ва ҳамкорони дастаи тиббӣ бо камоли кордонӣ ва босаводона барқарор намуда, дар ҳузури бемор аз танқиди онҳо худдорӣ намояд.

Ба ташаккулии салоҳияти коммуникатсионии табибони оянда тавассути усулҳои интерактивии таълим омили зерин - қобилияти гӯш кардан (шунидан) таъсир мерасонад.

Яке аз асрори асосии муошират муассир бо ҳар як шахс қобилияти гӯш кардани бодиққатона аст. Духтур бояд ду маротиба бештар аз гапаш гӯш кунад. Бесабаб нест, ки ба одам ду гуш ва як даҳон дода шудааст. Яъне ин маънои онро дорад ду бор гуш кунед ва як бор сухан намоед. Маънои ин ёддоштро ҳатман ба донишҷӯён фаҳмонида додан лозим аст.

Хатои маъмуле, ки духтурон ҳангоми муошират бо бемор мекунад, дар муддати тӯлонӣ ба ҳамсуҳбаташ таваҷҷуҳ карда натавонистани онҳо мебошад. Диққат ба бемор худ яке аз роҳҳои табобат аст. Ба гапи бемор гӯш кардан душвортарин асбоби табиб аст. Барои шунидани мушкилоти ногуфта шунавандаи хеле фаъол будан лозим аст.

Инчунин қобилияти гӯш кардани бемор шарти муҳимми ташхиси дуруст аст. Ба ғайр аз ин, ба духтур зарур аст, ки ҳар як сухани ногуфтаи бемор, номутобиқатии байни чеҳраи ӯ ва мазмуни суханони гуфташударо пайгирӣ кунад, ба ларзиши номуносиб ва фишурдани дастҳо ва дигар мимикаи ӯ назорат кунад.

Бодиққат навозиш дода шунидани сухан ҳиссиёти ҳамсуҳбатро, эҳсоси сухангӯро барои шунидан ба вуҷуд меорад ва мушкилоти худро бо мавзуи дигаре, ки барои ҳамсуҳбат муносибтар аст, иваз мекунад. Он инчунин ба пешравии шарикони муошират дар дарки масъалаи мавриди баррасӣ, ба роҳ мондани муносибатҳои боваринок мусоидат намуда, ба ҳалли проблемаҳои бемор ё ташаккули дурусти он оварда мерасонад.

Чунин намудҳои гуногуни гӯш кардани самарабахш вуҷуд доранд: рефлексӣ ва ғайрирефлексӣ.

Гӯшкунии ғайрирефлексӣ - ё бодиққат хомӯш будан - ҳангоми гузоштани проблема, вақте ки он аз ҷониби сухангӯ танҳо таҳия карда мешавад, инчунин дар вазъияте истифода мешавад, ки ҳадафи суҳбат аз ҷониби онҳо "дилро холӣ кардан" аз рӯи ҳаракоти эмотсионалӣ аст.

Мутаассифона, ба гапи бемор гӯш надодани духтур як ҳодисаи маъмулист, ки ин ба ҳолати рефлексии онҳо мубадал гаштааст. Ин ҳолат вақте рух медиҳад, ки духтур ё тамоман ба дигарон гӯш карданро намедонад ё худ вазифаи гӯш кардани беморро намегузорад, зеро

дар ин ҳолат ӯ ба мавқеи шарик омода нест. Табибе, ки ба бемор бодиққат ва меҳрубонона гӯш карданро намедонад, гумон аст, ки барои ташхиси дуруст ва интихоби муолиҷаи мувофиқ маълумоти кофӣ бигирад. Илова бар ин, бемор аз эҳтимол дур нест, ки дастурҳои чунин табиби бепарворо риоя кунад. Яке аз мушкилоти тибби муосир он аст, ки поин рафтани нуфузи табиб дар байни беморон боиси бад шудани вазъи саломатии мардум мегардад, ки ба онҳо бовар надоранд, ки табобат меёбанд.

Баъзан маълумоти муҳимтаринро шахси бемор дар шакли пӯшида баён карда метавонад. Эзоҳҳое, ки тасодуфан гуфта шудаанд, метавонанд мундариҷаи ҷиддитарро дар бар гиранд. Масалан, ибораи «оҳ, дар омади гап, ҳамсояам мегӯяд, ки дӯсташ гирифтори саратон буд, ӯ ҳам ҳамин нишонаҳо ва мушкилот дорад» метавонад ба табиб чаро ин қадар ташвишу изтироби беморро фаҳмонад.

Гӯш кардан одатан ҳамчун рафтори ғайрифаъол дар суҳбат фаҳмида мешавад. Дар ин маврид дар муколама, ки яке аз шарикон сухан меронад, дигаре ё хомӯшона мунтазири танаффус дар суханрониаш мешавад ва ё сухани ҳамсуҳбаташро бурида, андешаашро баён мекунад. Ҳолатҳоеро, ки дар ҳаёти шумо муошират мувофиқи ин намуна сурат мегирифт, ба ёд ored ва эҳсосе, ки дар чунин ҳолатҳо дар шумо пайдо шуда буд, ба ёд ored. Чаро ин тавр шуд? Мехоҳед боз бо ин шахс суҳбат кунед?

Дар ин маврид гап дар сари он аст, ки гӯш кардан на танҳо ва на он қадар хомӯшӣ, балки як раванди мураккабтару фаъолтарест, ки дар ҷараёни он робитаҳои ноаён байни одамон барқарор мешаванд ва эҳсоси ҳамдигарфаҳмӣ ба вуҷуд меояд, ки ҳар гуна муоширатро муассир мегардонад.

Салоҳияти интерактивии табиби оянда маҷмуи донишҳо, малакаҳо ва сифатҳои шахсиест, ки бо ҳамдигар алоқаманданд ва ба духтури оянда имкон медиҳанд, ки бо донишҷӯён ба таври мутахассис, хушсифат ва сермаҳсул муошират карда, усули интерактивии таълимро истифода баранд. Дар ин маврид самаранокии протсесси ташаккули маҳорати нутқ ва малакаи табибони оянда инкишоф ёфта, баланд бардошта мешавад.

Хатмкунандаи муассисаи таълимии таҳсилоти олии тиббӣ бояд мутахассиси салоҳияти касбии дорои маҷмӯи салоҳиятҳои соҳаҳои гуногун бошад. Яке аз салоҳиятҳои муҳимтарини табибони оянда салоҳияти интерактивӣ ҳамчун як намуди салоҳияти коммуникатсионӣ мебошад, ки азхудкунии он ба онҳо имкон медиҳад, ки фаъолияти самараноки касбиро анҷом диҳанд.

Натиҷаи ҳалкунандаи истифодаи усули интерактивии таълим дар он аст, ки натиҷаҳо бо кӯшиши мутақобилаи иштирокчиёни раванди таълим ба даст меоянд. Муносибат ҳамчун шакли универсалии ҳаракат ва рушд ба ҳисоб меравад, ки мавҷудият ва ташкили сохтории ҳар як системаи моддиро муайян мекунад.

Хусусиятҳои ин падидаро ошкор намуда, мо хусусияти коммуникативии онро таъкид мекунем, ки аз эҳтиёҷоти фаъолияти муштарак ба вуҷуд омада, ба мубодилаи (муколамаи) дониш, таҷриба ва арзишҳо мусоидат мекунад. Дар баробари ин, фаъолияти ба хамдигар нигаронидашудаи субъектҳои таълим метавонад характери ҳамкорӣ ё зиддият дошта, ба инкишофи муоширати табибони оянда мусоидат намояд.

АДАБИЁТ:

1. Бордовская Н.В., Реан А.А. Педагогика: Учебник для вузов. СПб: Питер, -2000.
2. Васильева Л.Н. Психологический анализ коммуникативной компетентности будущего врача / Л.Н. Васильева, Л.П. Урванцев // Ярославский психологический вестник. – 2003. – Вып. 9. –С. 99-105.
3. Закон РТ «О высшем и послевузовском профессиональном обучении», www.medt.tj/documents/main/normativno-pravovie-akti/zakonodatelnieakti/ru/02535-ru.pdf.
4. Колмогорова Л.С. Диагностика психологической культуры школьников: практ. Пособие для шк. Психологов. – М.: Владос, -2002. – 359 с.
5. Курбонова М.З., Меликов Б.Х., Абдурасулова Р.Т., Бобоев К.Т., Холикова Л.Р. Использование активных методов обучение химии для развития личности учащихся // Педагогический журнал. 2021. Т. 11. № 5А., Москва.:Ногинск. С. 130-136.
6. Курбонова М.З., Акбарова М.М., Холиқова Л.Р. Реализуемые инновационные технологии обучения в практике учителей химии// Мат. респуб. научно-практической конф. (с международным участием) на тему «Применение инновационных технологий в преподавании естественных дисциплин средне общеобразовательных школах и высших учебных заведениях», посвященной 150-летию периодической таблицы химических элементов Д.И. Менделеева. – Душанбе. -2019.-С.40-44.
7. Курбонова С.М., Курбонова М.З. Основные факторы, влияющие на формирование коммуникативной компетентности будущих врачей средствами интерактивные методы обучения//Материалы IV международной научно-практической конференции «Инновации в образовании: научные подходы, опыт, проблемы, перспективы» Москва. Ч.1., -2022. -С.151-155.

8. Кунжигитова Г.Б., Рсмаханбетова Ш.Е., Жанибекова Э.Ж. Интерактивные методы обучения, влияющие на активность личности в процессе обучения // Наука и мир. 2014. Т. 3. С. 65-70.

9. Манузина Е.Б., *Курбонова М.З.* Психолого-педагогическое сопровождение студентов в условиях практики// Мат. XIX - ой Всероссийской с международным участием научно-прак. конф. «Развитие личности в образовательном пространстве», посвящ. 100-летию со дня рождения А.Д. Сахарова, Бийск.-2021.- С.107-111

10. Педагогика: Учебник для студентов педагогических учебных заведений / Под ред. Ю.К.Бабанского. М.: Педагогика, 1989.

11. [Селевко, Г. К. Энциклопедия педагогического образования. / Г. К. Селевко. – Москва.: Народное образование, 2005. – С. 153.

ПРОБЛЕМАҲОИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ КОММУНИКАТСИОНӢ ВА ИНТЕРАКТИВИИ ТАБИБОНИ ОЯНДА

Дар мақола салоҳияти коммуникатсионии табибони оянда бо истифода аз усули интерактивии таълим оварда шудааст. Дар раванди таҳлили ҳолати имрӯзаи тайёр кардани табибони оянда маълум гардид, ки салоҳияти интерактивӣ барои фаъолияти касбии донишҷӯ нақши муҳим дошта, барои ҳалли ин масъала дар мактабҳои олӣ вақти нокифоя сарф мешавад. Натиҷаи ҳалкунанда дар ин маврид истифодаи салоҳияти коммуникатсионии омӯзгорони оянда тавассути усули фаъоли таълим мебошад, то ки натиҷаҳо бо кӯшиши муштараки иштирокчиёни раванди таълим ба даст оварда шаванд.

Калидвожаҳо: *ташаккул, муошират, салоҳият, табибони оянда, воситаҳо, усули интерактивӣ, омӯзиш.*

ПРОБЛЕМЫ ФОРМИРОВАНИЯ КОММУНИКАТИВНОЙ И ИНТЕРАКТИВНОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ БУДУЩИХ ВРАЧЕЙ

В статья говорится о коммуникативной компетентности будущих врачей средствами интерактивных методов обучения. В процессе анализа современного состояния подготовки будущих врачей установили, что интерактивная компетенция играет большую роль для профессиональной деятельности обучающегося, а решению данной проблемы в условиях высшего образования уделяется недостаточно времени. Решающим результатом при этом является использование коммуникативной компетентности будущих учителей средствами активных методов обучения, что результаты достигаются взаимными усилиями участников образовательного процесса.

Ключевые слова: *формирования, коммуникативность, компетентность, будущие врачей, средств, интерактивные методы, обучения.*

PROBLEMS OF FORMATION OF COMMUNICATIVE AND INTERACTIVE COMPETENCE OF FUTURE DOCTORS

The article presents the communicative competence of future doctors using interactive teaching methods. In the process of analyzing the current state of training of future doctors, it was found that interactive competence plays an important role for the professional activity of the student, and insufficient time is devoted to solving this problem in higher education. The decisive result in this case is the use of the communicative competence of future teachers by means of active teaching methods, so that the results are achieved through the mutual efforts of the participants in the educational process.

Key words: *formation, communication, competence, future doctors, tools, interactive methods, training.*

Маълумот дар бораи муаллифон: *Қурбонова Саида Мухамадовна - МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон», унвонҷӯи кафедраи умумипедагогии ДМТ. Суроға: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистан ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: (+992) 918-79-85-16.*

Алиева Ёсуман Зафаровна - унвонҷӯи кафедраи педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилоти Донишгоҳи давлатии педагогии ба номи М. Акмуллии Башқиристон, Суроға: Россия, Ҷумҳурии Башқиристон, Уфа, шоҳроҳи Уфа, 43., Телефон: +799692918361.

Одинаев Самандар Анварович - унвонҷӯи кафедраи усули таълими химияи факултети химияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: (992)98-574-64-70.

Холикова Лутфия Розиковна – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои химия, дотсенти кафедраи методикаи таълими химия. Суроға: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: lutfiya69@mail.ru.Телефон: (+992)987117130

Қурбонова Мукадас Завайдовна – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои химия, дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими химия. Суроға: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: mukadas_qi75@mail.ru. Телефон: (+992) 985-15-42-33.

Низомзода Муҳибулло Маҳмадрозиқ. - докторанти phD-и кафедраи усули таълими химияи факултети химияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: mukhibullo.nizomzoda@mail.ru, Тел.:(992)98-574-64-70

Сведения об авторах: *Курбонова Саида Мухамадовна – НОУ «Медико-социальный институт Таджикистана», соискатель общепедагогической кафедры ТНУ. Адрес: 734025 Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 918-79-85-16.*

Алиева Ёсуман Зафаровна – соискатель кафедры общей педагогики, истории педагогики и образования Государственного педагогического университета имени М. Акмуллы Башкиристан, Адрес: Россия, Республика Башкиристан, г. Уфа, шоссе Уфимское, 43., Телефон: +799692918361.

Одинаев Самандар Анварович – соискатель кафедры методики преподавания химии химического факультета Таджикского национального университета. Адрес: г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (992) 98-574-64-70.

Холикова Лутфия Розиковна – Таджикский национальный университет, кандидат химических наук, доцент кафедры методики преподавания химии. Адрес:734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект. Рудаки, 17. E-mail: lutfiya69@mail.ru.Телефон: (+992)987117130.

Курбонова Мукадас Завайдовна - Таджикский национальный университет, к.х.н., доцент, зав. кафедрой методики преподавания химии. Адрес: 734025 Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудаки, 17. E-mail: mukadas_qi75@mail.ru. Телефон: (+992) 985-15-42-33.

Низомзода Мухибулла Махмадрозик. - докторант phD кафедры методики преподавания химии химического факультета Таджикского национального университета. Адрес: г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: mukhibullo.nizomzoda@mail.ru, телефон: (992)98-574-64-70

Information about the authors: *Kurbonova Saida Mukhamadovna - State Scientific Institution "Medical and Social Institute of Tajikistan", applicant for the department of general pedagogical TNU. Address: 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: (+992) 918-79-85-16.*

Alieva Yosuman Zafarovna – applicant for the department of general pedagogy, history of pedagogy and education of the State Pedagogical University named after M. Akmulla Bashkiristan, Address: Russia, Republic of Bashkiristan, Ufa, Ufimskoe highway, 43., Telephone: +799692918361.

Odinaev Samandar Anvarovich – applicant for the Department of Methods of Teaching Chemistry, Faculty of Chemistry, Tajik National University. Address: Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Telephone: (992) 98-574-64-70.

Холикова Лутфия Розиковна – Tajik National University, Candidate of Chemical Sciences, Associate Professor of the Department of Methods of Teaching Chemistry. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, avenue. Rudaki, Таджикский национальный университет, кандидат химических наук, доцент кафедры методики преподавания химии. E-mail: lutfiya69@mail.ru.Телефон: (+992)987117130

Kurbonova Mukadas Zavaidovna - Tajik National University, Ph.D., associate professor, head. Department of Methods of Teaching Chemistry. Address: 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: mukadas_qi75@mail.ru. Phone: (+992) 985-15-42-33.

Nizomzoda Muhibullah Mahmadrozik - PhD student at the Department of Methods of Teaching Chemistry, Faculty of Chemistry, Tajik National University. Address: Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: mukhibullo.nizomzoda@mail.ru, phone: (992)98-574-64-70.

ТДУ: 78.072 (575.3)

ИСТИФОДАИ ХУСУСИЯТИ МУСИҚИИ СУННАТИИ ТОҶИК ДАР СИЛСИЛАИ ПОЛИФОНИИ «24 ПРЕЛЮДИЯ ВА ФУГА» («НАҚШИ ПАРАНД»)-И ФИРӮЗ БАҲОР – ЗУҲУРОТИ МЕТОДИ НАВИ ТАЪЛИФ ДАР ФАННИ «ПОЛИФОНИЯ»

Азизӣ Ф.А., Убайдзода Б.А.

Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов

Композитори тоҷик Фирӯз Баҳор дар бузургсилсилаи полифонии «24 прелюдия ва фуга» шакли нави талқини ин жанрро пешниҳод намудааст, ки хеле ҷолиб аст. Дар ин мақола танҳо дар бораи силсилаҳои хурде[1] гуфта мешавад, ки дар онҳо композитор ба мусиқии суннатии тоҷик такя мекунад. Дар асари «Нақши паранд» Фирӯз Баҳор нӯҳ силсилаи хурдро бо хусусиятҳои мусиқии суннатии тоҷик эҷод кардааст.

Прелюдия ва фугаи a-moll **(№2)** дар принсипи тазод эҷод шудааст [3, с. 13]. Тазодӣ дар характери бошиддати сароҳанги прелюдия ва сароҳанги оромонаи фуга мушоҳида мешавад: прелюдия – Allegro impetuoso, фуга – Andante.

Прелюдияи импровизатсионӣ дар асоси ду навъи баён сохта шудааст: яке яковозаест (ибтидо), ки тадриҷан ба дуовоза табдил меёбад ва дуюмин аз ибтидо то интиҳо чаҳоровоза аст.

Сароҳанги фуга[2] дар пайравии мусиқии лирикии тоҷик эҷод шудааст. Он ба навоҳои якқаи нойӣ наздик аст, ба он характери андешамандона хос аст. Табиати нойии сароҳанг на танҳо дар суръати сусти он, балки инчунин, дар дороии ороишотӣ (форшлагӣ), пайиҳамии дараҷаҳои он низ ҷо дорад.

Прелюдия ва фугаи e-moll **(№4)** ба мусиқии лирикии суннатии тоҷик шабоҳат дорад. Иборасозии оҳангии он ҳам ба мусиқии созӣ ва ҳам ба мусиқии овозии суннатӣ хос мебошад. Хусусияти чунин иборасозӣ дар пайиҳамии дараҷаҳо дар сохтори оҳанг, тадриҷан нишон додани дараҷот зоҳир мегардад. Масалан, сароҳанги фуга, ки ду ибораоҳангро дар бар мегирад, аввал зимни дараҷоти тетрахордӣ (ибораи якум) ва сониян, дар ибораи дуюм, бо

[1] Зери «силсилаи хурд» ин ҷо силсилаи «прелюдия ва фуга» фаҳмида мешавад [6, с. 219]. Дар баробари истилоҳи «бузургсилсила», ки маънои «маҷмуъи прелюдияҳо ва фугаҳо»-ро дорад [6, с. 211]. Ҳарду истилоҳ пешниҳоди мусиқишинос Т. Ливанова аст [6].

[2] Дар ин мақола истилоҳоти мусиқӣ аз китоби мусиқишинос Ф. А. Азизӣ истифода мешавад [2].

дараҷоти гексахордӣ омадааст [3, с. 24]. Муҳим он аст, ки ҳарду ибора аз як реша-мотив сар мезананд.

Композитсияи ин прелюдия дар пайиҳамии порчаҳои озод ва зарбӣ сохта шудааст, ки ин дар мусиқии суннатии кӯҳистони тоҷик яке аз услуби шаклсозист. Масалан, чунин сохторро силсилаи дуқисмаи *шаҳд-равона* дорад [1].

Хусусияти дигари шаклсозии прелюдия дар он аст, ки тоникаи асар баъди ҳар як ибораи оҳангӣ махсус таъкид мешавад. Ин таъкидҳо ба воситаи тобишҳои озоди думизона ва якмизона зимни дараҷаи тоникӣ дар дохил, аввал ва охири прелюдия оварда шудаанд.

Суръати прелюдия ва фуга якхела аст, вале онҳо бо вазну зарби худ фарқ мекунанд. Ва ин яке аз хусусиятҳои силсиласозии мусиқии суннатист – дар пайиҳамии қисмҳо дар мусиқии тоҷик суръат иваз намешавад, вале зарбу вазн ҳамеша ивазшавандаанд [1; 11]. Ивазшавии вазну зарб яке аз принсипҳои силсиласозӣ мақбул шудааст. Дар силсилаи мазкур сароҳанги прелюдия ба таври озод, бидуни вазн, сароҳанги фуга дорои вазни сезарбаӣ қарор мегирад. Асоси лаҳниро Фирӯз Баҳор на тавассути мажору минор, балки ин ҷо ба воситаи лаҳни фригӣ талқин медиҳад [2, с. 76].

Дар силсилаи ***прелюдия ва фугаи D-dur*** **(№5)** сароҳанги прелюдия дар муколамаи жанрӣ – рақс ва суруд ба вуҷуд меояд [3, с. 31]. Сароҳанги якум дар набзи сезарбаии рақсӣ дар ибтидо оғоз гардида, сониян, ба набзи тақнавозӣ табдил меёбад:



Мисоли 1.

Ва ҳамчун набзи тақнавозӣ, зимни худ имкони садо додани сароҳанги лирикиро дода, ба ҳайси набзи доимоамалкунанда минбаъд амал мекунад. Сароҳанги лирикӣ яковоза, импровизатсионӣ, бо ферматаҳои сершумор, тобишҳои трелмонанд ва речитатсиямонанд баён мегардад:

Мисоли 2.

Характери сароҳанги фуга бо дороии пайиҳамии дараҷаҳо, тобишҳои оҳангии тадриҷан болораванда, зарби гуногунранг, баёни якхатӣ бо фермата ва дигар, ба навъи оҳангҳои тоҷикӣ монандӣ дорад. Он хеле мавзун сода ва ҳаҷман бузург (шонздаҳмизона) аст. Сароҳанги фуга табиати сурудии лирикиро дорад. Ба гуфтаи худи композитор, ӯ ин оҳангро аз сароиши модари худ, сарояндаи номии тоҷик Мулук Баҳор шунидааст [7]:

Мисоли 3.

Прелюдия ва фугаи D-dur, ки яке аз намунаҳои талқини жанри аврупоӣ бо унсурҳои мусиқии суннатии тоҷикӣ аст, дорои лаҳни секундаи афзуда аст. Маълум аст, ки чунин лаҳн хоси мусиқии кӯҳистони тоҷик (Бадахшон, Кулоб) мебошад.

Асоси оҳангӣ-интонатсионии прелюдияи силсилаи ***fis-moll*** **(№8)**-ро аз ибтидо ҳам статикӣ ва ҳам динамикӣ шарҳ додан мумкин аст [3, с. 57]. Ин прелюдия пурра дар асоси як ибораи оҳангӣ, гунаи гармонии гаммаи fis-moll сохта шудааст. Вале ин интихоби худро композитор бо услуби иборасозӣ, баён, зарби мусиқии суннатии тоҷик корбаст намудааст.

Сароҳанги фуга дар навъи мелодии fis-moll навишта шудааст. Вале он ҳам рушди худро зимни унсурҳои мусиқии суннатии тоҷик қарор медиҳад.

Силсилаи хурди ***прелюдия ва фугаи E-dur*** **(№9)** пурра асоси импровизатсионӣ дорад. Прелюдия ва фуга дорои баёни озод бидуни вазни мушаххас мебошанд [3, с. 64].

Сароҳанги прелюдия оҳангҳои кӯҳистони тоҷикро бо ҳавои сарду одамони самимиаш ба ёд меоварад:

Мисоли 4.

Асоси лаҳнии сароҳанги прелюдияро дараҷоти пентахордӣ ташкил кардааст. Дар прелюдия талқиноти лаҳнӣ-тоналӣ аз тарафи композитор Фирӯз Баҳор рамзист. Ҳарчанде тоналности прелюдия E-dur муайян шудааст, асоси онро дараҷотии гексахордӣ аз *E* ташкил менамояд. Дар такнавозии сароҳанги прелюдия композитор аз техникаи авангардӣ истифода мебарад (ниг. ба мис. 5).

Сароҳанги фуга низ дар дараҷоти пентахордӣ навишта шуда, ду ибораро дар бар мегирад. Ба ивазшавии дараҷаи дуюм дар ибораи якум ва ивазшавии дараҷаи сеюми тоналности асосӣ дар ибораи дуюм оҳанг рангу бори навро пайдо мекунад. Ҳамин тавр, дар фуга сароҳанги зебову мустақил ташаккул ёфтааст, ки аз дараҷаи ҳафтум оғоз шуда, баъди сайри тобишҳои трихордиву тетрахордӣ дар дараҷаи якум анҷом меёбад:



Мисоли 5.

Асоси сароҳанги прелюдияи ***cis-moll*** **(№10)**-ро оҳанги халқӣ дар зарби *равона* ташкил кардааст [3, с. 69; 9]. Композитор дар ин прелюдия иқтибосе аз суруди халқии тоҷикӣ меоварад. Ин иқтибос асоси оҳангии сурудро қариб пурра ташкил карда, ҷараёни композитсионии прелюдияро низ пурра фаро мегирад. Сароҳанг тарзи зисти кӯҳистони тоҷикро бо одамони поксиришташ ба хотир меоварад. Ин сароҳанг одиву самимист. Асоси лаҳнӣ-тоналии он фригист.

Муқаддимаи прелюдия дорои ороиши зарбиест, ки воқеан он лиқои қолабзарби *равона* аст, ки дар анъанаи фалаки кулобӣ ҷо дорад. Он дар муқаддима аввалин бор омада, тамоми прелюдияро фаро мегирад ва ба набзи прелюдия табдил меёбад. Фирӯз Баҳор ин ҷо тавлакро, оҳангҳои созии фалаки тоҷикро тақлид кардааст:

Мисоли 6.

Миёни прелюдия ва фуга тазодии характери сароҳанг ҷо дорад. Он алалхусус дар табиати сароҳангҳо дида мешавад: дар прелюдия он босуръату шӯх, дар фуга – муътадилу хирадмандона. Дар сароҳанги фуга се сатҳи рушд мушоҳида мешавад. Ҳар се сатҳ аз тоналности он сар мезанад. Се сатҳ аз ҷиҳати тоналӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Дар маркази ҳар як сатҳ ҳамеша тоника ҷо дорад. Сатҳҳо дараҷаҳои тоналности cis-moll-ро фаро гирифтаанд.

Прелюдия ва фугаи Des-dur **(№15)** силсилаест, ки ба шоири бузург бахшида шудааст [3, с. 104]. Ва ин шоир – Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ аст. Бо ин иқдом композитор нишон медиҳад, ки эҷодиёти Абулқосим Фирдавсӣ яке аз сарчашмаҳои илҳоми эҷодии ӯ ба шумор меравад. Дар прелюдия ва фугаи Des-dur композитор ду шакли баёнро пешниҳод мекунад: яке нақлӣ (прелюдия) ва дигар шеърӣ (фуга). Аз ин рӯ, василаи пайвасти ин силсилаи хурдро тазодӣ ҳисобидан мумкин аст.

Прелюдияи характери тасвирӣ дорад. Дар қисми якум ва кода-эпилог сароҳанги симои шоир таҷассум ёфтааст, дар қисми дуюми прелюдия – симои Шоҳнома – шоҳону ҷанговарон:

Пайиҳамии ду сароҳанг дар прелюдия мушоҳида мешавад. Сароҳанги қисми аввали прелюдия оҳанги дилнишину хушоянд аст. Бо шунидани он ҳиссиёти меҳру дилбастагӣ барои иқдом гирифтани оғози коре, тасаввур мешавад. Ин сароҳанг – образи шоир аст.

Дар он ботамкинӣ, хирадмандӣ ва андешаронии амиқи шоир дарҷ гардидаанд. Дар сароҳанг нақл аз забони шоир оғоз мегардад. Мушоҳида мешавад, ки дар сароҳанги прелюдия аввал образи шоир таҷассум ёфта, нақли ӯ аз мизони баъдӣ сар мешавад.

Рамзист, ки образи тавоноии шоҳон дар банди кулминатсионӣ нишон дода мешавад. Ва тадричан тира мешавад, гӯё дар қаъри асрҳо боқӣ мемонад. Онро композитор бо квартаи поёнравандаи таъкиддори басӣ, ки рафта-рафта хомӯш мегардад, тасвир кардааст.

Дар хотима, дар кода-эпилоги прелюдия сароҳанги шоир дар шакли яковоза меояд, ки он охири нақли шоир аст.

Сароҳанги фугаи сеовоза образи қаҳрамониро дорост, ки шоир Абулқосим Фирдавсро таҷассум кардааст. Композитор онро дар зарби вазни «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ *мутақориби мусаммани мақсур* навиштааст. Зеро ки «Шоҳнома» дар ин баҳр аст [8, с. 103]. Дар зарби сароҳанги фуга риояи айнани ин баҳрро мебинем:

Мисоли 7.

Сароҳанги фуга сохти хеле аҷибро зоҳир менамояд. Онро композитор дар шакли байт навиштааст ва ин байт дар баҳри *мутақориб* аст. Агар ҳар як мисраоҳанги ин сароҳангро дида бароем, зарби мисраоҳанги дуюми он такрори айнани якум аст. Ва ин аз навъи шеърии тоҷикист, ки воҳиди асосии сохтори он ҳамеша байти боқӣ мемонад.

Ҳарчанд ки сароҳанг зоҳиран дар касри мизони сезарбаӣ ($\frac{3}{4}$) навишта шудааст, воқеан он набзи маршии дузарбаиро дорад. Ин зарби маршии пунктирӣ тақлид ба шеъри Фирдавсӣ мебошад [10].

Сароҳанги ин фугаро Фирӯз Баҳор аз сурудхонии Ситсилия Бону-Лоҳутӣ, ҳамсари шоир Абулқосим Лоҳутӣ, муаллифи тарҷумаи русии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ иқтибос кардааст [5, с. 63]. Эҳтимол ин оҳанг аз оҳангҳои худи шоир Абулқосим Лоҳутӣ аст.

Прелюдияи силсилаи ***B-dur*** **(№21)** (Andantino) ҳаҷман калон нест [3, с. 139]. Сароҳанги прелюдия тасвири шӯълаҳои офтоби субҳро дорад, ки гӯё ҷилва мезананд. Ба ин ҷилвазании шӯълаҳо, бештар такнавозии прелюдия дар регистри болоӣ мусоидат мекунад. Дар прелюдия сароҳанг ду бор садо медиҳад ва ҳар дафъа дар регистри поёнӣ. Агар ҳаракати сароҳанги прелюдияро дар ду маврид (бори якум ва дуюм) дараҷа ба дараҷа дида бароем, аён мешавад, ки онҳо дар таносубияти аксуламалӣ (симметрӣ) қарор гирифтаанд.

Сароҳанги фуга дар умум тасвири хуршедро дорад. Он бузург аст. Аз ибтидо дурахши хеле устувори он симои умумии силсилаи B-dur мегардад.

Сароҳанг чун Тоҷикистони азиз офтобранг аст. Ба вуҷуд омадани ин шояд аз он аст, ки композитор онро дар фазои мусиқии суннатии тоҷик бо тавсифи зиндадилӣ ва некумандии тоҷикона эҷод намудааст. Ва интихоби композитор тасодуфӣ нест. Аз ин рӯ, шунидани сароҳанги фуга ба кас қувва мебахшад, шодмон мекунад. Ба ин тасвир тоналности ин силсила (B-dur) низ мусоидат менамояд ва интихоби ин тоналност ҳам амали огаҳонаи композитор аст:

Мисоли 8.

Прелюдияи **g-moll (№22)** анъанаи импровизатсионии силсилабузургро идома додааст [3, с. 146]. Импровизатсия хоси мусиқии суннатии тоҷик аст:

Мисоли 9.

Фугаи силсилаи **g-moll (№22)** ҳаҷман калон нест [3, с. 149]. Сароҳанги фуга оҳанги дилнишин аст, ки дорои тобишҳои мусиқии тоҷикона мебошад, касро ба фикр фурӯ мебарад. Сароҳанг дар шакли гармонии минорӣ бо ороишоти зиёд пешниҳод гардидааст:



Мисоли 10.

Ҳамин тавр, композитор Фируз Баҳор хеле ҷасурона жанри бузурги полифониро талқин менамояд. дар ин жанри мураккаб по забони шевои тоҷикӣ сухан гуфта, онро ғановатманд гардонидааст.

АДАБИЁТ:

1. Азизи Ф.А. Маком и Фалак как явления профессионального традиционного музыкального творчества таджиков. – Душанбе: «Адиб», 2009. – 398 с.
2. Азизӣ Ф.А. Назарияи мусиқӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2021. – 304 с.
3. Баҳор Ф. Нақши паранд (24 прелюдия ва фуга) барои фортепиано. – Берлин: «Peermusic classic», 2013. – 163 с.
4. Васирук И.И. Художественно-содержательные особенности больших полифонических циклов XX века // Изв. Рос.гос. пед. ун-та им. А.И. Герцена, 2008. – Вып. 61. – С. 57 – 60.
5. Гейзер Э. Композитор – профессия замечательная! – Санкт-Петербург: Алетейя, 2012. – 128 с.
6. Ливанова Т. Музыкальная драматургия И. С. Баха и её исторические связи. Часть1: Симфонизм. – Москва: «Госмузиздат», 1948. – 230 с.
7. Мусоҳиба бо Ф. Баҳор 24.01.2016 // Убайдзода Б.А. Бойгонии шахсӣ.
8. Урватулло Т. Каломи манзум. – Душанбе: «Шарқи озод», 2016. – 456 с.
9. Фалак. Китоби дарсии амалӣ. Китоби 1. Мураттиб Саъдулло Каримов. – Душанбе, 2019. – 400 с.
10. Фирдавсӣ А. Шоҳнома. Дар 10 ҷилд. – Душанбе: «Адиб», 2007-2010.
11. Одинаев С. Таблакнавозӣ. Барн. таълимӣ. – Душанбе, 2017. – 10 с.

ИСТИФОДАИ ХУСУСИЯТИ МУСИҚИИ СУННАТИИ ТОҶИК ДАР СИЛСИЛАИ ПОЛИФОНИИ «24 ПРЕЛЮДИЯ ВА ФУГА» («НАҚШИ ПАРАНД»)-И ФИРӮЗ БАҲОР – ЗУҲУРОТИ МЕТОДИ НАВИ ТАЪЛИФ ДАР ФАННИ «ПОЛИФОНИЯ»

Фирӯз Баҳор дар мусиқии композитории тоҷик ягона композиторест, ки дар жанри бузургсилсилаи полифонии «24 прелюдия ва фуга» асар офаридааст. Дар ин мақола сухан танҳо дар бораи силсилаҳои хурде меравад, ки дар онҳо композитор ба мусиқии суннатии тоҷик такя кардааст. Чунин силсилаҳо дар бузургсилсила нуҳтоанд (№2, 4, 5, 8, 9, 10, 15, 21, 22). Дар онҳо ба оҳангҳои суннатӣ пайравӣ мекунад, баёни импровизатсиониро ҳам дар прелюдия (прелюдия (№2, 9, 22,) ва ҳам дар фуга (№9) истифода мебарад. Ба навъи баён (фактура)-и суннатӣ прелюдияҳои №4 ва №5, ки дар пайиҳамии порчаҳои озод ва зарбӣ, ҳамчун яке аз унсури шаклсозӣ дар мусиқии суннатии тоҷик корбарӣ мешаванд, тааллуқ доранд. Аз ҷиҳати лаҳнӣ-тоналӣ дар ин силсилаҳо лаҳнҳои табиӣ дар истифодаанд: прелюдия ва фугаи №4, прелюдияи №10 (лаҳни фригӣ), прелюдия ва фугаи №5 (лаҳни дорои секундаи афзуда, ки ба мусиқии минтақаи кӯҳистони тоҷик (Бадахшон, Кулоб) хос аст). сароҳанги фугаро дар вазни мутақориб, бо тақлид ба «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсии бузург (фуга №15) меофарад. Ин мушоҳидаҳо ба хулосае меоваранд, ки дар бузургсилсилаи «24 прелюдия ва фуга» композитор Фирӯз Баҳор услуби нави устодонаи корбариро дар робита бо мусиқии суннатии тоҷик бо ҷалби меъёрҳои оҳангӣ, баёнӣ-фактуравӣ, шаклсозӣ, лаҳнӣ ва зарбии он нишон медиҳад.

Калидвожаҳо: *прелюдия, фуга, бузургсилсилаи полифонӣ, шаҳд-равона, сароҳанг, мутақориби мусаммани мақсур, импровизатсия, қолабзарб, трихорд, тетрахорд.*

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ОСОБЕННОСТЕЙ ТРАДИЦИОННОЙ ТАДЖИКСКОЙ МУЗЫКИ В ПОЛИФОНИЧЕСКОМ ЦИКЛЕ «24 ПРЕЛЮДИИ И ФУГИ» («РИСУНКИ ПО ШЁЛКУ») ФИРУЗА БАХОРА – ПРОЯВЛЕНИЕ НОВОГО МЕТОДА СОЧИНЕНИЯ В ПРЕДМЕТЕ «ПОЛИФОНИЯ»

Фируз Бахор является единственным таджикским композитором, сочинившим произведение в жанре большого полифонического цикла «24 прелюдии и фуги». В данной статье речь идёт лишь о малых циклах, в которых композитор опирается на таджикскую традиционную музыку. Таких циклов всего 9 (№2, 4, 5, 8, 9, 10, 15, 21, 22). Он следует в них свойствам традиционных мелодий, использует импровизационность изложениях как в прелюдиях (№2, 9, 22), так и в фуге (№9). К типу традиционного изложения (фактуре) относятся прелюдии №4, 5, построенные на последовательности свободных и метроритмически оформленных фрагментах, приёме, характерном формообразованию в таджикской традиционной музыке. В ладо-тональном аспекте, композитор обращается к натуральным ладам: прелюдия и фуга №4, прелюдия №10 (фригийский лад), прелюдия и фуга №5 (лад с увеличенной секундой, лад, характернвй для музыки горных регионов (Бадахшан, Кулоб). Он

создаёт тему фуги в метре мутакориб, подражая «Шахнаме» великого Фирдавси (фуга №15). Эти наблюдения приводят к выводу о том, что в своем большом полифоническом цикле «24 прелюдии и фуги» композитор Фируз Бахор мастерски демонстрирует новый метод работы с таджикской традиционной музыкой, привлекая её мелодические, фактурные, формообразовательные, ладовые и ритмические особенности в процесс собственного произведения.

Ключевые слова: *прелюдия, фуга, большой полифонический цикл, шахд-равона, тема, мутакариби мусаммани максур, импровизация, ритмоформула, трихорд, тетрахорд.*

USE OF FEATURES OF TRADITIONAL TAJIK MUSIC IN THE POLYPHONIC CYCLE «24 PRELUDES AND FUGUES» («SILK PAINTINGS») BY FIRUZ BAHOR - A MANIFESTATION OF A NEW METHOD OF COMPOSITION IN THE SUBJECT OF "POLYPHONY"

Firuz Bahor is the only Tajik composer who has written a piece in the genre of the large polyphonic cycle “24 Preludes and Fugues”. This article only covers the small cycles in which the composer relies on Tajik traditional music. There are only 9 such cycles (No. 2, 4, 5, 8, 9, 10, 15, 21, 22). He follows the properties of traditional melodies in them, uses improvisational presentation both in the preludes (No. 2, 9, 22) and in the fugue (No. 9). Preludes No. 4 and 5 belong to the type of traditional presentation (texture), built on a sequence of free and metro-rhythmically designed fragments, a technique characteristic of form-building in Tajik traditional music. In the modal-tonal aspect, the composer turns to natural modes: prelude and fugue No. 4, prelude No. 10 (Phrygian mode), prelude and fugue No. 5 (mode with augmented second, mode, characteristic for the music of mountainous regions (Badakhshon, Kulob). He creates a fugue theme in the meter of mutaqorib, imitating the "Shahnameh" of the great Firdavsi (fugue No. 15). These observations lead to the conclusion that in his large polyphonic cycle "24 Preludes and Fugues" composer Firuz Bahor masterfully demonstrates a new method of working with Tajik traditional music, involving its melodic, textural, formative, modal and rhythmic features in the process of his own work.

Keywords: *prelude, fugue, large polyphonic cycle, shahd-ravona, theme, mutaqoribi musammani maqsur, improvisation, rhythmical formula, trichord, tetrachord.*

Маълумот дар бораи муаллифон: Азизӣ Фароғат Абдуқаххорзода – доктори илмҳои санъатшиносӣ, профессор (роҳбари илмӣ).

Убайдзода Бахтиёр Ахрорӣ – докторант (PhD)-и Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов.Суроға: шаҳри Душанбе, Ҳусейнзода 155 (консерватория) e-mail: farog48aziz@mail.ru тел.: +(992) 918700621e-mail: ahrorb93@mail.ru, телефон: +(992) 917406046.

Сведения об авторах: Азизи Фарогат Абдукаххорзода – доктор искусствоведения, профессор, (научный руководитель).

Убайдзода Бахтиёр Ахрори – докторант (PhD) Таджикской национальной консерватории имени Т. Сатторова. Адрес: г.Душанбе, Хусейнзода, 155 (консерватория) e-mail: farog48aziz@mail.ru тел.: +(992) 918700621e-mail: ahrorb93@mail.ru, телефон: +(992) 917406046.

Information about authors: Azizi Faroghat Abduqahhorzoda – Doctor of Arts, professor (scientific supervisor).

Ubaidzoda Bakhtiyor Ahrori – doctoral student (PhD) of the Tajik National conservatory named after T.SattorovAdress: Dushanbe, Khuseynzoda Str., 155 (coservatory) e-mail: farog48aziz@mail.ru Tel.: +(992) 918700621

e-mail: ahrorb93@mail.ru, tel.: +(992) 917406046.

20-СОЛАИ ОМӮЗИШ ВА РУШДИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ ДАР СОҲАИ ИЛМУ МАОРИФ
20-ЛЕТИЕ ИЗУЧЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ЕСТЕСТВЕННЫХ, ТОЧНЫХ И МАТЕМАТИЧЕСКИХ ДИСЦИПЛИН В СФЕРЕ НАУКИ И ОБРАЗОВАНИЯ
20 YEARS OF STUDY AND DEVELOPMENT OF NATURAL, EXACT AND MATHEMATICAL DISCIPLINES IN THE FIELD OF SCIENCE AND EDUCATION

ТДУ: 342.851

ТАЪСИРИ КОНСЕПСИЯИ ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР ИНКИШОФИ РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ИХТИСОСҲОИ РАВИЯИ ИҚТИСОДӢ

Сатторзода Б. А.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Мафҳуми «ҳукумати электронӣ» шакли ташкили фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатиро тавсиф мекунад, ки хусусияти фарқкунандаи он истифодаи технологияҳои мубодилаи электронӣ ва коркарди иттилоот дар бахши идоракунӣ мебошад. Истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ унсури зарурии идоракунии босамари сиёсӣ дар шароити рушди босуръати пешрафтҳои илмӣ дар ин самт буда, ба мо имкон медиҳад ба сатҳи сифатан нави ҳамкории ҳукумат ва ҷомеа гузарем ва идоракунии ҷараёни иттилоотро босамар назорат намоем. Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, № 643 тасдиқ шудааст.

Доир ба раванди таълим ворид кардани таҳсилоти фосилавӣ, ки он дар марҳилаҳои татбиқи Консепсия оварда шудааст, дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар мавриди истифода қарор дода шудааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки татбиқи ҳукумати электронӣ бе истифодаи васеи технологияи иттилоотӣ ғайриимкон аст. Ашуров М.Н. дар кори худ қайд менамояд, ки технологияҳои иттилоотӣ на танҳо дар бехтаргардонии низоми таълим, инчунин дар такмилдиҳии рушди корҳои илмӣ-тадқиқотии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми арзанда мегузорад ва имкониятҳои истифодабарандагонро васеъ мегардонад [1, С.-338].

Айни замон дар рушду пешрафти технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мавқеи аввалро чунин намуди хизматрасонӣ, ба мисли хизматрасонии идоракунии давлатӣ, ки он ташкили сохтори ҳукумати электрониро пешбинӣ менамояд, ишғол мекунад. Ин самти хизматрасонӣ бо алоқамандӣ дар таъмини васеи дастрасӣ ба шабакаҳои интернетӣ имконпазир гардида, барои ба вуҷуд омадани чунин навъи хизматрасонӣ чун хизматрасонии электронӣ (e-services) замина гузошт. И.С. Шамсов дар мақолаи хеш қайд менамояд, ки истифодаи хизматрасонии электронӣ аз солҳои 60-уми асри гузашта сарчашма мегирад. Аввалин маротиба ширкати амрикоии IBM ва American Airlines низоми автоматиеро таҳия намуданд, ки истифодаи он тартибу низоми нигаҳдории чиптаҳои ҳавопаймоии харидоришударо хеле сода намуд [10, С.-38]. Ин система имкони интихоби вариантҳои воқеии вобаста ба хатсайр ва нархномаҳои даркориро фароҳам овард. Истифодаи ин низоми автоматикӣ, инчунин ба паст шудани арзиши хизматрасонӣ мусоидат намуд [5, С.-58]. Айни замон бошад, ба таври устувор ва пайваста рушд ёфтани бозори ҷаҳонӣ вобаста ба хизматрасонии электронӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ мушоҳида мегардад.

Ҳукумати электронӣ яке аз падидаҳои дурахшони тамоили замони муосир - компютеркунонӣ ва ташкили ҷомеаи иттилоотиву тиҷорати электронӣ маҳсуб меёбад [2, С.-143]. Ба андешаи мо, консепсияи ҳукумати электронӣ содагардонии воқеии дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии сатҳи гуногуни давлати дар назар дошта мешавад. Имконияти сарфаи вақт аз ҳисоби мавҷуд набудани зарурати то дергоҳ дар навбат истодан ва сафкашӣ барои навбатпоӣ тартиби на он қадар мусоид барои фаъолияти идораҳову корхонаҳои давлативу хусусӣ буда, бешубҳа, бартарии истифодаи ҳукумати электрониро нишон дода, арзишу аҳамияти онро зиёд мекунад.

Дар шароити имрӯза, ки технологияҳои нав дар ҳама ҷабҳаҳои фаъолияти инсон, аз ҷумла дар раванди таълиму тарбия ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, самаранок истифода шуда, аз ҷониби муассисаҳо барномаҳои махсуси раванди таълим коркард шуда, истодааст. Бешубҳа ҳамаи ин баҳри баландбардории сатҳу сифати таълим кумаки калони худро мегузорад. Татбиқи технологияи иттилоотӣ дар такмилдиҳии ҳукумати электронӣ аҳамияти назариявию амалиро касб мекунад. Дар ин раванд фанни технологияи иттилоотӣ, ки асосҳои роҳу усули истифодаи компютерро меомӯзонад, дар сафи пеш ҷой

мегирад. Ба монанди дигар кишварҳо, Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо низ дар асоси талаботи нави иҷтимоию иқтисодӣ, ки ба қонунҳои бозоргонӣ такя менамояд, рушд ёфта истодааст. Дар ин самт омода намудани мутахассисони соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, аз ҷумла омодасозии иқтисоддонони муосир, яке аз вазифаҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба шумор меравад. Чӣ тавре, ки Раҳимов З.А. дар китоби худ қайд менамояд, «**ҳеҷ иқтисодчӣ иқтисодчии пурра шуда наметавонад, то асосҳои технологияи иттилоотиро аз худ накунад**».

Дар ҳақиқат, омода намудани хатмкунандагон ба фаъолияти мустақил дар шароити босуръат тағйирёбандаи ҳаёт вазифаи муҳимтарини муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба ҳисоб меравад, ки дар ин самт ташаккули омодасозии мутахассисони ояндаи иқтисодиёт ба истифодаи технологияи иттилоотӣ аҳамияти калон дорад. Истифодаи мақсадноки воситаҳои ТИ дар таълим, ташкили кори фаъолу мазмундори хонандагону донишҷӯён, баланд бардоштани самаранокии таълим, шавқовару аёнитар гардонидани дарсҳо, маҳсулноксозии фаъолияти омӯзгорону донишҷӯён дар дарс, ки ба баланд бардоштани сифати таълими фан мусоидат мекунад, имкониятҳои навро ба вуҷуд меорад. Дар истифода аз барномаҳои таълимии компютерӣ ҷиҳатҳои асосии объектҳои иқтисодӣ инъикоси худро меёбанд, назарияву фарзияҳо таҷассум шуда, ҳамзамон онҳо асбоби омӯзиш ҳисоб меёбанд [3, С.-66]. Воқеан, технологияи иттилоотӣ дар шароити имрӯза аз як чизи фавқулфаъол ба як техникаи рузгор мубаддал гаштааст, ки фаъолияти соҳаҳоро бе он тасаввур кардан ғайриимкон аст. Раҳмонзода З.Ф. дар кори худ қайд менамояд, ки «…сарфи назар аз мушкилоти ошкори рушди иқтисоди миллии мамлакат ва эҳтимолан аз ҳамин сабаб низ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварро зарур аст, ки аз ҳоло масъалаи сифати таълимро ҷиддан пайгирӣ кунанд» [7, С.-105]. Масъалаи татбиқи технологияҳои идоракунии сифат дар мактабҳои олӣ дар назди масъулини Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарияти худи ин муассисаҳои таҳсилотӣ саволҳоеро ба миён мегузорад, ки вақти зудгузар ҷавоби онҳоро бесаброна интизор аст. Масалан, амалигардонии технологияҳои идоракунии сифат бояд аз рӯйи кадом амсилаи умумитаълимӣ ба роҳ монда шавад? Оё метавон усули дар соҳаи саноат озмудашудаи идоракунии сифатро барои муайян кардани беҳтарин низоми ташкили таҳсилоти олӣ низ истифода бурд? Агар ин амал имконпазир бошад, пас усули мазкурро чӣ тавр бояд татбиқ кард? [4]. Дар ин ҷо мо нисбат ба мушкилот ва дурнамои татбиқи принсипҳои идоракунии куллии сифат дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон андешаҳои худро баён карданием, ки аз таҷрибаи рушди ширкатҳои пешрафтаи ҷаҳон ба мо маълум гаштаанд.

Омодасозии касбии мутахассисони соҳаи иқтисодӣ бо истифодаи технологияи иттилоотӣ дар фаъолияти педагогии худ, ки иқтидори онҳо дар таълим серпаҳлу зоҳир ёфта, як қатор имкониятҳои ба такомули ҷараёни таҳсилот мусоидкунандаро мекушояд, самти муҳимми иттилооткунонии ҷомеа мебошад. Чунончи, аксари омӯзгорон барои тайёр кардани ҳуҷҷатҳои таълимӣ аз технологияи иттилоотӣ васеъ истифода мебаранд, донишҷӯён бошанд, бо ёрии компютер вазифаи хонагиро иҷро менамоянд.

Тамоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар дар шароити имрӯза бо барномаҳои худ ин амалҳоро иҷро менамоянд, ки ин дар кори онҳо самараи хуб дода истодааст.

Низоми маълумоти педагогии оғози асри XXI аз он низоме, ки дар оғози даҳсолаи гузашта мавҷуд буд, фарқ мекунад. Аксари донишгоҳҳои омӯзгорӣ ҳанӯз ҳам ба омодасозии омӯзгорони фаннӣ, интиқолдиҳандаи асосҳои донишҳои илмӣ нигаронида шудаанд ва ҷустуҷӯҳои инноватсионӣ дар соҳаи мазмун ва технологияи таълим аз доираи низоми ташаккулёфтаи омодасозии педагогӣ берун намебарояд ва ба сӯйи ислоҳоти ҷиддӣ равона намешавад. Тағйироти зарурӣ дар нақшаҳо, барномаҳо, технологияҳои маълумоти педагогӣ бояд ба вуҷуд ояд ва ба талаботи воқеии низоми маълумоти умумӣ бо назардошти тамоили рушди он мувофиқат кунад. Чӣ тавре мушоҳида менамоем, солҳои охир як қатор олимон кӯшиданд, ки дарки нави мақсадҳои омодасозии кадрҳои педагогӣ ва мавқеи маълумоти ба шахсият нигаронидашударо пешниҳод намоянд [9]. Ташкили таълим бо истифодаи технологияи иттилоотӣ коркарди барномаҳои таълимиро дар назар дорад, ки мақсади онҳо на интиқоли донишҳо барои азёдкунӣ, балки ғанигардонии эҷодиёт бо таҷриба, ташаккули механизми худтакмилдиҳии шахсияти ҳар як донишҷӯ чун соҳибкасби оянда мебошад.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки маҳорати педагогии истифодаи технологияи иттилоотӣ дар фаъолияти касбии донишҷуён шакли амалишавии донишҳои назариявӣ дар ин соҳа мебошад.

Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми худ қайд намуданд, ки бояд ба масъалаҳои аз такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаронидани омӯзгорон, рушди таҳсилоти иловагӣ, тақвияти мақоми омӯзгор дар ҷомеа, ҷалби бештари хонандагону омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, рақамикунонии соҳаи маориф, омода кардани омӯзгорон ва таҷдиди назар кардани стандартҳои касбӣ барои омӯзгорон, нозирон ва такмили муносибати босалоҳият ба таълим эътибори аввалиндараҷа зоҳир гардад [5]. Албатта ҳангоми аз такмили ихтисос гузаронидани омӯзгорон барои боз ҳам беҳтар шудани сифати таълим, хусусан, омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ дар рушди фанҳои иқтисодӣ кумаки калон мерасонад.

Дар шароити имрӯза шаклҳои гуногуни тартиб ва усули истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ ва барномаҳои навин дар муассисаҳо ба роҳ монда шудааст. Дар асоси баъзе аз муаммоҳои мавҷуда мо амсилаи татбиқи ТИК-ро дар муассисаи таълимии касбӣ дар намуди зерин пешкаш менамоем [3]:



Расми 1. –Татбиқи ТИК дар муассисаи таълимии касбӣ.

Бо мақсади муайян намудани сатҳи ояндабинии донишҷӯён доир ба аҳолият ва истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотӣ дар касби интихобнамудаи онҳо назарпурсии педагогӣ дар гурӯҳҳои бахши сеюми ихтисоси 1-25010402 «кори бонкӣ» ва 1-25010408 «бозори фондӣ», 1-25010401 «молия» гузаронида шуд, ки он дар асоси пурсиш аз тарафи донишҷӯён муайян карда шуд. Натиҷаи назарпурсӣ дар ҷадвали якум ба таври васеъ оварда шудааст.

Ҷадвали 1. Натиҷаи назарпурсии гузаронидашуда.

Ихтисос	Курс	Гурух	Шумораи умумӣ	Иштироки воқеъй	ТИ истифода менамоянд	ТИ истифода наменамоянд
1-25010402 - кори бонкӣ	3	А	32	30	28	2
1-25010401 - молия	3	А	27	26	20	6
1-25010401 - молия	3	Б	23	23	23	-
1-25010401 - молия	3	В(рус)	13	13	13	-
1-25010409 – молия ва қарз дар фаъолияти гумрукӣ	3	А	22	22	22	-
1-25010402 - кори бонкӣ	3	Б (рус)	10	9	8	1
Умумӣ			127	123	114	9

Аз назарпурсиҳои гузаронидашуда, маълум гардид, ки бештари донишҷуён, яъне 92,6% дар фаъолияти минбаъдаи худ, технологияи иттилоотиро ҳамчун ҳалкунандаи мушкилот

мебинад, қисми боқимонда, яъне 7,4% усулҳои анъанавии ҳуҷҷатгузориро афзалият мешуморанд.

Албатта, яке аз масъалаи асосие, ки имрӯз дар назди ҷомеа истодааст, ин, пеш аз ҳама, омода намудани мутахассисиони ҷавобгӯй ба талаботи бозори меҳнат мебошад. Ҳамзамон, омодагии касбии иқтисодӣ метавонад омили асосии рушди иқтисодиёти мамлакат гардад.

Хуллас ҷаҳони имрӯзаи технологияҳои иттилоотӣ зарурату имконияти дар ҷараёни таълим ворид намудани равишҳои муносиби педагогиро фароҳам овардааст.



Расми 2. Бартариҳои ТИ дар омодакунии мутахассисон

Бозори меҳнат ва музди маоши мувофиқ-талаботи доимӣ ба мутахассисони соҳибихтисос дар бахши ТИ вуҷуд дорад. Рушди технологияҳои рақамӣ ба он оварда мерасонад, ки ширкатҳо фаъолона дар ҷустуҷӯи мутахассисоне ҳастанд, ки метавонанд бо мушкилоти муосир мубориза баранд. Ин барои хатмкунандагон дарҳоро мекушояд, ба онҳо имконоти васеи кор фароҳам меорад ва аксар вақт маоши баланд медиҳад.

Муҳити инноватсионӣ ва эҷодкорӣ-истифодаи ТИ муҳити беназирро барои эҷодкорӣ ва навоварӣ фароҳам меорад. Донишҷӯён дар лоиҳаҳое иштирок мекунанд, ки мушкилоти воқеиро ҳал намуда мебахшад технологияҳои инноватсионӣ таҳия намоянд. Ин муҳит эҷодкориро таҳрик медиҳад ва малакаҳои мураккаби ҳалли мушкилотро инкишоф медиҳад.

Имкониятҳои чандирӣ-муҳити ТИ бо чандирии худ ва қобилиятҳои кори дурдаст маълум аст. Омӯзиш дар ин самт мутахассисонро ба талаботи муосири бозори меҳнат омода мекунад, ки дар он ҷо қобилияти самаранок кор кардан дар дастаҳои дурдаст муҳим аст. Ин чандирӣ инчунин имкон медиҳад, ки тавозуни кор ва зиндагӣ беҳтар карда шавад.

Мунтазам нав кардани малакаҳо ва худтакмилдиҳӣ-ТИ як соҳаест, ки пайваста рушд мекунад ва мутахассисон бояд омода бошанд, ки малакаҳои худро пайваста такмил диҳанд. Таҳсилот дар соҳаи ТИ на танҳо технологияҳои мушаххасро таълим медиҳад, балки малакаҳои худомӯзиро низ инкишоф медиҳад.

Имкониятҳо барои соҳибкорӣ-бахши ТИ як заминаи беҳтарин барои рушди соҳибкорӣ мебошад. Омӯзиш дар ин соҳа на танҳо дар бораи ҷанбаҳои техникӣ, балки дар бораи равандҳои тиҷорат низ маълумот медиҳад. Ин имкон медиҳад, ки тиҷорати шахсии худро ташкил кунед, маҳсулоти худро таҳия кунед ва дар ҷомеаи оғозёбӣ иштирок кунед.

АДАБИЁТ:

1. Ашуров М. Н. Технологияи рақамӣ ва зарурияти он дар рушди корҳои илмӣ-тадқиқотӣ / М. Н. Ашуров // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. – No. 4-1(43). – P. 337-345.
2. Ашуров М. Н. Ҳукумати электронӣ ҳамчун консепсияи рушд ва фазои идоракунӣ / М. Н. Ашуров // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – No. 4(28). – P. 141-147.
3. Мусулмони А. Некоторые вопросы обучения информатике в подготовке специалиста сферы экономики [Текст] / А. Мусулмони, А.Э. Сатторов, Р.Дж. Давлатов // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава, Часть 2. Бохтар, 2018. - № 1/4(57). – С. 65-67
4. Мусулмони А. Результаты педагогического эксперимента по подготовке будущих экономистов с использованием компьютерных технологий [Текст] / А. Мусулмони // Вестник ИРО ТАО, 2021. - №3 (35). - С. 161-168.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 28.12.2023

6. Рахмонов М.Н. Предоставления государственных услуг на основе электронного правительства / М.Н. Рахмонов // Вестник национального университета Республики Таджикистан. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: Сино, 2016.- №2/7(213).- С. 57-62
7. Рахмонзода З. Ф. Применение автоматизированных систем управления образовательными учреждениями / З. Ф. Рахмонзода, Р. Д. Давлатов // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – № 3-6. – С. 315-319.
8. Рахмонзода З. Ф Забонҳои барномарезӣ / Ф. С. Комилиен, З. Ф. Рахмонзода, Р. Ҷ. Давлатов//. – Душанбе : Маориф, 2015. – 144 р.
9. Роберт И.В. Современные информационные технологии в образовании: дидактические проблемы; перспективы использования [Текст] / И.В. Роберт. – М.: ИИО РАО, 2010. – 140 с.
10. Шамсов И.С. Электронное правительство в процессе развития информационного общества/ И.С. Шамсов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2016.-№2/2(197).- С. 33-37

ТАЪСИРИ КОНСЕПСИЯИ ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР ИНКИШОФИ РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ИХТИСОСҲОИ РАВИЯИ ИҚТИСОДӢ

Мақола ба татбиқи консепсияи ҳукумати электронӣ дар раванди таълим бахшида шудааст. Қайд карда шудааст, ки барои амалӣ намудани муҳтавои консепсия технологияҳои иттилоотӣ нақши калон мебозанд, чунки тамоми корҳои дар ин самт ичрошаванда ба воситаи он амалӣ мегарданд. Хусусан, пас аз истиқлолият ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ табодули модели нав оғоз гардид, ки он ба баландбардории сифати таълим таъсир расонид. Қайд кардан ба маврид аст, ки технологияҳои нави иттилоотӣ дар раванди таълим самараи хуб доданд, чунки амалисозии зербанди 42.3-и консепсияи ҲЭ, бе истифодаи ТИ ғайриимкон аст. Аз ҷониби муаллиф пас аз назарпурсиҳои донишҷуён оид истифодаи усули навин дар фаъолияти корӣ татбиқи ТИК дар муассисаи таълимии касбӣ ва бартариҳои ТИ дар омодакунии мутахассисон муайян карда шуда, роҳҳои самаранокии он пешниҳод гардидаанд.

Калидвожаҳо: *Ҳукумати электронӣ, технологияи иттилоотиву коммуникатсионӣ, мутахассис, омодакунӣ, донишгоҳ, бартарӣ, назарпурсӣ, усул, идоракунӣ*

ВЛИЯНИЕ КОНЦЕПЦИИ ЭЛЕКТРОННОГО ПРАВИТЕЛЬСТВА НА РАЗВИТИЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОГО ПРОЦЕССА ЭКОНОМИЧЕСКИХ НАПРАВЛЕНИЙ

Статья посвящена реализации концепции электронного правительства в образовательном процессе. Отмечено, что информационные технологии играют важную роль в реализации содержания концепции, поскольку через них осуществляется вся работа в этой области. Особенно после обретения независимости Республики Таджикистан в высших учебных заведениях начался обмен новой моделью, что отразилось на повышении качества образования. Стоит отметить, что новые информационные технологии дали хороший эффект в образовательном процессе, ведь реализация подраздела 42.3 концепции образования невозможна без использования информационных технологий. Автор, опросив студентов по вопросам использования новых методов в работе, определил применение ИКТ в профессиональном образовательном учреждении и преимущества ИТ при подготовке специалистов, а также предложил пути ее эффективности.

Ключевые слова: *Электронное правительство, информационно-коммуникационные технологии, специалист, подготовка, вуз, преимущество, опрос, методы, управление.*

INFLUENCE OF THE CONCEPT OF ELECTRONIC GOVERNMENT ON THE DEVELOPMENT OF THE EDUCATIONAL PROCESS

The article is devoted to the implementation of the concept of e-government in the educational process. It is noted that information technologies play an important role in the implementation of the content of the concept, since all work in this area is carried out through them. Especially after the independence of the Republic of Tajikistan, the exchange of a new model began in higher educational institutions, which was reflected in improving the quality of education. It is worth noting that new information technologies have had a good effect in the educational process, because the implementation of subsection 42.3 of the education concept is impossible without the use of information technologies. The author, having surveyed students on the use of new methods in their work, determined the use of ICT in a professional educational institution and the advantages of IT in training specialists, and also suggested ways of its effectiveness.

Key words: *Electronic government, information and communication technologies, specialist, training, university, advantage, survey, methods, management.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор-н.и.п., дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: (+992) 985-08-96-86.*

Сведения об авторе: *Сатторзода Бободжон Абдуджаббор-к.п.н., доцент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: (+992) 985-08-96-86*

Information about the authors: *Sattorzoda Bobodzhon Abdujabbor-Candidate of Pedagogy, Associate Professor of the Department of Economics, Financial and Anti-Corruption Law Tajik State Financial and Economic University*

МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ЭКОНОМЕТРИКА БАРОИ ТАХАССУСҲОИ ИҚТИСОДИИ МУАССИСАҲОИ ОЛӢ

Садонов А. Ғ.

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Дар системаи таълими иқтисодӣ дар марҳилаи ҳозира усули омории таҳлил ва пешгӯйии инкишофи ҳодисаҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ, системаҳо ва зерсистемаҳо мавқеи калон доранд. Ташаккули сифатии салоҳияти касбии иқтисодчиён бидуни азхуд кардани усули асосии эконометрика ва таҳлили бисёрченакаи массивҳои маълумоти оморӣ ғайриимкон аст. Зиёда аз 20 сол аст, ки эконометрика ба барномаҳои таълимии бисёр ихтисосҳои иқтисодӣ ва соҳаҳои гуногуни тайёрии бакалаврӣ дар соҳаи иқтисодиёт дохил карда шудааст.

Дар ин мақола таҷрибаи таълими фанҳои иқтисодӣ дар факултети иқтисод ҷамъбаст гардида, дар асоси он барои ташкили беҳтарини таълими фанни эконометрика тавсияҳо дода шудаанд.

Эконометрика фанест, ки барои донишҷӯён дар як вақт ҳам муҳим ва ҳам душвор мебошад. Таҷрибаи хуби эконометрикӣ муҳим аст, зеро фарҳанги илмии маълумот барои иқтисодчии муваффақ шудан кӯмак менамояд. Хусусан дар омӯзиши иқтисодиёти рақамии имрӯза, ки дар он маҷмуи маълумот аз ҷиҳати ҳаҷм ва тафсилот бо суръат меафзояд, дониши эконометрикӣ муҳим мебошад.

Яке аз ҳадафҳои раванди таълим ташаккул додани фаҳмиши илмии донишҷӯён дар бораи моделсозии эконометрикӣ ва истифодаи амалии он дар таҳлили иқтисодӣ мебошад. Донишҷӯён бояд дар доира ба баъзе воситаҳои риёзӣ барои коркарди омории маълумоти эмпирикӣ малака дошта бошанд. Вобаста ба ин, зарурати таълими босифати донишҷӯёни риштаи иқтисодӣ аз рӯйи фанҳои назарияи эҳтимолият, омори математикӣ ва эконометрика ба миён меояд.

Фаҳмиши эконометрика барои он зарур аст, ки ҳисобҳо дар бастаи эконометрикӣ ба “қуттии сиёҳ” табдил наёбанд. Муҳаққиқоне, ки дар соҳаи иқтисод фаъолият менамоянд ҳудуди дурустии хулосаҳои аз моделсозии эконометрикӣ ба даст омадаро бояд хуб дарк намоянд [14, 68] .

Дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ин фанҳо дар кафедраи иқтисоди рақамӣ ва логистика тадрис мешаванд. Кормандони кафедра таҷрибаи ғании омӯзгорӣ ҷамъ овардаанд, ки бештари онҳо дар маҷмуаҳои таълимию методии аз ҷониби омӯзгорон таҳия ва дар муҳити электронии таълимӣ дар вебсайти донишгоҳ ҷойгиршуда инъикос ёфтаанд.

Дар курси бакалаврии эконометрикаи факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон усули компромисс (созиш) истифода мешавад. Тавре ки таҷрибаи таълими курси муқаддимавии эконометрика нишон медиҳад, чунин мантиқ, аз як тараф, ба донишҷӯёни сатҳҳои гуногуни омодагии ибтидоӣ барои азхуд кардани ғояҳои асосии эконометрика кумак карда, аз тарафи дигар, дарки робитаи байни назария ва татбиқи амалиро осон менамояд. Дар таълими эконометрика аввал аз бахшҳои анъанавӣ оғоз карда мешавад. Минбаъд регрессияи ҷуфт ва маҷмуӣ муҳокима карда мешавад, ки бо истифода аз усули квадратҳои хурдтарин ҳисоб карда мешавад. Дар бораи ҷанбаҳои гуногуни он: мултиколлинеарнокӣ, тағирёбандаҳои дараҷаи дуюм, моделҳои ғайрихаттӣ сухан ронда мешавад. Сипас, ба гетероскедастикӣ, модели регрессории стохастикӣ, муносибати асимптотикӣ дар эконометрика гузашта мешавад. Сарчашмаҳои умумии эндогенӣ муҳокима карда мешаванд. Ҳангоми интихоби пайдарҳамӣ ва суръати пешниҳоди мавзуъҳои муқаддимавӣ таҷрибаи донишҷӯён ба назар гирифта мешавад. Барои бомуваффақият аз худ кардани курси эконометрика ба донишҷӯён дониши амиқ дар соҳаи таҳлили математикӣ, алгебраи хаттӣ, назарияи эҳтимолият ва омори математикӣ, дониши микроиқтисодӣ, макроиқтисодӣ ва забони англисӣ дода мешавад. Донишҷӯён ба ин фанҳо ҳар қадар омода бошанд, мавзуъҳои соли якум ҳамон қадар тезтар ва мушаххастар (аз нуқтаи назари далелҳои расмӣ) пешниҳод карда мешаванд. Мавзуъҳо дар бораи маълумотҳои панелӣ ва намунаҳои гуногуни дискретӣ фасли якуми эконометрикаро пурра мекунанд.

Курси эконометрика бо омӯзиши қаторҳо вақтӣ идома меёбад, ки дар он қаторҳои статсионарӣ ва ғайристатсионарӣ, моделҳои ислоҳи хатоҳои авторегрессивӣ ва векториро дар

бар мегирад. Ба мухокимаи проблемаи регрессияи бардурӯғ дар заминаи қаторҳои вақтӣ ва роҳҳои ҳалли он диққати махсус дода мешавад.

Шакли ҷолиб ва хеле муфиди гузаронидани дарси амалӣ бозии корӣ мебошад. Он одатан дар аввали семестр гузаронида мешавад ва ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки бо мавзуи моделсозии эконометрикӣ нисбатан зуд шинос шаванд. Бозӣ ҳам дар байни тамоми гурӯҳи таълимӣ ва ҳам бо роҳи тақсим кардани он ба зергурӯҳҳои алоҳида бо супоришҳои ҷудогона амалӣ мегардад. Ин усули татбиқ ба ташаккули ҷузъи муҳими салоҳияти касбӣ дар донишҷӯён - омодагӣ ба фаъолияти касбии коллективӣ мусоидат мекунад [4, 79] .

Дар ҳолате, ки иштирокчиён барои пешниҳоди ҳар гуна ғоя, муҳокимаи эҷодӣ ва конструктивии масъалаҳо даъват карда мешаванд, истифодаи принсипи «ҳуҷуми зеҳнӣ» муҳим мебошад. Саволҳо ҳам аз тарафи муаллим ва ҳам аз ҷониби донишҷӯён пешниҳод карда мешаванд. Дар натиҷаи ин амал омилҳои асоснокшуда интихоб мегарданд.

Роҳи дигари баланд бардоштани иштироки фаъоли донишҷӯён дар дарсҳои амалӣ ин истифодаи дастур оид ба ҳалли масъалаҳо ва китоби корӣ мебошад. Онҳо алгоритмҳои ҳалли масъалаҳоеро дар бар мегиранд, ки донишҷӯён ҳангоми омӯзиши мавзуи мувофиқ ва вариантҳои вазифаи хонагӣ ба назар гиранд. Бояд қайд кард, ки дарсҳо дар лабораторияи компютерӣ бо истифода аз барномаи MS Excel гузаронида мешаванд, ки доираи васеи вазифаҳо ва тартиби ҳалли масъалаҳои эконометрикиро дорад. Истифодаи бастаҳои нармафзори дигар низ салоҳияти донишҷӯёнро баланд мебардорад, агар ин нармафзорҳо дар компютерҳо насб карда шуда бошанд. Илова бар ин, донишҷӯён имкони истифода аз онҳоро ҳангоми кор кардан надоранд, зеро на ҳама имкони насб кардани чунин барномаҳоро дар компютерҳои хонагии худ доранд.

Ҳадафҳои асосии барномаи таълими эконометрика дар ихтисосҳои иқтисодӣ инҳоянд:

- ҳавасманд намудани донишҷӯён ба кори мунтазам дар давоми семестр;
- кам кардани таъсири омилҳои тасодуфӣ ҳангоми супоридани имтиҳонҳо ва санҷишҳо;
- баланд бардоштани рақобат дар соҳаи маориф;
- аз байн бурдани имкони ҳифзи донишҷӯёне, ки на он қадар қобил ва на чандон саъю талош доранд;
- таҳияи меъёрҳои объективии муайян намудани довталабон барои идомаи таҳсилот (магистратура, аспирантура);
- баланд бардоштани ҳавасмандии донишҷӯён барои аз худ намудани барномаҳои таълимии касбӣ дар асоси тафриқаи олӣ дар арзёбии натиҷаҳои кори таълимӣ;
- таъмини иштироки онҳо дар равандҳои Болония ва Копенгаген бо мақсади баланд бардоштани қобилияти таълимии донишҷӯён ва рақобатпазирии хатмкунандагони онҳо [10, 131] .

Системаи баҳодиҳии дониши донишҷӯён ҷузъи муҳимми идоракунӣ ва танзими раванди таълим дар донишгоҳ мебошад, ки он қисмҳои зерини таълимро таъмин менамояд:

1. шаффофият, тартиб, дурустии мантиқӣ ва ҳамгироии амудии фаъолият оид ба мудирияти раванди таълим;
2. Давомнокӣ ва муттасилӣ дар баҳодиҳии малакаҳои андӯхтаи донишҷӯён, сифати кори мустақилонаи онҳо, инчунин ҷузъи интизомии ҷараёни таълим;
3. рушди ҷанбаи системавӣ дар кори мустақилона ва синфӣ аз донишҷӯён;
4. тафриқаи баҳодиҳии натиҷаҳои кори таълимӣ
5. имкони танзими раванди таълим;
6. Ҷалби донишгоҳ дар раванди Болония дар асоси Эъломияи Болонияи соли 1999, ки дар Минтақаи таҳсилоти олии аврупоӣ ба имзо расидааст, ки изҳороти стратегияи ислоҳоти таҳсилоти олии аврупоиро дар бар мегирад.

Қисми аввали омӯзиши эконометрика бо модели хаттии классикӣ оғоз мегардад. Ии роҳ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки тадриҷан аз ғояҳои омори анъанавии математикӣ ба барномаҳои мураккабтари эконометрикӣ гузаранд.

Қисми дуюм интихоби пайдарпаии пешниҳоди мавзуъҳоро дар курси муқаддимавии эконометрика баррасӣ мекунад. Бахши сеюм ба шаклҳои гуногуни назорат дар доираи ин курс тамаркуз мекунад. Чаҳорум, дарсҳои муфид берун аз курси стандартии эконометрикиро, ки донишҷӯёнро ба истифодаи усули бештар ва беҳтари таҷрибавӣ ташвиқ мекунад, дар бар мегирад. Муҳокимаи намудҳои маълумот - намунаи фазоӣ, қаторҳои вақтӣ, маълумот панелӣ, маълумоти таҷрибавӣ ва аномалӣ (мушоҳидашуда) қисми муҳимми таълими таҳлили эконометрикӣ мебошанд. Дар робита ба тадқиқоти эконометрикӣ мисолҳои дахлдор оварда шуда, усул асосии муайян кардани робитаҳои сабабу натиҷа баррасӣ мешаванд.

Дар раванди таълими курси эконометирика интихоби пайдарпаии мавзуъҳо хело муҳим мебошад, ки муносибати зеринро дар бар мегиранд:

•Истифодаи модели регрессори детерминистӣ ё стохастикӣ;

•ба таври муфассал дида баромадани хусусияти апрсоксиматсионии интихоби ниҳоӣ ё диққат додан ба хусусиятҳои асимптотикӣ;

•аҳамият додан ба ҳолати хатогии тасодуфии гомоскедатикӣ ё ба ҳолати хатои гетероскедатикӣ.

Чуноне, ки дар боло қайд карда будем пайдарпайии интихоби мавзуъҳои эконометирка хеле муҳим мебошад, ки дар он зинаи аввал интихоби модели хаттӣ дар таҳқиқоти иқтисодӣ ва аз худкунии қисмҳои дигири эконометрика нақши муҳим дорад. пайдарпайии истифодабарии эконометрикаро дар таҳқиқоти иқтисодӣ бо мисоли зерин нишон медиҳем ва зарурияту мафҳуми иқтисодии ҳар як бандро шарҳ медиҳем.

Масъала: Дар ҷадвали зерин маълумот оиди сармоя ва истеҳсоли маҳсулоти 10 корхона, ки маҳсулоти якхела истеҳсол мекунанд оварда шудааст.

Ҷадвали 1

Корхонаҳо	1	2	3	4	5	6	7	8	9	10
Истеҳсоли маҳсулот (млн. сомонӣ) *y*	7	8	9	11	10	11	12	10	10	12
Сармоя (млн. сомонӣ) *x*	4	5	6	8	6	7	8	5	5	6

Дар асоси маълумоти ҷадвали 1 баҳри осон намудани таҳлили эконометрикӣ (ҳалли мисол), ҷадвали 2-ро тартиб медиҳем.

Ҷадвали 2

Омилҳо Корхонаҳо	y	x	x'y	x2	y2	$\hat{y}_x$	$(x_i-\bar{x})^2$	$(y_i-\bar{y})^2$	$(y_i-y_x)^2$	$\lvert y_i-y_x\rvert$	$\lvert y_i-y_x\rvert/y_i$
1	7	4	28	16	49	8,2	3,9	9	1,3	1,2	0,2
2	8	5	40	25	64	9,1	1,0	4	1,1	1,1	0,1
3	9	6	54	36	81	10,0	0,0	1	1,0	1,0	0,1
4	11	8	88	64	121	11,9	4,0	1	0,8	0,9	0,1
5	10	6	60	36	100	10,0	0,0	0	0,0	0,0	0,0
6	11	7	77	49	121	10,9	1,0	1	0,0	0,1	0,0
7	12	8	96	64	144	11,9	4,0	4	0,0	0,1	0,0
8	10	5	50	25	100	9,1	1,0	0	0,9	0,9	0,1
9	10	5	50	25	100	9,1	1,0	0	0,9	0,9	0,1
10	12	6	72	36	144	10,0	0,0	4	4,0	2,0	0,2
Сумма	100	60	615	376	1024	100	16	24	10	8,2	0,9
Қимати миёна	10,0	6,0	61,5	37,6	102,4	10	1,6	2,4	1	0,8	0,1

Мувофиқи шарти масъала таҳлили пурраи эконометрикии ҳалли масъаларо мегузаронем.

Ҳал:

1). Тасвири график дар майдони коррелятсионӣ



2) Коэффитсиенти коррелятсия.

$$r_{xy} = \frac{\overline{xy} - \bar{x} \cdot \bar{y}}{\sqrt{\overline{x^2} - (\bar{x})^2} \cdot \sqrt{\overline{y^2} - (\bar{y})^2}} = \frac{61{,}5 - 6 \cdot 10}{\sqrt{37{,}6 - 6^2} \cdot \sqrt{102{,}4 - 10^2}} =$$

$$= \frac{61{,}5 - 60}{\sqrt{37{,}6 - 36} \cdot \sqrt{102{,}4 - 100}} = \frac{1{,}5}{\sqrt{1{,}6} \cdot 2{,}4} = \frac{1{,}5}{\sqrt{3{,}84}} = \frac{1{,}5}{1{,}96} = 0{,}8$$

3) Хатои стандартии коэффитсиенти коррелятсия.

$$m(r_{xy}) = \sqrt{\left|\frac{1 - r_{xy}^2}{n-2}\right|} = \sqrt{\left|\frac{1 - 0{,}8^2}{10-2}\right|} = \sqrt{\left|\frac{1 - 0{,}64}{8}\right|} = \sqrt{\left|\frac{0{,}36}{8}\right|} = \sqrt{|0{,}045|} = 0{,}21$$

4) Қиматнокии омории коэффитсиенти коррелятсия.

$$t(r_{xy}) = \frac{r_{xy}}{m(r_{xy})} = \frac{0{,}8}{0{,}21} = 3{,}6$$

Агар $t_{асли} > t_{чадвали}$ бошад, онгоҳ коэффитсиенти коррелятсия қимматнок мебошад, яъне алоқамдии тағйирёбандаҳои *x* ва *y* зич мебошад.

$$t_{асли} = 3{,}6\,,\ t_{чадвали} = 2{,}31$$

$$t_{асли} > t_{чадвали}$$

5) Параметрҳои муодилаи регрессияи хаттии ҷуфтро $y_x = a + bx$ *-ро муайян менамоем.*

$$b = \frac{\overline{xy} - \bar{x} \cdot \bar{y}}{\overline{x^2} - (\bar{x})^2} = \frac{61{,}5 - 6 \cdot 10}{37{,}6 - 6^2} = \frac{61{,}5 - 60}{37{,}6 - 36} = \frac{1{,}5}{1{,}6} = 0{,}94$$

$$a = \bar{y} - b \cdot \bar{x} = 10 - 0{,}94 \cdot 6 = 10 - 5{,}6 = 4{,}4$$

$$y_x = 4{,}4 + 0{,}94 \cdot x$$

Ҳангоми ба 1% зиёд намудани сармоя (*x*), истеҳсоли маҳсулот (*y*) ба 0,94 воҳид зиёд мешавад.

6) *Хатогии стандартии параметрҳои муодилаи регрессияи хаттии ҷуфт.*

$$m(a) = \sqrt{\frac{\sum (y_i - y_{xi})^2 \cdot \sum x^2}{(n-2) \cdot n \sum (x_i - \bar{x})^2}} = \sqrt{\frac{9{,}9 \cdot 376}{(10-2) \cdot 10 \cdot 16}} = \sqrt{\frac{3737}{1280}} = \sqrt{2{,}92} = 1{,}73$$

$$m(b) = \sqrt{\frac{\sum (y_i - y_x)^2}{(n-2) \cdot \sum (x_i - \bar{x})^2}} = \sqrt{\frac{9{,}9}{(10-2) \cdot 16}} = \sqrt{\frac{9{,}9}{128}} = \sqrt{= 0{,}08} = 0{,}28$$

7) Қиматнокии омории параметрҳои муодилаи регрессияи хаттии ҷуфт.

t – меъёри (критерияи) Стьюдент.

$$t(a) = \frac{|a|}{m(a)} = \frac{4{,}4}{1{,}71} = 2{,}53\,,\ t(b) = \frac{|b|}{m(b)} = \frac{0{,}94}{0{,}28} = 3{,}34$$

$t_{чад} = t_{1-\alpha;n-k-1}$, $t_{чад} = t_{0{,}95;8} = 2{,}31$

Қимати аслии *t* -критерияи Стьюденро бо қимати ҷадвалиаш муқоиса менамоем.

$t(a) > t_{чадвали}$, $2{,}53 > 2{,}31$;

$t(b) > t_{чадвали}$, $3{,}34 > 2{,}31$

Параметрҳои муодилаи регрессияи хаттии ҷуфт *a* ва *b* қимматнок мебошанд.

8) *Фосилаи (интервали) бовариноки (пешгӯикунии фосилавӣ) параметрҳои муодилаи регрессияи хаттии ҷуфт.*

$$a - t_{чад} m(a) \le a \le a + t_{чад} m(a) \qquad b - t_{чад} m(b) \le b \le b + t_{чад} m(b)$$

$$4{,}4 - 2{,}31 \cdot 1{,}73 \le a \le 4{,}4 + 2{,}31 \cdot 1{,}73 \qquad 0{,}94 - 2{,}31 \cdot 0{,}28 \le b \le 0{,}94 + 2{,}31 \cdot 0{,}28$$

$$0{,}4 \le a \le 8{,}4 \qquad 0{,}29 \le b \le 1{,}59$$

9) Коэффитсиенти миёнаи чандирии муодилаи регрессияи хаттии ҷуфт.

Коэффитсенти миёнаи чандирии модели регрессияи хаттии ҷуфтро ҳисоб менамоем.

$$\overline{Э} = b \cdot \frac{\bar{x}}{\bar{y}} = \frac{0{,}94 \cdot 6}{10} = \frac{5{,}6}{10} = 0{,}6\%;$$

Ҳангоми дар маҷмуъ ба 1 % тағйир додани кувваи корӣ, маҷмуи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ба 0,6% тағйир меёбад.

10) *Коэффитсиенти детерминатсия.*

Сифати модели регрессияи хаттии ҷуфтро тавассути коэффитсенти детерминатсия R^2 муайян менамоем.

$$R^2 = 1 - \frac{\sum_{i=1}^{n}(y_i - y_{xi})^2}{\sum_{i=1}^{n}(y_i - \bar{y})^2} = 1 - \frac{10}{24} = 1 - 0{,}42 = 0{,}6$$

11) *Қиматнокии омории коэффитсиенти детерминатсия.*

$$F_{хис} = \frac{R^2}{1-R^2} \cdot \frac{n-m-1}{m} = \frac{R^2(n-m-1)}{(1-R^2)m} = \frac{0{,}6 \cdot (10-1-1)}{(1-0{,}6)\cdot 1} = \frac{4{,}8}{0{,}4} = 12$$

Қимати аслии F -критерияи Фишерро бо қимати ҷадвалиаш муқоиса менамоем.

$F_{хис} > F_{чадвали}$, $24 > 5{,}32$

Ҳангми $F_{хис} > F_{чадвали}$ будан коэффитсиенти детерминатсия қиматнок буда, муодилаи регрессия сифатнок ҳисобида мешавад.

12) Хатогии стандартии муодилаи (модели) регрессияи хатти ҷуфт.

$$\overline{A} = \frac{1}{n}\sum_{i=1}^{n}\frac{|y_i - y_{xi}|}{y_i} \cdot 100\% = \frac{1}{10} \cdot 0{,}9 \cdot 100\% = 0{,}09 * 100\% = 9\%$$

Нисбат ба сифати модели регрессия ба чунин хулоса омадан мумкин аст: агар қимати хатои миёнаи аппроксиматсионии модел $\overline{A}$ то 10-12% бошад, онгоҳ сифати модел хуб аст.

13) Пешгӯйии нуқтавӣ барои қимати $x = x_{\max}$ *аз рӯйи муодилаи регрессияи хатти ҷуфт* $y_p = a + bx_{\max}$.

Дар мисоли овардашуда қимати максималии тағйирёбандаи новобаста $x = 8$ мебошад. Бинобар ин пешгӯйии нуқтавӣ y_p чунин ҳисоб карда мешавад.

$$y_p = a + bx_{\max} = 4{,}4 + 0{,}94 \cdot 8 = 4{,}4 + 7{,}52 = 11{,}92$$

14) Хатогии стандартии тағйирёбандаи вобаста (y_p *).*

$$m(y_p) = \frac{\sum_{i=1}^{n}(y_i - y_x)^2}{n-k-1} \cdot \sqrt{1 + \frac{1}{n} + \frac{(x_{\max} - \bar{x})^2}{\sum_{i=1}^{n}(x_i - \bar{x})^2}} = \frac{10}{10-1-1} \cdot \sqrt{1 + \frac{1}{10} + \frac{(8-6)^2}{16}} =$$

$$= 1{,}25 \cdot \sqrt{1{,}35} = 1{,}25 \cdot 1{,}16 = 1{,}45$$

15) Пешгӯйии фосилавии боваринокии тағйирёбандаи вобастаи (y_p *).*

$$y_p - t_{чад} m(y_p) \le y_p \le y_p + t_{чад} m(y_p)$$

$$11{,}92 - 2{,}31 \cdot 1{,}45 \le y_p \le 11{,}92 - 2{,}31 \cdot 1{,}45$$

$$8{,}6 \le y_p \le 15{,}3$$

Истифодаи шакл ва методҳои дар боло пешниҳод гардида, тавассути мисоли мушаххас ҷамъбастшудаи таҳқиқоти мазкур, пешниҳоди ин усул дар пешбурди таълими фанни эконометрика самараи дилхоҳ хоҳад дод.

АДАБИЁТ:

1. Айвазян С.А., Евнюков И.С., Мешалкин Л.Д. Прикладная статистика.
Исследование взаимосвязей. - М.: Финансы и статистика, 1985.
2. Джонстон Дж. Эконометрические методы. Пер. с англ. - М.: Статистика, 1980.
3. Ефимова М.Р., Петрова Е.В., Румянцева В.Н. Общая теория статистики: Учебник. - М.: ИНФРА - М., 1996.
4. Каримов Г.Ю., Аминов И.А., Усмонов Х.Я. Эконометрика: Душанбе: «Ирфон», 2011, 280 с.
5. Катышев П.К., Пересецкий А.А. Сборник задач к начальному курсу эконометрики. – М.: Дело, 1999.
6. Колемаев В.А., Калинина В.Н. Теория вероятностей и математическая статистика: Учебник. - М.: ИНФРА - М., 1996.
7. Магнус Я.Р., Катышев П.К., Пересецкий А.А. Эконометрика. Начальный курс. - М.: Дело, 1997.
8. Мхитарян В.С., Архипова М.Ю., Сиротин В.П. Эконометрика: Учебно-методический комплекс.–М.: Изд. центр ЕАОИ. 2008. – 144 с.
9. Нугмонов М., Курбонмуратов М. Содержание методической подготовки учителя математики в педвузе для работы в СПТУ // Проблемы методической подготовки учителя математики в педвузе: Сб.науч.тр. – Душанбе ДГПУ, 1995. С. 45 – 54.
10. Нугмонов М. Теоретико – методологические основы системы методической подготовки учителя математики в педвузе: Монография. – М.: Прометей, 1999. – 237.
11. Нугмонов М. Теоретико – методологические основы методики обучения математике как науки: Монография (переработанное и дополненное). – Душанбе: «Ирфон», 2011,-290с.
12. Практикум по эконометрике. Под ред. И.И.Елисеевой. – М.: Финансы и статистика, 2005.
13. Саторов А.С. Основы эконометрики: Душанбе: «ЭР-граф», 2015, 624с.
14. Фестер Э., Ренц Б. Методы корреляционного и регрессионного анализа: руководство для экономистов. - М.: Финансы и статистика, 1983.
15. Эконометрика: Учебник /Под ред. И.И. Елисеевой. - М.: Финансы и статистика, 2002. -480 с.
16. Эконометрика: Учебник./ Под ред. И.И. Елисеевой. – 2-е изд.– М.: Финансы и статистика, 2005. – 276 с.

МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ЭКОНОМЕТРИКА БАРОИ ТАХАССУСҲОИ ИҚТИСОДИИ МУАССИСАҲОИ ОЛӢ

Дар ин мақола ҷамъбасти таҷрибаи таълими фанҳои иқтисодӣ дар тахассусҳои иқтисодии муассисаҳои олӣ оварда шуда, дар асоси он тавсияҳо оид ба ташкили оптималии таълими эконометрика таҳия гардидаанд.

Дар марҳилаи кунунӣ системаи таълими иқтисодӣ ба усули омории таҳлил ва пешгӯии рушди падидаҳои гуногуни иҷтимоиву иқтисодӣ, системаҳо ва зерсистемаҳо нақши муҳимро иҷро менамояд. Дар мақола ташаккули сифатии салоҳияти касбии иқтисодчиён тавассути азхуд кардани усули асосии эконометрика ва таҳлили бисёрҷабҳаи маҷмуи маълумоти оморӣ пешкаш гардидаст. Эконометрика ба барномаҳои таълимии бисёр ихтисосҳои иқтисодӣ ва соҳаҳои гуногуни тайёркунии бакалаврҳо дар соҳаи иқтисод дохил гардидааст ва зарурати пешбурди босамари таълими он ба миён меояд.

Мо шакли ҷолиб ва муфиди гузаронидани дарси амалӣ – бозии тиҷорӣ пешниҳод менамоем, ки. он нисбатан, зуд дохилшавии донишҷӯёнро ба моделсозии эконометрикӣ имкон медиҳад. Шакли дигари баланд бардоштани фаъолияти донишҷӯён истифодаи "Роҳнамо барои ҳалли масъалаҳо" ва "Дафтарчаи меҳнатӣ" низ дар мақола таваҷҷуи хосса зоҳир гардидааст. Истифодаи барномаҳои компютерӣ ва лифофаҳои барномавӣ дар таълими эконометрика низ дар мақола оварда шуда, бартариҳо ва норасоиҳо қайд гардидаанд. Ғайр аз ин, дар мақола шароити таъмин будани муассисаҳо бо васоити таълимӣ ва воситаҳои техникии таълим, яъне компютерҳои баландсуръати муосир, ки дар таълими фанни эконометирка нақши муҳим доранд, мавриди барасӣ қарор гирифтааст. Пайдарпайии интихоби мавзуъҳо ва тарзи дурусти ба роҳ мондани таълими фанни эконометрика дар курсҳои бакалаври мактабҳои олии мамлакат пешниҳод гардидааст.

Калидвожаҳо: *методика, пайдарпайӣ, таҳлил, салоҳиятнокӣ, бозии тиҷорӣ, дафтарчаи меҳнатӣ, раҳнамо, барномаи компютерӣ, моделсозӣ, регрессияи ҷуфт.*

МЕТОДИКА ПРЕПОДОВАНИЯ ЭКОНОМЕТРИКИ ДЛЯ ЭКОНОМИЧЕСКИХ СПЕЦИАЛЬНОСТЕЙ В ВЫСШИХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЯХ

В статье обобщен опыт преподавания профильных дисциплин по экономической специализации высших учебных заведений, на основе которого разработаны рекомендации по организации оптимального обучения эконометрике.

На современном этапе система экономического образования играет важную роль в статистических методах анализа и прогнозирования развития различных социально-экономических явлений, систем и подсистем. В статье представлено качественное развитие профессиональных компетенций экономистов через овладение основными методами эконометрики и многомерного анализа наборов статистических данных. Эконометрика включена в учебные программы многих

экономических специальностей в различных областях подготовки бакалавров экономики, и существует необходимость в эффективном продвижении ее преподавания.

Предлагаем интересную и полезную форму проведения практических занятий - деловую игру, это позволяет студентам относительно быстро приступить к эконометрическому моделированию. В статье также уделяется особое внимание другой форме повышения активности студентов, использованию «Методических указаний по решению задач» и «Рабочей тетради». В статье также упоминается использование компьютерных программ и пакет программ конвертов в обучении эконометрике с выделением преимуществ и недостатков. Кроме того, в статье рассматриваются условия обеспечения учебных заведений и учебными пособиями и современными высокоскоростными компьютерами, играющими важную роль в преподавании эконометрики. Предлагается последовательность выбора темь и правильный способ преподавания эконометрики на бакалавриате в вузах страны.

Ключевые слова: *методика, последовательность, анализ, компетенция, деловая игра, рабочая тетрадь, руководство, компьютерная программа, моделирование, парная регрессия.*

METHODS OF TEACHING ECONOMETRICS FOR ECONOMIC SPECIALTIES IN HIGHER EDUCATIONAL INSTITUTIONS

The article summarizes the experience of teaching specialized disciplines in the economic specialization of higher educational institutions, on the basis of which recommendations for the organization of optimal training in econometrics are developed.

At the present stage, the system of economic education plays an important role in statistical methods of analysis and forecasting of the development of various socio-economic phenomena, systems and subsystems. The article presents the qualitative development of professional competencies of economists through mastering the basic methods of econometrics and multivariate analysis of statistical data sets. Econometrics is included in the curricula of many economics specialties in various fields of training bachelor of economics, and there is a need to effectively promote its teaching.

We offer an interesting and useful form of practical training - a business game. this allows students to get started with econometric modeling relatively quickly. The article also pays special attention to another form of increasing the activity of students, the use of "Methodological instructions for solving problems" and "Workbook". The article also mentions the use of computer programs and the envelope software package in teaching econometrics, highlighting the advantages and disadvantages. In addition, the article discusses the conditions for the provision of educational institutions and teaching aids and modern high-speed computers, which play an important role in teaching econometrics. The sequence of the choice of topics and the correct way of teaching econometrics at the bachelor's degree in the universities of the country are proposed.

Key words: *methodology, sequence, analysis, competence, business game, workbook, manual, computer program, modeling, pair regression.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Саъдонов Алидод Ғуломович – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи иқтисоди рақамӣ ва логистика. Сурога: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Наҳимова 64/1. Тел: 501250208.*

Сведения об авторе: *Саъдонов Алидод Гуломович Таджикского государственного финансово экономического университета, старший преподаватель кафедры цифровая экономика и логистика. Адрес: 734067 Республика Таджикистан, г. Душанбе ул. Нахимова 64/1. Тел: 501250208.*

Information about the authors: *Sadonov Alidod Ghulomovich The Tajik state University of finance and economics, senior lecturer of digital economy and logistics department, TSUFE. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe Nakhimov str. 64/1. Tel: 501250208.*

УДК. 372.800.2

МОДЕЛИ САВОДНОКИИ РАҚАМИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ ЗИМНИ ОМӮЗИШИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ

Ҳаффиззода А. Ф.

Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи А.Рудакӣ

Ҷаҳони муосир босуръат рушд мекунад, иттилоот ва технология дар ин раванд нақши калидӣ доранд. Дар шароити тағирёбии рақамии ҷомеа, саводнокии рақамӣ ба яке аз салоҳиятҳои асосӣ табдил меёбад, ки барои ҳамгироии бомуваффақият ба ҷаҳони муосир зарур аст. Саводнокии рақамӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ махсусан, муҳим аст, зеро маҳз дар ин давра ташаккули манфиатҳо ва малакаҳои касбӣ барои таҳсилоти минбаъда ва рушди касб зарур аст[1-3].

Дар ҷаҳони имрӯза, саводнокии рақамӣ ба яке аз салоҳиятҳои калидӣ табдил меёбад, ки барои муваффақ шудан ба зиндагӣ ва кор заруранд. Технология босуръат рушд мекунад ва таъсири он ба тамоми соҳаҳои ҳаёт афзоиш меёбад.

Баланд бардоштани саводнокии рақамии хонандагон қисми чудонашавандаи омодагии онҳо ба ҳаёти муваффақ ва фаъолияти касбӣ дар ҷаҳони муосир мебошад. Рушди технологӣ,

талаботи фаъолияти меҳнатӣ, равандҳои таълимӣ, самаранокии шахсӣ, амнияти иттилоотӣ, малакаҳои иҷтимоӣ ва саводнокии иттилоотӣ ҳамаи ин ҷанбаҳо аҳамияти ин мавзуъро тасдиқ мекунанд. Муассисаҳои таълимӣ бояд барномаҳои саводнокии рақамиро фаъолона татбиқ кунанд, то ба хонандагон дониш ва малакаҳои заруриро барои оянда таъмин менамоянд.

Консепсияи саводнокӣ ҳам дар мамлакати мо ва ҳам дар хориҷа мувофиқи талаботи замон, мувофиқи талаботи афзояндаи ҷомеа барои ташаккули шахсият аз малакаҳои оддӣ, ба монанди хондан, навиштан, ҳисоб кардан то дониш ва малакаҳои ҳадди ақали иҷтимоӣ (саводнокии функсионалӣ) рушд кардааст. Саводнокӣ дар ҷаҳони муосир маънои доштани малакаҳоеро дорад, ки аз вазифаҳои хеле мураккаб, аз қабили нусхабардорӣ ва часбонидани мундариҷаи рақамӣ то вазифаҳои мураккабтар, аз қабили таҳлили интиқодӣ ва синтези иттилооте, ки тавассути матнҳои гуногун мавҷуданд, иборатанд. Саводнокии рақамӣ маҷмуи пурраи малакаҳои барои хондан, навиштан, суханронӣ, дидан ва иштирок дар фазои онлайн заруриро ба назар мегирад. Ҳамаи ин таҷрибаҳо саводнокии рақамиро талаб мекунанд, ки қобилияти дастрасӣ, таҳлил, арзебӣ, эҷод ва ҳамкорӣ бо ВАО-ро дар ҳама шаклҳояшон дар бар мегирад. Пас, агар барои баланд бардоштани саводнокии забон ба шумо таҷрибаи хондани китобҳо ва муошират лозим бошад, барои рушди саводнокии рақамӣ таҷрибаи истифодаи компютерҳо, дастгоҳҳои рақамӣ ва инчунин имкониятҳои муҳити рақамӣ лозиманд [4].

Аҳамият ва зарурати рушди саводнокии рақамӣ дар байни аҳолӣ раднопазир аст. Афзалияти асосии саводнокии рақамӣ, дар он аст, ки он ба омӯзиши муваффақ мусоидат мекунад. Хонандагоне, ки саводнокии рақамӣ доранд, метавонанд ба маълумоти зарурӣ нисбат ба онҳое, ки танҳо ба васоити анъанавии коғазӣ такя мекунанд, осонтар ва зудтар дастрасӣ пайдо кунанд.

Технологияи муосири рақамӣ ба мо имкон медиҳад, ки ҷаҳонро тавассути аксҳо, сабтҳои аудиоӣ, пайдарпаии аудиовизуалӣ ё аниматсия сабт кунем ва ҳама чизро бо матн ё бидуни матн ҷамъоварӣ ва пешниҳод кунем. Ҳамин тариқ, кӯдакони синну сол ва қобилиятҳои гуногун метавонанд бо ҷаҳон муошират кунанд, кашф кунанд ва дарк кунанд. Аз ин рӯ, мо бояд нақши саводнокии рақамӣ ва робитаи онро бо омӯзиш ва таълим дарк кунем [5-7].

Саводнокии рақамӣ маҷмуи дониш ва малакаҳоро дар бар мегирад, ки истифодаи самараноки технологияҳои рақамӣ ва захираҳоро барои ҳалли мушкилоти гуногун фароҳам меорад. Дар доираи раванди таълим дар фанни "Технологияҳои иттилоотӣ" саводнокии рақамӣ ҷузъҳои зеринро дар бар мегирад:

1.Малакаҳои техникӣ - қобилияти кор бо компютер ва дигар дастгоҳҳои рақамӣ, донистани барномаҳо ва барномаҳои асосӣ.

2.Саводнокии иттилоотӣ қобилияти ҷустуҷӯ, таҳлил ва арзёбии интиқоди ъумоти дар интернет пайдошуда

3.Малакаҳои муошират - қобилияти муошират ва муоширати самаранок дар муҳити рақамӣ.

4.Киберамният - донистани қоидаҳои рафтори бехатар дар шабака ва қобилияти ҳифзи маълумоти шумо.

5.Малакаҳои эҷодӣ - истифодаи воситаҳои рақамӣ барои эҷоди маҳсулот ва ҳалли нав.

Ташаккули саводнокии рақамӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ якчанд ҷанбаҳои муҳим дорад:

- *Ҷанбаи таълимӣ - малакаҳои рақамӣ ба азхудкунии амиқтар ва босифати маводи таълимӣ мусоидат мекунанд.*
- *Ҷанбаи касбӣ - доштани технологияи рақамӣ барои хонандагон дурнамои нави касбӣ мекушояд.*
- *Ҷанбаи иҷтимоӣ - саводнокии рақамӣ ба ҳамгироши иҷтимоӣ ва иштироки фаъол дар ҳаёти иҷтимоӣ мусоидат мекунад.*

Барои самаранок ташаккул додани саводнокии рақамии хонандагони синфҳои болоӣ ҳангоми омӯзиши фанни "Технологияҳои иттилоотӣ" бояд моделе таҳия ва татбиқ карда шавад, ки ҳамаи ҷанбаҳои асосии ин равандро ба назар гирад.

Ин намунаи блок-схема, ки модели саводнокии рақамии хонандагони синфҳои болоӣ ҳангоми омӯзиши фанни технологияҳои иттилоотӣ мебошад:



Расми 1. Модели саводнокии рақамии хонандагони синфҳои болоӣ ҳангоми омӯзиши фанни технологияҳои иттилоотӣ

1. **Таҳлили эҳтиёҷоти хонандагон**
   - Саволнома
   - Санҷиш
   - Мусоҳиба
   - Баҳисобгирии хусусиятҳо ва манфиатҳои инфиродӣ

Марҳилаи аввал арзёбии сатҳи кунунии саводнокии рақамии хонандагон ва муайян кардани ниёзҳои онҳоро дар бар мегирад. Барои ин саволнома, санҷиш ва мусоҳибаро истифода бурдан мумкин аст. Хусусиятҳои инфиродии хонандагон, манфиатҳо ва афзалиятҳои онҳоро ба назар гирифтан муҳим аст.

2. **Муайян кардани ҳадафҳо ва вазифаҳо**
   - Муайян кардани вазифаҳои омӯзиш
   - Таҳияи мавод ва усулҳои таълимӣ

Ҳадафҳо ва вазифаҳои омӯзиш дар асоси таҳлили эҳтиёҷот таҳия карда мешаванд. Ҳадафҳо бояд мушаххас, ченшаванда, ичрошаванда, мувофиқ ва маҳдуд бошанд. Вазифаҳои омӯзиш бояд ҳамаи ҷузъҳои саводнокии рақамиро фаро гиранд.

3. **Таҳияи мавод ва усулҳои таълимӣ**
   - Усули гуногуни таълим
   - Лексияҳо, машғулиятҳои амалӣ, фаъолияти лоиҳавӣ, бозиҳо

Мавод ва усули таълимӣ бояд ба сатҳи омодагии хонандагон мутобиқ карда шаванд ва хусусиятҳои инфиродии онҳоро ба назар гиранд. Истифодаи усули гуногуни таълим, аз қабили лексияҳо, фаъолиятҳои амалӣ, фаъолияти лоиҳа ва бозиҳо муҳим аст.

4. **Татбиқ ва арзёбӣ**
   - Татбиқи мавод ва усулҳои таҳияшуда
   - Арзёбии мунтазами самаранокии таълим

Дар ин марҳила омӯзиши мустақим, ҷорӣ намудани мавод ва усули таҳияшуда сурат мегирад. Бо истифода аз тестҳо, супоришҳои амалӣ ва лоиҳаҳо мунтазам баҳодиҳии самаранокии омӯзиш муҳим аст.

Барои арзёбии сатҳи саводнокии рақамии хонандагон усулҳои гуногунро истифода бурдан мумкин аст, ба монанди:

- Санҷиш - санҷиши донишҳои назариявӣ ва малакаҳои амалӣ.
- Вазифаҳои амалӣ - ичрои вазифаҳои мушаххас бо истифода аз технологияҳои рақамӣ.
- Кори лоиҳа - эҷоди лоиҳаҳое, ки қобилияти дар амал татбиқ кардани малакаҳои рақамиро нишон медиҳанд.
- Азхудкунӣ - ҷамъоварии асарҳои хонандагон, ки дастовардҳо ва пешрафти онҳоро дар омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ инъикос мекунанд.

Ташаккули саводнокии рақамии хонандагони синфҳои болоӣ ҳангоми омӯзиши фанни "Технологияҳои иттилоотӣ" вазифаи муҳимми таҳсилоти муосир мебошад. Таҳия ва татбиқи модели самараноки саводнокии рақамӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки на танҳо маводи таълимиро бомуваффақият азхуд кунанд, балки ба ҳаёт ва кор дар ҷаҳони рақамӣ омода шаванд. Ба назар гирифтани хусусиятҳои инфиродии хонандагон, истифодаи усули гуногуни

таълим ва арзёбии мунтазами натиҷаҳо барои ба даст овардани натиҷаҳои беҳтарини таълимӣ муҳим аст[8-10].

Ҳамин тариқ, муносибати ҳамаҷониба ба рушди саводнокии рақамии хонандагони синфҳои болоӣ, ки таҳлили ниёзҳо, гузоштани ҳадафҳо, таҳияи мавод ва усули таълимӣ ва арзёбии мунтазамро дар бар мегирад, имкон медиҳад, ки натиҷаҳои баланд дар таълим ба даст оварда шаванд. Ин ба хонандагон дониш ва малакаҳои заруриро барои татбиқи бомуваффақияти технологияҳои иттилоотӣ дар ҳаёт ва касби ояндаи худ фароҳам меорад.

АДАБИЁТ:

1. Ғафоров, А. Б. Забони барномасозии C++: Дастури таълимӣ [Матн] / З.Б. Ғафоров, А.Б. Ғафоров, – Душанбе, 2020. – 126с.
2. Одинаев, Р. Н. Развитие мотивации на уроках информатики и программирования как средство повышения уровня обученности учащихся в образовательных учреждениях Республики Таджикистан / Р. Н. Одинаев, З. Б. Гафоров // Вестник Института развития образования. – 2021. – № 2(34). – С. 183-190. – EDN GTCAGR.
3. Шарипов, Ф. Ф. Особенности обучения языкам программирования в образовательных учреждениях Республики Таджикистан / Ф. Ф. Шарипов, З. Б. Гафоров // Вестник Таджикского национального университета. – 2020. – № 4. – С. 161-168. – EDN AREEKR.
4. Одинаев, Р. Н. Создания мотивации к изучению предметов информатики и программирования в СОУ ах, ВУЗ ах на примере компьютерного моделирование движения автомобилей на языке прогроммирования "c++" / Р. Н. Одинаев, З. Б. Гафоров // Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. – 2020. – № 4. – С. 103-110. – DOI 10.51884/2413-452X_2020_4_103. – EDN TUQQDX.
5. Гафоров, З. Б. Мотивация студентов использованием мультимедийной технологии в процессе обучения информатики / З. Б. Гафоров // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2022. – № 1-3(101). – С. 221-226. – EDN LIHTKK.
6. Ҳафиззода А.Ф. Саводнокии рақамии синфҳои болоӣ дар дарси информатика. Маводҳои конференсияи XII – уми байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои муосири моделсозии математикӣ ва татбиқи он», бахшида ба «Солҳои 2020-2040 эълон гардидани 20-солаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ва «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» (Тоҷикистон, Душанбе, 18 майи 2024) С. 419-421.
7. Одинаев Р.Н., Туманова Ш.С. Моделирование на уроках информатики в старших классах как способ развития логического мышления. Вестник института развития образования №2(42) 2023. С.164-172.
8. Одинаев Р.Н., Рустамова Л.Р. Применение компьютерного моделирования для развития исследовательской деятельности студентов вузов Республики Таджикистан в обучении дисциплине «Исследование операций и теории игр». Материалы XII – международной научно-практической конференции «Современные проблемы математического моделирования и её применения», посвященная «2020-2040 годы, 20-летию изучения и развития естественных, точных и математических наук в области науки и образования» и «75-летию Таджикского национального университета» (Таджикистан, Душанбе, 18 мая 2024). С. 378-381.
9. Одинаев Р.Н., Гафоров З.Б., Хамидова А. Формирование учебной мотивации студентов на уроках информатики в вузах Республики Таджикистан. Материалы XII – международной научно-практической конференции «Современные проблемы математического моделирования и её применения», посвященная «2020-2040 годы, 20-летию изучения и развития естественных, точных и математических наук в области науки и образования» и «75-летию Таджикского национального университета» (Таджикистан, Душанбе, 18 мая 2024). С. 393-396.
10. Одинаев Р.Н., Туманова Ш.С, Хамидова А. Современные методы развития логического мышления учеников старших классов на уроках информатики. Материалы XII – международной научно-практической конференции «Современные проблемы математического моделирования и её применения», посвященная «2020-2040 годы, 20-летию изучения и развития естественных, точных и математических наук в области науки и образования» и «75-летию Таджикского национального университета» (Таджикистан, Душанбе, 18 мая 2024). С. 401-404.

МОДЕЛИ САВОДНОКИИ РАҚАМИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ ЗИМНИ ОМӮЗИШИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ

Ҷаҳони муосир босуръат рушд мекунад ва иттилоот ва технология дар ин раванд нақши калидӣ доранд. Дар шароити тағирёбии рақамии ҷомеа, саводнокии рақамӣ ба яке аз салоҳиятҳои асосӣ табдил меёбад, ки барои ҳамгироии бомуваффақият ба ҷаҳони муосир зарур аст. Саводнокии рақамӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад, зеро маҳз дар ин давра ташаккули манфиатҳо ва малакаҳои касбӣ барои таҳсилоти минбаъда ва рушди касб зарур аст.

Дар ин мақола аҳамияти ташаккули саводнокии рақамӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ дар шароити тағирёбии рақамии ҷомеа баррасӣ карда мешавад. Саводнокии рақамӣ маҷмуи дониш ва малакаҳоеро дар бар мегирад, ки барои истифодаи самараноки технологияҳои рақамӣ ва захираҳо

заруранд. Ҷузъҳои асосии саводнокии рақамӣ муҳокима карда мешаванд: малакаҳои техникӣ, саводнокии иттилоотӣ, малакаҳои муошират, киберамният ва малакаҳои эҷодӣ.

Ташаккули саводнокии рақамӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ ҷанбаҳои таълимӣ, касбӣ ва иҷтимоӣ дорад, ки ба азхудкунии амиқи маводи таълимӣ, кашфи дурнамои нави касбӣ ва ҳамгироии фаъоли иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Барои омӯзиши самаранок, таҳияи модел, аз ҷумла таҳлили ниёзҳои хонандагон, гузоштани ҳадафҳо ва вазифаҳо, таҳияи мавод ва усули таълимӣ ва татбиқ ва арзёбии онҳо зарур аст.

Ин модел барои бомуваффақият азхуд кардани маводи таълимӣ ва омодагӣ ба зиндагӣ ва кор дар ҷаҳони рақамӣ, бо назардошти хусусиятҳои инфиродии хонандагон ва истифодаи усули гуногуни таълим кӯмак хоҳад кард.

Калидвожаҳо: *саводнокии рақамӣ, ҷанбаҳои таълимӣ, хонанда, синфҳои болоӣ, арзёбӣ, маводҳои таълимӣ, технологияи иттилоотӣ, модел, малакаҳои муошират.*

МОДЕЛЬ ЦИФРОВОЙ ГРАМОТНОСТИ СТАРШЕКЛАССНИКОВ ПРИ ИЗУЧЕНИИ ПРЕДМЕТА ИНФОРМАЦИОННЫЕ ТЕХНОЛОГИИ

Современный мир стремительно развивается, и ключевую роль в этом процессе играют информация и технологии. В условиях цифровой трансформации общества цифровая грамотность становится одной из основных компетенций, необходимых для успешной интеграции в современный мир. Особое значение цифровая грамотность приобретает для старшеклассников, так как именно в этот период происходит формирование профессиональных интересов и навыков, необходимых для дальнейшего образования и карьерного роста.

В данной статье рассматривается важность формирования цифровой грамотности у старшеклассников в условиях цифровой трансформации общества. Цифровая грамотность включает в себя набор знаний и навыков, необходимых для эффективного использования цифровых технологий и ресурсов. Обсуждаются ключевые компоненты цифровой грамотности: технические навыки, информационная грамотность, коммуникационные навыки, кибербезопасность и творческие навыки.

Формирование цифровой грамотности у старшеклассников имеет образовательный, профессиональный и социальный аспекты, способствуя глубинному усвоению учебного материала, открытию новых профессиональных перспектив и активной социальной интеграции. Для эффективного обучения необходима разработка модели, включающей анализ потребностей учащихся, постановку целей и задач, разработку учебных материалов и методов, а также их внедрение и оценку.

Эта модель поможет обеспечить успешное освоение учебного материала и подготовку к жизни и работе в цифровом мире, учитывая индивидуальные особенности учащихся и используя разнообразные методы обучения.

Ключевые слова: *цифровая грамотность, образовательные аспекты, ученик, старшие классы, оценки, учебные материалы, информационные технологии, модель, коммуникативные навыки.*

THE MODEL OF DIGITAL LITERACY OF HIGH SCHOOL STUDENTS IN THE STUDY OF THE SUBJECT OF INFORMATION TECHNOLOGY

The modern world is developing rapidly, and information and technology play a key role in this process. In the context of the digital transformation of society, digital literacy is becoming one of the main competencies necessary for successful integration into the modern world. Digital literacy is of particular importance for high school students, since it is during this period that the formation of professional interests and skills necessary for further education and career growth takes place.

This article examines the importance of the formation of digital literacy among high school students in the context of digital transformation of society. Digital literacy includes a set of knowledge and skills necessary for the effective use of digital technologies and resources. The key components of digital literacy are discussed: technical skills, information literacy, communication skills, cybersecurity and creative skills.

The formation of digital literacy among high school students has educational, professional and social aspects, contributing to the in-depth assimilation of educational material, the discovery of new professional prospects and active social integration. Effective learning requires the development of a model that includes an analysis of student needs, setting goals and objectives, developing educational materials and methods, as well as their implementation and evaluation.

This model will help ensure the successful development of educational material and preparation for life and work in the digital world, taking into account the individual characteristics of students and using a variety of teaching methods.

Key words: *digital literacy, educational aspects, student, high school, grades, educational materials, information technology, model, communication skills.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Ҳаффиззода Алишер Фатҳулло - Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи А.Рудакӣ, докторанти PhD-и кафедраи методикаи таълими информатика. Сурога: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кулоб, хиёбони С. Сафаров 16. Телефон: 986-33-33-06. E-mail: alishehr@mail.ru.*

Сведения об авторе: *Хафиззода Алишер Фатхулло - Кулябский государственный университет имени А.Рудаки, доктор PhD кафедры методика обучения информатике. Адрес: Республика Таджикистан, Кулоб, проспект Проспект С. Сафаров 16. Телефон: 986-33-33-06. E-mail:* ***alishehr@mail.ru.***

Information about the authors: *Haffizzoda Alisher Fathullo - Kulyab State University named after A.Rudaki, PhD, Department of methods of teaching computer science. Address: 16 S. Safarov Street, Kulob, Republic of Tajikistan. Phone: 986-33-33-06. E-mail: alishehr@mail.ru.*

ТДУ:519:536. 424+538.9

ИСТИФОДАИ МАСЪАЛАҲОИ ШАВҚОВАРИ МАТЕМАТИКӢ ДАР МАҲФИЛҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ ЯКЕ АЗ ОМИЛҲОИ АСОСИИ ҶАЛБИ ХОНАНДАГОН БА ОМӮЗИШИ МАТЕМАТИКА

Мирзоев А. Ҳ.
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Маҳфилҳои беруназсинфӣ як воситаи самараноки ҷалби хонандагон ба омӯзиши математика ва инкишофи малакаҳои зеҳнӣ, мантиқӣ ва эҷодии онҳо мебошанд. Ин гуна фаъолиятҳо муҳити ғайрирасмиро таъмин мекунанд, ки дар он хонандагон метавонанд бо шавқ ва ҳавасмандӣ донишҳои худро рушд диҳанд ва татбиқ кунанд.

Ҷалби хонандагон ба омӯзиши математика барои муваффақияти таълим ва рушди шахсии онҳо хеле муҳим аст. Ин раванд талаб мекунад, ки муҳити таълимӣ, таълимот ва муносибат ба фан бо ҷалб ва шавқи хос бошад.

Аҳамияти маҳфилҳои беруназсинфӣ:

1. **Шавқу ҳавасро бедор мекунад:** Маҳфилҳои беруназсинфӣ имконияти бештари таълими эҷодкорона ва ғайрирасмиро фароҳам меоранд. Хонандагон дар муҳити камтар расмӣ ва бо фишори камтар метавонанд бо мавзуъҳои ҷолиб ва амалии математика шинос шаванд.
2. **Таълими фардӣ ва гурӯҳӣ:** Дар маҳфилҳои беруназсинфӣ омӯзгорон метавонанд ба талаботи инфиродӣ ва савияи донишҳои ҳар як хонанда диққати махсус диҳанд. Инчунин, кор дар гурӯҳҳо ба хонандагон кӯмак мекунад, ки малакаҳои ҳамкорӣ ва фикрронии даставиро рушд диҳанд.
3. **Малакаҳои зеҳнӣ ва эҷодӣ:** Тавассути ҳалли масъалаҳои мураккаб, муаммоҳо ва бозиҳои фикрӣ, хонандагон малакаҳои фикрронии мантиқӣ ва эҷодиро рушд медиҳанд. Ин малакаҳо на танҳо дар омӯзиши математика, балки дар ҳаёти ҳаррӯза ва касбҳои гуногун низ муфиданд.
4. **Татбиқи амалии донишҳо:** Дар маҳфилҳои беруназсинфӣ хонандагон метавонанд донишҳои назариявии худро дар амал татбиқ кунанд. Масалан, сохтани моделҳо, ҳал кардани масъалаҳои амалии муҳандисӣ ё истифодаи математика дар ҳалли мушкилоти воқеӣ.

Навъҳои маҳфилҳои беруназсинфӣ аз математика

Маҳфилҳои математикии беруназсинфӣ бо соҳаҳои гуногуни математика, аз ҷумла мантиқ, геометрия ва комбинатсия, метавонанд хонандагонро ба ин соҳа ҳавасманд созанд. Озмунҳои математики, лоиҳаҳо ва семинарҳои интерактивӣ барои ҳалли масъалаҳои математикии гуногун метавонад самарабахш бошад. Намоишгоҳҳо ва чорабиниҳои математики, ки хонандагон метавонанд муваффақиятҳои худро намоиш диҳанд ва барои ҳалли масъалаҳо озмоиш кунанд, инчунин имкониятҳои беҳтар барои ҷалб кардани онҳо ба математика ҳастанд.

Расми 1. Навъҳои маҳфилҳои беруназсинфӣ аз математика

Расми 1. навъҳои маҳфилҳои беруназсинфӣ аз фанни математика ва тавсифи мухтасари онҳоро нишон медиҳад.

Ин расм барои тасвири визуалии навъҳои гуногуни маҳфилҳо ва фаъолияти онҳо дар муҳити таҳсилӣ истифода мешавад.

- **Маҳфили муаммо ва бозиҳои фикрӣ:** Ин гуна маҳфилҳо бо ҳалли муаммоҳо, бозиҳои фикрӣ ва масоили мантиқӣ машғул мешаванд. Хонандагон метавонанд бо шавқу ҳавас дар ҳалли муаммоҳо иштирок кунанд ва малакаҳои мантиқии худро рушд диҳанд.
- **Озмунҳои математикӣ:** Озмунҳои дохилимактабӣ ва беруназсинфӣ, ки ба ҳалли масъалаҳои мураккаби математикӣ ва муаммоҳо асос ёфтаанд, метавонанд хонандагонро ба омӯзиши амиқи математика ҳавасманд кунанд. Инчунин, ширкат дар озмунҳои шаҳрӣ ва ҷумҳуриявӣ метавонад рӯҳияи рақобатро баланд бардорад.
- **Гурӯҳҳои таҳқиқотӣ:** Ин гуна гурӯҳҳо ба таҳқиқи мавзуъҳои махсуси математика машғул мешаванд. Хонандагон метавонанд лоиҳаҳои таҳқиқотӣ таҳия кунанд, таҷрибаҳои амалӣ гузаронанд ва натиҷаҳои худро пешниҳод кунанд.
- **Лоиҳаҳои амалии математикӣ:** Маҳфилҳое, ки ба татбиқи амалии математика равона шудаанд, хонандагонро ба ҳалли мушкилоти воқеӣ бо истифода аз донишҳои математикӣ ҳидоят мекунанд. Масалан, тарҳрезии лоиҳаҳои муҳандисӣ ё сохтани моделҳо.

Истифодаи масъалаҳои шавқовари математикӣ дар маҳфилҳои беруназсинфӣ яке аз омилҳои асосии ҷалби хонандагон ба омӯзиши математика мебошад. Ин гуна фаъолиятҳо метавонанд муҳити омӯзиширо ҷолиб ва фароғатбахш гардонанд ва таваҷҷуҳи хонандагонро ба фанни математика афзун кунанд. Ҳангоми иштирок дар маҳфилҳои беруназсинфӣ, хонандагон метавонанд бо ҳамкорӣ, эҷодкорӣ ва татбиқи донишҳои худ ба ҳалли масъалаҳои амалӣ машғул шаванд.

Масъалаҳои шавқовар ба хонандагон имконият медиҳанд, ки математикаи омӯхтаашонро дар шароити ғайрирасмӣ ва дар асоси ҳавасмандӣ истифода баранд. Ин фаъолиятҳо метавонанд аз ҳалли муаммоҳо, бозиҳои математикӣ ва озмунҳои фикрӣ иборат бошанд, ки тавассути онҳо хонандагон малакаҳои мантиқӣ ва фикрронии интиқодӣ худро такмил медиҳанд. Ин гуна машғулиятҳо ба хонандагон кӯмак мекунанд, ки аз ҳалли масъалаҳо лаззат баранд ва бархурдор аз муваффақиятҳо шаванд.

Масъалаҳои шавқовар ва ҷолиб барои хонандагон муҳити таҳсилро ҷолиб ва шавқовар месозанд. Масъалаҳое, ки таҳлил ва эҷодкорӣ талаб мекунанд, метавонанд шавқи хонандагонро ба математика боло баранд. Масъалаҳои мантиқӣ ва интеллектуалӣ, ки ба фикр кардан ва ҳалли эҷодкорона идоракунӣ лозим аст, метавонанд хонандагонро ба таҳсил ва кор дар соҳаи математика ҳавасманд кунанд. Масъалаҳое, ки бо шароити воқеӣ ва мушкилоти ҳаёти ҳаррӯза алоқаманданд, метавонанд барои хонандагон манфиатовар ва амалӣ бошанд.

Барномаҳои интерактивӣ ва онлайн барои омӯзиши математика метавонанд ба хонандагон кумак расонанд, ки малакаҳои худро такмил диҳанд. Истифодаи барномаҳои математикии геймерӣ, симуляторҳо ва моделсозӣ метавонад дар такмил додани малакаҳои мантиқӣ ва таҳлилӣ нақши муҳим дошта бошад. Платформаҳои интернетӣ барои машғулиятҳои математики, барномаҳои омӯзишии мобилӣ ва видеои таълимӣ низ метавонанд хонандагонро ба математика ҷалб кунанд.

Ташвиқ ва мукофот барои иштирок ва муваффақият дар маҳфилҳо ва чорабиниҳои математики метавонад шавқ ва ҳавасмандии хонандагонро боло барад. Ба хонандагон барои расидан ба натиҷаҳои аъло ва дастовардҳои муҳим мукофот додан, имконият медиҳад, ки онҳо худро мукофот ва эҳтиром ҳис кунанд. Баргузор кардани рӯйдодҳои махсус ва чорабиниҳои математикӣ, ки хонандагонро ба иштирок ва фаъолияти фаъол ба математика ҷалб мекунанд, низ муҳим аст.

Масъалаҳои амалӣ ва воқеӣ, ки бо ҳаёти ҳаррӯза ва таҷрибаҳои амалии хонандагон алоқаманданд, метавонанд ба онҳо кумак расонанд, ки математикаро бо роҳҳои гуногун истифода баранд. Инчунин, омӯзиш дар муҳити амалӣ ва дастрас бо мисолҳои воқеӣ метавонад фаҳмиши амиқ ва муҳим барои хонандагон фароҳам орад.

Ташкили муҳити таълимӣ, ки хонандагонро бо истифода аз усули дар боло овардашуда ба математика ҷалб мекунад, метавонад ба баланд бардоштани шавқ ва манфиат ба фан мусоидат кунад. Ин амалҳо метавонанд хонандагонро ба рушди малакаҳои мантиқӣ ва таҳлилӣ ва инчунин муҳити мусоид ва манфиатовар барои таҳсил дар математика ба вуҷуд оранд.

Дар маҳфилҳои беруназсинфӣ хонандагон метавонанд бо дӯстони худ якҷоя кор кунанд ва аз якдигар омӯзанд. Ҳамкорӣ ва мубодилаи фикрҳо муҳити омӯзиширо ба маротиб беҳтар мекунад ва ба хонандагон кӯмак мекунад, ки фикрронии эҷодкорона ва малакаҳои иҷтимоии

худро рушд диҳанд. Ин равиш инчунин метавонад муносибатҳои байниҳамдигарии хонандагонро қавӣ гардонад ва рӯҳияи даставиро баланд бардорад.

Масъалаҳои шавқовар метавонанд ба хонандагон кӯмак кунанд, ки донишҳои математикаи худро дар шароити амалӣ истифода баранд. Ин на танҳо донишҳои назариявиро мустаҳкам мекунад, балки ба хонандагон нишон медиҳад, ки чӣ гуна математика метавонад дар зиндагии ҳаррӯза ва касбҳои гуногун истифода шавад. Ҳамин тавр, маҳфилҳои беруназсинфӣ метавонанд ба хонандагон кӯмак кунанд, ки имкониятҳои касбӣ ва илмии марбут ба математикаи ояндаро бифаҳманд ва онҳоро ба самти касбҳои илмӣ ва техникӣ ҳавасманд гардонанд.

Гузаронидани викторинаи математикӣ метавонад як усули шавқовар ва самарабахш барои ҷалби хонандагон ба омӯзиши математика ва рушди малакаҳои таҳлилӣ ва мантиқии онҳо бошад. Викторинаҳои математикӣ метавонанд ҳамчун чорабиниҳои мустақил ё ҳамчун қисми маҳфилҳои беруназсинфӣ баргузор шаванд.

Расми 2. Методикаи гузаронидани викторинаи математикӣ

Тибқи ин методика, раванди гузаронидани викторинаи математикӣ ба таври зерин амалӣ мегардад:

Қадамҳои гузаронидани викторинаи математикӣ

Тайёрӣ ва тарҳрезӣ

Интихоби мавзуъ: Викторина метавонад мавзӯъҳои гуногуни математикаро фаро гирад, аз ҷумла алгебра, геометрия, арифметика, ҳисоб ва ғайра. Инчунин, викторина метавонад шаклҳои гуногун дошта бошад, масалан, саволҳои кушода, интихоби ҷавобҳо, саволҳои ҳисобӣ ва ғайра.

Синну сол ва дараҷаи душворӣ: Дараҷаи душвории саволҳо бояд бо синну соли хонандагон мувофиқат кунанд.

Гурӯҳӣ ё шахсӣ: Викторина метавонад шахсӣ ё гурӯҳӣ баргузор шавад, ки дар ҳолати гурӯҳӣ хонандагон дар гурӯҳҳои хурд кор мекунанд.

Тайёр кардани саволҳо

Навъҳои Саволҳо: Саволҳо метавонанд аз интихоби ҷавобҳои дуруст, ҳалли мушкилот, ё саволҳои назариявӣ иборат бошанд.

Меъёрҳои арзёбӣ: Муайян кардани меъёрҳо барои ҳар як савол, ки аз рӯйи он баҳо дода мешавад



Расми 3. Қадамҳои гузаронидани викторинаи математикӣ

Маслиҳатҳои муҳим:

— **Шавқовар ва фаъолона будан:** Викторина бояд шавқовар ва фаъолона бошад, то ки хонандагон дар он бо ҳавас ва шавқ иштирок кунанд.

— **Тарғиби рӯҳияи рақобат:** Баланд бардоштани рӯҳияи рақобат бо эълони мукофотҳо ё ҳавасмандгардонӣ.

— **Фаъолияти гурӯҳӣ:** Агар викторина ба таври гурӯҳӣ гузаронида шавад, он метавонад ҳамкории хонандагонро тақвият бахшад.

Ин методикаи тасвиршуда барои гузаронидани викторинаи математикӣ имкон медиҳад, ки хонандагон на танҳо донишҳои худро санҷанд, балки малакаҳои мантиқӣ ва таҳлилии худро рушд диҳанд.

Викторинаи математикӣ яке аз шаклҳои омӯзиши бозӣ мебошад. Мақсади асосии гузаронидани викторинаҳо инҳо мебошанд:

1. Мусоидат ба ҳавасмандгардонии ҳар як хонанда ба ҷустуҷӯ ва инъикоси эҷодӣ, кушодани иқтидори эҷодии худ, рушди уфуқи хонандагон, нутқи математикӣ ва саводнокӣ, малакаҳои рафтори хуб дар ҷомеа, малакаҳои муошират ва фаъолияти муштарак.
2. Ташаккули қобилияти хонандагон барои истифодаи донишҳо дар корҳои беруназсинфӣ.
3. Афзоиши таваҷҷуҳ ба омӯзиши математика ҳамчун унсури фарҳанги умумиинсонӣ, маъмулгардонии донишҳои математикӣ дар байни хонандагон тавассути масъалаҳои шавқовар барои рушди таваҷҷуҳи маърифатӣ.

Барои ташкили ҳар як викторина на камтар аз ду даста, ҳакамони пешбар ва саводнок лозим аст. Викторинаҳо метавонанд дар дохили як коллективи синфӣ ё байни гурӯҳҳои хонандагон гузаронида шаванд. Ба ҳайати ҳакамон муаллимони мактаб ва инчунин баъзе хонандагони ҳамон синфҳоро даъват кардан мумкин аст.

Ҳангоми таҳияи сенарияи чорабинӣ синну сол ва қобилияти иштирокчиён бояд ба назар гирифта шавад.

Якчанд марҳилаҳои асосии гузаронидани викторинаро ҷудо кардан мумкин аст:

1. ***Сухани муқаддимавии ровӣ.*** Дар ин марҳила мақсади чорабинӣ муайян карда мешавад, аҳамият шарҳ дода мешавад, ягон маълумоти маърифатӣ нақл карда мешавад.
2. ***Шиносоии дастаҳо.*** Гузаштан аз ин марҳила аз он вобаста аст, ки кадом аудитория ба ин чорабинӣ фаро гирифта шудааст. Агар викторина байни синфҳо гузаронида шавад, пас дастаҳоро пешакӣ ташкил кардан мумкин аст, пас ҳам ном, ҳам шиор ва ҳам рамзи даста

пешакӣ омода карда мешаванд. Агар чорабинӣ дар дохили як синф гузаронида шавад, пас ташаккули стихиявии гурӯҳҳоро истифода бурдан мумкин аст, ки ин метавонад ба ҳамбастагии коллектив мусоидат кунад. Дар ин ҳолат ҳам ном ва ҳам шиор ба таври стихиявӣ сохта мешаванд. Дар ҳамин марҳила дастаҳо сардори худро интихоб мекунанд.

3.***Озмуни "Ҳозирҷавобон".*** Дар ин озмун ба дастаҳо саволҳо, вазифаҳо барои зиракӣ дода мешаванд. Ин озмун аз рӯйи суръати вокуниши даста ва дурустии ҷавоб баҳо дода мешавад.

4.***Озмуни "Бозӣ бо дастаҳо".*** Дар ин марҳила ба ҳар як даста як қатор супоришҳо дода мешаванд, ки онҳо дар якҷоягӣ муҳокима мекунанд, якдилона қабул мекунанд ва ҷавобҳо ва мулоҳизаҳоро пешниҳод мекунанд. Вақти иҷрои супоришҳо аз шумораи онҳо вобаста аст, онҳо метавонанд супоришҳо мантиқӣ, геометрикӣ, ҳалли кроссвордҳо, ребусҳо ва ғайра бошанд. Ҳар як супориш ба миқдори муайяни холҳо баҳо дода мешавад, ва ҳар як супориши минбаъда бояд аз супориши қаблӣ мураккабтар бошад.

5.***Озмуни сардорҳо.*** Дар ин озмун мусобиқа танҳо байни сардорони дастаҳо баргузор мешавад. Шахсе, ки сардор интихоб шудааст, бояд дорои хислатҳои роҳбарӣ, суръат ва тафаккури ғайримуқаррарӣ бошад. Вай масъулияти тамоми дастаро ба дӯш мегирад, аз ин рӯ супоришҳо барои ин озмун бояд ба сифатҳои дар боло номбаршуда мувофиқат кунанд. Барои ҳар як супориши дуруст иҷрошуда сардор ба дастаи худ холҳои муайян меорад. Мумкин аст якчанд супоришҳо бо афзоиши мушкилот ва арзебӣ вуҷуд дошта бошанд.

6.***Бозӣ бо мухлисон.*** Дар ҳоле ки сардорҳо дар бораи супоришҳои худ фикр мекунанд, ба гурӯҳҳои дастгирӣ низ диққат додан лозим аст. Ба ин озмун шумо метавонед супоришҳои монанд ба марҳилаи ҳозирҷавобонро интихоб кунед, ки ба онҳо ҷавоб додан мумкин нест.

7.***Ҷамъбаст.*** Пас аз гузаронидани ҳамаи озмунҳо, ҳайати ҳакамон барои муҳокима, ҳисоб кардани холҳо ва қабули қарор вақт лозим аст. Барои он ки хонандагон дилгир нашаванд, аз ин лаҳза метавон истифода бурд ва ба яке аз хонандагоне, ки пешакӣ дар бораи ягон далели ҷолиби математикӣ маълумот омода кардааст, сухан гуфт, метавон гурӯҳи хонандагонеро ҷалб кард, ки ягон саҳнаро бозӣ мекунанд ва ғайра.

СУПОРИШУ МАСЪАЛАҲОИ ШАВҚОВАР БАРОИ ГУЗАРОНИДАНИ МАҲФИЛҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ

1. Дар акси сиёҳ ва сафед, сиеҳ 80% майдонро ташкил медиҳад. Ин акс 3 маротиба зиед карда шуд. Дар акси калонтар чанд фоиз сафед аст? (Ҷавоб: 20%)
2. Сегменте, ки ду нуқтаи доираро мепайвандад ва аз маркази он мегузарад, чӣ ном дорад? (Ҷавоб: диаметр)
3. Сарпӯши миз чор кунҷ дорад. Яке аз онҳо бурида шуд. Чанд кунҷ шуд? (Ҷавоб: 5)
4. Гарчанде, ки ду духтарак дар як соат, дар як рӯз, дар як моҳ ва дар як сол аз як модар ба дунё омадаанд. Лекин онҳо дугоник нестанд. Ҳодисаро шарҳ диҳед! (Ҷавоб: Онҳо сегоник ҳастанд, яъне бо онҳо ягон духтар ё писари дигар таваллуд шудааст.)
5. Кадом рақам бояд 15 маротиба зиед карда шавад ва 15 ба даст оварда шавад. (Ҷавоб:1)
6. Ду нафар ба роҳ баромада, 60 метрро тай карданд. Ҳар кадоми онҳо чанд метр роҳро тай карданд, агар онҳо бо суръати якхела мерафтанд. (Ҷавоб: 60)
7. Як тухм дар 3 дақиқа мулоим пухта мешавад. Барои пухтани 3 тухми мулоим чӣ қадар вақт лозим аст? (Ҷавоб: 3 дақиқа)
8. Падар 6 писар дорад. Ҳар як писар хоҳар дорад. Падар чанд фарзанд дорад? (Ҷавоб: 7)
9. Духтур ба бемор 3 дору таъин кард, то ҳар ним соат як дору истеъмол кунад. Ин доруҳо барои чанд вақт барои бемор кифоя мебошанд? (Барои 1 соат)
10. Кадом касрро дуруст меноманд? (Агар сурат аз махраҷ хурдтар бошад)
11. Ҳаҷми куб бо андозаи 2 см ба чӣ баробар аст? (Ҷавоб: 8 см3)
12. Кадом соат вақти дурустро танҳо ду маротиба дар як рӯз нишон медиҳад? (Ҷавоб: Соате, ки истодаст)
13. Агар шумо ин рақамро аз боло ба поён гардонед, он 3 кам мешавад. Ин кадом рақам аст? (Ҷавоб: 9)
14. Дар кадом ҳолат мо ба рақами 3 менигарем ва 15 мегӯем? (Ҷавоб: вақте ки мо ба соатҳое менигарем, ки соати 3-и рӯзро нишон медиҳанд)
15. Зане ба хонандае нигоҳ карда мегуяд, ки ман модари ту ҳастам, аммо ту писари ман нестӣ. Хонанда ба модар чӣ мешавад? (Ҷавоб: Духтараш мешавад)
16. Деҳқон 17 гӯсфанд дошт. Ҳама ба истиснои 9 гусфанд дар атроф буданд. Чанд гӯсфанд мондааст? (Ҷавоб: 9)

17. Дар давоми як сол падар ду камарбанди шимро аз даст медиҳад. Падар дар тӯли 11 соли таҳсил чанд камарро мепӯшонад? (Ҷавоб: 22)

18. Бибиям панир мепазад. Вақте ки набераш аз мактаб омад, дар табақ 17 панир буд ва ӯ ба хӯрдани онҳо шурӯъ кард. Дар ҳоле ки набераш 4 панир мехӯрад, бибиаш 3 панири навро ба табақ мегузорад. Набераш 24 панир хӯрд. Дар табақ чанд панир мондааст? (Ҷавоб: 11)

19. Ду табақ мавҷуд аст. Дар ҳар кадоми онҳо 1 панири гузошта мешавад. Шумо бояд 3 панир аз ду тараф бирён кунед. Ҳар як тарафи панир дар 1 дақиқа пухта мешавад. Дар кадом муддати камтарин ин корро кардан мумкин аст? (Ҷавоб: 3 дақиқа)

20. 7 шамъ месӯзад. Аз ин шумора 4 шамъро хомӯш карданд. Чанд шамъ боқӣ мондааст? (Ҷавоб: 7)

САВОЛҲО БАРОИ ФИКРРОНӢ

1. Математикҳои бузургро номбар кунед?
2. Аз ҳарфҳои КАЛИМАИ "ПЛАНИМЕТРИЯ" ҳарчи бештар калимаҳо созед.
3. Калимаҳои марбут ба математикаро нависед ва бо ҳарфи "Р" оғоз кунед.
4. Кадом қисми квадрат ранг карда шудааст?Ҷавоб 1/64
5. Дар расм чанд секунҷа мавҷуд аст?





Ҷавоб: 9

6. Дар расм чанд секунҷа мавҷуд аст?

Ҷавоб: 32 - то

7. Ҳар як шаклро ба ду қисм буред, ки аз ҷиҳати шакл ва андоза якхелаанд.

a)

Ҷавоб:




b)

Ҷавоб:




c)

Ҷавоб:




d)

Ҷавоб:






e)

Ҷавоб:





f)

Ҷавоб:



g)





Ҷавоб:



h)

Ҷавоб:



8. Қонуниятро муайян намуда, ду аъзои боқимондаи қатори ададиро нависед:

-1; 4; 9; 16; 25; *(Ҷавоб: 36; 49)*

-10; 11; 15; 16; 20; 21;*(Ҷавоб: 25; 26)*

9. Дар як зарф панҷ литр ва дар зарфи дигар се литр мавҷуд аст. Чӣ тавр бо истифода аз ин зарфҳо чор литр обро аз лӯлаи об ба кӯза рехтан мумкин аст? (Ҷавоб: зарфи панҷ литрро пур кунед ва ба кӯзаи се литра резед. Ду литри боқимондаро ба кӯза резед. Мо амалиётро такрор мекунем.)

10. Суммаи кадом ду ададӣ натуралӣ ба ҳосили зарби онҳо баробар аст? (Ҷавоб: 2 ва 2 2 + 2 = 4, 2 * 2 = 4)

11. Бе ягон амали математикӣ, ададӣ 86-ро 12 воҳид зиёд кунед? (Ҷавоб: рақамро чаппа кунед ва 98 -ро ҳосил кунед)

12. Се гурба дар се дақиқа се мушро сайд мекунанд. Барои сайд кардани 100 муш дар 100 дақиқа чанд гурба лозим аст? (Ҷавоб: 100 гурба)

13. Дар ҳавлӣ мурғҳо ва сагҳо сайругашт мекарданд. Писарбача пойҳои онҳоро ҳисоб кард 10 -то будааст. Чанд мурғ ва чанд саг мавҷуд аст? (1м. ва 2с ё 3м. ва 1.с.)

14. 1,5 себ 1,5 сомонӣ арзиш дорад. Арзиши 10 себ чанд аст? (*Ҷавоб:* 10 сомонӣ.)

15. Ҳавопаймо масофаро аз нуқтаи А то нуқтаи В дар 1 соату 20 дақиқа тай мекунад, аммо, парвози бозгашт дар 80 дақиқа анҷом дода мешавад. Инро чӣ гуна шарҳ додан мумкин аст? (*Ҷавоб:* 1 соату 20 дақ = 80 дақ)

16. Агар масофаро ба суръат тақсим кунем, чӣ меебем? (*Ҷавоб:* Вақт)

17. Агар масоҳати росткунҷаро ба бари он тақсим кунем, чӣ меебем? (*Ҷавоб:* Дарозӣ)

18. Периметр... (*Ҷавоб:* Суммаи дарозии ҳамаи тарафҳо) аст.

19. Барои ёфтани зарбшавандаи номаълум, шумо бояд... (*Ҷавоб:*Ҳосили зарбро ба зарбшавандаи маълум тақсим намоед).

20. Куб чанд қулла дорад? (*Ҷавоб:*8)

21. Куб чанд тараф дорад (*Ҷавоб:*6)

22. Куб чанд теға дорад? (*Ҷавоб:*12)

23. Харбуза 20 сомонӣ ва боз 0,5 харбуза арзиш дорад. Харбуза чӣ қадар арзиш дорад? (*Ҷавоб:* 30)

24. Шаст варақи китоб 1 сантиметр ғафсӣ дорад. Ғафсии ҳамаи варақаҳои китоб чӣ қадар аст, агар он 240 саҳифа дошта бошад? (*Ҷавоб:*2 см)

25. Рақаме, ки тақсимкунанда буда наметавонад? (*Ҷавоб:*0)

26. Анаграмма:

“ИКАРОДОТАН” – Координата

“АПРЦЕТЯИ” - Трапеция

“БОРМ” - Ромб

“РРАТСОТНРПИ” – Транспортир

Дар раванди гузаронидани маҳфили беруназсинфӣ хулосаҳои зеринро мушоҳида намудан мумкин аст:

1. Афзоиши таваҷҷуҳ ба омӯзиши математика, маъмулгардонии донишҳои математикӣ дар байни хонандагон тавассути масъалаҳои шавқовар барои рушди таваҷҷӯҳи маърифатӣ.

2. Ташаккули қобилияти хонандагон барои истифодаи донишҳои дарсҳо дар корҳои беруназсинфӣ.

3. Мусоидат ба ҳавасмандгардонии ҳар як хонандагон ба ҷустуҷӯ ва инъикоси эҷодӣ, кушодани иқтидори эҷодии худ, рушди уфуқи нутқи математикӣ ва саводнокӣ, малакаҳои рафтори хуб дар ҷомеа, малакаҳои муошират ва фаъолияти муштарак.

Маҳфилҳои беруназсинфӣ аз математика як воситаи самаранок барои ҷалби хонандагон ба омӯзиши ин фан мебошанд. Онҳо муҳити фаъоли омӯзиширо фароҳам меоранд, ки дар он хонандагон метавонанд бо шавқ ва ҳавасмандӣ малакаҳои худро рушд диҳанд ва донишҳои назариявии худро дар амал татбиқ кунанд. Иштирок дар маҳфилҳои беруназсинфӣ ба хонандагон кӯмак мекунад, ки фикрронии мантиқӣ ва эҷодиашонро такмил диҳанд ва ба омӯзиши ҷиддии математика ҳавасманд гарданд.

АДАБИЁТ:

1. Водзинский, Д.И. Воспитание интереса к знаниям у подростков. /Д.И. Водзинский. - М.: Просвещение, 2006. –138 с.
2. Занимательная математика / Е.Г. Бурлак, сост.- Донецк: ПКФ «БАО», 1998. – 352 с.
3. Истомина, Н.Б. Методика обучения математике в начальных классах/Н.Б. Истомина// Учебное пособие, - М.:1998. –285 с.
4. Шмырева, Г.Г. Развитие познавательных интересов учащихся на уроке математики/Г.Г. Шмырева, С.М. Нестерович.// Начальная школа – 2003. - №2 -с.118-121.
5. Шуба, М.Ю. Занимательные задания в обучении математике/ М.Ю. Шуба: Просвещение, 1994.- 225с.
6. Щукина, Г.И. Педагогические проблемы формирования познавательных интересов учащихся/ Г.И. Щукина. –М.: Педагогика, 2002. -203 с.
7. Наҷмиддиниён, А.М. «Математика» [Матн]: китоби дарсӣ барои синфӣ 2 / Б.Бӯриев, А.М. Наҷмиддиниён, Б. Ҳакимова. Душанбе,– ПРМ ба номи А.Ҷомӣ, 2022 с., 170 саҳ. (барои синфҳои 2 - юми мактабҳои махсуси кӯдакони кар ва гуруҳи дуюми мактабҳои кӯдакони шунавоиашон суст ва деркаршуда, қарори ҳайати мушовараи ВМИ ҶТ, №17/12 аз 30.11.2022).
8. Годфруа, Ж. Что такое психология. Т.2. / Ж. Годфруа. – М.: Мир, 1992. – 376 с.
9. Джидарян, И.А. Эстетическая потребность / И.А.Джидарьян. – М.: Наука, 1986. – 191 с.
10. Ильин, Е. П. Мотивация и мотивы / Е.П. Ильин – СПб.: Питер, 2011.- 512с.
11. Качуровская, Е.Н. Формирование мотивации учащихся 5-6 классов к учебно-познавательной деятельности в процессе обучения математике: дис. канд. пед. наук наук: 13.00.02. / Е.Н. Качуровская. – Омск, 2010.– 180 с.
12. Леонтьев, А.Н. Потребности, мотивы, эмоции / А.Н. Леонтьев.– М.: МГУ, 1971. – 240с.
13. Одинаев, Р. Н. Развитие мотивации на уроках информатики и программирования как средство повышения уровня обученности учащихся в образовательных учреждениях Республики Таджикистан / Р. Н. Одинаев, З. Б. Гафоров // Вестник Института развития образования. – 2021. – № 2(34). – С. 183-190. – EDN GTCAGR.
14. Шарипов, Ф. Ф. Особенности обучения языкам программирования в образовательных учреждениях Республики Таджикистан / Ф. Ф. Шарипов, З. Б. Гафоров // Вестник Таджикского национального университета. – 2020. – № 4. – С. 161-168. – EDN AREEKR.

15. Одинаев, Р. Н. Создания мотивации к изучению предметов информатики и программирования в СОУ, ВУЗ на примере компьютерного моделирование движения автомобилей на языке прогроммирования "c++" / Р. Н. Одинаев, З. Б. Гафоров // Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. – 2020. – № 4. – С. 103-110. – DOI 10.51884/2413-452X_2020_4_103. – EDN TUQQDX.

16. Гафоров, З. Б. Мотивация студентов использованием мультимедийной технологии в процессе обучения информатики / З. Б. Гафоров // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2022. – № 1-3(101). – С. 221-226. – EDN LIHTKK.

ИСТИФОДАИ МАСЪАЛАҲОИ ШАВҚОВАРИ МАТЕМАТИКӢ ДАР МАҲФИЛҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ ЯКЕ АЗ ОМИЛҲОИ АСОСИИ ҶАЛБИ ХОНАНДАГОН БА ОМӮЗИШИ МАТЕМАТИКА

Масъалаҳои шавқоварӣ математикӣ — ин масъалаҳо, ки на танҳо бо амалҳои математикӣ, балки бо ҳавас ва шавқ низ алоқаманд мебошанд. Дар муҳити беруназсинфӣ, шеваҳои таълимии креативӣ ва интерактивӣ бо истифодаи чунин масъалаҳо метавонанд ба баланд бардоштани шавқу рағбати хонандагон дар омӯзиши математика кумак расонанд. Мақсади истифодаи масъалаҳои шавқоварӣ ин аст, ки хонандагон бо ҳисси эҷодӣ ва муҳити фаъол дар математика шинос шаванд, ки бо ин роҳ метавонанд хоҳиши таҳқиқ ва омӯзиш дар соҳаи математика афзоиш ёбад.

Истифодаи масъалаҳои шавқовари математикӣ дар маҳфилҳои беруназсинфӣ на танҳо таваҷҷӯҳи хонандагонро ба омӯзиши математика афзоиш медиҳад, балки инчунин ба онҳо малакаҳои муҳими зиндагиро меомӯзонад. Ҳалли мушкилот, фикрронии мантиқӣ, ҳамкорӣ ва эҷодкорӣ ҳамаи ин малакаҳо мебошанд, ки дар маҳфилҳои шавқовар рушд меёбанд ва онҳоро дар оянда муваффақ мегардонанд.

Масъалаҳои шавқовар дар таълим ва омӯзиши математика на танҳо барои хонандагон ҷолиб ва шавқовар мебошанд, балки барои омӯзгорон низ имкониятҳо ва роҳҳои нави таълимро фароҳам меоранд. Ин мақола ба таҳқиқи мафҳуми масъалаҳои шавқовар ва истифодаи он дар маҳфилҳои беруназсинфӣ, ҷиҳатҳои психологии онҳо, инчунин тарзҳои гузаронидани викторинаҳои математикӣ бахшида мешавад.

Калидвожаҳо: *масъалаҳои шавқовар, математика, викторинаи математикӣ, маҳфилҳои беруназсинфӣ, ҷалби хонандагон, масъалаҳои мантиқӣ, методикаи гузаронидан.*

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ УВЛЕКАТЕЛЬНЫХ МАТЕМАТИЧЕСКИХ ЗАДАЧ ВО ВНЕКЛАССНЫХ КРУЖКАХ ЯВЛЯЕТСЯ ОДНИМ ИЗ ОСНОВНЫХ ФАКТОРОВ ВОВЛЕЧЕНИЯ УЧАЩИХСЯ В ИЗУЧЕНИЕ МАТЕМАТИКИ

Математические интересные задачи – эти задачи связаны не только с математическими действиями, но и со страстью и интересом. Во внеклассной среде творческие и интерактивные методы обучения с использованием таких задач могут помочь повысить интерес учащихся к изучению математики. Цель использования забавных задач — познакомить учащихся с чувством творчества и активной средой в области математики, что, таким образом, может повысить желание исследовать и учиться в области математики.

Использование забавных математических задач во внеклассных занятиях не только повышает интерес учащихся к изучению математики, но и учит их важным жизненным навыкам. Решение проблем, логическое мышление, сотрудничество и креативность — все это навыки, которые можно развить в увлекательных хобби и сделать их успешными в будущем.

Интересные проблемы преподавания и изучения математики не только интересны и интересны учащимся, но и открывают новые возможности и способы обучения для учителей. В данной статье исследуется понятие веселых задач и их использование во внеклассной деятельности, их психологические аспекты, а также методы проведения математических викторин.

Ключевые слова: *интересные задачи, математика, математическая викторина, внеклассная деятельность, вовлечение учащихся, логические задачи, методы проведения.*

THE USE OF ENGAGING MATHEMATICAL PROBLEMS IN EXTRA-CLASS CROWS IS ONE OF THE MAIN FACTORS FOR ENGAGING STUDENTS IN THE STUDY OF MATHEMATICS

Mathematical Interesting Problems – These problems involve not only mathematical activities, but also passion and interest. In extracurricular settings, creative and interactive teaching methods using such tasks can help increase students' interest in learning mathematics. The purpose of using fun problems is to introduce students to a sense of creativity and an active environment in the field of mathematics, which can thus increase the desire to explore and learn in the field of mathematics.

Using fun math problems in extracurricular activities not only increases students' interest in learning math, but also teaches them important life skills. Problem solving, logical thinking, collaboration, and creativity are all skills that can be developed through fun hobbies and make them successful in the future.

Interesting problems in teaching and learning mathematics are not only interesting and challenging for students, but also open up new opportunities and ways of teaching for teachers. This article explores the

concept of fun problems and their use in extracurricular activities, their psychological aspects, as well as methods for conducting mathematical quizzes.

Key words: *interesting problems, mathematics, math quiz, extracurricular activities, student involvement, logic problems, methods of implementation.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Мирзоев Акмал Ҳакимович – унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Тел. (+992) 927701551; E-mail: hakimzodaakmal@gmail.com*

Сведения об авторе: *Мирзоев Акмал Ҳакимович – соискатель Института развития образования им.А. Джоми Академия образования Таджикистана. Тел. (+992) 927701551; E-mail: hakimzodaakmal@gmail.com*

Information about the author: *Mirzoev Akmal Khakimovich* - is a candidate *of the Institute of Educational Development named after A. Jomi of the Academy of Education of Tajikistan. Tel (+992) 927701551; E-mail: hakimzodaakmal@gmail.com.*

ТДУ 37 (091) 573

РУШДИ САЛОҲИЯТИ ТАҲҚИҚОТИИ ХОНАНДАГОН ДАР ҶАРАЁНИ ДАРСҲОИ ХИМИЯ

Мусоҷонзода Ҷ.
